АРТУР КОНАН -ДОЙЛЬ

Хикояҳо дар бораи Шерлок Холмс



НАШРИЁТИ „ИРФОН" ДУШАНБЕ-1981

И (АНГ) Д70

Тарҷумаи Ш.Шараф

Дойль Артур Конан

Д 70 Ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс Тарҷ. аз русн.— Душанбе: Ирфон, 1981.

448 саҳ.

Дар ин.маҷмӯа бо чанд хикоя ва повести нависандаи номии анг- лнс. Конан-Дойль шинос мешавед, ки бори аввал ба забони точнкӣ тарҷума шудаанд.

Дойль Артур Конан

Записки о Шерлок Холмсе

(АНГ) 70304—52

А М 501 (13)—81 -81

© Нашриёти «Ирфон», 1981

ИТТИФОҚИ СУРХМУЁН

Ин воқеа тирамоҳи соли гузашта рӯй дода буд. Дар ҳузурн Шерлок Холмс ҷентльмени миёнсоли фарбеҳи мӯяш сурхи оташгун менишаст. Ман даромаданӣ шуда, чун дидам ки онҳо саргарми сӯҳбатанд, зуд гашта рафтанӣ шудам. Вале Холмс маро кашида ба хона дароварда, аз пасам дарро пӯшид.

— Азизам Уотсон, ниҳоят ба вақташ омадед,— кушодарӯёна гуфт вай.

— Ман тарсидам, ки ба шумо халал мерасонам. Ба назарам чунин намуд, ки шумо бандед.

— Ҳа, ман банд. Ҳатто хеле банд.

— Нағзаш дар хонаи дигар сабр карда истам-чӣ?

— Не, не... Мистер Уилсон,—ба марди фарбеҳ рӯй оварда гуфт вай,— ин ҷентльмен дар тадқиқи бисьёр корҳои басе барорнокам ба ман ёрии дӯстона расондаанд. Шак надорам, ки дар кори шумо низ нафъи ӯ ба ман хелё зиёд мерасад.

Марди фарбеҳ аз курсӣ нимхез шуда, ба расми салом ба ман

сар ҷуноонд; чашмони хурдакаки равғангирифтааш кунҷковона ба ман дӯхта шуданд.

— Ба ин чо ба диван шинед,— гуфт Холмс.

Вай ба курсии рохат нишаст ва ҳарвакта- барин як лахза ба фикр фурӯ рафта, нӯги ангуштони ҳарду дасташро якчо ғу- зошт.

— Азизам Уотсон, ман медонам,— гуфт вай,— шумо ба ҳама воқеаҳои ғайриоддй, ба ҳама чизҳое, ки якрангии зиндагии-харрӯзаи моро вайрон мекунанд, завку ҳавас доштани маро хотир- хоҳӣ мекунед. Агар шумо ба ин вокеахои ғайриоддӣ шавку ҳавас намедоштед, бо чунин ҳавсала саргузаштхои нокирои маро навишта намегирифтед... зимнан бояд халоли гапро гӯям, ки баъзе хикояҳоятон фаъолияти маро то як андоза обуранг дода таевир менамоянд.

— Рости гап, саргузаштҳои шумо ҳамеша ба назари ман шавкангез менамуданд,— эътироз намудам ман.

— Дар хотирам ҳаст, дирӯзакак ба шумо гуфта будам, ки густохтарин фантазияи он вокеаҳои фавқулодда ва аҷибу ғариберо, ки дар зиндагии ҳаррӯзаи мо рӯй медиҳанд, ба худ тасав- вур карда наметавонад.

— Ман охир ҳамон вакт ҷавоб дода будам, ки ба дурустии фикри шумо шак дорам. »

— Бо вуҷуди ин, духтур, икрор шуданатон лозим, ки гапи ман дуруст аст, зеро дар акси ҳол он кадар далелҳои аҷиберо ба саратон фурӯ мерезам, ки шумо ночЪр ба гапи faaii розӣ ме- шавед. Ана ақаллан ҳамин воқеаеро гирем, ки ҳозир мистер Ҷа- без Уилсон ба ман нақл кард. Муҳитё ки он рӯй дода аст, коми- лан муқаррарӣ ва оддӣ мебошад, аммо дар зимни он ба гумонам, дар тамоми умри худ аз ин ғалатитар вокеаеро нашунидаам... Мистер Уилсон, лутфан, ҳикоятатонро такрор кунед. Май инро нафақат барои он аз шумо илтимос мекунам, ки дӯсти ман, дух-* тур Уотсон аввали ҳикояро шунавад, балки барои он хоҳиш кар- да истодаам, ки худам ба ҳар як хурдтарин ҷузъиёт ҳар чи ду- русттар шинос шавам. Одатан, ҳамин ки ба ман нақли ягон хо- дисаро сар карданд, мисли он ҳазорон воқеаҳои дйгар ба хоти- рам меоянд. Вале ин дафъа ноилоҷ икрор шуданам лозим, ки хеҷ гоҳ монанд ба ин ҳодисаеро нашунидаам.

Меҳмони фарбех як қадар бо ифтихор сари синаашр,о псш баровард, аз кисаи даруни пальто газетаи ифлоси ғиҷимеро бароварда, ба рӯи зону паҳн кард. Ҳоло ки вай гарданашро ёзонда ба сутуни эълонҳо чашм медавонд, ман бодиққат ӯро аз назар гузаронида, кӯшиш менамудам, ба Шерлок Холмс тақлид наму.

да, аз рӯи сарулибос ва зоҳири вай кӣ буданашромуайян ку^ нам.

Мутаассуфона, мушоҳидаҳои ман қариб ягон натиҷа набахшиданд. Дарҳол дидан мумкин буд, ки меҳмони мо майдадӯкондори басе оддии ба худ мағрур, камфаросат ва ботаанӣ мебошад. Ши- ми вай фаҳӯл, хокистарранг, чорхона буд. Тукмаҳои сюртукӣ си- ёҳи начандон озодаи вай кушодагӣ ва дар жнлети сиёҳтобаш занҷири биринҷии калону вазнини рӯйҳалаш тилло намоён буд, ки дар он ба сифати овеза порчаи чоркунҷаи кадом-як фулузи сӯрох карда алвонҷ мехӯрд. Цилиндри кӯҳна ва пальтои~бур« *рангпаридаи вай бо гиребони бахмалини чин-чин ба рӯи_лурсӣ партофта шуда буданд. Хулласи калом, ҳар кадар ки ман ин одамро бо диққат аз назар гузаронидам,-ба ҷуз мӯи сурхи отащ- гунаш, дар зоҳири вай ягон чизи чолиби диққат надидам. Маъ- лум буд, ки вай аз кадом як воқеаи ногувор ниҳоят дар изтироб аст.

Ин кори ман аз чашми зираки Шерлок Холмс хато нахӯрд.

— Албатта, ба ҳар як кас маълум ки»— гуфт вай табассумкунон,— меҳмони мо як муддат бо корҳои ҷисмонӣ машғул будааст, тамоку бӯй мекунад, франкмасон [1] аст, ба Хитой рафта омадааст ва якчанд моҳи охир бисьёр навис-навис кардааст. Ба ғайр аз ин далелҳои аёнӣ, ман дигар ҳеҷ чиз пай набурдам.

Мистер Ҷабез Уилсон ҷаста аз курсии роҳат хест ва ангушти шаҳодаташро аз рӯи газета нагирифта, ба дӯсти ман чашм дӯхт.

— Мистер Холмс, ҳамаи инро чи тавр фаҳмидед?— пурсид вай.— Масалан, шумо аз кучо медонед, ки ман бо меҳнати чйс- монӣ машғул будам? Ҳа, ҳақиқатан, ман корро аз дуредгари киштӣ сар карда ба ин дарача расидам..

— Сэри азиз, дастони шумо ба ман аз ҳамин гувоҳӣ доданд. Дасти рости шумо аз чапаш калонтар. Шумо бо ҳамин даст бещ- тар қор мекардед ва мушакҳои он калонтар.

— Тамоку бӯй карданам чй? Франкмасон буданам?

— Франкмасон буданатонро пай бурдан кори душвор не, зе- ро шумо, бар хилофи устави сахти ҷамъияти шумо, запонқаи расмаш камону доира[1 2] дорёд.

---

1 *Франкмассон (кӯтоҳ-массонҳо)*— аъзоёни чамъиятӣ махфӣ, ки як вйқтҳо баъзе ахамиятқои прогрессивӣ доштанд. Дар замонҳои Шерлок Холмс ба ин чамъият, асосан, майдадӯкондорон, соҳибони фермахо ва ғайра дохил мешуданд.

[2] *Камону доира*— аломатҳои масонӣ. Пеш йнхо махфӣ буданд, вале масонҳои хозира, устави кӯхнаро вайрон карда, аксар вақт онҳоро дар ове- за ва запонкаҳо тасвнр менамояцд.

— Эҳ ҳа! Ман инро фаромӯш кардам... Аммо аз куҷо фаҳми- дед, ки ман бисьёр навис-навис мекунам?

— Остини рости ялтосии шумо ва моҳути сӯдашудаи назди оринҷи остини чапатон аз ҳамин шаҳодат надода аз чи шаходат медод?

— Хитой чӣ?

— Ҳамон моҳичае, ки дар банди дасти ростатон накш ёфта- аст, фақат дар Хитой холкӯбӣ карда шуданаш мумкин. Ман навъҳои холкӯбиро омӯхтаам ва ҳатто оид ба онхо мақолахои илмӣ навиштаам. Ба пулакчаҳои мохиён ранги гулобии нафис додан одати хосн хитопҳо мебошад. Тангачаи хитоии занчнри соати шуморо дида, боварии қатъӣ ҳосил намудам, ки шумо дар^ Хитой будед. , *:

Мистер Ҷабез Уилсон қоҳ-қоҳ хандид.

— Ана ran дар куҷо! — гуфт вай,— Ман аввал фнкр карда будам, ки шумо худо медонад бо ким-чи гуна усулҳои аҷибу ға- риб дармеёбед, аммо маълум мешавад, ин хеле осон будааст.

— Уотсон, ба фикрам,— ғуфт Холмс,—тариқи ба чунин хулосаҳо омаданамро фаҳмбнпда хато кардам. Чи тавре, ки ба шумо маълум аст: «Огппе ignotum pro magnifico» [1] ва агар ман ин тавр кушодадилола гая задак гирам, шӯҳрати нокирои ман паст шуданаш мумкин. Мистер Уилсон, эълонро сфтед?»

— Ефтам,— ангушти сурхи ғафсашро дар мобайнп сутуни газета нигоҳ дошта гуфт ван.— Ана он. Ҳамааш аз ҳамин сар шуд« Сэр, инро худатон хонед.

Ман газетаро ба даст гирифта хондам: •

Иттифоқи сурхмӯён. Бо иаксади иҷрок васияти марҳум Иезеки Хопкинс аз Лебаноп, Пенсилвавая (ШМА), барон аъзои «Иттифоқ» як чои холӣ пайдо шудааст. Баром хпзмати муқаррарп дар як ҳафта *чор фунт стерлинг муайян карОа tuydaacr.* Қар як сурхмӯа снинаш ба бистуяк расидагие, ки ақли 'расо ва хотнраи СОЛЙМ дорад, ба ин кор лоик буда метавонад. Рӯзи душаибе, соати ёздаҳ дар контораи Иттифоқ, Флистрит, Попс-коорт.7, шахсан ба Дункан Росс муроҷиат карда шавад.

•— Арвоҳ занад, ин чӣ маънӣ дошта бошад? — эълони ғайриоддйро ду маротиба гаштаю баргашта хонда, хитоб намудам ман.

Холмс дарунокӣ хандида, дар курсии роҳат худро ким-чи хел дарҳам кашид. Ин аломати он буд, ки вай ҳаловати зиёДе меба- рад.

* «Ҳама номаълумиятҳо ба назари мо пуршукӯҳ менамоядэ *(лотинӣ).*

— Чандон эълони муқаррарӣ не, фикри шумо чӣ хел, а? —• гуфт вай.— Хуш, мистер Уилссн, суханатонро давом диҳед ва дар бораи худатон, дар бораи хонаатон ва дар бораи он, ки ин эълон дар ҳаёти шумо чи гуна аҳамият дошт, ба мо нақл кунед. Шумо, духтур, лутфан, чи хел газета ва кадом рӯз буданашро навишта гиред.

— «Ахбороти пагоҳӣ». 27 апрели соли 1890. Расо ду моҳ пеш.

— Бисьёр нағз. Мистер Уилсон, давом диҳед.

— Мистер Шерлок Холмс, чи тавре ки ман ба шумо гуф- там,— гуфт Ҷабез Уилсон пешониашро пок карда,— ман дар Сэкс-Қобург-сквер, начандон дур аз Сити кассаи хурдакаки қарздиҳӣ дорам. Пеш ҳам кори ман чандон дар равнақ набуд, аммо дар муддати ду соли охир даромади он фақат ба ҳамин ки- фоя мекард, ки навъе намуда онро нӯг ба нӯг расонам. Як вақт- ҳо ман ду ёрдамчӣ нигоҳ медоштам, аммо хозир фақат як ёрдам- чӣ дорам; додани музди меҳнати ин як ёрдамчӣ ҳам ба ман муш- килӣ мекунад, вале ӯ ба нисфи маош ҳам розӣ шуд, то ки барои омӯхтани кори ман имконият дошта бошад.

— Номи он чавони хизматгузор чист? — пурсид Шерлок Холмс.

— Номаш Винсент Сполдинг ва ӯ чандон чавон нест. Гуф- тан душвор, ки чандсола аст. Аз вай дида ёрдамчии чусту чоло- ке ёфтан ба ман душвбр. Ман нағз мефаҳмам, ки вай комилан бе ман рӯз гузаронида, ду баробар зиёдтар даромад дошта мета- вонад. Вале, модоме ки ӯ розӣ аст, чаро ман фикреро ба у тал- қин кунам, ки ба нафъи ман зарар мерасонад?

— Воқеан барои чӣ? Мебинам, ки толеатон хеле балаидӣ кардааст: музди шумо ба шогирдатон медодагӣ назар ба ҳаҷе, ки дигарон ба ивази ҳамин гуна кор медиҳанд, хеле кам мебо- шад. Дар замони мо чунин хизматчиёни беғараз хеле кам ёфт мешаванд.

— Аҳ, ёрдамчии ман нуксу норасоиҳои худашро дорад!— гуфт мистер Уилсон.— Ман дар умрам шахсеро бадинсон нади- даам, ки ин тавр бо рағбат саргарми суратгирӣ шавад. Дар су- рате, ки кор кардан лозим расм мегирад, баъд курмуш ба лона- аш даромадагӣ барин ба аҳҳона медарояду расм чоп мекунад. Камбудии асосиаш ҳамин, вале аз дигар ҷиҳат коргари нағз.

— Шояд, ӯ ҳозир ҳам дар кассаи шумо хизмат кунад?

— Бале, сэр. Ӯ ва духтарчаи чордаҳсолае, ки ба зӯр пухту паз ва рубучин мекунад. Ман дигар ҳеҷ кас надорам, ман одами занмурда ва ба замми он фарзандам нест. Мо, сэр, харсе зинда- гии осоишта ба сар мебарем, чироғи хонаамонро ҳеҷ гоҳ хомӯш

шудан намемонем ва аз рӯи счет ҳақ медиҳем — кору бори мо хамин... Ин эълрн моро гаранг кард,— ба гайаш давом намуд мистер ^илсон.— Аз рӯзе, ки Сполдинг ҳамин газета дар даст ба контора- даромада гуфт, ки:

«Мистер Уилсон, кошки худованди карим маро сурхмӯй меофарид»,— расо хашт ҳафта гузашт.

«Барои чӣ?» — пурсидам ман.

«Барои он ки,— гуфт ӯ,— дар Иттифоқи сурхмӯён ҷои наве холӣ шудааст. Ҳар касе ки ин ҷойро ишғол кунад, даромади нағ- зе мегирад. Дар он ҷо, зимнан, аз номзадҳо дида, чои холӣ беш- тар ва васихо майна об карда гашта намедонанд, ки бо пул чӣ кор кунанд. Агар ман ба тағьир додани ранги мӯям иқтидор ме- доштам, хатман аз ин чои сердаромад истифода менамудам».

«Иттифоқи сурхмӯёнаш чӣ хел иттнфок?» — пурсидам ман.

— Медонед чӣ, мистер Холмс, ман одами хонашин мебошам ва азбаски аз паси корам давида намёгардаму балки корам ху- даш ба наздам меояд, гоҳҳо хафтаҳон дароз аз остона берун ка- дам наменихам. Аиа барои чн ман аз воқеаҳои дар дуньё рӯй ме- додагӣ кам бохабарам ва ҳамеша бо ҷону дил ба навигариҳо гӯш мекунам...

.

«Наход ҳеҷ вакт дар бораи Иттифоқи сурхмӯён ҳеҷ чиз нашу-» йида бошед?» — чашмонашро калон кушода пурсид Сполдинг,

«Ҳеҷ нашунидаам».

«Ин маро хеле дар ҳайрат мемононад, зеро шумо яке аз он касонед, ки ба гирифтани ҷои холӣ хақ доред».

«Оё ин даромади зиёд медиҳад?» — пурсидам ман.

«Зиёд не, соле қариб дусад фунт стерлинг медихад, аммо кораш осон ва илова бар ’ин як коре, ки одам ба ҳар кори дигар машғул шавад, халал намерасонад».

Маълум, ки ман гӯшамро сих кардам, зеро муассисаи ман вақтҳои охир хеле кам даромад медод ва соле дусад фунти ило- вагӣ ба дарди ман мехӯрд.

«Ҳар чи ки шумо дар бораи ин Иттифоқ медонед, ҳамаашро ба ман нақл кунед»,— гуфтам ман.

«Чи тавре,. ки худатон мебинед,— эълонро ба-ман нишон дода, гуфт Сполдинг,— дар Иттифоқи сурхмӯён ҷои холие ҳаст ва агар тафсилашро донистанӣ бошед, ана адресаш, метавонед муроҷиат карда пурсед. Ба қадре, ки ба ман маълум аст, ин Ит- тифоқ аз тарафи миллионери америкоӣ Иезекий Хопкинс, одамн аҷибулхилқае ташкил дода шуда буд. Мӯи худи вай сурхи оташранг буд ва ба ҳама сурхмӯёни рӯи дуньё хайрхоҳӣ мекард. Ҳангоми мурдан вай ба васиёни худ маблағи калоне ба мерос гу-

зошт ва васият кард, ки онро барои сабукии қисмати касоне ки мӯяшон сурхи оташранг аст, истифода кунанд. Ба ман гуфтанд, ки ба ин одамони хуштолеъ маоши нағзе медиҳанд ва аз онҳо кариб ягон уел кор талаб намекунанд».

«Вале охир миллионҳо сурхмӯйҳое. ҳастанд, ки ҳар кадомашон мехоханд ин ҷои холиро гиранд»,— гуфтам ман.

«Чуноне ки шумо гумон мекунед, чандон бисьёр нестед,^- чавоб дод вай.— Чи тавре, ки мебинед дар эълон танҳо ба лон- дониҳо ва ба замми он ба калонсолон муроҷиат карда шудааст. Ин марди америкоӣ дар Лондон таваллуд шуда, айёми ҷавони- ашро дар ҳамин ҷо гузаронида аст ва хостааст ба шаҳри азизаш марҳамате кунад. Ғайр аз ин, ба шунидам, ба шахсоне, ки мӯя- шон сурхи кушод ё сурхи баланд мебошад, ба Иттифоқ муроҷи- ат кардан нафъ надорад,— дар он чо одамоне лозиманд, ки мӯ- яшон ялакосии чашмхиракунанда, оташранг бошад. Мистер Уил- сон, агар шумо аз ин таклиф истифода кардани бошед, факат то идораи Иттифоқи сурхмӯён рафтанатон лозим. Вале барои сад- дусад фунт шуда оё кори асосиатонро монда ба кори дигар маш- ғул шудан кирое мскунад?..»

Ҷентльменҳо, чи тавре ки худатон мебинед, ман мӯи сурхи дурахшандаи хушранги гуногунтобиш ‘дорам ва ба назари ман чунин мейамуд, ки агар кор ба сурхмӯӣ оид шавад, эҳтимол, ба- рои гирифтани ҷои холӣ ба ман ймконияте шуда монад. Висент Сполдинг, дар ин кор ҳамчун одами доно, метавонист ба ман нафъи калоне расонад, бинобар ҳамин супориш намудам, ки пастахтаҳои тирезаро пӯшад ва маро то бинои Иттифок мушоа- ят кунад. Вай хеле хурсанд шуд, кӣ имрӯз кор намекунад ва мо дари идораро маҳкам карда, ба адресе, ки дар эълон нишон до- да шуда буд,, равон шудем.

Мистер Холмс, ман манзараеро дидам, ки дидани он дигар хеҷ гох ба ман муяссар намегардад! Аз шимол, аз ҷануб, аз шарк, аз ғарб тамоми мардуме, ки мӯяшон акаллан каме тоби- ши сурхӣ дошт, аз рӯи эълон ба тарафи Сити мешитобиданд. Та- моми Флит-стрит пур-пури мардуми сурхмӯй буд, Попс-коорт бошад аробачаи дастакифурӯшеро мсмонд, ки афлесун савдо ме- кунад. Ҳеҷ гоҳ фикр накарда будам, ки дар Англия сурхмӯй ин қадар бисьёр аст. Дар ин ҷо тамоми тобишҳои ранги сурх буд: пахолранг, ранги лиму, норанҷӣ, хиштиранг, тобиши ранги сет- терҳои (як хел саги шикорӣ) ирландӣ, ранги талха, хокиранг; аммо, чи тавре Сполдинг нишон дод, сари ҳакиқӣ — дилрабо, дурахшанда, отащранг дар ин ҷо хеле кам буд. Ба хар хол, ман чунин издиҳомро дида, ноумед шудам. Сполдинг саросема на-

шуд. Намедонам, чи тавр ин ба ӯ муяссар мегардид, вале ӯ бо чунин ҷидду ҷаад тиққида-тиққида мегузашт, ки маро бо осонӣ аз байни издиҳом гузаронид ва мо худро дар болои зинапояе ди- дем, ки ба идора мебурд. Бо зинапоя сели ду қатораи одамон ҳаракат мекард: баъзеҳо бо дили пур аз умед боло мебарома- данд, баъзеҳо маъюсу андуҳманд поин мефуромаданд. Мо тела карда пеш мерафтем ва ба зудӣ худро дар идора дидем...

— Бо шумо вокеаи хеле ғалатие рӯй дода аст! — вақте ки меҳмон хомӯш гардиду тамоми ҳодисаи шудагиро ба хотир оварданӣ шуда, як чимдӣ тамсгку ба бинӣ бурд, гуфт Холмс.— Лут- фан, давом диҳед.

— Дар идора ба ҷуз ду курсии чӯбӣ ва мизи оддии чӯбаш қарағай, ки дар пасаш одамчаи хурдакаки аз ман ҳам сурхмӯйтар менишаст, дигар ҳеҷ чиз набуд. Баробари ба миз наздик шудаяи онҳо, вай бо ҳар номзад якчанд сухан радду бадал мекард ва аз дар кадомашон нуқсе меёфт. Зоҳиран, ишғол кардани ин ҷои холӣ кори начандон осон буд. Аммо, вақте ки Дар навбати худ мо ба миз наздик шудем, одамчаи хурдакак, назар ба номзадҳои дигар, маро хеле кушодарӯёна пешвоз гирифт ва баробари мо даромадан дарро қулф кард, ки ҳангоми бо.мо сӯҳбат кардан одами. бегона набошад.

•

«Ин мистер Ҷабез Уилсон,— гуфт ёрдамчии ман.— Вай мехоҳад дар Иттифоқ ҷои холиро гирад».

«Ва барои гирифтани он комилан сазовор аст,— ҷавоб дод одамча.— Кайҳо боз дидани чунин мӯи зеба ба ман муяссар нагардидааст!»

Вай қадаме қафо гузошта, сарашро як тарафа хам намуд ва ба мӯи ман чунон дуру дароз нигоҳ кард, ки ман шарм кардам. Баъд нохост пеш давид, дасти маро ба даст гирифт ва бо ҷӯшу хурӯш табрик кард.

«Аз ҷониби ман беадолатӣ мебуд агар таъхир мекардам,— гуфт вай.— Вале агар ман баъзе чораҳои эҳтиётӣ бинам, умед- ворам, шумо аз гуноҳи ма$.мегузаред».

• Вай дудаста ба мӯи ман чанг зад ва чунон сахт кашид, ки ман аз дард фарьёд задам.

«Дар чашматон ашк пайдо шуд,— маро сар дода гуфт ӯ.— Пас, ҳамааш ба ҷо. Мебахшед, эҳтиёт шуданамон лозим, зеро ду бор бо мӯи орияти ва як бор бо мӯи ранг карда моро фиреб доданд. Ман дар хусуси бисьёр найрангҳои беномусонае, ки нис- бат ба одамон нафрати шуморо меоварад, нақл карда метаво- нам».

Вай ба тиреза наздик рафта, бо тамоми овоз фарьёд зад, кц

,ҷои холӣ банд шуд. Аз поён фиғони мад>юсонае шунида шуд, изднҳом ба ҳар тараф пароканда гардид ва дере нагузашта дар тамоми он мавзеъ ба ҷуз ману он одаме, ки маро ба кор қабул мекард, ягон сурхмӯй намонд.

«Номи ман мистер Дункан Росс,— гуфт вай,— ва ман ҳам аз ҳамон фондр, ки валинеъмати меҳрубони мо пас аз сари худ ба- рои мо гузоштааст, нафақа мехӯрам. Мистер Уилсон, шумо зан доред? Оила доред?

Ман ҷавоб додам, ки занам мурда фарзанд надорам. Дар чеҳраи вай ифодаи ғаму андӯҳ намоён гардид.

«Ҳудоё! — маҳзунона гуфт ӯ.— Охир ин ҷиддитарин монеа мебошад! Сад афсӯс, ки шумо зан надоред! Фонд нафақат барои мадади зиндагии онҳо, балки барои афзоиш ва вусъатёбии сурхмӯён ташкил дода шуда буд. Чи бадбахтие, ки шумо муҷаррад ҳастед!».

Мистер Холмс, баробари гуфта шудани ин суханон кайфам парид, зеро метарсидам ки маро кабул намекунанд, вале ӯ фикр карда, гуфт ки ҳамааш соз мешавад.

«Барои дигар кас мо ин қоидаро вайрон намекардем, вале барои шахсе ки чунин мӯй дорад, гузашт кардан мумкин. Щумо ба иҷрои вазифаҳои наватон кац сар карда метавонед?»

«Ин як қадар мушкилӣ дорад, зеро ман дар муассисаи дигар банд»,— гуфтам ман.

«Мистер Уилсон, аз ин масъала парвб накунед! — гуфт Внн-сент Сполдинг.— Он корро ман бе шумо саришта мекунам».

«Аз кадом то кадом соат ман банд мешавам?» — пурсидам ман.

«Аз соати даҳ то ду».

Мистер Холмс, азбаски Дар кассаҳои қарздеҳ асосан бегоҳирӯзиҳо, хусусан рӯзи панҷшанбе ва ҷумъа арафаи маошгирӣ кор дар авҷ мебоигад, қарор додам, ки агар пагоҳихо як чиз-ним чиз даромад кунам, бад намешавад. Алалхусус, ёрдамчиам одами дилпур мебошад ва агар лозим шавад, комилан маро иваз карда метавонад.

«Аз соати даҳ то ду ба ман мувофиқ,— гуфтам ман.— Мао- mam чӣ қадар?»

«Ҳафтае чор фунт».

«Қор аз чӣ иборат?»

«Қор номащ ҳасту худаш нест».

«Чиро шумо кори номаш ҳасту худаш нест меномед?»

• «Тамоми соатхои корӣ шумо бояд дар идораи мо, ё ақаллан, дар биное, ки идораи мо ҷой гирифтааст, бошед. Агар вақти кор

ақаллаи ягон бор баромада равед, шумо абадӣ аз хизмат маҳ- рум мешавед. Васияткунанда хусусан ба аниқ иҷро қардани ҳа- мин пункт таъкид менамояд. Соати корӣ агар ягон маротиба аз идора баромада равед, чунин мешуморем, ки шумо талаботи мо- ро иҷрр накардед».

«Агар дар як шабу як рӯз чор соат кор бошад, ман албатта, аз идора берун қадам намегузорам»,— гуфтам ман.

«Инро дар хотир дошта бошед,—такрор кард мистер Дункан Росс.— Баъд мо ба ҳеҷ гуна узру маъни гӯш намекунем. Ҳеҷ гу- на беморӣ; ҳеҷ гуна' кору бор баҳона шуда наметавонад. Шумо бояд дар идора бошед — ё шумо аз кор маҳрум мешавед».

«Худи кор аз чӣ иборат?»

«Энциклопедияи Британия»-ро рӯйнавис карданатон лозим. Ҷилди якумаш дар ҳамин ҷевон. Ранг, пар, коғаз ва обчинакро худатон ёфта меоред; охир мо ба шумо мизу курсӣ медихем. Фардо ба кор шурӯъ карда метавонед?»

«Албатта»,— ҷавоб додам ман.

«Дар он сурдт, хайр, мистер Ҷабез Уилсон. Иҷозат диҳед боз як бори дигар шуморо табрик намоям, ки гирифтани чунин ҷои нағз ба шумо муяссар гардид».

Вай бо сар ба ман ишора кард. Ман аз идора баромадам ва ҳамроҳи ёрдамчиам роҳи хонаро пеш гирифта, аз бахти балан-- дам меболидам. Тамоми рӯз ман дар хусуси йн воқеа фикр ме- кардам ва то бегоҳ як қадар рӯҳафтода шудам, зеро ба сарам ҳар хел фикрҳо омадан гирифт, ки ҳамаи ин қаллобӣ мебошад, агарчи ба мақсадӣ нн ният ҳеҷ сарфаҳм рафта наметавонистам. Ба назар фавқулодда менамуд, ки чунин васият вуҷуд дошта бошад ва одамон барои рӯйбардор кардани «Энциклопедияи Британия» ба додани чунин пули калон розӣ мебощанд. Винсёпт Сполдинг бо тамоми қувва кӯшиш менамуд дили маро бар- дорад, аммо вақти хобидан қатъӣ қарор додам, ки аз ин кор да.ст кашам. Вале пагоҳӣ фикр кардам, ки ба ҳар эҳтиёт ақал- лан ба он ҷо рафтан лозим. Ба як пенни [1] ранг харида бо ху- дам пари қоз ва ҳафт тахта коғази калон гирифта ба Попс-коорт рафтам. Хайрият дар он ҷо ҳамааш созу хуб буд. Ман хеле хур- санд шудам. Барои кор карданам аллакай миз тайёр карда мон- да буданд ва мистер Дункан Росс маро мунтазир буд. Вай ба ман фармуд, ки аз ҳарфи «А» сар кунам ва берун бэдюмад; аммо хар сари чанд вакт ба идора медаромад, то буоинад ки ман кор мекунам ё не. Соати ду бо ман хайр.у хӯш намуда, маро таъриф

[1] *Пенни*— пули майдаи мисӣ (чор тин).

карда гуфт, ки ман аллакай хеле рӯйнавис кардаам ва баъди ман баромадан дари идораракулф кард.

Мистер Холмс, рӯзҳо ба ҳамин минвол мегузаштанд. Хуҷаинам рӯзи шанбе чор соверени[1] тилло — музди як ҳафтаамро ба наздам ба рӯқмиз гузошт. Ҳафтаи дуюм ва сеюм ҳам ҳамин тавр гузашт. Ҳар пагоҳ расо соати даҳ ба ой ҷо меомадам ва расо соати ду баромада мерафтам. Мистер Дункан Росс фақат паго- ҳихо гоҳнимгоҳ ба идора медаромад, вале оҳиста-оҳиста тамо- ман ба он чо чамеомадагӣ шуд. Бо вуҷуди ин, маълум қи ман хатто дакиқае аз идора ҷуръати баромадан яамекардам, зеро аз* наомаданаш дилпур шуда наметавонистам ва намехостам чунин кори даромаднокро аз даст диҳам.

Аз байн ҳашт ҳафта гузашт; ман доир ба Аббатҳо, доир ба Артиллерия, доир ба Архитектура, доир ба Аттика мақолаҳои будагиро рӯйнавис кардам ва умед доштам, ки ба наздикӣ ба харфи «Б» мегузарам. Коғази бисьёре сарф кардам ва навишта- хои ман дар раф ба зӯр ҷой мешуданд. Вале нохост кор поён ёфт.

— Поён ёфт?

— Бале, сэр. Ҳамин пагоҳ. Ман ҳар вақта барин, соати дах ба кор рафтам, аммо дари идораро қулф дидам ва ба дар як порча картон зада шуда буд. Ана он, худатон хонед.

Вай картонеро, ки ба андозаи варақи блокнот калонӣ дошт, ба тарафи мо дароз кард. Дар рӯи картон навишта шуда буд:

ИТТИФОҚИ СУРХМӮЕН 9 ОКТЯБРИ СОЛИ 1880
ПАРОКАНДА КАРДА ШУД.

Мо ҳамрохи Шерлок Холмс ҳам ба ин навиштаҷоти кӯтоҳа- как ҳам чеҳраи маҳзуни Ҷабез Уилсон менигаристем; окибат ҷи- хати хандаовари воқеаи рӯйдода ҳама чизҳои боқимондаро аз ман панаҳ карданд; мо худдорӣ накарда қаҳқос зада хандидем.

— Ман дар ин ҷо ҳеҷ чизи хандаовар намебинам! — фарьёд зад меҳмони мо ва ҷаст-а аз курсии роҳат хеста, лаблабу барин суп-сурх шуд.— Агар шумо ба ҷои ёрдам кардан, ба ман механ- дида бошед, барои ёрӣ ба ягон каси дигар муроҷиат менамоям!

— Не, не! — аз нав ӯро ба курсии роҳат шинонда хитоб кард Холмс.— Ман ба ҳеҷ ваҷҳ аз кори шумо даст намекашам! Вай бо навии худ ба ман рӯҳ мебахшад. Вале дар он, маро бубахшед, ба хар ҳол ким-чи чизи ғалатӣ ҳаст... Ҳамин хатчаро ба дари идора дида чӣ кор кардед?

---

1 *Соверен* — пули тилло (даҳ сӯм). .

Сэр, ман тамоман гаранг шудам. Ман чи кор карданамро намедонистам. Ман ҳама идораҳои ҳамсояро давр зада барома- дам, аммо дар он ҷо ҳеҷ кас ҳеҷ чиз намедонист. Оқибат ба наз- ди соҳиби хона, ки дар ошьёнаи поён зиндагӣ мекард, равон шу- дам ва бо Иттифоқи сурхмӯйҳо чӣ вокеа рӯй доданашро аз ӯ пурсидам. Вай ҷавоб дод, ки дар хусуси ин ташкилот ҳеҷ гоҳ чизе нашунидааст. Дар он сурат ман аз вай пурсидам, ки мистер Дункан Росс кист. Вай ҷавоб дод, ки ин номро бори аввал ме- шунавад. %

<Ман ҷентльменеро мегӯям, ки ҳуҷраи рақами ‘чорро дар квартираи шумо ба иҷора гирифта буд»,— гуфтам ман.

- «Дар бораи сурхмӯй?»

«Ҳа.»

«Номи вай Уильям Моррис. Вай юрист, муваққатан ҳуҷрае- ро аз ман ба иҷора гирифта буд — идораи доимии ӯро таъмир мекарданд. Дирӯз баромада рафт».

«Ӯро аз қуҷо ёфтан мумкин?»

«Дар идораи доимиаш. Вай адресашро монда рафт. Ана: Кинг-Эдуард-стрит 17, дар назди^ии калисои Павели муқаддас». ч Мистер Холмс, ман ба ҷустуҷӯи ҳамон адрес рафтам, вале он ҷо устохонаи пойҳои сунъӣ буд; дар он устохона ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ на номи Уильям Моррисро шунида буд, на номи Дункан Россро.

— Он гоҳ шумо чӣ кор кардед? — пурсид Холмс.

— Ман ба СэкоКобург-сквер ба хона баргашта, бо ёрдам- ,чиа'м масли^ат кардам. Вай ба ман ҳеҷ чиз ёрдам карда натаво- нист. Ердамчиам гуфт, ки сабр кардан лозим, ва эҳтимол, ба во- ситаи почта ба ман ягон чиз хабар диҳанд. Вале, мистер Холмс, ин маро қаноат намекунонад. Ман чунин ҷои нағзро муфт аз даст додан намехоҳам ва шунида будам, ки шумо ба мардуми бечораи ба сараш рӯзи сахт омада маслиҳат медиҳед, рост ба назди шумо омадам.

— Нағз кардед ки омадед,— гуфт Холмс.— Вокеаи бо*шумо рӯй додагӣ — воқеаи бисьёр ғалатӣ ва ман хушбахтам, ки бо он машғул шуда метавонам. Суханони шуморо шунида, ба хулосае меоям, ки кор, дар назари аввал оддӣ намояд ҳам, вале хеле ҷиддӣ мебошад.

— Аз Чиддӣ ҳам ҷиддитар! — гуфт мистер Ҷабез Уилсон. — Ман ҳафтае аз чор фунт маҳрум шудам.

— Агар шахсан дар бораи шумо ran занем,— гуфт Холмс,— гумон аст ки дар ҳаққи ин Иттифоқи ғайриоддӣ гила кардани шумо ҷоиз бошад. Баръакс, ба қадре ки ман мефаҳмам, ба ту- файли он тахмин қариб сӣ фунт бойтар шудед, ба ғайр аз он ки

шумо Доир ба предметҳои бо ҳарфи «А» сар мешудагӣ маълу- моти чукур гирифтед. Бинобар ҳамғш, моҳнятан, шумо ҳеҷ чиз бой надодед.

— Баҳс намекунам, ҳамааш ҳамин тавр, сэр. Вале ман мехостам онҳоро ёфта гирам, донам, ки онҳо кистанд ва бо кадом максад, агар ин шӯхӣ бошад, чаро бо ман чунин шухии хунук карданд. Шӯхиашон ба онҳо хеле гарон афтид: онҳо ба ивазаш спюду фунт доданд.

— Мо кӯшиш менамоем, ки ҳамаи инро маълум кунем. Вале мистер Уилсон, иҷозат диҳед аввал ба шумо якчанд савол диҳамг. Ердамчиатон... ки эълонро ба шумо нишон дод, кай боз хизмати юуморо мекунад?

— То ҳамон вақт қариб як моҳ хизмат карда буд,

*— Ӯро аз куҷо ёфтед?

— .Аз рӯи эълони ман дар газета додагӣ омад.

— Ба эълони шумо фақат вай танҳо омад?

• — Не, тахмин даҳ кас омад.

— Чаро шумо махз ӯро интихоб кардед?

— Барои он ки ӯ абҷиру дидадаро ва арзон буд.

• — Ҳаминаш шуморо фирефта кард, ки нисфӣ маош медихед? - Ҳа.

• — Қаду қомати Винсент Сполдинги мегуфтагиатон чӣ хел?

— Ҳурдакак, чорпаҳлӯ, хеле чаққон. Агарчи ба таки сй ка- дам монда бошад .ҳам, бериш буд. Пешониашро кислота сӯ- .зонда доғи сафеде дорад.

Холмс қомат рост кард. Вай хеле дар ҳаяҷон, буд.

— Тахминам баромад! — гуфт вай.— Шумо надидед, ки ба- рои овехтани ҳалқа гӯшаш сӯрох дорад ё не?

— Дидам, сэр. Вай ба ман фаҳмонд, ки дар кӯдакиаш ка- дом — як лӯлизан барои овехтани ҳалқа гӯшашро сӯрох кдрда будааст.

— Ҳм! — гуфт Холмс ва пушт ба такьяи курсии роҳат дода, ба фикр ғӯтавар шуд.— Вай ҳоло ҳам дар хизмати шумо?

— Ҳа, сэр, ман ӯро навакак дидам.

— Вакти дар хона набуданатон коратонро дуруст анҷом медод?

— Шикоят надорам, сэр. Зимнан, пагоҳиҳо дар кассаи қарздиҳии ман қариб кори мекардагӣ нест.

— Шуд, мистер УилсогГ Пас аз як ё ду рӯз ман фикрамро дар бораи ин вокеа бо камоли мамнуният ба шумо хабар меди- хам. Имрӯз шанбе... Умедворам, ки рӯзи душанбе мо ҳамаамон аз воқеа бохабар мешавем.

Хуш, Уотсон,— вақте ки меҳмони мо баромада рафт, гуфт Холмс,— шумо дар хусуси ин ҳама чӣ фикр мекунед?

— Ҳеҷ чиз фикр намекунам,— ошкоро ҷавоб додам ман.— Ин кор ба назарам комилан пурасрор менамояд.

— Қоидай умумӣ ҳамин,— гуфт Холмс; — воқеа ҳар қадар аҷиб бошад, дар он сирру асрор. ҳамон қадар камтар мешавад. Чи тавре, ки дар байни издиҳом кофта ёфтани одами тарҳи рӯ- яш оддӣ бағоят мушкил бошад, дарьёфтани ҷиноятҳои муқарра- рӣ, назарногир. аз ҳама дида мушкилтар аст. Вале ба ӣн ҳодиса ҳар чи зудтар хотима гузоштан лозим.

— Шумо чӣ кор карданиед?— пурсидам ман.

— Чубуқ кашиданӣ,— ҷавоб дод вай.— Се чубуқ кашида-накашида ин масъала ҳал мешавад ва хоҳишмандам даҳ дакиқа бо ман ran назанед.

Вай дар курсии роҳат печ хӯрд, зонуҳои лоғарашро ба наздн бинии тӯтигиаш бардошт, чашмашро пӯшида ва чубуқи сафолии сиёҳашро, ки ба ^инқори кадом як паррандаи аҷиб монанд буд, пеш бароварда, дуру дароз дар ҳамин ҳблат нишаст. Ман ба ху- лосае омадам, ки хобаш бурд ва худам пинак рафта истода бу- да-м, ки нохост бо қиёфаи шахсё, ки қарори қатъӣ қабул карда- аст, ҷаста хест ва чубуқашро ба рӯи камин гузошт.

— Имрӯз дар Сент-Ҷемс-холл Сарасате [1] менавозад,— гуфт вай.— Уотсон, шумо ба ин чй мегӯед? Беморонатон якчанд соат бе шумо буда. метавонанд?

— Имрӯз ман озод. Дидани беморон • чандон вақти бись- ёр намегирад.

— Дар он сурат кулоҳатонро пӯшеду биёед рафтем. Пеш аз ҳама ба Сити рафтани ман лозим» Дар роҳ дар ягон ҷо таом ме- хӯрем.

Мо то Олдерсгэт бо метро рафтем, аз он ҷо пиёда то Сэкс-Кобур-сквер расиДем, ки ҳамаи ҳодисаҳои пагоҳӣ нақл карда шудагӣ рӯй дода буданд.

Сэкс-Кобур-сквер — майдони ҳурдакаки хилвате буда, бинохои безеби ба услуби аристократи сохташудае дорад. Тирезаҳои чор қатор хонаҳои дуошьёнаи ғиштии тираранг ба боғчаи хурдакаке кушода щуда, он боғчаро алафҳои бегона зер карда аст ва дар байнашон якчанд буттаи пажмурдаи ғор бо ҳавои пур- гарди ғализ муборизаи пуршиддат мебарад. Се гулӯлаи заран- дуд ва лавҳаи ҷигарранге, ки дар рӯи он бо ҳарфҳои сафед «Ҷа- без Уилсон» навишта шуда, дар кунҷак овезон буд, гувоҳи хамин

. [1] .*Сарасате (1844*—/Р08)-скрипканавоз ва бастакорн машҳурн Испания.

буданд, ки муассисаи медмони мо дар ҳамнн ҷо воқеъ гарднда- аст.

Шерлок Холмс дар назди дар истод, чашмони дурахшонашро аз зери пилкони нимво ба он духт. Баъд оҳиста-оҳиста ба кӯча қадам зад, сонӣ ба кунҷак баргашта, бодиққат ба хонаҳо. нигоҳ кард. Вай дар назди кассаи қарздиҳӣ ба қади кӯча бо асо тах- мин се маротиба сахт-сахт кӯфт, пас ба дар наздик рафту онро туқ-туқ зад. Дарҳол ҷавони чусту чолоки тоза риштарошида- гие дарро калон кушода, моро ба даромадан таклиф кард.

— Ташаккур,— гуфт Холмс.— Ман фақат пурсиданӣ будам ки аз ин ҷо чи тавр ба Стрэнд рафтан мумкин.

— Дар хамгашти сеюм ба рост, дар чорумаш ба чап гар- дед,— дарҳол ҷавоб .дод ёрдамчии мистер Уилсон ва тақаррос зада дарро пӯшид.

— Ҷавони чолок! — вакте ки мо аз нав ба кӯча қадам ме- задем, гуфт Холмс.—Ман чунин мешумбрам, ки вай.дар чолокӣ дар Лондон ҷои чорум ва ба ҷасурӣ, шояд, ҷои сеюмро ги- рад. Ман дар бораи ӯ баъзе чизҳо медонам.

— Зоҳиран,— гуфтам ман,— ёрдамчии мистер Уилсон дар ин Иттифоқи сӯрхмӯён роли калоне мебозад. Боварӣ дорам, ки фа- қат барои ба ӯ нигаристан роҳро аз вай пурсидед.

— Барои ба ӯ нигаристан не.

— Набошад барои чӣ?

— Барои диданп зонуҳояш.

— Хӯш, чӣ дидед?

— Он чиро ки диданӣ будам.

— Чаро бо асо ба санги қади роҳ туқ-туқ задед?

— Духтури азиз, ҳозир вақти гапзанӣ не, балки вақти мушо« ҳида мебошад. Мо — кашшофон дар лагери душман мебошем. Дар Сэкс-Кобург-сквер мо баъзе чизҳоро дониста гирифтем, Ак- нун кӯчаҳоеро, ки аз он тараф ба вай мепайванданд, тадқиқ кар- да мебароем.

Фарқияти байни Сэкс-Кобург-сквер ва он чи ки мо ҳангоми ба бурҷ тоб хурдан дидем, аз замин то осмон буд. Аз бурҷ яке аз роҳҳои махсуси шаҳр мегузашт, ки Ситиро бо шимол ва ғарб мепайваст. Ин кӯчаи калон пур-пури фойтун буд, ки онҳо ба ду тараф ба росту ба чап рафтуой доштанд ва дар пайраҳаҳо тӯдаи пиёдагардон сиёҳӣ мекарданд. Ба қатори магазинҳои зебо ва идораҳои боҳашамат нигариста, ба худ тасаввур кардан душвор буд, ки дар паси ин хонаҳо чунин майдони бенавоёнаи камодам воқеъ гардидааст.

— Рухсат диҳед дурастакак дида бароям,— дар кудҷдклст-.

да гуфт Холмс ва ҳар хонаро бо диққат аз назар гузаронидан гирифт.— Мехоҳам тартиби биноҳоро дар хотир нигоҳ дорам. Омӯхтани Лондон — хаваси дерини ман аст... Аввал магазини тамокуфурӯшии Мортимер, баъд дӯкончаи газетафурӯшӣ, сонӣ шӯъбаи банки Шаҳрӣ ва Атрофишахрии Кобург, баъд ресторани вегетарианӣ, сонӣ депои каретаҳои Мақ;Ферлан. Он тараф квартали дигар... Хӯш, доктор, корамон тамом! Акнун метавонем ка- ме ҳаловат кунем: бутерброд хӯрем, як финҷони қаҳва нӯшем ва рафта скрипка, ки тамоми хушию хурсандӣ, хузуру ҳаловат ва садоҳои дилангез он ҷост: дар он ҷо мизоҷони сурхмӯй нестанд, ки бо муаммохои ранҷовари худ моро азият диханд.

Дӯсти ман мусиқиро ниҳоят нағз медид; вай нафақат иҷрокунандаи бомаҳорат, балки бастакори барҷаста буд. Он бегоҳ вай дар курсии роҳат комилан хушбахт нишаста, ангуштони дарози борикашро мувофики оҳанги мусиқӣ андак-андак ҳаракат ме* дод; чеҳраи нармтабассумаш, чашмони пурнами хиранигоҳаш ба Холмси бераҳми ҳилагар, таъқибкунандаи ғоратгарон шабеҳ набуд. Хулқу атвсГри аҷибаш аз ду ибтидо шакл мегирифт. Аксар вакт ба майнаам чунин фикрҳо меомаданд, ки зиракии дақико- на ҳайратангези ӯ дар мубориза бо тафаккури шоирона тавлид шудааст ва асоси хислати ин одамро ташкил медиҳад. Вай мудом*аз ҳолати заифию бемадорӣ ба холати фавқулодда пурғайратӣ мегузашт. Ба ман нағз маълум буд, ки вай бегоҳирӯзиҳо бо чи гуна оромии бепарвоёна ба навохтани бадиха ва оҳангҳои худ саргарм мешавад. Вале нохост шавқу завқи шикорчигӣ ӯро фаро мегирифт, қуввати тафаккури дурахшонаш то ба ҳадди савқи табий мерасид ва одамони бо усули кораш ношинос фикр мекафданд, ки дар назди онҳо одам не, балки кадом як мах- луки хорикулодда истодааст. Дар Сент-Ҷемс-холл ба ӯ муоина карда, чигуна аз сидқи дил ба мусиқӣ дода шуданашро дида, ҳис кардам, ки ҳоли он касе, ки вай ба дунболаш афтодааст, бад мешавад.

Вақте ки концерт тамом шуд, ӯ гуфт:

. — Духтур, шумо, албатта, хона мсрафтагистед?

— Албатта.

— Ман бояд боз як кори дигарро анҷом дихам ва он се-чор соат вақтамро мегирад. Вокеаи дар Кобур-сквер рӯй дода хеле ҷиддӣ.

— Ҷиддӣ?

— Дар он ҷо ба ҷинояти калоне тайёрӣ рафта истодааст. Ман ба фикр кардан ҳамагуна асос дорам, ки мо ҳоло метавонем он- ро пешгирӣ кунем. Вале ҳамааш барои он душвор шуда истода-

аст ки имрӯз шанбест. Бегоҳӣ, шояд, ёрии шумо ба ман лозим щуда монад.

— Соати чанд?

— Тахмин соати даҳ, пеш не.

— Расо соати даҳ ман ба Бейкер-стрит расида меоям.

— Бисьёр хуб. Духтур, дар хотир дошта бошед, ки кор кори хатарнок аст. Таппончаи аскариатонро ба киса занед.

Вай ба ман даст афшонд, якбора ба ақиб гашта дархол дар байни издиҳом ғоиб гардид.

Ман худамро аз дигарон камақлтар намешуморам, вале ҳа- меша вақте ки бо Шерлок Холмс ба коре даст мезанам, маро фикри азиятовари кундзеҳниам азоб медиҳад. Охир он чпро ки ӯ шунида буд, ман ҳам шунида будам, он чиро ки ӯ дида буд, ман ҳам дида будам, аммо назар ба гуфтаи дустам вай он чизе- ро медонаду мефаҳмад, ки нафақат рӯй додааст, балки рӯй ме- дйҳад, лекин ба назарам ин кор ба ҳар ҳол пештара барии бе- маънӣ менамояд.

Дар роҳи хона ман боз тамоми нақли ғайриоддии марди сурхмӯи рӯйнавискунандаи «Энциклопедияи Британия», хам ба Сэкс-Кобур-сквер рафтанамон, ҳам он суханони шумхабаронае- ро, ки Холмс вақти хайрухуш ба ман гуфт, ба хотир овардам. Ия сафари шабона чи маънӣ дорад ва мусаллаҳ омадани ман чи ло- зим? Мо ҳамроҳи ӯ ба куҷо меравем ва дар пеши мо чп хел кор истодааст? Холмс ба ман ишора карда гуфт, ки ёрдамчии бери- ши соҳиби кассаи қарздиҳӣ одами' бисьёр хатарнок ва ба ҷино- ятхои калон қодир аст.

Ман бо зӯри тамом кӯшиир мекардам, ки сари ин муамморо кушоям, аммо ҳеҷ муроде ҳосил нашуд ва қарор додам дарома- дани шабро мунтазир шавам, ки он мебоист ҳамаашро ба ман фаҳмонида медод.

Соати нӯҳу чорьяк ман аз хона баромада, аз Гайд-парк, аз Оксфорд-стрит гузашта, ба Бейкер-стрит расйдам. Дар яазди дари даромад ду кэб [1] меистод ва ба даҳлсз даромада садои овозҳбро шунидам. Дар назди Холмс ду кас нишаста буд. Холмс бо ҷӯшу хурӯш бо онҳо гап мезад. Ман яке аз онҳоро мешанох- там,— вай Питер Ҷонс, гумоштаи махсуси полиция буд; дигари онҳо марди қоматбаланди лоғарсимо, туршрӯе буда, цилиндри ялақосӣ ва фраки бағоят бенуқсоне дошт.

— Ана ҷамоа ҷамъ! — тукмаи нимтанаи маллоҳиашро гуза- р.онида гуфт Холмс ва аз раф қамчини вазниндастаашро ги-

[1] *Кэб* — фойтунн якаспа.

рифт.— Уотсон, зохиран, шумо бо мистер Ҷонс аз Скотленд-Ярд шинос мебошед Иҷозат дихед шуморо бо мистер Мерриуэзер шинос кунам. Мистер Мерриуэзер низ дар шикори шабонаи мо иштирок мекунад.

— Духтур, чи тавре ки шумо мебинед, мо аз нав ҳамрохи мистер Холмс ба шикор мебароем,— бо киёфаи одатии пурсало- бат ва мутақабиронаи худ гуфт Ҷонс.— Дӯсти мо — одами беба- хо. Вале дар аввали шикор барои думболгирии дарранда ба вай ёрии саги тозии пир лозим шуда мемонад.

— Метарсам, ки мо дарранда не, балки мурғбиро ҳадафи тир мекунем,— маъюсрна гуфт мистер Мерриуэзер.

— Сэр, аз мистер Холмс комилан дилпур буда метавонед,— ҳимоягарона гуфт гумоштаи полиция! — Вай усулҳои корбарии дӯстдоштаи худашро дорад, ки ба худ раво дида, кайд мекунам, ки як андоза ғайриҳаётӣ ва фантастикӣ мебошанд, вале бо вуҷу- ди он натиҷаҳои нағзе мебахшанд. Иқрор шудан лозим, вақтхое буд ки вай ҳақ мебаромаду полицияи расмӣ саҳв мекард.

— Мистер Ҷвнс, модоме ки шумо ҳамин тавр мегӯед, хама- аш дуруст аст,— мусоҳилакорона гуфт марди ношинос.— Ва ба ҳар ҳол, иқрор шуданам лозим,.ки мутаассуфона, ман имрӯз нав- бати муқаррарии худамро дар роббер бозида наметавонам. Ин аввалин шаби шанбе аст, ки дар зарфи бистуҳафт сол, ман онро бе қартабозӣ мегузаронам.

— Дар бозии имрӯза пули ба кимор мондашуда назар ба картабозиғГ шумо калонтар ва худи бозй.шавкангезтар аст,— г\фт Шерлок Холмс.— Пули ба қимор мондашудаи шумо, мистер Мерриуэзер, ба сй ҳазор фунт стерлинг баробар мебошад. Пули ба кимор мондашудаи шумо бошад, Ҷонс,— шахсест ки кайхо боз ӯро дастгир карданиед.

— Чон Қлей қотил, дузд, дузди қулфшикан ва «қаллоб,— гуфт Ҷонс.— Мистер Мерриуэзер, вай ҳанӯз чавон аст, вале дар мамлакат дузди моҳиртарин мебошад: ман бо майли тамом ба дасти вай дастбанд мезадам. Ҷон Клеи чавон одами бисьёр наг- зест. Бобои вай герцог буд, худи ӯ дар Итон ва Оксфорд[1] таҳ- сили илм кардааст. Мияи ӯ дастонаш барин комиланд ва агарчи мо дар ҳар кадам ба паи ӯ афтем хам, то ҳол ӯро ба даст даро- варда наметавонем. Ин ҳафта дар Шотландия хонаи ягон касро ғорат намояд, ҳафтаи дигар диди ки барои сохтани сағирхона дар Корнвалис пул ҷамъ мекунад. Ман якчанд сол боз ӯро дун- болгирӣ карда гаштаам, аммо то ҳол ягон маротиба надидаам.

[1] Дар Итон ва Оксфорд мактабҳои олии аристократӣ воқеъ гардидаанд.

— Ин бегоҳ бо камоли дилхушй ӯро бо шумо шинос мекунам, Ман ҳам ду бор ба корнамоии мистер Ҷон Клей нохост дучор омадаам ва комилан бо щумо розиам, ки вай дар мамлакат мо* ҳиртарин дузд аст... Соат аз даҳ гузашт ва акнун вақти рафтани мо шуд. Шумо дуятон бо кэби якум равед, ману Уотсон бо кэ- би дуюм меравем.

Дар давоми роҳи дуру дароз Шерлок Холмс чандон хушмуошират набуд: вай такья карда менишаст ва оҳангеро, ки имрӯз дар концерт шунида буд, ҳуштак кашида менавохт. Мо, дар кӯ- чаҳои печдарпечи беохири аз шуълап фонусҳои гази равшан бисьёр давр зада, окибат ба Фаррингдон-стрит расидем. •

— Мо акнун наздик шудем,—гуфт дӯсти ман,—Мерриуэ- зер — директори банк аст ва шахсан ба ҳамааш манфиатдор ме- ’бошад. Ҷонс ҳам ба мо лозим шуда'мемонад. Агарчи дар ихти- соси худ балоро нафаҳмад ҳам., ҷавони нағзест. Зимнан, вай ал- батта як бартарӣ дорад; ӯ булдог барин ҷасур ва харчанг барин тезчапгол аст. Агар ягон касро ба чангол дарорад, мурад ки сар намедиҳад... Мо расидем. Ана онҳо.

Мо боз дар ҳамон кӯчаи пуродами серрафту омади пагоҳӣ будагиамон, қарор гирифтем. Мо пули фойтунҳоро дода 'ва аз паси мистер Мерриуэзер равон шуда, ба кадом як роҳрави танг ворид шудем ва ба дари паҳлӯие, ки ӯ ба рӯи мо кушод, шип- пи даромадем. Дар паси дар роҳрави дигари хеле кӯтоҳе буд. Дар охири роҳрав дари оҳанини калон воқеъ гардида буд. Он дарро кушода, бо зинаи печдори сангӣ поин фуромадем ва боз ба як дар наздик шудем, ки ҳамчунон калон буд. Мистер Мерри- уэзер истод, ки фонусро даргиронад ва моро бо роҳрави тори- ки аз он бӯи замин меомадагй бурд. Мо боз аз як дар гузашта, ба даҳмаи васеъ ё таҳҳонае расидем, ки он пури сабад ва қут- тиҳои вазнин буд.

— Аз боло ба ин ҷо даромадан, чандон кори осон нест,—фойусро бардошта ва шифтро аз назар гузаронида гуфт Холмс.

— Аз поин ҳам,— гуфт мистер Мерриуэзер ва ба тахтасанг- ҳое, ки фарши таҳҳона бо онҳо пӯшида шуда буд, бо асо зад.— Арвох. занад, чунон садо медиҳад, ки гӯё он ҷо холӣ бошад! — бо тааҷҷуб хитоб намуд вай.

— Ман аз шумо илтимос мекунам, ки ғалоғула накунед,— ҳашмгинона гуфт Холмс.— Бо айби шумо сафари мо бенатиҷа анҷом ёфтанаш мумкин. Лутфан, ба рӯи ягонтои ин қуттиҳо нишаста халал нарасонед.

Мистер Мерриуэзери мутакаббир бо қиёфаи таҳқирдида ба рӯи сабад нишаст, Холмс бошад ба зону истод ва бо ёрии фонус

ва пурбин роғи байни тахтасангҳоро санҷидан гирифт. Пас аз якчанд сония аз натиҷаи тадкиқи худ қаноатманд аз ҷой хест ва пурбинро ба киса андохт.

— Ҳар чи бошад боз зиёда як соат вақт ҳаст,— гуфт вай,— зеро то соҳиби иззатманди кассаи қарздиҳиро хоб бурдан гумон аст, ки ба кор шурӯъ кунанд. Ҳар гоҳ ки ӯро хоб барад, онҳо да- қикаеро ҳам талаф намедиҳанд, зеро ҳар қадар ки барвақттар корро анҷом диҳанд, барои фирор ҳамон қадар бештар вақта- шон мемонад... Духтур,— чи тавре ки бешубҳа аллакай пай бур- дед,— мо дар шӯъбаи хазинахонаи яке аз банкҳои бойтарини Лондон мебошем. Мистер Мерриуэзер — раиси правлениян банй аст; вай ба кго фаҳмонда медиҳад, қи ҷинояткорони басе гус- тохро чи маҷбур месозад, ки махз дар айни замон бо диққати махсус ба ин хазинахона аҳамият диҳанд.

*

— Мо тиллои французии худро дар ин ҷо нигоҳ медорем,— пичиррос зада гуфт директор.— Мо якчанд маротиба огоҳӣ гирифтем, ки барои дуздидани он кӯшишҳо ба кор бурдаанд.

— Тиллои французии шумо?

— Ҳа. Якчанд моҳ пеш аз ин ба мо пули зиёдатӣ лозим шу- да монд ва мо аз банки Франция сн ҳазор наполеондор[1] қарз гирифтем. Баъд ҳатто ба кушодани ин пулҳо зарурат нашуд ва онхо то хол дар анбори мо хобидаанд. Сабаде, ки ман ба рӯяш ившастаам, ду ҳазор наполеондор дорад ва онхо дар байни Тах- Тахоп қӯрғошими гузошта шудаанд. Тиллое, ки дар айни замон дар банки мо эҳтиёт карда мешавад, дар ягон шӯъбаи банк ин кадар тилло эҳтиёт намекунанд ва ин директорҳоро маҷбур ме- созад ки хавотир шаванд.

— Опҳо асоси хавотир шудан доранд,— гуфт Холмс.— Хӯш, биёед тайёр мешавем. Ба тахмини ман дар давоми як-ду соат ҳамааш анҷом меёбад. Мистер Мерриуэзер болои ин фонусрд бо ягон чизи сиёҳ пӯшидан дуруст меояд...

— Баъд дар торикӣ шинем?

— Аз афташ ҳамин тавр. Ман як даста қарта гирифтам,\ то ки шумо дар роббер як пайт бозӣ карда тавонед, худамон ҳам чор нафар. Вале мебинам, ки тайёрии душман хеле ҳартарафа мебошад ва фонусро дар ин ҷо мондан хатарнок аст. Ғайр аз ин ҷойҳоямонро иваз карданамон лозим. Онҳо одамони ҷасуранд ва агарчи мо ба онҳо нохост хамла оварем ҳам, дар сурати беэҳ- тиётӣ, ба мо зарари калон расониданашон мумкин.

Ман дар паси ин сабад меистам, шумо бошед дар паси оп са-

[1] *Наполеондор* — пули тиллоии франсузн.

бадҳо рӯст шавед. Вақте, ки ман равшаниро ба тарафи ғоратга- рон равона мекунам, онҳоро даст гиред. Уотсон, агар онҳо тир- парронӣ кунанд, дудила нашуда ба тарафашон тир кушоед.

Ман таппончаи тирдори худро ба рӯи 'сарпӯши қуттии чӯбин гузоштам, худам бошам дар паси қутти руст шудам. Холмс даричаи фонусро пӯшид ва моро дар торикӣ гузошт. Бӯи фулузи тасфида ҳаминро ба хотирамон меовард, ки фонус хомӯш карда нашудааст ва он хамон дам нур пошиданаш мумкин. Асабҳои ман ки аз интизорӣ таранг шуда буданд, аз ин торикии ногаҳонӣ, аз ин рутубати хунуки таҳхона суст гардиданд.

— Барои гурехтан онҳо як роҳ доранд — ақиб гашта ба воси- таи хонаи дар Сэкс-Кобур-сквер буда баромада рафтан,— nib чиррос зад Холмс.— Умедворам, Ҷонс, он чи ки ман илтимос карда будам, иҷро кардед?

— Инспектор ва ду офицер онҳоро дар назди даромадгоҳи асосӣ мунтазир мешаванд.

— Пас, мо ҳама рахнахоро маҳкам кардем. Акнун фақат хо- мӯш нишаста мунтазир шудан дуруст меояд.

Вақт хеле оҳиста мегузашт! Умуман, ҳамагӣ як соату чорь- як дақиқа гузашт, вале ба назарам чунин менамуд, ки шаб ба’ поён расида, дар боло субҳ медамад. Азбаски ба чунбидан ме- тарсидам, пойҳоям варам карда монда шуданд, асабҳоям та- раиг шуда буданд. Нохост дар поин милт-мялти .чироғро дидам.

Аввал он шарораи хурде буд, ки яке аз сангҳои фаршро рав- шан мекард. Дере нагузашта ин шарора ба хатти зарде табдил ёфт. Баъд бе ҳеҷ гуна садо дар фарш сӯрохие пайдо шуд ва дар миёнҷои фазои равшан дасти сафеди монанд ба дасти заи памо- ён гардид, ки гӯё ким-чиро мепалмосид. Ин даст муддати як да- қиқа бо ангуштони ҳаракаткунанда аз рӯи фарш боло меистод. Баъд он чуноне, ки ногаҳон пайдо шуда буд, ҳамчунон ногаҳон ғояб гардид ва аз нав ҳама ҷоро торикӣ фаро гирифт, фақат аз байни роғи танги байни ду тахтасанг равшании хиранамоён шуда меистод.

Вале баъди як лаҳза яке аз тахтасангҳои васеи сафед баланд ғиҷиррос зада чаппа шуд ва ба ҷои он сӯрохии чоркунҷаи амиқ ҳосил гардид, ки аз он равшании фонус фаввора зад. Бар болои чуқурӣ чеҳраи ришаш паст тарошидаи бачагона намоён гардид; марди ношинос бодиққат ба ҳар тараф назар андохт: ду даст ба канорҳои сӯрохӣ тиргак шуд; китфон аз чукурӣ боло барома- данд, баъд тамоми бадан бардошта, зонуҳо ба фарш тиргак шу- данд. Пас аз як сония марди ношинос дар рӯи фарш дар назди чуқурӣ рост меистод ва ба рафиқи худ, ба марди хамчуион хурд-

ҷуссац печон, ки чеҳраи рангпарида ва як даста мӯи сихшудав сурхи оташранг дошт, ёрдам кард ки барояд.

— Ҳамааш бачо,— пичиррос зад вай.— Искана ва халтаҳо дар дасти ту?.. Бало заяад! Поён чаҳ, Арчи,.чаҳ, ман худамро му- дофиа мекунам.

Шерлок Холмс аз гиребони ӯ дошт. Дузди дуюм зуд ху-дро ба чуқурӣ зад; Ҷонс ӯро дастгир карданӣ шуд, вале дида мешуд, ки кӯшишаш натиҷа набахшид: ман садои карсас зада даридани матоъро шунидам. Равшанӣ дар мили таппонча рахшид, аммо Холмс бо камчини шикорчигӣ ба дасти маҳбуси худ зад ва тап-. понча ба рӯи фарши сангӣ афтида ҷирингос садо бароварД.

— Ҷон Клей фоида надорад,— бо нармӣ гуфт Хацмс.— Шу- мо ба даст .афтидед.

— Днда истодаам,— т^моман оромона ҷавоб дод вай.— Ва- ле рафиқи ман гурехта халос шуд, шумо фақат аз доманӣ пид- жаки ӯ дошта тавониетед.

— Се кас дар паси дар ӯро нигарон шуда истодаанд,— гуфт Холмс.

— Хамту гӯед! Устогӣ кардед! Табрик менамоям.

— Ман ҳам шуморо табрик менамоям. Дурӯғи шумо дар хақ- ки сурхмӯён комплан ғалатӣ ва хуб мебошад.

— Шумо ҳозир ҷӯраатонрб мебинед,— гуфт Ҷонс.— Вай на- зар ба ман дар лонадарой чакконтар будааст. Акнун ба дасти шумо завлона мёзанам.

— Лутфан, дастони ифлоси худро аз ман дур кунед! Ба ман кордор нашавсд!—пас аз он ки ба дастони вай завлона зада шуд, гуфт маҳбуси мо.— Шояд, шумо хабар надошта бошед, ки дар раги ман хуни шоҳон чори аст. Марҳамат карда, вақти ба ман муроҷиат намудан, маро «сэр» номед ва ба ман «лутфан» гӯед.

— Бисьёр хуб,— гӯфт Ҷонс табассум карда.— Сэр, лутфан, боло бароед ва мархамат карда ба кэбе, ки ҳазраташюнро ба по- ли-ция мебарад, савор шавед.

— Ана инаш беҳтар,— оромона гуфт Ҷон Клей.

Вай бовикор бо сар ба мо ишора карда, дар зери посбони* пайгир бепарвоёна дур шуд.

— Мистер Холмс,— моро аз анборхона бароварда гуфт Мер- риуэзер,— рости ran, ман намедонам, ки банки мо чи тавр подо- ши некии шуморо медиҳад. Шумо калонтарин дуздиро пешгмрй: намудед.

— Ман бо мистер Ҷон Клей хисобу китоби шахсии худро доштам,— гуфт Холмс.— Хароҷоти имрӯзаи ман дар ин кор

чандон калон нест ва, бешубҳа, банки шумо товонашро ба ман медиҳад, агарчи, моҳиятан, ман аллакай бо он мукофот гириф- там, ки ягона моҷарои ба худ хосеро аз сар^узаронидам ва қис- саи нағзеро дар бораи Иттифоқи сурхмӯён шунидам...

— Медонед чӣ, Уотсон, пагоҳӣ барвақт ҳангоме ки ману Шерлок Холмс ҳамроҳ дар Бейкер-стрит нишаста як стакони виски соддақатӣ менӯшидем, гуфт вай,— аз аввал ба ман маълум буд, ки ягона максади ин эълони сохта дар бораи Иттифоқи сурхмӯ- ён ва рӯйнавис кардани «Энциклопедияи Британия» факат ҳар рӯз ба муддати якчанд соат соҳиби беақли каллаварами кассаи карздиҳиро аз хона дур бурдан аст. Усуле, ки онҳо интихоб кардаанд, албатта, ғалатӣ мебошад, аммо ба туфайлн ҳамин усул комилан ба мақсади худ расиданд. Бе шакку шубҳа, ранги мӯи ҳамкори вай ба акли расои Клей илқо намуд, ки аз паи ичрои ин нақша шавад. Чор фунт дар як ҳафта барои Уилсон дом буд, дар сурате ки онҳо ба гирифтани ҳазорҳо фунт умед баста бу- данд, чор фунт чи гуфтани ran! Онҳо дар газета эълон дода бу- данд; як қаллоб идораи муваққатӣ ба иҷора гирифт, қаллоби ди- гар хӯҷаини худро розӣ кунонд, ки ба он ҷо равад ва ҳарду им- копияте пайдо намуданд, ки хар пагоҳ аз набудани вай истифо- да кунанд. Чун шупидам, ки ёрдамчӣ бо нисфи маош қаноат ме- кунад, фаҳмидам ки вай барои ин сабабҳои асосноке дорад.

— Мақсади онҳоро чӣ тавр пай бурдед?

— Муассисаи мизоҷи сурхмӯи мо — хеле хурд аст, дар хонаи вай чизи ҷолиби диққате нест, ки барои он шуда ба чунин бозии душвор сар карда шавад. Пас, онхо чизеро дар назар доштанд, ки берун аз квартираи вай буд. Он чи шуданаш мумкин? Ман ба суратгирӣ шавқу рағбат доштанн срдамчиро ба хотир овардам, ки вай ҳамин шавқу рагбатро истифода намуда барои кнм-чи шу* да ба таҳхона даромада мебарояд. Таҳхона! Ана иӯги дигари чигили ресмон. Ман дар бораи ин ёрдамчии пурасрор бо тафсил аз Уилсон пурсида гцрифтам ва фаҳмидам, ки бо яке аз беҳаё- тарин ва густохтарин ҷинояткорони Лондон сару кор дорам. Вай дар таҳхона ким-чӣ гуна кори душвореро анҷом медихад, зеро муддати Ду моҳ ҳар руз дар он ҷо якчанд соат кор карданаш ду- руст меояд. Дар он ҷо чӣ кор карданаш мумкин? Факат як чиз: нақб канданаш мумкин буд, ки ба ягон бинои дигар барад. Б.а чунин хулоса омада, шуморо ба ҳамон чое, ки ҳамаи ин вокеа рӯй медод, гирифта бурдам. Вақте ки ман бо асо ба роҳи санг- фарш задам, шумо ниҳоят дар тааҷҷуб мондед. Дар зимни он ман мехостам фахмам, ки нақб ба кадом тараф меравад — ба тарафи пеши иморат ё ба пушти ҳавлӣ. Маълум шуд, ки нақб

дар тарафи пеши хона набудааст. Ман занги дарро задам. Чи тавре, ки ман чашмдор будам, дарро ба рӯям ёрдамчӣ кушод. Дар байни ману вай аллакай баъзе мусодимаҳо шуда буд, аммо мо ҳеҷ гоҳ рӯи якдигарро надида будем. Ин дафъа ҳам ман ба рӯи ӯ нигоҳ накардам. Ман хостам зонуҳои ӯро бинам. Шумо ху- датон ҳам дида метавонистед, ки чӣ тавр онҳо чиркин, ғиҷим, хӯрда шудагӣ буданд. Онҳо аз соатҳои дарози нақбканӣ шаҳо- дат медоданд. Фақат муайян кардан мемонд, ки вай нақбашро ба кадом тараф меканад. Ман ба хамгашт тоб хӯрда, лавҳаи Банки шаҳрӣ ва Атрофишаҳриро дида, фаҳмидам/ки масъала ҳал шуд. Пас аз концерт, вақте ки шумо равонаи хона шудед, ман ба Скотленд-Ярд ва аз он ҷо ба назди раиси правЬенияи банк равон шудам.

— Шумо чӣ тавр фаҳмидед, ки онҳо маҳз ҳамин шаб ғорат карданианд? — пурсидам ман.

— Онҳо идораи Иттифоки сурхмӯёнро баста, бо ин корашон фаҳмонданӣ шуданд, ки дигар ба набудани мистер Ҷабез Уил- сон эҳтиёҷ надорЭнд,— бо суханони дигар, гӯем, нақбашон тай- ёр. Маълум буд, ки онҳо ҳарчи зудтар аз нақб истифода карда- нӣ мешаванд, зеро аввалан, нақбро ошкор кардан мумкин буд, дуюм, мумкин буд тиллоро ба ҷоя дигар баранд. Рӯзи шанбе ба- рои онҳо хеле қулай буд, чунки он барои фирор як шабонарӯзи зиёдатӣ мебошад. Дар асоси ҳамаи ин фикрҳо ман ба хулосае омадам, ки онҳо шаби наздиктарин банкро ғорат мекунанд.

— Фикрронии шумо ниҳоят нағз! — хитоб намудам ман бо шавқу завқи самимона.— Шумо силсилаи хеле дарозе тартиб додед ва ҳар як ҳалқа дар он ногусистанист.

— Ин воқеа маро аз дилтангии азнятовар начот дод,— хамь- ёза кашида гуфт Шерлок Холмс.— Мутаассифона, ҳис карда ис- тодаам, ки аз нав дилтангӣ маро азоб медиҳад! Тамоми ҳаёти ман — саъю кӯшиши томест, ки худро аз якрангии ҳаррӯзаи зин- дагӣ канор кашам. Муаммоҳои хурдакаке, ки гоҳо ман онҳоро мекушоям, ба ман ёрдам мекунанд ки ба ин мақсад расам.

— Шумо некӯкори ҳақиқии башарият мебошед,— гуфтам ман.

Холмс китф дарҳам кашид:

— Шояд ҳақиқатан каме фоидаам расад, <L”homme c’est гЬ еп — loev Vre c’est tout» [1] — чи тавре ки Густав Флобер дар мак- тубаш ба Жорж Санд[1 2] навишта буд.

---

[1] *«Одам.*— ҳечу кор — хама чиз аст» *(франсузӣ.).*

2 *Густав Флобер* ва *Жорж Санд (Аврора Дюдеван)* — навйсандагони машх,ури асри XIX Франция.

АСРОРИ ВОДИИ БОСКОМ

Як пагоҳӣ вақте ки ману занам таҳтул мекардем, духтархона ба ман телеграммаи Шерлок Холмсро дод.

«Ос ба муддати ду рӯз аз кор фориғ шуда наметавопед? Dapon фочпаи водии Боском ба ғарбии Англия даъват шудаам. Хеле шод мебудам, агар хамрохам мерафтед. Ҳзвою манзарааш ғалатӣ. Соати 11.15 аз Паддингтон ба рох бароед». *

— Ту меравӣ? — навозишкорона ба ман нигариста, пурсид занам.

•. — Рости ran, худам намедонам. Ҳозир беморонам хеле бисьёр.

— Ҳеҷ ran не, Анструзер ҳамаи онҳоро қабул мекунад! Вақтхои охир хеле хастаҳолӣ. Сафар ба ту нафъ мекунад. Ве ба хар коре, ки мистер Шерлок Холмс даст мезанад, ту ҳамеша хеле рағбат зоҳир мекунӣ.

Ба ҳар ҳол таҷрибаи зиндагии дар урдугох дар Афгонистон гузаронидаи ман ҳамон бартариеро дошт, ки ман обу тоб ёфта, сайёҳи чусту чолоке шуда будам. Чизу чораам кам буд, аз ин рӯ

аз тахминам хеле пеш ба кэб савор шудам ва ба 'вокзали Паддингтон шитофтам.

Шерлок Холмс қад-қади платформа қадам мезад; костюми сафарии хокистарранги вай ва кепкаи моҳутиаш андоми лоғару баланди ӯро боз,ҳам лоғартару баландтар нишон медоданд.

— Уотсон, нағз кардед ки омадед,— гуфт вай.— Вақте ки дар пахлуям одами комилан дилпур истодааст, ин гапи тамоман дигар. Полицияи маҳаллӣ ё ҳаргиз кор намекунад, ё бо рохи хато меравад, Агар шумо дар кунҷак ду чой гиред, ман раф- та билет харида меоям.

Мо ба купе яаромадем. Холмс ба хондани газётаҳои оварда- аш шурӯъ кард; баъзан аз онҳо сар мебардошт, ки як чиз ним чизро навишта гирад ва ҳартарафа фикр кунад.

Ҳамин тавр мо ба. Рэдинг расидем. Нохост вай ҳамаи коғаз- ҳоро ғиҷим кард ва ба турхалта андохт.

— Шумо дар хусуси ин воқеа ягон чиз шунидед? — пурсид вай.

— Як калима ҳам нашунидаам. Чанд рӯз мешавад, ки ба газетаҳо ғГазар нааидо.хтаам.

— Матбуоти Лондон чандон хисоботи муфассал чой надода- аст. Ман навакак хама газетаҳои рӯзҳои охирро аз назар гуза- ронидам, ки ба гафсилн воқеа дурустакак сарфаҳм равам. Ин, зоҳиран.эдке аз он вокеаҳои нгчандон душворе аст, кй ҳалли он- ҳо хамеша нихоят мушкил.

— Суханони шумо то як андоза мухолифи якдигараид.

Вале ин ҳақиқат аст. Дар мавриди ғайриоддӣ қариб ха- меша калиди кушоиши. асрор мебошад. Чиноят ҳар қадар оддӣ бошад, донистани ҳакиқат ҳамон кадар мушкил аст... Ҳар чи бо- шад, дар айни ҳол ба гардани писари мақтул айби хеле калон мондаанд.

— Пас, вай куштааст?

— Ҳамин тавр тахмин мекунанд. То худам бо кор шинос нашавам, ба ростию дурӯғии он зомин намешавам. Ба андозае ки ман чи будану чи шудани воқеаро тасаввур менамоям; онро бо якчанд калима ба шумо фаҳмонда медиҳам....

Водии Боском дар Хирдфоршир наздик ба Росс қишлоқ- чоест. Дар он гирду атроф заминдори аз ҳама калон — мистер Чон Тэнер мебошад. Вай дар Австралия пулу моли зиёд ҷамъ карда, якчанд сол пеш ба ватанаш гашта омад. Яке аз ферма- хояш — Хазарлейро низ ба собиқ австралиягӣ ба мистер Чарлз Мак-Карти ба иҷора дод. Онҳо дар мустамликахо шинос шуда буданд ва ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест, ки ба ҷои нав кӯчида омада,

хар чи ба ҳамдигар наздик сокин шудаанд. Дуруст аст, Тэнер бойтар буд ва Мак-Карти иҷоранишини ӯ шуд, аммо, зоҳирап, онҳо муносибатҳои дӯстонаашонро давом медиҳанд. Мак-Карти як писари хаждахсола дорад, духтари яккаву ягонаи Тэнер низ дар хамин синну сол аст ва занҳои харду пирамард аз дуньё гузаштаанд. Онҳо, гӯё аз шиносоӣ ба-оилаҳои англис канорҷӯӣ мекарданд ва тарзи зиндагии гӯшанишинона ба сар мебурданд, агарчи ҳарду Мак-Карти спортро дӯст медоштанд ва аксар вакт ба пойга ба мулки ҳамсоя мерафтанд. Мак-Картиҳо хиз- матгор ва духтархона доранд. Тэнер хоҷагии калон ва камаш ианҷ-шаш хизматгор дорад, Ана он чи ки дар бораи и» оилахо», дониста гирифтан ба ман муяссар гардид. Акнун дар бораи ху- ди воқеа.

Сеюми моҳи июнь, рӯзи душанбеи ҳафтаи гузашта, Мак-Кар- ти тахмин соати сеи рӯз аз хонаи худ аз Хазарлей баромада ба тарафи кӯли Боском раҳсипор мегардад. Ин кӯли начандон ка- лоне мебошад, ки аз туғьёни дарьёчаи водии Боском хосил шу- дааст. Пагоҳӣ ба Росс равон шуда, ба хизматгораш мегӯяд, ки хеле саросема аст, чунки соати се ким-чи гуна мулоқоти мухим дорад. Вай аз ин мулокот барнагашт.

Аз фермаи Хазарлей то кӯли Боском чорьяк мйль роҳ буда ва ҳангоми ба он ҷо рафтанаш, ӯро ду кас дидаанд. Аввалан, пиразане, ки номаш дар газетаҳо навишта нашудааст ва, ду- юм, Вильям Краудер, бешабони мистер Тэнер. Ин ҳдрду гувоҳӣ медиханд, ки мистер Мак-Қарти танхо будааст. Бешабон илова кардааст, ки пас аз вохӯрдани мистер Мак-Карти дере нагузаш- та писари вай.— Ҷеймс Мак-Қартиро дидааст. Ҷавон дар даст милтиқ доштааст. Бешабон 'тасдиқ мекунад, ки вай бо ҳамон роҳ аз паси падараш мерафтааст. Бешабон гӯё ин вохӯриро та- момаы аз хотир бароварда буд, вале бегоҳӣ аз фоҷиа, бохабар шуда, ҳамаашро ба хотир меорад.

Пасаз ин ки бешабон Вильям Карудер онхоро аз пеши на- зар гум мекунад, ҳарду Мак-Картиро боз як бор мебинанд. Ат- рофи кӯли Боскомро бешазор иҳота намуда, тамоми сохилхои онро камиш зер кардааст. Духтарчаи тахмин чордаҳсолаи дар- бони мулки Боском Пэшенс Моран, дар бешаи шафат гул мечи- дааст. Вай гуфтааст, ки дар лаби кӯл мистер Мак-Карти ва пи- сарашро дидааст. Аз қиёфаашон маълум будааст, ки сахт ҷан- ҷол мекардаанд. Вай шунидааст ки Мак-Картии калонӣ танбеҳ- омез ба писараш фарьёд мезадааст ва дидааст, қи писар гӯё заданӣ шуда ба сари падар даст бардоштааст. Духтарча аз ин воқеаи лурдаҳшат чунон ба воҳима меафтад, ки бо шитоб ба

сӯи хона метозад ва ба модараш мегӯяд, ки дар беша дар назди кӯл падару писар Мак-Картиҳо ҷанҷол карда истодаанд ва ме- тарсад ки кор ба занозанӣ оид нашавад. Вай акнун ин суханон- ро мегӯяд, ки Мак-Картии ҷавон тозон ба қаровулхона даро- мада хабар медихад ки падарашро дар беша мурда ёфтааст ва дарбонро ба ёрӣ ҷеғ мезанад. Вай бе милтиқ ва бе кулоҳ дар ғояти ҳаяҷон будааст; дар дасти рост ва остинаш доғи нави хун дида мешудааст. Дарбон ба дунболи вай равон шуда, ба назди мурда мерасанд, ки дар лаби об дар рӯи алаф дастонаш- ро ба ду тараф партофта мехобидааст. Косахонаи сари мархум бо ким-чи гуна аслиҳаи кунд зада маҷақ карда шуда аст. Бо зарбаи қундоқи милтиқе ки аз они лисараш буда, якчанд қа- дам дуртар аз часад мехобидааст, чунин захмин кардан мум- кин будааст. Аз рӯи ин далелҳо ҷавон дарҳол ба ҳабс гирифта мешавад. Рӯзи сешанбе тафтиш бурда шуда, мувофиқи ин таф- тиш: «Ҷавон падарашро қасдан куштааст» гуфта ҳукми пешакӣ бароварда мешавад. Рӯзи чоршанбе кори Ҷеймс Мак-Қартиро ба суди доимии Росс месупоранд, вай бошад тадқиқи корро ба суди тафтишкунанда мефиристад. Далелҳои асосие, ки ба му- фаттиш ва полиция маълум мебошад, ҳаминҳоянд.

— Кори аз ин манфуртареро ба худ тасаввур кардан душ- вор,— гуфтам ман.— Агар ягон вақт далелҳои ғайримустақим чинояткорро фош кунанд, ҳамон маҳз ҳоли ҳозир мебошад.

— Далелҳои ғайримустақим фиребандаанд,— андешаманд гуфт Холмс.— Онҳо комилан равшан ба як самт нишон додана- шон мумкин, вале агар шумо ба ин далелҳв қобилияти сарфаҳм рафтан дошта бошед, он гоҳ ошкор сохта метавонед, ки дар ҳа- қиқат аксар вақт онҳо моро на ба сӯи ҳақиқат, балки ба самти муқобил мебаранд. Дуруст аст, ҳозир кор қатъиян ба муқобили ҷавон сурат гирифтааст. Аз эҳтимол дур нест, ки ҷиноятқор вай бошад. Вале дар ҳамсоягӣ, хусусан духтари заминдор, мисс Тэнер барин одамоне ёфт шудаанд, ки онҳо ба гунаҳкор набу- дани вай боварӣ доранд. Мисс Тэнер Лестрейдро — шояд, шумо ӯро дар хотир дошта бошед?— барои ҳимояи ҷиноягкор таклиф мекунад. Лестрейд ҳимояро хеле мушкил шумурда, онро ба ман хавола кард ва инак ду ҷентльмени миёнсол ба ҷои он ки дар хона осуда ношто кунанд, бо суръати панҷоҳ миль дар як соат бо шитоб ба ғарб мераванд.

— Метарсам, ки,— гуфтам маи,—далелҳо басе қонеъкунан- да мебошанд ва барои бурди ин кор ба шумо имконият хеле кам мемонад.

—- Аз далелҳои басе возеҳ дида, фиребандатар чизе нест,—

хандида чавоб дод холмс,— ғайр аз ин, мо ба ҳамчунон якдалелхон маълум тасодуфан бархӯрданамон мумкин, ки ба мис- тер Лестрейд пӯшйда мондаанд. Шумо маро басе нағз медонед ва фикр накунед, ки ин лофзанист. Ман ё аз далелхои гирдо- вардаи Лестрейд истифода мебарам, ё қатъиян онҳоро рад ме- намоям, зеро вай на имконияти аз онҳо, истифода намудан до- рад, на имконияти ба онҳо сарфаҳм рафтан. Ақаллан аввалин мисоли ба хотир омадаро гиред: ба ман комилан маълум ки тнрезаи хонаи хоби шумо дар тарафи рост мебошад, вале ман ҳеч боварй надорам, ки мистер Лестрейд ҳатто чунин далели равшанро пай мебурда бошад.

— Вале дар хакиқат чи тавр...

— Дӯсти азизам, ман кайҳо боз бо шумо шиносам. Ботами-' зии ҳарбие, ки шуморо аз дигарон фарқ мекунонад, ба ман маълум. Шумо дар ин вақти сол ҳар саҳар дар равшании офтоб риш метарошед; вале қисми чапи рӯятон аз росташ дида хеле бадтар тарошида шудааст, ҳар кадар ки чаптар нигарем, риш хамон қадар бадтар гирифта шудааст ва мебинем, ки ба дара- ҷаи муҳмалӣ расидаед. Комилан аён аст, ки назар ба дигар бари рӯятон ба инаш дӯруст равшанй намеафтад. Ман ба худ тасаввур карда наметавонам, ки шумо одами одаткарда дар равшании кофӣ ба оина нигариста, бо рухсори бад тарошида қаноат хосил кунед. Ман инро фақат ҳамчун як мисоли оддии мушоҳидакорӣ ва моҳирона хулосабарорӣ меорам. Касби ман аз ҳамин иборат ва комилан мумкин, ки дар кори таҳқиқи дар пеш истода ба мо даркор шавад. ё ду ҷузъиёти ночизе хаст, ки дар вақти нстинтоқ маълум шудаанд. Онҳо сазовори дикка- танд.

— Чи будааст он?

— Маълум мешавад, ки Мак-Картии ҷавонро ҳамон замон ба ҳабс нагирифта будаанд, балки дертар, вақте ки ба фермаи Хазерлей баргаштааст. Инспектори полиция мегӯяд, ки вай ба ҳабс гирифта шудааст, ҷавон бошад ҷавоб медиҳад, ки хабар заррае ӯро ҳайрон намесозад, зеро ба ҳар ҳол вай сазовори ҷазо мебошад. Гапи вай таъсири даркорӣ бахшйд — андак шубхае, ки шояд, дар дили муфаттиш боқӣ монда буд, барҳам хӯрд.

— Ин эътирофи гуноҳ буд!— хитоб намудам ман.

— Не, баъд гуфтааст, ки тамоман гуноҳ надорад.

— Баъдй ид ҳама далелҳои беамон ин суханон шубхаангез садо медиханд.

— Баръакс,— гуфт Холмс,— ин ягона партавест, ки ҳозир ман дар байни абрҳои сиёд мебинам. Охир вай надониста наме-

тавбнад, ки чй гуна гумону шубхахои азим ба гарданаш меаф- танд. Агар вай баробари шунидани номи ҳабс худро ҳайрон ва музтариб нишон медод, ин ба назари ман ба дараҷаи олиаш щубхаангез менамуд, зеро чунин тааччуб ё қаҳру ғазаб дар вазъияти рӯйдода тамоман риёкорона мебуданд. Чунин рафтор айнан ба самимӣ набудани суханонаш гувохй медод. Рафтори софдилонаи вай дар лаҳзаи аввали ба хабсгирӣ ё аз он шаходат медихад, ки ӯ тамоман бегунох аст, ё баръакс, худдории бг мислумонанд ва тахаммулро нишон медихад. Валё ҷавоби вай, ки сазовори хабс аст, ин хам комилан дуруст мебошад, зеро ба айдозае карзи фарзандиро фаромӯш кардааст, ки падарашро ҳа- кордт додааст ва хатто, чи тавре духтарча тасдиқ мекунад, (шаходати вай бошад ниқоят муҳим аст),—ба падараш даст бардоштааст. Ҷавоби вай, ки аз пушаймонӣ ва азоби вичдон шакодат медихад, ба назарам аз исботи мақсади ҷинояткорй дида, бештар нишонаи фосидулахлоқ набуданаш аст.

Ман сар ҷунбондам.

— Бисьёрихоро бе чунин далелу исботи вазнин ҳам ба дор каШидаанд,— гуфтам ман.

— Ин дуруст. Ва дар байни онҳо бегуноҳон бисьёр буданд. — Баёноти худи ҷавон чй гуна мебошад?

— Барои сафедкунандагонаш чандон рӯҳбахш нест, агарчи як ё ду нуқтаи мусбат ҳаст. Шумо онро дар ин ҷо меёбед, мета- вонед ба дил хонед.

Вай аз папкаи худ якчанд газетаи маҳаллии Хартфордширд- ро бароварда ва сахифаро кад карда қамон сатрхоеро нишон дод, ки ҷавони бечора ба'тамоми воқеаи шудагӣ баёнот медод. Ман ба кунҷаки купе нишаста, бо диққат ба хондан сар кар- дам. Ана дар он ҷо чи навишта шуда буд:

— Баъд мистер Мак-Карти, писари яккаву ягонаи марҳум чеғ зада шуд. Вай чунин гувоҳй дод:

— Се рӯзи тамом ман дар хона набудам: ба Бристол рафта будам ва айнан қамон пагоҳии душанбеи гузашта, рӯзи сеюми баргаштам. Вақте ки омадам, падарам дар хона набуд ва дух- тархона гуфт, ки ӯ ҳамроҳи аспбон Ҷон Кобб ба Росс рафт. Баъди омаданам дере нагузашта садои аробаи дучархаи ӯро шунидам ва аз тиреза нигоҳ карда дидам, ки ӯ зуд аз хавлӣ баромада рафт. вал< 6а кадсм тараф рафтаӣи ӯро амедонис- там. Баъд милтиқамро гирифта қарор додам, ки ба лаби кӯли Боском равам ва харобазорро, ки харгӯшҳо зиндагӣ мекунанд, аз назар гузаронам; харобазор дар соҳили муқобили кӯл воқсъ гардидааст. Чи тавре ки аллакай бешабон Вильям Краудер

баёнот дод, дар роҳ ман ӯро вохӯрдам: вале тасдиқаш, ки гӯё ман падарамро дарьёб карда бошам нодуруст аст. Мая ҳатто гу- мон намекардам, ки падарам пеш-пеши ман меравад. Вақте, кя то ба қӯл тақрибан сад қадам монда буд, садои <КоуІ» гуфтаня касе ба гӯшам расид, ки одатан ману падарам ҳамднгарро че» мезадем. Ман дарҳол ба пеш давидам ва дидам, ки ӯ дар лаби кӯл истодааст. Вай, зоҳиран, маро дида хеле дар ҳайрат монд ва басе дағалона пурсид, ки ман дар ин ҷо чи кор мекунам. Гуфтугӯ ба гапҳои сахт ва ҳатто қариб ба занозанӣ оид шуд, зеро падари ман одами нихоят тундхӯ буд. Чун дидам, ки қахру ғазаби вай паст намешавад, қарор додам, ки аз наздаш дур ран вам ва роҳи фермаи Хазарлейро пеш гирифтам. Саду панҷоҳ қадам нарафта будам, ки аз қафоям садои фарьёди дилхарош- ро шунидам ва ин фарьёд маро маҷбур сохт, ки гашта ба қафо тозам. М'ан дидам, ки падарам дар рӯи замин чалпак шуда мехобад, чанд ҷои сараш кафидагӣ ва ӯ дар дами марг аст. Мил* тиқ аз дастам афтид, ман сари падарамро бардоштам, вале вай ҳамон лаҳза ҷан дод. Ман дар назди падарам якчалд да- киқа сари зону истодам, баъд ба назди дарбони мистер Тэнер рафта, аз вай ёрӣ хостам. Хонаи дарбон ағз ҳама хонаҳои дигар наздиктар буд. Ман ба фарьёди падарам баргашта, ҳеҷ касро дар назди ӯ надидам ва тасаввур карда наметавонам, ки ӯро кя қушта буд. Ӯро кам касон мешинохтанд, зеро вай то як андоза одамбезор ва беилтифот буд. Аммо ба ҳар ҳол, ба донисти ман ӯ душмани хунхоҳ надошт.

Муфаттиш: Падаратон пеш аз йарг ба шумо ягон чиз гуфт ё не?

Шоҳид: Вай нимғурма чанд калима ran зад, вале ман фақат як калимаи онро, ки ба «муш» монанд буд, фаҳмидам.

Муфаттиш: Ба фикри шумо ин чӣ маънӣ дорад? Шоҳид: Ақлам намегирад. Эҳтимол, ӯ алой мегуфт. Муфаттиш; Чӣ боиси муноқишаи охирини шумо гардид? Шохид: Ман дар ин бора хомӯш истоданро афзал медонам. Муфаттиш: Мутаассуфона». ноилоҷам, ки ба ҷавоб доданатон исрор кунам.

Шоҳид: Вале ман ба ин савол ҷавоб дода наметавонам. Бо- вар кунед, гуфтугӯи мо ба ин фоҷиаи мудҳиш ҳеҷ як муносибат надошт.

Муфаттиш: Инро суд ҳал мекунад. Ҳоҷати шарҳу баён нест, кц ҳаргоҳ шуморо ба маҷлиси суди сайёр кашиданд, аз ҷавоб саркашӣ кардан, ба зарари худатон.

Шоҳид: Ба ҳар ҳол ман ҷавоб намедиҳам.

Муфаттиш: Зоҳиран, шумову падаратон ҳамеша якдигаратонро «Коу!> гуфта ҷеғ мезадед?

Шоҳид: Ҳа.

Муфаттиш: Ба чй тариқ шуморо надида ва хатто аз Брис- тол гашта омаданатонро нафаҳмида, бо ин калимаи шартӣ шу- моро ҷеғ мезадааст?

Шоҳид (хеле хиҷолатомез): Намедонам.

Вакили даъво: Вақте ки шумо фарьёдро шунида тохта раф- тед ва падаратонро дар дами марг дидед, ягон чйзи шубҳаангез ба чашматон наафтид?

Шохид: Ягон чизи чандон ғайриоддие надидам.

Муфаттиш: Шумо бо ин чи гуфтан мехохед?

Шоҳид: Вақти тозон аз беша- баромаданам чунон музтариб ва ҳаросон будам, ки парвои чизе надошта, фақат дар бораи падарам фикр мекардам. Ба ҳар хол аранге дар хотир дорам, ки хамон дам дар тарафи чапи ман ким.-чи дар рӯи замин ме- хобид. Ба назарам ким-чи гуна либоси хокистарранг намуд, пю- яд кампал буд. Вақте, ки аз ҷоям хеста он чизро аз назар гу- варонидани'шудам, он аллакай дар ҷояш набуд.

— Шумо тахмин мекунед, ки он чиз аз ёриталабӣ рафтани шумо пештар ғоиб шудааст?

— Ҳа, пештар.

— Оё, гуфта наметавонед, ки вай чй буд?

Не, хамту хис мекардам, ки дар он чо ким-чи хобидааст.

— Аз мақтул хеле дур буд?

— Тахминан дах қадам.

•— Аз беша чи қадар дурӣ дошт?

— Тахмин ҳамин қадар.

— Пас он чиз, вақти ғоиб шуданаш дар масофаи бист қа- дам аз шумо дур мехобид?

— Ҳа, вале ман пуштамро ба он гардонда будам.

Истинтоқи шохид бо хамин тамом мешавад».

'— Ба ман маълум шуд, ки — ба газета назар андохта гуф- **там** ман,— дар охири истинтоқ муфаттиш ба Мак-Қартии ҷа- вон тамоман-бераҳм мебошад. Ва беасос ишора накард, ки дар баёноташ ихтилоф дида мешавад, зеро падар ҳангоми писарро ҷеғ задан, дар он ҷо буданашро намедонистааст ва инчунин гар- дан тофта мазмуни гуфтугӯи байни ӯ ва падарашро нагуфт, ва, баъд ба суханони ачиби охирини мақтул таъкид кард. Чи тавре ки муфаттиш гуфт ҳамаи инҳо ба писар бисьёр за- рар мерасонанд.

Холмс дар рӯи дивани мулоим хамьёза кашида табассумку- нон гуфт:

— Қамбудии шумою муфаттиш як: тамоми ҷихатҳои мусба* ти баёноти ҷавонро соқит мекунетон. Наход набинед, ки шумо гоҳ ба вай фикрҳои зиёди беасос, гоҳ фикрҳои ниҳоят ками бе- асос нисбат медиҳед? Нихоят кам — дар сурате вай чунин саба- бе, ки он хусни таваҷҷӯҳи вакнлони даъворо биёрад, бофтаба- роварда натавонистааст; ва аз хад зиёд — дар сурате ки ба гуф- танн чунин дурӯғ забонаш гашта, мақтӯл номи калламушро ба забон бурд ва сарулибос ғоиб шуд, гуфтааст. Не, сэр, нуқтаи назари ман ин аст, ки хамаи гапҳои ҷавон гуфтагӣ — хақика- танд. Бинем канӣ ин фарзия чӣ натиҷа медихад? Ҳоло ман бо Петраркаи кисагиам машғул мешавам. То ба ҷои воқеа нара« сем, дар ин бора як даҳон ran назанед. Дуюмбора мо дар Суин- дон ношто мекунем. Ба фикрам, пас аз бист дақиқа мо ба оа ҷо мерасем.

Соат кариби чор буд, ки мб водии хушманзари Страуд ва Сэверни васеи дурахшандаро гузашта, ба шаҳрчаи хурдакака зебои музофотии Росс расидем. Одамчаи оростаи ба хаз монанд, хеле ботахаммул, бо чашмакони айёрона моро дар платформа мунтазир буд. Агарчи вай боронии ҷигарранг ва дар пой мӯза дошта, онро барои қишлоқҷойҳо мувофиқ шуморад ҳам, ман бо осонӣ Лестрейди Скотленд-Ярдиро шинохтам. Мо хамрохв вай то <Хирфорд Арзаэ омадем, ки дар он ҷо барон мо хона тайёр карда монда буданд.

— Ман карета фармудам,— дар асной чойнӯшӣ гуфт Лестрейд.— Табиати бекарори шумо ба ман маълум. Шумо то ба ҷои ҷиноят нарасед, ором намёгиред.

— Ин аз ҷониби шумо лутфи хеле зиёд аст,— ҷавэб дод Холмс.— Вале хозир хамааш ба нишондоди хавосанҷ вобаста.

Лестрейд ниҳоят дар тааҷҷуб монд.

— Ман фикри шуморо чандон нағз намефахмам,— гуфтвай.

— Ҳавосанҷ чи- кадар нишон медиҳад? Бисту нух, шамол нест, дар осмон як порча ҳам абр наменамояд—борон намебо- рад. Ман бошам як қуттӣ пури сиғар дорам ки онро кашнда та- мом кардан лозим. Ба замми он дивани ин чо назар ба диванҳоя меҳмонхонаҳои расвои дехотӣ нисбатан нағз аст. Ба фикрам им- рӯз бегохӣ ин карета ба ман лозим намешавад.

Лестрейд бо илтифоти мағрурона табассум кард.

— Шумо ахбороти газетахоро хонда, албатта, аллакай ба ягон хулоса омадагистед,— гуфт вай.— Ин масъала рӯз барнн равшан ва ҳар қадар ки чукур мулоҳиза кунӣ, ҳамон қадар он

равшантар мегардад. Вале, албатта, илтимоси зан, ва хусусан чунин як зани дилбарро, рад кардан лозим нест. Вай овозаи шуморо шунида, барои муҳофизаи айбдор маҳз шуморо так- лиф карданӣ шуд, агарчи ман якчанд маротиба ба вай гуфтам, ки он чи ки ман аллакай кардам, шумо зиёдтар аз он ҳеҷ кор карда наметавонед. Худоё! Дар назди дар фойтуни ӯ истода- аст.

Лестрейд нав ин суханонро гуфта буд, ки як духтараки ни- ҳоят сохибҷамол, ки то ҳол мислашро надида будам, тозон ба хона даромад. Чашмони кабудаш барқ мезаданд, лабонаш ним- во буданд, гунаҳояшро сурхии нозук пӯшида буд. Аз шиддати изтироб иноми сабру таҳаммулро аз даст дода буд.

— Ох, мистер Шерлок Холмс!—хитоб намуд ӯ ва чашмаш- ро аз вай канда ба ман ва оқибат, бо қувва-и фаросати занона ба дӯсти ман дӯхт.— Чи тавр хурсандам, ки шумо дар ин чо мебошвд! Ман омадам, ки инро ба шумо гӯям. Ман боварӣ до- рам, ки Ҷеймс гуноҳ надорад. Шумо бояд ба кори худ сар ку- нед ва ҳар чи ки ман медонам, бояд огоҳ бошед. Як лаҳза хам шубҳа накунед. Ману вай аз хурдӣ дӯст будем, ман ҳама айб- ҳои ӯро аз хама нағзтар медонам, вале вай чунон нармдил ме- бошад, ки хатто пашшаро озор намедиҳад. Ҳамаи онҳое, ки ӯро мешиносанд, ин гуна айбмонӣ барояшон тамоман бемаънӣ ме- намояд.

— Мисс Тэнер, умедворам, ки мо ӯро сафед карда метаво- нем,— гуфт Шерлок Холмс.— Бовар кунед, ҳар чи ки аз дас- там биёяд» мекунам.

— Вале шумо хисоботро хондаед ва доир ба тамоми вокеа аллакай фикри муайян доред? Шумо ягон беҳбудӣ намебинед? Худатон боварӣ доред, ки вай гуноҳ надорад?

— Ба фикрам гуноҳ надорад.

— Хайрияте!—хитоб намуд духтар ва бснифтихор сар бар- дошта, довталабона ба Лестрейд нигоҳ кард.— Шумо шунидед? Акнун ман дилбаумедие дорам.

Лестрейд китф дарҳам кашид.

— Метарсам, ки ҳамкори ман дар хулосабарорӣ саросема шуда истодаанд,— гуфт вай. •

— Вале гапашон ҳақ,— ох, ман боварӣ дорам, ки гапашон ҳақ аст! Ҷеймс ба чиноят содир кардан қодир нест. Аз вач.хи ҷанҷоли ӯ ва падараш бошад, ман бохабарам, вай барои он ба муфаттиш хеч чиз нагуфтагист, ки дар ин кор ман қатӣ мебо- шам.

— Чӣ тавр?— пурсид Холмс.

— Ҳозир вақти ягон чизро рӯпӯш кардан нест. Барои ман шуда дар байни Ҷеймсу падараш дилхунукӣ рӯй дода буд. Падари Ҷеймс хеле мехост, ки мо хонадор шавем. Мову Ҷеймс хамеша хамчун як акаву хоҳар аз бачагӣ ҳамдигарро дӯст ме- доштем, вале ӯ албатта, ҳодир хеле ҷавон аст, чашми зиндаги- ро намедонад ва... ва... вай, хуллас, ӯ будагӣ гап, дар фикри зан- гирӣ хам набуд. Ба ҳамин сабаб якзайл ҷанҷол рӯй медод ва ман боварӣ дорад, ки ин ҳам яке аз ҳамон хел чанҷолхо буд.

— Падари шумо чӣ? — пурсид Холмс.— Оё вай хонадор шудани шуморо мехост?

— Не, вай ҳам муқобил буд! Ба ғайр аз падари Ҷеймс, ин- ро ҳеҷ кас намехост.— Вақте ки Холмс кунҷковона ба рӯи дух- тар чашм дӯхт, чеҳраи зебояш лолагун шуд.

— Барои ин маълумотҳо муташаккирам,— гуфт вай.—Агар фардо ба хонаатон равам, падаратонро дида метавонам?

— Метарсам, ки духтур рухсат намедиҳад.

— Духтур?

— Ҳа, магар шумо намедонед? Солҳои охир падари бечора- ам якзайл аз касал намебарояд, вале ин фалокат ӯро тамоман аз по афтонд. Вай бистарӣ шуда монд ва духтур Виллуоз мегӯ- яд, ки аз ин руссаи ба. сараш омада асабҳояш сахт ба хаяҷон омадаанд. Мистер Мак-Карти ягона каси бархаёте буд, ки як замоне дар Внктория падарамро мешинохт,

— Ҳм! Дар Виктория? Ин хеле муҳим.

— Ҳа, дар конҳо.

— Комилан дуруст, аз рӯи донистанам мистер Тэнер молу давлаташро дар конҳои тилло ғундошта буд?

— Ҳа, албатта.

— Ташаккур, мисс Тэнер. Шумо ба ман хеле ёрдам кардед.

— Фардо агар ягон гапи нав барояд лутфан ба ман хабар диҳед. Фардо шумо ба ҳабсхона рафта Ҷеймсро хабар меги- рифтагистед? Оҳ, мистер Холмс, агар шумо ӯро бинед, гӯед ман боварии комил дорам, ки ӯ бегуноҳ аст.

— Ҳатман мегӯям, мисс Тэнер.

— Ман шитоби хонаравй дорам, чунки падарам касали сахт аст! Вай бе ман хеле зиқ мешавад. Хайр, худо мададгоратон бошад!

Вай чи тавре, ки шитобон вориди хона гардида буд, ҳамчунон бо шитоб аз хона баромад ва мо тақар-тукури дур шудани чархҳои фойтуни ӯро шунидем.,

— Аз рафтори шумо ман шарм мекунам, Холмс,—пас аз дақиқае хомӯшӣ бовиқор гуфт Лес/рейд.— Чаро шумо ӯро умед-

вор мекунед, дар сурате ки илоҷи сафед кардани ҷавон нест. Худи ман хам чандон раҳмдил нестам-ку, аммо ин рафтори шу- моро берахмона мешуморам.

— Зоҳиран ман рохи халосии Ҷеймс Мак-Картиро дида истодаам,— гуфт Холмс.— Шумо барои ба ҳабсхона даромадан рухсатнома доред?

— Ҳа, лекин танҳо барои ҳардуямон.

— Дар он сурат ман қарори аз хрна набаромаданамро тағь- ир медихам. Барои ин бегоҳ маҳбусро дидан, мо ба Хирфорд рафта расида метавонем?

— Метавонем. ' ..

— Ин тавр бошад рафтем! Уотсон, 'ба гумонам, шумо зиқ мешавед, вале пас аз ду соат ман гашта меоям.

— Ман онҳоро то станция гусел карда, кӯчаҳои шахрчаро давр задам ва оқибат ба меҳмонхона баргашта, ба нимкати мулоим дароз кашида ба хондани романи кӯчагӣ сар. кардам. Аммо.назар ба фоҷиаи пурдаҳшат дар- пеши назари мо ошкор шуда истода сюжети қисса нихоят фач буд. Ман пай бурдам, ки фикри ман якзайл аз китоб ба амри воқеъ бармегардад, би- вобар хамин китобро ба кунҷи дигари хона партофтам ва ба фикри воқеаҳои имрӯза дода шудам. Агар тахмин кунем, ки ба- ёноти ин ҷавони бадбахт комилан рост аст, он гоҳ дар муддате, ки вай аз назди падараш дур шуда баъд дубора ба фарьёди ӯ расида омад, чи балои бад, чи фалокати ғайричашмдошт ва аз ақл берун рӯй дода метавонист? Ин даҳшатангез, як чизест, ки ба ақл рост намеояд. Онҷй буда-наш мумкин? Лекин агар ман ҳамчун духтур ба хусусияти ҷароҳат шинос шавам, мумкин аст, воқеа равшантар гардад. Ман телефон карда, шуморахои охирини газетаҳои маҳаллиро, ки тафсили ин воқеаро як-як ба- ён карда буданд, талаб кардам.

Дар баёноти чарроҳ муайян карда шуда буд, ки устухони сеюми фарқи сар ва қисми чапи устӯхони паси сар бо аслиҳаи кунд зада маҷақ карда шудааст. Ман ҳамон ҷои сари худамро даст-даст карда дидам. Бешубха, чунин зарбаро фақат аз қафо задан мумкин буд. Ин то як андоза гумону Шубҳаро аз гарда- ни чиноякгкор мебардошт, чунки дар вақти муноқиша ӯро бо марҳум рӯ ба рӯ дидаанд. Вале ба ин чандон аҳамият додан лозим нест, чунки пеш аз задан, падараш рӯ гардониданаш мум-« кин-буд. Ҳарчи набошад дар ин бора ҳам ба Холмс хабар додан лозим. Баъд ном бурдани калламуш ба назарам хеле аҷиб на- муд. Ин чӣ маънй дошта бошад? Ба ҳар ҳол ин олоӣ нест. Ода- ме, ки аз зарбаи ногаҳонӣ мемурад, ҳеҷ гоҳ олоӣ намегӯяд. Не

шояд, вай фаҳмонданӣ шудааст, ки чи ^авр марги худро истиқ- бол кардааст. Вай чи гуфтанӣ будааст? Ман дуру дароз кӯшиш намудам ягон шарҳу баёни муносибе пайдо кунам. Воқеаи ли- боси хокистаррангро, ки Мак-Картии чавон дида будааст, ба хотир овардам. Агар ин ҳақиқатан ҳамин тавр бошад, пас, қо- тил вақти гурехтанаш ким-чиро — эҳтимол, он пальто бошад,— гум кардааст ва рӯйнатониро аз ҳад гузаронда, гашта омада, бист қадам дур, вақти дар назди мақтул сари зону истодани пи- сар онро аз қафо гирифта гурехтааст. Дар ин воқеа чи гуна печдарпечии пурасрор ва аз ақл берун дида мешавад!

Фикри Лестрейд маро дар тааҷҷуб намононд, вале ман ба дурбинии Холмс бовар намуда, умедамро намекандам: то хол ба назарам чунин менамуд, ки ҳар як ҷузъйёти нав боварии ӯро ба бегуноҳ будани Мак-Картии ҷавон қавитар мекунад.

Вақти гашта омадани Холмс рӯз тамоман бевақт шуда буд. Ӯ худаш танҳо буд, чунки Лестрейд дар шаҳр монда буд.

— Ҳавосанҷ хеҷ паст намефурояд,— нишаста истода гуфт вай'—То ба чои фоҷиа рӯй додагӣ рафта расидани мо борон наборад шудаст! Охир одам тамоми қувваи ақл ва дилашро бо« яд ба чунин кори аҷиб сарф кунад. Росташро гӯям, аз дурии роҳ хаста шуда, ба кор шурӯъ карданӣ набудам. Ман бо М.аК' Картии ҷавон вохӯрдам.

— Аз вай чӣ фаҳмидед?

— Ҳеҷ чиз.

—- Масъала равшантар-ку нашуд?

— Ягон қадар ҳам. Ман гумон карда будам, ки номи ҷиноятқорро медонад ва онро руст мекунад. Аммо акнун боварӣ до- рам, ки чи тавре он барои ҳама касони дигар муаммо бошад, барои вай низ муаммо аст. Мак-Қартии чавон чандон ақли ра- со надорад, аммо хеле дӯстрӯй мебошад ва ба назарам чунин намуд, ки одами ахлоқан вайрон нест.

— Агар ин хақиқатан рост бошад, ки ӯ ба мисс Тэнер барин духтари зебо хонадор шудац нахостааст, ман завқи ӯро наме- писандам,— гуфтам ман.

— Оҳ, дар зери хамаи ин воқеаи ниҳоят ногуворе ниҳон аст! Вай духтарро ҳарисона, мачнунвор дӯст медорад. Вале ду сол пеш, вақти духтар дар пансион ва худаш наврас будан, ме- донед чй кор кардааст? Ин аблаҳ ба чанголи як буфетчизани бритолй меафтад ва бо вай ақди никоҳ мебандад. Дар ин бора ҳеҷ кас хеҷ чиз намеХонад, вале ба худ тасаввур карда мета- вонед шунидани таънаю маломат ба писар чи гуна азиятовар буд, яъне вай он кореро ба ӯхда намегирад, ки тайёр аст, нис-

фи умрашро диҳад. Сабаби дар ҷавоби талаби падараш, ки мисс Тэнерро ба занӣ хоҳад, маъюс шуда дастонашро ба осмон бардоштанаш ана ҳамин аст. Аз тарафи дигар, ӯ имконияти худмудофиакуиӣ надоштааст ва падари ӯ, чи тавре ки ҳама тасдик, мекунанд одами тундхӯе будааст, агар ҳақиқати гапро мгедо- нист, ӯро доимӣ зада аз хона пеш мекард. Ҷавон се рӯзи охир- ро бо зани буфетчиаш дар Бристол мегузаронад ва падараш дар кучо будани ӯро намедонад. Ин лахзаро дар хотир нигох доред, ин хеле муҳим мебошадгВале то бад нагӯй, нек пеш нао- яд. Буфетчизан аз газедаҳо мефаҳмад, ки шавҳарашро ба ҷи- нояти сахте гунаҳкор мекунанд ва, эҳтимбл, ба наздикӣ ӯро ба дор кашанд, аз ин рӯ дархол' уро партофта, ба вай мактубе на- вишта иқрор мешавад, ки кайҳо боз вай шавхари дигари қонунӣ дорад ва шавхараш дар докн (таъмиргоҳи киштӣ) Бирмуид зиндагӣ мекунад ва ба мистер Ҷеймс Мак-Карти ҳақиқатан хеҷ дилбастагӣ надорад. Ба фикрам, ,ин хабар тамоми ранҷу азоби Мак-Картии ҷавонро бархам медихад.

— Вале агар ӯ гунахкор набошад, пас қотнл кист?

— Х.а, қотил кист? Ман диққати шуморо ба чунин ду чихати вазъият ҷалб менамоям. Якум: марҳум мебоист бо ким-ки дар лаби кӯл вомехӯрд ва он шахс писари ӯ буда наметавонист, чунки вай баромада рафта, кай гашта омаданаш маълум на- буд. Дуюм: падар омадани писарашро ҳанӯз нафаҳмида, «Коу!» гуфта фарьёд мезанад. Ин нуқтаҳои асосие мебошанд, ки онхо натиҷаи мурофиаро-лешакй ҳал мекунанд... Агар майл дошта бошед, ҳоло биёед, дар бораи эҷодиёти Ҷорҷ Мередит [1] ran ме- занем ва ҳама корҳои дуюмдараҷаро то фардо мавкуф мегузо- рем.

Чи тавре, ки Холмс пешгӯй кард, борон» наборид; пагохаш лаво софи беабр шуд... Соати нуҳ Лестрейд савори карета барои бурдани мо омад ва мо ба фермаи Хазерлей ва кули Боском равон шудем.

— Хабарҳои ҷиддӣ,— гуфт Лестрейд.— Мегӯянд, ки аҳволи мистер Тэнер аз Холл хеле бад шудааст ва дароз умр намеби- над.

— Шояд, хеле пир бошад?— пурсид Холмс.

— Ба таки шаст рафтагӣ ва дар мустамликаҳо саломатиаш- ро аз даст додаахгт ва кайҳо боз касали сахт мебошад. Ба бо- лои касалӣ боз ин вокеа сахт таъспр мекунад^ Ӯ дӯсти дерини Мак-Карти ва илова бар он валинеъмати ҳақиқии ӯ буд. Чи

[1] *Ҷорч Мередит (1828—1909)* вависандан маъруфи англис.

тавре, ки ба ман маълум гардид, мистер Тэнер, ҳатто ба ивази фермаи Хазарлей аз вай иҷорапулӣ намегирифтааст.

— Ҳамту гӯй! Ин хеле ғалатй,— хитоб намуд Холмс.

— Ҳа, Ва мистер Тэнер боз бо ҳаргуна воситаҳои гуногун ба ӯ ёрдам мекардааст. Хама дар ин ҷо мегӯянд, ки мистер Тэнер нисбат ба мархум хеле мехрубон буд.

— Наход! Ва ба назари шумо то як андоза ғайри муқарра- рӣ нанамуд, ки Мак-Карти, одами начандон давлатманд, аз мистер Тэнер беҳад миннатдор буда, ба хар хол дар бораи ба духтари Тэнер, меросхӯри тамбми молу давлат, хонадор карда- ни писараш гоҳ-гоҳ ran мезадааст? Ва боз бо чунин оханги қатъӣ, ки гӯё баробари таклифи издивоҷ кардан хамааш соз мешудааст! Ин бағоят аҷиб. Охир ба шумо маълум, ки Тэнер дар бораи заношуии онхо хатто ҳарфе шунидан намехостааст, духтараш худаш дар ин бора ҳикоя кард. Аз ҳама он чи, ки гуф- та шуд, бо усули дедукция (аз кул ба ҷузъ пай бурдан) ягон хулоса бароварда наметавонед?

— Мо бо дедукция ва хулосаҳои мантиқй машғул шудеи.— ба ман чашмак зада гуфт Лестрейд.— Холмс, оё медонед, агар минбаъд ҳамчунин далёлҳоро ба кор бурдан гирем, бо осонӣ аз хакиқат дур шуда, ба олами тахмину хаёл рафтан мумкин.

— Гапи рост-рост,— бо таҳаммул ҷавоб дод Холмс.— Шумо аз далелхо хеле бад истифода мекунед.

— Ҳар чи ки бошад, ман як далелро тасдиқ намудам, ки барои идроки шумо хеле душворӣ кард,— бо асабият рад на.муд Лестрейд.

к

— Яъне —чи...

— Ҳамин кй Мак-Картии калонй бо дастй Мак-Картии хур- дӣ кушта шуд ва ҳар як назарияи инро инкор мекардагӣ — рӯз барин равшан аст.

— Вале тобиши моҳ аз туман дида хеле равшантар аст!— хандида ҷавоб дод Холмс.— Агар саҳв накунам, дар тарафи ча- ии мо фермаи Хазарлей ҷой гирифтааст.

— Худи худаш. . .

Ин як бинои хеле калони дуошьёнаи шиферпӯши дорои васоили роҳат буда^ дар девори хокистарранги рӯ ба рӯи он доғ- ҳои зарди калон-калони ушна дида мешуданд. Пардаҳои фаро- вардаи тирезахо ва дудкашқое, ки аз онҳо дуд намебаромад, намуди хонаро хузпангез мегардонид, ки гӯё ҷиноияти ҳавлнок бо тамоми вазни худ бар болои девррҳои он мехобид.

Мо ба дар наздик шуда занг задем ва духтархона мувофиқи талаби Холмс ботинкаҳоеро, ки хӯчаинаш рӯзи кушта шуданаш

пӯшида буд ва пойафзо^и ҳамон рӯз пӯшидагии писарашро нишон дод. Холмс ҳафт ё ҳашт ҷой пойафзолро бодиққат чен кард, баъд илтимос намуд моро ба рӯи хавлӣ барацд ва аз он ҷо бо пайрахаи качу килебе, ки ба лаби кӯли Боском мебурд, равон шудем.

Шерлок Холмс вақте ки бо 'изи-нав мерафт, тамоман тағь- ир меёфт. Шахсоне, ки ин марди оқили хунсардро аз Бейкер Стрит медонистанд, хозир дида ба ҳеҷ вақҳ намешинохтанд. Ӯ малул гардида, чеҳрааш гулгун гашта буд. Абрувони -ӯ мис- ли ду хати сиёхи дурушт дароз кашида шуданд, аз зери оичо чашмонаш сардона медурахшиданд. Сарашро паст кард, кит- фонаш ҳам ва лабонаш ,сахт фишурда шуданд, дар гардани серрагу паяш рагҳои варид ҷаста- баромаданд. Сӯроххои би- нии ӯ мисли сӯроххои бинии шикорчӣ, ки беихтиёр саргарми дунболгирии дарранда мебошад, васеъ шуда буданд. Вай ба андозае саргарми иҷрои вазифаҳои дар пеш истода буд, ки ба саволҳо ё ҳеҷ чиз ҷавоб намедод, ё бесаброна ҷавоби тунд ме- гардонид.

Вай аз пайрахае, ки аз беша ва чакалак гузашта ба назли кӯли Боском мебурд, хомӯшона тез-тез қадам зада мерафт. Ин ҷо тамоми водӣ барин хилват ва серботлоқ аст. Дар пайраха ва назди он, ки алафи паст рӯида буд, йзи бисьёр дида мешуд. Холмс гоҳ шитоб мекард, гоҳ меистод, як дафъа якбора ба ақиб баргашт ва аз алафзор якчанд қадам ақиб гузошт. Лестрейд ва ман аз қафои ӯ мерафтем, пайгир бо намуди бепарвоёна ва беэътиноёна, ман бошам бо шавқу завқи зиёд ба кору рафто- ри дӯстам менигаристам, чунки боварӣ доштам, ки ҳар як хара- ^кати вай ба анҷоми бомуваффақияти кор бурда мерасонад.

Кӯли Боском — кӯли начандон калони бараш тахмин пан- ҷоҳ ярд[1] буда, атрофи онро қамишзор иҳота кардааст ва дар худуди фермаи Хазарлей ва боғи*давлатманд мистер Тэнер во- кеъ гардидааст. Бар болои бешае, ки он ба сохили дури кӯл омада мечаспид, мунорачахои нӯгтезе намудор буданд, ки бар болои бинои хонаи заминдор'қад афрошта буданд.

Беша аз тарафи Хазарлей хеле анбӯҳ мебошад; танҳо рэҳи борики алафи нами васеиаш тахмин бист метр. дарахтони охи- ринро аз қамишҳо, ки кӯлро ҳошия кашидаанд, ҷудо мекунад. Лестрейд ҷоеро, ки часадро ёфта буданд, аниқ нишон дод; за- мин ҳақиқатан чунон тар буд, ки ман ҷои афтидагии мақтулро баръало дида тавонистам. Аз рӯи чеҳраи пурҳаракат ва нигоҳи

[1] Ярд — қариб 0,9 метр.

бодиққати Холмс ман медидам, ки вай синча карда дар рӯи алафи пойзеркарда бисьёр чизҳоро шинохт. Вай мисли саги то- зие, ки из гирифтааст, ба ҳар тараф метохт ва баъд ба ҳамса- фари мо рӯй овард:

— Шумо дар ин ҷо чӣ кор карда будед?— «урсид вай.

- — Ман тамоми алафзорро бо хаскашак тоза карда барома- дам. Ман ягон аслиҳа ё нишони дигар мекофтам. Вале чи тав- ре ба шумо муяссар гардид...

— Хайр бас, ман вақт надорам] Шумо пои чапатонро каҷ мегузоред ва изи ин пои чапи шумо дар ҳама ҷой дида меша- вад. Ҳатто курмуш шуморо таъқиб карда ёфта метавонад. Ва- ле дар ин ҷо; дар байни қамишҳо изҳо нопадид мегарданд. Оҳ, агар ман то ҳама чизи ин ҷоро поймол кардани подаи говмеш- ҳо меомадам, муайян кардани ҳамаи ин чи тавр осон мебуд! Дар ин чо онҳое истодаанд, ки аз қаровулхона омада буданд, онҳо тамоми изҳоро дар атрофи мақтул ба масофаи шаш ё ҳафт фут[1] зер кардаанд.

Вай пурбинро бароварД, ба рӯи боронии обногузар дароз кашид, то ки изҳоро дурусттар бубинад ва аз мо дида бештар бо худ ran мезад.

— Ана изҳои пои Мак-Картии ҷавон. Вай аз ин чо ду ма- ротиба гузащтааст ва як дафъа чунон тез тохтааст, ки қариб изи пошнаҳояш дида намешаванд, аммо изи қисми боқимондаи кафакиаш баръало намоён мебошад. Инро баёноти ӯ тасдиқ ме- намояд. Ӯ вақте, ки падарашро дар рӯи замин хобидагӣ меби- над, метозад. Онсӯтар, ана дар ин ҷо изи пои падараш намоён ки пасу пеш қадам зада будааст. Ин чӣ? Изи қундоқи милтиқе, ки писар ба он такья карда, гапи падарро гӯш мекардааст. Инаш чӣ? Ҳа, ҳа, ин чӣ? Ким-ки нӯг-нӯги по поида-поида наз- дик шудааст! Ба замми ин онҳо ботинкаҳои чоркунҷаи ғайриод- дӣ. Вай омада, гашта рафтааст ва аз нав гашта омадааст — ин дафъа, албатта, барои пальтояш. Вале аз куҷо омадааст?

Холмс ин тараф, он тараф метохҒ, баъзан изро гум мекард, баъзан аз нав меёфт, оқибат мо ба канори беша ба сояи қара- ғаи хеле калони пир расидем. Холмс изи пои ӯро ёфт ва аз нав ба шикам хобид. Нидои хурсандона баланд гардид. Холмс то хеле вақт начунбида истод, баргҳои рехта ва шоҳчаҳои хушкро чаппа карда медид, ба гарду чанг монанд ким-чиро ба конверт меандохт ва ба воситаи пурбин замин ва то андозае ки қадаш мерасид, пӯсти дарахтро аз назар мегузаронид. Санги қирахояш

[1] *Фут* — қариб 0,3 метр.

ноҳамвор дар байни ушна мехобид; вай онро бардошта аз назар гузаронид. Баъд то роҳ ба пайраха рафт, ки дар он ҷо изи пой- ҳо гум мешуданд.

— Ин санг аҳамияти калон дорад,— ба оҳанги муқаррарии худ баргашта гуфт ӯ.— Хонаи хокистарранг аз тарафи рост — бояд қаровулхона бошад. Ман ба назди Морен медароям, ки ба вай ду даҳан ran зада, номачае нависам. Пас аз ин то ноштои дуюм мо ба меҳмонхона рафта мерасем. Шумо ба назди карета равед, ман ба шумо расида мегирам.

Пас аз даҳ дақиқа мо роҳи Россро пеш гирифтем. Дар дасти Холмс ҳанӯз ҳам санги аз беша гирифтагиаш буд.

— Шояд, ин диққати шуморо ҷалб кунад, Лестрейд,— сангро ба вай дароз карда гуфт Хблмс —Ана бо чи одам кушта шуда- аст.

— Ман дар он ягрн осор намебинам.

— Осор из нест.

— Дар он сурат инро чи тавр фаҳмидед?

— Дар зери санг алаф буд. Санг ҳамагӣ якҷанд рӯз дар он ҷо хобида бӯд. Дар гирду атроф ҷои санг гирифтагӣ маълум набуд. Ин ба куштор бевосита алоқаманд мебошад. Осори ягон аслиҳаи дигар нест.

— Қотил чӣ?

— Вай шахси қоматбаланди чапдаст буда, пои росташ мелангад, мӯзаи шикорчигии тагчармиаш баланд ва пальтои хокистарранг пӯшида мегардад, сигори ҳиндиро бо мундштук мекашад, дар киса қаламтароши кунд дорад. Боз якчанд нишо- наи дигар дорад, вале барои ҷустучӯи мо ҳаминаш ҳам кифоя.

Лестрейд хандид.

— Мутаассифона, ман то ҳол шаккок будам ва шаккок мон- дан мегирам,— гуфт вай.— Назариятҳои шумо хеле хубанд, ва- ле бояд бо вакилони даъвои каллакадуи британӣ сару кор дош- та бошем.

— Инашро мебинем,— оромона ҷавоб дод Холмс.— Усуля кори шумо дигару усули кори ман дигар... Воқеан, шояд, маи нн бегоҳ бо поезди шабона ба Лондон баргардам.

— Ва коратонро ба охир нарасонда меравед?

— Не ба охир мерасонам.

— Хӯш, кушоиши асрор чӣ мёшавад?

— Асрор кушода шуд.

. — Дар он сурат ҷинояткор кист?

— Ҷентльмене, ки ман тасвир кардам.

— Вале ӯ кист?

— Инро бо осонӣ фаҳмидан мумкин. Дар ин ҷо аҳолӣ чав- дон бисьёр нест.

Лестрейд китф дарҳам кашид.

—. Гапу кори ман як,—гуфт вай,—ва ба ҷустуҷӯи ҷентль- мене, ки фақат ланг ва чапдаст буданаш маълум аст, ҳеҷ маш- ғул шуда наметавонам. Ман дар он сурат хандахариши тамоми Скотленд-Ярд мешавам.

— Хуб,— рромона ҷавоб дод Холмс.— Ман барои кушоиши ин асрор тамоми имкониятҳоро ба шумо муҳайё кардам. Мам охир ягон чизро аз шумо пинҳон надоштам ва худатон ҷиноятм асрорангезро кушсда метавонистед. Ана мо расидем, Хайр. Пеш аз рафтан ба шумо менависам.

Мо Лейстрейдро дар йазди дари хонааш фуроварда ба меҳ- монхона, ки ношто моро мунтазир буд, равон шудем.

Холмс ғарқи фикру хаёли худ хомӯш менишаст, Чехрааш мисли шахси ба сараш сахтӣ омадагӣ маҳзун буд.

— Уотсон, гӯш кунед,— вақте ки рӯи мизро ғундоштанд, гуфт вай.— Ба ин курсии роҳат нишинед ва як чиз-ним чизеро, ки ба ман маълум аст, ба шумо баён кунам. Чи кор карданамро намедонам. Мехостам аз шумо маслиҳат пурсам. Сигор кашед. ман ҳозйр сар мекунам.

— Марҳамат.

— Хуш, дар вақти омӯхтани ин кор дар ҳикояти Мак-Картии ҷавон ду нуқта моро дар тааҷҷуб мононд, агарчи онҳо маро **ба** ӯ моил кунонданд, шуморо бошад ба муқобилаш барангезон- данд. Аввалан, хамин ки падар то дидани писараш «КоуІ» гуф- та фарьёд зад. Дуюм, ки мақтул фақат калламушро хотирра- сон кард. Мефаҳмед, вай ғур-ғур карда якчанд калима мегӯяд, вале писар фақат як калимаашро мефаҳмад. Кофтукови мо бо- яд аз ҳамин ду нуқта сар шавад. Фарз кардем, ки тамоми гуф* таҳои ҷавон — комилан дурустанд.

— «Коу>-аш чист?

— Зоҳиран, вай- писарашро ҷеғ намезадааст. Вай фикр ме- кард ки писараш дар Бристол мебошад. Писараш ин *овозро тамоман тасодуфан мшунавад. «Коу!» гуфта ҳамон к^серо ҷеғ мезадааст, ки ба ӯ мулоқот таъин карда будааст. Вале «коу>— калимаи австралиягӣ буда, он фақат дар байни австралиягиҳо дар гуфтугӯ мебошад. Ин далели беасос чиддӣ аст, шахсеро, ки Мак-Карти дар назди кӯли Боском вохӯрданӣ будааст, авст- ралиягӣ будааст.

— Хуш, калламуш чӣ дахл дорад?

Шерлок Холмс аз киса коғази чорқадеро бароварда, онро

дар рӯи миз тахт кард.— Ин харитаи штати Виктория мебо- шад,— гуфт вай.— Шаби гузашта ба Бристоль телеграмма ра- вон кардам ки онро барои ман фиристанд.— Вай бо кафи даст як қисми харитаро пӯшид.— Хонед,— илтимос кард вай.

— АРЭТ[1],— хондам ман.

— Хӯш акнун? — ӯ дасташро бардошт.

— БАЛЛАРЭТ.

— Комилан дуруст. Ид хамон калимаи мақтул ифода кар- дагӣ, вале писараш фақат ду хиҷои охнринро шунида аст. Вай кӯшидааст қотилро ном барад. Ба ҳамин тариқ, Балларэт.

— Ин ҳайратангез! — хитоб намудам ман.

— Дар ин ҳеҷ як шакку шубҳа нест. Акнун, чи тавре меби- нед, доира торафт танг шуда истодааст. Либоси хокистарранг доштани ҷинояткор нуқтаи сеюм буд. Мубҳамӣ аз байн мера- вад ва кадом як австралиягии пальтояш хокистарранг аз Бал- ларэт пайдо мешавад.

— Гапатон дуруст!

— Илова бар ин вай сокини маҳаллист, зеро дар назди кӯл, ба ғайр аз ферма ва қурғон, ҳеҷ чиз нес-т ва гумон аст ки ода- ми бегона ба он ҷо равад.

— Албатта.

— Баъд сафари имрӯзаи мо. Ман заминро тадқиқ карда ис- тода, далелҳои нокирое пайдо намудам ва дар бораи онҳо ба ин Лестрейди каллаварам нақл карда додам. Йн барои барқарор кардани шахсияти ҷинояткор дахл дошт.

— Вале он изҳоро шумо чӣ тавр ошкор кардед?

— Усули кори ман ба шумо маълум. Он дар асоси муқоисаи хама гуна далелхои ҷузъӣ қарор дода шудааст.

— Доир ба қадаш, будаги ғап, шумо тахминан аз дарозии кадамаш қазоват мекунед. Доир ба пойафзолаш ҳам аз рӯи изаш пай бурдан мумкин аст.

— Ҳа, ин пойафзоли ғайриоддӣ буд.

— Чӯлоқ буданашро аз рӯи чӣ фаҳмидед?

— Изи пои чапи ӯ назар ба изи пои росташ равшантар буд. Ба пои рост вазн камтар меафтад. Барои чӣ? Барои он ки ӯ мелангидааст — ӯ ланг аст.

— Чапдастиашро аз кучо фаҳмидед?

— Шумо худатон аз рӯи шикастани косахонаи сар, ки ҷар- рох баён кардааст, дар ҳайрат мондед. Зарба аз қафо, аммо аз тарафи чап нохост зада шуда буд. Ин корро одами чапдаст на-

[1] *Arai (а рэт)* — ба забони англисӣ (калламуш».)[

карда кӣ мекард? Дар вақти гуфтугӯи падару писар ӯ дар **па-** си дарахт меистодааст. Вай ҳатто дар он ҷо сигор мекашидаает. Ман хокистари онро пайдо кардам ва ба туфайли навъҳои та- мокуро донистанам, сигори ҳиндӣ кашиданашро муайян наму< дам. Ман, чи тавре, ки ба шумо маълум аст, доир ба ин масъа- ла каме машғул шудаам ва дар бораи хокистари саду **чнл** навъи гуногуни тамокуи чубуқ, сигор ва папирос монографияи хурдакаке навиштаам. Ман хокистари сигорро дида, гирду **ат-** рофро аз назар гузаронидам ва ҷои партофтагии онро ёфтам. Он сигори ҳиндие буд, ки дар Ротердам тайёр карда шудааст.

— Мундштук доштанашро чӣ тавр фаҳмидед?

— Дидам, ки онро ба даҳон нагирифта аст. Аз ин мебаро- яд, ки сигорро бо мундштук мекашад. Нӯгаш газида кандагӣ не, балки бурида шуда буд, аммо ҷои буридагӣ баробар набуд, аз ин рӯ ман карор додам, ки кордаш кунд аст.

— Холмс,— гуфтам ман,— шумо ҷиноятқорро ба доме афтонидаед, ки вай аз он халос хӯрда наметавонад ва ҷони ҷаво- ни бегуноҳро аз марг раҳондед, шумо ҳалқаи дорро аз гарда- ни ӯ гирифтед. Ман мебинам, ки ҳама далелҳои шумо дар ку- чо ба хам мепайванданд. Номи қотил...

— Мистер Ҷон Тэнер,—-дари ҳуҷраи моро кушода ва меҳмонро пеш гузаронда арз кард официант.

-Андоми меҳмон аҷиб, тамоман ғайриоддӣ буд. Оҳиста-оҳис- та ва лангон-лангон роҳгардӣ ва китфони поин фуровардааш ӯро фартут нишон медоданд, дар сурате ки тарҳи рӯи барҷас- таи дағалаш ва дасту иои .азимаш аз он шаҳодат медоданд, ки вай дорои фавқулодда қуввати ҷисмонӣ мебошад. Риши жӯли- да, мӯи мошубиринҷ ва абрувони парешону овезони болои чаш- монаш ба вай намуди пурғурур ва омирона медоданд. Вале чехраи ваи бури хокистарранг буда, лаб ва сӯроххои биниаш тобиши кабудча доштанд. Баробари дидан фаҳмидам, ки вай ба кадом як дарди бедавои доимӣ гирифтор мебошад.

— Марҳамат ба диван нишинед,— халимона таклиф кард Холмс.— Шумо номаи маро гприфтед?

— Ҳа, онро дарбон овард. Шумо навиштед, >ки барои ба са- рам чанҷол наовардан маро диданиед.

— Ба фикрам, агар ман дар суд баромад кунам, хар хел рапҳо шуданаш мумкин.

— Ман ба шумо чи даркор шуда мондам?

Тэнер ба дӯсти ман назар андохт. Дар чашмони хастаи вай он қадар маъюсӣ дида мешуд, ки гӯё аллакай ҷавоби саволаш- ро гирифта буд,

— Ҳа—, аз суханонаш дида, бештар ба нигоҳӣ ӯ ҷавоб до- да ғур-ғур кард Холмс.— Ин ҳамин тавр. Дар бораи Мак-Кар- ти ҳамааш ба ман маълум.

Пирамард рӯяшро бо даст пӯшид.

— Худоё, мададгор бош!— хитоб намуд вай.— Вале ман ба марги ҷавон роҳ намедодам! Агар кор то суди сайёри вакилони даъво рафта мерасид, ба шумо қасам мехӯрам, ки тамоми ҳақиқатро гуфта медодам.'..

— Аз шунидани ин шодам,— ҷиддӣ гуфт Холмс.

— Агар духтари дилбандам намебуд, ман кайҳо ҳамаашро гуфта медодам. Ин дили ӯро реш мекард, вай ба ҳабси ман тоб намеовард.

—• Корро то ҳабс ҳам нарасбндан мумкин,— ҷавоб дод Холмс.

— Наход?

— Ман шахси ғайрирасмӣ мебошам. Азбаски духтари шумо моро таклиф кардааст, ман ба нафъи ӯ амал мекуяам. Шумо худатон медонед, ки Мак-Картии ҷавон бояд озод карда шавад.

— Аҷали ман наздик аст,— гуфт Тэнери пир.— Ман солҳои зиёд инҷониб касали қанд мебошам. Духтари ман шубҳа меку- над, ки ман як мох умр мебинам ё не. Ба қар ҳол аз маҳбас дида, дар хонаи худам осудатар мемурам.

Холмс аз ҷой хесту ба мизи хатнависӣ наздик рафта, пар ва коғаз гирифт.

— Ҳамаашро як ба як нақл кунед,— таклиф кард вай,— ман бошам ба таври кӯтоҳ менависам. Шумо онро имзо мегузоред, Уотсон бошад тасдик мекунад. Факат дар сурати ниҳоят зарур шуда мондан, агар Мак-Картиро наҷот додан лозим шавад, ман .эътирофоти шуморо пешниҳод мекунам. Дар акси хол ба шумо ваъда медиҳам ки ин корро намекунам.

— Бисьёр хуб,—ҷавоб дод пирамард,—гумони . ғолиб аст, ки ман то омадани суди сайёр умр намебинам, аз ин рӯ ин ма- ро хеле кам ба изтироб меандозад. Ман фақат мехостам, ки Алисаро аз чунин зарба халос кунам. Акнун ман ҳамаашро ба шумо хикоя карда медиҳам... Ин бисьёр дуру дароз давом кард, вале ман онро х.еле зуд гуфта дода метавонам... Шумо марҳум Мак-Картиро намедонистед. Ба гапам бовар кунед, ки ӯ иблиси хакикӣ буд. Худо шуморо ба чанголи ин хел одам гирифтор накунад! Бист соли охир ман дар шиканҷаи ӯ будам, вай ко- милан хаёти маро талх мекард.

Аввал ба шумо нақл мекунам, ки чи тавр шуда ман ба чан- гэли гирои вай афтидам. Ин воқеа аввалҳои соли шастум дар

конҳои тилло рӯй дод. Ман он гоҳ тамоман ҷавон, беандеша, тундмизоч ва ба ҳар кор тайср будам. Ман ба ҷамъияти дйё- шон афтида мондам ва ба араҳҳӯрй одат кардам. Дар қитъаи ман як зарра тилло ҳам ёфт нашуд— ман ба оворагардӣ. шурӯъ кардам ва ба қавли шумо мардум саркардан дуз- дон шудам. Мо шаш нафар буда, зиндагии ғайрътабий бофа« роғат ба сар мебурдем, сари ҳар чанд вақт ба станцияҳо ҳам« ла меовардем, дар роҳҳои кднҳо фургонҳоро нигоҳ медоштем, Маро Ҷеки Сиёҳпӯши Балларэт меномиданд. То ҳол ҳамроҳо- ни маро дар мустамликаҳо ҳамчун дастаи Балларэт дар хотир доранд.

Як дафъа дар таҳти муҳофизати посбонон аз Балларэт ба Мельбурн тиллр фиристоданд. Мо камин гирифтем. Тиллоро шаш посбон муҳофиза мекард, мо ҳам шаш нафар будем: «За- духӯрди қат.оле рӯй дод. Мо бо тири аввалин кори чор касро ҷо ба ҷо тамрм кардем! Аммо вақте, ки ғаниматро ба даст даровар* дем, мо фақат се нафар монда будем. Ман мили таппончаро ба чаккаи аробакаш мондам — вай ҳамин Мак-Қарти буд. Худоё, кошки ман дамон вақт ӯро, мекуштам! Вале ман ба вай рахм кардам, агарчи пай бурдам ки ӯ бо чашмони хурди бадчаҳлаш ба ман нигариста, гӯё мехохад тарҳи рӯи маро дар ёд нигоҳ дорад. Мо тиллоро ба даст дароварда, давлатманд шудем ва ҳеҷ кас аз мо гумонбар нашуда ба Англия омадем. Ман дар ия чо аз дӯстони дерини худ абадӣ ҷудо шуда, зиндагии ороми осудаҳолона сар кардам.

Ман ин мулкро, ки ҳамон вақт ба фурӯш гузошта шуда буд, харидам ва кӯшиш намудам,-ки бо пулҳои худ ақаллан камв ба мардум^ нафъ расонам, то илоҷе намуда гуноҳҳои дар гузаш- та кардаамро кафорат кунам. Ба замми он ман зан гирифтам ва агарчи занам ҷавон мурда бошад ҳам, вай Алисаи хурдака- ки нозанинро ба ман монда рафт. Ҳатто вақте ки Алиса тамо- ман хурдакак буд, дастчаҳои кӯчакаш' аз ҳама бештар дар ду- ньё маро дар роҳи ҳақ нигоҳ медошт. Хуллас, ман бо гузашта абадӣ хайрухуш намудам. То дами ба дасти Мак-Қартр афти- дан хамааш айни муддао буд...

Ман бо корҳои молиявӣ ба шаҳр рафтам ва дар Риҷент- стрйт Мак-Картиро вохӯрдам. Дар тани ван на пальто ва дар пояш на пойафзоли дуруст буд.

«Ана мо вохӯрдем, Ҷек,— дасташро ба дастам расонда гуфт вай.— Акнӯн ману шумо дигар ҳеҷ гох аз ҳамдигар ҷудо намешавем. Ман танхо нестам: писарчае хам дорам ва шумо бояд дар хаққи мо ғамхорӣ кунед. Дар акси ҳол, шумо медонед, ки

Англий мамлакатӣ нағзест: дар ин ҷо қонунҳоро эҳтиром мекунанд. Ғайр аз ин, дар ҳама ҷо полисмен хаст».

Вай ҳамроҳи писараш кӯчида ба ғарб омад ва ман аз он- ҳо илоҷи халосӣ надоштам, онҳо дар мулки ман бепул зиндагӣ мекарданд. Ман на ором доштам, на фароғат, на худро ба дас- ти фаромӯшӣ дода метавонистам. Ба ҳар куҷо ки намерафтам, ба башараи хунуки маккор ва писхандомези ӯ дучор меомадам. Вақти Алиса ба воя расидан аҳвол боз ҳам бадтар шуд, чунки вай пай бурд, ки барои ман аз харгуна полиция дида, даҳшат- ноктараш ҳамин мебошад, ки духтарам аз.гузаштаи ман во- қиф гардад. Ҳар чи мехост, хоҳ замин бошад, хоҳ бино ё пул, баробари забон кушодан ман медодам, то ки вай чизи имкон- нопазиреро талаб кард. Вай Алисаро талаб кард. Писари вай калон шуд, духтари ман ҳам ва азбаски бемории ман ба ҳама маълум буд, ба назари вай ин ягона имкони нағзест, ки писари вай тамоми молу мулки маро ба даст дарорад. Вале ин дафъа қатъй истоддм. Ман ҳатто ба дил роҳ дода наметавонистам, ки авлоди малъуни вай«бо авлоди ман пайванд мешавад.

Гуфтан мумкин нест, ки писараш ба ман маъқул набуд, ва- ле ҳамин ба ман кофӣ буд, ки дар рагу паи вай хуни падараш ҷорӣ буд. Ман ба хар ҳол ба гапи худ сахт меи-стодам. Мак- Карти таҳдид кардан гирифт, ман ӯро тамоман ба ғазаб овар- дам.

Мо мебоист дар назди кӯл, дар миёнароҳи байни хонаҳоямон вохӯрда, ҳамаашро маслиҳат мекардём. Вақте ки ман ба ҷои таъиншуда омадам, дидам ки. вай бо. писараш дар кадом як масъала баҳсу талош мекунад. Ман сигор гиронда, дар паси дарахт интизор шуда истодам, ки кай танқо мемонад. Вале ба андозае, ки ба суханони ӯ гӯш меандохтам, дар дилам алам ва кахру ғазаб ҷӯш мезад, ман дигар ба ин тоб оварда натавонис- там. Гӯё сухан дар хусуси духтари кӯчагарде мерафта бошад, розигии ӯро напурсида, писарашро маҷбур мекард, ки духтари маро ба занӣ гирад.

Вақте фикр кардам, ки чизи аз ҳама азиз медоштагии ман ба хукми чунин одам медарояд, қариб девона шуда будам. Оё ин завлонаро пора кардан беҳтар нест? Як поям акнун бар ла- би гӯр буда, ба дараҷаи ноумедӣ расонда шудаам, Бо вуҷу- ди аклам солим будан ва куввату мадор доштанам мефаҳми- дам, ки умрам ба поён расидааст, вале номи ман ва духтари ман чи! Агар Мак-Картиро мачбур созам, ки забон накушояд, хам инашро наҷот дода метавонам, ҳам ваяшро... Мистер Холмс, ман ӯро куштам.,, ман ӯро аз нав мекуштам. Ман хеле гунаҳ'

корам, вале магар зиндагии пур аз азобу кулфат кафорати гу- ноҳҳо намещавад? Ман ба ҳамааш тоб меовардам, вале фикри ин ки духтарам ба ҳамин, дом меафтад, тоқатнопазир буд. Мис- ли ин ки вай ягон махлуқу заҳрнок бошад, андаке ҳам азоби виҷдон накашида ӯро куштам. Ба фарьёди ӯ писараш тохтж омаД, вале ман фурсат ёфта дар беша руст шудам, агарчи паль- тоямро, ки афтонида будам гашта омада гирифтанам лозим шуд... Ҷентльменҳо, ҳамааш ҳақ асту рост, ҳамааш маҳз ҳамин тавр рӯй дода буд.

— Хайр чи, гуноҳатон ба гардани худатон,— вақте ки пирамард ба зери баёноти худ имзо гузошт, бо овози паст гуфт Холмс — Ба фикрам, корро ба суд оид кардан ҳоҷат намеша- вад.

— Дар ин масъала шубҳа накунед, сэр! Вале шумо чӣ иқ- дом карданӣ ҳастед?

— Саломатии шуморо ба назар гирифта, ҳеҷ кор карданӣ нестам. Шумо худатон медонед, ки ба наздикӣ дар назди суде ҷавоб мегӯед, ки аз ҳама гуна суди заминӣ баландтар меистад. Ман баёноти шуморо эҳтиёт мекунам, ки агар Мак-Карти маҳ- кум карда шавад, ноилоҷам онро истифода кунам. Агар ӯ са- фед карда шавад — ягон кас—хоҳ шумо зинда бошед хоҳ не, аз асрори шумо воқиф намешавад, ҳамаи ин дар байни худа- мон мемонад.

— Хайр набошад,— бо тантана гуфт пирамард.— Вақте ки ачал гиребонгиратон мешавад, ба дили ман таскин бахшидана- тонро ба хотир оварда бо осонӣ ҷон медиҳед.

Й&й бо пои рост лангида бо тамоми ҷисм/ азимаш калави- даю ларзида, оҳиста- оҳиста аз хона баромад.

— Мо бечорагони кулфатзада!—пас аз хомӯшии дуру да- роз хитоб намуд Холмс.— Чаро қисмат бо мо бари.н махлуқони хақиру нотавон бозӣ мекунад?

Сессияи суди сайёр дар зери фишори далелу истобҳои бе- шумори Холмс Ҷеймс Мак-Картиро сафед кард. Тэнери куҳан- сол пас аз мулоқоти мо боз тахмин ҳафт моҳ умр дида, ҳозир ӯ дар қайди ҳаёт нест. Барои фарзу тахмин ҳама гуна асос ҳаст, ки Ҷеймсу Алиса дигар аз он рӯзхои тира, ки гузаштаи онхоро талх мегардонид, фикр накарда умри осудаи заношӯии хушбахтона ба сар мебаранд.

ХАРХАША ДАР БОГЕМИЯ

Вай барои Шерлок Холмс ҳамеша «Ин зан» мондан гирифт. Қам шуцидаам, ки Холмс ӯро дигар хел ном бурда бошад. Вай дар чашми Шерлок Холмс аз ҳама намояндагони ҷинси худ бартарӣ дошт. На аз рӯи он, ки нисбат ба Ирен Адлер ягон эҳсоси наздик ба ишқу муҳаббат ҳис мекард. Тамоми эҳсосот, алахусус ин, ба ақли сард, дақиқ, вале ҳайратангезона ботамкини вай бегона буданд. Ба фикри ман, вай мошинаи комилан солимақл ва мушоҳидакоре буд, ки мислашро ягон вақт ҷаҳон надидааст; аммо дар боби ишқу ошиқӣ ба ҳеч кор кор намеомад. Агар аз ишқу ошиқӣ ran равад, вай ҳамеша бо тамасхури беэътиноёна -ва писхандомез ran мезад. Меҳру муҳаббат дар чашми вай барои -муоинаи мақсади нағз, барои парда аз рӯи майл ва кори одами баркандан воситаи хеле хубе 'буд. Вале барои мутафаккири комил ба олами ба ғоят нағз мураттаби ботинии худ роҳ додани чунин мудохилаи эҳсосот маънии ба он ворид кардани ошуфтагиро дошт, ки ба тамоми футухоти фикри вай соя меафканд. Ишқу муҳаббат барои Холмс барин

одам мисли регрезаи ба асбоби дақиқ афтидагӣ ё мӯяки руи яке аз шишаҳои мудаввари пуриқтидори он буд. Ва ба ҳар ҳол барои вай фақат як зан вучуд дошт, он зан марҳум Ирэн Ад- лер буд. Зане, ки ҳиссиёташ хеле щубҳаангез буд.

Вақтҳои охир ману Холмс кам вомехӯрдем — зангирии ман моро аз якдигар дур кард. Барои тамоми диққати маро ҷалб намудан, бахту саодати бекудурат ва шавқу завқи поки оилавӣ басанда буд: чунин бахту саодат ва шавқу завқ ҳамон вақт дар одам пайдо мешавад, ки ӯ бори аввал хоҷаи хонаводаи худ ме- гардад'. Дар зимни он Холмс, ки бо табиати лӯлиёнаи худ ҳар гуна намуди ҳаёти ашрофонаро бад медид, дар Байкер-стрит дар квартираи мо зиндагӣ кардан гирифт. Ӯ бо тӯби китобҳои кӯҳнааш худро иҳота кунонда, ҳафтае бо хӯрдани кокаин маш- ғул мешуд, хафтае шӯҳратталабиаш авҷ мекард, ҳафтаеро дар ҳолати пинаки торикӣ мегузаронд, ҳафтае ҷои онро.ҷушу хуру- ши фавқулодда мегирифт, ки ба табиати вай хос буд.

Пештара барин вай саргарми тадқиқи ҷиноятҳо буд. Ӯ қобилияти барҷаста ва истеъдоди фавқулодда мушоҳидакории худро ба ҷустуҷӯи сарриштаи он асроре мебахшид, ки полицияи расмӣ онҳоро даркнашаванда меномид. Сари ҳарчанд вақт до- ир ба корҳои вай хабарҳои мубҳаме ба гӯши ман мерасид: ин ки ба муносибати кушта шудани Трепов ӯро ба Одесса ҷеғ за- даанд, ин 'ки фоиҷаи пурасрори бародарон Аткинсонро дар Трйнкомали ошкор кардааст ва, оқибат, ин ки супориши қасри шоҳии Голландияро ба ғоят мрҳирона ва бомуваффақият иҷ- ро карда буд.

х

Аммо доир ба фаъолияти вай дар баробари ин маълумот- хо, ки ман мисли ҳамаи хонандагони дигар аз газетаҳо хонда мефаҳмидам, дар бораи дӯст ва рафиқи деринам кам огоҳ бу- дам.

Як шаб — ин 20 марти соли 1888 буд*—ман аз беморбинӣ бармегаштам (зеро ман аз нав ба табобати хусусӣ Сар карда будам) ва роҳ маро ба Байкер-стрит оварда. Вақти аз назди да- ри шинос гузаштанам, ки он дар шуурам ҳамеша бо хотироти давраи зангириам ва воқеаи фалокатбори «Изи арғувонӣ» во- бастааст, хоҳише дар дилам пайдо шуд, ки аз нав Холмсро бу- бинам ва фаҳмам, ки ҳоло ақли расои вай дар болои кадом масъалаҳо кор мекунад. Тирезаҳои вай аз равшании чироғ пур- нур буданд ва ба боло нигариста, андоми баланду лоғари ӯро дидам, ки тархи сиёҳи он дар рӯи пардаи фуроварда шуда ду бор намоён гардид. Вай сарашро паст хам карда ва дастонаш- ро паси пушт гузошта, рӯ-рӯи хона тез-тез ва босуръат қадам

мезад. Ман, ки аҳволи руҳия ва одати ӯро нағз медонистам, кунҷ-кунҷи хона қадамзании вай ва шакли киёфаи ӯ аз бисьёр чизҳо шаҳодат медоданд. Вай аз нав ба кор шурӯъ намуд. Ӯ кайфи тарьёкро, ки ба хаёлоти ширин бурда будаш, аз худ дур кард ва ба кушодани гиреҳи кадом як муаммои нав шурӯъ на- муд. Ман занг задам ва маро ба хонае даровардаид, ки як вактҳо хонаи ман буд.

Холмс маро чандон бо ҷӯшу хурӯши вақдомез пешвоз нагирифт. Чунин аҳвол ба вай гоҳ-гоҳ рӯй медод, вале, ба назарам, аз омаданиман шод буд. Қариб ҳеҷ чиз нагуфта бо ишора навозишкорона маро ба нишастан таклиф намуд'ва қуттии сигор- ро ба наздам тела дода, ба яхдон, ки май меистод, нишон дод. Баъд ӯ рафта дар назди камин истода ва бо нигоҳи махсуси аираконаи худ маро аз назар гузаронид.

— Хонадорӣ ба шумо нафъ кардааст,— гуфт вай,— Уотсон, ба фикрам, аз бози шуморо диданам, хафтуним фунтл фарбеҳ шудаед.

— Ҳафт фунт.

— Рост? .Не, камтар зиёдтар. Бовар кунед, саҳл зиёдтар. Ва, чи тавре ки мебинам, аз нав ба табобати шахсӣ сар карда- ед. Шумо ба ман нагуфта будед, ки сар то по ба кор меғӯтед.

— Инро аз куҷ<т медонед?

— Ман инро мебинам ва хулоса мебарорам. Масалан, ман аз кучо медонам, ки ба наздикӣ дар таки борон монда, шип- шилтик тар шуда будед ва духтархонаатон чалфас мебошад?

— Холмси азиз,— гуфтам ман,— қрил кардед. Агар якчанд аср пеш зиндаг-й мекардед, ҳатман шуморо ба гулхан партофта месӯзонданд. Дуруст аст, рӯзи панҷшадбе аз шаҳр берун рафта будам ва сар то по ифлос баргаштам, вале охир сару либосам- ро дигар кардам, аз ин рӯ аз борон осоре намондааст. Дар бобати Мэри Ҷен бошад, вай дар ҳақиқат ислоҳнашаванда аст ва занам аллакай гуфт, ки ӯро ҳай карданӣ аст. Ва ба ҳар ҳол намефахмам, ки инро чи тавр пай бурдед.

Холмс паст ханда кард ва дастони дарози асабии худро мо- лид.

— Бисьёр осон! — гуфт ӯ,— Чашмонам ба ман хабар медиханд, ки аз тарафи даруни кафши йои чапатон, айнан ба ҳамон чсе, ки равшанӣ меафтад, дар рӯи пӯст шаш изи хароши қариб мувозӣ дида мешавад. Зоҳиран, касе ки лои хушки канорҳои кафакиро хеле беэхтиётона тоза мекардааст, харошида аст. Чи тавре, ки мебинед, аз ин ман ду хулоса мебарорам: шумо рӯзи хавои бад аз хона баромадаед ва хизматгоратон бадтарин на-

мунаи хизматгорони Лондон аст. Дар хусуси ба табобати шах- сӣ шурӯъ кардана.тон,—ғ агар ба хонаи ман шахсе ворид гардад, ки ба вай бӯи йодоформ нишаста аст, агар дар ангушти шаҳо- дати дасти *рости ӯ аз кислотаи азот доғи сиёҳ бошад, ва дар цилиндраш ғуррие буда, ҷои стетоскоп руст кардагиашро нишоы диҳад, ман бояд беақли рафта истодагӣ бошам, ки дар шахси шумо намояндаи фаъоли олами духтуриро нашиносам.

Вай бо осонӣ роҳи хулосабарориашро ба ман фаҳмонид **ва** ман инро шунида аз ханда худдорӣ карда натавонистам.

— Вақте ки шумо фикратонро мефаҳмонед,— гуфтам ман,— ҳамааш ба назарам ба таври хандаовар осон менамояд ва гу- мон мекунам, ки худам ҳамаи инро бо осонӣ сарфаҳм рафта метавонам. Аммо то шумо рафти фикрониатонро ба ман фаҳ^ монида надиҳед, ҳар воқеаи нав маро ба куллӣ дар тааҷҷуб мемонад. Дар зимни он, ба фикрам, қувваи босираи ман аз шу- мо бадтар нест.

— Комилан дуруст,— папирос гиронда ва дар курсии роҳат хамьёза кашида гуфт Холмс.— Шумо менигар^д, вале муоина намекунед, ки ин ҳарду фарқияти калоне доранд. Масалан, ио ғундаҳои байни даҳлезу ин хонаро бисьёр дидаед?

-— Бисьёр.

•— Чи тавр бисьёр?

—- Хайр,'чандсад бор!

— Бисьёр.нағз. Дар он ҷо чанд поғунда аст?

— Чанд то? Ахамият надодаам. [4]

— Ана-ана, ахамият надодаед. Аммо медидед! Ҳама ran **ҳам дар** ҳамин. **Man** бошам, медонам, ки ҳабдаҳ поғунда ҳаст, зе< ро ман ҳам дидаам ҳам мушоҳида кардаам. Воқеан, охир шу- **мо ба** он масъалаҳои начандон калоне мароқ зоҳир мекунед, ки ҳалли онҳо ба касби ман вобаста аст ва ҳатто меҳрубоние кар- **деду** ду-се тачрибаи хурдакаки маро тасвир намудед. Бинобар ҳамин, шояд ана ҳамин мактуб шуморо рағбатманд гардонад.

Вай вараҳи коғази ғафси гулобирангӣ почтаро, ки дар рӯи **миз** мехобид, гирифта ба тарафи ман партофт.

— Навакак гирифтам,— гуфт вай.— Бо овози баланд хонед.

Мактуб на сана дошт, на имзо ва на адрес.

<Имрӯз бегоҳӣ, соати чорьяк кам ҳашт,— гуфта мешуд дар нолма,— ба назди шумо ҷентльмене меояд, ки дар масъалаи хе- ле муҳиме аз шумо маслиҳат пурсиданӣ аст. Мададе, ки шумо ба наздикӣ ба яке аз хонадонҳои шоҳии Европа расонидед, ни- шон доданд, ки корҳои ниҳоят муҳимро бовар карда ба шумо супурдан мумкин аст. Мо дар бораи шумо аз ҳар тараф чунин

баҳо гирифтем. Соати гуфтагӣ дар хона бошед ва агар мизоҷатон ниқобпӯш бошад, ягон фикри бад накунед».

— Ин дар ҳақиқат пурасрор,— гуфтам ман.— Чи фикр мевунед, хамаи ин чӣ маънӣ дорад?

Ман ҳоло ҳеҷ гуна маълумот дар даст надорам. Маълумот надошта, ба назария машғул шудан, хатарнок. Одам ба чои он ки назарияро бо далелҳо асоснок гардонад, ноаён Сарпо худ далелхоро таҳриф мекунад, то ки онҳоро ба назарияи худ мувофик намояд. Нома чӣ! Аз нома чи гуна хулосаҳо бароварда метавонед?

— Ман мактуб ва коғазро бо диққат аз назар гузаронидам.

— Шахси мактубнавис, зохиран, серпул аст,— ба усули дӯстам таклид карданӣ шуда гуфтам ман.— Чунин як даста коғаз аз ним крон камтар намеистад. Коғазаш хеле сахт ва ғафс.

— Сухани аз ҳама мувофиқ — ғайриоддӣ гӯеду монед,— гуфт Холмс.— Ва ин коғази англисӣ не. Дар равшанӣ ба он нигох кунед.

Ман гуфти ӯро кардам ва дар коғаз аломатҳои обгунро дидам: «Е»-и калон ва «д»-и хурд, баъд «Р> ва «G» калон бо «Ь-и хурд.

-г- Шумо аз ин чи гуна хулоса бароварда метавонед? — пурсид Холмс.

— Ин хатман номи соҳиби фабрика ё, таъин, монограмма'-и вай.

— Аз аввалаш хато кардед! <G»-п калон бо «Ь-и хурд — кӯтоҳ кардаи «Geselishaft» буда, ба заббни немисӣ маънии «компания>-ро дорад. Ин мисли <К> мо ба таври муқаррарӣ кӯтох карда шудааст. «Р», албатта, маънии «Papier», коғазро дорад. Акнун «lg»-ро шарҳ медиҳем. Ба справочники ҷуғрофии хориҷӣ менигарем...— Вай аз раф фолианти[1] [2] вазнини муқоваач ҷигаррангро гирифт.— Eglov, Eglomitz... Аиа ёфтем: Egeria. Ин маҳале, ки дар он ҷо ба забони немисӣ ran мезананД, дар Богемия, ваздик ба Карлсбад[3]. Ҷои ҳалокати Валленштейн[4], бо заводхои бешумори шишасозӣ ва фабрнкаҳои коғазборӣ машхур аст... Ха-ҳа, додаракам, аз ин чи гуна хулоса мебароред? — Чашмони вай аз тантана барқ заданд ва ӯ аз папирос дуди кабуди калон баровард.

---

[1] *Монограмма* — якчоя кардани ду харф (харфв аввали номи худ ва '-номи падар) дар як нақш.

[1] *Фолиант* — китоби андозааш калоц.

[8] *Карлсбад (Карловы Вары)* — курорт дар Чехословакия,

[4] *Валлекштейн* — сарлашкарн асри XVII неыиё.

' — Коғаз дар Богемия тайёр карда шудааст,—гуфтам ман.

— Дуруст. Шахси мактубро навиштагӣ, немис мебошад. Шу- мо сохти ҷумласозии аҷибашро ҳис мекунед: «Мо дар бораи шу- мо аз ҳар тараф чунин баҳо гирифтем?» Француз ё рус ин тавр наменавиШт. Фақат немисҳо ба феълҳои худ ин тавр бетакаллуфона рафтор мекунанд. Пас, фақат донистан лозим, ки ба немиси дар коғази Богемия навиштагӣ чи лозим ва маҳз барои рӯяшро нишон надодан, чаро ниқоб мепӯшад... Агар хато наку- нам, ана худаш омад. Ҳар шакку шубҳае, ки мо дорем, вай ҳо- зир онро бартараф мекунад.

Мо садои баланди туқ-туқи суми асп ва ғиҷирроси чархро шунидем, ки аз канори роҳ баланд гардид. Пас дере нагузашта, касе ресмони зангро сахт кашид.

Холмс ҳуштак кашида монд.

— Аз рӯи садо каретаи дуаспа... Ҳаба тиреза нигариста, ба гапаш давом намуд вай,— каретаи хурдакаки зебо ва ду аспи юрға.. ҳар кадомаш панҷоҳ гиней. Уотсон, чи ки бошад, аз ин кор бӯи пул меояд.

— Холмс, ба фикрам, нағзаш ман равам?

— Не, не, истед! Ман бе тарчумаи ҳолнависам чӣ кор меку- нам? Воқеа, аз афташ, ғалатӣ барин. Агар шумо ойро нашунида монед, дар армон мемонед.

— Вале меҳмони шумо...

— Ҳеҷ ган не, ҳеҷ ган не. Шояд ёрии шумо ҳам ба ман ва ҳам ба вай лозим шуда монад,— Ана, омада истодааст. Духтур, ба ин курсии роҳат шинеду бо диққат гӯш кунед.

Садои оҳиста-оҳиста ва вазнин-вазнин қадаммоние, ки мо дар зинапоя ва роҳрав шунидём, омада, дар назди дарӣ мо хо- мӯш гардид. Баъд садои туқ-туқи баланд ва омирона шунида шуд.

— Дароед! — гуфт Холмс.

Ба хона марди қавипайкаре ворид гардид, ки қадаш қариб ба шаш футу шаш дюм[1] баробар буд. Вай сарулибоси бошукӯҳ дар бар дошт, вале ин сарулибоси бошукӯҳро дар Англия омиё- на мешумурданд. Ба сари остин ва гиребони дулабаи пальтои вай аз пустӣ қароқул зеҳ дӯхта шуда буд; боронии кабуди сиёҳ- тобе, ки ба китф партофта буд, аз шоҳни сурхи оташранг астар дошт ва дар гардан ба сагаки ялаққосӣ гузаронида шуда, он аз берилл’ буд. Мӯзае, ки соқи он то шккамаки пояш меомад ва аз. рӯ мӯинаи ҷигарранги қиматбаҳо часпонида дӯхта шуда

---

[1] *Шаш фут ва шаш дюм* — тахмин 1 метру 90 сантиметр.

’ *Берилл* санги қиматбаҳои шаффофи сабзи паст.

буд, ҳамон таассуроти каруфарри дағалонаеро, ки тамоми қиё- фаи вай ҳосил мекунонд, пурра менамуд. Ӯ дар даст кулоҳи лапарвасее дошт ва қисми болои рӯяш бо ниқоби сиёҳ пӯшида шуда, аз ҷоғ саҳл мефуромад. Ин ниқобро, ки ба рӯйпӯши тос- кулоҳ монандӣ дошт, зоҳиран нав пӯшида буд, зеро вақти ба хона даромадан ҳанӯз дасташ бардоштагӣ буд. Аз рӯи қисми поёни чеҳра вай одами қавиродае буд: лаби ғафси пеш баро- мада ва манаҳи дарози рости ӯ аз қатъияте шаҳодат медод, ки вуд ба якравӣ табдил меёфт.

— Шумо номаи маро гирифтед? — бо овози пасти дағал **ва** лаҳҷаи немисӣ пурсид вай.— Ман хабар дода будам, ки ба наздатон меоям.— Вай гоҳ ба ман, гоҳ ба Холмс нигоҳ карда, **ба** кӣ муроҷиат кардайашро намедонист.

— Лутфан, шинед,— гуфт Холмс.— Ин дӯст ва рафиқи ман, духтур Уотсон. Вай чунон одами меҳрубон, ки баъзан ба кор- хои ман ёрдам мекунад. Ҷанобашон кистанд?

— Пиндоред, ки ман граф фон Крамм, дворянини Богемия хастам. Ба та^минам, ин ҷентльмен, дӯсти шумо,— шахси ко- милан шоистаи боварӣ ва ман метавонам ӯро аз воқеаи бағоят мухим огоҳ кунам. Агар ин тавр набошад, нағзаш танхо ба тан- **хо** ran занем.

Ман хеста рафтанӣ шудам, вале Холмс аз дастам гирифта, гашта ба курсии роҳат тела дод:

— Е гапатонро ба ҳардуи мо гӯед, ё ran назанед. Ҳар чи ки танҳо ба танҳо ба ман гуфтанӣ бошед, ҳамаашро дар ҳузури мн ҷентльмен гуфта метавонед.

Граф китфони васеашро дарҳам кашид.

— Дар он сурат, ман бояд аз ҳардуи шумо қавл гирам, ки воқеаи ҳозир ман накл мекардагӣ ду сол бояд махфӣ монад. Пас аз гузаштани ду сол ин аҳамияташро гум мекунад. Дар ай- ни замон ман метавонам муболиға накарда гӯям: тамоми ин воқеа ба андозае ҷиддӣ аст, ки метавонад ба қисмати Аврупо таъсдо кунад.

— Қавл медиҳам,— гуфт Холмс.

— Ман ҳам.

— Бубахшед, ки ман ниқоб дорам,— ба ran давом намуд меҳмони аҷиб.— Шахси табораке, ки ман мувофиқи супориши вай амал менамоям, хоҳиш намуд, шахси амини ӯ барои шумо номаълум мондан гирад ва иқрор шуданам лозим, ки мартабаи худамро номидагӣ тамоман аниқ нест.

— Инро ман пай бурдам,— бо оҳанги сард гуфт Холмс.

Вазъият хеле нозук ва ҳатман тамоми чораҳои заруриро

дидан лозим, ки аз барои онҳо ҷанҷоли калон барнахезад ва ин ҷанҷол яке аз сулолаҳои ҳукмрони Аврупоро беобрӯ накунад. Содда карда гӯем, воқеа ба Қасри Ормштейнҳо, шоҳҳои меро- сии Богемия алоқаманд аст.

— Ман ҳамин тавр фикр карда будам,— ғур-ғур кард Холмс ва дар курсии роҳат дурустакак ҷой гирифт.

Меҳмон ба шахси бепарвои коҳилона паҳн зада нишастае, ки бешубҳа, ӯро ба вай **as** ҳама хуфияҳои Аврупо хуфияи бо- фаросат ва аз ҳама чуСту чолок қаламдод карда буданд, ошко- ро бо тааҷҷуб нигоҳ кард. Холмс оҳиста чашм кушод ва бесаб- рона ба меҳмони бузургчуссаи худ назар афканд.

.— Агар ҷаноби олӣ лутфе фармуда, моро ба кори худ ошно мекарданд,— гуфт вай,— ба шумо маслиҳат додаци ман осон мешуд.

Меҳмон ҷаста аз курсӣ хест ва ниҳоят ба шӯр омада, рӯ-рӯи хона қадам задан гирифт. Баъд бо як ҳаракати ноумедона ни- кобро аз рӯй канда, ба рӯи хона партофт.

— Гапи шумо ҳақ, хитоб намуд вай,— ман король! Чаро ман инро пинҳон карданӣ шавам?

— Ҳақиқатан, барои чӣ? Ҷаноби олӣ, ҳанӯз ба ran сар на- карда, ман аллакай фахмидам, ки дар наздам Вильгелэм Готт- срейх Сигизмунд фон Ормштейн, князи бузург Кассель-Фелыи» тейнский ва мохи меросии Богемия истодааст. - . . t

— Вале мефаҳмед,— гуфт меҳмони аҷиби мо ва аз нав ба чояш нишаста, ба пешонии васеи сафедаш даст кашид,— ме- фаҳмед, ман одате надорам, ки ба чунин корҳо шахсан худам машғул шавам! Вале масъала ба андозае нозук, ки онро ба ягон гумоштаи полиция бовар карда супурда натавонистам, зе- ро метарсидам, ки худрб ба хукми вай гирифтор кунам. Ман аз Прага махсус пинҳонӣ омадам, ки аз шумо маслиҳат пур- сам.

— Марҳамат, пурсед,— гуфт Холмс, аз нав чашм пӯшида.

— Далелхо мухтасаран чунинанд: тахмин панҷ сол пеш, дар вақти дуру дароз дар Варшава буданам бо моҷароҷӯи машҳур Ирэн Адлер шинос шудам. Ин ном, бешубҳа ба шумо маълум.

Духтур, лутфан, ба картотекаи ман нигаред,— чашм на- кушода ғур-ғур кард Холмс.

Якчанд сол пеш вай усули рӯйхатгирии далелҳои гуногунро, ки ба одамон ва чизҳо дахл дошганд, ҷорӣ намуда буд, бино- барон шахс ва ашъееро, ки дар бораи онҳо дарҳол маълумот дода натавонад. ном бурдан душвор буд. Дар ин маврид ман тарчумаи ҳоли Ирэн Адлерро дар байни тарҷумаи ҳоли хохоми

(кашиши)’ яҳудиён ва тарҷумаи ҳоли як сардори штаб ёфтам, ки дар бораи моҳиёни пастоб кори илмие навишта буд.

— Кани ин ҷо диҳед,—гуфт Холмс.—Ҳм! Соли 1858 дар Нью — Ҷерси таваллуд шудааст. Контральто, хм... Ла Скала[1], хуш, хуш!.. Примадонна[2]-и операи шохӣ дар Варшава,— ха! Саҳнаи операро партофта аст, ҳа! Дар Лондон зиндагӣ меку- над,— ба кулли дуруст! Ҷаноби олӣ, ба андозае, ки ман мефах- мам, ба доми ин хонум гирифтор шудаед, ба вай мактуб мена- виштед ва акнун мехоҳед, ки мактубхоро гардонда гиред.

— Ба кулли дуруст. Вале чӣ тавр?

— — Шумо рустӣ ӯро ба занӣ гирифтед?

Не.

— Ягон хел хуччат ё шаҳодатнома нест?

— Не.

— Ҷаноби олӣ, дар он сурат ман гапи -шуморо намефаҳмам. Агар ин зан мактубҳоро барои иғво ё худ дигар мақсадҳо истифода карданӣ шавад, ӯ нусхаи асил будани онҳоро чи тавр исбот мекунад?

— Хати уан, исбот мекунад.

*- Ҳеҷ ran не! Сохта.

— Коғази шахсии почтаи ман.

* — Дуздӣ карда шудаас‘г.

— Мӯҳри шахсии ман.

— Калбакӣ. . ,

— Сурати ман.

— Харида шудааст.

— Вале мо ҳамроҳ расм гирондаеаГ.

— Охо, ана инаш хеле ганда! Ҷаноби олӣ ҳақиқатан шумо ба хатои калон рох додаед.

— Ман дар ишқи Ирэн девона гашта будам.

— Шумо худро ба таври ҷиддӣ бадном кардаед.

— Он вақт ман хамагӣ валиаҳд будам. Ҷавон будам. Ҳозир хам ман нав ба сӣ даромадаам.

-т Ҳар хел ки бошад, суратро баргардонидан лозим.

— Мо кӯшиш кардем, вале муяссар нагардид.

— Ҷанрби олИ бояд харҷе кунад: расмро харидан лозим.

— Ирэн онро фурӯхтанӣ нест.

— Дар он сурат дуздидан лозим.

— Панч маротиба дуздиданӣ шудем. Ду маротиба дуздо- ни қулфшнканро киро кардам, онҳо тамоми хонаи ӯро чапаю

* *Ла Скала* — театрп машҳури опер дар Милан (Италия).

* *Примадонна* •— артисткаи театр, ки роли якумро иҷро мекунад.

роста карданд. Як бор, вақти саёҳаташ бағочашро кофта ди-- дем. Ҳеч муроде хосил нашуд. .

— Ҳеҷ мурод мегӯед?

— Бале.

Холмс ханда кард>

— Анча-мунча масъала не! — гуфт вай.

— Барои ман ин масъалаи хеле ҷиддӣ! — таънаомез эрод расонд король.

— Ҳа, рост. Вай бо расм чӣ кор карданӣ аст?

— Ба сари ман бало оварданӣ аст.

— Чӣ тавр?

— Ман зан гирифтаниам.

— Инро ман шунидам.

— Духтари дуюми шоҳи Скандинавия Клотильда Лотман фон Саксен-Менингенро мехоҳам ба занӣ гирам. Шояд, шумо принципҳои сахти ин бйларо дбнед. Худи Клотильда — таҷас- суми ифат аст. Агар аз гузаштаи ман андак шубҳа кунад, ин боиси чудой шуданаш мумкин. -

— Ирэн Адлер чй?

— Вай тарсонда истодааст, ки расмро ба падару модари арӯсшавандаи ман мефиристад. Мефиристад ҳам, хатман мефиристад! Шумо ӯро намедонед. Гапаш якто. Ҳа, ха, дар сурат за- ни дилрабоккдар сират Марди сангдил. Фақат барои хамин ки ба духтари дигаре хонадор нашавам, аз ҳеч чиз рӯ йамегардонад.

— Шумо боварӣ доред, ки расмро ҳанӯз ба арӯсшавандаи шумо нафиристода аст?

— Боварй дорам.

— Барои чй?

-т- Гуфт ки расмро дар рӯзи никоҳи расмии ман мефиристад. Мо бошем, душанбеи меомадагӣ никоҳ мешавем.

— Ох, се рӯзи дигар мемонад!—хамьёза кашида ғуфт Холмс.— Бисьёр хуб, зеро ҳозир ман бояд бо баъзе корҳои му- хим машғул шавам. Ҷацоби олӣ, албатта, ҳоло аз Лондон на- меравед?

—’ Албатта намеравам. Дар меҳмонхонаи Лэнгхем граф фон Крамм гуфта суроғ кунед, маро меёбед.

— Дар он сурат, нома фиристода, шуморо аз рафти кор огоҳ мекунаК

— Илтимос. Ман хеле хавотирам!

— Хӯш, масъалаи пул чӣ?

— Ҳар қадар ки лозим донед, сарф кардан гиред. Ихтиёр ба худатон.

— Ҳамту?

— Оҳ, мам тайёрам, ки ба ивази ин расм ҳар як ноҳияи мул- ки подшоҳиамро диҳам!

— Барои хароҷоти ҷорӣ чи?

Қороль аз зери боронӣ халтачаи вазнини чармиеро баро- варда, ба рӯи миз гузошт.

— Дар ин ҷо сесад фунт пули тилло ва ҳафтсад сӯм пули коғазӣ ҳаст,— гуфт вай.

Холмс дар варақи дафтарчаи хотирааш забонхат навишта ба король дод.

— Адреси мадмаузель чй? — пурсид вай.

— Брайони-Лоҷ, Серпантайн-авеню, Сент' Ҷонс Ууд.

Холмс навишта гирифт.

— Боз як савол,— гуфт вай,— расм расми андозааш каби- нетӣ буд?

— Ҳа, кабинетӣ, -

— Х,оло» шаб ба хайр, ҷаноби олӣ, ва умедворам, ки ба наз- дикӣ хабарҳои хуш хоҳед гирифт... Уотсон, шаб ба хайр,— вақ- те ки чархҳои каретаи король дар роҳи сангфарш тарақ-туруқ садо баровардан д, илова намуд вай.— Лутфан, фардо соати се ба наздам. биёед, мехостам дар ин масъала бо шумо маслиҳат кунам.

II

Расо соати се ман -ба Бейкер-стрит омадам, вале Холмс ҳа- нӯз гашта наомада буд. Кайвону гуфт, ки вакти аз хона баро- мада рафтанаш соат аз хашт гузашта буд. Ман ба назди камин нишастам ва қасд кардам, ки ҳар қадар нигарон шудан ло- зим бошад, мунтазир мешавам. Ман ба тадқиқи вай мароқи калон зоҳир намудам, агарчи он аз хусусиятҳои ачибу ғариб ва ғамангези хоси он ду ҷинояти ман дар ҷои дигар нақл кардагй маҳрум буданд. Вале хусусиятҳои махсуси ин воқеа ва марта- баи баланди меҳмон ба кор шакли ғайримукаррарӣ медоданд. Агар ҳатто худи мазмуни тадкикро, ки дӯсти ман гузаронида- наш лозим буд, як тараф монем — ӯ чи қадар бомуваффақият, чи гуна бо маҳорат дарҳол тамоми вазъиятро дар бар гирифт ва чи гуна мантиқи ҷиддӣ, раднашаванда дар хулосабарории вай буд! Ба усули корбарии чолок ва моҳиронаи Холмс нига- риста аз таҳти дил завқ мебурдам, чунки бо ёрии ин усул вай агрори аз ҳама печ дар печро ҳал мекард. Ман то андозае ба

музаффариятҳои доимии вай одат карда будам, ки худи имкоиияти бебарорӣ да|>майиаам ҷой намешуд. ,

Соат тахмин чор буд, ки дар кушода шуд ва груми [1] шира- кайфи бакенбарддор, бо мӯи пахмоқ, чеҳраи варамида вориди хона гардид, ки дар тан сару либоси фақиронаи дағал дошт. Дӯстам дар масъалаи тағьири қиёфа қобилияти калоне дошт ва ҳарчанд ба ин одат карда бошам хам, се бор, ба рӯяш зехн мондам, ки ба Холмс будани вай қатъӣ боварӣ ҳосил намоям. Вай роҳравон бо ишораи сар ба ман салом дода, ба хобгоҳаш даромада рафт ва пас аз панҷ дақиқа костюми сиёҳ дар тан, ҳар вақта барин боназокат аз он ҷо баромад. Ӯ дастонашро ба киеа андохту пойҳояшро ба камини фурӯзон дароз карда як- чанд дақиқа хушҳолона хандид.

— Бисьёр нағз! — хитоб намуд вай, баъд сулфа -кард ва аз нав чунон баланд-баланд қаҳқос зада хандид, ки оқибат монда шуд ва тамоман аз мадор рафта ба курсии роҳат такья кард.

—- Чӣ ran шуд?

— Хандаовар, бағоят хандаовар! Боварӣ дорам, шумо ҳеҷ гоҳ пай бурда наметавонед, ки ман ин пагоҳро чи тавр гузаро нидам ва оқибат чӣ кор кардам.

— Ба худ тасаввур карда наметавонам. Ба тахминам ба ко ру.рафтор ё, шояд, ба хонаи мисс Ирэн Адлер назорат ме- кардед.

— Ба кулли дуруст, вале оқибаташ басо ғайри оддӣ буд... Як ба 'як нақл мекунам. Соат аз ҳашт гузашта буд, ки ман худ- ро груми бекор вонамуд карда аз хона баромадам. Дар байни ҳамаи онҳое, ки бо асп сару кор. доранд, ҳусии таваҷҷуҳи ҳайра- тангез ба ҳамдигар ва як навъ иттифоқ вуҷуд дорад. Грум ша- вед, в$ ҳар чи ки ба шумо даркор бошад мефаҳмед. Ман Брайо- ни-Лоҷро дарҳол ёфтам. Ин як виллаи хурдакакд бошукӯҳи ду- ошьёнаест; дари он ба тарафи кӯча кушода мешавад; дар пасаш боғе вокеъ. гардидааст. Ба даричаи боғ қулфи калоне овехта- анд. Аз тарафи рост меҳмонхонаи калони асбобу анҷомаш зебо вокеъ гардидааст, тирезаҳояш баланд буда, қариб то рӯи хона расидаанд ва ғалакахой нобоби англисӣ доранд, ки онхоро кӯ- дак ҳам кушода метавонад. Дар пушти хона ягон чизи ҷолиби диккат нест, ба чуз он ки ба тирезаи рохрав аз боми мадони каретамони наздик шудан мумкин. Ман давродаври мадонро чарх зада баромадам ва онро бо диққат аз назар гузаронидам, вале ягон чизи ҷолиби диққат надидам. Баъд қад-қади кӯча

[1] *Грум* — саис.

рафтам ва, чи тавре ки дилам гувоҳй медод, дар тангкӯча оғил< хонаеро дидам, ки ба девори боғ чафс буд. Ман ба саисҳо ёр- дам дода, аспҳоро кашав кардам ва ба йвази ин ду пенс, як| стакан арақ, ду қутти тамоку ва дар бораи мисс Адлер, инчу-' нин дар бораи дигар сокинони махаллй маълумоти фаровон ги- рифтам. Ман ба сокинони маҳаллй кор надоштам, вале аз ноин-і лочӣ ба тарҷумаи ҳоли онхо гӯш медодам.

)

— Дар бораи Ирэн Адрлер чӣ фаҳмидед? ■—пурсидам ман.' — Оҳ, вай дар ин қисми шаҳр хама мардҳоро девона карда- аст. Дар ин сайёра аз тамоми мавҷудоти зиндае, ки ба сар ку- лоҳи занона мемонанд, хушрӯйтарин аст. Тамоми саисҳои сер- пантайни бо як овоз хамин тавр мегӯянд. Вай зиндагии оромо- на ба сар мебарад, баъзан дар концертҳо баромад мекӯнад, хар рӯз соати панҷ бо карета ба сайру гашт мебарояд ва расо соати ҳафт ба нахор расида меояд. Ба ғайр аз он мавридҳое, ки аз вай суруд мехвнад, дигар вақт гоҳ-гоҳ аз хона мебарояд. Фа> қат як мард — танхо як мард, тез-тез ба наздаш омада мера- вад. Он мард соҳибҷамоли сиёҳмӯй буда, дағз либос мепӯшад, хар рӯз ва' баъзан рӯзе ду маротиба ба дидани ӯ меояд. Номи вай мистер Годфри Нортон буда, аз Иннер Темпл [1] мебошад. Дидед, дилн саисҳоро ба даст даровардан чи нафъ дорад! Онҳо тахмин бист маротиба ӯро аз сансхонаи Серпантийн савор кар- да, ба хона бурдаанд ва дар бораи вай хама чизро медонанд. **Ҳар** чи ки онҳо ба ман нақл намуданд, бо диққат гӯш карда, аз нав дар назди Брайони-Лоҷ пасу пеш қадам зада, амалиёти минбаъдаамонро фикр мекардам.

Годфри Нортон, зоҳиран, дар тамоми ин кор роли муХиме мебозад. Вай юрист аст. Ин шумхабарона садо медиҳад. Чи он- хоро алоқаманд мекунад да сабаби тез-тез омада ӯро хабар гирифтани Нортон дар чист? Ирэн кисъ: миҷози вай? дӯсташ? махбубааш? Агар Ирэн миҷозаш бошад, пас, шоядвай он расм- ро барои эҳтиёт кардан ба Нортон дода бошад. Агар махбубааш бошад — гумон аст. Дар Брайони-Лоҷ корро давом додани ман ё ба квартираи ҳамон чентльмен дар Темпл назорат кардан аз ҳалли хамин масъала вобаста. Ин масъала хеле нозук ва доираи кофтукови маро васеъ менамояд. Уотсон, метарсам, ки шуморо бо ин тафсилот безор мекунам, вале барои он, ки шумо тамоми вазъиятро фаҳмед ман бояд майда-ҷуйдаи мушки- лихои худро ба

[1] *Темпл*«— маҳалла^. дар, Лондон, ки конторахон юрисгҳо ҷой гирифта- анд.

.. — Ман ба нақли-шумо бо диккат гӯш мекунам,—ҷавоб додам ман.

— Ман ин масъаларо фикран якзайл месанҷидам, ки каре- таи зебое ба Брайони-Лоҷ наздик шуда истод ва аз он ҷентльме- ни бағоят хушрӯи мӯйлабдори гандумгун ва биниаш уқобӣ фу- ромад.- Зоҳиран, ин ҳамон марди ман таърифашро шунидагӣ буд. Аз афташ, вай хеле шитоб дошт ва бағоят музтарибҳол буд. Ӯ ба каретачӣ фармуд, ки нигароя шавад ва бо қиёфае, ки худро дар ин хона хоҷа ҳис мекунад, тозон аз паҳлуи дух- тархона (ӯ ба рӯяш дарро кушода буд) гузашта, дарун дар- омад,

Вай дар-он ҷо тахмин ним соат истод ва ман аз тирезаи меҳмонхона~медидам, ки чи тавр ӯ рӯ-рӯи хона-пасу пеш раф- та меояд ва дар хусуси ким-чи бо ҳаяҷон гап зада, даст меаф- шонад. Ман Ирэнро намедидам. Вале инак чавон беш аз пеш ошуфтаҳол аз хона баромад. Вай ба карета наздик омада, со- ати тиллоро аз киса баровард ва парешонхотирона ба он нига- рист. «Иблис барин ронед! — ба фойтунчӣ фарьёд зад ӯ.— **Abbs** л ба Риҷент-стрит ба назди Гросс ва Хенке, баъд баЭҷвер- род ба калисои Моникии муқаддас ҳай кунед. Агар дар бист дақиқа рафта расед, ним гиней мегиред!»

Онҳо дартоз монда рафтанд ва ман акнун аз пасашон равам ё не, гуфта 'аз фикр гузаронида бӯдам, ки нохост ландо *-и хур- дакаки зебое омада, дар назди хона истод. Ҳама тукмаҳои паль- тои фойтунчӣ нагузаронидагӣ буданд, галстук яктарафа шуда, то таки гӯшаш рафта ва тасмаҳои афзоли аспҳо ба сагакҳо гу- заронида нашуда буданд. Фойтунчӣ акнӯн агпҳоро нигоҳ дош- та буд, ки Ирэн дартоз аз дари вилла баромада, ҷаста ба лан- до савор шуд. Ман фақат лаҳзае ӯро дидам ва ҳамин ҳам ки- фоя буд< ӯ зани хеле ситорагарме буд, ки мардҳо ба як дидан ба чунин шаклу симо ошиқ мешаванд. «Ҷон, ба калисои Мони- кии муқаддас ҳай кунед! — фарьёд зад вай.— Агар дар бист да- қиқа бурда расонед, ним гиней мегиред!»

Уотсон, ин чунин як фурсате буд, ки онро аз даст доданло- зим набуд. Ман нав дар фикре будам, ки кадомаш беҳтар: аз кафои ӯ тозам ё ба помонаки ақиби ландо часпида савор ша- вам ва нохост дар кӯча кэбе намоён шуд. Кэбчӣ ба чунин ми- чози хунукбапгара ду бор нигарист ва то неву нестон кардани ӯ ман ҷаста савор шудам. «Калисои Моники муқаддас,— гуф- там ман,— ва агар дар бист дақиқа рафта расед, ним гиней ме-

---

* *Ландо* — **фойтуни болкушодаи дуаспа.**

гиред!» Соат бисту панҷ дақиқа кам дувоздаҳ буд ва, албатта, пай бурдан душвор набуд, ки ran дар сари чист.

Кэби ман мисли бод медавид. Ҳеҷ ёд надорам, ки ягон вақт аз ин дида тезтар рафта бошам, вале карета ва ландову аспо- ни ба обу арак ғӯтида аллакай дар назди калисо истода буданд. Ман пули кэбчиро дода тозон аз поғундаҳо боло баромадам. Ба ғайр аз ононе, ки ман ба дунболашон меомадам ва кашиш, ки зоҳиран маломатомез бо онҳо ran мезад, дар калисо ягон кас набуд. Ҳар се дар назди меҳроб меистоданд. Ман ҳамчун бе- корхӯҷаи тасодуфан ба калисо даромада, дар. мехроби пахлӯи ласу пеш қадам задан гирифтам. Ҳайратангёзона он се нафар нохост ба тарафи ман баргаштанд ва Годфри Нортон бо тамо- ми кувва ба тарафи ман давид.

«Худоро шукр! — фарьёд зад вай.— Худатон ба мо даркор будед. Биёед! Биёед!»

«Чи ran шуд? — пурсидам ман.

«Биёед, биёед, одами нек, ҳамагӣ се дақиқа! Бе ин никоҳ кардан мумкин не».

Маро карйб зӯран ба тарафи. меҳроб кашола карданд ва ҳа- нӯз ба худ наомада ҷавобҳоеро, ки дар гӯшам пичиррос зада мегуфтанд, зери лаб ифода мекардам, ба он чизе қасам мехӯр- дам, ки тамоман бехабар будам ва умуман ба акди никоҳи дух- тар Ирэн Адлер ва муҷаррад Годфри Нортон мадад кардам.

Ҳамаи иқ дар як лаҳза анҷом дода шуд, ҷентльмен аз як та- раф, леди аз тарафи дигар ба ман ташаккур изхор менамуданд, кашиш бошад аз табассум гул-гул мешукуфт. Ин як вазъияти нохинҷоре буд, ки ман ҳеҷ гоҳ гирифтор нашуда будам; ҳамон- pt> ба ёд оварда ҳозир хандидам. Зоҳиран, онҳо кадом-як рас- миятро ба ҷо наоварда буданд ва кашиш қатъиян не гуфта буд, ки то шоҳид набошад, ҳутбаи никоҳро намехонад. Ба мавридаш Сд калисо омадани ман домодро аз ташвиши ба кӯча баромада авзалин шахси.рост омадагиро кашола карда овардан халос карда буд. Келин ба ман як гиней дод ва ман ният дорам ин тангаро хамчун хотира аз ҳодисаи ба сарам омадагӣ ба занҷи- ри соатам овехта гардам.

— Вокеа нохост тамоман ранги дигар гирифт,— гуфтам ман.— Ояндаашчӣ мешавад?

—? Ман фаҳмидам, ки нақшаҳои маро хавфи ҷиддӣ тахдид менамояд. Дида мешуд ки келину домод фавран тараддуди са- фар доранд, аз хамин рӯ ман бояд зуд ва фаъолона амал ме- намудам. Вале ба таки дари калисо баромада аз хам ҷудо шу- данд: домод ба Темпл, келин ба хона рафт. «Ман ҳар вақта ба-

рин соати панҷ ба сайру гашти боғ меравам»,— гуфт вай бо до- мод хайру хуш карда. Ман дигар ягон гапи онҳоро нашунидам. Онҳо аз ҳам чудо шуда, ба ду тараф рафтанд, ман бошам, гаш- та омадам, ки тайёрӣ бинам.

— Тайёриатон аз чӣ иборат?

— Камтар гуштӣ яхнӣ ва як стакон пиво,— зангӯлачаро кашида ҷавоб дод Холмс.— Ман ниХоят ба кор банд будам ва хӯрокро тамоман фаромӯш кардам. Шояд, ин бегоҳ ташвишу тараддудам зиёдтар шавад. Духтур, воқеан, ёрии шумо ба ман даркор.

— Бо чояу дил.

— Шумо аз вайрон кардани қонунҳо наметарсед?

— Як зарра ҳам.

— Аз хатари маҳбус шудан ҳам наметарсед?

— Барои кори Хайр ба инаш ҳам тайёр.

•— Оҳ, ниҳоят кори хайр!

— Дар он сурат ман ба хизмат тайёр. *

— Боварӣ доштам, ки ба шумо умед баста метавонам,

— Чӣ ният кардаед?

— Миссис Тернер таоми шом биёрад, ҳамаашро ба шумо фаҳмонда медиҳам... Акнун,— гуфт вай ва ҳарисона ба хӯрдани таоми оддии кадбонуии мо пухтагӣ шурӯъ намуд,— ман дар вақти таомхӯрӣ тамоми масъаларо бояд бо шумо мухокима кар- да бароям; зеро вақтам кам мондааст. Ҳозир соа*г қариб панд шудааст. Пас аз ду соат мо бояд ба ҷои даркориамон рафта ра- сем. Мисс Ирэн, ё худ миссис, соати ҳафт аз сайру гашт барме- гардад. Барои ӯро пешвоз гирифтан мо бояд дар Брайони-Лоҷ бршем.

— Баъд чӣ?

— Инашро ба ман вогузор кунед. Ман аллакай он чиро тай- ер кардаам, ки бояд рӯй диҳад. Мая фақат ба як чиз исрор ме- кунам< ҳар чи ки рӯй диҳад — катӣ нашавед. Мефаҳмед?

— Ман бояд бетараф бошам?

— Ҳа. Ҳеҷ кор накунед. Эҳтимол, каме хархаша рӯй диҳад. Шарик нашавед. Қор бо ҳамин анҷом меёбад, ки маро ба хона медароранд. Пас аз чор ё панҷ дақиқа тирезаи меҳмонхонаро мекушоянд. Шумо бояд ба ҳамин тирезаи кушодагӣ наздик бошед.

— Хуб шудаст.

— Шумо бояд ба ман назорат карда истед, зеро ман дар пеши чашматон мешавам,

— Хуб шудаст.

— Вакте ки ана хамин тавр дастамро мебарддрам,— шумо чизи ба ҳамин мақсад ба шумо медодагиамро ба хона партоф- та, дар айни замо»: «Сӯхтрр!» гуфта фарьёд мезанед. Фаҳ- мидед?

— Албатта.

— Ин ҳеҷ хатарнок не,— бастаеро ба шакли сигор-аз киса бароварда гуфт ваи.— Ин ракетаи мукаррарии дудкунанда, аз ду нӯг капсул дорад, ки худ ба худ аланга мегирад? Тамоми кори шумо аз ҳамин иборат. Вақте ки шумо «Сӯхтор!» гуфта фарьёд мезанед, одами бисьёр баробар сухани шуморо такрор мекунанд, пас аз ин шумо то охири кӯча равед ва баъди дах да- кика ман расида меравам. Умедворам, фаҳмидед?

— Ман бояд бетараф истам, ба тиреза наздиктар равам, ба шумо назорат кунам ва бо ишораи шумо ҳамин чизро аз ти- реза ба дарун партоям, баъд «сӯхтор!» гуфта фарьёд занам ва дар хамгашти кӯча шуморо нигоҳ карда истам.

— Ба кулй дуруст.

— Дилатон аз ман пур бош^д.

— Бисьёр хуб. Зоҳиран, вақти тайёрии роли имрӯз мебозидагиам шуд.

Холмс ба хонаи хоб даромад ва пас аз якчанд дакиқа ба су- рати руҳонии боназокати содданамо аз он ҷо баромад. Кулоҳи лапарвасеи сиёх, шими фаҳӯл, галстуки сафед, табассуми ҷозибадор ва ифодаи умумии кунҷковии хайрхоҳонаи ӯ бемислу монанд буданд. Гап танҳо дар сари он набуд, ки Холмс сару либосашро иваз карда буд. Ифодаи чехрааш, тарзи рафтораш, қалбаш, баробари иҷрои ҳар роль, ки бозиданаш дуруст меомад, гӯё тағьир меёфт. Саҳна дар шахси вай актёри нағз, илм бо- шад,— вақте ки вай мутахассис доир ба тадқики ҷиноятҳо ме- гардид, мутафаккири дақиқиро талаф дода буд..

Соати шашу понздах дақиқа мо аз хона баромадем ва хан- гоме, ки ба Серпантайн-авеню расидем, то вақти таъиншуда, дах дакиқа монда буд. Ҳаво торик мешуд, фонусҳои кӯча нава- как даргиронда шуда буданд ва мо дар назди Брайони-Лоч пасу пеш кадам зада, гашта омадани сокинони онро интизорӣ мекашидем. Бинои хона айнан ҳамон хеле буд, ки ман аз рӯи тасвири кӯтоҳи Шерлок Холмс ба худ тасаввур менамудам, аммо маҳал чи таврё ки ман чашмдор будам, чандон камодам набуд. Баръакс: ин кӯчаи хурдакаки хилвати канори шаҳр ҳақиқатан пур аз одам буд. Дар як кунчак кимчи хел ҷулхунипӯшҳо па- пирос кашида механдиданд, дар ҳамон ҷо чархчие бо чарха ме- истод, ду аскари гвардия ба дояё хушомад мезаданд ва якчанд

чавони хушсарулибос сигор дар дахон пасу rtein рафтуой дошт-танд.

— Медонед чй,— вақте ки мо дар назди бинои хона рафту омад мекардем, гуфт Холмс,— ин тӯй ҳама корро хеле осон ме- кунад. Акнун сурат аслиҳаи дутарафа мешавад. Чи тавре мй- зочи мо нахоҳад, ки расм ба чашми маликаи ӯ афтад, шояд Ирэн ҳам нахоҳад, ки расмро мистер Годфри Нортон бинад. Ак- чун ran дар сари ҳамин ки мо расмро аз куҷо меёбем.

— Дар ҳақиқат, аз куҷо?

— Ҳеҷ акл намегирад, ки Ирэн онро ҳамроҳ гирифта гардад. Расми андозааш кабинетии аз хад калой ва онро дар зери кур- таи занона руст карда гаштан илоҷ нест. Ирэн медонад, ки ко- роль қодир аст ӯро алда карда, ба ягон чо бурда танаашро кобад. Ба ҳамин монанд ду бор кӯшиш карда шуда буд. Пас, мо дилпур буда метавонем, ки вай расмро бо худ гирифта наме- гардад.

— — Набошад онро дар куҷо эҳтиёт мекунад?

— Дар дасти банкираш ё' адвокаташ, ё ҳарду, вале ба хар- дуяш ҳам шубҳа мекунам. Занҳо табиатан ба пинҳокорӣ мои- ланд ва дар иҳотаи асррр буданро нағз мебинанд. Чаро вай ягон каси дигарро аз асрори худ- огоҳ созад? Ӯ ба маҳорати эҳтиёткории худ бовар карда метавонист, аммо ба дилпур шуда- наш гумон буд, ки агар ӯ бовар карда, сирри худро ба одами коркуне гӯяд, оё он одам ба муқобили таъсири сиёсӣ ё ягон таъ- сири дигар истодагарй карда метавонад. Ғайр аз ин, ба хотир биёред, ки вай карор додааст рӯзҳои наздик расмро ба кор ан- дозад. Барои ин онро ҳама вақт тайёр нигоҳ доштан лозим. Су- рат бояд дар хонаи худи вай бошад.

— Вале дуздҳои қулфшикан ду маротиба хонаи ӯро чап- паву ррста карда баромадднд.

— Гапи бекора! Онҳо чи тавр кофтанашонро надонистанд.

— Шумо чӣ тавр мекобед?

— Ман намекобам.

— Набошад чӣ кор мекунед?

— Илоҷе мекунам, ки Ирэн худаш онро ,ба ман нишон ме-диҳад.

— Вай не мегӯяд. ‘

— Гап ҳам дар ҳамин ки ин ба вай муяссар намегардад... Вале ман садои тақар-туқури чархи фойтунро мешунавам. Ин каретаи вай. Акнун супориши маро як ба як ичро кунед.

Дар ҳамин лаҳза равшании фонусҲри паҳлуии карета дар хамгашт намоён шуданд ва ландои хурдакак ба дари Брайони-

Лоҷ наздик омад. Вакте ки карета истод, яке аз оворагардҳои дар кунҷак истодагӣ ба умеди пули сиёҳе кор кардан барои ку- шодани дари он тохт, аммо оворагарди дигаре, ки ба ҳа'мин мақ- сад расида омада буд, ӯро тела дод. Зантузанами берахмонае сар шуд. Ҳарду аскари гвардия, ки тарафи яке аз оворагардон- ро гирифта буданд ва чархчӣ, ки ҳамчунон тундмизоҷона ба хи- мояи дигари онҳо шурӯъ намуд, ба оташ равған рехтанд. Леди, ки аз карета фуромада буд, дар як лаҳза худро дар миёни каш- макаши одамони хашмгин дид. Онҳо бо мушт ва калтак ҳам- дигарро бераҳмона мекӯфтанд. Холмс барои мудофиаи леди худро ба миёни издиҳом зад. Вале ба леди наздик шуда, нохост фарьёд кашид ва рӯяш оғуштаи хун ба замин афтид. Баробари ӯ афтидан солдатҳо ба як тараф гурехтанд, ҷулҳундипӯшхо ба дигар тараф. Якчанд роҳгузари намудашон анча дуруст, ки дар занозанӣ иштирок накарда буданд, худро барои муҳофизаи леди ва ёрии маҷруҳ расиданд. Ирэн Адлер, ӯро пештара барин ном мебарам, тозон аз поғундаҳо боло баромад, вале дар майдонча истод ва ба кӯча менигарист; қаду қомати зебои вай дар фони меҳмонхонаи ҷдроғон баръало намудор буд.

. — Ҷентльмени бечора сахт маҷруҳ шудааст? — пурсид вай. — Мурд,— баробар ҷавоб дод якчанд овоз.

— Не, не, вай ҳанӯз зинда! — фарьёд зад ким-ки.— Вале ба беморхона нарасида мемурад.

— Хуб одами ҷасур будааст! — гуфт кадом як зан.— Агар ӯ намебуд, онҳо хам ҳамьёни леди хам соаташро мегирифтанд. Онхо дар ин ҷо як тала ва хеле хавфнок,— Ҳа-а, ана нафас ка- шидан гирифт.

— Дар кӯча хоб рафтанаш мумкин не... Хонум, иҷозат медиҳед, ки ӯро ба хонаатон дарорем?

— Албатта! Бардошта ба меҳмонхона дароред. Дар он чо дивани мулоим хаст. Лутфан ба ин ҷо!

Холмсро бардошта оҳиста-оҳиста ва ботантана ба Брайони- Лоҷ дароварда, дар меҳмонхона хббонданд, дар зимни оц ман дар назди тиреза аз дидбоигоҳи худ якзайл ба ин ҳодиса мени- гаристам. Лампаҳо даргиронда шуда, аммо пардаҳо фуроварда нашуда буданд, бинобар ҳамин ман медидам, ки Холмс дар рӯи диван хобидааст. Намедонам, барои бозидани чунин роль виҷ- донаш ӯро азоб медод ё не,— ман дар ҳаётам аз ин дида шар- му ҳаёи виҷдонсӯз ҳис накарда будам, зеро он лаҳза вақте ки ин зани дилрабо ба вай меҳрубонона ва навозишкорона парас- торӣ мекард, ман ба муқобилаш дар сӯиқасд иштирок мекардам. Ва ба ҳар ҳол, агар ман Ьупориши Холмсро иҷро намекардам,

ин хиёнати рӯйрост мебуд. Ман дили нохоҳам ракетаи дудафшонро аз зери пальтоям баровардам. «Охир,— аз фикр гузаронидам ман,— мо ба вай осебе намерасонем, мо фақат монеъ мешавем, ки ба шахси дигар зарар нарасонад>.

Холмс. дар рӯи диван нимхез шуд ва дидам, ки мисли шах- си ба ӯ ҳаво намерасидагӣ ишоратҳо мекунад. Хизматгорзан ба тарафи тиреза тохта онро калон кушод. Ҳамон лаҳза Холмс даст бардошт; мувофиқи ин ишора ман ракетаро ба хона пар- тофта, «Сӯхтор!» гӯён фарьёд задам. Ин сухан нав аз даҳани ман баромада буд, ки тамоми издиҳом баробар онро такрор кард. Ҷентльменҳои сарулибоси нағзу ганда пӯшидагӣ, саис ва хизматгорон — ҳама бо як овоз: «Сӯхтор!» гӯён чиррос ка- шиданд. Абри ғафси дуд дар хона тӯда-тӯда баланд мешуд ва аз тирезаи кушодагӣ зада берун мебаромад. Ман медидам, ки чи тавр одамон дар паси тиреза пасу пеш метозанд; пас аз лаҳ- зае овози Холмсро шунидам, ки ин бонги хатари бардурӯғ ме- гуфт. .

Ман аз байни, издиҳоми одамон рахна карда гузашта, то хамгашти кӯча расидам. Ба толеъам, пас аз дақ дақиқа Холмс ба ман расида, аз зери бағалам гирифт ва мо ин ҷои пуршӯру ғавғоро тарк кардем. Вай муддате чанд тез-тез роҳ рафт ва то ба яке аз кӯчаҳои хилвати ба Эҷвер-род мебурдагӣ тоб хӯрдан, як даҳан гап'назад.

— Духтур, шумо ин корро хеле моҳирона анҷом додед,— гуфт Холмс.— Аз нағз ҳам нағзтар. Ҳамааш ба ҷо.

— Расмро ёфтед?

— Дар куҷо буданашро медонам.

— Чи тавр фаҳмидед?

— Чи тавре ба шумо пешгӯй карда будам, Ирэн худаш ба ман нишон дод.

— Ба ҳар ҳол ман ҳеҷ чиз намефаҳмам.

— Ман аз ин ҳеҷ гуна асрор сохтанӣ нестам,— хандида гуфт ӯ.— Ҳамааш хеле оддӣ буд. Шумо, эҳтимол, пай бурда бошед, ки дар кӯча ҳамаи ин ҳангоматалабон шарикони ман буданд. Ҳамаашонро ман киро карда будам.

— Инашро ман пай бурдам.

— Дар дасти ман камтар ранги сурхи тар буд. Вақти сар- шавии зантузанам ман пеш тохта, афтидам ва дастамро ба рӯям зер карда, худро хунсор вонамуд кардам... Усули кӯҳна.

Инро ҳам фаҳмидам.

Онҳо маро ба хона даровардand. Ирэн Адлер маҷбур буд ма- ро қабул кунад, дитар чи илоҷ дошт? Маро ба меҳмонхона, ба

ҳамон хонае, кн гумонам буд, бардошта даровардand. Расм дар наздикӣ, ё дар меҳмонхона буд, е дар хобгоҳ. Ман катъӣ қарор додам, ки дар.куҷо буданашро муайян кунам. Маро ба рӯи нимкати мулоим хобонданд ва ман вонамуд мекардам, ки ба ман ха- во намерасад. Онҳо ноилоҷ буданд,. ки тирезаро кушоянд ва шу- мо имконият пайдо кардед, ки коратонро анҷом дихед.

— Аз ин шумо чӣ бурд кардед?

— Хеле бисьёр. Вақте зан фикр мекунад, ки хонааш оташ гирифтааст, савқи табии ӯро мачбур месозад аз ҳама чизи пурқиматашро халос кунад. Ин ҳаракати беихтиёрона мебошад ва борҳо ман аз ин фоида бурдаам. Дар моҷарои Дарлингтон ва инчунин воқеаи дар қасри Арнсвор рӯй додагӣ онро истифода намудам. Зани шавҳардор кӯдакро наҷот медиҳад, бешавҳар — куттичаи ҷавоҳиротро. Акнун ба м.ан маълум, ки барои ледии мо дар хона аз он чизи мо мекофтагӣ қиматбаҳотараш нест. Вай маҳз барои наҷот додани он шитофт. Бонги хатари сӯхтор хел©- нағз бозида шуд. Барои ба асабҳои пӯлод барин мустаҳкам сахт таъсир кардан дуд ва доду фарьёд басанда буд. Ирэн маҳз ха- мон тавре рафтор кард, ки ман чашмдор будам. Расм дар ни- ҳонгоҳ дар паси тахтачаи кушода пӯшида мешудагии болои си- ми занг будааст. Ирэн дар як лаҳза худро ба он чо расонд ва ҳангоме ки нисфи онро кашида баровард, гӯшаашро дидам. Вақ- те ман фарьёд задам, ки ин бонги хатари 'сохта аст, Ирэн расм- ро гашта ба ҷояш монд, ба ракета назари сатҳие афканд, тозон аз хона баромад ва пас аз ин ман ӯро надидам. Ман аз ҷой хес- та узр пурсидам ва номаълум баромада омадам. Ман хостам дарҳол расмро ба даст дарорам, вале фойтунчӣ ба хона даромад ва аз ман чашм намеканд, бинобар хамин ноилоҷ ин қасдамро ба вақти дигар мавқуф гузоштам. Шитоби барзиёд ҳамаашро барбод доданаш мумкин буд.

— Хӯш, баъд чӣ?— пурсидам ман.

— Амалан кофтукови мо ба охир расид. Агар шумо моро ҳамроҳӣ кардан хоҳед, фардо ҳамроҳи король ва шумо ба наз- ди Ирэн Адлер меоем. Аз мо хоҳиш мекунанд, ки дар меҳмон- хона мунтазир бошем, вале эҳтимол, леди ба назди мо барома- да на моро ёбад, на расмро. Шояд, бо дасти худ аз ниҳонгоҳ гирифтани расм ба ҷаноби олӣ гуворо бошад.

— Кай шумо ба он ҷо меравед?

— Соати ҳашти пагоҳӣ. Вай то он вақт дар бистар мебо- шад, бинобар ҳамин мо дилпурона амал карда метавонем. Ғайр аз ин, зуд амал кардан лозим, зеро издивоҷ мумкин аст тарзи

зиндагӣ ва урфу одати ӯро ба куллӣ тағьир диҳад. Ман ҳатман бояд ба король телеграмма фиристам.

Мо ба Бейкер-стрит расида, дар назди дари хонаамон исто- дем. Холмс дар кисаҳояш калид кофта истода буд, ки кадом як роҳгузар гуфт?

— Шаб ба хайр, мистер Шерлок Холмс!

Ҳамин вақт дар канорӣ роҳ якчанд кас меистод, вале зохи- рав, ҷавони хушқаду қбмате, ки аз наздик мегузашт ва паль- тои дароз дар бар дошт, салом дод.

— Ман ин овозро дар ким-куҷо шунидаам,— гуфт Холмс ва баргашта ба кӯчаи саҳл равшан нигарист,— вале, бало занад, нафаҳмидам, ки вай кй буд.

Гп

Он шаб ман дар Бейкер-стрит хобидам. Мо пагоҳӣ нишаста каҳва ва нони равғанӣ "мехӯрдем, ки короли Богемия шитобон ба хона даромад.

— Шумо хақиқатан расмро ба даст даровардед?— хитоб намуд вай ва китфони Шерлок Холмсро ба оғӯш кашида, хур- сандбна ба рӯи ӯ менигарист.

— Ҳоло йе.

— Умеди ба даст даровардан аш ҳаст?

. — Ҳаст.

— Дар он сурат биёед рафтем! Ман дар оташи бетоқатӣ ме- ^сӯзам.

Ба мо карета лозим.

— Каретаи ман дар берун.

— Ин корро хеле осон мекунад.

Мо лоин фуромада, боз ба Брайони-Лоҷ равон шудем,

— Ирэн Адлер ба шавҳар баромад,— гуфт Холмс,

— Ба шавҳар? Кай?

— Дирӯз.

— Ба кӣ?

—. Ба адвокати англис, номаш Нортон.

•— Ирэн, албатта, ӯро дӯст намедорад?

— Умедворам, дӯст медорад.

— Чаро шумо умед мекунед?

— Барои он ки ин минбаъд шумо ҷаноби олиро аз ҳар гу- на ногуворихо наҷот медиҳад. Агар леди шавхари худро дӯст дорад, пас, вай шумо чаноби олиро дӯст намедорад ва дар ов

сурат у асосе надорад, ки ба нақшаҳои шумо ҷаноби олӣ ха* лал расонад.

— Дуруст, дуруст. Ва ба ҳар ҳол... Оҳ, ман чи тавр мехос- там, ки ӯ ба ман дар як дараҷа бошад! Ирэн чӣ гуна шоҳбону мебуд!

Вай аз нав ғарқи хомушии маъюсовар гардид ва то ба Серпантайн авеню расиданамон ин хомӯширо халалдор накард.

ДарХои виллаи Брайони-Лоҷ кушодагӣ буданд ва дар зи- напоя зани солхӯрдае меистод. Ва то аз карета фуромадани мо ӯ ким-чи гуна тамасхуромез ба мо менигарист.-

— Шумо мистер Шерлок Холмс?— пурсид вай.

— Ҳа, ман Шерлок Холмс,—саволомез ва бо тааҷҷуб ба вай нигариста, ҷавоб дод дӯсти ман.

— Тахминам рост баромад! Бонуям маро огоҳ кард, ки эҳтимол шумо биёед. Ин пагоҳ, соати панҷу понздаҳ дақиқа вай ҳамроҳи шавхараш аз вокзали Черинг-кросс ба мамла- катҳои Аврупо рафт.

— Чӣ?!—Дар ҳолате ки ранги рӯи Шерлок Холмс аз ғус- са ва хабари ногаҳонӣ канда буд, калавида қадаме қафо гу- зошт.— Шумо гуфтаниед, ки Англияро тарк кард?

— Бале, Абадӣ.

— Коғазҳо чӣ?— бо овози гирифта пурсид король.— Ҳама- аш б.арбод рафт!

— Мебинем!—Холмс зуд аз назди хизматгор гузашта, ба меҳмонхона давид.

Ману король аз пасаш рафтем. Тамоми мебели хона бетартибона аз ҷо беҷо карда шуда буд, рафҳо холӣ, ғаладонҳо кушодагӣ буданд,— дида мешуд, ки бонуи хона пеш аз фирор саросемавор онҳоро таку рӯ карда аст.

Холмс ба сӯи ресмони зангула давид, тахтачаи хурдакакро тела дод ва дасташро ба ниҳонгоҳ тиқонда, расм ва мактуберо кашида баровард. Ин расми Ирэн Адлер буд, ки дар бар кур- таи шабпӯшӣ дошт ва дар рӯи мактуб навишта буд: <Ба мистер Шерлок Холмс. Вақти омаданаш ба ӯ супурда шавад».

Дӯсти ман крнвертро кушод ва мо ҳар се ба хонданн Мах- Туе шурӯъ намудем. Санааш шаби гузашта буда, ана дар он чи навишта шуда буд:

«Мистер Шерлок Холмси азиз, дар ҳақиқат шумо ҳамаи ин- ро нағз бозидед. Дар навбати аввал ман ба шумо дилпурона рафтор мекардам. То бонги хатари сӯхтор дар дилам ҳеҷ гуна шакку шубҳа набуд. Вале баъд, вақте фаҳмидам, ки худроош- кор кардам, ба фикр фурӯ рафтам. Х,анӯз якчанд моҳ пеш ма-

ро огоҳ карда буданд, ки агар король ба воқеанавис рӯй овар- данӣ шавад, вай албатта ба шумо муроҷиат мекунад. Адреси шуморо ба ман доданд. Ва дар ҳақиқат шумо маро маҷбур сох- тед он чиро ошкор созам, ки шумо донистани будед. Бо вуҷуди шубҳа карданам, намехостам дар ҳаққи чунин руҳонии меҳру- бон ва нағзи пир фикри бад дошта бошам... Вале шумо медо- нед, ки ман худам актриса будам. Сару либоси мардона барои ман навигарӣ не. Ман ^ксар вақт сару либоси мардона пӯшида метардам ва аз озодие, ки он медиҳад, истифода. менамоям. Ман фсйтунчиам Ҷонро фиристодам, ки ба шумо назорат ку- над, худам бошам, ба боло давида, чи тавре ки онро меномам, костюми сайру гаштамро пӯшида ва айнан вақти шумо барома- да рафтан поин фуромадам. Ман то таги даратон аз паси шумо рафтам ва боварӣ ҳосил намудам, ки ҳақиқатан Шерлок Холм- си машхур ба ман рағбат зоҳир кардааст. Баъд хеле беэхтиётӣ карда, ба шумо шаби хуш орзу намуда, ба Темпл ба назди шав- харам рафтам.

Мо қарор додем, ки модоме моро чунин рақиби пуркувват таъқиб менамояд, беҳтарин илоҷи халосӣ фирор мебошад. Ва фардо омада, лонаро холӣ меёбед. Аз ваҷҳи расм бошад, миҷозатон хотирҷамъ буда метавонад: ман одамеро дӯст медорам, ки аз вай беҳтар аст. Ин одам маро дӯст медорад. Король ҳар чи хоҳад кардан гирад ва ҳеҷ натарсад, ки аз тарафи он зани хорирасондааш мамониат мебинад. Ман фақат аз барои беха- тариам расмро эҳтиёт мекунам, барои он ки аслихае дошта бо- шам ва он аслкҳа дар оянда маро аз хар гуна қадами хусума- томези король муҳофизат кунад. Ман дар ин ҷо расми дигаре- ро мемонам, ки шояд онро эҳтиёт кардан ба вай гуворо бошад ва мистер Шерлок Холмси азиз, каминаи камтарини шумо, Ир- эн Нортон, зодаи Адлер».

— Чи занест ӯ7оҳ чи занест ӯ!— Вақте ки мо ҳар се ин мак- тубро хондем, хитоб намуд короли Богемия—Магар ман ба шу- мо нагуфта будам, ки вай ботадбир, боақл ва эбчил аст? Магар вай маликаи дилрабо буда наметавонист? Магар ҳайф нест, ки бо ман дар як дараҷа нест?

— Ба андозае, ки ман ин ледиро фаҳмида гирифтам, ба гу- монам, назар ба ҷаноби олӣ, ҳақиқатан дар дигар дараҷа меис- тад,— бо оҳанги сард гуфт Холмс.—Афсӯс мехӯрам, ки кори шу- мо ҷаноби олиро ба дараҷаи басе муваффақиятнок расонда на« тавонистам,

•*» Сэри азиз, баръакс!— хитоб намуд король—Муваффақи- ят аз ин калон намешавад. Медонам, ки сухани вай қатъист. Расм хоҳ сӯхта inyAa бошад хох не, акнун бехатар аст.

. — Ман шодам, ки инро аз забони ҷаноби олӣ мешунавам.

Ман аз шумо ниҳоят миннатдорам. Лутфан, гӯед, чи тавр ман подоши инро диҳам. Ин ангуштарин...

Вай ангуштарини зумуррадини худро аз ангушт бароварда, дар кафи даст ба Холмс дароз кард.

— Ҷаноби олӣ чизи боз ҳам қиматбаҳотаре барои ман до- ранд,— гуфт Холмс.

— Фақат нишон диҳед шудаст.

—• Ана ин расм.

Король бо тааҷҷуб ба он менигарист.

— Расми Ирэн?!-[2]- хитоб намуд вай.— Агар он ба шумо дар- кор бошад, марҳамат.

— Тащаккур, ҷаноби олй. Ба ҳамин тариқ, ин кор ба поён расонда шуд. Ба ҷаноби олӣ бахту саодат орзу менамоям.

Холмс таъзим кард ва ба дасти дароз кардаи король аҳа- мият надода, ҳамроҳи ман роҳи хонаро пеш гирифт.

Ана ҳикоят дар бораи он, ки дар королии Богемия қариб ҷанҷоли овозадоре бархоста буд ва чи тавр нақшаҳои маккоро- наи мистер Шерлок Холмс аз- тарафи зани хирадманд вайрон карда шуданд. Холмс ҳамеша ба кӯтоҳии ақли зан механдид, вале вақтҳои охир ман тамасхур кардани ӯроинамешунавам. Ва ҳар гоҳ вақте, ки дар бораи Ирэн Адлер гап ме?анад ё расми ӯро ба хотир меорад, ҳамеша чун ма^ому мартабаи фахрӣ: «Ин зан» гуфта ном мебарад.

МАРДИ Л АБЧОК

Айза Уитни ба тарьёккашӣ хуморӣ шуд. Ҳанӯз вақти дар коллеҷ тахсил карданаш китоби де Куинсиро[1] хонда баромад, ки дар он хоб ва эхсосоти марди бангӣ тасвир карда мешавад ва минбаъд хангоми тамокукашӣ ба он тарьёк ҳамрох карда мехост ҳар чи ки ин нависанда аз сар гузаронидааст, ӯ низ аз сар гузаронад. Мисли бисьёр касони дигар ба зудӣ боварӣ хосил намуд, ки аз партофтани тарьёк дида, сар кардани он хеле осон аст ва солхои зиёд дар қайди ин майли худ монд ва бо ин кораш ба тамоми дӯстони худ тараҳҳум ва даҳшат талқин менамуд. Ман чехраи зарди саҳл варамидаи вай, чашмони ӯро бо пилкони хамида ва гавҳаракҳои танг, бадани беёварона дар курсии рохат хобидааш, яъне одами фартути бадбахтеро то хол дар пеши чашм мебинам.

Як дафъа бегоҳии моҳи июни соли 1889, айнан ҳамон вақте, ки ба кашидани хамьёза сар карда, дам ба дам ба соат мени-

1 *Тояас де Куинси* — нависандаи англис (1785—1859), муаллифи кнтобя машҳур «Маросими тавбакунви як марди бангии англис».

гарӣ, занги дари квартираи ман садо дод.-Ман дар курсии ро- хат қоматамро рост кардам, занам бошад дӯхтудӯзашро ба рӯи зону гузошта, норозиёна абрӯ чин кард.

— Ягон кас бемор шудагист!— гуфт вай.— Ба назди бемор рафтанат дуруст меояд.

Ман ох кашидам, зеро андаке пеш пас аз кори сермашаққа- ти рӯзона ба хона баргашта будам.

Мо садои кушода шудани дар ва саросема қадаммонии касе- ро дар роҳрав шунидем. Дари хонаи мо калон кушода шуд ва хонуме куртаи сиёҳ дар бар ва вуали сиёҳ бар рӯй вориди хо« на гардид.

— Мебахшед, ки ман дар ин бевақтӣ шуморо ташвиш до- дам,— ба ran сар кард вай ва нохост ихтиёрро аз даст дода, ба тарафи зани ман тохт ва ӯро оғӯш карда, дар сари китфаш зор- зор гирист.— Оҳ, ғами калоне ба сарам омадааст!— хитоб на- муд вай.—Ба ман ёрдами шумо лозим!

— Охир ин Кэт Уитни,— вуали ӯро бардошта гуфт занам.— Кэт, ту маро сахт тарсондӣ! Ҳатто гумон накардам, ки ин туй.

— Ба наздат барои маслиҳат омадаам, зеро чй кор карда- намро намедзнам.

Ин воқеаи муқаррарй буд. Ба сари ҳар касе, ки кулфат ме- омад, паррандаҳо ба сӯи фонусҳои раҳнамои дарьё- ҳаракат мекардагӣ барин, онҳо ба назди зани ман мешитофтанд.

— Нағз кардӣ, ки омадй! Дурустакак шин, маи обқатй нӯш ва ran зан ки чи шуд. Шояд, ту хоҳӣ ки ман Ҷеймсро фиристо- нам, рафта хоб кунад?

— Не, не! Аз духтур ҳам ман ёрй ва маслиҳат пурсиданй. Аз барои Айза омадаам. Ду рӯз боз вай дар хона нест. Аз ӯ ди- лам хавотир!

Кэт дар бораи шавҳари сарсахташ бо мо — бо ман ҳамчун бо духтур ва бо занам ҳамчун дугонаи деринаи мактабиаш бо- ри аввал сӯҳбат намекард. То тавонистан мо ӯро дилбардорй намуда, таскин медодем. Оё медонад, ки шавҳараш дар куҷост? Оё барои рафта оварданаш илоче нест?

Маълум шуд, ки илоҷ будааст. Вдй медонист, ки вақтҳои охир шавҳараш дар бангихонаи яке аз кӯчаҳои шарқии Сити тарьёк мекашад. То ҳол айшу ишрати вай як рӯз давом мекард ва бегоҳӣ тамоман бемадор, бакӯллӣ хаста ба хона бармегашт, вале ин дафъа чилуҳашт соат инҷониб бедарак шуда рафта буд ва, албатта, дар он ҷо дар байни ҳар хел одамони шубҳанок хо- бида, заҳрро нафас мегирифт ё пас аз нашъаи тарьёк аз хоб сер шуда ҳушьёр мешуд. Вай боварӣ дошт, ки шавҳараш маҳз дар

хамон ҷо, дар «Порчаи худрӯи тиллои холис» дар Эппер-Суондем-лэн аст. Вале аз дасти вай чӣ меояд? Чӣ тавр ӯ, ҷавонзани шармгини беҷуръат ба чунин як ҷой даромада, шавҳарашро аз миёни ҷамоати авбошон кашида бароварда метавонад?

Ӯ ҳамроҳи ман равад-чӣ? Зимнан, рафтани ӯ чӣ лозим? Ман Айза Уитниро табобат мекардам ва ҳамчун духтур, ба вай таъ- сир расонда метавонистам. Боварӣ доштам, ки бе вай шавҳа- рашро ба осонӣ саришта карда метавонам. Ман ба вай қавл до- дам, ки агар шавҳараш ҳақиқатан дар «Порчаи худрӯи тиллои холис* бошад, пас аз ду соат ӯро ба кэб савор карда, ба хонааш мефиристам.

Пас аз як соат хонаи меҳмонқабулкунии бароҳатро тарк кар- да, савори' карета бо тамоми суръат ба сӯи шарқ мерафтам. Ман медонистам, ки кори басе ғайридоуқаррарӣ маро Дар пеш аст, вале он назар ба чашмдошти ман ҳақиқатан басе аҷиб на- муд. ' ■

Аввал ҳама кор нағз пеш мерафт. Эппер-СУондем-лэн — тангкӯчаи ифлосе буда, дар паси маҳали баланди киштисозӣ ва киштитаъмиркунӣ воқеъ гардида,. ин маҳал қад-кади соҳили баҳри шимолӣ, қариб то кӯпруки Лондон ба шарқ тӯл мекашид. Бангихонае, ки ман мекофтам, дар таҳхона, дар байни дӯкоци ифлос ва майкадае воқеъ гардида буд; ба ғор мефуромадагӣ барин ба ин рахнаи сиёҳ бо поғундаҳои тез фуромадан лозим буд. Дар байни ин поғундахо пастхамие ташкил мешуд — аз ин поғундаҳо он қадар пойҳои мастона баромада мефуромаданд, ки мондан гиред.

Ман кэбчиро фармудам, ки маътал шуда истад ва худам по- ин фуромадам. Дар равшании хираи лампаи карасинӣ, ки бар болои дар овезон буд, ғалақаи дарро кофта ёфтам ва ба хонаи сакфпасти дарози пур аз дуди ғафси ҷигарранг даромадам; так- таки деворҳо мисли қисми саҳни пеши киштии муҳоҷиркаш тахтакатҳо истода буданд.

Дар оғӯши торикӣ бо осонӣ ҷисмҳои беҷонеро дидам, ки дар ҳар хел ҳолату вазъияти аҷибу ғариб: бо китфони хамида, бо зонувони бардошта, бо сарҳои ба қафо партофта, <5о манаҳҳои сих барин рост мехобиданд. Ҳар ҷо-ҳар ҷо чашмони сиёҳи бе- нуреро медидам, ки ба ман нигаронида шуда буданд. Дар то- рикӣ оташакҳои хурдакаки сурх фурӯзон гардида, ба андозае, ки миқдори захр дар чубуққои кучаки фулузӣ кам мешуд, ин оташакҳо хира мегардиданд. Аксарияти онҳо хомӯш мехоби- данд, вале баъзеҳояшон дери лаб ким-чӣ гуфта ғур-ғур мекар- давд, дигарон бо овози аҷиби пасти якоҳанг байни худ сӯҳбат

карда, гоҳ ба ҷӯшу хурӯш омада саросема мешуданд, гоҳ но- хост хомӯш мегардиданд, дар зимни он ҳеч кас ба гапи ҳамсӯх- бати худ гӯш намекард—ҳар кадом ғарқи фикру. хаёли худ буд. Дар охири таҳҳона манқалдони хурдакаке истода, ангишти он забона мезад ва дар назди он ба курсии сепоя пирамарди қадбаланди лоғаре нишаста, манаҳашро ба мушт ва оринҷҳо- яшро ба зонуҳояш такья дода, якзайл ба оташ менигарист.

Баробари ман даромадан марди малазиягии сиёҳчурдае ба сӯям давид ва чубуқи тарьёкро дароз карда, ҷои холиеро дар рӯи тахтакат ба ман нишон дод.

— Раҳмат, ман меравам,— гуфтам ман.— Дӯсти ман, мис- тер Айза Уитни дар ҳамин ҷо, бо вай ran заданам лозим.

Дар тарафи рости ман ким-чӣ ҷунбид, нидои касеро шунидам ва ба торикӣ бо диққат нигариста, Уитниро дидам, ки рангпа- рида, маҳзун ва ким-чӣ хел пуристироб чашм наканда ба ман менигарист.

— Худоё, ин Уотсон!— гуфт вай.

Пас аз хумор вай дар ҳолати ниҳоят риққатовари беҳолӣ буд. .

— Уотсон, ҳозир соат чанд?

— Ба наздикӣ ёздаҳ мешавад.

— Кадом рӯз?

— Рӯзи ҷумъа, нуздаҳуми июнь.

Наход? Ман фикр кардам, ки ҳанӯз чоршанбе аст. Не, имрӯз чоршанбе. Росташро гуед, ки шумо шӯхи кардед. Ва тар- сонидани одам ба шумо чӣ лозим! * •

Вай рӯяшро бо кафи- даст пӯшида, зор-зор гирист.

Ба шумо гуфта истодаам, ки имрӯз ҷумъа. Занатои ду рӯз боз шуморо мунтазир. Рости ran, шумо бояд шарм ку- нед!

— Шарм карда исТодаам. Уотсон, шумо ким-чиро аралаш мекунед. Ман дар ин ҷо хамагӣ якча-нд соат. Се чубуқ... чор чу« буқ... ҳисобашро гум кардам! Вале ман ҳамроҳи щумо хона ме- равам. Намехоҳам, ки Кэт хавотир шавад... Кэти хурдакаки бе- чора! Дастатонро диҳед! Кэб доред?

— Ҳаст. Дар таки дар нигоҳ карда истодааст.

—• Дар он сурат ҳозир меравам. Вале ман аз онҳо қарздо- рам. Уотсон, пурсед қарзам чанд пул. М'ан тамоман заиф ва бе- мадор шудаам. Ба додани қарз пул надорам.

Ман аз байни ду қатор одамони хобида гузашта, нафас на-» мегирифтам, ки дуди масткунандаи заҳрнокро фурӯ набарам ва ба чустучӯи соҳиби ин манзил рафтам. Ба пирамарди қомат-

баланде ки дар назди манқалдон менишаст, баробар шуда хис кардам, ки касе аз домани.пиджакам мекашад ва садои ничкр« росзаниро шунидам.

— Аз паҳлуи ман гузашта равед, баъд гашта ба ақиб нигок кунед.

Ман ин суханонро комилан баръадо шунидам. Онҳорофа- қат пирамарди дар паҳлуям будагӣ ифода карда метавонист. Вале ӯ мисли пештара чунбй намуда дошт, ки гӯё ғарқи фикру хаёли худ буд ва дар гирду атроф ҳеҷ чизро намедид. Вай дар зери бори гарони пирӣ лоғар, пурчин, бо қомати дуто менишаст; чубуқи тарьёк гӯё аз панҷаҳои бемадораш афтида бошад, дар байни зонуҳояш овезон буд. Ман ду қадам пеш гузошта, бар- гашта ба ақиб нигаристам. Барои он ки аз тааччуб фарьёд на- занам ҳарчӣ метавонистам, худдорӣ кардам. Вай тавре ба та- рафи ман баргашт, ки ба ғайр аз ман рӯи ӯро ҳеҷ кас дида на- метавонист. Қоматаш рост, очингҳои руяш ҳамвор шуданд ва чашмони камнураш ба таври муқаррарӣ дурахшиданд. Дар наз- ди оташ Шерлок Холмс менишаст.ва ба ҳайронии ман механ- дид. Холмс пинҳонӣ ба ман ищора намуд, ки наздаш равам ва аз нав ба пирамарди ларзони лабкашол табдил ёфт.

— Холмс!— пичиррос задам ман.'— Шумо дар ин бангихона чй кор мекунед?

— То метавонед пасттар ган занед,— пичиррос зад вай,— гӯшам тез. Агар аз дӯсти гиҷу гаранги худ ҷудо шавед, ман хушбахт мешудам, ки бо шумо каме сӯҳбат кунам. -

— Дар берун маро кэб мунтазир аст. -

— Дӯстатонро бо ҳамон кэб ба хона фиристед. Аз вай хо- тирҷамъ бошед, чунки барои ба ягон хархаша шарик шудан хе- ле заиф аст. Агар бо дасти кэбчӣ ба занатон хатчае мефирис- тодед, ки маро вохӯрда, ҳамроҳи ман мондаед, хёле хуб мешуд. Дар берун маро нигарон шавед, май пас аз панҷ дақиқа ме- бароям.

Гапи Шерлок Холмсро гардонидан кори душвор:- талаби вай ҳамеша ҳамин тавр муайян ва аниқ ва ҳамин тавр бо оҳан- ги омирона ифода карда мешавад. Ғайр аз ин ҳис мекардам, ки баробари Уитниро ба кэб савор карданам қарзи одамгариамро дар назди вай ичро мекунам ва дигар ҳеҷ чиз ба ман халал на- мерасонад, дар яке as моҷарохои навбатии ғайриоддие, ки амалиёти ҳаррӯзаи дӯсти машҳури маро тйшкил медоданд, ишти- рок намоям.

Дар кофтуковҳо ба Шерлок Холмс ёрӣ расбндан бароям бахти бағоят баланде буд. Бинобар ҳамин дарҳол ба занам хат-

чае навиштам, ба ҷои Уитни пули кэбро додам ва ӯро савор карда, дуртар аз бинои хона босаброна мунтазир шуда исто- дам. Кэб дарҳол дар торикӣ ғоиб гардид. Пас аз якчанд дақиқа пирамарде аз бангихона баромад ва ман ҳамрохаш ба кӯча қа- дам задам. Вай комат рост накарда ва бо поҳои пиронаи худ нодилпурона ду квартал роҳ рафт. Баъд саросемавор гашта ба ақиб нигарист, қомат рост кард ва аз таҳти дил қоҳ-қоҳ хан- дид. Дар назди ман Шерлок Холмс истода буд.

— Уотсон, шояд, шумо,— гуфт вай,— гумон карда бошед, ки ман ба нашабандӣ ишқ пайдо кардаам.

— Рости ган, вақте ки шуморо дар ин манзили бенавоён дидам, ҳақиқатан дар ҳайрат мондам.

— Ба ҳар ҳол шуморо дар он ҷо дида аз шумо дида беш- тар ҳайрон шудам.

— Ман дар он ҷо дӯстамро мекофтам.

— Ман бошам — душманамро.

— Душманатонро?

— Ҳа. Хулласи ган, Уотсон ман бо кори фавқулодда аҷи- бе машғулам ва умедвор будам, ки аз нақлҳои бесару нӯги на- шабандҳои гаранг баъзе чизҳ1о дониста мегирам. Пештар гоҳо ин ба ман муяссар мегардид. Агар дар он ҷо. маро мешиноҳ- танд, яз сад ҷон як ҷонам наемонд, чунки ман пеш чандин маротиба ба он ҷо рафта будам ва соҳиби бангихона даскари каллоб қасам хӯрда буд, ки агар боз як бори дигар ба Ьн ҷо кадам монам, ҷазоямро медиҳад. Дар майдони пушти ин хона, дар назди кунҷи бандари Павели муқаддас, дари махфие ҳаст, он бисьёр воқеаҳои аҷибу ғариберо нақл карда метавонад, ки шабҳои торики бемаҳтоб аз он чи чизҳо бароварда мепарто- янд.

— Наход ҷасади мурда?

— Бале, Уотсон, ҷасади мурда. Агар барои муайян намуда- ни сабаби кушта шудани ҳар шахси бечора дар ин бангихона садфунтӣ мегирифтем, миллионер мешудем. Дар сар то сари соҳили дарьё ин доми аз хама даҳшатангез аст ва ман метар- сам, ки агар Невилл Сент-Клер ба он афтода бошад, ҳеҷ гоҳ ба хона барнамегардад. Вале мо ҳам дом мегузорем.

Шерлок Холмс ду ангушташро ба даҳон тиқонида, сахт хуштак кашид. Ҳамон дам аз дур хамин гуна садои ҳуштак шу- нида шуд, баъд мо тақар-тукури чарх ва гумбур-гумбури су-» ми аспро шуиидем.

Вақте ки аз торикӣ аробаи дучархаи дуфонуса намоён гар<

дида, фонусҳои' он аз хуД раххои борики фурӯзон пошиданд,' Холмс гуфт:

— Хӯш, Уотсон, ҳамроҳи ман меравед?

— Агар нафъам ба шумо мерасида бошад...

— Нафъи дӯсти содиқ ҳамеша мерасад. Дар хонаи ман дар «Чалғӯза» ду кат ҳаст.

— Дар «Чалғӯза?»

— Ҳа. Хонаи мистер Сент-Қлерро ҳамин тавр меноманд. То чигили воқеаро накушоям, дар хопаи вай зиндагӣ мекунам.'

— Он хона дар кучост?

— Дар Кент, наздик ба Ли. Ҳафт миль роҳ тай кардана- мон лозим.

— Ҳеч чиз намефаҳмам.

— Албатта намефахмед. Ҳозир ҳамаашро ба шумо мефаҳ- монам. Савор шавед... Хӯш, Ҷон, шумо дигар ба мо лозим нес- тед. Ана ин ним кронро гиред. Фардо соати ёздаҳ маро нига- рон шуда истед. Лаҷомро ба ман диҳед. Хуш бошед.

Вай аспро қамчин зад ва фойтуни мо ба кӯчаи бёохири то- рики беодам босуръат пеш тохт ва ниҳоят мо ба кӯпруки ва- сеъ расидём, ки аз зери он оби лойрлуд ором ҷорӣ буд. Аз кӯпрук он тараф ҳамин гуна кӯчаҳо воқеъ гардида, аз ду та- рафаГшон хонаҳои хиштӣ қад афрошта буданд; хомӯшии ин кӯ’ чаҳоро фақат вазнин-вазнин ва мавзун-мавзун қадампартоии полицайҳо, садои сурудхонӣ ва доду шавқуни айёшони дермон- да халалдор мекарданд.

Абрҳои сиёҳ дар рӯи осмон оҳиста-оҳиста шино мекарданд ва аз байни онҳо ҳар ҷо-ҳар-ҷо ситораҳо хира-хира милт-милт менамуданд. Холмс сарашро ба рӯи сандуқи сина фуроварда, ба фикр чуқур фурӯ рафта, хомӯшона асп меронд, ман бошам, дар паҳлуяш нишаста, дарьёфтанӣ мешудам, ки ба кадом фикр андармон аст ва ба буридани риштаи хаёли.ӯ ҷуръат намена- мудам. Мо якчанд миль роҳ тай кардем ва акнун минтакаи атрофи шаҳрии сайфияҳоро гузашта будем, ки оқибат вай ба худ омад, китф дарҳам кашид ва чубуқ гиронд.

— Уотсон, шумо ба хомӯш нишастан истеъдоди бузург до- ред,— гуфт вай.— Ба туфайли ҳамин қобилият шумо рафиқи бебаҳоед. Вале ҳозир ба ман одаме лозим, ки бо ӯ сӯҳбат кар- да, фикрҳои шумро аз сарам дур кунам. Вақте ки ин зани меҳ- рубони хурдакак маро дар остона пешвоз мегирад, ба ӯ чи гуфтанамро намедонам.

— Шумо фаромӯш мекунед, ки ман аз ҳеч чиз хабар на- до^ам.

** То Ли рафта расидан вақти Хамаашро ба шумо нақл ' карданам ҳаст. Масъала бағоят оддӣ барин, вале аз чи сар карданамро намедонам. Сарриштаҳо бисьёр, аммо нӯгӣ ягон- тои онҳоро дурустакак ба даст дароварда наметавонам Уотсон, ҳамаашро ба шумо нақл карда мёдихам ва, шояд, дар ин зул- мати беҳудуд, ақаллан дидани шарорае ба шумо муяссар гар- дад.

— Ҳикоя кунед.

— Якчанд сол пеш — дурусттараш, моҳи маи соли 1884— дар Ли ҷентльмене пайдо шуд, ки номаш Невилл 'Сент-Клер буда, зоҳиран, пули бисьёре дошт., Вай виллаи калонеро вчора гирифта, атрофи онро боғи зебое кард ва калон-калон хӯрда, ашрофона зиндагӣ ба сар мебурд. Оҳиста-оҳиста бо ҳамсояхб шиносӣ пайдо карда, соли 1887 ба духтари пивопази маҳаллӣ хонадор. шуд, ки аз вай акнун ду фарзанд дорад. Касби вай муайян не, вале дар якчанд муассисаи тиҷоратӣ ширкат меварзад ва одатан ҳар пагоҳ ба шаҳр рафта, соати 5.14 аз он ҷо бо поезд бармегардад. Мистер Сент-Клер холо ба сиюҳафт даромадааст. Вай зиндагии хоксорона ба сар мебарад; шавха- ри Хуб ва падари меҳрубон мебошад; одамоне, ки бо вай са- рукор доранд, дар ҳаққаш гапи нағз гуфта ӯро таъриф меку- нанд. Боз илова карда метавонам, ки ӯ ҳаштодуҳашт фунту даҳ шиллинг қарздор буда, дар банк дар ҳисоби ҷориаш ду- саду би?т фунт стерлинг пул дорад. Яъне^ ҳеҷ асосе нест, ки аз ҷиҳати пулӣ мушкилӣ мекашад гуфта тахмин карда шавад.

Рӯзи душанбеи ҳафтаи гузашта мистер Невилл Сент-Клер аз хар дафъа дида барвакттар ба шаҳр равон шуда, пеш аз рафтан мегӯяд, ки ду кори муҳим дорад ва барои писарчааш куттии куб меорад.' Тасодуфан ҳамон рӯзи душанбе, дере на- гузашта пас аз рафтанӣ ӯ, занаш телеграммае мегирад, ки ба номи вай посылкаи начандон калон, вале хеле қиматбаҳое омадааст. Занаш кайҳо боз омддани он посылкаро мунтазир будааст. Агар шумо Лондонро нағз донед, ба шумо маълум ки контораи ин чамъияти пароходронӣ дар Фресно-стрит ҷой ги- рифтааст, ки ба Эппер-Суондем-лэн рафта мечаспад ва шумо ин бегоҳ маро аз он ҷо ёфта будед. Миссис Сент-Клер таҳтул карда, роҳи шахрро пеш мегирад, ки як чиз-ним чиз харид кар- да, ба конторай ҷамъият медарояд, посылкаашро- аз он ҷо ме- гирад ва соати чору сию панҷ дақика аз Суондем-лэн гузашта, ба вокзал равон мешавад... То ин ҷо ҳамааш ба шумо маълум, хамту не?

— Албатта, дар ин чизи намефаҳмидагӣ нест. '

— Агар дар хотир дошта бошед, рӯзи душанбе ҳаво хеле гарм буд ва миссис Сент-Клер оҳиста-охиста қадам зада, ба умеди кэбе ёфтан ба гирду атроф назар меандозад, зеро ин қисми шаҳр ки ӯ ба он ҷо омада буд, ба вай тамоман маъқул набуд. Инак ваи бо Суондем-лэн рафта истода, нохост садои фарьёдеро мещунавад ва нохост шавҳарашро мебинад, ки аз тирезаи ошьёнаи дуюми кадом як хона ба вай нигариста ва, чи тавре ба назараш менамояд, бо имову ишора ӯро ба назди худ мехонад. Тиреза кушодагӣ будааст ва ӯ чеҳраи шавҳараш- ро баръало мебинад, ки ба назараш ниҳоят музтарибҳол мена- мояд. Мистер Сент-Клер ҳар ду дасташро ба тарафи зананг дароз мекунад ва гӯё ӯро зӯран аз тиреза кашида дур карда бошанд, нохост ғоиб мегардад. Вале чашми тези занона ба ди- дан фурсат меёбад, ки агарчӣ сюртуки сиёҳи пагоҳӣ пӯшида рафтагиаш дар танаш бошад хам, на гиребонаш ҳаст, на гал-стукаш.

Миссис Сент-Клер чун боварӣ хосил ьгекунад, ки бо шав- ҳараш фалокате рӯй додааст, аз поғундаҳои зина поин мето- зад (хона ҳамон хонае буд, ки бангихона ҷой гирифта буд ва шумо ин бегоҳ маро дар он ҷо дида будед) ва тозон аз долон гузашта, аз зинае, ки ба ошьёнаҳои боло мебурд, баромадани мешавад. Вале дар назди зина ба лаокари[1] ҳаромзода, ки ман навакак дар (юраи вай ба шумо гуфтам, рӯ ба рӯ меояд. Лас- қар ба воситаи дастьёращ ӯро аз хона берун мекунад. Як мар- ди даниягӣ дастьёраш мебошад. МиссНЪ Сент-Клер аз даҳ- шат аз ақл бегона гардида, ба кӯча метозад ва, хушбахтона, дар Фресно-стрит полицайҳоро вомехӯрад, ки бо сардории ин- спектор он гирду пешро давр мезадаанд.

Инспектор ҳамроҳи ду констебль аз паси миссис Сент-Қлер. равон мешаванд ва ба муқобилияти сахти соҳиби бангихона нигоҳ накарда, ба ҳамон хонае, ки.миссис Сент-Қлер аз тире- заи он шавҳарашро дида будааст, медароянд. Вале ӯ дар он ҷо набудааст. Дар сар то сари ошьёна ба ҷуз маслуқи бад- башарае, ки зоҳиран, дар ҳамон ҷо зиндагӣ мекардааст, дигар \еҷ касро намеёбанд. Ҳам вай, ҳам ласкар ба ҷон қасам мехӯ- ранд, ки дар он чо дигар ҳеҷ кас набуд. Онҳо қатъиян ба ҳа- мааш мункир мешаванд; инспектор мабодо миссис Сент-Клер саҳв накарда бошад, гуфта дудила шуданӣ будааст, _ки чохост миссис Сент-Клер фарьёдзанон ба тарафи қуттии чубини дар рӯи миз истодагӣ метозяд ва сарпӯши онро гирифта мепартояд.

[1] Соҳиби бангихона.

Аз куттӣ кубйкҳои бачагона мерезанд. Онҳо ҳамон бозиҳои бачагонае будааст, ки шавҳараш аз шаҳр меорам гуфта ваъ« да дода будааст.

Ин бозьёфт ва нохост хиҷолат кашидани марди маслуқ ин« спекторро ба ҳақиқат будани воқеа бовар мекунонад. Хонаҳо бо диққат кофтуков карда мешаванд ва кофтуков рӯи ҷиноя- ти қабеҳонаро мекушояд.

Ороиши хона фақирона буд. Даҳлез шакли меҳмонхонаро дорад, дар шафаташ хонаи хоби начандон калон воқеъ гарди- дааст, ки тирезаи он ба майдони пушти яке аз верфьҳо (ҷои таъмири киштихо) кушода мешавад. Дар байни верфь ва тире- заи хобгоҳ канали танге ҳаст, ки оби он вақти ҷазр хушк шу- да, дар вакти мадд чоруним фут баланд мебарояд. Тирезаи хо- наи хоб васеъ буда, аз поён кушода мешавад.

Дар вакти тафтиш дар рӯи пештахтаи тиреза осори хун ди- да мешавад; дар рӯи фарши тахтагини хона низ якчанд доғи хун ёфтаанд. Дар паси пардаи даҳлез тамоми сарулибоси мис- тер Невилл Сент-Клер ёфт мешавад. Фақат пиджакаш набуда- аст. Ҳам ботинкааш, ҳам ҷуроб, ҳам кулоҳ, ҳам соаташ дар хамон ҷо будаанд. Дар сарулибосаш ягон осори зӯрӣ дида намешавад. Вале худи мистер Сент-Клер беному нишон гум шуда рафта буд. Вай фақат аз тиреза фуромада ғоиб гарди- данаш мумкин'буд ва доғҳои шумхабари хуни рӯи пештахтаи тиреза баръало нишон медоданд, ки гумон аст щинокунон ҷон ба саломат бурда бошад, алалхусус вақти рӯй додани фоҷиа мадд лаб ба лаби канал расида будааст..

Акнун ба нобакороне, ки аз онҳо шубҳа кардан мумкин буд, мурочиат менамоем. Ласкар ҳамчун одами гузаштааш торик ном баровардааст, аммо аз нақли миссис Сент-Клер мо медо- нем, ки баъди якчанд лаҳзаи шавҳараш аз тиреза намоён шу- дан ласкар ба поён фуррмадааст ва, пас, фақат ӯро шарик хисоб кардан мумкин. Вай рад мекунад, ки ба ин кор ҳеҷ дахл надорад. Аз рӯи суханони вай заррае ҳам тассаввур на- дорад, ки иҷорашини ӯ Ҳю Бун ба кадом кор мащғул аст. Барои вай дар хона пайдо шудани сарулибоси ҷентльмени бе- дарак гардида муаммост.

Ана он чи ки мо дар бораи соҳиби бангихона медонем. Ак- нун ба маслуқи туршрӯй мурочиат мекунем, ки дар ошьёнаи дуюм дар болои бангихона зиндагй мекунад ва бешубҳа охи- рин нест, ки Невилл Сент-Клерро дидааст. Ӯро Ҳю Бун мено- манд ва ҳар касе ки тез-тез ба Сити рафта истад, башараи ху- нукашро нағз мешиносанд. Вай гадои касбй, зимнан, барои он

ки қонуну қоидаҳои полиция ба ӯ дахл накунанд, вонамуд ме- кунад, ки гӯгирди мумӣ мефурӯшад. /

Чӣ тавре, эҳтимол, борҳо дида бошед, дар тарафи чапи Трэд-Нидлстрит тоқе ҳаст. Дар ҳамин тоқ чӯлоқе чорзону за- ца менишинад ва якчанд куттӣ гӯгирдро дар рӯи зону паҳн карда мегузорад; аз намуди вай раҳми кас меояд ва боронв садака беист ба кепкаи ифлоси чармини вай, ки дар пешаш дар роҳи сднгфарш хобидааст, мерезад. Ман борҳо ӯро ба муо ина гирифтаам ва гумон намекардам, ки ягон вакт чун бо чинояткор шинос мешавам ва ҳама вақт тааҷҷуб менамудам ки чӣ тавр дар як муддати кӯтоҳ садақаи фаровон меғундорад. Ӯ чунон як қиёфаи ғайриоддие дорад, ки ягон кас бепарво аз наздаш гузашта намеравад. Мӯи норинҷии сурх, ранги зард, ки доғи захм онро баднамо карда, қисми поёниаш лаби бо- лоиро ду бӯлак сохтааст, манаҳи бульдогмонанд ва чашмони сиёҳи зиракаш, ки ранги онҳо бо ранги мӯйсараш акси якди- гар мебошанд,— ҳамаи инҳо ӯро дар байни издиҳоми гадоёни бенаво фарқ мекунонад. Ҳар касе, ки аз он наздик гузашта, бо сухани истеҳзоомез ӯро хорӣ доданӣ мешавад, он чӯлоқ ҳамон замон бо ҳазлу мутоиба ба вай ҷавоб медиҳад.

Чунин аст бошандаи ошьёнаи болоии ин бангихонаи шуб- ҳанок... Пас аз вай ҷентльменеро, ки мо кофта гаштаем, ди- гар ҳеҷ кас надидааст.

— Вале ӯ чӯлоқ аст! — гуфтам ман.— Чӣ тавр як худи вай аз ӯҳдаи ҷавони пурқуввати серрагу пай баромада тавонйст?

' — Фақат пояш маъюб буда, ҳангоми роҳгардй каме ме- лангад, умуман вай бузбала ва паҳлавон аст. Уотсон, шумо ҳамчун ходими тиб, албатта, медонед, ки аксар вақт қуввати як узв ба. дигараш гузашта бағоят онро пурзӯр мегардонад.

— Лутфан, давомашро нақл кунед.

— Баробари дар рӯи пештахтаиҷ тиреза дидани доғи хун дили миссис Сент-Клер бехуд мешавад ва ӯро ҳамроҳи поли- цай ба хонааш кгефиристанд, хусусан барои кофтукови оянда ҳузури вай зарурат надошт. Инспектор Бар.тон, ки бурдани ин корро ба ӯҳда гирифта будааст, тамоми бангихонаро бо диқ- кат тафтиш карда мебарояд, вале ҳеҷ чизи нав пайдо намеку- над. Саҳв кардаанд: дар лаҳзаи аввал Бунро ба ҳабс нагириф- таанд ва бо ин корашон ба вай имконияте додаанд, ки дар зарфи якчанд дақиқа бо дӯсти худ — ласкар як-ду сухан раду бадал кунад. Вале дере нагузашта ин саҳв ислоҳ карда ме- шавад. Бунро дастгир намуда кофту^ов мекунанд. Аммо цн кофтуков ягон'далеле пеш намеорад, ки муқобили вай бошад«

Дуруст аст, дар остини рости куртаи вай доғи хун дида ме< шавад, аммо вай ангушти бунсурашро нишон медиҳад, ки дар назди нохуни он захме будааст ва илова менамояд, ки осори хун дар рӯи пештахтаи тиреза, эҳтимол, натиҷаи ҳамон захм бошад, деро вақти аз ангушти ӯ хун рафтан ба тиреза наз- дик шуда будааст. Вай якравона тасдиқ мекунад, ки мистер . Сент-Клерро надидааст ва қасам мехӯрад, ки сарулибоси он ҷентльмен дар хонаи вай чӣ хеле ки барои полиция асрор бошад, ҳамчунон барои вай асрор аст. Аммо вақте ба ӯ ме- гӯянд, ки миссис Сент-Ҷлер шавҳарашро аз тирезаи хонаи ӯ дидааст, Бун чавоб медиҳад, ки дар сари авчи беандешагӣ ё ба назари миссис намудааст ё дар хоб дидааст. Бунро ба -участка бурдаанд. Вай бо овози баланд эътироз мекунад. Ин- спектор ба умеди он ки дар таки канал ягон далели нав пайдо кунад, чазрро мунтазир шуда меистад. Дар ҳақиқат, дар лои часпак, дар таги оби канал, баъзе чизҳо ёфтаанд, вале чизи ёфтагиашон тамоман на он чизе будааст, ки бо чунин тарсу ларз ёфтани онро нигарон будаанд. Вақте ки об ақиб гашта рафтааст^ онҳо дар таки канал худй Невилл Сент-Клерро не, балки пиджаки ӯро меёбанд. Ва шумо чй фикр мекунед, ки он- хо аз кисаи пиджаки вай чй ёфтаанд?

—"Аклам намегирад.

— Ман фикр намекунам, ки шумо пай мебурда бошед. Тамоми кисахояш бо тангаҳои якпеннигӣ ва нимпеннигӣ — чорсаду бистуяк пенни ва дусаду ҳафтод нимпенни пур буд. Об акиб гашта пиджакро набурданаш бесабаб набудааст. Ча- сад бошад — гапи дигар. Оби канал дар байни хона'ва верфь хеле босуръат ҷорӣ мешавад. Қомилан мумкин, ки об часадро ба. бахр бурда, пиджаки вазнин дар таки оби канал монда бо* шад.

— Вале, агар хато накунам, боқи ҳама сарулибосро аз хо- на ёфтаанд. Наход дар тани часад фақат як пиджак будааст?

— Не, сэр, вале ба ин эзоҳ ёфтан мумкин. Фарз кардем, ки Бун Невилл Сент-Ҷлерро аз тиреза партофтааст ва инро хеҷ кас надидааст. Хӯш, баъд чй кор карданаш мумкин буд! Таби- вст, ки вай дар навбати аввал кӯшиш менамуд аз сарулибос,- ки ӯро ошкор сохтанаш мумкин буд, халос шавад. Вай пид- жакро ба даст мегирад, мехохад онро аз тиреза берун партояд, аммо дархол ба хотираш меояд, ки пиджак таг нанишаста, рӯ-рӯи об шино мекунад. Бун ниҳоят саросема мешавад, зеро дар зинапоя овбзи хархашаро мешунавад, мешунавад, ки чьг тавр зани Сент-Клер исрор менамояд, ки ӯро ба назди шавҳа-

раш гузоранд ва ба замми ин, шояд, шарйкаш ласкар аз наз- дикшавии полиция ӯро огоҳ мекунад. Як дакика вақтро бекора гузаронидан лозим набуд. Бун ба тарафи кунҷи хилвате, ки маҳсули гадоии вай руст карда шуда буд, медавад ва кисаҳои пиджакро бо тангаҳо пур мекунад. Баъд пиджакро аз тиреза мепартояД ва чизҳои бокимондаашро партофтанӣ мещавад, ва- ле дар зина садои помониро мешунавад ва то омадани полиция ^азӯр ба пӯшидани тиреза фурсат меёбад.

— Ин ба ҳақиқат наздик.

— Аз набудани далели беҳтар, инро ҳамчун фарзияи ноқиси шартӣ қабул мекунем... Чи тавре, ки ман аллакай ба шумо гуфтам, Бунро ба ҳабс гирифта ба полиция овардаанд. Зиндагии пештараи вай моҳиятан беайбу нуқс мёбошад. Дуруст аст, ӯ дар давоми солҳои зиёд ҳамчун гадои касбй маълум буд, вале осуда умр ба сар мебурд ва ба ягон кори бад гумонбар нашу- да буд. ' . - -

Дар айни замон хамаи ин воқеа ана дар кадом ҳолат ме- бошад. Чи тавре мебинед, пештара барин масъалаи дар ин бангихона чи кор кардани Невилл Сент-Клер, дар он ҷо бо вай чи воқеа рӯй дод, ҳоло вай дар кучост ва ба ғоиб шудани вай Ҳю Бун чи алоқа дорад, хал нашуда мемонад. Икрор шу- данам лозим, дар таҷрибаи кориам, воқеаеро ёд надорам, ки дар навбатиаввал одДӣ намояд ва дар ҳақиқат мушкил бошад.

Ҳоло ки Шерлок Холмс тафсилоти ин воқеаи аҷибро ба ман нақл мекард, мо ҳаволии шаҳри азимро гузашта, охирин хонаҳоро ақйб гузошта, ба роҳе фойтун тозонда мерафтем, ки аз ҳар ду тарафи он чиғҳои деҳот кашида шуд$ буданд. Баро* бари ба деҳа расидани мо ҳикояи ӯ поён ёфт. Гоҳ ҷо-гоҳ ҷо аз тирезаҳои хонаҳо чароғ милт-милт мекард.

— Мо ба Ли медароем,— гуфт дӯстам.— Дар давоми саё- ҳати начандон дуру дарозамон мо св графии Англияро давр задем: аз Миддлсекс .даромада, бурчи Сзрриро бурида гузаш* тем ва ба Кент омадем. Ана он чароғҳои байни дарахтонро мебинед? Ин «Ҷалғӯза». Дар он ҷо дар назди лампа зане ни- шастааст, ки гӯши тези вай ҳатман аллакай гумбур-гумбури суми аспи моро шунид. , . . '

— Ин корро бурда истода, чаро дар Бейкер-стрит не, дар ин ҷо зиндагй мекунед? — пурсидам ман. •

— Барои он ки бисьёр чизҳоро дар ин чо тадқиқ кардан ду- руст меояд... Миссис Сент-Клер аз рӯи меҳрубонй ду хонаро ба ихтиёри ман дод ва дилатон пур бошаХ ки вай дӯсти ма- ро,- ки дар кори ҷустуҷӯям ба ман ёрӣ мерасонад, шодона меҳ-

моннавозӣ мекунад. Уотсон, чи тавр бароям ғамангез аст, ки бо вай вохӯрда, ҳоло дар бораи шавҳараш ба ӯ ҳеҷ чизи нағз хабар дода наметавонам! Расидем! Ист ҷонвар!..

Мо дар назди виллаи калоне, ки атрофаш боғ буд, истодем. Холмс лаҷоми аспро ба дасти саисе, ки ба пешвозамон тохта баромада буд, дод ва мо ҳар ду аз пайраҳаи борики шағал- рехта ба тарафи хона равон шудем. Баробари наздик шуда- намон дар калон кушода шуд ва дар остона зани малламӯи хурдакак намоён гардид; ӯ дар бар куртаи сафеди шоҳӣ дош- та, ороишаш шифони гулобии олиҷаноб буд. Вай бо як даст дарро медошт ва дасти дигарашро бесаброна бардошт; пеш хам шуд, лабонашро нимво карда, ҳарисона ба мо менигарист, гӯё вай бо тамоми қиёфаи худ мепурсид, ки мо барояш чӣ гуна навигарӣ овардем.

— Хӯш? — бо овози баланд пурсид вай.

Чун дид, ки мо ду нафарем, хурсандона фарьёд зад, аммо вақте ки рафиқи ман сар ҷунбонида китф дар ҳам кашид, ин фарьёд ба нолиш табдил ёфт.

— Ягон хабари хуш овардед?

— Не.

— Ганда чӣ?

— Ганда ҳам не.

— Ба ҳаминаш ҳам шукр. Дароед охир. Рӯзатон бомашақ- қат гузашт, эҳтимол, монда шуда бошед.

— Ин дӯети ман, духтур Уотсон. Дар бисьё.р корҳои коф- туковиам нафъи вай ба ман бисьёр расидааст ва бо тасодуфи хушбахтона ман ӯро ба ин ҷо ювардам, то ки дар ҷустуҷӯҳои мо аз ёрии вайистифода намоям.

— Аз дидоратои шодам,— кушодаруёна дасти маро фи- шурда гуфт вай.— Метарсам, ки хонаи мо ба шумо хуш на- меояд. Охир шумо медрнед, ки ба сари оилаи мо нохост чӣ гуна бадбахтӣ омад...

— Хонум,— гуфтам ман,— ман сарбози ба истеъфо барома- даам, ба ҳар роҳу руҳ- одат кардаам, вале, рости гап, ҳатто агар хизмати сарбозиро адо накарда бошам ҳам, ҳоҷати узр пурсидан нест. Агар ба шумо ё ба дӯстам ёрие расонда таво- нам, худамрохушбахт мешуморам.

— Мистер Шерлок Холмс,— гуфт ӯ ва моро ба ошхонаи фурӯзоне даровард, ки таоми шоми хунук мухайё буд,— мехо- хам ба шумо ошкоро якчанд савол диҳам ва хоҳишмандам ба онҳо ҳамчунон рӯйрост ва ошкоро ҷавоб диҳед,

— Бифармоед, хонум,

— Ба эҳсосоти ман тараҳҳум накунед. Ман на ба ҳаячон меоям, на беҳуш шуда меафтам. Мехоҳам фикри хакикии шу- моро фаҳмам.

— Дар кадом хусус?

— Дар қаъри дил боварӣ доред, ки Невилл зинда аст J

Шерлок Холмс, зоҳцран, аз чунин савол дар хиҷил монд.

— Руйрост ran занед,— рӯи гилем истода ва якзайл ба чехраи Холмс нигариста гуфт вай.

— Хонум, росташро гӯям, боварӣ надорам.

< — Ба фикратон, вай мурдааст?

— Ҳа, ҳамин тавр фикр мекунам.

— Қушта шудааст?

< — Инашро тасдиқ карда наметавонам.

< — Кадом рӯз мурдааст?

— Душанбе.

— Дар он сурат мистер Холмс^ лутфан ба ман фаҳмонед, ки чӣ тавр ман имрӯз аз вай ин мактубро гирифтам?

Мисли ин ки Шерлок Холмсро кувваи электр зада бошад, ҷаста аз чой хест.

— Чӣ? — фарьёд зад вай.

— Ҳа, ҳамин рӯз.

Вай вараҳи коғазеро дар даст нигоҳ дошта, табассум ме- кард.

— Хондагн мумкин?

— Марҳамат.

Холмс чанг зада мактубро аз дасти вай гирифт, ба рӯи миз гузошта тахт кард ва бо диққат аз назар гузаронидан гирифт. Ман аз курсии роҳат хеста, аз болои китфи вай ба он назар андохтам. Конверт конверти оддии контора буд; дар рӯи конверт штемпели почтаи Гревзенд меистод; дар штемпель са- наи имрӯза ё дурусттараш. дирӯза меистод, чунки шаб алла- кай аз нисф гузашта буд.

— Хати чалмақ,— ғур-ғур кард Холмс.— Хонум, боварӣ до- рам, ки ин хати шавҳари шумо не.

— Бале, дар рӯи конверт хати одамӣ бегона, вале хати да- рунаш — хати шавҳари ман.

— Шахси ба рӯи, конверт навиштагӣ суроғ карда маҳали истиқомати шуморо фаҳмидааст.

— Инро аз кучо медонед?

— Ҷи тавре ки мебинед, номи рӯи конверт бо сиёҳии худ фарқ карда меистад, зеро ранги он худ ба худ хушк шудааст. Адрес сафедчатоб мебошад, зеро ба рӯяш обчинак гузоштаанд.

Агар хати рӯи конверт дар як вақт навишта мешуд ва агар хамаи онро бо обчинак хушк мекарданд, ҳама калимаҳо баро- бар камранг мебуданд. Ин Ьдам дар рӯи конверт аввал фақат номи шуморо навиштааст ва танҳо чанд гоҳ пас адресро ба он илова кардааст; аз ин хулоса баровардан мумкин, ки ав- вал адрес ба ӯ номаълум будааст. Албатта, ин чизи беҳуда, вале дар касби ман аз чизи беҳуда муҳимтараш нест. Мактуб- ро ба ман диҳед бинам. ...Аҳа! Ба он ким-чӣ гузошта шуда бу- дааст.

— Ҳа, дар даруни он ангуштарин буд. Ангуштарини мӯҳр- дори вай.

— Боварӣ доред, ки ин хати шавҳаратон аст?

— Яке аз хатҳои ӯ.

— Яке аз хатҳои ӯ?

— Хате, ки дар вақти саросемагиаш менависад. Одатан вай тамоман дигар хел мерависад, вале ин хаташ ҳам ба ман нағз шинос аст.

— «Азизам, ғам нахӯр. Ҳамааш нағз шуда меравад. Саҳве рӯй додааст, қи барои ислоҳи он мӯҳлате лозим. Бесаброна интизор бош. Невилл»... Дар коғазпорае, ки аз дафтар канда гирифта шуда аломати обгуй надорад бо қариндошқалам на- вишха шудааст. Ҳм! Имрӯз ин мактубро аз Гревзенд шахсе фиристодааст, ки сарангущташ бо ким-чӣ олуда аст. Ҳа! Агар сахв накунам, шахси конвертро елим кардагӣ тамоку мехояд... Хонум, боварӣ доред, ки ин хати шавҳари шумост?

— Боварӣ дорам. Ин хатро Невилл навиштааст.

— Он имрӯз аз' Гревзенд фиристода шудааст. Хӯш, миссис Сент-Қлер, агарчи хатар аллакай гузашт, гуфта натавонам хам, рӯи воқеа равшан шуда истодааст.

— Мистер Холмс, ӯ~зинда аст!

— Агар. ин сохтакории моҳиронае набошад, ки моро ба ро- хи нодуруст равона кунад. Ангуштарин ҳеҷ чиз исбот намеку- ғад. Ангуштаринро аз ангуштащ кашида гирифтанашон мумкин.

— Вале ин хати вай, хати вай, хати вай!

—■ *Хуб.* Агар мактуб рӯзи душанбе навишта шуда, имрӯз фирйстода шуда бошад-чӣ?

— Ин мумкин.

— Дар ин муддат бисьёр ҳодисаҳо рӯй доданаш мумкин. — Мистер Холмс, хушбахтии маро ба ғам табдил надиҳед! Ман медонам, ки бо вай ҳеҷ ҳодиса рӯй иадодааст. Ману вай ба андозае ба ҳамдигар наздикем, ки агар ӯ дар ҳақикат ба фалокат гирифтор мешуд, ман ҳатман ҳис мекардам. Як рӯз

леш аз беному нишон шуданаш нохост ангушташро бурид. Ман дар ошхона будам, вай — дар хонаи хоб, чун хис кардам^ ки бо вай нохушие рӯй додааст, дарҳол ба наЗдаш тохтам. Агар ҳатто чунин чизи чузъй ба ман таъсир мекарда бошад, наход шумо фикр кунед, ки ман аз марги вай бехабар мемондам!

— Ман одами пуртаҷрибаам ва медонам, ки ҳисси бевосн- таи занона гоҳо аз ҳар гуна хулосабарорйи мантиқӣ қиматба- х.0 буданаш мумкин. Ва ин мактуб, албатта, барои ҳ£қ будани шумо дастури муҳим буда метавонад. Вале агар мистер Сент- Қлер зийда бошад, агар вай ба шумо мактуб навишта метаво- ниста бошад, чаро вай ҳамрохи шумо нест?

—- Намедонам. Ва тасаввур карда наметавонам.

— Рӯзи душанбе, вақти рафтанаш дар ягон бора шуморо огоҳ накарда буд?

— Не.

— Ва ӯро дар Суондем-лэн дида хеле дар ҳайрат мондед?

— Хеле.

— Тиреза кушодагӣ буд?

- Ҳа.

— Вай шуморо аз тиреза ҷеғ зада метавонист?

- Ҳа.

— Дар зимни ен, ба фаҳмиши ман, вай якчанд маротиба. берабт ким-чӣ гуфта фарьёд зад?

- Ҳа.

— Фикр кардед, ки вай шуморо ба.ёри ҷеғ мезанад?

— Ҳа. Вай ба тарафи ман даст афшонд.

— Вале, шояд, шуморо ногаҳон дида фарьёд зада бощад. У мумкин, аз дидани шумо -ҳайрон шуда, дастонашро ба ду тараф партофта бошад.

— Мумкин.

— Ва ба назаратон намуд, ки ӯро кашида аз тиреза дур бурданд?

— Вай чунон ногаҳон ғоиб гардид, ки...

— Эҳтимол аз тиреза дур ҷаста бошад. Шумо дар хона ди- ғар ҳеҷ касрр надидед?

— Ҳеҷ касро. Вале охир он гадои бадбашара худаш иқ- рор шуд, ки Невилл дар ҳамон ҷо буд.-Ласкар бошад, поён дар назди зинапоя меистод.

— Комилан дуруст. Ба ҳаде, ки дида тавонистед, шавҳара- тон ҳар дафъа барин сарулибос пӯшида буд?

— Вале ӯ на гиребонча дошт, на галстук. Ман гардани лучи ӯро баръало дидам.

— Вай дар бораи Суондем-лэн ягон вақт ба шумо ran за- да буд?
— Ҳеҷ гоҳ.
— Шумо ягон аломати нашабанг буданашро надида бу- дед?
— Ҳеҷ гоҳ.
— Ташаккур, миссис Сент-Клер. Ин'нуктаҳои асосие бу- данд, ки ҳамаашро дониста гирифтанӣ будам. Акнун шом хӯрда рафта дам мегирем, зеро эҳтимол, фардо ташвишу та- раддуди зиёд моро дар пеш бошад.

Хонаи васеи бароҳат бо ду кат дар ихтиёри мо буд ва ман дарҳол сарулибосамро кашида хобидам, чунки шабгардиҳо маро монда карда буданд. Вале вақте ки Шерлок Холмс ягон масъаларо ҳал накарда бошад, якчанд шабу рӯз, ҳатто ҳафтаи дароз хоб накарда, онро фикр карда мебаромад, далелҳоро му- қоиса менамуд, онро аз ҳар нуқтаи назар то даме санҷида мебаромад, ки ё онро ҳал мекард, ё дар роҳи хато буданашро ҳис менамуд. Ман дарх;ол фаҳмидам, ки вай нахобида, шабро рӯз карданӣ аст. Вай пйджак ва жилеташро кашида, яктаки васеи кабудашроʻчпӯшид ва аз рӯи кат, нимкати мулоим ва кур- сиҳои роҳат болиштҳоро ба як чо ҷамъ кардан гирифт. Аз ин болиштҳо ба шакли тахт барои худ ким-чӣ сохт ва ба болои онҳо баромада, чорзону зада нишасту тамоку ва қуттии гӯ- гирдро ба наздаш гузошт. Дар равшанни хираи лампа меди- дам, ки ӯ дар он ҷо дар миёни абри кабуди дуд нишаста, чу- буқи кӯҳнаро дар даҳон нигоҳ медошт ва парешонхотирона чашмонашро ба шифт дӯхта, начунбида JtoMyin менишаст ва ча- роғ тарҳи барҷастаи рӯи уқобиашро равшан мекард.

Вақти хобам бурдан ӯ дар хамин ҳолат нишаста буд ва чун дар партави офтоби пагоҳирӯзӣ аз нидои ногаҳонии вай чашм. кушодам, ӯро ҳамин тавр нишастагӣ дидам-. Чубуқ якзайл дар даҳонаш буд, дуд якзайл печида боло мебаромад; ҳона аз ду-: ди туманмонанди тамоку пур буд ва аз кулӯлаи тамоку, ки шдб дида будам, аллакай ҳеҷ чиз намонда буд.

— Уотсон, бедор шудед? — пурсид вай.
- Ҳа.
— Фойтунсаворӣ мехоҳед?
— Бо дилу ҷон. ,
— Дар он сурат сарулибосатонро пӯшед. Дар хона ҳанӯз хама хобидаанд, вале дар куҷо хобидани саисро медонам ва ҳозир фойтун тайёр мешавад.

Вай ин суханонро гуфта лабханд кард: чашмонаш медурах*

шиданд ва ӯ ба он мутафаккири маҳзун, ки дирӯз дида будам, монанд набуд. '

Сарулибосамро пӯшида, ба соат нигаристам. Будагӣ ran, ҳанӯз ҳама дар хона хобида буданд: соат аз панҷ бисту-панҷ дақиқа гузашта буд. Ман акнун сарулибосамро пӯшида будам, ки Холмс ба хона дар.омада гуфт, ки саис ал.лакай аспро ба фойтун баЪт.

— Мехоҳам як назарияи худро санҷида бинам,— кафшаш- ро пӯшида гуфт вай.— Уотсон, шумо дар назди худ яке аз бу- зургтарин каси беақли Европаро мебинед! Ман мисли кӯрмуш кӯр будаам. Маро чунон кашидаю кушода фуровардан лозим буд, ки парида ба Черинг-кросс равам! Вале акнун, зоҳиран ка- лиди ин муамморо ёфтам.

— Куҷост он калиди шумо? — табассумкунон пурсидам ман.

— Дар ғуслхона,— ҷавоб дод Холмс.— Не, ман шӯхӣ наме- кунам,— нигоҳи нобоваронаи маро дида, ба гапаш давом намуд вай.— Ман аллакай ғуслхонаро аз назар гузаронида, онро ги- рифта, ана ба ин ҷомадонча руст кардам. Дӯстам, меравем, ва мебинем, ки ин калид ба қулф мувофиқ меояд ё не.

Мо аз зинапоя фуромада, кӯшищ менамудем ҳарчи оҳиста- тар қадам монем. Офтоби пагоҳирӯзӣ аллакай ба ҳама ҷо шаъ- шаапошӣ мекард. Дар назди дарвоза моро фойтуне нигарон буд; саис лаҷоми аспро нигоҳ медошт. ,

Мо ҷаста ба фойтун савор шудем ва зуд онро ба роҳи Лон- дон тозондем. Баъзан аз аробаҳое, ки ба пойтахт сабзавот ме- бурданд, пеш мегузаштем, вале дар сайфияҳо ҳама ором буд ва, гӯё дар шаҳри ҷодушуда бошанд, ҳама дар хоб буданд.

зг- Аз баъзе ҷиҳатҳо ин комидан воқеаи фавқулоддае мебо- шад,— аспро чорхез давонда гуфт Холмс.— Иқрор шавам кӯр- муш барин кӯр будаам, вале чи тавре мегӯянд, дер ояду ду- руст ояд.

Мо аз тарафи Сэрри ба шаҳр даромадем. Аз тирезаҳо чеҳ- раҳои хоболуди одамони нав аз хоб хеста намоён мегардиданд. Мо аз болои дарьё аз кӯпруки Ватерлоо гузаштем, ба рост ба Веллингтон-стрит тоб хӯрдем ва худро дар Бау-стрит дидем. Дар управлениия полиция Шерлок Холмсро нағз мешинохтанд ва ҳангоми мо наздик шудан, ду констебль ба ӯ честь доданд. Яке аз онҳо аз лаҷоми асп гирифт/ Дигараш моро ба бино даровард.

— Навбатчӣ кист? — пурсид Холмс.

■. — Инспектор Брэдстрит, сэр.

Аз роҳрави 'фаршаш тахтасанг полицаи қоматбаландй фар*" беҳи сарулибосаш расмӣ ба пешвози мо баромад.

— Ҳа, Брэдстрит! Аҳвол чӣ хел? Брэдстрит, ман ба шумо ran дорам.

— Мархамат, мистер Холмс. Ба хонан ман, ба назди ман дароед.

■ ‘

Хона ба контора монанд буд: дар рӯи миз дафтари калдйе барои қайд мехобид, дар девор телефон овезон буд.

Инспектор ба паси миз нишаст:

~ Мистер Холмс, чӣ ёрӣ расонда метавонам?

.— Мехоҳам дар бораи ҳамон гадое, ки дар воқеаи гум гаштани мистер Невилл Сент-Қлер шарик мебошад, шуморе пурсам.

— Ӯро ба ҳабс гирифта, барои истинтоқ ба ин ҷо оварда- анд.

— Медонам. Вай дар ҳамин ҷо?

— Дар камера.

— Арбада.намекунад?

— Не, орбм. Вале он мурдор чунон ифлос, ки мондан ги- ред! ■

— Ифлос?

— Ҳа. Базӯр маҷбур кардем, ки дастонашро шӯяд, рӯяш бошад мисгар барин сип-сиёҳ. Ҳамин ки истинтоқ ба поён ра- сид, мурад ҳам як ғуслхонаи ҳабсхонаро зиёрат мекунад! Агар ӯро медидед, ба гаяи ман бовар мекардед.

— Мехостам ӯро бубинам.

— Рост? Ин кори душвор не. Аз паси ман биёед. Ҷомадон’ чаатонро дар ҳамин ҷо монед.

— Не, ман онро ҳамроҳам мебарам.

— Ҳуб. Ба ин чо марҳамат фармоед.

Вай дари қуфлеро кушод, аз зинапояи печдоре поин фу- ромад ва моро ба роҳраве овард, ки деворҳои он сафед карда шуда буданд. Аз росту, чап қатори дарҳо дида мешуд.

— Камераи вай — сеюм аз рост,— гуфт инсцектор.— Ана дар ин чо.

Вай тахтачаи қисми болои дарро эҳтиёткорона тела дода, аз сӯрох ба дарун нигарист.

— Хобидааст,— гуфт вай.— Шумо ӯро дурустакак аз назар гузаронида метавонед.

Мо ҳар ду ба панҷара наздик шудем. Маҳбус оҳиста-охио та ва чукур-чукур нафас гирифта сахт мехобид. Рӯяш ба та- рафи мо гардонидагӣ буд. Вай марди миёнақаде буда, **4й** тав'

ре ки ба одамони касбу крри ӯ шоям аст, хеле бад сарулибос пӯшида буд: аз байни сӯроххои пиджаки даридааш ҷиғда-ҷиғ- даи куртаи гулдораш баромада меистод. Вай дар ҳақиқат ба- ғоят ифлос буд, вале ҳатто қабати ғафси чирк, ки рӯяшро пӯ- шида буд, зиштии нафратовари ӯро пинҳон намедошт. Доғи захми паҳн аз чашм то манаҳалп мерасид ва аз байни чокии лаби болояш мудом се дандон намудор шуда меистод. Кабзая мӯи сурхи дурахшандааш ба пешонӣ ва рӯи чашмаш меафтид.

— Паризод, ҳамту не? — гуфт инспектор.

— Ҳатман шустултӯ карданаш лозим,— гуфт Холмс.— Ман пештар ииро пай бурда будам ва ҳама асбобу анҷомамро ҳам- рохам овардам.

Вай ҷомадончаашро кушод ва ҳайратангезона губкаи ка» лонеро аз он баровард.

— Хе, хе, шумо масхарабоз-ку! — хандид инспектор.

— Лутфан, оҳиста дарро кушоед ва мо дарҳол ба вай шак- лу сумоти одамӣ медарорем.

— Майлаш,— |уфт инспектор.— Набошад дар ҳақиқат ҳабс- ханаи моро бадном мекунад.

Инспектор дарро кушод ва мо секаса хомӯшона ба камера даромадем. Маҳбус ҷунбид, вале дарҳол ба хоби сахт рафт. Холмс ба дастшӯяк наздик шуд, губкаашро тар кард ва ду бор сахт-сахт ба рӯи маҳбус давонд.

— Рухсат диҳед ман шуморо бо мистер Невилл Сент-Клёр аз Ли, графии Кент шиносонам! — хитоб'намуд Холмс.

Дар умрам ба ин монанд чизе надида будам. Чи тавре кя пӯст аз танаи дарахт канда.шуда ■меафтад, қабати рӯи чехрая маҳбус лағжида фуромад. Сиёҳии дағали офтобзада,ф доғи зах? ми бадвоҳимае, ки аз таги чашм то лаб фуромада буд, бар* хам хӯрд. Лаби чок барҳам хӯрд. Дандонҳои нафратовар нест шуданд. Мӯи сурхи парецкэн аз як дастафшонии Холмс нёст гардяд ва мо шахси рангпаридаи маҳзун, зебои сиёҳмӯя нозукпӯстеро дидем, ки дар рӯи бистар нишаста, чашмашро мемолид ва ҳанӯз ба худ наомада, ҳайратангезона ба мо меригарист. Нохост вай чӣ будани гапро фаҳмид, фарьёд кашид ва сарашро ба болишт тиқонд.

— Худоё,— фарьёд зад инспектор,— охир ин ҳамон марди гумшуда-ку! Ман ӯро мешиносам, ман расмашро дида будам!

Маҳбус бо қиёфаи шахсе, ки қарор додааст, ба.^исмат тан диҳад, ба тарафи мо баргашт.

— Х,арчи бодо бод! — гуфт вай.— Чаро маро дар ин ҷо ни- гох медоред?

— Барои мистер Невилл Сентро куштанатон... Туф! Акнун шуморо ба қотилӣ айбдор кардан мумкин нест. Шуморо фа- қат барои қасди худкушӣ айбдор кардан мумкин,— гуфт ин-' спектор табассум намуда.— Ман бистуҳафт сол дар полиция хизмат мекунам, вале монанд ба ин ягон воқеа надида будам.

— Модоме ки ман мистер Невилл Сент-Қлер бошам, пас, чиноят содир накардаам ва, яъне, ман ғайри қонун ба ҳабс ғирифта шудаам.

— Чиноят-ку не, вале хатоии калоне содир кардаед,— гуфт Холмс.— Шумо бекора худатонро ба занатон накушодед.

— Гап дар сари занам не, балки дар сари фарзандонам,— бо чӯшу хурӯш гуфт маҳбус.— Ман намехостам, ки онҳо аз па- дарашон шарм кунанд. Худоё, ин чӣ шармандагӣ! Чӣ кор кунам?

Шерлок Холмс ба рӯи кат дар паҳлуи вай нишаст ва меҳ- рубонона ба китфаш тап-тап зад.

— Агар пешгирӣ накарда монед, ки суд ба кори шумо маш- ғул щавад, албатта, фош нашуда наменонед,— гуфт вай.— Вале агар полицияро бовар кунонед, ки ҳеч гуноя надоред, газетахо ҳёҷ чиз намефаҳманд. Инспектор Брэдстрит шаҳодати шуморо навишта гирифта, онро ба ҷойҳои дахлдор медихад ва кор ба суд оид намешавад.

— Оҳ, ман аз шумо ниҳоят миннатдорам! — фарьёд зад Мах- еуе.— Фақат барои он ки аз фош гардидани асрори бадбахтонаи ман фарзандонам шарманда нагарданд, бо дилу ҷон ба ҳабс, ҳатто ба ҷазои қатл розиам! Шумо аввалин шуда, саргузашти маро мешунавед...

Падари ман дар Честерфилд муаллим буд ва ман маълу- мотн нағзе гирифта будам. Дар ҷавониам бисьёр саёхат карда, дар сахна кор кардаам ва, оқибат, вокеанигори як газетаи шо- ми Лондон будам. Як дафъа ба муҳаррир дар бораи бенавой дар пойтахт як силсила очеркҳо даркор шуда *монд ва ман на- виштани онҳоро ба ӯада гирифтам. Саргузашти ман аз хамин сар шуд. То ки барои очеркхоям далелҳои даркорӣ ба даст да- рорам, қарор додам гадойхо барин сарулибос пӯшам ва ба са- дақапурсӣ сар кардам. Ҳанӯз вақти актёриам дар маҳорати гримкунӣ ном бароварда будам. Акнун ҳамин маҳорат кор дод. Ман рӯямро рангу равған додам ва барои он ки бештар раҳми мардумро биёрам, дар рӯям доғи захм баровардам ва бо ёрии пластири ҳамранги бадан лабамро саҳл бардошта, бад- намо кардам. Баъд сарулибоси даридагӣ пӯшидам; мӯи сурхи сунъӣ ба сар мондам ва дар ҷои серодами Сити нишаста, худро

Гӯгирдфурӯш вонамуд карда, садақа мепурсидам. Ҳафт соат аз ҷой нахеста нишастам, бегоҳӣ ба хона баргашта, ҳайратанге- зона дидам, ки бистушаш шиллингу чор пенс ғундоштаам.

Маночерк навишта йн воқеаро аз хотир фаромӯш кардам. Баъди чанд вақт векселеро (санади қарз) ба ман супурданд, ки мувофиқи он ба ҷои рафиқам биступанҷ фунт медиҳам, гуф- та кафолат додам. Ман тасаввур надоштам, ки ин пулро аз куҷо мегирам ва нохост фикри нағзе ба сарам зад. Аз қарзхоҳ илтимос намудам ду ҳафта сабр кунад ва аз корам отпуск гирифта, ин муддатро ба гадоӣ дар Сити гузаронидам. Дар зарфи даҳ рӯз пули даркориро ба даст дароварда, қарзро до- дам. Акнун ба худ тасаввур кунед, ки ба ивази ду фунт **як** ҳафта кор кардан оё осон аст, дар сурате медонӣ ки сару рӯятро ранг молида, кепкаро ба замин гузошта, ҳеҷ кор накарда, **ин** ду фунтро дар як рӯз ёфтан мумкин аст?

Дар байни ғуруру ифтихори ман ва саъю кӯшиши даромади осон дуру дароз мубориза давом кард, вале ҳирси пул оқибат ғолиб омад. Ман кори газетаро партофта, рӯзҳоро дар кунди кайҳо хуш кардаам гузаронида, бо қиёфаи маслуқам раҳми мар- думро меовардам ва кисаҳоямро аз пули сиёҳ пур мекардам.

Аз сирри ман фақат як кас — соҳиби бангихона дар Суондэм- лэн огоҳ буд, ки ман дар он ҷо сокин шуда будам. Ҳар пагод дар сурати гадои ҳақир аз он ҷо мебаромадам ва ҳар бегох дар он чо ба ҷаноби олуфта табдил меёфтам. Ман барои хона- ҳояш ба ласкар саховатмандона пул медодам, зеро боварӣ доштам, ки дар кадом ҳолат набошад, вай сирри маро ошкор намекунад.

Дере нагузашта ман пуди калон пасандоз кардам. Гумон аст, дар Лондон гадое ёфт шавад, ки соле ҳафтсад фунт кор кунад, ман бошам зиёдтар. кор мекардам. Ман махорате дош- там, ки ба эродҳои тасодуфии роҳгузарон шӯхиомез ҷавоб медо- дам ва дере нагузашта дар сар то сари Сити машҳур шудам. Сели пенс омехта бо нуқрд якзайл ба кепкаам мерехт ва ман он рӯзҳоеро бебарор мешу^урдам, ки аз ду пенс кам даромад мекардам. Ман дар беруни шаҳр хонаеро ба иҷора гирифтам, зандор шудам ва ҳеҷ кае намедонист, ки дар амал ба кадом коре машғулам. Ҳамсари меҳрубонам воқиф буд, ки ман дар Сити ким- чӣ қрр мекунам. Вале он кор аз чӣ иборат аст, заррае ^ам тасаввур надошт.

Рӯзи душанбеи гузашта, корро тамом карда, дар хучраи худам сарулибосамро иваа менамудам ва нохост аз тиреза сар бароварда, бадбахтона, занамро дидам, ки дар кӯча истода рост

ба ман менигарад. Аз тааҷҷуб фарьёд задам, рӯямро пӯшиданӣ шуда дастонамро бардоштам ва ба назди шарикам ласкар тохта, илтимос намудам, ки ҳеҷ касро ба назди ман даромадан намонад. Ман дар поён овозқ занамро шунидам, вале медонистай, ки бо- ло баромада наметавонад. Зуд сарулибосамро кашидам ва кӯҳ- наколаҳои бенавоёнаамро пӯшида, мӯи ориатиамро ба сар мон- дам ва рӯямро нақшу нигор кардам. Ҳатто занам дар ин қиёфа маро шинохта наметавонист.

Вале баъд ба хотирам омад, ки ҳуҷраи маро кофтуков кар- данашон мумкин ва он гоҳ сарулибосам маро ошкор месозад. Ман тирезаро калон кушодам, зимнан дар сари-саросемагӣ ан- гуштамро задам (пагоҳӣ дар хонаи хоб ангуштамро бурида будам) ва аз ҷароҳатам боз хун рафт. Баъд ҷлнг зада, пиджа- камро гирифтам, ки кисаҳояш пур аз танга буд ва ин танга- ҳоро нав аз кӯлворам ба онҳо андохта будам, сонӣ онро аз тиреза партофтам ва он дар оби Темза ғарқ гардид. Сарулибоси бокимондаамро ҳам ба он ҷо партофтанӣ будам, вале дар ҳамин вақт якчанд полицай зада ба наздам- даромад ва пас аз якчанд дақиқа ба ҷои он, ки ҳамчун мистер Невилл Сент-Клер фош карда шавам, чун қотили вай ба ҳабс гирифта шудам.

Дигар чизи илова мекардагй надорам. Грими рӯямро нигоҳ доштанӣ шуда, аз шустушӯ сар мепечидам. Медонистам, ки занам хеле хавотир мешавад, рустӣ аз полицайҳо ангуштари- намро аз ангуштам гирифтам ва онро ҳамроҳи тлактуби саросема навиштаам ба ласкар додам; дар мактуб ман навишта будам, ки ҳеҷ гуна хатар маро тахдид намекунад.

— Вай ин номаро .фақат дирӯз гирифт,— гуфт Холмс.

— Худоё! Ин ҳафтаро чӣ гуна.бо дарду алам гузаронида бошад!

—_ Аз паси ласкар полиция мепоид,— гуфт инспектор Брэд- стрит,— ва, зоҳиран, ҳеч илоче надошт, ки номаро рустӣ фи- ристад. Вай, эҳтимол, онро ба ягон матрос, хамешахозири бангихонаи худ дода бошад, ва матрос фаромӯш карда, якчанд рӯз онро ба қуттӣ напартофтааст.

— Бешубҳа,.ин ҳамин тавр,—тасдик намуд Холмс.— Вале наход ягон бор барои гадоӣ шуморо ба суд накашида бошанд?

— Чанд бор кашиданд. Вале чаримаи каме ^ода, ҷонамро халос мекардам!

— Вале акнун касбатонро партофтанатон дуруст меояд,— гуфт Брэд-стрит.— Агар хоҳед, ки полиция ин корро хобонад, Ҳю Бун бояд ғоиб гардад.

— Ба номи оллоҳу таоло савганд хӯрдам, ки дигар ин қорро намекунам.

— Дар он сурат ҳамааш фаромӯш карда хоҳад шуд,— гуфт Брэдстрит.— Вале агар боз шуморо дида монанд, мо ҳеҷ чизро пинҳон намекунем. ...Мистер Холмс, барои ин воқеаро ошкор' карданатон миннатдорем. Донистанӣ будам, ки чуцин натиҷа- ҳоро чӣ тавр ба даст медароред.

— Ин дафъа,— гуфт дӯсти ман,— дар болои панҷ болишт нишаста, ним фунт тамоку кашиданам дуруст омад... Уотсон, ба назарам, агар ҳозир ба Бейкер-стрит равем, ба ношто мерасем.

ЕҚУТИ ЛОҶУВАРД

Дар рӯзи сеюми иди мавлуд ман ба назди дӯстам Шерлок Холмс- даромадам, ки ӯро бо ид табрик кунам. Вай халати сурх дар тан дар рӯи нимкати мулоим дароз кашида буд; дар тарафи рости вай якчанд чубуқи пур аз тамоку ва дар тарафи чапаш газетаҳои ғиҷимшудаи пагоҳирӯзй мехобид, ки зоҳиран, нав аз назар гузаронида буд. Дар назди нимкати мулоим курсӣ меистод; дар рӯи такьяи он кулоҳи намадини куҳнаи назарногири якчанд чояш сӯрох мехобид. Холмс, эҳтимол, ин кулохро хеле бодиққат омӯхта буд, зеро дар он ҷо, дар чои нишасти курсй пинцет ва пурбин мехобид.

— Шумо банд ҳастед,— гуфтам ман.— Метарсам, ки ба шумо халал мерасонам.

— Ҳеҷ халал намерасонед,— ҷавоб дод вай.— Шодам, ки рафиқе дорам ва ман бо вай доир ба натиҷаи тадқиқотҳоям сӯҳбат мекунам. Ин чиз, чи тавре ки мебинед, фавкулодда ғалатй мебошад,— вай бо ангушти шаҳодат ба тарафи кулохи кӯҳна ишора кард,— вале бо ин кулоҳ баъзе воқеаҳ.ои аҷибе

вобастаанд, ки ҳатто аз баъзе чизҳои ибратбахш холӣ нестанд.

Ман ба курсии роҳат нишаста, дастамро ба камин доштам, ки оташ чарс-чурс мекард. Ҳаво хеле хунук буд; шишаҳои ти- реза аз яхи ғафс гул бароварда буданд.

— Агарчи ин кулоҳ хеле назарногир намояд ҳам, шояд он ба ягон воқеаи хунин алоқаманд бошад,— гуфтам ман.— Аз афташ, он барои кушодани' ягон асрори дақшатангез калиде мешавад ва ба туфайли он шумо ҷиноятқорро фош сохта, ба ҷазо гирифтор мекунед.

Шерлок Холмс хандид.

— Не, не,— гуфт вай,— ба ин кулоҳ ҷиноят не, балки воқеаи хеле хурдакаки хандаоваре вобаста аст: чунин воқеа ҳама вақт дар чунин маҳалле, ки чил миллион одам дар фазои мабоҳаташ якчанд миль квадрат рафтуой дорад. Дар чунин орухонаи азими одамӣ ҳама вақт ҳар гуна ҳилаю найранги воқеиятхо рӯй доданаш мумкин, ки бо вуҷуди бағоят асрорангёз буданашон, ба ҳар ҳол дар худ ҳеҷ гуна ҷиноятро пинҳон намедоранд. Мо бо чунин воқеаҳо аллакай чандин маротиба бархӯрда будем.

— Набошад чӣ!—хитоб намудам ман.— Аз шаш воқеаи охирини ман тасвир кардагӣ сеяш дар худ ягон чизи ғайриқо- нуниро дарбар нагирифта буд.

— Комилан дуруст. Ман шубҳа надорам, ки йн воқеаи бе- ахамият низ аз айбу нуқсон холӣ бошад. Шумо Петерсони хат- кашонро медонед?

- Ха.

— Ин ғанимат аз они ӯст.

— Гуфтанӣ ҳастед, ки ин'кулоҳи вай?

— Не, не, вай онро ёфт. Соҳибаш маълум не. Ба ин ҳамчун ба як кӯҳна-кола не, балки ба масъалаи ҷиддӣ нигоҳ кунед... Пеш аз ҳама чи тавр ба инҷо омадани ин кулоҳро ба шумо нақл мекунам. Он рӯзи якуми иди мавлуд ҳамроҳи ғози нағзи фарбеҳе, ки дар айни ҳол дар ошхонаи Петерсон бирьён шуда истодааст, ба ин ҷо омад. Воқеа ин тавр рӯй дод. Рӯзи иди мавлуд, соати чори пагохӣ Петерсон, чи тавре ки шумо медонед, одами наҷибу пок, аз базмчае бо кӯчаи Тотенхем—Коортрод, ба хона бармегардад. Дар равшании фонуси газй мебинад, ки марди қоматбаланде пеш-пеши вай саҳл калавида-калавида роҳ меравад ва дар китф ғози сап-сафедеро бардошта мебарад. Дар хамгашти Ҳуҷстрит ба марди ношинос авбошон мечақанд. Яке аз онҳо кулоҳро зада аз сараш меафтонад. Марди ношинос худро мудофиа карданӣ шуда, асояшро бардошта заданӣ ме- шавад ва нохост он ба витринаи магазин мерасад, ки дар қафояш

будааст. Шишаи он шнкаста майда-майда мешавад. Петерсон ба ёрй мешитобад, вале он бёчора аз тарси ин, ки шишаро шикастааст, баробари дидани шахси ба сӯяш тозон омадаистода ғозро мепартояду роҳи гурезро пеш гирифта, дар печу хами тангкӯчаҳои начандон калони дар паси Тотенхем-Коортрод буда ғоиб мегардад. Петерсон дар авҷи ғайрат будааст ва ин, эҳти- мол, ки аз ҳама бештар гурезаро тарсонидааст. Азбаски авбошон баробари пайдо шудани Петерсон ба чор тараф мегурезанд, хаткашон дар майдони муҳориба танҳо мемонад ва соҳиби ин ғанимат — кулоҳи ғиҷим ва ғози аълои худо расонидагие ме- гардад...

— ...ва онро Петерсон, будаги ran, ба марди ношинос бар-мегардйнад.

— Азизам, муаммои мо ҳам аз ҳамин иборат. Он марди ношинос кист ва дар кучо зиндагӣ мекунад? Дуруст аст, ки дар карточкаи хурдакаки ба пои чапи ғоз бастагӣ «Миссис Генри Бейкер» навишта шуда буд, инаш ҳам дуруст, ки ҳарф- ҳои аввали ном. ва номи падар «Г. Б.»-ро дар астари қулоҳ хондан мумкин аст. Вале азбаски дар шаҳр якчанд ҳазор Ben- Кер ва аз он чумла чандсад Генри Бейкер зиндагӣ мекунад, мо- ли шахсии гумкардаи яке аз онҳоро баргардонидан кори осон нест.

— Петерсон чӣ кор кард?

— Медонад, ки ҳал кардани ҳатто хурдтарин муаммоҳо маро ба худ ҷалб менамоянд, ҳам ғоз ҳам кулоҳро бардошта ба назди ман овард. Мо ғозро то ҳамин пагоҳӣ нигоҳ доштем ва ба хунукии ҳаво нигоҳ накарда, қарор додем ки ҳар чи бо- шад онро кушта хӯрем. Петерсон ғозро гирифта бурда кайф карда хӯрд, дар дасти ман кулоҳи марди ношинос монд, ки он бечора дар рӯзи мавлуд таоми шоми худро гум карда буд,

— Вай ба газета эълон надод?

— Не.

' — Кӣ будани ӯро шумо чй тавр мефаҳмед?

— Факат бо роҳи фикру андеша.

— Фйкру андеша дар болои ҳамин кулоҳ?

— Албатта.

— Шӯхӣ мекунед! Аз ин намадкӯҳнаи даридагӣ чй фаҳми- дан мумкин?

— Ана пурбини ман. Онро ба даст гиред ва усули маро нис- бат ба ин кулоҳ ба кор баред. Охир он ба шумо нағз маълум. Шумо дар бораи шахсе ки ин кулоҳ азони вай буд, чӣ гуфта метавонед?

. .Ман кулоҳи дарндаро ба даст гирифта, маҳзунона чарх за-» нондан гирифтам. Кулоҳи сиёҳи гирди мукаррарӣ. Дурушт, пӯши- да тамоман кӯҳна кардагӣ. Астари шоҳиаш як вақтҳо сурх буда, холо рангаш парида буд. Тамғаи фабрикаро пайдо карда ната- вонистам, вале, чи тавре ки Холмс ба ман гуфта буд, аздарун аз паҳлӯ ҳарфҳои аввали ном ва номи падар «Г. Б.> намоён буданд. Дар лапари он сӯрохие дидам; сӯрохӣ барои резинка бошад ҳам, резинка надошт. Умуман кулоҳ дарйдагӣ, ифлос, пур аз доғ буд. Зимнан, дида мешуд, ки соҳибаш ба ин доғх» ранг молиданӣ шудааст.

— Ман дар он хеҷ чиз намебинам,— кулохро ба Шерлок Холмс баргардонида гуфтам ман.

— Не Уотсон, шумо ҳама чизро мебинед, вале худро заҳмат намедиҳед, ки доир ба чизхои медидагиатон фикр кунед. Шумо дар боби хулосабарории мантиқии худ- хеле мекебед.

— Дар он сурат лутфан, ба ман гӯед, ки аз тафтиши **ин** кулоҳ чи гуна хулосаҳо мебароред^

Холмс кулохро ба даст гирифт ва бо нигоҳи нуктасанчона, ки танҳо хоси ӯ буд, онро аз назар гузаронидан^ирифт.

— Албатта, дар он на ҳама чиз ба кадри кофӣ маълум,— дуфт вай,— вале баъз'е чизҳоро яқин муайян карда, баъзв чизҳоро то як анддза ба қадри имкон эҳтимолан тахмин кар- дан мумкин. Масалан, тамоман равшан аст, ки соҳиби он — шахси соҳибақлест ва се срл пеш вай пули анча калон дошта- аст, аммо ҳозир ба сараш сахтӣ омадааст. Вай- ҳама вақт эҳтиёткор буд, ҳама вақт ғами фардоро мехӯрд, аммо ҳозир камтар ба худ бепарво шуДааст. Азбаски дороии вай низ та- наззул ёфтааст, мо ҳақ дорем тахмин кунем, ки вай ба кадом як иллати фалокатовар — шояд, аракҳӯрӣ одат кардааст. Зо- ҳиран, аз ҳамин сабаб ҳам занаш аз ӯ дилхунук шудааст..,

— Азизам Холмс!

— Вале ба ҳар хол то як андоза вай ҳанӯз қадру эътибори худро нигох доштааст,— ба хитоби ман гӯш накарда, ба ran давом намуд Холмс.— Вай доим нишаста кор мекунад, гоҳ-гоҳ аз хона мебарояд, тамоман. ба спорт машғул намешавад. Вай миёнсол аст, мӯяш сафед, ба он равғани ороиш мемолад ва ба наздикӣ мӯяшро тарошида аст. Илова бар ин боварии қатън дорам, ки вай дар хона чароғи газй надорад.

- — Холмс, шумо албатта, шӯхӣ мекунед?

— Ҳеҷ шӯхӣ намекунам. Наход ҳатто ҳозир, вақте ки тамо- ми гапро ба шумо гуфтам, нафаҳмед ки ман ҳамаи инро чи тавр дониста гирифтам!

— Маро беақл шумурдан гиред, вале иқрор шуданам лозим, ки қудрате надорам, ки ба рафти фикри шумо назорат кунам. Масалан, аз куҷо фаҳмидед, ки вай хеле боақл аст?

Холмс ба ҷои ҷавоб кулоҳро ба сар кашид. Кулоҳ пешонии ӯро пӯшонда, ба қаншараки бинӣ тиргак шуд.

— Дидед, чи хел ҳаҷм! — гуфт вай.— Чунин майнаи калон ба кулӣ холӣ буда наметавонад.

— Хуш, аз куҷо медонед, ки вай бенаво шудааст?

— Ба харидани ин кулоҳ се сол мешавад. Лапари ҳамвору канораҳояш хамонда шуда ҳамон вақт хеле расм'буд. Сифати кулоҳ хеле нағз. Ба ин лентаи шоҳӣ, ба астари аълои он ни- гаред. Агар се сол пеш ин одам ба харидани чунин кулохи қиматбаҳо иқтидор дошта ва аз ҳамон вақт ин ҷониб ягон ку- лоҳи нав нахарида бошад, комилан фаҳмо, ки кори вай аз рав- нақ мондааст.

— Хайр майлаш, шояд, дар ин масъала гапи шумо дуруст бошад. Вале чи тавр фаҳмидед, ки вай одами эҳтиёткор аст ва дар айни замон таназзули рӯҳирб аз сар мегузаронад?

— Эҳтиёткориаш — ана,— ба сӯрохии резинка нйшон дода гуфт вай.— Х,еҷ гоҳ резинкаро ҳамроҳи кулоҳ намефурӯшанд онро алоҳида харидан лозим. Модом ки он шахс резинка хари- да, фармудааст онро ба кӯлоҳ банданд, пас вай ғамхорӣ карда- аст, кй кулоҳи худро аз шамол эҳтиёт кунад. Вале резинка кандааст ва ӯ навашро набастааст, ин бошад чӯнин маънӣ до- рад, ки вай пештар ба шаклу шамоили худ назорат мекардааст, акнун азхуд бёхабар шуда, гуфтан мумкин, аҳамият намедода- гӣ шудаЯст. Аммо аз тарафи дигар, кӯшиш намудааст, ба доғ- хои кулох ранг молад,— пас, вай ҳанӯз ҳисси эътибори шахсии худро тамоман аз даст надодааст.

— Ҳамаи ин ба ҳақиқат хеле монанд.

— Ин ки вай одами миёнаумр аст, ин ки мӯяш сафед ме- бошад, ин ки ба наздикӣ мӯяшро кайчӣ занонда аст, ин ки ба мӯяш равған мемолидааст,— агар ба даруни кулоҳи ӯ, ба қисми поёни астар назар андозем, ҳамаи йн равшан мегардад. Ба воситаи пурбин мӯи ба астар часпидаеро ки сартарош кайчй задааст, дидан мумкин. Аз ҳамаи ин мӯйҳо бӯи равған меояд. Бинед, гарди рӯи он гарди кӯча барин хокистарранг ва регранг не, балки гарди хона барин сиёхтоб, фаххак аст. Пас, кулоҳ аксар вақт дар хона овезон будааст. Изи заҳи тарафи даруни кулоҳ аз он шаҳодат медиҳад, ки сохиби кулоҳ зуд арақ мекунад, чунки вай камҳаракат' шудааст. -

—> Чй тавр фаҳмидед, ки занаш аз ӯ дил кандааст?

— Кулоҳ якчанд ҳафта инҷониб тоза карда нашудааст. Азизам, Уотсон, агар медидам, ки кулоҳи шумо ақаллан як ҳафта тоза карда нашудааст ва занатон ҳеҷ ҷиз нагуфта ба ҳамин аҳвол шуморо ба кӯча мемонад, якин медонистам, ки за- натон аз шумо дилхунук шудааст.

— Шояд муҷаррад бошад?

— Не, вай ғозро маҳз барои ҳамин ба хонааш мебурдааст, ки дили занашро нарм кунад. Карточкаи ба пои ғоз баста шу- даро ба хотир биёред.

— Ба ҳар савол ҷавоби шумо тайёр. Вале дар хонааш на-*' будани газро аз куҷо медонед?

— Як-ду доғи равғани чарбу — тасодуф мебошад. Вале вақте мебинам, ки доғҳо аз шашто зиёдтаранд, дар дилам шубҳае наметонад, ки ин одам аксар вақт шамъ мегиронад— эҳтимол, шабонахо ҳангоми аз зина боло баромадан дар як даст кулох, дар дасти дигар шамъи об шудаистодаро нигоҳ медорад.' Ба ҳар хол аз газ доғи равған наметонад... Акнун ба гапи ман розӣ ҳастед?

— Ҳа, ҳамаи ин хеле оддй,— хандида гуфтам ман.— Вале аз нақли шумо ҳанӯз бӯи ҷиноят намеояд. Ба ғайр аз шахсе, ки ғозашро гум кардааст, ҳеҷ кас зарар надидааст,— ва, пас шумо беҳуда майна об кардед.

Шерлок Холмс барои додани ҷавоб лаб кушоданӣ буд, ки ҳамон лаҳза дар калон кушода шуд ва хаткашон Петерсон ҳайрону ошуф?а зада ба хона даромад. Ҳарду рухсорааш гул- гул мешукуфт:

— Мистер Холмс, ана ғозу мана ғоз! — дар ҳолате ки на* фасаш мегашт, фарьёд зад ӯ.

— Хӯш? Ба вай чӣ шудааст? Оё зинда шуда аз. тирезаи ошхона парида рафт магар?

Холмс дар болои нимкати мулоим баргашт, ки ба чеҳраи ошуфтаи Петерсон дурустакак назар кунад.

— Сэр, нигоҳ кунед! Бинед, занам аз ҷиғилдонаш чӣ ёфт?

Вай дасташро дароз кард ва дар кафи дасташ мо санги кабуди рахшандае дидём, ки калониаш аз донаи нахӯд хурдтар буд. Санг чунон хушоб буд, ки дар кафи дасти тирааш мисли шарораи электрик нур меафшонд.

Холмс ҳуштак кашид ва ба рӯи нимкати мулоим нишаст.

— Петерсон, ба вичдонам қасам,— гуфт вай,— шумо ганҷ ёфтед! Умедворам, шумо чи будани инро мефахмед?

— Сэр, бриллиант! Санги қиматбаҳо! Он шишаро мисли коғаз мебурад!

— Ин танҳо санги қиматбаҳо не — ин санги аз қиматбаҳо ҳам қиматбаҳотар.

— Наход ин лаъли лоҷувардии графхоним Моркар бо- шад? — фарьёд задам ман.

— Ба кули дуруст. Ман чи хел будани онро медонам, чун- ки вақтҳои охир ҳар рӯз эълонҳои «Таймс»-ро мехондам, Ин санг — худаш як дона ва нархн ҳақиқии онро фақат пай бур- дан мумкин. Ҳазор фунте, ки ба шахси ёфтагӣ ваъда кардаанд, базӯр ҳиссаи бистуми арзиши онро ташкил медиҳад.

— Ҳазор фунт! Оҳ, худоё!

Хаткашон гумбуррос ба рӯи курсии роҳат афтйд ва чашмо- нашро калон кушода гоҳ ба ман, гоҳ ба Холмс менигарист.

— Мукофот мукофоту вале ман асос дорам фикр кунам,— гуфт Холмс,— ки аз рӯи баъзе мулоҳизаҳо графхоним фақат барои баргардонидани ин санг нисфи давлаташро доданӣ аст.

— Агар фаромӯш накарда бошам, санг дар меҳмонхонаи «Космополиттен» гум шуда буд,— гуфтам ман.

— Қомилан дуруст, бистудуюми декабрь, расо панҷ рӯз пеш. Қафшеркунанда' Ҷон Ҳорнер ба дуздӣ гунаҳгор карда шуда буд. Далелҳо ба муқобили вай чунон ҷиддианд, ки кор ба суд фиристода шудааст. Ба фикрам, доир ба лн кор дар дасти ман хисоботи газета аст.

—

Шерлок Холмс дурудароз газетаҳоро кофта, оқибат аз баи- ни онҳо газетаеро кашида баровард,, дуқат кард ва ин чизро хонд:

ДУЗДИДА ШУДАНИ САНГИ ҚИМАТБАҲО
ДАР ҲОТЕЛИ «КОСМОПОЛИТЕН».

Ҷон Ҳорнер, 26 сола, кафшеркунанда, бо он айбдор карда мешавад, ки 22 ҳамин моҳ аз сандуқчаи графхоним Моркар сан- ги киматбахои ӯро дуздидааст. Санг бо номи «Еқути лоҷувард», машҳур мебошад. Ҷеймс Райдер, хизматгори калони ҳотел, шаҳодат дод, ки рӯзи рӯй додани дуздӣ Ҳорнерро дар хонаи ороишу пероиши графхоним Моркар дидааст, ки вай пораи си- ми ғафси лиқонаки каминро кафшер мекардааст. Райдер ҳам- роҳи Ҳорнер чанде дар хона истодааст, аммо баъд ӯро ҷеғ за- даанд. Baft ба хона баргашта мебинад, ки Ҳорнер ғоиб гар- дидааст, сандукча шикастагӣ буда, чи тавре ки баъд маълум гардид, ғилофи хурдакаки сахтиёни, ки одатан графхоним сан- ги қиматбаҳоро дар он нигоҳ медошт, дар рӯи мизчаи ороиш холӣ хобидааст. Райдер дарҳол бонги хатар зада, ҳамон бегоқ Ҳорнер ба ҳабс гирифта шуд. Вале сангро на аз кисааш ёф-

таид, на аз хонааш. Кэтерин Қьюзек, духтархонаи графхоним, шаходат дод, ки фарьёди дилхарбши Райдерро шунида, тохта ба хона даромад ва ӯ низ дид, ки санги қиматбаҳо ғоиб гардида- аст. Инспектори полиция Брэдстрит аз округи «Б» фармон дод, ки Ҳорнерро ба ҳабс гиранд. Ҳорнер бо шӯру валвала муқоби- лат нишон дода, бо чӯшу хурӯш бегуноҳии худро исбот мена- муд. Вале азбаски Ҳорнер пеш хам барои дуздӣ суд шуда буд, раиси суд аз тафтиши кори вай рӯ гардонд ва ин корро ба суди доимӣ дод. Ҳорнер, ки якзайл дар ҳолати изтироби сахт буд, баробари баровардани ин қарор аз ҳуш рафт ва аз зо- ли суд бароварда шуд.

— Хм! Ана тамоми маълумоти полиция,— газетаро ба як тараф гузошта, ғарқи фикру хаёл гуфт Холмс.— Акнун вази- фаи мо маълум кардан лозим, ки санги қиматбаҳо чи тавр аз ғилофи графхоним ба ҷиғилдони ғоз даромадааст. Дидед, Уот- сон, мулохизаҳои нокирои мо чандон ҳам беасос набаромаданд. Онҳо назар ба тахмини мо, *хеле* фоидабахштаранд. Ана санг. Ип санг дар ҷиғилдони ғоз ва ғоз дар дасти мистер Генри Бей- кер, дар дасти ҳамон сохиби кулоҳи фасурда буд, ки ман шахси- яти ӯро ба шумо баён карданӣ будам ва бо ин шуморо ниҳоят маъюс гардонидам. Хайр чи, акнун мо бояд ба таври ҷиддӣ ба кофтукови ин чентльмен машғул шавем ва муайян кунем, ки дар ин воқеай пурасрор вай чи гуна роль бозидааст. Барои ёфтани вай даставвал усули аз ҳама оддиро имтиҳон карда ме- бипем: дар ҳамаи газетаҳо эълон медиҳем. Рафту бо ин роҳ ба мақсад ноил нагардем, ман дигар усулҳоро ба кор мебарам.

— Дар эълон чй менависед?

— Қалам ва як порча коғаз диҳед. Ана, «Дар хамгашти Гуҷ-стрит'ғоз ва кулоҳи-сиёҳи намадин ёфт шудааст. Мистер Генри Бейкер ин бегоҳӣ соати 6—30 ба Бейкер-стрит 221-Б омада онҳоро гирифта метавонад». Кутоҳакаку равшан.

— Бале. Вале оё эълонро медида бошад?

— Албатта. Вай ҳама газетаҳоро аз назар мегузаронад, зеро ӯ одами камбағал ва ғози рӯзи идӣ барояш давлати кало- нсст. Вай садои шикастани 'иишаро’ шунййа ва тохта омадани Петерсонро* дида, ба андбзае ба воҳима меафтад, ки бе хеҷ фикр рохи гурезро пеш мегирад. Вале баъд, албатта, афсӯс ме- хӯрад, ки ваҳмида, ғозро афтонд. Мо дар газета номашро зикр мекунем ва ҳар як шиносаш диққати вайро ба эълони мо чалб менамояд... Аз ин рӯ, Петерсон, зудтар тохта ба бюрои эълон- ҳо равед ва ин сатрҳоро дар газетаҳои бегоҳирӯзй ҷой кунед.

— Сэр, дар кадом газетаҳо?

— Дар «Глоб», «Стар», «Пэлл-Мэлл», «Сент-Ҷеймс газетт», «Инвинг Ньюз», «Стердард», «Ико» ва дар ҳама дигар газета- хое ки ба хотират меоянд.

— Хуб шудааст, сэр. Ин сангро чӣ кор кунам?

—г Ҳа, воқеан! ‘Сангро ман эҳтиёт мекунам. Ташаккур. Пе- терсон, дар бозгашт ғозеро харида биёред. Мо охир бояд ба ивази он ғозе, ки ҳоло аҳли оилаи шумо кайф карда хӯрда ис- тодааст, ба он ҷентльмен дигарашро диҳем.

Ҳаткашон берун баромад, Холмс сангро ба даст ғирифта дар равшанӣ аз назар гузаронидан гирифт.

— Санги аъло! — гуфт вай. Нигоҳ кунед, чи тавр шарора мепошад, ҷило медиҳад. Он ҳамчун дигар санги қиматбаҳо оҳанрабо барин ҳар як ҷиноятқорро ба худ мекашад. Дар ҳа- ки£ат доми иблис. Ҳар як ҳиссачаи сангҳои калони қиматба- қои қадима дар хусуси ягон ҷинояти хунин ҳикоят мбкунад. Ин санг ҳанӯз бистсола нашудааст. Вай дар Ҳитои Ҷанубӣ аз со- қили дарьёи Ама ёфта шудааст ва бо ҳамин қиматбаҳо мебо- шад, ки ба ғайр аз як сифат дигар ҳама ҷихатҳои ёқутро до- рад: он сурхи ёқутранг не, балки лоҷувардист. Сарфи назар вз ҷавон буданаш, аллакай бисьёр вокеаҳои даҳшатангез бо он алокаманданд. Аз боиси ин ангишти шаффофи вазнаш чил гран (ба 0,022 грамм баробар аст) бисьёр ғоратгариҳо рӯй до- да, ду бор одам кӯшта шуда, як кас худкушӣ карда, ба рӯи ким-ки туршии гӯгирд рехтаанд. Кй гуфта метавонад, ки чунин як чизи хурдакаки зебо одамонро ба маҳбас мешинонад ва ба халқаи дор мекашад! Ман сангро дар чевони оҳанинам қулф мекунам ва ба графхоним менависам, ки он дар хонаи мо эҳ- тиёт карда мешавад.

— Ба фикри шумо Ҳорнер гунаҳгор нест?

• —- Ҳеҷ чиз гуфта наметавонам.

— Генри Бейкер дар ин кор шарик аст?

— Аз ҳама дурусттараш, Генри Бейкер ба ин кор ҳеҷ дахл яадорад. Ба фикри ман, вай гумон намекунад, ки ин ғоз тил- лои холис мебуд ҳам, бо вуҷуди ин ҳамон вакт низ хеле арзон меафтид. Агар ГенрБ Бейкер ба эълони мо ҷавоб диҳад, яқин ба зудӣ ҳамаи инро фаҳмида мёгирем..

— То он вақт шумо ҳеҷ кор карда наметавонед?

— Ҳеҷ чиз.

— Дар он сурат ман ба назди беморҳоям меравам ва бе- ғоҳй вақти таъиншуда боз ба ҳамин чо меоям. Мехоҳам фаҳ- иам, ки ин кори саргум бо чӣ меанҷомад.

— Аз дидоратон шод мешавам. Ман соати ҳафт шом мехӯ- рам. Зоҳиран, нахор кабки бирьён. Воқеан, пас аз ҳодисаҳои навакак рӯй дбдагӣ чӣ мешуд аз миссис Хадсон илтимос ку- нем, ки ҷиғилдони ӯро дурустакак бинад?

Ман каме таъхир кардам ва ҳангоме ки ба Бейкер-стрит' расидам, соат аллакай аз щашуним анчач гузашта буд.

Ба дар наздик шуда марди қадбаландеро дидам, ки дар сар телпакчаи шотландӣ ва дар тан сюртук дошт ва тугмаҳои он аз поён то таки манаҳаш гузаронидагӣ буд. Айнан ҳамон лах- зае, ки ман наздик шудам, дарро ба рӯи ӯ кушоданд ва мо ба- робар ба хонаи Шерлок Холмс даромадем.

— Агар хато накунам, мистер Генри Бейкер? — аз курсии роҳат хеста гуфт Холмс ва меҳмонро бо қиёфаи соддадилонае, ки вйй худро вонамуд карда метавонист, пешвоз гирифт.— Мис- тер Бейкер, лутфан ба алов наздиктар шинед. Бегоҳии хунук ва ба гумонам, шумо назар ба зимистон ба тобистон нағзтар тоб меоред... Уотсон, шумо дар вақташ омадед... Мистер Бей- кер, ин кулоҳи шумо?

“ — Ҳа, сэр, бешубҳа ин кулоҳи ман.

Бейкер марди азимҷуссаи қоматхамидае буда, каллаи ка- лон, чеҳраи васеи оқилона ва риши фонашакли дорчинранг дошт. Доғҳои сурхи пушти бинӣ ва рухсораҳояш, саҳл ларзи- дани дастони ба оташ дароз кардааш тахмини Холмсро тас- диқ мекарданд, ки ба майнӯшӣ майл дорад. Вай дар тан сюр- туки рангпарида дошта, ҳамаи тугмаҳояш гузаронидагй буд, аммо дар банди дастони лоғараш, ки аз остинҳо баромада ме- истоданд, аз либоси таг ягон нишона дида намешуд. Вай ка- лимаҳоро бодиққат интихоб карда, бо овози паст ,ва канда- канда ran мезад ва чунин таассурот ҳосил мешуд, ки ӯ одами маданӣ буда, ҳаёт ӯро сахт азоб додааст.

—■ Мо кулоҳу ғозро якчанд рӯз нигоҳ доштем,— гуфт Холмс,— зеро якзайл мунтазир будем, ки шумо дар газета эълон ва адресатонро чоп хоҳед кард., Намефаҳмам, чаро шумо ин корро накардед.

Меҳмони мо хиҷолатманд табассум кард.

— Пештараҳо барин ман чандон шиллинги бисьёр надо- рам,— гуфт вай.— Боварӣ доштам, ки авбошони ба ман да- рафтодагӣ ҳам кулох, ҳам ғозро бо худашон бурдаанд ва на- хостам пулро бекора сарф кунам.

— Комилан табиӣ. Вале мо ноилоҷ ғози шуморо кушта хӯр- дем.

— Кушта хӯрдед?

Меҳмоии мо бо изтироби тамом аз курсӣ нимхез шуд.

*— Агар мо ӯро намехӯрдем, аздусар вайрон мешуд,— ба ran давом намуд Холмс.— Вале ба гумонам, ана он ғози болои буфет, тамоман тоза -ва вазнаш ҳамон қадар буда, ҷои ғози шуморо мегирад.

— Оҳ, албатта, албатта! — оҳи сабук кашида гуфт мистер Бейкер.'

— Аз мурғи' шумо пар, панҷа ва ҷиғилдон боқӣ мондааст, аз ин рӯ, агар хоҳед...

Бейкер аз сидқи дил қаҳқос зада хандид.

— Фақат ба таври хотира аз мочарои оншаба,— гуфт вай.— Рости ran, намедонам, ки пару панча ва ҷиғилдони шиноси мар- ҳумам ба кадом дарди ман даво мешаванд! Не, сэр, иҷозат ди- ҳед, бо рухсати шумо, дикқатамро ба ҳамон ғози аълое, ки дар болои буфет мебинам, нигаронам.

Шерлок Холмс зуд ба ман нигоҳ кард ва сақл маълум китф дарҳам кашид.

— Ана кулоадтону ана ғозатон,— гуфт вай.— Воқеан, ба ман гӯед, ки он ғозро аз куҷо харидед? Ман дар ин масъала як чиз-ним чиз мефаҳмам ва, рости ran, чунин ғози фарбеҳро кам дидаам!

— Бо дилу ҷон, сэр,— гуфт Бейкер; вай аз ҷой хест ва ғо- зи нави худро зери каш гирифт.— Ҷамоати начандон калони мо дар наздикии' музей ба ошхонаи «Альфа» рафта хӯрок ме- хӯрад,—медонед мо тамоми рӯзро дар музей мегузаронем. Им- сол соҳиби ошхонаи мо Виндигет, бисьёр одами нағз, «клуби ғозхо» таъсис намуд. Ҳар кадоми мо ҳафтае якчакд пенси дода дар арафаи иди мавлуд як ғозӣ мегирем. Ман аллакай ҳақамро пурра додам. Дигараш ба шумо маълум. Сэр, аз шумо хеле миннатдорам, охир ба одами ман барин синну солаш ба як ҷо расидагӣ телпакчаи шотландӣ монда-гаштан зеб надорад.

Вай бо қиёфаи хандаовари пуртантана ба мо таъзим наму- да, баромада рафт.

— Бо Генри Бейкер кор буд шуд,— аз паси вай дарро пӯ- шида гуфт. Холмс.— Дида мешавад, ки вай дар бораи санги қиматбаҳо тасаввур надорад. Уотсон, гуруснаед?

— Чандон не.

— Дар он сурат таклиф дорам, ки наҳор нею якбора шом хӯрда фавран ба иди нав равон шавем.

— Бо ҷону дил.

Бегоҳии аёс буд ва мо ноилоч пальто пӯшида, ба гардая гарданбанд бастем, Ситораҳо дар осмони софи беабр хира-хира

ҷило медоданд ва ҳаври даҳани роҳгузарон ба дуди борути таппончаҳои бисьёр монанд буд. Садои қадаммонии мо дар кӯ- чаҳо канда-канда ва баланд-баланд шунида мешуд. Мо аз Уимпол-стрит, Гарли-стрит роҳ рафта, аз Вигмор-стрит гузаш- та, ба назди ошхонаи «Альфа>, муассисаи оддӣ дар хамгашти яке аз кӯчаҳо, ки ба Холборн мебурд, расидем. Холмс ба май- хона даромада, ба ошхоначии рухсорагулгун, ки пешдомани сафед дошт, ду дулча пиво фармуд.

— Аз афташ пивоятон пивои аъло, агар аз ғозҳоятон бад- тар набошад,— гуфт Холмс.

— Ғозҳои ман?

Ошханачӣ гӯё ҳайрон буд.

— Ҳа. Ним соат пеш ман бо мистер Генри Бейкер, аъзои «клуби ғозпарварон»-и шумо сӯҳбат доштам.

— Ҳа! Бале, мефаҳмам. Вале, сэр, медонед чи, охир ғозҳо аз они ман нестанд.

— Рост? Набошад аз они кӣ?

т- Ман дар Конвент-гарден аз як савдогар бист-бисту чор ғоз харида будам.

— Наход? Ман баъзен онҳоро мешиносам. Шумо аз кй ха- ридед?

— НомаиГБрэкинриҷ.

. — Ҳа! Не, Брэкинрнҷро камешиносам. Хуш, ба саломатия шумо ва барои гул-гулшукуфии муассисаи шумо! Шаб ба хайр!

— Акнун ба назди мистер Брэкинриҷ меравем,— ба ҳавои ,хунук баромада ва тугмаҳой пальтояшро гузаронида гуфг Холмс.— Уотсон, фаромӯш накунед, ки дар як нӯги. занҷири мо хамааш шуда фақат ғоз истода, аммо ба нӯги дигари он одам мехкӯб карда шуДааст ва агар мо бегуноҳ будани ӯро исбот на^унем, камаш ҳафт сол ба каторга бадарға карда мешавад. Бо вуҷуди ин, эҳтимол, ҷустуҷӯи мо исбот намояд, ки маҳз вай гуяаҳгор мебошад, вале ба ҳар ҳол нӯги ресмоне, ки аз полиция халос хӯрдааст, тасодуфан ба дасти мо афтидааст. Ҳар ка- дар, ки он маъюсовар бошад, аз нӯгащ дошта, то охир рафта мерасем. Ба ҳамин тариқ, ба пеш рӯ ба ҷануб!

Мо Холбориро миёнбур карда, бо Энделл-стрит рафтем ва ким-чи гуна ҷойҳои хилватро гузашта, дар назди бозори Кон- вент-гарден баромадем, Дар пештоқи яке аз калонтарин дӯ- конҳо «Брэкинриҷ» навишта шуда буд. Соҳиби дӯкон марди аспрӯй ва бакенбардҳояш озода дар кори маҳкам кардани пас- тахтаҳои тиреза ба писарбача ёрдам медод.

— Шом ба хайр! Аҷаб, а? •— гуфт Холмс.

Савдогар бо сар ишорат кард ва ба дӯсти ман саволомез назар андохт.

— Аз афташ, ғозҳоятонро фурӯхта тамом кардед,— ба пеш- дӯкони мармарини холӣ нишон дода, давом намуд Холмс.

— Фардо пагоҳӣ биёед,’метавонед панҷсадто гиред.

— Фардо ба ман лозим не.

— Ана дар он дӯконе, ки чироғ сӯхта истодааст, як чиз-ним чиз мондагӣ.

— Вале маро ба пазди шумо фиристоданд.

г- Кӣ?

— Соҳиби «Альфа».

— Ҳа! Ман барои вай бист-бисту чорто фиристода будам.

— Ғозҳои бисьёр нағз! Онҳоро аз куҷо гирифтед?

Ҳайратангезона саволи ман дӯкондорро ниҳоят ба ғазаб овард.

— Хӯш, мистер,— сар бардошта ва дастонашро ба миён гу- зошта гуфт вай,— мақсад аз ин гапҳо чӣ? Рӯирост ran занед.

— Ман ба қадри кофӣ рӯирост ran мезанам. Донистанӣ будам, ғозҳоеро, ки шумо ба «Альфа» месупоред, кӣ ба шумо мефурӯшад.

— Намегӯям вассалом.-

— Нагӯед — даркор не. Ҳай ғам хӯрдам! Аҷиб, барои ҳа- мнн гуна якпула яиз чаро оташин мешавед?

— Оташин мешавам? Агар ба шумо ҳам ҳамин хел чаки- дан мегирифтанд, ба ҷои ман мебудед щумо х;ам оташин мё- шудед! Ба ивази моли нағз ман пули нағз медиҳам ва, гӯё кор тамом вассалом. Не: «Ғозхо канӣ?», «шумо ғозҳоро аз кӣ харидед?», «ғозҳоро ба кӣ фурӯхтед?» ва «ба ивази-ғозҳоятон чанд пул мегиред?» Вақте, ки аз барои онҳо ҳаёхуй бардошта- ни мардумро мешунавӣ, гумон мекунӣ, ки ии ғозҳо аз осмон афтидаанд! •

— Ман аз қабили он одамон не, ки бо такпурсии худ ҷо- натонро ба лаб меоранд,— бепарвоёна гуфт Холмс.— Гап за- дан намехохед — лозим не. Вале ман мурғшиносам ва ба панҷ фунт стерлинг шарт бастам, ки ғози ман хурдагӣ дар де- ҳа парвариш карда шудааст.

— НабошаД фуптҳои шумо барбод рафтанд. Ғоз ғози шаҳ- рӣ! — ғурунгос зад дӯкондор.

— Ҳеҷ мумкин нест!

— Ман мегӯям, ки шаҳрӣ!

— Ба ҳеҷ вачх бовар намекунам!

— Мабодо-ку фикр намекунед, ки дар ин кор аз ман зиёд-

тар мефаҳмед, ҳол он ки ман қариб аз кӯдакӣ бо ин кор маш- ғулам. Ба шумо мегӯям, ҳамаи ғозҳои дар «Альфа» фурӯхтагӣ дар деҳа не, дар шаҳр парво карда шудаанд.

— Шумо ҳеҷ гоҳ маро маҷбур карда наметавонед, ки ба чунин ҳарза бовар кунам.

— Мехоҳед шарт бандед?

— Ин чунин маъно дорад, ки пули шуморо муфт гирам. Ман ба дуру&тии гапи худам шубҳа надорам. В.але танҳо ба- рои адабатонро додан, ба мондани як соверен розиам.

Дӯкондор тирарӯёна лабханд кард.

— БилЛ, дафтарро биёр,— гуфт вай.

Писарбача ду дафтар овард: як дафтар тунук, дигараш ка- лони чиркин буд ва онҳоро ба рӯи пешдӯкон' дар зери лампа гузошт.

— Хуш-ш, мистер Ҷанҷолчӣ,— гуфт дӯкондор,— ман тах- мин карда будам, ии ҳама ғозҳоро фурӯхтаам, вале худо худаш боз як ғози дйгарро ба дӯкони ман дароварда овард. Ин даф- тарро мебинед?

— Хӯш, чӣ шудаст?

— Ин рӯйхати одамоне ки ман аз онҳо мол мехарам. Ди- дед? Ана дар ин ҷо, дар ин саҳифа, номи молсупорандаҳои де- хотӣ, рақами баъди ҳар фамилия омадагӣ саҳифаи дафтари калонро нишон медиҳад, ки дар он ҷо ҳисобу китобашрн бур- да мешавад. Ана ин саҳифаи бо ранги сурх навишта пур карда щудагиро мебинед? Ин рӯйхати молсупорандагони шаҳрии ман. Ба фамилияи сеюм нигаред. Бо овози баланд хонед.

— «Миссис Окшот, Брикстон-род 117, саҳифаи 249»,— хонд Холмс.

— Комилан дуруст. Акнун саҳифаи 249 дафтари калонро кушоед.

Холмс саҳифаи нишон додашударо кушод.

— Ана:«Миссис Окшот, Брикстон-род 117 — таъминкунан- даи парранда ва тухм».

— Ҷумлаи охирин чӣ маънӣ дорад?

— сДёкабрь, бисту дуюм. Бисту чор ғоз, ҳар кадомаш шаш шиллингу шаш пенс».

— Дуруст. Инро дар‘ хотир нигоҳ доред. Дар поёнаш чӣ?

— «Ба мистер Виндегет, «Альфа», ҳар кадомаш дувоздаҳ шиллинги фурӯхта шуд».

— Хӯш, акнун чӣ мегӯед?

• Шерлок Холмс, гӯё ниҳоят маҳзун менамуд. Аз киса як со- верен бароварда, ба рӯи мизи пешдӯкон партофт ва бо қиё-

фаи маҳзуц хомӯшона аз дӯкон бадюмад. Вай якчанд'қадам роҳ рафтӣ, дар зери фонус иетод ва чун ҳамешагӣ бо овози паст хурсандона хандид.

— Агар шумо чунин одами хушмӯйлабро бо чунин дастрӯй-’ моли сурх бинед, бо вай шарт баста, хар чи хоҳед, дониста ме- гиред. Тасдиқ мекунам, ки ман бо вай шарт баста он қадар маълумоти муфассале гирифтам, ки ҳеҷ гоҳ ба ивази сад фунт гирифта наметавонистам. Ба ҳамин тариқ, Уотсон*, ба назарам, ин гирехи пурасрорро то охир чкушодем. Ягона чизе ки ҳал карданамон лозим хозир ба назди он миссис Окшот равем, ё рафтанамонро то пагоҳ мавқуф гузор.ем. Аз суханони он бад- даҳан маълум, ки ба ғайр аз мо боз каси дигаре бо ин кор машғул аст ва ман...

Ғалоғулаи баланде, ки нохост аз дӯкени мю нав баромада- гӣ шунида шуд, сухани Холмсро бурид. Мо баргашта дар рав- шании зарди лампаи алвонҷ хӯрдаистода марди сурхрӯи қад- пастеро дидем. Брэкинриҷ дар назди дари дӯкон истода, дар пеши рӯи вай бадхашмона даст меафшонд.

— ^Судатон ҳам ба дилам задеду ғозҳоятон ҳам! — фарьёд мезад Брэкинриҷ.— Ба ҷаҳаннам равед! Агар шумо боз як бори дигар бо ҳар хелсаволҳои аҳмакона ба ман муроҷиат ку- нед, ба тарафатон саг сар медиҳам. Миссис Окшотро гириф- та ба ин ҷо биёред, ман ба ӯ ҷавоб медиҳам. Шумо ба ин чӣ дахл доред? Ғозҳои шуморо харидам-чӣ?

— Не, вале ба ҳар ҳол яке аз онҳо — аз они ман,— еҳу воҳ кардан гирифт одамча.

— Дар он сурат онро аз миссис Окшот пурсед!

— Вай гуфт, ки аз шумо дониста гирам.

— Хоҳ аз короли Пруссия пурсед! Маро ба ҳолам гузоред! Бас аст! Аз ин ҷо дафъ шавед!

Вай бо хашму ғазаб пеш тохт ва одамча зуд дар торйкй ғоиб гардид.

— Ана, зоҳиран, ба Брикстон-род рафтанамон лозим наме- шавад,— пичиррос зад Холмс.— Рафта бинем чи, оё ин зот ба мо даркор шуда наметавонад.

Дӯсти ман аз байни даҳанялахое, ки дар атрофи дӯкон- ҳои чарғон рафтуой доштанд, рахна карда гузашта, зуд он одамчаро дарьёб карда, дасташро ба китфи вай гузошт. Вай якбора баргашт ва дар равшании фонуси гази дидам, ки ран- ги рӯяш тамоман парид.

— Шумо кистед? Ба шумо чӣ лозим? — бо овози-ларзон пурсид вай.

— Маро бубахшед,— бо мулоимат гуфт Холмс,— вале ба дукондор чи гуна савол додани шуморо ман тасодуфан шу- нидам. Ба фикрам, ба шумо ёрй дода метавонам.

— Шумо? Шумо киствд? Аз куҷо донистед, ки ба ман чӣ лозим?

— Номи ман Шерлок Холмс. Касби ман дониста гирифта- ни он чи ки дигарон намедонанд.

— Вале дар бораи он чи ки ба ман лозим аст, шумо ҳеҷ чиэ дониста гирифта наметавонед.

— Мебахшед, вале ман ҳамаашро медонам. Шумо изи ғоз- ҳои миссис Окшотро аз Брикстон-род кофта ёфтаниед, ки вай онҳоро ба Брэкинриҷ ном оавдорр фурӯхта аст. Брэкинрйҷ онҳоро ба мистер Виндигет ооҳиби «Альфа» фурӯхтааст. Со- ҳиби «Альфа» бошад, дар навбати худ ба «клуби ғоздӯстон>-и худ фурӯхта аст, ки Генри Бейкер аъзои он мебошад.

— Оҳ сэр, шумо айнан ҳамон шахсе ҳастед, ки ман дар орзуи диданатон будам! — дастанашро дароз карда фарьёд зад одамча.— Ба шумо баён карда наметавонам, ки ин ба ман чи гуна аҳамият дорад.

Шерлок Холмс фойтуни гузашта истодаеро нигоҳ доШт.

— Дар он сурат, назар ба щн майдони сершамоли бозор дида, дар хонаи бароҳат ғап задан беҳтар,—гуфт вай.— Ва- ле пеш аз он ки ба роҳ дароем, лутфан ба ман гӯед, ки ало- қадри ҳол ба кй ёрдам мекунам?

Одамча лаҳзае дудила шуд.

— Маро Ҷоя Робинсон мемоманд,— ба дигар сӯй чашм дӯхта гуфт вай.

— Не, не номи ҳагрткиятон чист? — бо меҳрубонӣ гуфт Холмс.— Ҳамеша аз номи худ амал намудан беҳтар.

Ба рухсораҳои рангпаридаи марди ношинос хун давид.

— Дар он сурат,— гуфт вай,— номи ҳақиқии ман Ҷеймс Райдер.

— Ана ин дуруст.. Шумо дар ҳотели «Қосмополитен» хиз- мат мекунед. Лутфан, ба кэб шинед ва ҳар чи ки донистанӣ бошед, ба зудй ҳамаашро ба шумо гуфта медиҳам.

Одамчаи хурдакак аз ҷой намеҷунбид. Вай гоҳ ба* ман, гоҳ ба Холмс нигоҳ карда, дар чашмонаш ҷои умедро тарсу ҳа- рос гирифт. Зоҳиран вай яамедонист, ки ӯро дар пеш фалокат интизор аст, ё бахти баланд. Оқибат ва£ ба кэб савор шуд ва пас аз ним соат мо ба Бейкер-стрит расида, ба хонаи меқ- монқабулкунӣ ворид гардидем.

Дар давоми роҳ мо як даҳан ғап назадем. Вале ҳамрохи

мо чунон баланд-баланд нафас мегирифт ва кафи дастонашро ба дам чунон сахт фншурда мекушод, ки тамоми роҳ чи гу- на таранг будани асабҳояш бе сухан хам маълум буданд.

— Ана ба хонг расидем! — хурсандона гуфт Холмс.— Дар чунин ҳаво аз камини фурӯзон дида чи беҳтар мебуд! Мистер Райдер, зоҳиран шумо хунук хӯрдед. Лутфан ба курсии роҳат нишинед. Ман фақат кафшҳои хонапӯшиамро мепӯшаму дар- хол ба кори шумо машғул мешавам. Ана тамом! Шумо дони- станй будед, ки ба.он ғозҳо чи вокеа рӯй дод?

— Бале, сэр.

— Дурусттараш, бо он ғоз? Ба фикрам, шӯмо фақат ба яктои онҳо — сафеди дар думаш рахи сиёҳ доштагӣ ҳавас доштед.,.

Райдер аз ҳаячон ба тапиш даромад.

— Оҳ сэр! — хитоб намуд вай.—Дар куҷо будани он ғоз- ро ба ман гуфта метавонед? -

— Вай дар хамин ҷо.

— Дар хамин чо?

— Бале. Ва он ғози ғайриоддй будааст. Онро ин қадар суроғ карда гаштани шумо беҷо набудааст. Вай пас аз Mapram тухми зебои ялаққосии лочувардӣ зоид. Тухм дар ҳамин чо, дар музеи ман.

Меҳмони мо калааида аз ҷой хест ва бо дасти рост аз Тах- tan камин дошт. Холмс ҷевони оҳанинро кушод ва аз он ёку- ти лоҷувардро баровард, ки мисли ситора ялаққос зада ну- раш сарди дурахшандаи мавҷзананда буд. Дар ҳолате ки чеҳ- раи Райдер каҷ шуда буд, рост истода, намедонист, ки санг- ро талаб карда гирад ё аз хукуки ба он доштааш даст ка- шад.

— Райдер, бозиро бой додед,—бромона гуфт Шерлок Холмс.— Худатонро даст гиред, набошад ба алов меафтед. Уотсон, ёрӣ дода ӯро -шинонед. Ба хунсардона қаллобй кардан вай ҳанӯз ба қадри кофй ғлувват надорад. Ба вай як қулт арақ диҳед. Ана шуд. Акнун вай саҳл ба одам монанд шуд. Ҳай ҳаро1мзодае!

Райдер калавид ва қариб ба рӯи хона афтида буд, вале арак андаке ба рӯяш сурхй давонд ва ӯ ҳаросон ба фошку- нандаи худ назар андохт.

— Ман кариб хамаашро медонам ва қариб ҳама далелҳо дар- дасти мананд, аз ин рӯ фақат каме илова карданатон ду- руст меояд. **Аммо он** камеро дарҳол ба мб нақл карданатон лозим, то ки дар ин кор ягон зарра норавшанӣ набошад. Рай-

дер, аз куҷо донистед, ки графхоним Моркар ёқути лоҷувард дорад?

— Кэтерин Қьюзек ба ман гуфт,— бо овози ларзон гуфт вай.

— Медонам: духтархонаи графхоним. Васвасаи даромади осон ақлу ҳушатонро бурд, чи тавре ки' он борҳо бо одамони, одамшаванда рӯй дода буд. Ва ба шумо фарқ надошт, ки бо кадом роҳ онро ба даст медароред. Ба фикри ман, Райдер, аз шумо нобакори нағзе мебарояд! Шумо медонистед; ки кафшер- гар Ҳорнер як бор дар болои дуздӣ дастгир карда шудааст ва пеш аз ҳама аз вай гумонбар машаванд. Шумо чӣ кор кардед? Сими панчараи камиии ҳуҷраи графхонимро шикастед — шумо ва шарикатон Кьюзек — илоҷе кардед, ки маҳз Ҳорнерро барои таъмири он фиристанд. Пас аз баромада рафтани Ҳорнер шумо сангро аз ғилоф дуздида, бонги хатар задед ва он бечора ба хабс гирифта шуд. Пас аз ин...

Дар ин асно Райдер нохост лағжида ба рӯи гилем афтид ва бо ҳарду даст зонувони дӯсти маро оғӯш кард.

— Аз барои худо, ба ман.раҳм кунед?! —фарьед зад вай.— Ба падару модари ман раҳм кунед! Ин онҳоро ҷо ба ҷо меку- шад! Ман ҳеҷ гоҳ дуздӣ накардаам! Ҳеҷ. гоҳ! Ии дигар так- рор намешавад, ба шумо қасам мехӯрам! Хоҳед, ба тавроту инҷил қасам мехурам. Оҳ, ин корро то ба суд бурда нарасо- нед! Аз барои Исои Масеҳ, инро то.суд бурда нарасонед!

—*Ба ҷоятон шинед,— бо қатъият гуфт Холмс.—Акнун хушомадгӯй ва хазидан бароятон осон! Вақте ки бечора Ҳор- нерро барои ҷинояте, ки вай гунаҳкар нест, ба курсии айб- дорон фиристодед, чӣ фикр мекардед?

— Мистер Холмс, ман гурехта метавонам! Сэр, ман Анг- лияро тарк мекунам! Дар он сурат ҷинояти вай бардошта ме- шавад...

— Ҳм! Мо холо дар ин бора ran мезанем. Аммо ҳоло ҳа- қиқатро шунавем, ки пас аз дуздӣ чи воқеа рӯй дод. Ин санг чи тавр ба ҷиғилдони ғбз ва он ғоз чи тавр ба бозор рафт? Росташро гӯед, зеро гапи рост— ягона илоҷи халосии шумост.

Райдер лабони хушкидаашро лесид.

— Тамоми ҳақиқатро ба шумо мегӯям,— гуфт вай.— Вақ- те ки Ҳорнерро ба ҳабс гирифтанд, ман ‘қарор додам, то ба хаёли полиция омада ману хонаи маро кофтуков кардан, нағ- заш сангро ба ҷои дигар барам. Дар меҳмонхона ҷои мувофи- қе набуд, ки сангро руст кунам. Гӯё бо кори хизматӣ мерафта бошам, берун баромадам ва роҳи хонаи хоҳарамро пеш гириф-

там. Шавхараш Окшот ном кас, дар Брикстон-род зиндагӣ мекунад ва касбаш ҳамин, ки мурғҳои хонагиро парво наму- да, ба бозор бароварда м-ефурӯшад. Ҳар як одами аз рӯ ба рӯям мебаромадагӣ ба назарам полицай ё ҷосус менамуд ва, бо вуҷуди хунук будани ҳаво аз сару рӯям арақ шашкатор мерехт ва ба ҳамин тарик ба Брикстон-род расидам. Хоха- рам аз ман пурсид, ки чи воқеа рӯй дод ва чаро рангу рӯям ин қадар паридагӣ. Ҷавоб додам, ки дуздида шудани санги киматбахо дар ҳотели мо маро, ба нзтироб оварда. Баъд ба ҳавлии пушти хона рафта, чубуқ гирондам ва фикр мекардам, ки чи илоч ёбам.

Ман Модсли ном чӯрае доштам, ки бероҳа шуда монда, мӯҳлати ҷазорсгдар маҳбаси Пентонвиль гузаронида буд. Бо- **ре** мо бо ҳам вохӯрдем вааз дуздон гап зада ба ман нақл намуд, ки онҳо чи тацр чизи дуздидаашонро мефурӯшанд. Медо- иистам, ки вай маро ошкор намекунад, зеро ман ҳам баъзе гуноҳояшро медонистам ва аз ин рӯ »>арор додам, ки рост ба назди вай ба Килбурн равам ва сирамро ба вай гуфта диҳам. Вай роҳи пул кардани ин салгро ба ман ёд медод. Вале бо кадом дилу гурда ба назди ӯ рафта расам? Ман он азобу машаққатеро ки аз меҳмонхона то хонаи хоҳарам аз сар гу- заронида будам, ба хотир овардам. Ҳар дақиқа- маро дастгир намуда, танаамро кофтукоб карда, аз кисаи камзулам сангро ёфтанашон мумкин буд. Ман ба девор такья карда, ба ғозҳо, ки дар назди пойҳоям дабба-дабба' рафтуой мекарданд, ни- гоҳкунон нохост фикре ба сарам зад, кй бо кадом роҳ ҷосу- си аз хама моҳиртарини дуньёро фиреб диҳам...

Чанд хафта пеш хоҳарам ба ман гуфта буд, ки ба муно- сибати иди мавлуд беҳтарин ғозеро аз вай тӯҳфа хоҳам ги- рифт, ман _башам медонистам, ки ӯ ҳамеша ба*қавлаш меис- тад. Қарор додам дарҳол ғози нағзеро дастгир кунам ва санг- ро ба вай хӯронда то Килбурн барам. Дар рӯи ҳавлй сарое буд ва мая ғози калони бисьёр нағзи сафеди думаш рах-рах- ра ҳай карда ба пушти он даровардам. Ман ӯро дастгир кар- да, нӯлашро кушодам ва ҳарчи чукуртар сангро ба гулӯяш тиқондам. Ғоз онро фурӯ дод ва ман бо даст ҳис кардам, ки санг чи тавр ба ҷиғйлдонаш рафт. Вале ғоз тапар-тапар кар- да бол меафшонд ва хоҳарам аз хона баромад, ки чи буда- ни гапро фаҳмад. Вақте, ки ман ҷавоб доданӣ шуда ба тара- фи ӯ гаштам, ғоз аз дастам рахо карда, бо галаи ғозон ҳамроҳ шуд.

<Ҷеймс, бо ғоз чй кор кардӣ?> пурсид хоҳарам.

«Охир ту гуфта будй, ни ба муносибати иди мавлуд ба ман ғоз тӯҳфа мекунӣ,— гуфтам ман,—ва дидам, ки кадо маш фарбеҳтар аст>.

«Оҳ,— гуфт вай,— мо аллакай барои ту яктоашро интихоб карда мондаем. Мо ӯро «ғози Ҷеймс» меномем. Ана ҳамон ка- лони сап-сафед. Ғозҳо ҳамааш бистушашто, яктои онҳо ба- рои ту, яктояш барои мо ва бистучортояш барои фурӯш».

«Ташаккур, Мэгги,— гуфтам ман.— Вале агар барои ту фарқ надошта бошад, ҳамон розеро, ки навакак дар даст ни- гоҳ медоштам, ба ман деҳ>.

«Ғози ту аз ин дида тахмин се фунт вазнинтар ва мо онро махсус барои ту фарбеҳ карда мондаем».

«Зарар надорад. Ман фақат ҳаминашро мехоҳам ва ӯро ҳозир ҳамроҳам бурданиам».

«Кори ту,— каме ранҷида гуфт хоҳарам.— Кадомашро ги- рифтани ҳастӣ?»

«Ана ҳамон сафеди дар думаш рахи сиед доштагиро... Ана, дар миёни села».

«Марҳамат. Кушта гирифта бар!»

Мистер Холмс, ман ҳамин тавр кардам ва ғозро ба Кил- бурн бурдам. Ман ҳамаашро ба ҷӯраам гуфтам —вай аз қа- били ҳамон одамоне, ки, чуаин чизҳоро ба вай гуфтан осон. Ҷӯраам аз ханда рӯдакан шуд, баъд мо корДро гирифта ғоз- ро чок кардем. Вақте ки сангро аз ҷиғилдони ғоз наёфтам, ва фаҳмидам ки саҳви калоне рӯй додааст, дилам аз тапиш монд. Ман ғозро гузошта, ба сӯи хонаи хоҳарам тохтам ва тез давида ба ҳавлии пушти хонааш даромадам. Ғозҳо дар рӯи ҳавлӣ набуданд.

«Мэгги ғозҳо канӣ?» — фарьёд задам мая.

— «Ба савдогар фиристодем».

«Ба кадом савдогар?»

<Ба Брэкинрич, кӯчаи Ковент-гарден».

«Дар байни ғозҳо боз як ғози думаш рах-рах — ҳамон хеле ки ман навакак куштам буд, ё не?» — пурсидам ман.

<Ҳа, Ҷеймс, ду^ози думащон рах-рах буд, ки ман ҳама вақт онҳоро фарқ карда наметавонистам».

Ман, будагӣ ran, ҳамаашро фаҳмидам ва бо тамоми қув- ва ба назди Брэкинриц тохтам. Аммо вай аллакай тамоми ғоз- хоро фурӯхта буд ва ба ҳеҷ вачҳ ба кй фурӯхтанашро наме- гуфт. Чи гуна ба ман дағалона чавоб доданашро худатон шу- нидед. Хоҳарам фикр мекунад, ки ман аз аф бегона шуда-

ам. Баъзан ба назари худам менамояд, ки ман девонаакг. Ва инак... ва инак — дузди манфур, агарчи ба боигарй даст наза- да бошам ҳам, барои он шуда ҳаётамро сӯзоидам. Худовандо, мададгор бош! Худовандо, мададгор бош!

Вай бо даст рӯяшро пӯшида, беихтиёрона ҳунгас зада гирья кард. Хомӯшии дурудароз ба миён омад, ки онро чуқур.- чуқур нафасгирии Райдер ва бо ангушт ба гӯшаи миз мун- тазам туқ-туқзании дӯсти ман халалдор мекард. Нохост Шер- лок Холмс аз ҷой хест ва дари берунро калон кушод.

— Дафъ шавед! — гуфт вай.

—Чи тавр, сэр?.. Оҳ, худо шуморо дар паноҳаш нигоҳ дорад!

— Ҳеч чиз нагӯед! Аз ин ҷо дафъ шавед!

Хоҷати дуюмбора такрор кардан нашуд. Дар зинапоя са- дои тақартуқури бо суръат қадаммонӣ баланд гардид, дар поён дар тараққос зад ва аз кӯча овози зуд-зуд қадаммонӣ шунида шуд.

— Охир, Уотсон, ман ҳаргиз на барои он кор мекунам, ки саҳву хатои полицияи моро ислоҳ кунам,— дасташро ба сӯи чубуқи гилил дароз карда гуфт Холмс.— Агар Ҳорнерро ха- тар таадид менамуд, он гоҳ ran дигар буд. Валё Райдер ба муқобили вай шаҳодат намедиҳад ва кор пасанда мешавад. Шояд, ман пинҳонкунандаи каллоб шавам, вале дурусттараш, ман одамро аз ҳалокат наҷот медиҳам. Бо ин йигит дигар ҳеҷ гоҳ чунин воқеа рӯй намедиҳад, зеро вай мурданивор тарсид. Ҳаёт моро бо муаммаи аҷиб ва ғалатие рӯ ба рӯ кунонд! Ҳал карда шудани ин муаммо — худ аз худ мукофот мебошад. Агар шумо илтифоте карда ресмоди зангро кашед, мо ба «тадқиғии» нав машғул мешавем, ки дар он ррли асосиро ба ҳар ҳол боз парранда мебозад: аз хотир набароред, ки на- ҳори мо аз кабки бирьён иборат аст.

ЛЕНТАИ АЛОБУЛО

Ман ёддоштҳоямро доир ба саргузаштҳои Шерлок Холмс аз назар гузаронида,— аз ин қабил зиёда аз ҳафтод ёддошт дорам,— дар байни анҳо аксарияташ пурфоҷиа, баъзеҳояш аҷибу ғариб буда, вале дар ягонтои онҳо ягон чизи муқаррарӣ нест. Холмс барои пул не, аз рӯи меҳру муҳаббате, ки ба санъати худ дошт, кор қарда, ҳеҷ гоҳ ба тадқиқи воқеаҳои муқаррарӣ оддӣ даст намезад; диққати ӯро ҳамеша чунин вокеаҳое ҷалб менамуданд, ки дар онҳо ягон чизи хориқулодда ва баъзан ҳатто аҷоибу ғароиб бошад.

Ба назари ман махсусан воқеаи Ройлотт аҷоибу ғароиб менамояд. Майу Холмс, ду марди муҷаррад, ҳамон вақт дар Бейкер-стрит ҳамррҳ зиндагӣ мекардем. Шояд, ,ман пештар ҳам ёддоштҳоямро чоп мекунондам, аммо қавл дода будам, ки ия корро пинҳон медорам ва фақат пас аз як моҳи марги бемаҳали ҳамон зане, ки ба вай цавл дода будам, онро шикастам. Хуб мешуд, агар ин лоқеаро дар «шакли х.ақиқии он манзур гардонам, зеро овозаҳо марги духтур Гримоси Ройлот-

тро, ба воқеаҳои боз ҳам даҳшатноктаре, ки дар ҳақиқат рӯй дода буданд, нисбат медоданд.

Як пагоҳии моҳи апрели соли 1888 аз хоб бедор шуда ди- дам, ки Шерлок Холмс дар назди катам истодааст. Вай сару либоси ҷойравӣ дошт. Одатан вай аз хоб дер мехест, аммо акнун соати болои камин нав аз хафт чорьяк дақиқа гузашта буд. Ман ҳайрон ва ҳатто як қадар маломатомезона ба ӯ ни- гаристам.

— Уотсон, хеле афсӯс мехӯра-м, ки шуморо бедор кардам,— гуфт вай.— Вале имрӯз худаш ҳамин хел рӯз. Миссис Хад- сонро бедор кардаанд, миссис Хадсон — маро -ва ман — шу« моро." •

— Чӣ воқеа рӯй додааст. Сӯхтор шудааст чӣ?

— Не, меҳмон омадааст. Кадом як духтар, яиҳоят музта- рнбхол омадааст ва ҳатман маро дидан мехоҳад. Вай дар қа- булгоҳ нигарон шуда нишастааст. Модоме хонумҳои ҷавон дар чунин барвақтӣ дар кӯчаҳои пойтахт сайру гашт карда, одамони ношиносро аз бистар хезониданӣ мешаванд, ба гумо- нам, ким-чи гуна далелҳои муҳимро хабар додан меҳоданд. Кор шояд ғалатӣ бошад ва агар ин воқеаро аз аввалаш сар карда нашунавед, дар армон мемонед.

— Мамнунам.

Ман хузуру ҳаловатеро бештар аз **нит** намедонистам, ки хангоми машғулиятҳои касбиаш аз паси Холмс равам ва аз ақли расои вай шавқу завқ барам. Гоҳҳо ба назар чунин ме- намуд, ки муаммоҳои ба ӯ пешниҳод карда шударо бо ақл не. балки бо* кадом як хисси рӯҳбал^ндона ҳал мекунад, вале дар ҳақиқат ҳама хулосаҳои вай дар заминаи мантиқи дақиқ ва комил асос ёфта буданд.

Маа зуд сару либос пӯшида, пас аз якчанд дақиқа тайёр шудам. Мо ба хонаи меҳмонқабулкунӣ вбрид шудем. Бароба- ри мо даромадан хонуми сиёҳпӯши ба рӯяш вуали ғафс пар- тофтае аз чой хест.

— Субҳ ба хайр, хонум,— кушодарӯёна гуфт Холмс,— Но- ми ман Шерлок Холмс. Ин дӯсти наздик ва ёрдамчии ман, духтур Уотсон. Ҳар қадар, ки бо ман самимӣ башед,' бо ӯ низ хамчунон самимӣ буда метавонед. Ана мебинам, ки миссис Хадсон акл карда камин гиронда истодааст. Ин бисьёр хуб, зеро шумо хеле хунук хӯрдаед. Ба оташ наздик шинед ва иҷо- зат диҳед ба шумо як финҷон ғ^аҳва муроот кунам.

— Мистер Холмс, боиси ларзидани ман хунукӣ не,— ба камин наздик нишаста гуфт зан.

<— Набошад чӣ?

— Таре, мистер Холмс, тарс!

Вай ин суханонра гуфту вуалро аз .рӯй бардошт ва мо **ди**- дем, ки. чи гуна ӯ дар изтироб аст, чи гуна 'ӯ чехраи рангпа- рида ва аз даҳшат эишт дорад. Мисли даррандаи ба таъқнб гирифтор дар чашмани аз чархидан мондааш тарсу ҳарос **ди**- да мешуд. Вай беш аз сӣ сол умр надошт, вале аллакай **ба** мӯяш сафадӣ афтода буд.

Шерлок Холмс бо нигоҳи тези эираконааш зуд ӯро аз на- зар гузаронид.

‘ Аз ҳеҷ чиз натарсед,— дасти ӯро навозишкорона сила карда гуфт ӯ.— Боварӣ дорам, ҳама ногувориҳаи ба сари шу- мо омадаро дур мекунем... Шумо бо поезди пагоҳӣ омадёд.

— Магар шумо маро мешиносед?

—• Не, вале ман дар дастпӯшаки чапи шумо билети боз- гаштро дидам. Шумо барвақт аз хоб хестед ва баъд ба стан- ция равон шуда, аробаи дучарха дар роҳи ганда дурудароз шуморо бардорузан кард..

Зан сахт як қад парид ва парешонҳол ба Холмс назар ақ- дохт.

— Хонум, дар ин ҳеҷ гуна ғайбдонӣ нест,— табасеумку- нон гуфт Хол-мс.— Ба ҳар ҳол ба ҳафт ҷои остини чапи, жа- кети шумо лой чарахса кардааст. Доғҳо тамоман наванд. Тан- ҳо дар сурати дар аробаи дучарха аз тарафи чапи аробакаш нишастан лой ҳамин тавр чарахса карданаш мумкин.

— Ҳамааш хамин тавр шуда буд,— гуфт зан.— Соат цаз- дики шаш ман аз хона баромадам, соати шашу бист дақиқа ба Лэтерхэд расидам ва бо .поезди аввалин ба Лондон, ба станцияи Ватерлоо омадам... Сэр, ман дигар ба ин тоб овар- да наметавонам, девона мешавам! Мемурам!.. Ман касе надо- рам, ки ба вай муроҷиат кунам. Зимнан, як касе ҳаст, ки ба сузи ман ҳамдардӣ мекунад, вале бечора ба ман чи ёрдам карда метавонад? Мистер Холмс, ман аз миесис Фаринтош, кидпумо дар лаҳзаи кулфати азим ба сараш окгаддн ба ӯ ёр- дам карда будед, таърифи шӯморо шунидам. Вай айреси шу- моро ба ман дрд... Ох, сэр ба ман х,ам ёрӣ диҳед, ё ҳеҷ, набр- шад кӯшиш кунед, ки ба ин тирагии касмабине, ки маро фа- ро г-ирифтааст, ақаллан каме партав афканед! Ҳозир ман куд- рате надорам, ки подоши некиҳои шуморо диҳам, аммо пас аз ду моҳ ба шавҳар мебароям ва ом гоҳ хукуки ба мадохи- ли худ фармон-фармой, кардан пайдо мекунам ва шумо меби- нед, **KJJ** ман аз ӯхдаи ҳақшиносӣ мебароям.

Холмс ба миз наздик шуд ва онро ку.шода дафтари ёддош- ташро бароварД.

— Фаринтош...— гуфт вай.— Эҳ ҳа, ман он воқеаро дар ёд дорам. Уотсон, ба фикрам ин пеш аз ману ту шинос шу- **дан** буд. Гал аз қоши тиллои сангҳои кяматбаҳо шинондагӣ мерафт. Хонум, шуморо бовар кунонда метавонам, ки чи -тав- ре ба кори дуганаи шумо камар баста бошам, тоҷи хурсандӣ ба сар гузошта, ҳамчунон бо ҷидду ҷаҳд ба кори шумо камар мебандам. Ба ман ҳеҷ гуна подош даркор нест, зеро кори ман бароям хизмати подоширо адо мекунад. Албатта, аз ҷониби ман баъзе хароҷотҳо мешавад ва ҳар гоҳ ки хаҳед инъомаш- ро медиҳед. Вале ҳозир хоҳишмандам коратонро ба тафсил ба мо нақл кунед.

— Ҳайҳот! — чавоб дод духтар.— Даҳшати вазъияти ман аз он иборат, ки тарсу ҳаросам тамоман номуайян ва мубҳам аст, асоси гумону шубҳаи* ман чуяин майда-чуйдаҳое мебо- шанд, ки ҳатто шахсе, ки аз вай ҳуқуқи маслиҳат ва ёрӣ пур- сидан дорам, буду шуд нақли мара ҳарзаи зани асабӣ ҳисоб мекунад? Вай (5а ман ҳеҷ чиз намегӯяд, вале ман инро дар суханони тасаллибахши ӯ ҳис мекунам ва аз нигоҳҳои муҷ- малаш мехонам. <.Мистер Холмс, ман шунидам, ки ягон кас шумо барин ба тамоми майлу рағбатҳои илатноки қалби инсон нағз сарфаҳм намеравад ва шумо метавонед маслиҳат диҳед, ки ман дар байни хавфу хатари маро фаро гирифта чи илоҷ намоям.

~ Хонум, гӯшу ҳушам ба шумо.

— Маро Эллен Стонер мениманд. Ман дар хонаи падаран- дарам Ройлотт зиндагӣ мекунам. Вай насл-и охирини яке аз хонаводаҳои қадимтарини саксонӣ дар Днглия мебошад.

Холмс бо сар ишора кард.

— Ин ном ба ман шинос,— гуфт вай.

— Замонҳое буд, ки оилаи Ройлоттҳо яке аз бойтарин ои- лаҳо дар Англий буд. Ройлоттҳо дар шимол дар Беркшир, дар ғарб—дар Гемпшир мулкҳои зиёде доштанд. Аммо дар асри гузашта чор насл паи ҳам молу давлати худро беҳуда исроф карда, оқиб^т яке аз меросхӯрон, қиморбози гузаро, дар за- мони регеятӣ оиларо тамоман муфлис гардонид. Аз мулки пештара фақат якчанд акр замин ва бинои хонаи кадимае боқӣ иОнд, ки тахмин дусад сол пеш сохта шуда буд. Бо вуҷуди ин хона кайхо ба юимор гузошта шудааст.

Помещики охирини ин авлод дар хонаи худ як асилзодаи бенаво барин зиндагии оҷизона' ба сар м^бурд. Вале писари

ягонаи вай, падарандари ман, мефаҳмад, ки навъе карда худ- ро ба зиндагии нав мувофиқ кунондан лозим аст, бинобар ҳа- мин, аз кадом як хешаш маблағи даркориро ба қарз гирифта, ба университет дохил мешавад ва онро тамом карда дипло- ми духтурӣ гирифта, ба Қалкатта меравад ва ба туфайли маҳорату тобоварӣ дере нагузашта таҷрибаи калон пайдо ме- кунад. Вале хонаашро дузд мезанад. Ин Ройлотгро чунон оташин мекунад ки дар сари ғазаб дарбон — марди маҳал- лиро, ки хизматгора.ш будааст, мурданивор дошта мезанад. Ройлотт ба зӯр аз ҷазои марг халос шуда, муддати дуру да- роз дар маҳбас азият мекашад, баъд ҳамчун як одами дарун- дор ва аз эиадагй дилхунук ба Англия бармегардад.

Духтур Ройлотт дар Ҳиндустон ба модари ман, мисоис Стонер, зани ҷавони бевамондаи генерал-майори артиллерияи Бинғола хонадор мешавад. Ману хоҳарам — Ҷули дугоник бу* дем. Вақте ки модари мо ба marfХар баромад, мо нав ду сол- ро пур карда ба се қадам монда будем. Модари мо молу мул- ки анча калоне дошт, ки соле аз ҳазор фунт камтар даромад намедод. Мувофиқи васият то дами мо дар хонаи духтур Рой- лотт зиндагй кардан, мебоист тамоми даромадро ӯ истифода менамуд. Агар мо ба шавҳар бароем, ба ҳар яки мо бояд маблағи муайяни дарамади солона ҷудо карда мешуд.

Пас аз ба Англия баргаштанамон дере нагузашта модари ман казо кард — вай ҳашт сол пеш аз садамаи роҳи оҳан ҳа- лок гардид. Духтур Ройлотт барои равнақи кораш дар Лон- дон сокин шуданӣ буд, аммо пас аз марги вай ин ҷидду ҷаҳд- ро як тараф гузошт ва ҳамроҳи мо дар мулки падару бобой дар Сток-Морен сукунат ихтиер кард., Давлати модари мо ба- рои қонеъ гардонидани тамоми талаботи мо комилан кифоя буд ва, гӯё, ҳеҷ чиз набояд ба бахту саодати мо халал мера- еонид.

Вале бо падарандари ман дигаргунии аҷибе рӯй дод. Ба чои бо ҳамсояхо дӯстӣ пайдо кардан, ки аввал онҳо ба амлоки кӯҳ- наи падарн гашта омадани Ройлотти Сток-Мореириро дида шод шуда буданд, вай дар мулкаш дарро ба рӯи худ баста, гоҳ-гоҳ аз хона берун мебаромад ва он ҳам фақат аз барои ҳамин ки бо аввалин шахси дучор омада ҷанҷолу занозанӣ кунад.

Тундхӯии девонаворе, ки ба дарачаи ҳаяҷони шадиди рӯхӣ мерасид, аз тарафи зоти бобой ба ҳамаи намояндагони ин ав- лод мегузашт, ин тундхӯй дар падарандари ман, шояд ба ту- файли муддатҳои зиёд дар минтақаи ҳора будан, боз бештар авҷ мекард,

. Чандин бор байни ӯ ва ҳамсояҳр кашмакаши сахт рӯй дод. Ду бор кор ба участкаи полиция оид шуд. Вай барои тамоми мардуми деҳа як балои осмонӣ гардид. Гуфтан лозим, ки вай дорои фавкулодда қувваи ҷисмонӣ мебошад ва азбаски дар са- ри қаҳру ғазаб худро асло ба даст гирифта наметавонад, мар- дум баробари ба вай дучор омадан балоро дидагӣ барин ба чор тараф мегурезанд.

Ҳафтаи гузашта ӯ оҳангари маҳаллиро ба дарьё партофт ва барои аз чанҷоли шармандаворона халос шудан, тамоми пули чамъ кардаамро доданам лозим омад. Ягона дӯстони вай лӯли- хои кӯчнишин мебошанд. Вай ба ин оворагардҳо дар як порча замини начандон калони мармиҷон зер карда (ин будагӣ мулкн авлодии ӯ мебошад), ба хайма задан рухсат медиҳад ва баъзан хамроҳи онхо кӯчманчигй карда ҳафта-ҳафта ба хона намеояд. Боз вай ба хайвонхо майли зиёд дорад, ки онҳоро як шиносаш азҲиндустон барои ӯ мефиристад; дар айни замон дар мулки вай паланг ва павиан (як хел маймуни carcap) озод сайру гашт карда, қариб худаш барин мардумро ба ҳарос меандозанд.

Шумо азсуханони ман хулоса бароварда метавонед, ки Many хоқарэм чандон шодона зиндагӣ надоштем. Хизматгорхо дар хонаи мо зиндагӣ кардан намехостанд ва бисьёр вақт корҳои хонаро худамон иҷро мекардем. Хоқарам вақти мурданаш ха- магӣ сӣ сол дошт ва мӯи сари ӯ низ мӯи ман барин ба сафед- шавӣ сар карда буд. _ ,

— Хохаратон қазо кард?

— Расо ду сол пеш қазо карда буд ва мехоҳам маҳз дар бо- раи марги вай ба шумо ҳикоя карда диҳам. Худатон медонед, кя дар сурати чунин тарзи зиндагӣ мо кам имконият доштем, ки бо одамони бо мо ҳамсинну сол ва хаммартаба шиштухез кунем. Мо холаи бешӯе дорем, ки яомаш Гонория Уэстфайл бу- да, дар наздикии Хэрроу зиндагӣ мекунад ва сари харчанд вақт ба мо рухсат медоданд, ки ба хонаи ӯ ба меҳмонӣ равем. Хо- харам Ҷулия ду сол пеш иди мавлудро дар ҳамон ҷо гузарони- да буд. Вай дар хамон ҷо бо майори ба истеъфобаромадаи флот шинос шуд ва майор ӯро ба занӣ хост. Ҷулия ба хона баргашта дар бораи фотиҳа шуданаш ба падарандарамон гуфта дрд. Па^ дарандарам ба шавҳар кардани вай муқобилат накард, валеду хафта пеш аз тӯй вокеаи даҳшатангезе рӯй дод, ки маро а: ягона дугонаам махрум сохт.

Шерлок Холмс дар курсии роҳат такья карда менишаст в; сарашро ба болишти диван гузошта буд. Чашмонаш. пӯшидап буданд. Акнун вай чашм кушода ба меҳмон назар андохт.-

•—» Хохвшмандам ба қадри даркорй аниқтар нақл карда? ягон чузъи воқеаро аз хотир набароред,— гуфт вай.

— Ин барои ман осон, чунки тамоми воқеаҳои ин давраи пурдаҳшат дар хотирам чуқур нақш бастаанд... Чи тавре, ки ман аллакай гуфтам, бинои хонаи помещик хеле кӯҳна ва тан- ҳо яктарафи хона ба зиндагй мувофиқ мебошад. Хонаҳои хоб дар ошьёиаи якум ҷой гирифтаанд, меҳмонхона дар миёнҷо во- қеъ гардидааст. Дар хонаи хоби якум духтур Ройлотт мехобад, дар дуюмаш хоҳарам ва дар сеюмаш ман. Дар байни хонаҳой хоб дар нест, дари^ҳамаашон ба роҳрав кушода мешавад. Оё ман ба қадри кифоя фаҳмо накл мекунам?

< — Ҳа, хеле фаҳмо.

— Тирезаҳои -ҳар се хонаи хоб ба марғузоре кушода меша- ванд. Ҳамон шаби маъшум духтур Ройлотт барвақт ба хонаи хоби худ рафт, вале мо медонистем, ки вай нахобидааст, зеро бӯи тамокуи ҳиндӣ ки вай одати кашидан дошт, то хеле вақт хоҳарамро хобидан йамонд. Ин бӯй хохарамро маҷбур сохт, ки аз ҳуцрааш баромада ба ҳуҷраи ман биёяд ва мо чанде бо дам вишаста дар бораи хонадоршавии ӯ гап задем. Соати ёздаҳ ӯ аз чэяш херта, рафтанӣ шуд, вале дар назди дар истода аз ман пурсид:

«Эллен, бигӯй: ба назарат наменамояд ки гӯё шабҳо ким-ки хуштак мекашад?»

<Не»,— гуфтам ман.

«Ва ту боварӣ дорй, ки вақти хоб буданат ҳуштак намека- шӣ?»

«Албатта, намекашам. Вале чаро дар ин бора мепурсй?»

«Шабхои охир, тахмин қариб соати*се, ман с.адои пасти баръ- алои ҳушгаккаширо мешунавам. Ман хеле ҳушьёр мехобам ва садои ҳуштак маро бедор мекунад. Ман намедонам, ки ин садо аз кучо меояд, шояд, аз хонаи ҳамсоя биёяд, шояд, аз марғу* зор. Ман кайҳо боз аз ту пурсиданӣ будам, ки оё ии садоро шу- нидаи ё не?»

«Не, нашунидаам. Шояд, лӯлиҳо хуштак мекашанд?>

«Мумқин. **Аммо,** агар садои ҳуштак аз марғузбр меомад, ту хам-энро мешунидӣ».

«Хоби ман аз хоби ту хеле сахттар».

«Бо вучуди ин ҳамааш аҳамият надорад»— гуфта табассум намуд хохарам ва дари маро пӯшид, пас аз чанд сония шуни- дам, ки калиди дари ӯ шакаррос зад.

— Ҳамгу гӯед!— гуфт Холмс.— Пас шумо шабонгоҳҳо ҳаме- ша дарро қулф мекардед?

— Ҳама вақт«

— Барои чӣ?

— Ман зоҳиран, аллакай гуфтам, ки дар хонаи духтур па- ланг ва павиан зиндагӣ мекунад. Мо фақат дар сурдти дарамон кулф будан худро бе хатар ҳис мекардем.

— Мефаҳмам. Хоҳишмандам давом диҳед.

— Шабона хобам набурд. Эҳсоси мубҳами кадом як фало- кати ногузир маро фаро гирифт. Шаби пурдаҳшате буд: шамол уллос мекашид, борон ба тиреза зада садо мебароварда. Ва но- хост, аз байни гулдурроси тӯфон садои фарьёди даҳшатангези тарсу ҳарос шунида шуд. Ин хоқари ман буд ки фарьёд мезад. Ман ҷаста аз кат фуромадам ва рӯмоли калонро ба китфам партофта тохта ба роҳрав баромадам. Вақти дарро кушодан, ба назарам чунин намуд, ки ман садои ҳуштаки пастеро мешуна- вам ки Хоҳарам нақл карда буд, баъд гӯё ким-чи чизи вазнини фулузӣ ба замин афтида ҷирингос зад. Тозон ба хонаи хоҳарам наздик шуда дидам, ки дар нимроғ мебошад. Ман аз вохима мадху мот шуда дар ҷоям истодам ва намедонистам, ки чи во- қеа рӯй додааст. Дар равшании лампае, ки дар роҳрав месӯхт, хоҳарамро дидам; і анги рӯи вай аз дахшат сап-сафед кандаги буд, мислғ маст калзнида-калавиаа ба дар наздик шуд ва гӯё имдод металабида бошад, дасгг.нашро пеш дароз карда буд. Ман тозоп каздик шуда, ӯро ба огӯш гирифтам, вале ҳамон лах- за зонуҳояш хам шуданд ва ӯ гумбуррос зада ба замин афтид. Мисли ин ки аз дарди токатфарсо печу тоб мехӯрд, рагу паи дао тону пойҳояш мскашиданд. Аввал чунин ба назарам намуд, ки вай маро нашинохт, аммо вақте ки ба болояш хам шудам, ӯ но- хост фарьёд кашид... Ох, ман овози иурдаҳшати ӯро ҳеҷ гоҳ фа- ромӯш намекупам.

«Худоё, Эллен’— фарьёд мезад ӯ.—Дастаи алобуло!»

Вай боз кнм-чи /уфтанӣ шуда, бо ангушт ба тарафи хонаи духгур нишон дод, вале авҷи нави ихитлоҷ сухани ӯро бурид.

Ман ҷаста хестам ва бо овози баланд фарьёдзанон барои ҷеғ заданн падарандарам тохтам. Ҷомаи шабпӯши дар тан вай ба пешвозн ман мешизобид. Вақте ки вай тохта ба хона даро- мад, хоҳарам беҳуш мехобид. Вай ба даҳани хоҳарам коньяк рехт ва ҳамон дам барои овардаяи духтури деҳа одам фирис- тод, валс барои паҷот додани вай ҳарчанд саъю кӯшиш карда бошднд ҳам, хамааш барабас буд ва ба ҳуш наомада ҷон дод. Оқибати пурдахшати хоҳари дӯсгдорам ана хамин буд.

— Бо иҷозати шумо пурсам,— гуфт Холмс,— боварӣ доред, ки шумо садои ҳуштаккашӣ ва чирингоси фулузро шунидед? Касам ёд карда инро ьишон дода метавонед?

Хангоми истинтоқ муфаттиш дар ин бора аз ман пурсид. Ба назарам чунин менамояд, ки ман ин овозҳоро шунидам, ва- ле маро уллоскашии тӯфон ва қасарас задани бинои кӯҳнаи хо- на ба иштибоҳ мононданашон мумкин буд.

— Хоҳаратон сару либосашоо пӯшида буд?

— Не, вай бо куртаи шабпӯшӣ тохта баромад. Дар дастн росташ донаи сӯхтагии гӯгирд ва дар дасти чапаш қуттии гӯ- гирд буд. '. "

— Ин нишон медиҳад, ки вакти ӯро ким-чи тарсонидан гӯ- гирд зада, гирду атрофро аз назар гузаронидааст. Тафсилоти хеле мухим. Муфаттиш ба чи хулоса омад?

* Вай тамомӣ ин корро бо диққат омӯхта баромад, чунки хулқу хӯи девонавори духтур Ройлотт дар тамоми округ маъ- лум буд, вале ӯ ҳамин тавр ҳатго хурдтарин сабаби қаноатбах- щи марги хохари маро ёфта натавонист. Ма'н ҳангоми тафтиш туфтам, ки лари хонаи вай аз дарун қулф ва тирезахо аз берун бо дархои қадимаи ғалақаҳояшон васеи оҳанин махкам карда шудаанд. Деворҳо бо диққати тамом тадқиқ карда гиуданд, вале ҳама чо мустаҳқам буд. Тафтиши фарши хона Хам ҳеч натича набахшид. Дудкаши печка васеъ бошад ҳам, чор сарпӯш дорад. Инрк, ҳеҷ шубҳае нест, ки хоҳарам ҳангоми фалокати ба сараш омада тамоман танҳо буд. Осори ягон ҷабру зӯрӣ ошкор карда нашуд.

— Захр чӣ?

' Духтурҳо ӯро тадқиқ карда баромадаид,[4] аммо ягон осоре ки ба захрнӯшонӣ монцрд бошад, пайдо накарданд. [4] '

— Ба фикри шумо сабабаш чн буд?

— Ба назарам вай аз тарс ва ҳаяҷони асабҳо мурд. Валв ба худ тасаввур карда наметавонам, ки' ӯро кй тарсонида бо< шад.

— Лӯлиҳо ҳамон вақт дар мулк будайд?

— Ҳа, лӯлиХо қдриб ҳама вакр дар мулки мо зиндагй **ме**- 1кунанд.

— Ба фикри шумо, суханони вай дар бораи дастаи роҳза- нон, дар бораи дастаи алобулои роҳзанон чӣ маънӣ дорад?

— Баъзан ба назарам чунин менамуд, ки ин суханон дар "вақти ҳазьён гуфта шуда буданд, баъзан фикр мекардам, **кя** Онҳо ба кадом як дастаи одамон — шояд, ба дастаи лӯлиқо та- аллуқ дошта бошанд. Вале чаро ин. даста алобуло будааст. Шо- яд, румолчаҳои хол-холе, ки аксари лӯлизанҳо ба сар мебан' данд, ин сифатро ба ӯ талқин карда бошад.

Холмс сар ҷунбонд: дида мешуд, кя чунин шарҳу эзоҳ ӯро қаноатбахш намекард.

— Ин кори шубханок,— гуфт вай.— Хоҳишмандам, давом дихед.

— Аз ин байн ду сол гузашт ва ман аз пештара дида, якка- ву танҳоям. Вале як моҳ пеш як шахси наздикам, ки ман сол- хои зиёд инҷовиб ӯро мешиносам, ба ман таклифи издивоҷ кард. Номаш Эрмитеҷ, Перси Эрмитеҷ, писари дуюми мистер Эрмитеҷ аз Крэнуотери наздики Дединг. Падарандари ман ба хонадор шудани мо мӯҷобил набуд ва баҳор бояд мо ба ақди никоҳ медаромадем,

Ду рӯз пеш тарафи ғарбий хонаамонро камтар таъмир кар- дани шудём. Девори хонаи хоби маро сӯрох‘карданд ва ба ман лозим шуд, ки ба ҳамон хонаи хоҳарам мурдагӣ гузарам. ва ба ҳамон кати ӯ мехобидагӣ хоб кунам. Даҳшати маро ба худ тасаввӯр карда. метавонед, ки шаби гузашта хобам набурда, дар бораи марги фоҷиавии хоҳарам фикр карда истода, нохост дар хомӯшӣ садои хамон ҳуштаккашии пастеро шунидам, ки ко- еиди ҳалок^ти хоҳарам буд. Ман ҷаста хеета, лампаро гирон- дам, аммо дар хона ҳеҷ кас набуд. Ман гашта хобида натаво- нистам, зеро бағоят дар изтироб будам, бинобар ҳамин сару либрсамро пӯшидам ва нав чашми рӯз кушода шуда буд, ки хилват аз хона баромадам, дар меҳмонхонаи «Афсар», ки дар рӯ ба рӯи мо вокеъ гардидааст, фойтуни дучархаеро киро кар- да, ба Лэтерхэд ва аз он ҷо ба ин тараф танҳо бо як мақсад омадам, ки шуморо дида маслиҳат пурсам.

— Шумо оқилона рафтор кардед,— гуфт дӯсти ман.— Вале оё буду шуди вокеаро ба ман нақл кардед?

— Ҳа, ҳамаашро.

— Не, мисс Ройлотт, Хамаашрр накл накардед: шумо ба па- •Дарандари худ раҳм карда ӯро химоя менамоед.

— Ман гапи шуморо намефаҳмам...

Холмс ба ҷои ҷавоб пардози сиёҳи тӯрини остини меҳмони моро бардошт. Панҷ доғи сурх — изи панҷ панҷа — дар банди дасти сафеди ӯ намоён буд.

— Бо шумо хеле бераҳмона муомила кардаанд,— гуфт Холмс.

Духтар суп-сурх шуда, саросема тӯрро поин фуровард.

— Падарандарам одами бераҳм,— гуфт ӯ.— Вай хеле пур- қувват аст ва зоҳиран, зӯри. қуввати худро намефаҳмад.

Хомӯшии дурударозе ба миён омад, ки дар ин вақт Холмс манаҳашро ба дастонаш такья дода, ба чарс-чурс карда сӯхта- ни оташи камин менигарист.

— Ин кори хеле мушкил,— окибат гуфт вай.—Пеш аз чо- рае андешидан мехостам боз ҳазору як майда-чуйдаи дигарро

хал кунам. Дар зимни он як дақика вақтро бехуда гузароня- дая лозим нест. Агар мо худи ҳамин рӯз ба Сток-Морен равем, метавонем ки падарандари шумо нафаҳмида ин хонаҳоро аз на- зар гузаронем?

— Вай ба ман гуфта буд, ки имруз бо ким-чӣ гуна корҳои хеле муҳим ба шаҳр рафтанӣ аст. Эҳтимол, рӯзи дароз ба хона наояд ва он гоҳ ҳеҷ кас ба шумо халал намерасонад. Мо хиз- матгоре дорем, аммо вай зани пирсоли гӯле мебошад ва ман ӯро бо*осонӣ алда карда ба ягон ҷо мебарам.

— Бисьёр нағз. Уотсон, шумо ба 'рафтан муқобил нестед?

, — Не.

— Дар он сурат мб ҳардуямон меоем. Шумо худатон чӣ кор карданӣ хастед?

— Ман баъзе корҳои майда-чуйда дорам, ки дар ҳамин чо, дар шаҳр иҷро карданам лозим. Вале бо поезди соати ду- воздаҳ бармегаштагй меравам, ки то омадани шумо дар ҳамон чо бошам.

— Баъди нисфи рӯз моро нигарон бошед. Ман қам дар ин чо баъзе корхо дорам. Шумо истода ҳамроҳи мо ношто кунед? х ‘ — Не,' рафтанам лозим! Вақте ки ғаму дардамро ба шумо гуфтам, дилам сабук шуд. Ман агар боз шуморо бинам, шод мешавам.

Вай вуали сиёҳи тӯраш ғафсро ба рӯй партофта аз хона ба- ромад.

— Уотсон, дар бораи ин ҳама чи фикр мекунед?— ба кур- сии роҳат такья карда гуфт Шерлок Холмс.

— Ба фикрам, нн ба дараҷаи олй кори шубҳанок ва ифлосе мебошад.

— Ба ифлосй — ифлос ва ба шубҳанокй — шубҳанок.

— Вале дар сурате меҳмони мо тасдиқ карда мегӯяд, ки фаршу деворҳои он ҳучра мустаҳкаманд ва аз дар, тиреза ва дудкаши печь ба он ҷо даромадан ғайри имкон аст, хоҳари у дар лаҳзаи марги пурасрори худ ба куллӣ танҳо будааст.

— Дар он сурат, ин ҳуштаккашихои шабона суханони ни« ҳоят аҷиби духтари мурдаистода чӣ маънӣ доранд?

—• Тасаввур карда наметавонам.

— Агар ҳамаи ин далелҳоро .ба ҳам мукоиса кунем: ҳуштак-кашиҳои шабона, дастаи лӯлиҳо, ки духтури пир бо онҳо ало- қаи наздик дорад, ба кадом як даста ишора кардани духтари мурдаистода ва оқибат далеле ки мисс Эллен Стонер ким-чи гуна ҷарангоси фулузро шунидааст, ки ғалақаи оҳанини пао тахтаи тиреза ин гуна садо баровардан аш мумкин... ба замми ин ба хотир биёрем ки духтур ба пешгирии шавҳар кардани

духтари ӯгаяш манфиатдор меббшад,— ба тахминам, мо дурусг ба изе афтидем, ки барои равшан кардани ин воқеаи пурасрор ба мо ёрдам мекунад.

— Ба фикри шумо лӯлиҳо дар он чо чӣ кор мекарданд.

— Намедонам... Сарфаҳм намеравам.

— Ба муқобили хамагуна фарзу тахмини шумо эътирозя бисьёре дорам.

— Ман ҳам фарзу тахминӣ бисъёр дорам, бинобар хамин мо худи имрӯз ба Сток-Морен меравем. Мехохам ҳамаашро дар Хамон ҷо тафтиш карда бинам... Вале, ҷин занад, ҳамаи ин чи маънӣ дорад?

Ин тавр хитоб кардани дӯстам аз он рӯ буд, **ки** нохост дар калон кушода шуда, ба хона шахси азимҷуссае зада даромад. Сгру либоси вай на ба сару лнбоси духтур монанд буд, на ба сару либоси помещик. Пӯшокаш аҷиб як омехтагӣ дошт: **ци**- линдри сиёҳ, сюртуки дароз, соқпӯшн баланд ва қамчини лии- корӣ. Қади ӯ чунон баланд буд, к-и кулоҳаш ба болодарн мера- свд ва китфони чунсун ваСее дошт, ки ба зӯр тиққида аз дар да- ромад. Чехраи, фарбеҳ ва офтобзадаи зардашро чинхои бешу- мор бурида-бурида буд, чашмони чуқури бадхашмона дурах- шанда ва бинии дарози борики устухонаш намоён ӯро ба паран* даи пири соҳибчангол монанд карда буд.

Вай чашмашро аз Шерлок Холмс канда ба рӯи ман ва аз рӯи ман канда ба рӯи Холмс дӯхт.

— Холмс кадомн шумо?—оқибат гуфт меҳмон.

— Сэр, ин номи ман,— оромона чавоб дод дӯсти мая.— Ак- нун шумо дар назди ман бартарӣ доред. чунки фамилияи шумо ба ман номаълум.

— Ман духтур Гримсби Ройлотт аз Сток-Морен.

— Лутфан, нишинед, духтур,— навозишкорона гуфт Шер- лок Холмс.

— Намешинам! Духтари ӯган ман ба ин ҷо омада буд. Ман аз пасаш поида омадам. Вай ба шумо чӣ гуфт?

— Имсол баХор хунук омад!— гуфт Холмс.

— Вай ба шумо чй гуфт?— бадхашмона фарьёд зад пира- мард.

— Вале ба шуниди ман гулн крркус нағз мешукуфад— бо тамкин ба гйпаш давом намуд дӯсти ман.

— Аха, шумо мехохед аз ман халос шавед?— қадаме пеш гузошта ва камчини шикорчигнашро афшонда гуфт мехмони мо.— Ман шуморо медонам: шумо нобакор! Ман аллакай ово- заи шуморо шунидам. Шумо ба корн дигарон шарик шуданро д}ст медоред.

‘Дӯсти ман табассум кард.

—• Шумо қаллоб!

Холмс боз фарохтар табассум кард.

— Ҷосуси полиция!

Холмс аз сидқи дил қаҳқос зада хандид.

— Шумо аҷиб як хамсӯхбати дилкаш ҳастед,-* гуфт вай.— Вақти аз ин ҷо фаромаданатон дарро пӯшед! зеро, рости ran, бисьёр шамол даромада истодааст.

— Ман фақат ҳамон вақт мебароям, ки гапамро гуфта ша- вам. Зинҳор ба кори ман шарик нашавед. Ман медонам, кямисс Стонер ба ин ҷо омада буд, ман аз пасаш поидам. Вой бар хо- ли касе, ки сади рохи ман шавад! Бкнед.

Вай зуд наздик рафта, оташковро гирифт ва бо дастони ази- **мй** офтобзадааш қад кард.

— Эҳтиёт шавед ки бд чанголам наафтед! — фарьёд зад ва оташкови қатшударо ба камин партофта аз хона баро- мад. j

— Чи тавр ҷаноби боназокате! — хандида гуфт Холмс.— Ман ӯ барин азамат набашам ҳам, агар баромада намерафт, ночэр ба вай нишон медодам, ки аз ӯ камқувваттар нестам. .;

Вай ин суханонро гуфта оташкови пулодро гирифта, бо як ҳаракати тез рост кард.

— Беҳаёгиро бинед ки маро ба полицайхо баробар меку- над! Ба туфайли ин воқеа таҳқиқи мо боз ҳам шавқангезтар шуд. Умедворам хонуми шиноси мо, ки аз беэҳтиёти ин палид аз паси ӯ поида омада аст, зарар намебинад. Уотсон, хозир мо таҳтул мекунем, баъд ман ба.назди юристҳо рафта, аз онҳо як- чаид маълуыот мегирам.

Соати қариб.и як Холмс ба хона баргашт. Вай дар даст кбға- зи кабуде дошт, ки аз ҳар гуна қайд ва рақам пур буд.

_— Ман васиятномаи мархум зани духтурро дидам,— гуфт ӯ.— Барои он ки ба он дурусттакак сарфаҳм равам, ба ман ло- зям омац, ки дар бораи арзиши имрӯзаи коғазхои қиматбаҳо, қи молу мулки марҳум, ба он гардонда шудааст, пурсидаям дуруст омад. Соли мурданаш мадохили умумии молу мулки вай кариб ҳазору сад фунт стерлингро ташкил медодааст, вале аз хамон вақт то ин ҷониб ба сабаби паст шудани нархи маҳсуло- тк хоҷагии қишлоқ, то ҳафтсаду панҷрҳ фунт сгерлинг кам шу- дааст. Ҳар як духтараш баробари ба шавҳар баромадан ба ду- с?ду панчоҳ фунт стерлинг мадохили ҳарсола ҳукуқ дорад. Пас, агар ҳарду духтар ба шавҳар барояд, ба нозанини мо фақат як ҳиссаи ночиз мерасад, Дар сурати яке аз духтарон ба шавҳар

баромадан хам мадохили вай анча кам мешавад... Ман нисфи рӯзро ба зоеъ сарф накардам, зеро далелҳои равшане ба даст даровардам; падарандар ваҷҳи басе муҳиме доштааст, ки Сарон шавҳар кардани духтарони ӯгаяш мамониат намояд. Уот- сон, вазъият хеле чиддӣ ва дақиқаеро ҳам аз даст додан лбзим нест, алалхусус пирамард аллакай медонад, ки мо аз паи ӯ аф- тидаем. Агар шумо тайёр бошед, тезтар кэб ҷеғ зада ба вокзал рафтан лозим. Агар таппончаатонро-ба киса андозед, ман нихо- ят сарфароз мегардидам. Таппонча барои ҷентельмене, ки оташ- кови пулодинро қат карда барбаста метавонад, далели хубе мебошад. Таппонча ва чуткаи дандонтозакунӣ — анй ҳама он чи ки ба мо лозим шуда мемонад.

Бахт ба мо даст доду Дар вокзали Ватерлоо дарҳол ба Baron савор шудем. Мо ба Лэтерхэд расида, аз меҳмонхонаи наз- ди станция тарантас гирифта, аз роҳҳои хушманзари Сэрра тахмин панч миль роҳ рафтем. Рӯзи нағзи офтобӣ буд ва фа- қат якчанд порча абри ҷанда-ҷанда дар осмон шино мекард. Дар шохи дарахтон ва деворҳои буттагии канори роҳ муғчахои сабз акнун лаб во карда буданд ва ҳаво аз бӯи форами замини нам пур буд.

Зиддияти байни бедоршавйи форами баҳор ва кори пурдаҳ- шате, ки мо аз барои он ба ин ҷо омада будем, аҷиб менамуд! Дӯсти ман дастонашро чиллик карда гузошта менишаст ва ма- нахашро ба сари синааш фуроварда, ба фикр ғӯтаввар гарди- да буд. Нохост вай сар бардошта, ба китфи ман зад ва ба мар- ғузорон ба ким-куҷо ба дур нишон дод.

— Нигох кунед!

.Дар пастхамии теппа боғи калоне доман паҳн карда буд; аз паси шохчахо тарҳи бомҳо ва нӯги тези амудии боми хонаи ка- димаи помещик намуда меистод.

— Сток-Морен?— пурсид Шерлок Холмс.

— Ҳа, сэр, ин хонаи духтур Гримсби Ройлотт 'мебошад,-— ҷавоб дод фойтунчӣ.

— Дар он тараф аз паҳлӯ бинои илова сохтагие ҳаст,—• гуфт Холмс.— Ба ҳамон ҷо рафтани мо лозим.

— Мо ба деҳа рафта истодаем,— ба боми хонае, ки як ка- дар дур аз чап намудор буд, нишон дода гуфт фойтунчӣ.—Ва- ле агар харчи тезтар ба назди хона расиданӣ бошед, аз хама> наздикаш аз ҳамин ҷо, аз болои девор гузашта, баъд ба дашт аз пайраха равед. Бо хамон пайраҳае, ки он леди омада исто- дааст.

— Ин леди — гӯё миссис Стонер мебошад,— пеши чашмаш-

ро аз офтоб пӯшонда гуфт Холмс.— Бале, мо бо пайраҳа ме- равем.

Мо аз тарантас фуромада, киропулиро додем ва он гашта ба Лэтерхэд равон шуд.

— Бигузор ин чавон фикр кунад, ки мо меъморем,— гуфг Холмс,— он гоҳ омадани мо чандон боиси овоза намешавад. Салом мисс Стонер! Дидед, мо чи тавр ба ваъдаамон вафо ка£- да, ба вакташ расида омадем!

Меҳмсни пагоҳирӯзии мо хурсандона ба пешвози мо ши- тофт.

— Ман омадани шуморо ниҳоят бесаброна мунтазир бу- дам! — дастони моро самимона фишурда хитоб намуд вай.— Ҳамааш хеле хуб соз гирифт: духтур Ройлотт ба шахр рафт ва то бегоҳ гашта омаданаш гумон.

— Мо бо камоли мамнуният бо духтур шинос шудем,— гуфт Холмс ва вокеаи рӯй додаро бо ду сухан баён карда дод.

Ранги рӯи мисс Стонер парид.

— Худоё!—хитоб кард вай.— Пас, вай қадам ба қадами ман мепоидааст!

— Мисле ки ҳамин хел.

— Вай чунон маккор аст, ки ман ҳеҷ гоҳ худамро бехатар хис намекунам. Гашта биёяд <1й мегӯяд?

— Эҳтиёт карданаш дуруст меояд, зеро дар ин чо одами аз ғай маккортар ёфт шуданаш мумкин. Шаб дарро қулф кунед. Агар арбада карданӣ шавад, мо шуморо ба хонаи холаатон ба Хэрроу мебарем... Хуш, акнун мо ҳарчи нағзтар вақтро истифо- да карданамон лозим, бинобар ҳамин, лутфан, моро ба ҳамон хонаҳое, ки тадқиқ карданамон лозим аст, роҳнамоӣ кунед.

Бинои хона аз санги хокистарранги тираи ушна зер карда сохта шуда, ду брли нимдоирае дошт, ки мисли панҷаҳои хар- 'чанг ба ҳарду тарафи бинои 75аланди марказӣ паҳн шуда буд. Тирезаҳои яке аз ҳамин болҳо шикастагӣ ва тахта зада Шуда буданд; чо-чои бомаш фурӯ рафта буд. Кисми марказӣ кариб ҳамин тавр ба назар вайрон менамуд. Аммо боли рост нисба- тан ба наздикӣ таъмир карда шуда, аз рӯи пардаи тирезахо ва дуди кабудчатобе, ки аз дудбароҳо пёчйда мебаромад, дида ме- шуд, ки хонавода айнан дар ҳамин ҷо~ зиндагӣ мекунад. Дар назди девори охирин болорҳо кад афрошта, баъзе корҳо нав шурӯъ шуда буданд. Вале ягон гилкор дида намешуд.

Холмс дар марғузори алаф зер карда пасу пеш қадам зада, аз берун тирезаҳоро бо диққати тамом меомӯхт.

— Ба андозае, ки ман медонам, ин ҷо хоиаи пештар шумо зиидагӣ мекардагӣ, Тирезаи мобайнӣ — тирезаи ҳучраи хохарн

шумо, тирезаи сеюм, ҳамон тирезае, ки ба биион асосӣ наздик* тар мебошад,— тирезаи ҳуҷраи духтур Ройлотт аст.

— Тамоман дуруст. Вале акнун ман дар ҳуҷраи мобайн зин- дагӣ мекунам.

— Медонам, ба сабаби таъмир. Воқеан, ҳеҷ дида-намеша- вад, ки ин девор таъмири ҳатьГӣ талаб кунад.

— Асло талаб намекупад. Ба фикрам, ин барои маро аз ҳуч- раам хезондан ҳамту як бахонаест,

— Эҳтимоли комил дорад. Ба ҳамин тариқ, қад-қади'дево- ри муқобил роҳрав ҳаст, ки дари ҳарсе ҳуҷра ба он кушода ме- шавад. Якин, роҳрав тиреза дорад?

— Бале, вале тирезаҳои хурд-хурд. Чунон танг, ки аз онҳо илоҷи гузаштан нест.

— Азбаски ҳардуятон ҳам даратонро қулф карда мехоби- д-ед, аз он тараф ҳеҷ илоҷи ба ҳуҷраҳои шумо даромадан набуд. Лутфан, ба ҳуҷраатон даромада, пастахтаҳои тирезаро маҳ- кам пӯшед.

. Мисс Стонер *хоҳиши ӯро ба,чо овард. Холмс зӯр зада пас- тахтаҳои тирезаро аз берун кушоданӣ шуд, вале ҳеҷ натиҷа на- бахшид: ягон роғчае хам набуд, ки акаллан дами кордро ба он дароварда, ғалақа бардошта шавад. Вай бо пурбин ошуқ-ма- шуққоро аз назар гузаронид, вале онҳо аз оҳани сахт сохта шуда, ба девори ғафс дароварда шинонда шуда буданд.

— Ҳм, андешамандона манаҳашро молида ғур-ғур кар.д вай.— Гу\!они пештараи ман бо далелҳо. тасдиқ ■ намегардад. Вақти пастахтаҳои тирезадо пӯшида будан, ҳеҷ кас ба ин ти- 0езаҳо даромада наметавонад. Хайр, канӣ хонаҳоро аз да- рун аз назар гузаронида бинем ки ягон чиз Сликор карда ме- явонем, ё не.

Даричаи паҳлӯй ба роҳрави сафед кардашудаё мебурд, ки лари ҳар се хонаи хоб ба он кушода мешуд. Холмс аз цазар гу- заронидани ҳуҷраи сеюмро лозим нашумурд ва мо дархол ба луҷраи дуюм даромадем, ки мисс Сто^ёр дар он чо мехобид ва хоҳари вай дар он ҷо мурда буд. Ҷиҳози хона оддӣ буда, сақ- фи паст ва камини васёё дошт, ки чунин каминҳо дар хондхои қадимаи деҳотӣ дида мешаванд. Дар як кунҷи хона комод ме« йстод, кунҷӣ дигари хонаро кати танге банд мекард, ки ба рӯ- яш рӯйҷои сафед густурда шуда буд, аз тарафи чапи тиреза мй- зи ороиш чой гирифта буд. Орояши хонаро ду курсӣ ва гилем- чаи бофташудаи миёнҷои хона анҷом медоданд. Қисми тахта- бандии поёни девор аз чӯби тираи кирмхӯрдаи дарахти-қара-.

ғай ва ои хам чунон қадима буд, ки гӯё аз замони сохта шуда* нн иморат онро иваз накарда буданд.

Холмс курсй гирифта, хомӯшона ба кунҷак нишаст. Нигоҳи бодиккати вай ба пасту болои деворҳо лағжида, ба гирдогирди хучра медавид, ҳар як майда-чуйдаро омӯхта, бо диққат аз на- зар мегузаронид.

— Ин занг ба куҷо гузаронида шудааст?— ба сими ғафси занг, ки бар болои кат овезон буда, пӯпаки он қариб дар рӯи болишт мехобид, нишон дода оқибат пурсид вай.

— Ба хонаи хизматгор.

— Он гӯё аз хама чизҳои дигар навтар мебошад.

— Ха, он ду-се сол пеш гузаронида шуда буд.

— Шояд, инро хоҳаратон илтимос карда бошад?

— Не, вай ҳеҷ гоҳ аз ин исгифода намекард. Мо ҳамеша хама корро худамон мекардем.

— Ҳакикатан, дар ин ҷо ин ҳашамати барзиёдй мебошад. Бубахшед, ман якчанд дақиқа вақти шуморо мегирам: мехоҳам фарши хуҷраро дурустакак дида бароям.

Пурбин дар даст ӯ рӯ-рӯи фарш бо зону пасу пеш мехазид, хлр як ҷои кафидагии тахтаҳои фаршро бо диққат тадқиқ ме- кард. Ҳамчунон кисми тахтабандии поёни деворҳоро аз назар гузаронид. Баъд ба кат наздик шуд, он ва тамоми деворро бо тавҷех аз назар гузаронид. Пас сими зангро ба даст гирифта кашид.

— Охир ин занги сохта!—гуфт вай.

— Он занг намезанад. •

— Ҳатто ба сим пайваст карда нашудааст. Аҷиб! Дидед, он дар болои ҳамо!> сӯрохии хӯрдакаки^ҳаводаро ба чангакча бас- та шуда аст.

— Бисьер аҷиб! Ман инро надида будам.

— Хеле аҷиб...— симро кашида ғур-рур карда гуфт Холмс.— Дар ин ҳуҷра бисьёр чизҳо диққати касро ба худ ҷалб менамо- яд. Масалан, чигуна бинокори бефахм будан лозим, ки ҳавода- ро ба ҳучраи ҳамсоя бароварда шавад, дар сурате ки бо осонӣ онро ба берун баровардан мумкин буд!

— Ҳамаи инҳо ҳам ба наздикӣ сохта 'шудаанд,— гуфт Эл~ лен. -

— Тахмин дар як вақт бо занг ҳамроҳ сохта шуйаанд,— суфт Холмс. • — Ха, хамон вақт дар ин ҷо баъзе дигаргуниҳо гузаронида буданд.

L Дигаргуниҳои ғалатӣ: занге, ки занг намезаяад, ҳавода-

хар чи ки ман гуфтам, хамонро кунед ва дилатон пур бошад, ки хатари ба саратон омадаро бартараф менамоем.

Ману Шерлок Холмс дар меҳмонхонаи «Афсар» бе ягон қи- лу-кол ҳуҷрае ба иҷора гирифтем. Ҳуҷраи мо дар ошьёнаи бо- лой вокеъ гардида, аз тирезаи он дарвозаи боғ ва боли истико- матии бинои хонаи Сток-Морен намудор буд. Вақти говгум мо гузашта рафтани духтур Гримсби Ройлоттро дидем; ҷисми та- нуманди вай дар пахлӯи андоми лоғари писарбачаи аробакаш мисли як кӯх менамуд. Писарбача дархол табақҳои вазнини дарвозарэ кушода натавонист ва мо шунидем, ки чи тавр дух- тур бо овози хирри ба вай ғур-ғур кард ва дидем ки бо хашму ғазаби муштҳояшро меафшонд. Ароба ба дарвоза даромад ва пас аз якчанд дақика равшании чироғ, ки дар яке аз хонаҳои хоб гиронда шуда буд, дар байни дарахтон намудор шуд.

Мо чироғ нагиронда дар торикӣ менишастем. „

— Рости ran, намедонам,— гуфт Холмс,— имрӯз шдбона шу- моро ҳамроҳам барам ё не! Маълум 'мешацад, ки кор хеле ха- тарнок мебошад.

— Ба шумо нафъам мерасад ё не?

•— Ердами шумо хеле калон шуданаш мумкин.

— Дар он сурат ҳатман меравам.

•— Ташаккур.

— Шумо дар бораи хатар ran мезанед. Зоҳиран, шумо дар он хонаҳо чизе дидед, ки ман дида натавонистам.

— Не, ман ҳам ҳамон чизҳоро дидам, аммо дигар хел хуло- са баровардам.

— Ба ғайр аз сими занг ягон чизи аҷиб надидам, вале иқ- рор шавам, қудрати. фаҳмидан-надорам, ки ин хел занг барои кадом максад хизмат карда метавонад.

. — Ба ҳаводаро аҳамият додед?

— Ҳа, вале ба назарам чунин менамояд, ки дар чунин сӯ- рохии хурдакаки байни ду хона ҳеҷ чизи ғайримуқаррарӣ нест, Он чунон хурд, ки ҳатто муш базӯр аз он гузашта метавонад.

— Мая пеш.аз ба Сток-Морен омаданащон будани ин ҳаво- дароро медонистам.

т- Наход? .

— Ҳа, медонистам. Шумо дар хотир доред, мисс Стонер гуфта буд, ки хоҳараш бӯи сигори духтур Ройлоттро ҳис кард? Ин бошад исбот мекунад, ки дар байни ҳарду ҳуҷра сӯрохие ҳаст ва албатта, он хеле хурд аст, набошад муфаттиш вақти аз назар гузаронидани хона онро медид. Ман қарор додам, ки дар онҷо ҳаводаро буданаш лозим.

— Вале ҳаводаро чи гуна хата-рро дар худ ниҳон дошта метавонад?

— Чунин тасодуфи аҷибро бинед: дар болои кат ҳаводаро месозанд, сим меовезавд ва ладии дар рӯи кат хобида мвму- рад... Магар ин шуморо дар ҳайрат наметавонад?

— Ман то ҳол ин ҷиҳатҳои воқеаро бо ҳам алоқаманд кар- да наметавонам.

— Дар худи кат ягон чизи ғайриоддӣ мушоҳида накардад?

— Не.

— Бо мурват ба фарш мустаҳкам карда шудааст. Шумо пеш ягон вақт дида будед, ки катҳоро бо мурват ба фарш муейҳ- кам кунанд?

— Не, надидаам.

— Леди кати худро ҷунбонда наметавонист, кати вай ҳама ваҳт нисбат ба ҳаводаро **ва** сим дар як чой меистодааст. Ия зангро ҳамту сим номидан мумкин, чунки аанг намезанад.

— Холмс!—фарьед задам ман.— Зоҳиран, он чи ки барои шумо комилан равшан аст, барои мав каме возеҳ шуда истода- аст. Мо ба вақташ расида омадаем, ки чиноятн пурдахдпат ва пӯшидаро пешгирӣ кунем.

— Бале, пӯшида ва пурдаҳшат. Вақте ки духтур ҷиноят со- дир мекунад, вай аз ҳама гуна ҷиноятҳои дигар даҳшатан-гез' тар мебошад. Вай асаби мустажам ва дониши лурхатар дорад... Ин одам ниҳоят ҳилагар аст, вале,' Уотсон, умедворам ки мо ҳнлагариро аз вай гузаронида метавонем. Имшаб дахдлати ви- ёде моро дар пеш аст ва аз ин рӯ хоҳишмаадам, биёед ҳоло чу- буққои худро осуда кашвда, ин чавд соат вақти мондагиро бо ягон сӯҳбати шодона гузаронем.

Равшание, ки аз байни дарахюн намудор буд, соат тахмин кариби нӯҳ хомӯш гардид ва хонаро торикӣ фаро гирифт. Ду- соат ҳамин тавр гузашт ва нохост, расо соати ёздаҳ равшанни токае дар рӯ ба рӯи тирезаи мо намоен гардид.

— Ин ишора барои мо,—аз ҷряш ҷаста гуфт Холмс.—Чи- роғ дар тирезаи мобайнӣ дар гирифта истодааст.

Вай аз меҳмонхона баромада, ба соҳиби он фаҳмонид, ки мо ба хонаи як шиносамон ба меҳмонӣ меравем ва, эҳтимол, шаб дар ҳамон ҷо хоб кунем. Пас аз як дақиқа мо ба роҳи то- р$ик баромадем. Насими серун ба рӯи мо мевазнд ва равшании зард, дар пеши назари мо милт-<милт карда, дар торикӣ ба мо рох нишон медод?

Ба бинои хона наздик шудан осон буд, чунки девори кӯҳна дар биеьёр ҷойҳо гаштагӣ буд. Мо аз байни дарахтон гузашта,

рое ки ҳаво намедарояд. Мисс Стонер, бо иҷозати шумо мо ба тадқиқи ҳуҷраҳои дигар мегузарем.

Ҳуҷраи духтур Гримсби Ройлотт аз ҳуҷраҳои духтарони ӯга- яш калонтар, аммо чиҳозаш ҳамчунон оддӣ буд. Кати сафарӣ, рафи начандон калони чӯбӣ, ки ба он аксаран китобҳои техникӣ гузошта шуда буданд, дар паҳлуи кат курсии роҳат, курсии од- дии бофташудаи назди девор, мизи мудаввар ва ҷевони охании калон — ана ҳама он чизҳое, ки баробари ба хона даромадая ба чашми мо афтиданд. Холмс оҳиста-оҳиста дар атроф чарх мезад ва хар ашьёро бо шавқу завқи тамом тадқиқ мекард.

— Дар ин ҷо чист?— ба чевони оханӣ зада пӯрсид вай.

*— Коғазҳои хизматӣ'

— Oxol Пас, шумо даруни онро дидаед?

— Фақат як маротиба, якчанд сол пеш. Дар хотир дорам, ки дар он ҷо як тӯб коғаз буд.

*— Масалан дар-он монанд ба пишак чизе нест?

— Не. Аҷаб фикри ғалатй!

— Ана нигоҳ кунед!

Вай аз рӯи ҷевон табақчаи хурдакаки пур аз ширро ба даст гирифт.

— Не, мо пишак надорем. Валё палангу павиан дорем.

— Паланг, албатта, фақат пишаки калонест, вале шубҳа мекунам, ки чунин табақчаи хурдакак ташнагии ӯро мешикас- та бошад. Он чи ки ман аниқ карданӣ будам, айнан дар хамин мебошад.

Вай дар назди курсӣ сари зону истод.-ва бо диққати тамом ба омӯхтани ҷби нишасти он машғул шуд.

— Ташаккур, ҳамааш равшан,— аз чой хебга гуфт ӯ ва пур-' бинро ба киса гузошт.— Аҳа, ана ин чизи басе ғалатй!

Диққати ӯро қамчини начандон калоне барои саг, ки дар гӯшаи кат овезон буд, ба худ ҷалб кард. Нӯги он ҳалқа дошт.

— Уотсон, шумо доир ба қамчин чй фикр мекунед?

— Ба фикрам, қамчини муқаррарӣ. Намефаҳмай, чӣ зару- рат шудааст, ки нӯгашро ҳалқа кардаанд!

— Чандон муқаррарӣ не... Эх, дар дуньё чи қадар шаррӯ бадй хаст ва аз ҳама бадтараш хамин ки одами боақл шарр мерасонад!.. Хӯш, мисс, ҳаминаш ба ман кифоя, ҳар чи ки ба маа лозйм буд, дониста гирифтам, акнун бо ичозати шумо, бе? рун баромада марғузорро давр мезанем.

Ман Холмсро хеч гоҳ ин тавр зиқ ва ғамгин надида будам. Мо ба фикр фурӯ рафта, якчанд дақиқа пасу пеш қадам задем

ва то худи вай аз кайди фикру андешй берун набаромад, **на** ман.на мисс Стонер ҷараёни фикри ӯро набуридем.

— Мисс Стонер, аз ҳама муҳимаш ҳамин ки шумо аз масли- ҳати ман берун набароед,— гуфт вай.

— Ман беқилу қол ҳамаашро ичро мекунам.

— Вазъият хеле ҷиддй ва дудила шудан лозим нест. Хаё- татон ба пурра фармонбардории **шумо** вобаста.

— Ман худамро ба ихтиёри шумо месупорам.

— Аввалан, мо ҳарду •—дӯсхи ман ва ман бояд шабро дар хуҷраи шумо гузаровем.

Мисс Стонер ва ман бо тааҷҷуб ба ӯ нигаристем.

— Ин зарур. Ҳамаашро ба шумо фаҳмонда медиҳам, Бинои дар *рӯ* ба рӯ будагй чй хел бино? Меҳмонхонаи деҳа?

— Ҳа, дар он ҷо «Афсар». /

— Бнсьёр хуб. Тирезах.ои шумо аз он чо менамоянд?

— Албатта.

—• Вакте ки падарандаратбн омад, гӯед ки саратон Дард ме«, кунад ва ба хуҷраи худатон раведу дарро қулф кунед. Баъд вақте шунидед, ки ӯ барои хобидан рафт, пастахтаҳои тиреза ва ғалақаро кушоеду лампаро ба тиреза монед; хамин лампа барои мо сигнал мешавад. Баъд, ҳама чизи даркориатонро ги- реду ба ҳамон хуҷрае, ки пештар зиндагй мекардед, гузаред. Ман боварӣ дорам, кй бо вуҷуди таъмир шуда истодан, як шаб дар он хобида метавонед.

. — Бешубҳа.

— Дигар ҳамаашро ба мо вогузор кунед.

— Вале шумо чй кор карданиед?

■— Мо шабрб дар хуҷраи шумо мегузаронем ва сабаби ғалоғулаеро, ки шуморо тарсонда буд, маълум мекунем.

— Мистер ■ Холмс, ба назарам, шумо аллакай ба кадом-як хулоса омадаед,— ба остини дӯсти ман даст раеонда гуфт мисс Стонер.

— Шояд, омада бошам.

— Дар он сур.ат, аз барои авлие ва анбиёҳо, ба ман гӯед, ьи хохари ман аз чӣ мурда буд?

• — Ман мехоҳам, даделҳои басе аниқ ҷамъ кунам.

— Дар он сурат ба ман гӯед, ҳар> чи набошад, оё тахмини ман дуруст аст, ки ӯ аз тарси ногаҳонй дилкаф шуда мурдааст?

— Не, нодуруст: ба тахмини ман сабаби марги вай бас» чиддй буд... Акнун мисс Стонер, мо бояд шуморо монда равем, чунки, агар мистер Ройлотт гашта омада моро бинад, ин ома- дани мо ду пул шуда мемонад, Хайр, то дидан! Далер бошед,

бар марғузор расидем, онро миёнбур кардем ва акнун ба тире- за баромаданӣ будем, ки нохост кадом-як махлуқи ба кӯдаки маслуқ монанд аз байни буттаҳои дарахти ғор тохта баромада, дар рӯи алаф печутобхӯрон роҳд гурезро пеш гирифт ва баъд тозон аз марғузор гузашт ва дар торикӣ ғоиб гардид,

— Худоё!— пичиррос задам ман.— Шумо дидед?

Дар лаҳзаи аввал Холмс аз ман камтар иатарсид. Вай дас- ти маро ба даст гирифта, гӯё бо шиканҷа бошад фишурд. Баъд хандаи паст кард ва ба зӯр шунаво ғур-ғур намуд:

— Моли хоназод[Охир ин павиан-ку.

Ман ҳайвонҳои дӯстдоштаи духтурро аз хотир бароварда бу- дам. Паланге ки ҳар лаҳза метавонад ҷаста худро ба рӯи киф- ти мо гирад? Рости ғап, вақте ки ман ба Холмс тақЛид карда, ботинкаамро кашидам ва ба тиреза баромада ба ҳуҷра даро- мадам, худро анча сабук ҳис кардам. Дӯсти ман хомӯшона пас- тахтаи тирезаро пӯшид, лампаро гирифта ба рӯи миз гузошт ва зуд ҳуҷраро аз назар гузаронид. Рӯзона будагӣ барин ҳама чизҳо дар ҷои худ буданд. Вай ба ман наздик омада, дасташ- ро карнай карда,' пичиррос зада гуфт:

— Андак садо Мојро нобуд мекунад.

. Ман бо аломати тасдиқ сар ҷунбондам.

— Бе чироғ шиштанамон дуруст меояд. Аз ҳаводаро равшз- ниро диданаш мумкин.

. Ман боз бо аломати тас^ик сар ҷунбондам.

— Хобатон набарад — ҳаёти шумо аз ҳамин вобаста. Тап- пончаро тайёр нигоҳ доред. Ман ба ҷети кат мешинам, шумо бошед ба курсӣ нишинед.

Ман таппончаро бароварда ба гӯшаи мйз гузоштам. Холмс чӯбдасти дарози борики бо худ овардаашро ҳамроҳи қуттии гӯгирд ва пасмондаи шамъ дар назди худ ба рӯи кат гузошг, баъд лампаро пуф кард ва ҳама ҷо тип-торик шуд.

Оё ман ин ш.аби бехоби пурваҳшатро ягон вақт фаромӯш мекунам! Ягон садо шунида. намешуд. Ман ҳатто нафасгирии дӯстамро намешунидам, дар зимни он медониста!м, ки вай ду кадам дуртар, ман барйн бо чашми кушода, дар чунин холати пуршиддати асабӣ нишастааст. Аз пастахта зарае равшанӣ на- медаромад ва мо дар зулмат менишастем. Гоҳ-гоҳ аз берун са- дои фарьёди парранди шабгард шунида мешуд ва як дафъа дар таки тирезаи мо улоси кашолдоре баланд гардид, ки ба мияв- мияви пишақ монанд буд: паланг, зоҳиран дар ҳақиқат сар до- да монда шуда буд. Шунида мешуд, ки чи тавр аз дур соати калисо ҳар понздаҳ дақиқа ласт-паст занг мезад. Ҳар понздаҳ

дақика ба назари мо чи тавр дурудароз менамуд. Соат занги дувоздаҳ, як-ду, серо зад, мо бошем якзайл хомӯш нишаста, ким-чи гӯна чизи ногузирро мунтазир будем.

Нохост аз ҳаводаро нури чироғ намудор шуд. Вай дарҳол ғоиб гардид, вале мо ҳамон дам бӯи сахти равғани сӯхтагӣ ва фулузи тасфонро шунйдем — дар ҳучраи ҳамсоя ким-ки фону- си махфӣ даргиронд, Ман шунидам, ки ким-чи тела дода шуд, ба,ъд хама ҷо ором гардид ва бӯй ғализтар шуд. Ман тахмин ним соат нишаста, бо диккати том ба торики менигаристам. Но- хост ким-чи гуна садои нави нозуки паст шунида шуд, ки гӯё буғи борик аз дег мебаромад. Холмс ин садоро шунида, дар- ҳол ҷаста аз рӯи кат хест, гӯгирд кашид ва бо чӯбдаст бадхаш- мбна ба сим зад.

— Уотсон, онро мебинед? — бо овози баланд ғуррос зад ӯ,— Мебинед?

Вале ман ҳеҷ чйз надидам. Ҳоло ки Холмс гугирд мезад, маи садои пасти баръалои ҳуштаккаширо шунидам, аммо равша- нии фурӯзони ногаҳонӣ ҷашмони хастаи маро чунон хира кард, ки ман ҳеҷ чиз дида натавонистам ва нафаҳмидам, ки чаро Холмс бо чӯбдаст «н тавр бадхашмона мезанад. Вале ман дар чеҳраи мурда барин рангпаридаи вай ифодаи даҳшат ва наф- ратро хондам.

Холмс чӯбзаниро бас кард ва бодиққат ба ҳаводаро назар меандохт, ки нохост хомӯшии шабро ким-чи гуна фарьёди пур- даҳшате бурида гузашт, ки дар умрам хея гоҳ нашунида. бу- дам. Ин фарьёди хиросӣ, ки дар он азоб, тарсу ҳарос ва каҳру ғазаб шунида мешуд, то рафт баландтар ва баландтар мегар- дид. Баъд нақл карданд, ки ин садои фарьёд нафакат дар деҳа, балки ҳатто дар хоначаи дурдасти кашиш ҳамаро аз хоб бедор кард. То хомӯш гардидани охирин оҳу фиғон мо дар торики ха- росон ба ҳамдигар нигоҳ карда меистодем.

Ин чй маънй дорад? —нафастанг шуда пурсидам маи.

— Ин ҳамин маъниро дорад, ки хамааш поён ёфт,— ҷавоб дод Холмс.— Аслан, ин ба нафъи кор. Таппончаро гиреду биёед ба хучраи духтур Ройлотт меравем.

Чеҳраи вай ҷиддӣ буд. Вай лампаро гиронда ба роҳрав ба- ромад. Вай ду бор дафи хӯчраи духтурро кӯфт, вале аз дарун ҳеҷ кас ҷавоб надод. Он гоҳ дастан дарро тоб дода ба .Дарун даромад. Ман таппончаи пуртирро дар даст нигоҳ дошта аз па- саш мерафтам.

Дар пеши чашми мо манзараи ғайриоддие намоён шуд. Дар рӯи миз фонуси махфие истода, ба ҷевони оҳание, ки дараш

нимроғ буд, шуои фурӯзони равшанӣ мепошид. Дар назди **миз** дар рӯи курсии хасин духтур Гримюби Ройлотт менишаст, ки дар тан яктаки хокистарранги хонапӯшӣ дошта, аз зери он бу« ҷулакҳои лучи пояш намудор буданд. Вай дар пой кафшҳои бепуштаки сурхи туркӣ дошт. Дар рӯи зонуяш ҳамон қамчини дар ҳуҷрааш дидагӣ мехобид. Духтур манаҳашро баланд бар- дошта, беҳаракат ба шифт чашм дӯхта буд; дар чашмони вай ифодаи аҷиби хузноваре шах шуда монда буд. Дар гирди сари ӯ лентаи ғайриоддии зарди холҳояш ҷигарранг ҳалқа зада буд.

— Лента! Лентаи алобуло!—ғур-ғур кард Холмс.

— Духтур моро дида на аз чой ҷунбид ва на' ягон садо ба- роварД.

Ман қадаме пеш гузоштам. Хамон лаҳза кулоҳи аҷиб ба ҷунбиш даромад ва аз мӯи духтур Ройлотт сари тарошдори мори ваҳшатангез баланд гардид.

— Мори афъии ботлоқ!—фарьед зад Холмс.— Мори аз ҳа- ма муҳлики ҳиндӣ! Духтур пас аз дақ сонияи заҳр задани мор мурдааст. «Чоҳкан зери чоҳ!» Ин махлуқро ба лонааш даро- варда, баъд мисс Стонеррр ба ягон ҷои хилват мефиристем ва воқеаи шудагиро ба полиция хаба-р медиҳем.

Вай баробарӣ гуфтани ин суханон зуд қамчинро аз рӯи зо- нуи мурда бардошт, ҳалқаи онро ба гардани мор партофта аз ҷои нишастагиаш кашида гирифт ва дар ҳолате ки да-сташро дароз нигоҳ медошт, морро ба сандуки оҳанин наздик бурду ба даруни он ҳаво дода, дарро шақаррос зада пӯшвд.

Вазъи ҳақиқии марги духтур Гримбси Ройлотт аз Сан-Мо- рен ҳамин тавр мебошад, Ба тафсил баён намекунам, ки чи тавр мо ин навигарии ҳузнангезро ба духтари ваҳшатзада нақл кардем, чи тавр мо ӯро ба поезди пагоҳӣ ба парастории холаи дар Хэрроу будааш фиристодем ва чи тавр полиция пас аз таф- тиш бефаросатона ба хулосае омад, ки духтур бо азизи худ **мо**- ри заҳрнок машғул шуда, аз беэҳтиётии худ ҳалок гардид. Рӯ- зи дигар, вақте ки мо ба хона' бармегаштем, Шерлок Холмс бо- қимонда ҳамаашро ба ман нақл карда дод.

—Уотсон азизам, а®вал ман ба хулосаҳои тамоман ноду- руст омада будам,—туфт вай,— ва ин иобот менамояд, ки ба маълумотҳои нодуруст такья кардан чи тавр хатарнок мебо- шад. Будани лӯлиҳо калимаи «даст*[1]', ки духтари бадбахт гуф- га буд,— ҳамаи ин ба ман рохи нодурӯст нишон дод. Аммо вақ- ,те ба ман маълум гардид, ки ба. хона на аз дар даромадан

[1] Калимаа «Вап<1> дар забоии англисӣ- ҳам маънои «даста» ҳам «лента»* ро дорад.

мумкин аст, на аз тиреза ва бошандаи ин ҳуҷраро хатаре аз он тараф таҳдид намекунад, дарҳол хатоии худро фахмидам ва ин боиси маъзурдории ман мешавад. Чи тавре ки ман алла- кай ба шумо гуфтам, дарҳол диққати маро ҳаводаро ва сими занге, ки ба рӯи кат овезон мебошад, ба худ ҷалб намуданд. Вақте кй қалбакӣ будани занг ва ба фарши хона мехкӯб буда- ни катро ошкор кардам, филфавр гумоне дар дилам пайдо шуд, ки сим фақат воситае мебошад ки ҳаводаро ва катро бо ҳам лайваст мекунад. Чун медонистам, ки духтур дар атрофи худ ҷамъ кардани ҳар гуна махлуқоти ҳиндиро дӯст медорад, дар- хол фикри мор ба сарам омад ва фаҳмидам, ки изи гирифта- гиам дуруст аст. Маҳз ба фикри чунин бадкирдори маккору бе- раҳм, ки солҳои зиёд дар Шарқ зиндагӣ кардааст, истифода на- мудани заҳр омада метавонад, зеро онро бо роҳи химиявӣ ош- кор кардан ғайриимкон мебошад. Аз нуқтаи назари вай ба нафъи ин заҳр боз ҳамин далолат менамуд, ки он фавран кора мекунад. Муфаттиш бояд чашми бағоят тезе медошт, ки дудоғи хурдакаки тираи изи дандони морро бубинад. Баъд ман садои хуштаккаширо ба хотир овардам. Духтур ҳуштак Кашида морро гашта ҷеғ мезад, ки субҳ ӯро набинанд. Эҳтимол, ба мор шир дода ӯро ром карда будааст, ки гашта ба наздаш равад. Вай бе- вақтии шаб морро аз ҳаводаро сар медодааст ва яқин медониста- аст, ки ин ба воситаи сим хазида, ба кат мефурояд. Дер ё зуд духтар бояд қурбони қасди бад .мегардид: агар ҳозир набошад, пас аз як ҳафта мор ӯро заҳр мезад. Вақте ки нишастгоҳи кур- сии ӯро месанҷидам, фаҳмидам ки барои дасташ ба ҳаводаро •расидан духтур одати ба курсӣ баромадан дорад. Вақте ки сан- дуқи оҳанин, табақчаи шир ва қамчинро дидам, будаги шакку шубҳаам барҳам хӯрд. Ҷиринготи фулуз, ки мисс Стонер шу- нида будааст, зоҳиран, тақарроси сандуқи оҳанин будааст, ки духтур морро ба он ҷо руст мекардааст. Ба шумо маълум, -ки ман ба.дурустии хулосаҳои худ боварӣ ҳосил карда, ба ин кор иқдом намудам. Баробари шунидани фишшаси мор фавран ч«- роғро гиронда, ӯро бо камчин задан гирифтам...

— Шумо ӯро гашта ба қафо ба ҳаводаро ровдед?..

— ...ва бо ин корам маҷбур намудам, ки ба соҳибаш ҳамла кунад. Зарбаҳои қамчини ман ӯро ба ғазаб оварданд, дар ву- ҷуди вай қаҳру ғазаби морона бедор шуд ва ӯ'ба аввалин ода- ми рост омада ҳамла намуд. Ба ҳамин тариқ, ман бе восита ба марги духтур Гримбси Ройлотт гунаҳгор мебошам, вале гуфта наметавонам, ки ин айб ҳамчун бори вазаин ба зиммаи ман мехобида бошад»

ОХИРИН АМАЛЙЁТИ ХОЛМС

Ман бо дили пур аз андӯҳ ба навиштани охирин сатрҳои ин ёддошт, ки доир ба истеъдоди фавқулоддаи дӯсти ман мистер Шерлок Холмс нақл мекунанд, шурӯъ менамоям.

Агарчи аз ин байн аллакай ду сол гузашта бошад ҳам, рос<ти гап, хостам доир ба воқеаҳое, ки диламро аз дуньё тамоман кунук гардонида онро бо ҳеҷ чиз гарм карда наметавонистам, даб накушоям. Вале мактубхои охирини полковник Ҷеймс Мориарти, ки вай дар онҳо хотираи бародари марҳумашро ҳимоя карданӣ мешавад, маро маҷбур сохтанд, ки калам ба даст гирам. Ман дар назди худ вазифа гузоштам, ки буду шуди воқеаро ба мардум баён кунам. Тамоми ҳақикат ба як худи ман аён аст ва шодам, акнун вақташ расидааст, ки барои пинҳон доштани он ҳеҷ як сабаб нест.

Ба андозае, ки ба ман маълум аст, дар газетаҳо фақат се жабар чоп шудааст; хабаре дар «Журналь де Женев»[1] аз бмаи

[1] «Журналь де Женев» газетаи швецари.

соли 1891, телеграмиаи хабаргузори Рейтер[1] дар матбуоти Анг- лия аз 7 май, ва оқибат мактубҳои ба наздикй гирифтае, ки дар бораи онҳо дар боло сухан рафт. Аз ин мактубҳо якум ва дуюмаш ниҳоят ихтисор карда шудааст, аммо охиринаш,— чи тавре ки ман ҳозир исбот мекунам— далелҳои ҳақиқнро тах- риф мекунад. Вазифаи ман ниҳоят воқеаи ҳақиқии дар байни профессор Мориарти ва мистер Шерлок Холмс рӯй додагиро ба ҷахон хабар додан аст.

Шояд, хонанда дар хотир дошта бошад, ки пас аз хонандорша- вии ман муносибатҳри дӯстонаи ману Холмс, дарҳол то як андоза тағьир ёфт. Ман ба кори духтуриам машрул шудам. Ҳар гоҳ вақте, ки вай барои гузаронидани таҳқиқе ба хамроҳ мӯҳточ мешуд, баъзан ба хонаи мо меомад, ақмо ин торафт кам воқеъ мешуд ва соли 1890 ман доир ба саргузаштҳои вай фақат се хи- собот навнштам.

Зимистони ҳамин сол ва аввали баҳори соли 1891 газетаҳо менавиштанд, ки ҳукумати Франция доир ба кори ниҳоят муҳи- ме Холмсро таклиф кардааст ва аз рӯи ду мактуби аз Норбанн ва Ним ба ман навиштааш хулоса баровардам, ки ӯ дар Фран- ция дуру дароз меистад. Бинобар ҳамин вақте ки бегоҳии 24 ап- рель вай нохост ба кабинети ман даромада омад, як андоза дар ҳайрат мондам. Дарҳол ба чашмам афтид, ки вай аз муқаррарӣ дида боз ҳам паридаранг ва лоғар мебошад.

— Ҳа, ман анча рангамро гирондам,— ба саволи ман маътал нашуда ҷавоб дод вай.— Вақтҳои охир анча сахтиҳо ба сарам омад... Чи мешуд, агар ман пастахтаҳои тирезаро пӯшам.

Тапҳо лампаи рӯи миз, кц дар рӯшноии он одатан ман ки« тоб мехондам, хонаро равшан мекард. Холмс эҳтиётқорона таь- таки девор роҳ рафта, тамоми хонаро давр зад; пастахтаҳои тирезаҳоро тақаррое зада мепӯшид ва ғалақаҳои онхоро ду- рустакак маҳкам мекард.

— Шумо аз ягон чиз метарсед? — пурсидам ман.

— Ҳа, метарсам.

>— Аз чӣ?

— Аз милтиқи бодӣ.

— Азизам Холмс, шумо бо ин чй гуфтаниед?

— Уотсон, ба гумонам, шумо ба қадри кофй маро нағз ме« донед ва йа шумо маълум, ки ман аз қабили одамони тарсон- чак нестам. Вале сарфи назар кардани тарсу ҳаросе, ки шумо-

[1] *Хабарнигори. Рейнер* — хабарнигори калонтарини Англия.

ро таҳлил мекунад, аз ҷасурӣ дида, ,бештар беақлӣ мебошад. Лутфан гӯгирдро ба ман диҳед.

Холмс папирос даргиронд ва гӯё, дуди тамоку ба вай таъси- ри мусоид бахшид.

— Аввалан, бубахшед, ки дар нн бевактӣ омада шуморо ташвиш додам,— гуфт ӯ.— Ва ғайр аз ин, аз гуноҳам гузаред, ки одоби муоширатро вайрон карда рухсате мепурсам, ки аз бо- ■лои девори паси боғи шумо гузарам, зеро ман маҳз бо ҳамин рох аз наздатон рафтаниам.

— Ҳамаи ин чӣ маънӣ дорад? — пурси^ам ман.

Вай дасташро ба лампа ндздик бурд, дидам; ки банди ду ангушташ захмдор буда хун меравад.

— Чи тавре ки. мебинед, нн ҳазл ran не,— гуфт вай табас- сумкунон.— Ин хел шудан гирад аз даст чудо шудан мумкин, Миссис Уотсон дар кучо? Дар хона?

— Не, ба хонай шиносамон ба меҳмонӣ рафтагӣ.

— Ха! Пас, шумо танҳо?

— Танҳо. •

— Ин тавр бошад, ягон ҳафта шуморо хдмроҳам ба конти- нент [1] таклиф карданиам.

— Махз ба кучои континент?

— Ба ягон ҷо-дия. Ба кучо буданаш. Қатъиян фарқ надо- рад.

Ҳамаи нн ба назарам боз ҳам аҷибтар намуд. Холмс ода- ти вақташро бекора гузаронидан надошт ва дар чеҳраи рангпа- ридаи бетобу тавонаш ким-чи аз он шаҳодат медод, ки шиддати асабаш ба ҳадди эътидол расидааст. Вай дар нигоҳи ман ҳай- рат пай бурда, оринҷи дастонашро ба зонуҳояш такья дод, ва нӯги панҷаҳояшро ҷафс карда, сурати воқеаро фаҳмонидан ги-. рифт.

— Ба фикрам, шумо дар бораи профессор Мориарти ҳеччиз нашунидаед? — пурсид вай.

— Не.

— Одами гениалӣ ва аклнорас. Шахсе ки тамоми Лондонро ба доми худ даровардааст ва ҳатто ҳеч кас дар бораи вай ога- ди надорад. Дар олами чиноят, хамин ӯро ба баландии дастно- рас баровардааст. Уотсон, ба гапам бовар кунед, ки агар корам' барор мекард ин одамро мағлуб месохтам, агар ман чамъият- ро аз вай начот дода метавонистам, ин қуллаи фаъолияти ман мебуд, ман шӯҳрати худро ба поён расидагӣ мешумурдам ва

[1] *Континент*— мамлакатҳои Европа дар ваэар дошта шудааст.

тайёр будам, ки ба машғулиятҳои басе камташвиш даст за нам, Уотсон, ran дар байни худамон моиад, ду воқеаи охирин ба ман имконият доданд, ки ба хонадони шохии Скандинавяя ва республикаи Франция баъзе хидматҳо кунам ва он қадар пуле пешкаш намуданд, ки метавонам тарзи зиндагиамро ба тамоилоти ба ман басе мувофиқ ба роҳ монам ва дар соҳаи химия комилан б.а тачрибагузаронй машғул шавам. Вале ҳоло ки профессор Мориарти барин як одам дар кӯчаҳои Лондон озодона гаштааст, ман роҳат буда наметавонам, ман дар кур- сии роҳати *худ* осуда нишаста наметавонам. , ч

' — Вай чӣгкор кардааст? '

— Оҳ, вай як тарҷимаи холи ғайриоддй дорад! Аслу наса- баш одамони одамшаванда, маълумоти ниҳоят нағз гирифтааст ва табиат ба вай кобилияти фавқулоддаи математикӣ ато кар- дааст. Вақте ки ӯ бистуякро пур кард, доир ба биноми Ньютовг[1] рисолае навишт, ки он номашро дар Европа машҳур гардонид. Баъд аз ин вай дар яке аз университетҳои музофотии мо кафед- раи математикаро гирифт ва эҳтимол мерафт, ки ояндаи кало- не ӯро дар пеш буд. Вале ӯ ирсан шавқу рағбат дорад, ки ба банни башар бераҳмиҳо кунад! Дар сиришт вай ҷиноятқор аст. Ва ин бераҳмӣ ба туфайли ақли фавқулоддаи вай боз ҳам хэ- Тарноктар гардид. Дар он шаҳрчаи университет ки вай дарс медод, дар ҳаққаш овозаҳои бад паҳн мешавад ва окибат мач,- бур мегардад кафедраро партофта ба Лондон кӯчида биёяд ва чавонопро барои гирифтани рутбаи офицерӣ ба имтяҳон тайар мекунад... Ин далелҳои ба ҳама маълуме мебошанд, амж> хо- зяр он чизҳоеро мешуназед, ки фаҳмида гирифтанашон ба худи ман муяссар гардид.

Уотсон чи тавре ки ба шумо маълум аст, олами ҷинэятии Лондонро касе аз ман беҳтар намедонад. Ва кайҳо инҷониб ман ҳис мекардагӣ шудам, кя дар панохи бисьёр чиноятқорон кувваҳди пуриқтидори муттаҳидкунандае истодаанд, ки дар зе- ри ҳимояти шахсони козиб бархилофи қонун амал мекуяанд. Чандин маротиба дар ҳолати рӯй додани воқеаҳои гуногун, хоқ он сохтакорй бошад, хоҳ ғоратгарӣ ё куштор, ман ҳузури ин қувваро хис мекардам ва ба таври мантиқй осори онро инчунин дар он ҷиноятхои ҳануз ҳал карда нашудае, ки ба тадқиқи он- ҳо бевосита ман ҷалб карда нашуда будам, пайдо менамудам. Дар давоми солҳон зиёд ман- кӯшиш мекардам пардаро аз рӯи

[1] Рисола доир ба биноми Ньютон.— Рисола — кори илмй, биноми Нью- тон — формулаи алгебравй, ►

вай гирифта партоям инак вақташ расиду ман сарриштаро ба даст дароварда, ба кушодани гиреҳ шурӯъ намудам, то даме ки ин ришта пас аз ҳазор гиреҳҳои ҳиладор маро ба назди со- биқ профессор Мориарти математики машҳур бурда расонд.

— Уотсон, вай — Наполеони олами ҷиноят аст. Вай — дар **ин** шаҳр ташкилотчии нисфи ҳама бадкирдориҳо ва кариб ха- **ма** ҷиноятҳои ошкор карда нашуда мебошад. Вай даҳо, файла- суф, вай шахсест, ки ба таври абстракт фикр карда метавонад. Вай акли аъло дорад. Ӯ миели анкабут дар маркази торхои худ начунбида менишинад, вале ин тортанакхона ҳазорхо тор дорад ва ӯ ларзиши ҳар кадоми онҳоро мефаҳмад. Худаш кам амал мекунад. Вай фақат нақша мекашад. Вале гумоштҳои ӯ бешу- мор ва ниҳоят нағз муташаккил мебошанд. Агар ба ягон кас дуздидани ҳуҷҷате, ғорат кардани хонае, аз рох дур кардани' одаме лозим шуда монад —дар ин бора факат ба маълумоти профессор расондан кифоя, он гоҳ ҷиноят тайёр карда, баъд ба иҷро расонда мешавад. Гумошта ба даст афтиданаш мумкин. Дар чунин маврид ҳама вақт пуле ёфт мешавад, ки ӯ ба ка- фолат гирифта ё*ҳимоякунанда таклиф карда шавад. Аммо роҳ- бари асосӣ он касе, ки ин гумоштаро фиристода аст, хеҷ гоҳ ба даст намеафтад — вай берун аз гумону шубҳа мебошад. Уотсон, чунин аст ташкилоте, ки мавҷудияти онро бо роҳи ман- тиқӣ муқаррар кардам ва тамоми қувватамро ба хамин сарф намудам ки онро ошкор сохта шикаст диҳам.

Вале профессор айёрона пинҳон ва чунон нағз мудофиа кар- да шудааст, ки барои хукми суд баровардан ҳар қадар зӯр за- да далелҳои кофӣ пешниҳод карданӣ шавам ҳам, ин ғайри им- кон мебошад. Азизам, Уотсон шумо медонед ки аз дасти ман чи корҳо меояд ва ба ҳар ҳол пас аз се моҳ ноилоҷ иқрор шуда- нам лозим омад, ки оқибат ба душмани сазовор вохӯрдам. Даҳ- шате, ки ҷиноятҳои вай ба ман талқин намуданд, дар назди ма- хорати ӯ қариб ба шавқу завқ табдил ёфтанд. Вале оқибат вай иштибоҳе кард — йштибоҳи хурд, иштибоҳи тамоман хурда- как,— вале ба чунин як иштибоҳ ҳам роҳ доданаш лозим набуд, чунки якзайл ман аз пасаш поида мегаштам. БуДагӣ ran, 'ман аз ин иштибох истифода намудам ва аз интиҳои он дошта, дар атрофи Мориарти дом ниҳодам. Ҳоло ин дом қариб тайёр шу- дааст ва пас аз се рӯз, яъне рӯзи душанбеи меомадагй, ба ҳа- мааш хотима гузошта, профессор бо аъзоёни асосии дастааш ба дасти суди адолатхоҳ супурда мешаванд. Баъд мурофиаи су- дии аз ҳама калони асри мо шурӯъ мегардад. Сирй зиёда аз чил ҷиноя.ти пурасрор ошкор мегардад ва ҳамаи ҷиноятқорон

яазо мебинанд. Вале ҳамин-ки шитоб карда, кадами бечое гу- яошта шавад, онҳо ҳатто дар лаҳзаи охирин гурехта аз дас^и мо халос хӯрданашон мумкмн.

Ҳамааш нағз мебуд агар ман тарзе амал мекардам, ки про- фессор Мориарти дар ин бора огоҳ намешуд. Аммо ӯ хеле мак- кор аст. Барои ба дом афтонидани ӯ'хар қадами мегузошта- гиам ба вай маълум мегардад. Чандин бор вай аз он раҳо кар« данӣ шуд, аммо ҳар дафъа пеши роҳашро мебастам. Рости ran,, дӯстам агар тасвири муфассали муборизаи сокитона да-р мат- буот пайдо мешуд, дар таърихя хуфия дар байни беҳтарин ва пурҳаяҷонтарин китобхо ин чои худро мегирифт. Ман то хол хеҷ гоҳ ба чунин баландӣ нарасида будам ва ханӯз хед гоҳ аз амалиёти душман чунин душвории сахт ба сарам наомада буд. Зарбаҳои вай мезадагй пуркувват буданд, вале ман онҳоро бо қувваи дучанд зада мегардонидам. Ин пагоҳй ман маротибаи охир иқдом кардам ва бароям боз се рӯз, фақат се рӯз лозим буд, ки корро анҷом диҳам. Ман дар хонаам нишаста, хамаи инро фикр карда мебаромадам, ки нохост дар кушеда шуд. Дар наздам профессор Мориарти меистод.

Уотсон ман асабҳои оҳанин дорам, вале, икрор шавам, шах- серо, ки буду шуд фикри маро банд карда буд, дар назди худ дида, як қад парида мондам. Қиёфаи вай пеш ҳам ба ман нагз шинос буд. Пешониаш сафеду калони дунг, чашмонаш чуқур, ришаш тоза тарошидагй, чеҳрааш рангпаридаи риёзаткашидае, ки дар он. аз. профессор Мориарти ханӯз ким-чи боқй монда аст. Шояд,'аз рӯи мудом дар паси мизи корй нишастан, китфо- наш хамидагӣ, сараш пеш баромадагй буда, морвор оҳиста- охиста аз як тараф ба тарафй дигар алвонҷ мехӯрд. Чашмони пурхашми вай ба рӯи ман дӯхта шуданд.

«Чи тавре ки ман гумон карда будам, устухонхои пешонии шумо чандон таракқй кардагй нестанд^—оқибат гуфт ӯ.—Мис- тер Холмс, таппончаи тирдорро дар кисаи ҷомаи хонапӯшии худ нигоҳ доштан одати хатарнокест.

Дар ҳақиқат вақте ки вай вориди хона гардид, ман дарҳол фаҳмидам, ки чи гуна хатарй азиме маро таҳдид мекунад: охир барои вай ягона имконцяти наҷотьёбӣ хамин буд, ки забони ма- ро то абад ба, хомӯш будан маҷбур кунад. Бинобар хамин-ман барқосо таппончаро аз ғаладони миз гирифта ба кйса андох- там ва дар айни хол онро аз болои моҳут даст-даст мекардам. Пас аз ин гапи вай таппончаро аз киса бароварда, куланги он- ро кашидам ва ба наздам ба рӯи миз гузоштам. Мориарти як- зайл табассум намуда, чашмонашро нимпӯш карда меистод, Ва-

ле дар ифодаи ин чашмон ким-чя йаро маҷбур' месохт, ки аз наздик будани силоҳам шод шавам.

«Зоҳиран, шумо маро намешиносед»,— гуфт вай.

«Баръакс,— эътироз намудам ман,—ба гумонам дарҳол фаҳмидед, ки ман шуморо мешиносам- Лутфан, шиыед. Агар шумо ба ман ягон чиз гуфтанӣ бошед, ман барои шумо панҷ дақцка вақт чудо мекунам».

«Ҳар чи ки ман ба щумо гуфтапӣ будам, шумо аллакай пай бурдед», — чавоб дод вай.

«Дар он сурат, шумо шояд аллакай чавоби маро пай бурда бошед».

«Шумо ба фикри ҳуд қатъӣ меистед?» ~

— «Комилан қатъӣ».

Вай дасташро ба киса андохт, ман бошам таппончаро аз рӯи миз гирифтам. Вале ӯ аз киса факат дафтарчаи ёддош- ташро баровард, ки дар он ким-чи гуна санаҳо навишта шуда буданд.

" «Шумо чоруми январь сади рохи ман шудед,— гуфт вай,-— бисту чорум шумр аз нав ба ман дарди сар додед. Миёна- ҳои моҳи февраль маро хеле чиддӣ ба ташвиш андохтед. Охи- ри тиохи март нақшаҳои моро тамоман вайррн кардед. Аммо ҳозир дар натача таъқиби доимии шумо ман ба ҳолате афто- даам, кя дар наздам барои аз даст додани озодӣ хатари ҳақи- қӣ йстодааст. Ин тавр давом карданаш мумкин нест>.

«Шумо чӣ таклиф мекунед?» —пурсидам ман.

«Мистер Холмс, ин корро партоед,— сар чунбонда гуфт вай.— Рости ran, партоедх

«Баъди душанбе» — чавоб дэдам ман.

«Мистер Холмс, кифоя. Шумо аз ҳад зиёд боақл ҳастед ва албатта, гапи маро мефаҳмед, ҳатман худро канор гирифта- ватон лозим. Шумо худатон коррэ чунин сурат додед, ки ди«' гар хел саранҷом надорад. Ман ба усулҳои муборизаи шумо на? заре карда, лаззати маънавӣ бурдам, ва ба гапам бовар кунедм агар пгумо маро ба андешаи иқдомоти охирия маҷбур созед, хе* ле малул мешавам. Сэр, шумо табассум мекунед, вале ба га& пам бовар кунед' ман самимй ran мезанам». -

«Хавфу хатар — ҳамсафари 'Ҳатмии касби ман аст»,— чгн ■ 'воб додам ман.

«Ин хатар не, балки халокати ногузир аст,— эътироз намуд вай. — Шумо сади рохи як кас не, балки ташкилоти калоне шу- дед, ки тамоми иктидори онро ҳатто щумо, бо тамоми ақли

доштагиатон кобили дарк кардан надоред. Мистер **Холмс,** шу- мо бояд канор истед, ё худ шуморо зери по мекунанд».

.«Метарсам, — аз ҷоям хеста гуфтам ман,—^ки бо сӯҳбати ширин овора шуда аз як кори мухими маро ба ҷои дигар даъ- ват карда истодагӣ мемонам».

Вай хам аз чой хест ва хомӯшона ба ман нагириста/ бо андӯх сар ҷунбонид.

«Хайр, чиилоҷ!— оқибат гуфт вай.— Хеле афсӯс, вале хар чи аз дастам меомад, ман кардам. Ман хар ₑяк роҳи мегашта- гии бозин шуморо медонам. То рӯзи душанбе аз дасти шумо ҳеҷ кор намеояд. Мистер Холмс, ин дар байни мову шумо чан- ги тан ба тан мебошад. Шумо умед доред, ки маро ба курсии ҷиноятқорон шинонед, гуфта монам, ки нн хеҷ гох нахоҳад шуд. Шумо умед доред, ки бар ман ғалаба кунед — гуфта -монам, ки ин ҳеҷ гоҳ ба шумо муяссар нахоҳад шуд. Агар барой махв кардани ман маҳорататон кифоя кунад, дар он сурат шуморо бовар мекунонам, ки худатон ҳам . ҳамрохи ман махв мегар- дед».

«Мистер Мориарти, шумо ба ман он қадар суханони ширин гуфтед, ки мехоҳам хамчунон бо суханони шйрнн ба шумо ҷа- воб диҳам — бинобар хамин гуфтаниам, ки агар ба якумаш дил- пур мебудам, барои манфиати ҷамъият бо дилу ҷон ба дую- маш розӣ мешудам».

«Якумашро ваъда карда наметавонам, вале бо дилу -ҷон дуюмашро ваъда медиҳам». Ва қомаги хамидаашро ба ман гар- донида, аз дар баромад ва дам ба дам ба ақиб нигоҳ карда чдшмонашро нимпӯш менамуд.

Воҳӯрии ба худ хоси ман бо профессор Мориарти ана ҳамин тавр буд ва рости ran, он дар қалби ман як эхсоси ногувор бо- қӣ гузошт. Тарзи гуфтори мулоим ва аниқаш шуморо маҷбур месозад ба самимияти вай, ки хоси ҷиноятқории муқаррарӣ на- мебошад, бовар кунед! Вай лофии фач нест. Шумо, албатта, ба ман мегӯед: «Чаро аз полиция ёрӣ пурсидан мумкин нест?» Вале охир ran дар сари он, ки худи вай не, балки зарба азта- рафи гузоштаҳои ӯ зада мешаванд — ба ин боварам ҳаст. Ва ман аллакай далел дорам.

— Ба шумо аллакай ҳамла карда буданд?

— Азизам Уотсон, профессор Мориарти аз кабили оя касо- не нест, кн кори имрӯзаро ба фардо гузорад. Пас аз рафтани вай, тахмин соат кариби дувоздах зарурате шуд, кй ба Оксфорд-стрит равам. Дар хамгашти Б^нтик-стрит ва Уэлбек- стрит, аз кӯча гузашта, фургони дуаспаеро дидам, ки бо сурь-

ати тамом рост ба тарафи ман тохта меояд. Ман ба зӯр фур- сат ёфта, канор ҷахида худро ба пайраҳа гирифтам. Агар боз ним сония мегузашт, маро маҷақ карда мекушт. Фургон ба хамгашт тоб хӯрд ва филфавр ғоиб гардид. Ман қарор додам,. ки аз пайраҳа берун набароям, вале дар Вир- стрит аз боми як хона ғиште афтида, дар пеши поям майда-майда шуд. Ман по- лицайро ҷеғ задам ва фармудам, ки ҷои воқеа рӯй додагиро аз назар гузаронад. Дар болои бом барои таъмир ғишт ва ши- фер чида тайёр карда монда буданд ва хостанд маро бовар ку- дюнанд, ки шамол вазида ғиштро афтонидааст. Бешак, чи бу? дани гапро ман нағзтар медонистам, вале исбот надоштам. Май кэб қарор карда, ба Пэлл-Мэлл то хонаи додарам рафтам ва рӯзро дар ҳамон ҷо гузаронидам. Аз он ҷо рост ба ховаи шу- мо омадам. Дар рох кадом-як ҳаромзода калтак дар даст ба ман ҳамла кард. Ман зада ӯро аз пой афтонидам ва полиция ӯро дастгир кард, вале ба шумо қавл медиҳам, ки ба ҳеҷ кас маълум кардани алоқаи байни ҷентельмене, ки ман имрӯздас- тамро ба дандонҳои пешаш зада маиб кардам ва он муаллими хоксори математика, ки шояд ҳозир даҳ миль аз ин ҷо дуртар дар ггахтаи грифелӣ касъала ҳал карда истода бошад, муяссар на- мегардад. Акнун, Уотсон, шумо мефаҳмед ки барои чи май ба назди шумо омада, пеш аз ҳама пасттахтаҳои тирезаро пӯши- дам ва барои чи аз шумо иҷозат мепурсам, ки ба воситаи да- ри асосӣ не, балки бо ягон роҳи номаълумтар баромада равам.

Ман борҳо аз ҷасорати дӯстам шавқ бурда будам, вале им- рӯз осуда номбар кардани воқеаҳои начдндон ғайритасодуфии ин рӯзи даҳшатангез, махсусан маро дар ҳайрат мононданд.

— Шояд, дар хонаи ман хоб кунед?—пурсидам ман.

— Не, дӯстам, ман меҳмони хавфнок шуданам мумкин. Maiт аллакай нақшаи амалиётро кашидам ва хамааш нағз анҷом меёбад. Ҳозир кор дар чунин марҳала мебошад, қи бе манҳам ӯро, ба ҳабс гирифтанашон мумкин. Ерии ман фақат дар вақ- ти истинтоқ лозим мешавад. Ба ҳамин тариқ, ин якчанд рӯзе, ки то амалиёти қатъии полиция мемонад, нағзаш баромада ба ягон чо равам. Ва ман хеле шод мебудам, агар шумо ҳамроҳи ман ба контиient мерафтед.

— Ҳозир беморонам кам, — гуфтам ман, — хамкори ман, ки дар ҳамсоягиам зиндагӣ мекунад, бо дилу ҷон ба иваз карда- ни ман розй мешавад. Аз ин рӯ бо дилу ҷон ҳамроҳи шумо ме- равам.

— Фардо пагохӣ ба роҳ баромада метавонем?

— Ҳа, агар ин зарур бошад.

— Ҳа, албатта зарур. Дкнун дастурамалхои маро гӯш ку- нед ва Уотсон, аз шумо илтимос' мекунам, як-як онҳоро иҷро намоед, зеро ману шумо харду бояд ба мукобили каллоби аз хама мохир ва пуриқтидортарин дар Европа иттиходияи ҷино- яткорОн мубориза барем. Ба ҳамин тарик, гӯш кунед. Даррӯи бағочатон станцияи мефиристодагиатонро нишон надода, ха- мин бегох бо одами дилпур ба вокзали Виктория фиристед. Пагохӣ хизматгорро барои овардани кэб фиристед, вале ба ӯ гӯед, ки кэби якуму дуюмирост омадагиро қир накунад. Шу- мо ба кдб савор мешаведу ба Стренд ба назди тими Лоусерс равед, вокеан адресро ба коғазпорае навишта ба фойтунчӣ дихёд ва гӯед, ки ба ҳеҷ вачҳ онро напартояд. Пули вайро пеша- кӣ 'диҳед ва баробари кэб истодан, дарҳол худро ба тйм занед ва кӯшиш кунед, ки соати нуху чорьяк ба канори дигари он расед. Дар он ҷо, дар канори пайраҳа каретаи начандоя кало- неро мебинед. Онро марди бороииаш сиёҳи ғафси гиребондор ва зеҳи гиребонаш сурх идора мекунад. Шумо ба ҳамин карета савор шуда ба вақташ ба вокзал мерасед, то ки ба экспресси ба хонтинент мерафтагӣ дишаста тавонед.

— Дар куҷо бо шумо вохӯрданам лозим?

— Дар станция. Барои мо купеи дуюми дараҷаи якум тай- ёр меистад.

— Пас, мо дар вагон вомехӯрем?

— Бале.

Беҳуда аз Холмс илтимос мекардам, ки шаб дар хонаи ман ҳоб кунад. Ба ман маълум буд, ки вай метарсад ба сари бо- шандагони хонаи паноҳ овардааш ногуворихо биёрад ва ин ягона сабабе мебошад, ки баромада. рафта истодааст. Вай доир ба накшаҳои фардоинаи мо боз саросемавор якчанд супориши ди- гар дода аз ҷой хест, ҳамрохи ман ба боғ баромад, аз болои девор рост ба Мортимер-стрит гузашт ва ҳуштак кашида кэб чеғ зад ва ман садои тараҟо-туруқи дур шудани чархҳои онро шунидам.

Пагохии рӯзӣ дигараш ман супоришоти Холмсро як ба як иҷро кардам. Бо эҳтиётқорин тамом кэб киро кардам, он хеҷ дом буда наметавонист ва дарҳол пас аз таҳтул ба ҷои таъиншу- да рафтам. Ба тими ЛбуСар расида, то ҷон доштан бо тамоми суръат тозон аз ок гузаштам ва чи тавре, ки қарор гузошта будем, каретаи маро маътал будагиро дидам. Баробари ба савор шудан, -фойтунчии азимҷуссаи ба боронӣ печида, аспро камчин зад ва дар як мижжа барҳам задан маро ба вокзали Виктория расонд. Ҳамин ки аз он фуромадам, вай фойтунро

гардонд ва ҳатто ба тарафи ман нанигариста, аз нав бо тамо- ми суръат онро тозонд.

Алхол ҳамааш нағз сурат мегирифт. Бағочам аллакай маро дар вокзал мунтазир буд ва бе ташвиш купеи Холмс гуфтаги- ро ёфтам, зеро он ягона купее буд, ки «банд> гуфта ба дараш коғаз часпонида шуда буд. Акнун фақат як чиз — набудани Холмс маро ба ташвиш меандохт. Ман ба соати вокзал назар. андохтам: то рафтани поезд ҳамагӣ ҳафт дақиқа монда буд. Дар байни издихоми равандагону гуселкунандагон андоми ло- ғари дӯстамро беҳуда меҷустам — вай наменамуд. Ман якчанд дақиқа вақтамро сарф намуда, ба патери иззатманди итолёӣ ёрӣ додам, ки забони англисиро вайрон карда фаҳмонданӣ ме- шуд, ки бағочи вай бояд рост ба Пария фиристода шавад. Баъд ман боз як бори дигар платформаро давр зада, ба купеи худам баргаштам ва он итолёии пири фартути аллакай ба ман шинос- ро дар он ҷо дидам. Маълум шуд, ки чои вай дар ин купе на-. бошад ҳам, ҳаммол ӯро ба купеи ман савор кардааст. Ба ҳам- сафари нохбндаи ман фаҳмонидан бефоида буд, ки ҳузури вай ба ман ногувор* аст: ман забони итолиёиро бад медониста бо- шам ҳам, вай англисиро аз ман бадтар медонист. Бинобар ҳа- мин фақат китф дархам кашидам ва бо изтироб ба тиреза ни- гоҳ карда, дустамро мунтазир будам. Маро тарсу ҳарос фаро мегирифт: раваду шабона бо вай ягон фалокат рӯй дода бо- шад! Акнун ҳама дарҳо баста шуданд, садои хуштак баланд гардид ва ногоҳ!..

— Азизам Уотсон, шумо ҳатто маро .шоистаи саломи худ вамебинед! — овози. ким-ки дар назди ман баланд гардид.

Ман дар ҳайрат монда гашта **нйгох** кардам. Рӯҳонии пир акнун рӯяшро ба ман гардонида меистод. Соийяе чинҳои рӯяш хамвор шуданд, ^иниаш аз маяах дур шуда, лаби поёнаш пеш намебаромад, шаф-шаф карда ran намезад, чашмони хирааш мисли пештара барқ заданд, комати хамицааш рост шуд. **Аммо** ҳамаМ йн як лаҳза тӯл кашид ва Холмс чи тавре ки пайдо шуд, хамчунон зуд ғоиб гардид.

. — Худои раҳим! — хитоб намудам ман. — Маро хуб тарсо- видед!

— Холо ҳам мо бояд ниҳоят эҳтиёт шавём, — пичиррос зад вай.— Ман асос дорам фикр кунам, ки онҳо ба изи мо афто- даанд. Ана Мориарти худаш!

Баробари ин суханонро гуфтани Холмс, поезд ба роҳ даро- мад. Ман аз тиреза сар бароварда ба ақиб нигаристам ва шахси баландқоматеро дидам, ки хашмгинона мардумро ба ду,

тараф тела дода, гӯё поездро нигоҳ доштанӣ шуда даст меаф- шонд. Вале акнун дер шуда буд — суръати поезд торафт зиёд мешуд ва ба зудӣ станция дар ақиб монд.

— Ана дидед,— гуфт Холмс хандида, — бо вуҷуди ҳамагуна эҳтиётқорихои мо базӯр аз ин одамон халос шудем.

Вай аз ҷой хест, ҷомаи сиёҳ ва кулоҳ — анҷоми базми худ- ро кашида, ба саквояж руст кард.

— Уотсон, шумо газетаҳои пагохирӯзиро хондед?

— Не.

— Пас, шумо аз воқеаи дар Бейкер-стрит рӯй додаги беха- бар мебошед?

— Дар Бейкер-стрит?

— Имшаб онҳо квартираи моро оташ заданд, вале зарари калон нарасондаанд.

— Холмс, чи илоҷ кардан мумкин? Ин токатнопазир аст.

— Аз афташ, пас аз он ки гумоштаи калтакдори онҳо ҳабс карда шуд, онҳо изи маро тамоман гум карданд. Вагарна он- ҳо гумонбар намешуданд, ки ман ба хона баргаштаам. Вале, чи тавре ки дида мешавад, баъд онҳо аз паси шумо поидаанд ва ана ҳамин Мориартиро ба вокзали Виктория овардааст. Шумо вақти ба вокзал омаданатон дар роҳ ба ягон хатоӣ роҳ надодед?

— Ман тамоми супоришҳои шуморо аниқ иҷро кардам.

— Кэбро дар ҷояш ёфтед?

Ҳаҷон маро мунтазир шуда истода буд.

■ — Фойтунчиро шйнохтед?

— Не.

— Вай бародари ман, Майкрофт буд. Дар чунин маврид- хо нағзаш одами кироиро аз асрори худ огоҳ накунед. Хуш, ак- нун мо бояд бо Мориарти чи илоҷ намуданамонро фикр кунем.

— Азбаски мо бо экспресс рафта истодаем ва пароход ба- робари расидани поезди мо ба роҳ мебарояд, ба гумонам вай дигар ҳеҷ моро дарьёб карда наметавонад.

— Азизам Уотсон, охир ман ба шумо гуфта будам, ки хар гоҳ сухан аз кобилият меравад, ба ман чи хел баҳо медода бо- шй, ба ин одам низ ҳамон тавр баҳо додан лозим аст. Наход шумо фикр кунед, ки агар ба ҷои таъқибкунанда ман мебудам, чунин монеаи нокиро сади роҳи ман шуда метавонист? Хуш, агар ин тавр набошад, пас чаро шумо дар бораи вай чунин фикри бад доред?

— Аз дасти вай чй кор меояд?

-— Хдр чи ки аз дасти ман биёяд.

« Дар он сурат ба ман гӯед, ки шумо чӣ кор мекардед?

—• Поезди таъчилӣ мефармудам.

—• Вале охир он аз ду сар қафо мемонад.

— Ба ҳеҷ ваҷҳ. Поезди мо дар Кентербери меистад, дар он ҷо бошад дар ҳар ҳол чорьяк соат ба пароход мунтазир шудан дуруст меояд. Ана дар ҳамон чо ӯ ба мо расида мегирад.

— Гӯё ки ҷиноятқор вай нёю, мо мебошем. Баробари раси- дан фармоед ӯро ба ҳабс гиранд.

— Ин маҳсули се моҳа кори маро барбод додан аст. Бо ин корамон мо моҳии калонеро ба даст медарорему,. хурдаш аз сӯ- роххои тӯр гузашта меравад. Рӯзи душанбе ҳамаи онҳо ба дас- ти мо меафтанд. Не,’ҳозир ҳабс кардан бемаврид мебошдд.

— Мо чӣ кор кунем?

— Мо бояд дар КЛггербери фуроем.

— Баъд?

? Баъд аз — Ньюнхевен Ва аз он ҷо ба Дьепп рафтанамон лозим. Мориарти боз ҳамон кореро мекунад, ки ман ҳам мебу- дам ҳамонро мекардам: вай ба Париж меояд, ба ҷомадонҳои мо нишона мегузорад ва ду рӯз дар камераи бағочнигоҳдорӣ мун- тазир шуда меистад. Дар ин миён мо хӯрҷин мехарем, ба ҳа- мин тарик саноат ва савдои он ҷойҳоеро, ки мо саёҳат карда- нием равнақ медиҳему хотири ҷамъ ба воситаи Люксембург ва Базель ба Швейцария равона мешавем.

Ман сайёҳи басе пуртаҷрибаам, бинобар ҳамин аз гум шу- дани бағоч хафа намешавам, вале иқрор мебошад, ҳамин фикр ба ман ногувор аст, ки мо бояд аз ҷино*яткоре гурехта гардем, ки бадкирдориҳои қабеҳи зиёде ба зиммааш мебошанд. Бале Холмс, албатта, вазъиятро нағзтар медонист. Бинобар ҳамин мо дар Кентербери аз поезд фуромадем. Мо дар он ҷо фаҳмидем, ки поезди Ньюхевен фақат пас аз як соат ба роҳ мебарояд.

Ман якзайл аз паси вагони бағоч, ки дар дур ғоиб шуда, та- моми сару либоси маро мебурд, маҳзунона истода менигаристам ва дар ҳамин асно Холмс. аз остини ман кашида ба роҳи, оҳан нишон дод.

— Дидед, чи кадар тез! — гуфт вай.

Аз дур, дар байни бешазбри Кент дуди борике печида ба ос- мон мебаромад. Пас аз як дақиқа поезди дигар, ки иборат аз локомотив ва_як вагон буд* дар хамии хати рельсе» ки ба стан- ция мебурд, намоён шуд. Мо базӯр фурсат ёфта ба паси ким- чигуна тӯбҳо русҒ шӯда будем, ки он тақар-туқуркунон ва гум- бурросзанон аз назди мо гузашта, нафас бароварда мавчи буғи гармро ба рӯи мо пошид,

— Гузашта рафт!— аз паси вагон, ки дар рӯи рельс шито- бон мёрафт ва андаке алвонч мехӯрд, нигариста гуфт Холмс,— Чи тавре ки мебинед зиракии дӯсти мо ҳам ҳадду ҳудуд дорад. Агар вай айнан ҳамонхел хулосаҳо мебароварД, ки ман баро- вардам ва бо мо мувофиқ амал мекард, ин дар ҳақиқат мӯъ- ҷнза мебуд.»

— Агар вай ба мо расида мегирифт, чӣ кор мекард?

-т- Бешубҳа кӯшиш мекард моро кушад. Маи ҳам даст ба киса андохта ӯро нигарон шуда намеистодам. Акнун тамоми ran дар сари Хамин ки мо дар ҳамин чо ношто кунем ва ба гурус- нагӣ тоб оварда таваккал-ан то Ныохевен равем.

Хамон шаб мо. ба Брюссель расидем 'ва ду рӯз дар он,ҷо ио тода рӯзи сеюм ба Страсбург рафтем.

Рӯзи душанбе пагоҳӣ Холмс ба полицияи Лондон телеграм- ма фиристод ва бегоҳӣ ба меҳмонхона омада, ҷавобашро гириф- тем. Холмс телеграммаро кушода хонд ва лаънаткунон онро ба камин партофт. *

— Ман инро бояд пешбинӣ мекардам! — оҳ кашид вай.— Гу- рехтааст!

— Мориартӣ?

. — Онҳо ғайр аз вайтамоми гурӯҳро дастгйр кардаанд! Вай як худаш гурехта халос щудааст! Албатта, ман баромада ома- дам ва онҳо ӯро ба даст дароварда натавонистаанд. Агарчи бо- варӣ доштам, ки сарриштаро ба дасгашон додаам. Уотсон, ме- донед шумо бояд ҳарчи тезтар ба Англия баргардед._ -

, —Барои чӣ? . . . L

— Ман акнун ҳамроҳи хатарнок ҳастам. Ин одам ҳама чиз- . ро аз даст додааст. Агар вай ба Лондон баргардад, тамоми қув- . ваташро ба он равона мекунад, ки аз ман дикор гирад. Вай инро дар вақти мулоқоти кӯтоҳмуддатамон кушоду равшан ба ман гуфт ва ман боварӣ дорам, ки он таҳдиди беҳуда набуд. Рости ran, ба шумо маслиҳат медиҳам ба Лондон ба назди беморона- тон баргардед”

Вале ман, солдати куҳансол ва дӯсти дерини Холмс, будаги ran, дар чунин лаҳза партофта рафтани ӯро ғайри имкон мешу- -мурдам. Мо дар ресторани меҳмонхонаи Страсбург нишастазиё- дд аз ним соат дар ин бора баҳсу мунозира кардем ва худи ҳа- ■ мон шаб рохи Женеваро пеш гирифтем.

Мо расо як ҳафта кайф карда водии Ронаро чарх задем, баъд Лейкро пас гузошта, аз болои ағбаи ҳанӯз барфаш баланд . ва баъд аз байни Интерлакен гузашта ба сӯи деҳачан Мейрин- ген роҳ пеш гирифтем, Ин як саёҳати хелё ғалатие буд: майсаи

нарми мулоими баҳорӣ дар поён ва сафедии бикри барф бар бо- лои сарамон аҷиб як манзарае буд, вале ба ман маълум буд, ки Холмс як дақиқа ҳам хатари ба сараш омадаро аз хотир фаромӯш на^екард. Дар дехаҳои хушманзараи Алп дар пайра* хаҳои хилвати кӯхӣ — дар ҳама ҷо аз рӯи нигоҳи саросема ва кунҷковонаи вай, ки чехраи ҳар як- роҳгузари дучор меомада- гиро бодиққат меомӯхт, медидам, ки Холмс ба хатари нотузири қадам ба қадами мо меомадагӣ боварии комил дорад.

Чунин як воқеа дар хотирам ҳаст: мо аз миёни Жемми гу- зашта лаблаби Даубензеи пурхаёл мерафтем, ки нохост якпо- раи калони шухи аз тарафи рост қад афрошта канда шуд ва поён ғелида дар қафои мо гулдурросзанон ба кӯл афтид. Холмс тозон ба теғаи нӯгборик баромад ва гардан ёзонда ба гнрду атроф назар андохт. Роҳбалад бехуда ӯро бовар мекунонд, ки дар ин кишварҳо фасли баҳор фуруғалтии сангпораҳо ҳодисаи муқаррарӣ мебошад. Холмс хеҷ чиз ҷавоб надод, аммо бо чуннн қиёфа ба ман табассум намуд, ки гӯё вай пешакӣ ин воқеаҳоро пай бурда буд; ба хар ҳол, бо вуҷудц. ҳамагуна эхтиёткориаш ӯ ғамгин нашуд. .Баръакс, ёд надорам ки ман ягон вақт ӯро ҳа- мин хел димоғчоқу фараҳнок дида бошам. Вай гаштаю баргаш- та такрор мекард, ки агар ҷамъият аз профессор Морнарти на- чот дода мешуд, ӯ бо днлу чон фаъолияти худро қатъ мекард.

— Уотсон, ба гумонам, ҳақ дорам гӯям ки умрамро беҳуда вағузаронидаам,— гуфт вай» —ва хатто агар роҳи тайкардаи хаётам, ҳамин рӯз мебоист канда мешуд, ба ҳар ҳол бо эхсоси каноатмандии рӯҳӣ баргашта ба он нигариста метавопистам. Ба туфайли ман ҳавои Лондон тозатар шуд. Ман иштирокчии зиё- да аз хазор амалиётам ва боварӣ дорам, ки хеҷ гоҳ аз нуфузи худ истифода намуда, ба тарафн нохақ кӯмак накардаам. Ду- руст аст, вақтҳои охир назар ба он проблемаҳои рӯякие, ки ба масъулияти онҳо сохти ноқиси чамъиятии мо чавобгар мебо- шад, муаммоҳои дар назди мо гузоштаи табиат моро бештар ба худ чалб менамуданд. Уотсон, хамон рӯзе ки ман шӯхрати худро бо дастгир ё маҳви ҷиноятқори аз ҳама хавфнок ва бо- нстеъдод дар Европа ба анҷом расонам, ёддоштҳои шумо па* ён ходанд ёфт.

Ҳоло кӯшиш мекунам он камтар гапи нагуфтаамро кӯтоҳа- как ва аниқ баён кунам. Ба ин тафснлотҳо мстода гузаштая ба ман кори осон нест, вале ман як ба як гуфтанн онҳоро қарзи **худ** мешуморам.

Мо 3 май ба маҳаллачаи Мейринген омада, ба меҳмонхо- наи «Англия», ки ҳамон вақт онроПетер Штзйлери калонӣ сс« 162

ҳибӣ мекард, фуромадем. Хӯҷаини мо марди зираке буда, ба аабони англисӣ бисьёр нағз ran мезад, зеро қариб се сол дар Лондон, дар мехмонхонаи «Гросвенор» хизматгор шуда- кор карда буд. 4 май, нимаи дуюми рӯз, мо аз рӯи маслиҳати вай бо нияти шабро дар дехачаи Розенлау гузаронидан, ҳардуямон 64 тамошои кӯҳ равон шудем' Соҳиби меҳмонхона махсусан тамошои шаршараи Рейхенбахро ба мо тавсия намуд, ки он тахминан дар миёни баландӣ, вале як қадар капортар воқеъ гардидааст. Ин ҳақиқатан ҷои пурдаҳшате мебошад. Сели' кӯ- ҳӣ аз барфҳои об шуда дамида ба дараи бетак сарозер мерезад ва аз йморати сӯзон дуд баромада истодагӣ барин, чарах- саҳо аз он боло меҷаҳанд. Дарае, ки сел-ба он ҷо мерезад, бо шуххои дурахшанда ва мислн ангишт сиёҳ иҳота карда шуда- аст. Дар поён дар чуқурии бетак дара танг мешавад, ба қуду- қи кафколуд, ҷӯшон мубаддал мегардад, ки якзайл лабрез шу- да» бо қуввати даҳшатанкез обро гашта ба қафо, ба кӯххои дандонадор мепартояд. Ҳаракати мутасили ҷараёни сабз, ки беист гулдуросзанон ба поён мерезад.ва ҳиҷоби ғафси мавҷзанандаи ғубори обӣ дар гирдоби пайдарпаи болоҷаҳанда — ха- маи ин одамро ба дараҷаи сарчархак мерасонад ва бо ғурроси хомӯшнашавандаи худ гӯши касро кар мекунад.

Мо дар лаби чуқурии бетак истода ба он мепигаристем, ки об дур дар поён ба сангҳои сиёҳ зада пора-пора мешуд ва ғул- ғулаи пурасрореро мешуйидем, ки аз каър меомад ва садои ғавғои дури издиҳомро ба хотир меовард.

Пайраҳае, ки мо ба он боло баромадем, нимдоира сохта шу- дааст то туристон шаршарарр дурусттар бубинанд, аммопай- раҳа ба лаби ҷарпӣ расида қатъ мегардад ва роҳгузар ноилоҷ аст, бо роҳи омадагиаш қафо гардад. Мо акнун ақиб гашта рафтанӣ будем, ки нохост писарбачаи дарбони меҳмонхонаро дидем; ӯ мактуб дар даст ба пешвози мо тохта меомад. Ба кон- верт штампи ҳамон меҳмонхонаи мо фуромадагӣ зада шуда буд. Маълум шуд, ки мактуб аз соҳиби меҳмонхона буда, ба номи ман буд. Вай навишта буд, ки пас аз якчанд дакиқаи мо баромада рафтан ба меҳмонхона зани англисе омад, ки ба ав- чи дарди сил гирифтор мебошад. Вай зимистонро дар Давос гузаронида, акнун ба назди дӯстонаш ба Люцерн равона буд, вале дар роҳ нохост аз гулӯяш хун рафт. Зоҳиран, хамагӣ як- чанд соат умраш мопда аст, вале барои вай тасаллои дил ме- буд, агар дар назди худ духтури англисро медид ва агар ман равам, дар он сурат... ва ғайра ва ғайра. Дар охири мактуб Штайлери раҳмдил илова карда буд, ки агар ба омадан розй

шавам, худаш аз ман ниҳоят минатдор мегардад, зеро зан ба мадади духтури швейцар қатъиян розӣ нест ва ӯ масъулияти азимеро ки ба зиммааш хобидааст, ҳис мекунад.

.Ман даъватро бе ҷавоб монда наметавонистам, наметаво- нистам хоҳиши ҳамватанамро, ки дар ғарибӣ ҷон медод, рад кунам. Аммо дар айни замон хавф доштам Холмсро танҳо гу- зорам. Вале мо қарор додем, ки ҷавони швейцар ба сифати роҳбалад ва ҳамсафар ҳамроҳи ӯ меистад, ман бошам баМей- ринген бармегардам. Дӯсти ман ният дошт боз каме дар наз- ди шаршара истад, баъд оҳиста-бҳиста аз болои теппахо гу- зашта ба Розенлау равад, ки бегоҳӣ мебоист ман ба наздаш расида мерафтам. Ман каме дуртар рафта гашта ба ақиб ни- гаристам: Холмс ба харсанг такья карда ва дастонашро чилик гузошта ба поён ба таки варта менигарист. Ман ҳамон вақт на- медонистам, ки дигар дидани дидори дӯстам ба ман муяссар намегардад.

Ман поин фуромада боз як баргашта ба ақиб нигоҳ кардам. Аз ин ҷо шаршара наменамуд, вале пайраҳаро дидам, ки бар- бари камари кӯҳ печу тоб хӯрда буд. Шахсе тез-тез аз ин пай- раха'қадам мемонд. Тарҳи сиёхи вай дар фони сабзи кушОд баръало намоён мешуд. Ман дидам, ки ӯ фавқулодда чустучо$_г$лок боло мебарояд: вале ман худам низ ба назди беморам ши- тоб менамудам, бинобар ҳамин ба зудӣ ӯро фаромӯш кардам.

Тахмин пас аз як соат ман ба мехмонхонаамон ба Мейрин- ген расидам. Пирамард Штайлер дар остона меистод.

— Хӯш? — тозон ба ӯ наздик шуда пурсидам ман.— Умед- ворам, аҳволи вай бадтар нашудааст?

Дар чеҳраи ӯ аломати тааҷҷуб намоён гардид, абрувонаш боло кашида шуданд. Банди дилам канда шуд.

— Пас, инро шумо нанавиштед? — аз кисаам мактубро ба- роварда пурсидам ман. — Дар меҳмонхона 'англисзани бемор нест?

— Албатта не! — фарьёд зад ӯ. — Вйле ин чӣ? Дар рӯи кон- верт штампи меҳмонхонаи ман истодааст?.. Ҳа, фаҳмидам! Шо- яд, мактубро англиси қадбаланд навишта бошад, ки дере на- гузашта пас аз рафтани шумо омад. Вай гуфт, ки...

Вале ман эзоҳоти минбаъдаи хӯҷаинро гӯш карда наисто- дам. Дар холате, ки маро дахшат фаро гирифта буд, аллакай ба кӯчай деҳ ба сӯи ҳамон пайраҳаи қӯхӣ, ки навакак фурома- да будам, метохтам.

Фаромад як соат вақтамро гирифт ва бо вучуди бо тамоми кувва давнданам, то шаршараи Рейхенвалд расидам, ки боз

ду соат вақти дигар гузашт, Альпенштоки[1] Холмс якзайл дар назди ҳамон харсанги ман мондагӣ меистод, вале худи Холмс набуд ва ман барабас ӯро чеғ мезадам. Ягона ҷавоб акси са- дое буд, ки овози маро дар байни шуҳҳои ростбаромадаи ат- рофам ҷарангосзанон такрор мекард.

, Баробари дидани альпеншток карахт шуда мондам. Пас, Холмс ба Розенлау нар~афтааст? Вай дар ҳамин ҷо, дар ҳамин пайраҳаи васеиаш се фут, ки аз як тараф бо деворӣ рост баро- мада иҳота карда шуда ва аз тарафи дигар бо ҷарии ростфуро- мада тамом мешуд, истода буд. Ва душман таъқиб карда дар х,амин ҷо ба ӯ расида аст. Ҷавони швейцар ҳам набуд. Зохи- ран, Мориарти ҷавонро бо пул харида буд ва ӯ рақибонро ду ба ду гузошта рафта буд. Баъд чи воқеа рӯй додааст? Кӣ гуф- та метавонист, ки баъд чи ҳодиса рӯйлодааст?

Даҳшат маро занҷирбанд карда, тахмин ду дақиқа беҳара- кат истодам ва ба худ омада наметавонистам. Баъд усули ху- ди Холмсро ба хотир оварда, зӯр зада онро ба кор бурданӣ шудам, то фоҷиаи рӯй додаро ба худ шарҳ диҳам. Дареғо, ин кори душвор буд! Вақти гуфтугӯ ману Холмс то интиҳоя пайраҳа нарасида будем ва альпеншток хамон чои мо истода- гиро нишон медод. Замини сиёҳчаи ин ҷо аз чарахсаи доимии сел ҳеҷ гоҳ хушк намешавад, аз ин рӯ парранда ба ин ҷо по гузорад ҳам, нақши пояш мемонад. Ду қатор изи по дар охи- ри пайраҳа баръало нақш баста монда буданд. Онҳо аз назди ман ба дигар тараф мерафтанд. Изи пой гашта наомада буд. Як- чанд қадам то интиҳои пайраҳа замин тамоман поймол ва кан- дагӣ буд, алафи кӯманикаю папоротник, ки қад-кади ҷарӣ рӯи- да буд, бехкан ва пур аз чарахсаи лой буд. Ман рӯйнокӣ хо- бида, ба суръати ҷараён бо диққат . нигаристам. Ҳаво торик шуд ва акнун ман фақат деворҳои сангии сиёҳ ва дур дар ким- куҷо дар каър ҷилои чарахсаҳои бешумори обиро медидам. Ман фарьёд задам, вале фақат ҳамон ғулғулаи шаршара, ки ким-чи хел ба овозХои одамон монанд буд, ба гӯшам расид.

Вале бо ҳукми тақдир, саломи охирини дӯст ва рафиқам ба ҳар ҳол ба ман расид. Чи тавре ки аллакай гуфтам, альпен- штоки вай ба харсанги начандон калон такья кунонда, бар бо- лои пайраҳа хам шуда буд. Ва нохост дар баландии ин дӯнгӣ ким-чӣ, ҷило дод. Ман даст дароз карда дидам, ки он портси- гари нуқрагини Холмс буд. Вақте ки онро гирифтам, якчанд варақпораи дар такаш хобидагӣ парешон шуда ба замин аф-

[1] *Альпеншток* — **асои дарози нӯгаш оҳак бароа кӯҳгардӣ.**

тид. Ман онхоро бардоштам. Онҳо се коғазчаи аз блокнот кан- да шудагие буда, барои ман навишта шуда буданд. Ҳаминаш ғалатӣ, ки адрес хамчунон хоно, хат ҳамчунон бурро ва дил- пурона навишта шуда буд, чуноне ки агар Холмс дар кабине- таш нишаста менавишт.

<Азизам Уотсон, — гуфта шуда буд дар мактубча. — Ман ба туфайли лутфу марҳамати мистер Мориарти, ки барои ҳалӣ охирини масъалаҳои ба ҳардуи мо дахлдор маро мӯнтазир аст, ин сатрҳоро навишта истодаам. Вай усулҳоеро, ки ба воситаи онҳо аз чанголи полицияи англис гурехта халос шуда ва роҳи сафари моро дониста гирифта аст, ба таври сатҳӣ ба ман накл карда дод. Ин усулҳо фақат фикри олии маро дар бораи қоби- лиятҳои барҷастаи вай тасдиқ менамоянд. Фикр кардан ба ман гуворост, ки ман ҷамъиятро аз ноҳинҷориҳои минбаъдаи бо мавҷудияти вай вобаста, *наҷот дода метавонам, вале метар- сам, ин бо қимате ба даст меояд, ки он дӯстони ман ва хусу- сан Шуморо, Уотсони азиз, хафа мекунад. Зимнан, аллакай ба Шумо гуфтам, ки роҳи зиндагии ман ба куллаи баланди худ расид ва ман барои худ оқибати некро орзу карда наметаво- вистам. Дар омади ган, агар рӯйрост гӯям, заррае шубҳа на- доштам, ки мактуби аз Мейринген овардашуда — доми най- ранг мебошад ва ба шумо рухсат дода, боварии комил дош- там, ки монанд ба ҳамин воқеае рӯй медиҳад. Ба инспёктор Петерсон гӯед, ки коғазҳои зарурии дастаро ошкор мекардагӣ дар ғаладони мизи ман дар зери литераи «М» — конверти ка- буде хобйда, дар рӯяш «Мориарти» навишта шудааст. Пеш аз Англия баромада омаданам доир ба чизу чораам ҳама супо- ришҳои зарурирро додам ва дар хонаи додарам Майкрофт мон- дам. Хохишмандам саломи гарму ҷӯшони маро ба миссвс Уот- сон расонед.

Дуогӯи шумо

Шерлок Холмс».

Боқи ҳамаашро бо ду сухан ҳикоя кардан мумкин. Аз та- рафя экспертҳо тафтиш гузаронидани ҷои воқеа ба ин хеҷ шак- ку шубха нагузошт, ки задухӯрд дар байни рақибон тарзе ан- ҷом ёфтааст, ки дар чунин вазъият ҳатман ҳамин тавр мебоист анҷом ёбад: зохиран, онҳо оғӯшкашии маргборашонро накушо- да, ҳамроҳ ба ҷарии бетак афтида рафтаанд. Саъю кӯшиш барои кофтани ҷасадҳо дарҳол чоранопазир шумурда шуд ва дар он ҷо,

дар чуқурии ин деги пурдаҳшати обаш ҷӯшон бо кафки шӯран- да, ҷасади чинояткори хавфноктарин ва моҳиртарин ҳомии адо- лат дар замонаш абадӣ мондан гирифт. Писарбачаи швейцар ёфт нашуд — зоҳиран, ин яке аз гумоштахои бешумори Мориарти буд, ки вай дар ихтиёри худ дошт. Аз ваҷҳи даста бошад, зоҳиран, ҳама дар Лондон дар хотир доранд ки бо чи гуна далелхои бешу- мори Холмс ҷамъ кардагӣ тамоми ташкилотро ошкор карданд ва маълум намуданд, ки марҳум Мориарти — сардор.ва илҳомбах- ши он дастаро чигуна дар шиканҷай оҳанин нигоҳ медоштааст. Ҳангоми мурофиаи суд шахсияти ин одами пурдаҳшат қариб равшан нашуда монд ва агар дар ин ҷо кушодани тамоми ҳаки- қат дар бораи фаъолияти ҷиноятқоронаи вай ба ман зарур шу- да монда бошад, боиси ин хамон ҳимоякунандагони беинсоф гар- диданд, ки онҳо хотираи ӯро сафед ка'рданӣ шуда, ба ҳамон кас дарафтоданд, ки ман ӯро ҳамеша аз хама одамони ба ман маълум наҷибтар ва оқилтар мешуморам.

ХОНАИ ХОЛИ

Баҳори соли 1894 тамоми Лондон аз .куш-та шудани графи ҷавон Ғональд Адэр, ки дар вазъияти ниҳоят ғайри муқаррарӣ ва асрор-ангез рӯй дода буд, бағоят ба мароқ омада ва аҳли ашрофдар ҳайрат монда буд. Дар вакташ оммаи мардум бо ҷузъиёти ало-ҳидаи ин ҷиноят, ки дар рафти тахқиққунии пешакии полиция маълум гардида'буд, шинос шуда буданд, вале кор ба андозае ҷиддӣ буд, ки қисми зиёди тафсилотро пинҳон кардан дуруст омад. Ва хозир, қариб пас аз дах сол ба ман имконият муҳайё гардидааст, ки дар ин силсилаи ғалатии далелҳо аҷзои наме-расидагиро пурра гардонам. Ҷиноят худ аз худ диққати касро ҷалб менамуд, вале оқибати ақлнораси он барои ман ҳазор бор мухимтар буд. Назар ба ҳама он воқеаҳое, ки ман дар хаётам аз сар гузаронида будам, он бештар маро дар ҳайрат монда, таъсири сахт бахшид, аммо ин воқеа бошад бе ин ҳам пур аз моҷаро буд. Ҳатто ҳозир, пас аз солхоизиёд, ман ин воқеаро ба хотир оварда, ба вохвма меафтам ва аз нав шубҳа, тааҷҷуб ва хурсандие ҳис менамоям, ки ҳамон вақт бар ман ғолибома-

да, калои мари саршор гардонида буданд. Бигузор он хонанда- гоне, ки дар очеркҳои ман, доир ба фаъолият ва фикру анде- шаи одами бехтарин қадре шавқу завқ зоҳир кардаанд, маро бубахшанд, ки дарҳол кашфиёти худро ба онҳо нақл накар- дам. Агар кадағани қатъӣ нахмебуд, ки он аз тарафи худи хамон шахси ба наздикӣ, рӯзи сеюми моҳи гузашта он қадағанро бе- кор кардагӣ алоқаманд намебудам, қарзи аввалини худ медонис- там, ки тамоми ин воқёаро ба онҳо хабар диҳам.

Комилан фахмост, ки аз вақти бо Шерлок Холмс дӯсти қа- рин буданам ман ба харгуна корҳои ҷиноятӣ шавку завки ка- лон зоҳир менамудам, вале пас аз он ки вай беному нишон ғо- иб гардид, дар газетахо хисоботи хамагуна ҷиноятҳои кушо- да нашударо махсусан бодиққат аз назар мегузаронам. Ҳатто борхо воқеъ шудааст, ки ман барои дилхушии худ, агарчи он- чунон бомуваффакият набошад ҳам, кӯшиш менамудам усул- хои дӯстам ба кор мебурдагиро истифода карда ба онҳо сар- фахм равам. .

ВаЛе аз ин ҷнноятҳо ҳеҷ кадомаш мисли ҳалокати фоҷиавии Рональд Адэр маро то ин дараҷа ба ҳаяҷон наоварда буд. Ма- териалҳои тафтишро хонда баромадам; дар онҳо фақат мукар- рар карда шуда буд, ки «пешакӣ қасд карда, аз тарафи як і якчанд каси номаълум кушта шудааст», ва ман аз ҳарвақтж дида чукуртар фахмидам, ки чамъияти мо дар шахси Шерлов Холмс чи гуна талафоти калон дод. Дар ин воқеаи аҷиб ҷиха- те ва ҳолате вуҷуд дошт, ки бешубҳа дйққати махсуси ӯро **ба** худ ҷалб мекард ва амалиёти полиция, ба туфайли ақлу ҳушн зирак ва мушоҳидакорӣ аз ҳама беҳтарин пайгирҳои Европа илова мегардид ё бехтараш пешакӣ огоҳ карда мешуд.

Тамоми рӯз хона ба хонаи беморонам гашта, фикран боз ба сари вокеаи бо Адэр рӯй додагӣ бармегаштам, вале ягон эзо- ҳе намеёфтам ки бароям каноатбахш намояд. Ман ҳама да- лелҳои аллакай ба ҳама маълум будагиро пас аз Тамом шуда- ни истинтоқ даф хамон шакле, ки ба^мардум хабар дода шуда бу- данд, ба ҳар ҳол таваккалан такрор карданиам.

Сэр Рональд Адэр писари дуюми граф Мэйнус, губернато- ри яке аз мустамликаҳои мо дар Австралия буд. Модари Адэр аз Австралия ба Англия омада буд, ки дар ин ҷо мебоист чаш- машро ҷарроҳӣ намуда, катаракташро бурида мепартофтанд ва ӯ хамроҳи писараш Рональд ва духтараш Хилда дар Парк- лэйн, дар хонаи №427 зиндагӣ мекард. Ҷавон бо одамони одамшаванда щишту хез мекард, аз афташ, ҳеч гуна душман ва хеҷ гуна иллати махсусе надошт, Як вақтҳо вай бо миссис

Эдит Вудли, аз Карстерс фотиҳа шуда, аммо якчанд мох пеш аз воқеаҳои тасвир карда келину домод қарор доданд, ки аз хам ҷудо шаванд ва аз рафторашон дида мешуд, ки қалби ҳеч кадомашон санг нахӯрда аст. Умуман ҳаётн ҷавон дар доираи танги оила ва ашрофон мегузашт, хулқу атвораш мулоим, аммо завқу одати боқаноат дошт. Инак ҳамин асилзодаи ҷавони бе- парворо марги аз ҳама аҷиб, аз ҳама ногаҳонӣ ба хок супурд. Ин воқеа бегохии 30 марти соли 1894, соатн ёздаҳудаҳ, ёзда- **ху** бист дақика рӯй дод.

Рональд Адэр қартабоз буда, доим бозӣ мекард, аммо ҳеҷ гоҳ аз доираи фарзопагӣ берун намебаромад. Вай аъзои се клуб — Больдвин, Қэвендаш ва Багатель буд. Муайян карда шу- да буд, ки Рональд рӯзи мурданаш, баъди пешин дар клуби Багатель як даст бозии вист кардааст. Вай инчунин то пешин дар он ҷо бозӣ мекардааст. Ҳамбозони вай — мистер Меррей, сэр Ҷон Харди ва полковник Моран шаҳодат доданд, ки махз вист бозӣ мекарданд ва бозй қариб дуранг шуд. Адэр зиёд не, ягон панҷ фунт 0ой дод. Пулаш анча буд ва чунин бойдиҳй деч боиси ранҷуриаш намешуд. Ӯ қариб ҳар рӯз бозӣ мекард **ва** одатан бозиро мебурд. Аз гувоҳии шоҳидон инчунин маъ- лум гардид, ки якуним моҳ пеш аз марг Адэр ҳамроҳи полков- внк Моран бозй карда будааст ва дар давоми як бегох чорса- **ду** бист фунти Годфри Милнер ва лорд Бэлморанро бурдааст. Ана ҳама он чи ки доир ба ҳафтаҳои охири умри вай маълум гардид.

•

Ҳамон^бегохи машъум вай аз клуб рйсо. соати даҳи шаб бармегардад. Модару хоҳараш дар хона набуда, ба меҳмонӣ рафта буданд. Духтархона дар вақти мурофиаи суд савганд ёд карда гуфтааст, ки чи тавр ба ҳуҷраи худаш даромадани ӯро шунидааст. Ин ҳуҷра дар ошьёни дуюм воқеъ гардида, тире- заҳояш ба тарафи кӯча кушода мешаванд, хам хонаи меҳмон- қабулкунии вай буд. Духтархона пеш аз омадани графи ҷавон ба камин алав карда будааст ва азбаски он дуд^мекардааст, тя- резаро кушодааск То соати ёздаҳу бист дакиқа аз ҳуҷра ягон садо баланд нагардидааст; дар ҳамин вақт леди Мейнус ва дух- тараш ба хона баргаштаанд. Леди Мейнус хостааст ба ҳуҷраи писараш даромада, ба вай хоби хуш орзу кунад, вале дари вай аз дарун қулф будааст ва бо вуҷуди фарьёд ва тақ-тақи бисьёр ҳеҷ кас чавоб надодааст. Он гоҳ ҳамаро ба по хезондааст ва дарро шйкастаанд. Ҷавони бечора дар рӯи хона дар назди миз мехоби- дааст. Бо тири таппонча маҷақи сарашро бароварда буданд, -вмио дар хона ҳеҷ гуна аслиҳа ёфт нашудааст. Дар рӯи миз

ду пули коғазии даҳ фунт ва ҳабдаҳ фунту даҳ шиллинги тан- гаи нукра ва тилло мехобидааст, ба замми ин тангаҳо туб-тӯб пасту балднд чида шуда будаанд. Дар назди онҳо варақи ко- ғазе мехобидааст, ки дар он рақамҳо ва дар рӯ ба рӯи онҳо номи якчанд ҷӯраи ҳамклуби Адэр навишта шуда будааст. **Аз** ин хулоса баровардан мумкин, ки чавон пеш аз марг бурду бохташро дар қарта ҳисоб мекардаст.

Пас аз тафтиши бодиққати тамоми вазъият масъала боз ҳам пурасрортар мегардад. Пеш аз хама маълум набуд, кӣ чаро ҷавон дарро аз дарун кулф кардааст. Дуруст аст, дарро қотил ҳам қулф карда, баъд аз тиреза ҷаҳида фуромада метавонист, вале тиреза камаш бист фут аз замин баланд ва палчаи крокус- ҳои шукуфтаи зери тиреза тамоман безарар буда, ҳатто ягон гул поймол нашуда будааст. Инчунин дар рахи борики чимтол, ки хонаро аз роҳ ҷудо мекардааст, хеҷ гуна осор намонда бу- дааст. Ба ҳамин тариқ, зоҳиран, дарро худи Рональд Адэр кулф карда будааст. Вале марг чӣ тавр домангираш шудааст? Охир хеҷ кас осор нагузошта ба тиреза баромада наметавонист. Агар тахмин кунем, ки қотил аз тиреза тир холӣ кардааст, дар он сурат, аз афташ ӯ тирандози моҳир будааст, зеро дар чунин масофа бо тири таппонча одамро зада ҷо ба чо куштан корн душворест. Ғайр аз ин Парк-лэйн — кӯчаи серодам аст ва ягон сад ярд аз бинои хона истгоҳи кэбҳо воқеъ гардидааст. Вале садои тирро ҳеҷ кас нашунидааст. Дар зимни он мақтул ҳам аён буду тири таппонча ҳам, ки майнаро сӯрох карда гузашта, аз рӯи ҷароҳат боиси марги фаврӣ гардидааст.

Чунин буд вазъияти куштори пурасрор дар Парк-лэйн, куш- торе ки аз сабаби комилан иабудани ягон хел далели маълум боз бештар асрорангез мегардид: охир, чи тавре ки ман алла- кай гуфтам, Адэри ҷавон гӯё ҳеҷ гуна душман надоштааст, ва ба пулу чизхой қиматбаҳои хона бошад, даст нарасондаанд.

Ман рӯзи дароз хамаи ин далелҳоро фикран як-як таку рӯ намуда, кӯшиш кардам ягон назарияеро ба онхо мутобиқ гар- донам, ки$_{л}$ онҳоро байни худ созиш дихад ва «нуқтаи муқоби- лати осонтарин»-ро пайдо кунам, ки дӯсти бечораи ман онро нуқтаи саршавии ҳаргуна тадқиқот мешумурд. Иқрор шуданам лозим, ки ин ба ман муяссар нагардид. Бегоҳӣ ман дар боғ майда-майда қадам зада меғаштам ва соат тахмин наздики шаш нохост ба хамгашти Парк-лэйн ва Оксфорд-стрит расидам. Дар он ҷо дар пайраҳа як тӯда ҳангоматалаб ҷамъ омада, ба як тиреза менигаристанд ва ман фаҳмидам, ки ин хамон хонаи ман барои диданаш омадагӣ аст, Шахси қадбаланди қоқина-

андоме айнаки сиёҳ дар чашм, ба фикрам хуфиян тағьири са- ру либос кардае, кадом як назарияро дар хусуси ҳодисаи щу- дагӣ вусъат медод, боқимондагон ӯро зич иҳота карда гӯш ме- андохтанд. Ман тиққа карда пештар рафтам, вале муҳокима- рониҳои вай ба назарам ба андозае бесару нӯг намуданд, ки бо ҳисси ба нафрат наздик гашта рафтанӣ шудам. Дар айни ҳол та*содуфан кадом як пиракии қоматхамидаеро, ки дар па- сам меистод, нохост тела додам ва ӯ якчанд китоби дар баға- лаш бударо афтонд. Ман ба вай ёрдам карда, онҳоро бардош- танӣ шудам ва дар айни ҳол сарлавҳан яке аз китобҳоро дш Лам: «Пайдоиши парастиши дарахтон» ва аз фикр гузарони- дам, ки аз афташ,' ин ягон библиофил[1] мебошад ва ё аз рӯи меҳрӯ муҳаббат ба санъат кито.бҳои камьёфтро ҷамъ мекуяад. Ман аз ӯ узр хостанӣ будам, вале шбяд, ин китобҳо, ки аз ман кӯтоҳие гузашту нисбат ба онҳо беҳурматй кардам, ба соҳиба- шон хеле қиматбаҳо буданд, зеро вай хашмгинона ким-чи гуф- та ғур-ғур кард ва бо нафрат ақиб гашта, ба зудй қомати ха- мида ва бакенбардҳои сафедаш дар байни издихом ғоиб гарди- данд. •

Дар Парк-лэйн ба бинои хонаи №427 назорат карданам дар ҳали муаммои маро ба худ ҷалб кардагй ба ман кам ёр- дам намуд. Деворчаи пасти панҷарадор хонаро аз кӯча чудо мекард; панҷара панҷ фут қам баландй надошт. Пас, ҳар кас мё- тавонист бо осонй ба боғ дарояд. Вале тиреза хеле баланд буд, дар назди он на қубури обпарто буд, на ягон дӯнгӣ; аз ин рӯ ҳатто моҳиртарин гимнаст ҳам ба девор баромада наметавопист.

Ман беш аз пеш дар ҳайрат монда, гашта ба Қенсингтон равон шудам ва ба хона расидам. Вале дар кабинетам панҷ да- қиқа хам нанӣшаста духтархона арз кард, ки маро кадом як одам дидан мехоҳад. Ҳайратангезона, ӯ ҳамон пирамард — библиофили аҷиб буд. Рӯи борики сероҷинги вай аз доираи мӯи сафед базӯр менамуд, ӯ дар зери бағал камаш даҳ-дувоз-. даҳ китоби қиматбаХо йошт.

— Сэр, албатта, шумо аз омадани ман дар ҳайрат ҳастед? — пурсид ӯ бо овози аҷиби ғурунгосӣ.

Ман ин тахмини ӯро тасдиқ кардам.

— Сэр, медонед, ман одами. боназокатам. Ман бо ҳамон роҳи шумо омадагӣ аз қафо оҳвста-охиста меомадам ва нохост дидам, ки шумо ба хамин хона даромадед ва дар дил қарор додам ба назди чуния ҷаяоби боилтифот даромада, аз ӯ узр

[1] *Библиофил (юнонӣ)* — **дӯстдори китоб, 172**

лурсам. Сэр, агарчи ба шумо андаке дағалӣ карда бошам ҳам, роети ran, намехостам шуморо ранҷонам ва барои китобҳои маро аз замин бардоштанатон хеле минатпазирам.

— Ин майда-чуйдаҳо кирои ran намекунанд,— гуфтам ман. — Иҷозат диҳед пурсам, аз куҷо донистаед, ки ман кистам?

— Сэр, ҷуръат намуда гуфтаниам, ки ман ҳамсояи шумо- ям. Дӯкончаи хурдакаки китобфурӯшии ман дар хамгашти Черч-стрит ҷой гирифтааст ва ман хушбахт мебудам, агар ягон вақт шумо ба дӯкони ман медаромадед. Сэр, шояд шумо **хам** китоб ҷамъ кунед? Ана «Паррандагони Брцтания», «Катулл», «Ҷанги муқаддас». Сэр, харед. Арзон медиҳам. Панҷ ҷилд ха- -мон ҷои холии рафи дуюми ҷевони китобмонии шуморо пурра мекунад, зеро намудащ ким-чи хел номураттаб, ҳамту не, сэр?

Ман ба ақиб баргаштам, ки ба рафи китобмонӣ нигоҳ ку- йам, аммо вақте ки аз нав рӯямро гардонидям, дар назди **ми-** зи кории ман Шерлок Холмс истода, ба ман табассум мекард. Ман як кад паридам ва дар ҳолати тааҷҷуби гунгона якчанд сония ба ӯ нигаристам, аммо баъд, эҳтимол,. аз ҳуш рафтам — ин дар ҳаёти ман бори аввал ва, умедворам, бори охир рӯй ■медод. Фақат дар хотир дорам, ки ким-чи гуна тумани хокис- тарранг дар пеши чашмонам чарх зад ва х^нгоме ки он паро« 'канда гардид, гир^бонамро кушода дидам ва дар лабонам таъ- ми коньякро хис кардам. Холмс обдон дар даст, бар болои кур- сии ман хам шуда меистод.

— Азизам Уотсон, — гуфт овози ба ман нағз шинос,— **ҳа-** зор бор узр мехоҳам. Ман ҳеҷ гумон накарда будам, ки ин **ба** Шумо чунин таъсир мекунад. .

Ман аз дасти ӯ доштам.

— Холмс! — фарьёд задам ман. — Ин шумоед? Наход шу» мо дар ҳақиқат зинда бошед? Наход шумо аз он ҷарии бетаг баромада тавониста бошед?

— Як лаҳза сабр кунед, — ҷавоб дод вай. — Оё шумо мадо- ре доред, ки доир ба ин масъалаҳо гуфтугӯ кунед? Нохост пайдо шудани ман шуморо бағоят ба ҳаяҷон овард. 4

— Аҳволам хуб шуд, аммо, рости ran, Холмс, ман ба чаш- ми худ бовар намекунам. Худои раҳим! Наход ин шумо, дигар кас нею шумо бошед, ки дар кабинети ман истодаед?

Ман боз аз. остини ӯ доштам ва.дасти нозуку серрагу паи ӯро ба даст гйрифтам.

— Не, бешубҳа, шумо рӯҳ нестед, — гуфтам ман. — Дӯсти азизам, шумор.о дида хурсандиам ҳадду канор надорад! Ши- неду нақл кунед, чи хел карда аз он қаъри бетаг наҷот ёфтед.

Холмс дар рӯ ба рӯи ман нишаст ва бо ишораи бепарвоё- **наи** ба ман шинос папирос даргиронд. Вай дар тан сюртуки нимдошти фурушандаи китобҳои кӯҳнаро дошт, вале дигар ҳа- ма асбобу анҷойи ин маскарад — як тӯб мӯи сафед ва бастаи китобҳои кӯҳна — дар рӯи миз мехобидакд. Ба назар чунин менамуд, ки вай боз зиёдтар хароб ва нигоҳаш боз хам бодиқ- қаттар шудааст; камрангии мурдамонанди рӯи борики вай бо бинии уқобӣ аз он шаҳодат медоданд, ки вақтҳои охир зисту зиндагии вай, барои саяоматии ӯ чандон нафъовар набуд.

— Уотсон, қад ёзондан чи тавр гуворост!—гуфт вай. —« Расо як фут қадро паст карда, дар чунин ҳолат якчанд соат истодан барои одами қоматбаланд чандон кори осон не. Валв акнун, дӯсти азизам, дар хусуси чйзҳои чиддӣ гап мезансм... Гап дар сари он ки ман мехоҳам аз шумо ёрӣ пурсам ва агар розӣ бошед, имшаб кори вазнин ва хатарноке моро дар пет истодааст. Нақли саргузашти маро то дақиқаҳои анҷом дода- нн он кор мавқуф гузорем-чӣ?

•— Вале, Холмс, ман дар оташи кунҷковӣ сӯхта хокистар мешавам ва ҳозир шунидани нақлк шуморо афзалтар медонам.

— Розӣ ҳастед, ки имшаб ҳамроҳи май равед?

— Кадом вақт ва куҷо ки шумо хохед.

— Худи он айёми хуши дерин барин. Вокеаи, ҳоло то баро- **мада** рафтан андак таом хӯрда метавонем... Хуш, акнун дар бораи ҳамон чуқурии бетаги гуфтагиатон. Аз он баромадаии ман, бо ҳамон сабабе, ки ман хеҷ гоҳ дар он набудам, чандон мушкилӣ надошт.

— Дар он чуқурӣ набудед?!

— Не, Уотсон, набудам. Вале руқъаи ман ба шумо навиш- тагӣ комилан самимона буд. Вақте ки андомн шуми профессор Мориартии марҳум нохост дар пайраҳа намоён гардида, ягона роҳи наҷоти маро баст, боварӣ хосил намудам, ки рӯзу соати маргам расид. Дар чашмони хокистаррангаш қарори берахмо- наро хондам. Мо байни худ якчанд сухан раду бадал кардем ва ӯ аз рӯи лутфу мархамат ба ман иҷозат дод руқъачаи хур- дакрке ^ависам, ки оқибат шумо гирифтед. Ман онро ҳамроҳи портсигар ва альпенштокам гузоштам ва» ба пайраҳа пеш рафтам. Мориарти соя барин аз пасам меомад. Ман ба охири пай- раҳа расида, истодам — дигар роҳи пешравӣ набуд. Вай ҳеҷ гуна яроқ набароварД, вале ба сӯям хамла намуд ва бо дасто- ви дарозаш маро ба оғӯш гирнфт. Вай медонист, ки масъала- аш ҳал шудааст ва фақат як чиз — аз ман қасос гирнфтан ме- Хост. М.о дар канори чарӣ мекалавидем ва ҳамдигарро сар **на-**

медодем. Вале ман бо усулҳои гӯштини японӣ — «баритсу>, кя чандин бор ба ман нағз ёрй расонда буданд, каме баланд дас- там. Ман тоб хӯрда худро аз оғӯши ӯ раҳо кардам. Вай фарь- еди дахшатноке кашид ва мисли девонагон алвонҷ хӯрда, ха- воро доштанӣ мешуд. Вале бо вуҷуди дамагуна саъю кӯшиш ӯ баробарвазниро нигоҳ дошта натавониста ба қаър афтад. Ман ба болои ҷарӣ хам шуда, то хеле вакт нигоҳ карда исто- дам, ки чи тавр ба партгоҳ парида меравад. Бгъд вай ба қн- раи харсанг зада, ба об ғарқ шуд.

Ман бо тамоми ҳаяҷон ба нақли Холмс гӯш мекардам. Вай ran зада оромсгна аз даҳон дуд мебаровард.

— Изи пой чй?— фарьёд задам ман.— Ман нақши ду ҷуфт пойро, ки бо пайраҳа поин мефуромад, бо чашмн худ дидам ва дигар ҳеҷ гуна из ба самти муқобил намерафт.

— Ин дамин тавр шу.д. Ҳамон ладзае, ки профессор дар қаъри чуқурии бетаг ғоиб гардид, нохост фаҳмвдам, ки сарна- вишт чи гуна барори фавқулодда ба ман мефиристад. Морн- арти на ягона касе буд, ки марги маро мехост: Ман инро мз- доннстам. Аз шариконаш боз тахмин се нафар монда буд; ха- локати сардор дар дили онҳо фақат оташи интиқом бармеаф- рӯхт. Ҳамаи онҳо одамони бағоят хатарноке буданд. Ягон ха- си онҳо дар ояндаи наздик ҳатман маро ба ҳалокат мерасонид. Агар онҳо фикр кунанд, ки ман аллакай мурдаам, басе ошко- ронатар амал мена-моянд, худро осонтар ошкор месозанд ва дер ё зуд ман онҳоро несту нобуд карда метавонам. Дар он сурат ман зннда буданамро маълум мекунам! Мияи од&м тез кор ме- кунад: профессор Мориарти ба қаъри шаршараи Рейхенбах нарасида, ман ин нақшаро фикр карда баромадам.

,Ман аз чой хеста девори шухеро, ки дар қафои ман қад рост карда буд, аз назар гузаронидам. Доир ба ҳалокати фо- чиавии ман да-р дисоботи серобуранги шумо, ки якчанд моҳ баъди он бо шавқу завқ хонда баромадам, шумо тасдиқ меку- вед, ки гӯё девор рост фуромадагй ва ҳамвор буд. Чандон ин тавр нё. Дар рӯи шух якчанд қираи хурдакак ҳаст, ба ондо пой мондан мумкин ва ғайр аз ин, аз рӯи- баъзе аломатҳо ман фаҳмидам* ки каме болотар дар он хамчае ҳаст... Деворан шух чувдн баланд, ки ба он часлнда боло баромадан тамоман мум- хин нест ва инчунин бо пайраҳаи нам гуэашта рафта накши пой нагузоштан ғайри имкон буд. Дуруст аст, ман метавонис- там мӯзаро пасопеш пӯшам ва дар чунин холатхо борҳо ин корро карда будам, вале се ҷуфт йақши иой, ки ба як самт

мерафтанд, хатман ба фикри фиреби барқасдрна оварданаш мумкин буд.

Бинобар хамин, нағзаш таваккал карда боло баромадан ло- зим буд. Уотсон, маълум шуд, ки ин чандон кори осон набуда- аст. Шаршара дар зери пои ман наъра мезад. Ман тасаввури пурҷӯшу хурӯш надорам, вале қасам ба дидоратон, ба назарам^ чунин намуд, ки аз чуқурии бетак овози Мориарти ба гӯшам расид. Агар саҳл иштибоҳ мекардам, оқибаташ фалокатовар шуданаш мумкин буд. Чанд маротиба, вақте ки бандчаи алаф канда дар дастам монд ё поям аз камари тари шух лағжид, фикр кардам, ки ҳамааш тамом шуд. Вале ман якзайл хазида боло мебаромадам ва оқибат ба дараи танге расидам, қи анча чуқур ва онро ушнаи мулоими сабз пӯшида буд. Дар^ин ҷо ма- ро ҳеч кас. дида наметавонист, бинобар хамин дароз кашида дам гирифта метавонистам. Ва дар сурате, ки шумо Уотсони азиз, ва ҳама касони шумо овардагӣ басе риққатоварона, ва- ле бенатиҷа зӯр зада манзараи ҳалокати маро барқарор кар- данӣ мешуданд, дар ҳамон.ҷо мехобидам.

Оқибат доир ба воқеаи рӯй дода хулосаҳои ногузир, вале ба ҳар ҳол тамоман хато бароварда, гашта ба меҳмонхона раф- тед ва ман танҳо мондам. Ман хаёл мекардам, ки мочарои ман поён ёфт, вале як воқеаи басе ногаҳонӣ нишон дод, ки моро боз ҳодисадои ногаҳонии бисьёре дар пеш аст. Як порчаи ка- лони шух виззосзанон аз боло парида аз паҳлӯи ман гузашт, ба пайраҳа зад ва ғелида 0а ҷарии бетағ рафт. Лаҳзаи _аввал ман инро тасодуфи муқаррарӣ пиндоштам, вале ба боло нигариста, дар фони осмони хира шудаистода каллаи мардеро дидам ва қариб ҳамон лаҳза санги дигаре ба лабй ҳамон да- рае, ки ман хобида будам, якчанд дюм аз сари ман 'дуртар аф- тид. Вазъият ба ман равшан гардид. Мориарти танҳо набуд. Шарики вай — нигаристан ҳамон, чи гуна хавфнок будани ша- рикашро дидам — вақти профессор ба ман дарафтидан дар пос- бонӣ ллеистодааст. Вай аз дур, ба чашми ман ноаён, шоҳиди марги дӯсташ ва наҷот ёфтани душмани умумии онҳо мегар- дад. Вай чанд гоҳ мунтазир шуда, шухро давр зада, аз тарафи дигар ба нӯги он баромад ва акнун мехост кореро анҷом ди- хад, ки карданащ ба Морйарти муяссар нагардида буд.

Уотсон, ман дар ин масъала бисьёр фикр накардам. Ман сар бароварда, аз нав дар болои шух чеҳраи бадхашми он шахс- ро дида, фаҳмидам ки ин қосиди санги нав мебошад. Он гоҳ ман поин, ба назди пайраҳа хазидам. Намедонам, дар ҳрлати хун- сардй ман ин корро мекардам ё не, Фуромадан назар ба баро-

мадан хазор бор^мушкилтар буд. Вале вақти фикр карда нишас- тан набуд — ҳангоме ки ман аз лаби дара дошта овезон шуда меистодам, санги сеюм виззосзанон аз наздам парида гузашт. Дар нисфи роҳ ман лағжидам, вале ба ҳар ҳол мўъҷизае шуду худро дар пайраҳа дидам. Дар ҳолате ки аъзои баданам харо- шида хуншор шуда буд, бо суръати.тамом тохтам, дар торикӣ аз байни кӯҳҳо даҳ миль пеш рафтам, пас аз як ҳафтааш ба Фло- ренция расидам ва боварии калон доштам, ки дар ин дуньё хеҷ кас аз қисмати ман чизе намедонад.

Ман аз асрори худ фақат як кас — бародарам Майкрофтро огоҳ кардам. Азизам Уотсон, ҳазор бор узр мехоҳам, аммо ба- рои ман аз ҳама зарураш ҳамин буд, ки маро мурда пиндо- ранд, шумо бошед ба дурустии ин худатон боварӣ надолтед. Дар бораи ҳалокати пурфоҷиаи ман ҳеҷ гоҳ чунин ахбороти боварибахш навишта наметавонистед. Дар муддати ин се сол ман якчанд маротиба ба шумо мактуб навиштанӣ шудам — ва ҳар дафъа худдорӣ намуда, метарсидам, ки мабодо дилбаста- гии ба ман доштаатон шуморо маҷбур насозад, ки ягон кӯто- Хй кунед ва он сирри маро ошкор созед. Ин бегоҳ вақте ки ки- тобҳои маро афтонидед, барои ҳамин аз шумо рӯй гардонидам: ман ҳамонлаҳзаи худамро хеле дар хатар мемондам ва агар шумо аз тааҷҷуб ё аз хурсандӣ фарьёд мезадед, як кас-нйм кас ба ман зеҳн монданаш мумкин буд, ин бошад ба оқибати хузнангез ва ҳатто ислоҳнашаванда бурда мерасонд. Ман но- илоҷ бояд худамро ба Майкрофт маълум мекардам, зеро ба ман пул лозим буд. Дар Лондон назар ба чашмдошти ман кор« ҳ-о чаидон хуб не — бад буданд. Баъд азсуди дастаи Мориар- ти ду.роҳзанӣ аз ҳама хавфноктарин, ки ба ин даста дохил ме- шуданд, дар озодӣ монданд,— ҳардуи онҳо ҳам душмани қа- толи^мдн буданд. Бинобар ҳамин ман ду сол сар то сари Ти- бетрсГ саёҳат карда, аз рӯи кунҷковӣ ба Лхасса рафта, якчанд рӯз дар хузури далайлама будам. Шумо, шояд доир ба тадки- қотҳои овозадори Сигерсони норвегиягӣ хонда бошед, аммо бу- даги гап, ба гӯшаи хотиратон ҳам наомадааст, ки ин муждае аз дӯсти шумо буд. Баъд ман аз Эрон гузашта, ба Макка рафтам ва дар Хартум ба дидани дидори халифа мушарраф гар- дидам... Ҳисоботи ин диду боздид дар вақташ аз тарафи ман ба вазорати корҳои хориҷӣ пешниҳод карда шуда буд.

Ман ба Европа баргашта, якчанд моҳ дар Франция истодам

[1] *Д,алайлама* — сардори руҳониёни Тибет, шаҳри Лхасса—-нов далай- лама меистодагӣ. $

ва ба тадқиқи моддадои аз қатрони ангиштсанг гирифта ме- шудагй машғул шудаы. Ин дар ҷануби Франция, дар Монпель буд. Ман таҷрибаҳои худро бомуваффақият анҷом дода, чун фаҳмидам, ки дар Лондон аз душманони донии ман фақат як кас мондааст, дар тараддудн хонаравӣ шудам ва хабари кушто- ри пурасрор дар Парк-лэйн маро маҷбур сохт, ки дарчи зудтар рахти сафар бандам. Ин воқеа ба бекорагиаш диққати маро ба худ ҷалб нанамуд. Шояд, ошкор кардани он барои ичрои нақшаҳой шахсии ман ба ман ёрдам кунавд. Ба ҳамин тариқ, таъхир накарда ба Лондон омадам ва зиндаву саломат ба Бейкер-стрит ҳозир шуда, боиси авҷ кардани зиёни миссне Хадсон гардида, боварӣ ҳосил намудам, кн Майкрофт ғамхорй наму- да, дуцраҳо ва коғазҳон маро дар ҳамон ҳолати пештараашон эхтиёт кардааст. Ба хамин тариқ, имрӯз соати дуи рӯз ба хо- наи кӯҳнаам расяда, ба курсии роҳати кӯҳнаам нишастам ва, ягона орзуе, қи ман карда метавоннстам, ҳамин буд, ки дӯстн дерини ман Уотсон дар курсии роҳдтн дигар, ки аксар вақт бо ҳузури худ онро зиннат медод, дар паҳлӯям нишаста бошад.

дикояти басе 'ғалатие, ки ман ҳамон бегоҳй апрель шунида будам, чунин буд. Ман ба хеҷ ваҷҳ. ба ин ҳикоя бовар наме- кардам, агар тасдиқаш ҳамин андоми қоқинаи болобаланд ва чехраи боақли серхаракати шахсе намебуд, ки онро дигар хеҷ умеди дидан надоштам. Холмс, бо кадом восита аз мурдани sawn ман бохабар шудааст, вале ҳамдардии вай аз сухан дида, бештар дар оханги гйпзаниаш ифода мегардид.

— Дзизам Уотсон, кор—беҳтарин подзаҳри ғаму ғусса мебо- шад,— гуфт вай,—имшаб дар назди ману шумо чунин коре исто- дааст, ки шахси онро бомуваффакият анчом медодагӣ ҷасурона гуфта метавонад, ки дар ин дуньё беҳуда умр ба сар набурдааст.

Ман бефоида аз ӯ илтимос мекардам, ки фикрашро равшан- тар баён кунад.

— То субҳ даромадан шумо ба кадри кифоя шунидаю дида метаронед,— чавоб дод вай.—Ҳоло бе ин ҳам гапи мегуфта- гӣ дорем —охир мо се сол боз ҳамдигарро надидаем. Умедво- рам, ки то соати нӯҳуним ин мавзӯъ ба мо кифоя мекунад, баъд мо ба пешвози як мочарои ғалатй дар хонаи холӣ ба рох мебароем.

Дуруст аст дар соати таъиншуда вақте ки худро дар кэб дар пахлӯи Холмс дидам, қаиааш он замони улфатии пешта- раамон барин буд. Ман даст-даст карда дар кисаам таппонча- ро ёфтам ва дар интизории воқеаҳои фавқулодда дилам тап-* тап зад.

Холмс ботаҳаммул ва камгап буд. Баробари нури фонусҳои кӯча ба чеҳраи ҷиддйи ӯ задан, дидам ки абрӯвонаш дархам кашида буда, лабони борикаш фишурдаанд: ба назар чунин ме- намуд, ки ба фикр* чуқур фурӯ рафтааст. Ман ҳанӯз намедо- нистам, ки дар бешазорони касногузари ҷиноятии Лондон чи гуна даррандаи хунхорро пойда дастгнр карданамон лозим аст, вале .ҳама одатҳои ин шикорчин моҳиртарин ба ман мегуф- танд, ки моҷаро яке аз хатарноктарин моҷарохо мешавад ва тамасхӯри нешдоронае, кн сари ҳар чанд вақт дар чеҳраи риё- заткашона ҷиддии хамрохи ман пайдо мешуд, барои он сайдв ки мо аз пасаш мепоидем, аломати ҳеҷ гуна хайрият набуд.

Ман гумон карда будам, кй мо ба Бейкер-стрит меравем, аммо Холмс ба фойтунчӣ фармуд дар кунҷи хиёбони Қэвендиш истад. Вай аз кэб фуромада, бодиққат ба гирду атроф назар андохт ва баъд дар ҳар гардишгоҳ гашта ба ақиб менигарист, то яқин кунэд ки хеҷ кас ба дунболи мо наафтидааст. Мо аз кадом як роди аҷиб пеш мерафтем. Холмс аз рӯи паскӯчаҳои Лондояро нағз донистанаш ҳамеша маро дар ҳайрат мемо- нонд ва ҳозир ӯ аз печу хами лабиринтн ким-чигуна оғилхона ва саройҳо боваринок қадам мезад, ки ман аз вучуд доштани ондо ҳатто гумон надоштам. Ниқоят мо ба кӯчаи танги ду та- рафаш биноҳои кӯҳнаи назарногир баромадем ва он моро ба Манчестер-стрит, баъд ба Блэндфорд-стрит расонд. Холмс дар ин чо зуд ба кӯчаи танги сарбаста тоб хӯрд, аз даричаи чӯбин ба ҳавлии холӣ даромад ва қулфи дари пушти яке аз хонаҳо- ро кушод. Мо даромадем ва'ӯ дарҳол дарро аз дарун қулф кард.

Даруни хона тамоман торик буд, вале ман дарҳол фаҳми- дам, ки дар хона ҳеҷ кас зиндагӣ намекунад. Тахтаҳои фарши холӣ дар зери пой ғиҷир-ғичир ва қирс-қирс садо мебаровар- данд ва дар деворе ки ман тасодуфан даст расондам, порчаҳои обои даридагӣ овезон буд.

Панҷаҳои дарози хунуки Холмс дасти маро фишурданд; ӯ маро ба роҳрави дароз гирифта бурд ва окибат дар пешичаш- ми мо тарҳи базӯр намоёни нимдоираи болои дар ндмоён шуд. Холмс дар ин ҷо нохост ба тарафи рост тоб хӯрд ва мо худро дар хонаи калони чоркунҷаи холӣ дидем, ки кунҷҳои он тамо- ман торик буда, миёнҷояш аз шуои чироғдои кӯча андаке рав- шан буд. Зимнан, наздик ба тиреза фонус набуд ва рӯи шиша ҳам бо кабати ғафси чанг пӯшида буд, ки ба зӯр мо якдигар- ро фарқ мекардем.

Ҳамроҳам дастапгро ба рӯя китфи ман гузошт ва лабонаш- ро қариб ба гӯшам расонд,

— Дар куҷо буданамонро медонед? — пичирросзанон пур- сид вай.

— Ба гумонам, дар Бейкер-стрит,— аз тирезаи хира ба берун вигариста гуфтамман.

— Хақ асту рост, мо дар хонаи Кэмден, дар рӯ ба рӯи квар- тираи пештараи мо мебошем.

— Мо барои чӣ ба ин ҷо омадем?

— Барои он ки аз ин ҷо намуди зебои ин бинои хушранг вамоён аст. Азизам Уотсон, аз шумо илтимос мекунам, ки саҳл ба тиреза наздик равед. Лекйн- эхтиёт бошед, хеҷ кас набояд шуморо бинад. Хӯш, акнун ба тирезаҳои ҳучраҳои пештараи мо, ки ибтидои бисьёр саргузаштҳои ғалатӣ шуда буданд, ни- гоҳ кунед. Ҳозир мебйнем, ки ман дар давбми ин се соли ҷу- дой кобилияти дар ҳайрат мононданн шуморо тамоман гум кардаам ё не.

Ман пеш қадам гузошта, ба тирезаи шинос назар андохтам ва нидой хайратанғезона баровардам. Парда фуроварда шуда, хона равшан буд ва сояи шахсе, ки дар курсии рохат дар пеш- гохи хона менишаст, дар фони пурнури тиреза бараъло наму- дор буд. Сохти-сар, шакли китфони васеъ, тарҳи барҷастаи рӯй — ҳамаи инҳо хеч гуна шакку шубҳа намегузошт. Сараш **аз** як тараф намудор буд ва он шабаҳҳои сиёҳеро ба хотир мео- вард[г] ки бибихои мо тасвирашонро нағз мебинанд. Ва ӯ айнан ба Холмс монанд буд. Ман чунон дар ҳайрат мондам\ ки беихтиёр даст дароз карда, боварӣ ҳосил намуданӣ шудам, ки ху- даш ҳақиқатан дар паҳлуи ман истодаасғ ё не. Холмс аз хан- даи бесадо меларзид.

— Хуш? — пурсид вай.

— Ин аз акл берун!— пичиррос задам ман. .

— Зоҳиран, гузашти айём ихтироъкории маро маҳв накар- дааст, аз сарчашмаи одат об хӯрдааст, — гуфт вай ва ман дар овози ӯ хурсандӣ ва ифтихори санъаткореро ҳис намудам, ки азг эҷоди худ завқ мебарад. — Монанд, рост не?

— Ман қасам мехӯрдам, ки вай шумоед.

— Созандаи он чаноби Менье аз Гренобль. Вай ин андом- ро якчанд рӯз сохт. Он аз мум сохта шудааст. Вақте кгГ имрӯз пагоҳӣ ба Бейкер-стрит даромадам, боқимонда ҳамаашро ху- дам соз қардам.

— Ин хама корхо ба шумо чӣ лозим?

— Азизам, Уотсон, ба ин ман сабабҳои ҷиддй доштам. Ме- хоҳам баъзе одамон фикр^кунанд, ки ман дар он ҷоям, дар су- рате кй Ҳақиқатан ман дар ҷои дигарам.

— Шумо фикр мекунед, ки квартира ба зери назорат ги- рифта шудааст?

— Медонам, ки ба он назорат мекунанд.

- — Кӣ? .

— Уотсон, душманони дерини ман. Ҳамон дастаи пурдах- шате, ки сардораш дар қаърӣ шаршараи Рейхенбах ба хоби абадӣ рафтааст. Чи тавре, ки шумо ёд доред, онҳо — ва фақат онҳо — медонистанд, ки ман холо зиндаам, Онҳо боварӣ дош- танд, ки дер ё ауд ман ба квартираи пештараам бармегардам. Онҳо якзайл ба он назорат мекарданд ва инак имрӯз пагоҳӣ дидапд, ки ман гашта омадаам.

—- Шумо инро чи тавр пай бурдед?

— Аз тиреза сар бароварда дидбони онҳоро дидам. Вай ҷа- вони басе беозоре буда, номаш Паркер, касбаш ғоратгарӣ, одамкушӣ ва дар айни замон арғунуннавозӣ моҳир аст. Ман пар- вои ӯ надорам, Диққати маро аэ ҳама бештар дигараш — ҳа- мон одами даҳшатангез, дӯсти наздиктарини Мориарти, ки дар қафои ӯ руст шуда мегардад ва аз қуллаи шух истода ба та- рафи ман санг партофта буд, ба худ яалб менамояд. Вай дар Лондон ҷиноятқори аз хама маккор ва хавфнок аст. Уотсон, махз ҳамин одам имшаб маро шикор карда гаштааст ва гу- мон намекунад ки мо ӯро шикор карда истодаем!

Нақшаҳои дӯстам оҳиста-оҳиста дар пеши назарам равшан мегардиданд. Аз паногоҳи қулаямон мо имконият доштем аз қафои он касе назорат кунем, ки аз паси мо поиданӣ буд ва аз паси таъқибкуиандагонамон назорат кунем. Андоми лоғар дар тиреза ҳамчун дом хизмат мекард, мо бошем — шиқорчӣ будем.

Мо ҳарду дар торикӣ пахлӯ ба паҳлӯ хомӯш меистодем ва бо диққат ба андоми роҳгузарон, ки дар рӯ- ба рӯи мо пасу пещ мерафтанд, бо диққат менигаристем. Холмс ба ман гап на- мезад ва аз ҷой намеҷунбид, вале ман ҳис мекардам, ки асаби вай таранг аст ва чашм наканда ба рафту омади фавҷи ода- мон дар пайраҳа менигарист. Шаб хунук буда, борои мебо- рид, шамоли сахт ба қади кӯчаи дароз мевазид. Одам бисьёр буд; қариб ҳама роҳгузарон рӯи худро бо гиребон ё гардан- банд пӯшида, шитобон гузашта мерафтанд.

Ба назари ман чунин намуд, ки хамон як андом якчанд ма- ротиба аз назди хона пасу пеш қадам зада гузашт ва хусусан ду кас ба назарам шубҳаангез намуд, ки гӯё аз шамол панаҳ шуда каме дуртар аз мо дар як долон дуру дароз истодапд. Ман кӯшиш намудам диққати Холмсро ба онҳо чалб кунам.

аммо ӯ бо нидои ноумедопаи сахл ба ман шунаво ҷавоб доду якзайл бо дикқат ба кӯча менигарист. Вай сари ҳарчанд вакт вазнашро аз як по ба пои дигар мепартофт ё асабиёна бо пан- чаҳояш ба девор туқ-туқ мезад. Ман медидам, ки бетоқат шуда нстодааст ва воқеахо тамоман на он тавре сурат мегиранд, ки ӯ тахмин карда буд. Оқибат вақте ки шаб ба нисф наздик шуд ва кӯчахо қариб аз одам холӣ шуданд, ӯ рӯ-рӯи хона қадам зада акнун ҳаяҷони худро пинҳон намедошт. Ман ба ӯ ким-чи гуфтанӣ будам, ки нохост чашмам ба тирезаи равшан афтид **ва** пгештара барин аз нав дар тааччуб мондам.

— Андом ҷунбид! — хитоб намудам ман.

Ва ҳақиқатан акнун андом якрӯя не, балки тахтапушташ ба тарафи мо меистод.

Чи тавре ки дида мешуд, гузашти айём хулқу атвори тун- ди Холмсро нарм нагардонида'буд ва ба зуҳури ақле, ки дар расогӣ аз худаш камтар набуд, рӯ ба рӯ омада, ҳамчунон бе- тоқатй мекард.

— Ҷунбид, — гуфт вай. — Уотсон, наход ман он қадар аб- лаҳи хирасаре бошам, ки дар хона хӯсаро шинонаму умед ку- **иам,** ки бо ёрии он маккортарин қаллобони Европаро фиреб меднҳам? Мо ду соат боз дар даруни ин вайрона истодаем ва дар ин муддат миссис Хадсон ҳар чорьяк соат холати андом- **ро** хашт маротиба дигар кард. Ӯ тарзе ба хуса наздик меша- вад, ки сояи худаш нанамояд... Ана.

Нохост вай дам ба дарун гирифт ва дар ҷояш шах шуд. Дар нимторикӣ ман медидам, ки чи тавр .вай дар ҳолати инти- вории пуршиддат гарданашро ёзонда меистод.

Кӯча акнун тамоман холӣ буд. Шояд, он ду кас ҳоло хам дар долон руст шуда меистоданд, вале акнун ман онҳоро дида наметавонистам. Дар гирду атрофи мо оромӣ ва торикӣ ҳукм- фармо буд. Ва дар торикӣ экрани тирезаи равшан бо тарҳи ан- доми сиёҳ, ки дар мобайни хона меистод, баръало намоён буд. Дар хомӯшии том ман нафаскашии хишшасдори Холмсро шу- вида, хис мекардам, ки ӯ бағоят дар ҳаяҷон мебошад. Нохост вай маро ба пешгоҳи хона ба кунҷи аз ҳама торики он тела дод ва дакиқае даҳонамро бо даст пӯшида, бо ин кораш талаб кард, ки лаб накушоям. Дар ин лаҳза ларзидани дастони ӯро дис намудам. Ман то хол ҳеч гох ӯро чунин пуризтироб нади- **да** будам, дар зимни он кӯчаи торик ҳамчунон холӣ ва хомӯш **ба** назар менамуд.

Ва нохост ман он чиро 1Ьунидам, ки гӯши басе тези дӯстам ал- лакай шуцида буд, Ким-чи гуна садои паст ба гӯшам расид, .162

вале ин садо аз тарафи Бейкер-стрит не, балки аз пешгоҳи ҳа- мон хонаи мо ҳарду руст шудагӣ меомад. Дари даромад ку- шода ва пӯшида шуд. Пас аз сонияе садои дуздона қадаммо- нии касе дар роҳрав баланд гардид — садои пое, ки зоҳиран кӯшиш мекард паст бошад, вале >ар хонаи беодам баланд ак- си садо медод.

Холмс ба девор ҷафс шуд; ман таппончаро сахт фишурда, ба ӯ пайравӣ кардам. Ба торикӣ бо диққат назар андохта, тар- хи норавшани мардонаеро, тарҳи сиёҳи аз чоркунҷаи дари кушода саҳл сиёҳтареро дидам. Вай дақиқае дар он ҷо истод, баъд хам шуда, поида-поида пеш харакат кард. Дар тамоми ҳаракатҳои ӯ хатар ниҳон буд ва ман рагу паямро таранг кар- да, ба пешвоз гирифтани хамлаи марди бегона тайёр шудам, вале нрхост ба хотирам расид, ки вай аз ҳузур доштанӣ мо гумоне ҳам намебарад.

Вай қариб ба мо бархӯрда, аз паҳлӯямон гузашт, поида- поида ба тиреза наздик рафт ва хеле боэҳтиёт, тамоман бе- садо, чорчӯбаи тирезаро қариб ним фут бардошт. Вақте ки ӯ то дараҷаи рахна хам шуд, равшании кӯча, ки акнун оинаи чанголуд пеши онро намегирифт, ба рӯи вай афтид. Чеҳра ни- ҳоят пурҳаяҷон буд. Чашмонаш изтиробомез барқ мезаданд, тарҳи рӯяш бағоят баднамо буд.

Марди ношинос чандон ҷавон набуда, бипии борики уқобӣ, пешбнии баланди тосшуда истода ва мӯйлабҳои сафеди дароз дошт. Вай цилиндрашро ба пушти сар тела дода буд, бари пальтояш кушода шуду синапӯшаки барф барин сафеди оҳар- задаи френчаш намоён гардид. Чеҳраи гандумгуни маъюсаш аз чинҳои чукур ало-було буд. Вай дар даст монанд ба асо чизе дошт, вале ҳангоми'онро ба рӯи хона гузоштан, ҷирингоси фу- луз баланд гардид. Пас вай аз киса ким-чи хел асбоб баро- вард, ки андозааш басе калон буд ва то ҷирингос садо баровардани кадом-як чизи оҳанӣ якчанд дакиқа бо он овора шуд, — зохиран, вай ким-чи хел пружина ё ғалақаро соз мекард« Вай ба зону истода, пеш хам шуд ва тамоми вазнашро ба ка- дом-як фишанг рартофт, дар натиҷа мо садои дурударози ғи- ҷирросии гӯшкаркунанда ва аз пештара ҳам баландеро шуни- дем. Пас вай рост шуд ва ман дар дасташ монанд ба милтиқ чизеро дидам, ки қундоқи ғалатии қупале дошт. Вай затворро кушод, ба дарунаш ким-чи гузошт ва аз нав шақаррос зада он- ро маҳкам кард. Баъд дикак нишаста, мили онро ба болои пеш- тахта гузошт ва мӯйлаби дарозаш бар болои мил овезон шуд, чашмонаш дурахшида, бо диққат ба нуқтаи нишона дӯхта шу-

данд. Окибат вай милтиқро ба китф зер карда, охи сабук ка- шид; нишон — тархи сиёҳ, ки дар фони равшан баръало наму- дор шуда меистод, дар пеши назари ӯ буд. Вай лаҳзае шах тупа, баъд ангушташ камонакро зер кйрд ва садои вижжоси ба- ланди ғалатӣ, пас садои ҷирЯнгбси шишаи шикаста баланд гар- дид.

Ҳамон лаҳза Холмс мисли бабр хез кашида, худро ба бо- лои мерган партофт ва рӯйнокӣ ба рӯи хона афтонд. Вале он мард пас аз лаҳзае ҷаста аз ҷой хест ва бо кувваи фавкуллод- да аз гулӯи Холмс дошт. Он гоҳ ман бо дастаи таппонча ба сари он бадкирдор задам ва ӯ аз нав афтод. Ман худро ба болои ӯ партофтам ва ҳамон лаҳза Холмс баланд ҳуштак ка- шид. Аз берун садои гумбур-гумбур тохтани одамон шунйда шуда ва дере нагузашта ду полиси формапӯш, хамрохашон ху- фияе бсгсару либоси ғайри ҳарбӣ аз дари калон зада ба хона даромаданд.

— Лестрейд, ин шумо? — пурсид Холмс.

— Ҳа, мистер Холмс. Ман қарор додам бо ин кор худам машғул. шавам. Сэр, шодам ки боз шуморо дар Лондон меби- нам. —

— Ба назарам чунин намуд, ки ёрии нокирои ғайрирасмии мо ба шумо халал намерасонад. Дар давоми як сол се қатли ошкор карда/нашуда,— ин Лестрейд, анча бисьёр. Вале тафтиш- ро доир ба асрори Молсей шумо начандон... яъне гуфтаниам, ки бад набурдед.

Ҳамаи мо аллакай сари по меистодем. Асири мо дар дасти ду констебели фарбеҳҷуссае, ки аз ду'тараф ӯро сахт медош- танд, чукур-чукур нафас мекашид.

. Дар кӯча издихоми хангоматалабон ба ҷамъшавн сар кард. Холмс ба тиреза наздик рафта онро пӯшид. Лестрейд ду шамъи бо худ овардаащ, полисҳо бошанд фонусчахои махфиашонро[1] даргиронданд. Оқибат ман рӯи махбуси моро дида тавонистам.

Вай фавқулодда чехраи ҷасур ва дар айни замон нафрат- ©варе дошт. Пешониаш мисли пешонии файласуф, чоғаш мис- ли марди сершаҳват буд ва ин хардӯ аз он шаҳодат медоданд, ки дар вучуди ин шахс чӣ тавре ба хайр бошад, ҳамчунон ба шар қобилияти калон буньёд гузошта аст. Вале чашмони бе- раҳми^фулодрангаш бо пилкони хамида ва нигоҳи бехаёона, бинии уқобӣ ва чйну оҷингҳои чуқур, ки пешоний ӯро бурма- бурма карда буданд, аз он шаҳодат медоданд, ки табиат ху- даш ғамхорӣ намуда, ба ин махлуқ.нишонаҳои барои ҷамъият хатарнок ато фармудааст. Вай ба ҳеҷ кадоми мо заррае ҳам

аҳамрят намедод; чашми вай ба рӯи Холмс дӯхта шуда буд, ки ба он бо тааҷҷуб ва нафрат менигарист.

— Иблис! — пичиррос звд вай. — ААаккор, иблиси маккор!

— Ба ҳамин тариқ, полковник, — гуфт Холмс, гиребони ғиҷимшудаашро дуруст карда,— чи* тавре ки дар мақоли кӯхна гуфта шудааст, дӯстони ҷонӣ аз нав вомехӯранд. Зоҳиран, пас аз он, ки шумо бо нигоҳи хайрхоҳонаи худ маро,— дар хотир до- ред, вақте ки ман дар ҳамон чукурии болои шаршараи Рейхен- бах мехобидам,—'Сазовор гардонида будед, дига^ дидани ди- дори шумо ба ман муяссар нагардида буд.

Полковник, мисли ин ки ҷоду карда шуда бошад, аз дӯсти ман чашм канда н^метавонист.

— Иблис, иблиси ҳақиқӣ! — гаштаю баргашта такрор м«- кард ӯ.

т- Ман ҳоло шуморо муаррифӣ накардаам,— гуфт Холмс,»— Ҷентльменҳо, ин полковник Себастьян Моран, собик офи- цери армияи ҳиндустонии ҳумоюнӣ буда ва беҳтарин шикорчив даррандагони калонтарине мебошад, ки як вақтҳо дар мулкхои шарқии мо вомехӯрданд. Полковник, ба фикрам, саҳв намеку- нам, агар гӯям, ки аз рӯи шумораи бабрҳои куштагӣ шумо ҳа- нӯз дар ҷои якум меистед?

Маҳбус ба зӯр қаҳру ғазабашро нигоҳ дошта, якзайл хо- мӯш меистод. Вай худаш ба бабр монанд буд: чашмони ва! бадхашмона медурахшиданд, мӯйлабҳояш сих-сих хеста бу- данд.

— Маро ҳамин дар тааччуб мемонад, ки ҳилаи одии мац ба кор бурдагӣ чунин шикорчии пуртаҷрибаро фиреб дода ме- тавониста бошад,— давом намуд Холмс, — Барои шумо ин на- бояд навигарӣ бошад. Магар ба зери дарахт бастани бузича ва карабин дар даст дар даруни буттаҳо руст шуда ба дом омадани бабрро мунтазир шудан ба шумо рост наомадааст? Ин хонаи холӣ,—дарахти уан, шумо бошед — бабрам будед. Ба фикрам, баъзан шумо ба ҳар эҳтимол- шикорчиҳои эҳтиётӣ нигоҳ медоштед, зеро ҳар ходиса шуданаш мумкин буд, ё як- чанд бабр баробар хамла оварда, ё тиратон хок хӯрданаш муь<- кин буд. Ин ҷаноббн, — ӯ ба' мо нишон дод,— тирандозони эҳ- тиётии мананд. Муқоисаи ман дуруст, ҳамту не?

Полковник Моран нохост бо доду фарьёди хашмгинона пеш харакат кард, аммо констебелҳо ӯро қафо кашиданд. Дар чеҳ- раи вай чӯнон нафрате ифода ёфта буд, ки ба он нигаристан бадвоҳима буд.

■— Иқрор мешавам, шумо барои ман тӯхфаи ногаҳонии хур-

дакаке тайёр карда мондед,— батапаш давом намуд Холмс.—• Ман гумон надоштам, ки шумо худатон ин хонаи холӣ ва ин тирезаро, ки дар ҳақиқат хеле қулай мебошад, истифода кар- дан мехоҳед. Ман гумон доштам, шумо аз кӯча, ки дӯсти ман Лестрейд ҳамроҳи ёрдамчиёнаш шуморо мунтазир буд, амал мекунед. Ба истиснои ҳамин ҷузъ, ҳамааш ман интизор буда- гӣ барин воқеъ шуд.

Полковник Моран ба Ле^трейд рӯ овард:

— Сарфи назар аз он ки шумо барои ҳабс кардани ман асос доред ё не,— гуфт вай,— ман ба таҳқири ин' ҷаноб тоб оварданӣ нестам. Агар ман дар дасти қонун бошам, бигузор ҳамааш аз рӯи қонун шавад.

— Ин, ба гумонам, аз рӯи адолат,— гуфт Лестрейд.— Мис- тер Холмс, пеш аз он ки мо аз ин чо баромада равем, шумо ягон чиз гуфтанӣ нестед?

Холмс аз рӯи хона милтиқи калони беовбзеро бардошта, механизми онро аз назар гузаронидан гирифт.

— Милтиқи ниҳбят нағз ва ба таври ҳуд бемислу мопанд!— гуфт вай. — Бесадо тир мепаронад ва фавран ба ҳалокат ме- расонад. Ман немис фон Хардер, механики нобиноро медонио там, ки бо супориши марҳум профессор Мориарти онро сохта буд. Солҳои зиёд инҷониб ман аз вуҷуд доштани ин милтиқ хабар доштам, вале то хол ҳеҷ гоҳ онро ба даст гирифтан ба ман рост наомада буд. Лестрейд, ман махсусан он ва тирҳои барои он сохтагиро ба диққати шумо пешдиҳод карданиам.

— Мистер Холмс, парво накунед, мо бо он машғул мёша- вем,— вакте ки ҳозирон ба тарафи дар равон шуданд, гуфт Лес- трейд. — Ҳамааш ҳамин?

— Ҳамин. Зимнан, ман пурсиданӣ будам, ки шумо ба ҷи- нояткор чи хел айб мондани ҳастед?

— Сэр, чи тавр, чи хел айб? Будагӣ ran, сӯиқасд ба ҷони Шерлок Холмс.

-7 Не, Лестрейд, ҳаргиз намехоҳам, ки дар ин кор ман иш- тирок дошта бошам. Шаъни чунин хабси устокорона ба шумо, танҳо ба шумо тааллук дорад. Лестрейд табрик мекунам! Ба туфайли зиракӣ ва далерие, ки хоси Шумост, ба ҳар ҳол ин одамро дастгир кардед.

— Ин одамро? Вале, мистер Холмс, ӯ кист?

— Ҳамон касе, ки тамоми полиция бенатича кофта ме- гашт,— п(у1ковник Себастян Моран, хамоне **кӣ** рӯзи сиюми мо- хи гузашта аз тирезаи ошьёнаи дуюми хонаи № 427 дар Парк- лэйн аз милтиқи беовоз тир холӣ карда сэр Рональд Адэрро

кушт. Лестрейд, ана чи хел айб гузоштан лозим^. Уотсон, холо агар шумо аз шамоли дутарафаи тирезаи шикастагӣ натарсед, биёед дар кабинети ман ним соат нишаста, як сигори мека- шем — умедворам, ин димоғамонро чоқ мекунад.

Ба туфайли назорати Майкрофт Холмс ва ғамхории бевоси- таи миссис Хадсон дар квартираи пештараи мо ҳеҷ чиз тағьир наёфта буд. Дуруст аст, ман ба он ҷо даромада, аз озодагии ^айриодатии он дар ҳайрат мондам, тамоми ашьёҳо дар **чэи** худ меистоданд. «Бурчаки химия», пештара барин вуҷуд дошт ва мизи чӯбаш хаданги рӯяш пур аз доғи кислотаи сӯзон дар ҷояш буд. Пештара барин дар раф альбомҳои калони бурида* ҳои газета ва справочникҳо меистоданд,— оҳ, бисьёр ҳамвата- нони мо бо чи гуна майли тамом онҳоро ба оташ партофта месӯзонданд. Вақти ба гирду атроф назар андохтанам ҳамааш: диаграммаҳо, ғилоф бо скрипкааш, рафча бо чубуқхои бешу< мор, ҳатто кафши эронии пур аз тамоку, аз нав дар пеши на< зарам ҷилвагар шуданд. Дар хона ду кас буд: аввалан миссис Хадсон, ки моро бо табассуми хушҳолона пешвоз гирифт, дуюм манекени аҷибе, ки дар воқеаҳои имшаба чунин роли муҳим бозида буд. Ин ҳайкали мумии ранг кардае буд, ки бо маҳора- ти фавқулодда сохта шуда, ба асл ниҳоят монанд буд. Вай дар рӯи мизчаи начандон калоне меистод ва ҷомаи кӯхнаи Холмс ба Ьн чунон устокорона пӯшонида шуда буд, ки агар кас аз бе- рун ба он-менигарист, хаёли ботили пурра ҳосил мешуд.

— Миссис Хадсон, гуфтан мумкин ки шумо тамоми супо- ришҳои маро иҷро кардед.

--- Сэр, чи тавре ки шумо. фармуда будед, ман бо зону хаз1ь да ба он наздик мешудам.

— Бисьёр хуб. Шумо ҳамаи ин корро аз нағз ҳам нағзтар ичро кардед. Дидед, ки тир ба куҷо расидааст?

— Ҳа, сэр. Метарсам, ки он ҳайкали зебои шуморо вайрон карда аст,— тир аз сар гузашта, ба девор зада пачақ шудааст. Ман онро аз рӯи гилем ёфтам. Ана он.

Холмс онро ба ман дароз кард.

— Уотсон, бинед, тйри мулоими таппонча. Охир ин ниҳоят гениалӣ! Кӣ фикр карда метавонист, ки чунин як чиз аз яроки беовоз паронида мешавад? Миссис Хадсон, бисьёр нағз, барои ёрдаматон муташаккирам... Уотсон, акнун пештара барин **ба** ҷоятон нишинед. Ман мехоҳам якчанд нуқтаро хамроҳи шу.мо муҳокима кунам.

Вай сюртуки нимдоштро бадар кард, ҷомаи хонапӯшии хо-

жистаррангро аз тани ҳамандомаш. кашида ба китф партофт ва дар назди ман аз нав Холмси пештара истода буд.

— Асабҳои шикорчии кӯҳансол ҳамчунон мустаҳкам ва чашмонаш нағз мебинанд,— пешонии сӯрохи андоми мумиро аз вазар гузаронида, хандида гуфт вай.— Адл ба пушти сар раси- да, мағзи сарро зада гузаштааст/ Вай моҳиртарин тирандози бешаҳой касногузари Ҳиндустон буд ва ман тахмин мекунам, ки дар Лондон мислӯ монандаш кам ёфт мешавад. Шумо пеш ягон вақт номи ӯро шунида будед?

— Не, ҳеҷ гоҳ нашунида будам.

— Ҳа, ана вай, шаъну шӯҳрат! Зимнан, шумо охир, ба ан- дозае ки ман ёд дорам, ҳанӯз навакак иқрор шудед, ки хатто номи профессор Ҷеймс Мориартиро нашунидаед, вай бошад бо- ақлтарин шахси даври мо буд. Дар омади ган, лутфан аз раф нишондоди тарчумаи ҳолиро гиред.

Холмс дар курсии роҳат дурустакак ҷой гирифта ва гоҳ-гох дуди сигор сар дода, коҳилона саҳифа мегардонд:

* — Ман аз ҳарфи <М» коллекцияи хеле нағзе дорам,— гуфт ӯ,— Барои машҳур гардонидани ҳар як ҳарф танҳо як худи Мо- риарти кифоя, дар ин ҷо боз Морани захрдиҳанда ва Мерридью даст, ки пас аз сар хотираи пурдаҳшате гузоштааст ва Метьюз хамон Метьюзе, ки дар зали интизории вокзали Черингкросс дандони ашки тарафи рости маро зада афтонд. Ва инак, дӯств кмрӯзаи мо.

Вай китобро ба ман дароз кард ва ман хондам:

— Моран Себастян, полковники ба истеъфо баромада. Дар полки якуми саперии Бинғола хизмат кардааст. Соли 1840 дар Лондон таваллуд шудааст. Писари сэр Огестес Моран, доран- даи ордени Бани, собиқ сафири Англия дар Эрон. Қоллеҷи Итон ва университети Оксфордро тамом кардааст. Дар маъ- ракаҳои Ҷовак, Афғон, Чоросиёб, Шерпур ва Қобул ҳамчун алоқачӣ иштирок намудааст. Муаллифи китобҳои «Шикори даррандаҳои калон дар Ҳимолои Ғарбй> (1881) ва <Се моҳдар чангалзорони касногузар» (1884). Адресаш: Кондуитстрит. Клубхои: Англо-хиндӣ, Тэнкервиль ва клуби қартабозони «Ба- гатель».

Дар хошия бо хати хонои Холмс навишта шуда буд: <Дар Лондон пас аз Мориарпюдами аз ҳама хавфноктарин».

— Аҷиб,— китобро ба Холмс баргардонида гуфтам ман.— Ба назар роҳи. тайкардаи вай — роҳи солдати бовиҷдон.

— Гапи шумо ҳақ,— ҷавоб дод Холмс.— То лаҳзаи муайян вай ҳеҷ кори ганда накардааст, Ин одами мустаҳкамиродае

буд ва дар Ҳиндустон то ҳол дар бораи вай ривояте ҳаст, ки чи тавр <аз маҷрои хушки дарьё гавак кашида, одамро аз чанголи паланги маҷрӯҳ наҷот дод. Уотсон, дарахтоне хастанд, ки ав- вал то баландии муайян рост месабзанд ва нохост дар тарақ- кии худ аз меъёр баромада иллатнок мешаванд. Аксар вақт бо одамон ҳам чунин ҳолат рӯй медиҳад. Мувофиқи назарияи ман, хар як шахс дар тараққии Ҳуд таърихи тараққии ҳамаи авло- дони худро такрор мекунад. Ман чунин мешуморам, ки ҳар як гардиши ғайри чашмдошт ба тарафи хайр ё шар вобаста ба кадом як таъсири сахте мебошад, ки ибтидои онро аз шаҷаран одам чустучу кардан лозим аст. Яъне, тарчумаи ҳоли вай гӯё инъикоси хурди тамоми тарчумаи ҳоли оила мебошад.

— Медонед, ин назарияи то як андоза ҳаёлӣ аст.

— Хайр-чи, ба ин иерор намекунам. Ҳар хел сабабе ки на- бошад, полковник Моран ба роҳи бад рафт. Вай бе хеҷ гуна ҷанҷоли овозадор дар Ҳиндустон баъзе касонро чунон ба му- қсбили худ бархезонд, ки дигар дар он ҷо истоданаш ғайри им< кон буд. Ӯ ба истеъфо баромада, ба Лондон омад ва дар ия ҷо номаш ба бадӣ баромад. Ана хамон вакт профессор Мсри- йрти ӯро кашф кард, ки якчанд вакт дасти рости профессор буд. Мориарти саховатмандона ӯро бо пул таъмин мекард, ва- *ле* хелё ка.м ёрй металабид — фақат дар ду е се кори махсус мушкиле ёрй талабид, ки онро хатто ҷинояткори мукаррарй йчро карда наметавонист. Шояд, шумо соли 1887 марги аҷиби миссис Стьюарти Лаудерро дар хотир дошта бсшед. .Не? Ман боварй дорам, ки дар ин кор ҳиссаи Моран ҳам ҳаст, агарчи ба муқобили вай ягон далели исботшаванда набуд. Полковник йунон моҳирона амал карда онро беасар гузоштааст, ки хатто баъди он ки тамоми дастаи Мориартиро пароканда сохтанд, ба ҳар ҳол мо ӯро ба суд кашида натавонистем.

Уотсон, ҳамон шаби ман ба назди шумо омадагиро дар хо- тир доред, ки аз тарси мабодо аз милтиқи беовоз паронида шу- дан, пастахтаҳои тирезаро пӯшидам? Ҳамон вакт ин ба назари шумо аҷиб намуда буд, вале ман чи қор карданамро медонис- там, чунки вучуд доштани чунин яроқи нағз аллакай ба ман маълум буд ва ғайр аз ин, ман медонистам, ки он дар дасти яке аз моҳиртарин тирандозон аст. Вақте ки ману шумо ба Швейцария рафтем, Моран хамроҳи Мориарти моро дунболаги- рй карданд ва ҳангоме, ки ман дар дараи танги болои шарша- раи Рейхенбах мехобидам, маҳз ӯ маро маҷбур сбхт оп даки- қахои ногуворро аз сар гузаронам.

Ба худ тас.аввур карда метавонед, ки вақти дар Франция

буданам, бо ким-чигуна диққат ҳарисона газетаҳои англисиро мехондам: ман умед мекардам ақаллан ягон илоде ёбаму ӯро дар паси панҷара шинопам. Охйр ^холо ки ӯ дар Лондон дар озодӣ мегашт, ман хатто фикри гашта омадан намекардам. Ша- бу рӯз ин таҳдиди хаёти маро талх мегардонид, хоху нохох вай цлоҷе мекарду маро мекушт. Чи кор бояд мекардам? Баробари рӯ ба рӯ шудан ман ӯро парронда наметавонистам — охир ху- **дам** онгох дар курсии айбдорон менишастам. Ба суд хам муро- ҷиат кардан бефоида буд — суд ҳуқуқ надорад, ки танҳо дар асоси гумону шубхаҳои исбот нашуда кори ҷиноятӣ сар кунад, **ман** бошам, исбот надоштам. Аз ин рӯ барои ягон иқдом аз дастам ҳеҷ чиз намеомад. Вале ман якзайл ба ахбороти ҷиноятҳо назорат мекардам, зеро боварии қатъй доштам, ки дер ё зуд ӯро ба даст медарорам.

Инак, хамин Рональд Адэр кушта шуд. Оқибат вақту соати амалиёти ман фаро расид! Ба болои хамон қадар чизи медо- нистагӣ, оё шубха карда метавонистам, ки- ӯро маҳз полковник Моран куштааст? Вай ҳамрохи ҷавон қартабозӣ мекард, ӯ аз **клуб** баромада *г(з* паси ҷавон меравад, ӯро аз тирезаи кушода- гӣ мепаронад. Ҳа, ҳеҷ шубха шуданаш мумкнн набуд. Як тир далели кифоя шуда метавонист, ки полковник Моранро ба Tara дор фиристад. Ман дарҳол ба Лондон омадам. Пообони пол- ковник маро дид ва будагӣ ran, дар ин бора ба вай хабар дод. **Вай** нохост омадани маро бо ҷинояти худ алоқаманд накарда наметавонист, ва албатта, сахт ба изтироб афтод. Ман боварӣ доштам, вай кӯшиш мекунад, ки фавран- маро нест кунад ва барои ин милтиқи марговари худро ба кор мебарад. Бинобар хамин барои вай дар тирезаи кабинетам нишони аъло тайёр карда, ба полиция хабар додам, ки шояд ёрии он ба ман лозим шуда монад (воқеан, Уотсон, шумо бо чашми тези худ дар он долон дархол ду полисро дида шинохтед) ва посбонгох инти- **хоб** кардам, ки барои дидбонӣ ба назарам қулай намуд; вале рости ran, дар шаби хобам ҳам надаромада буд, ки рақибам барои хамла айнан ҳамон ҷоро интихоб менамояд. Азизам Уот- сон, ана ҳамааш ҳамин. Акнун, ба фикрам, ҳамааш ба шумо равшан.

— Не,— чавоб додам ман.— Шумо ханӯз ба ман фахмони- да надодед, ки куштани сэр Рональд Адэр ба полковник Моран чӣ зарурат дошт?

— Хуш, дӯстам, мо дар ин ҷо акнун 'ба доираи тахмин қа- дам мемонем ва дар ин соха як мантик кам аст. Хар кас мета- вонад дар асоси далелҳои будагӣ фарзи худашро созад ва фар-

sn шумо аз они ман барин хамон қадар ба дуруст буданаш асосе,дошта метавонад.

— Пас, фарзи шумо аллакай гайёр?

— Ба фикри ман, далелҳои мавҷударо фаҳмонидан чандон кори душвор не. Тафтиш муқаррар кард, ки каме пештар аэ хуштор полковник Моран ва Адэри ҷавон, дар вақти ҳамроҳ бозӣ карданашон пули калон мебаранд. Вале Моран, бешубха, харомбозй мекардааст — ман аллакай кайҳо боз медонистам, қи вай фиребгар аст. Эҳтимол меравад, рӯзи кущта шуданаш Адэр мебинад, ки Моран ҳила мекунад. Вай бо полковник ду ба ду ran зада, шарт мегузорад, ки агар вай ихтиёран аз.аъзо- гии клуб набарояд ва бозиро хамешагӣ мепартоям гуфта қавл надиҳад, ӯро фош мекунад. Дар гумон аст, ки Адэр барин як ҷавон дарҳол ҷуръат намуда, чунин айбдоркунии нанговарро рӯйрост ба касе гӯяд, ки аз ва'й хеле калон буда, ба замми он дар чамъият мартабаи намоёнро ишғол менамояд. Дурустараш вай бо полковник яка ба яка, бе шоҳид ran задагист. Вале ба- рои Моран, ки танҳо бо ҳамон пулҳои аз қаллобӣ ба даст да- ровардааш рӯз мегузаронидааст, аз клуб хориҷ шуданаш ба муфлисшавӣ баробар будааст. Барои хамин вай Адэрро кушта- аст ва дар хамон лаҳзае кушта аст, ки ҷавон аз натиҷаи бозии хароми шарики худ истифода карданӣ нашуда, шуыурда меди- дааст, ки аз пули бурдагӣ ба вай чи қадар мерасад ва зд ка- дар пул бояд ба касони бой додагӣ баргардонида шавад. Ва барои он, ки модару хоҳараш ӯро дар сари ин хисобу кнтоб на- ёбанд ва ба пурсупос сар накунанд, ки хаман ин нрмхои дар рӯи коғаз навинГта шудагӣ ва тубм тангаҳо чи маънӣ доранд, вай дарро қулф мекунад... Хущ, ба фнкри шумо, шарху эзохи мав ба ҳаквқат наздик аст ё не?

— Ман боварии момил дорам, ки шумо ыуддаон гапро гуф- тед.

— Дуруст ё нодуруст будани гапн маро истинтоқ нишон медихад. Ҳар чи ки бошад, полковннк Моран дигар моро таш- внш нзмедихад ва милтнқи номии беовоэи фон Хердер коллек- цвяи музеи Скотлевд-ярдро оро медихад. Акнун аз ҳамин рӯз эътиборай хеҷ кас ба мистер Шерлок Холмс халал намерасо- вад кя ба кушодани он муаммоҳои ғалатин хурдакак, ки зин* дагии мураккаби Лондон пур аст, машғул шавад.

ОДАМЧАҲОИРАҚСОН

Шерлок Холмс якчанд соат боз бар бблои найчаи шишагине, ки дар он кадом-як чизи бағоят бадбӯе мечӯшид, хам шуда м1нишаст. Вай сарашро ба рӯи синааш фуроварда буд ва ба назари ман ба паррандаи аҷиби лоғари пару болаш бур ва кокулчааш сиёҳ монанд буд. . .

— Пас, Уотсон,— нохост гуфт вай,— шумо сармояи худрб ба коғазҳои қиматбаҳои Африкаи Ҷанубй иваз карданӣ нестед?

Ман аз ҳайрат як қад паридам. Ҳарчанд ба қобилияти фавкулоддаи Холмс одат карда боигам хам, ин мудохилаи ногаҳонӣ ба фикру андешаҳои аз ҳама ниҳонии ман қобили ғайри баён буд.

— Бало занад, шумо инро чи тавр фахмидед? — пурсидам ман.

Вай дар холате ки найчаи шишагини буғ бароварда исто даро дар даст нигоҳ медошт, дар рӯи курсӣ ба тарафи ман бар гашт ва чашмони чуқураш хурсандона дурахшиданд.

— Уотсотл иқрор шавед, щумо дасту по гум кардед,— гуфт вай. ■ • ■ -

— Иқрорам. •

Шуморо мачбур карданам лозим буд, ки инро бо дасти худ дар коғазе навишта имзо гузоред.

— Барои чӣ? •

—- Барои он кӣ пас аз панҷ дақиқа мегӯед, ки ҳамаи ин бағоят оддист.

— Боварӣ дорам, ки ҳеҷ гоҳ ин гапро намегӯям. . < \

— Азизам Уотсон, .медонед ҷи...— Вай найчаи шишагинро ба штатив (поя) мустаҳкам кард ва бо қиёфаи профессоре, ки ба аудитория рӯ меоварад, ба ман ба хондани лекция шурӯъ намуд,— Паи ҳам чида овардани яксилсила хулосаҳое, ки дар он хар хулосаи навц меомадагӣ ба таври оддӣ давоми пешта- рааш мебошад, начандон корӣ душвор аст. Агар пас аз ин ха- ма ҳалқахои мобцйнӣ канда партофта ва ба сомеъ фақат ҳал- қаи аввалу охир баён карда шавад, бо вуҷуди беасос буданаш таассуроти ҳайратангез мебахшад. Пас аз он, ки ман дар бай- ни сарангушт ва ангушти шаҳодати дастӣ чапи шумо чуқурча дидам, баровардани хулоса барои ман чандон кори душвор иа- б‘уд,‘ ки шумо сармояи начандон зиёди худро ба конҳои сарват гузоштанӣ нестед.

— Вале дар байни ин ду чиз ҳеч як алоқа намебинам.

— Б(? дилу ҷон бовар мекунам. Вале ман дар зарфи якчаид дақиқа ба шумо исбот менамоям, ки чунин алоқа вуҷуд дорад. ^Дна ҳалқаҳои аз байн канда шудац ин занҷири оддитарин: ав- 'дадо дирӯз бегохӣ, вақте кй MQ аз клуб баргаштем, чуқурчаи байни ангушти шаҳодат ва сарангушти дасти чапи шумо буро- луд буд; дуюм, ҳар гоҳ вақте ки шумо билярдбозӣ мекунед, ба ин чуқурча бур мемолед, ки кий дар дастонатон налағжад; се- £ом 'шумо танҳо бо Сэрстон билярдбозӣ мекунед, чорум як моҳ реш шумо ба маи гуфта будед, ки Сэрстон ба шумо таклиф кард коғазҳои қиматбаҳои Африкаи ҷанубиро, ки пас аз як моҳ ба фурӯш мебароянд, ҳамроҳ харида гиред; панчум, дафтарчаи чекнависии шумо дар ғаладони мизи кории ман қулф аст ва 1пумо аз ман калид напурсидед; шашум, шумо пулйтонро дода аз қоғазҳои қиматбаҳои Африкаи ҷанубй хариданӣ нестед.,

• — Ин бисьёр рёбй-ку! — хитоб намудам ман.

— Албат.та,—(гуфт/вай дар сурате ки ин гапи ман андаке ,ба иззати нафсап* рабида буд,—ҳар масъала пас аз эзоҳ дода шуданаш ба назар хеле осон менамояд. Ана як масъалаи ха- 13-1847

нӯз ҳал нашудагӣ. Дӯстам Уотсон, бинед кани чи тавр аз ӯҳдааш мебароед.

- Вай варақи коғазро аз рӯи миз гирифта, ба ман дароз кард ва ба назди анализи химиявии худ баргашт.

Ман бо тааҷҷуб дидам, ки дар рӯи коғаз вим-чи гуна иерог- лифҳои номафҳум нақш ёфтаанд.

— Бифармоед, Холмс, охир инро кӯдак кашидааст! — хитоб намудам ман.

— Ана фикри шумо чи!

— Дар он сурат ин чист?

— Мистер Хилтон Қьюбитт аз Ридлинг-Торп-Мэнори Нор* фолк низ донистанӣ буд, ки ин чист. Вале ин муаммои хурда- какро вай бо почтаи аввалин ба мо фиристода, худаш бо поез- ди пагоҳӣ ба ин ҷо^сафар кардааст. Уотсон, зангро шунидед? Шояд, ин вай бошад.

Дар зинапоя садои вазнин-вазнин қадамгузорӣ шунида шуд ва пас аз як дақиқа чентельмени қоматбаланди чеҳрагулгун, то- за риш тарошидагӣ ба назди мо даромад. Аз рӯи чашмони ду- рахшон ва ду рухсори хӯррами ӯ дарҳол дида мешуд, ки зин- дагии вай дур аз ҳавои пуртумани Бейкер-стрит гузаштааст. Ба назар чунин менамуд, ки вай бо худ ваэиши боди рӯҳбахши сохили шарқиро овард. Ҷавон дастони моро фишурда, акнун нишастанӣ буд, ки нохост чашмаш ба коғазпораи аломатҳой ачиб доштагӣ афтид, ки нав ман аз назар гузаронида ба рӯи миз гузошта будам.

*

— Мистер Холмс, шумо дар ин бора чи фикр мекунед? — хитоб намуд вай.— Ба ман нақл карданд, ки шумо амалан ишқбози пурэҳтироси ҳаргуна воқеаҳои пурасрор мебошед ва ман қарор додам, ки шумо аз ин ачибтар воқеаеро пайдо кар- да наметавонед. Ман ин коғазро пешакӣ ба шумо фиристодам, ки т.о омадани ман вақт пайдб карда онро омӯхта тавснед.

— Ия дар ҳақиқат расми хеле ғалатӣ мебошад,— гуфт Холмс.— Баробари дидан онро бозии бачагона пиндоштан мум- кин. Ба назар чуиин менамояд, ки ба ғайр аз кӯдакон кӣ ин одамчаҳои хурдакаки рақсонро қашида метавонад? Чаро шумо ба ин гуна чизи бекораи аҷибу ғариб ин қадар аҳамияти ка- лон додед?

— Агар занам намебуд, ман ба ий ягон кадар аҳамият на- медодай. Вай бағоят тарсидааст. У ба. ман ҳеҷ чиз намегӯяд, вале ман дар чашмони вай даҳшат мебинам. Ана барои хамии ман оиро ин кадар ба дил наздик гиряфтам.

Холмс қоғазро аз рӯи миз бардошт ва шуоҳои офтоб онро

равшан кард. Он коғазе буд, ки аз дафтарчаи хотира канда гирифта шуда буд. Дар рӯи он расми чунин .андомчаҳо бо қа- лам нақш кунонида шуда буд:

Холмс коғазро бо диққат аз назар гузаронида, эҳтиёткоро- на онро чорқад намуда ба қапчуқ руст кард.

— Ин кор бисьёр воқеаҳои аҷиб ва ғайри оддиро пепьовар- данаш мумкин,— гуфт вай,— Мистер Хилтон *Кьюбитт, шумо дар мактубатон баъзе чизҳоро аллақай ба мая нақл кардед, вале ман хеле мйннатдор мебудам, агар илтифот намуда, ҳикоятатонро гашта такрор мекардед, то ки дӯсти ман, духтур Уотсон, ки онро аз забони шумо шунавад.

— Ман ноқили нағз нестам,—дастони калони пурқуввати худро асабиёна қушодаю фишурда гуфт меҳмони мо.— Агар дар ҳикояи ман ягон чиз ба шумо номафҳум намояд, лутфан ба ман савол диҳед. Гапро аз ҳамин сар мекунам, ки соли гу- зашта ман хонадор шудам... Вале пешакй гуфтанам лозим, ки бо вуҷуди давлатманд набуданам авлоди мо панҷ аср инчониб дар Риддинг-Торп зиндагй карда, дар тамоми графии Норфолк авлоди аз ҳама машҳур ба ҳисоб меравад. Соли гузашта рӯз- ҳои ид ман ба Лондон омада, дар Рэсселсквер дар хонаҳои ме- бельдор ҷой гирифтам, зеро попи калисои мо Паркар ба он чо фуромада буд.- Дар ин хонаҳои мебельдор ледии ҷавони амери- кой, фамилияш Патрик, Илси Патрик истиқомат мекард. Мо дере нагузашта ҳарду дӯст шудем.Аз байн як моҳ нагузашта ман шайдои ӯ гардидам. Мо хилват издивоҷ карда, ба хонаи мо ба Норфолк рафтем.

Мистер Холмс, эҳтимол, ба назаратон аҷиб намояд, ки ода- ми авлодаш поки қадима бо зане издивоҷ мекунад, ки доир ба гузаштаи вай ва оилаи ӯ ҳеҷ чиз намедонад. Вале агар шумо ӯро медйдед ва мешинохтед эҳсоси маро зуд мефаҳмидед. Ил- сии ман бисьёр содиқу ростқавл буд, вай ба ман имконияти пурра дод, ки агар хоҳам, тӯй накунам. «Дар гузашта бо баъ- зе касони намешудагӣ ошноӣ доштам,— мегуфт ӯ,— мехохам бнҳоро фаромӯш кунам. Ман ба гузаштаам барТаштан намехо- хам,, зеро хар як ёддошт боиси озурдагйам мешавад. Хилтэи, агар ту маро зан карданӣ бошӣ, ба зане хонадор мешавӣ, ки

ягон кори нангин накардааст, вале ту бояд ба гапи ман бовар кунӣ ва изн диҳӣ, ки дар хусуси ҳама он чи ки то зани ту шу- данам, бо ман рӯй дода буд, ran назанам., Агар нн шарт барои ту бағоят мушкил бошад, ба Норфолк баргард ва ман ҳамон зиндагии танҳоро, ки то Тујіо во ҳӯрдан ба сар мебурдам, да-- вом дихам».

Вай як рӯз пеш аз тӯй ин гапро ба ман гуфт. Ман ҷавоб додам, ки ба ичрои раъи ӯ тайёрам ва ба қавлам истодам. Ак- нун як сол мешавад, ки мо зану шӯй мебошем ва ин як солро хсле хушбахтона ба сар бурдем. Вале як моҳ пеш, охири мо- ҳи июнь ман аввалин аломатҳои фалокатн пеш омадаистодаро х?ис н^мудам! Занам аз Америка мактуб гирифт— дар руи кон- верт маркаи америкоӣ буд. Ранги занам парид, мактубро хон- да> ба оташ партофт. Ӯ дар бораи ин мактуб ягон бор дахон вакушод ва ман хёҷ чиз 'вапурсидам, чунки қавл қавл аст. Ва- ле аз хамон соат лахзае оромӣ надорад. Ва акнун хамеша дар чсхрааш ҳарос дида мешавад ва аз кору рафтораш дидан мум- крн ки ким-чиро нигарон мебошад.

Акнун ба кисми аз хама аҷиби воқеаи ба сарам омадагӣ мегузарам. Кариб як хафта пеш, тахмин рӯзи сешанбе, ман **дар** рӯи яке аз пештахтахои тиреза, дар ин коғаз будагӣ барин одамчаҳои рақсонро дидам. Онҳо бо бӯр кашида шуда буданд. Маn фикр кардам, ки онҳоро саисбача кашидааст, аммо вай қасам х^рд, ки дар бораи онҳо хеҷ чиз намедонад. Онҳо шабо- на кашида шуда буданд. Ман онҳоро пок кардам ва дар ома- ди ran тасодуфан дар бораи онҳо ба Илси ran задам. Ҳайрат- ангезона вай суханони маро ба дил гирифт ва илтимос кард, агар боз ин одамчахоро дида монам, онҳоро ба ӯ нишон ди- ҳам.Як ҳафтаи тамом он одамчаҳо пайдо нашуданд, аммо.ди- рӯз пагоҳӣ ин коғазчаро дар боғ аз рӯи соати офтобӣ ёфтам. Ман онро ба Илси нишон додам ва ӯ ҳамон лаҳза аз хуш рафт; Дз ҳамон вақт ин ҷониб зиндагии вай гӯё дар хобу хаел мегу- зарад ва чашмонаш мудом пур аз дахШат мебошанд. Мистер Холмс, ана барои хамин ман ба шумо мактуб навишта йн ва? рақро ба шумо фиристодам. Ман ба полиция мурочиат карда наметавонистам, зеро бешубҳа маро масхара мекарданд, шумо бошед чи кор карданамро ба ман мегӯед. Ман чандон давлат- манд нестам, вале агар занамро хатарё таҳдид мекарда бошад, ман'ҳозирам будаги пуламро сарф карда ӯро ҳимоя намоям.

Он марди азимҷуссаи софдил бо чашмони калон-калони ка- будаш цавони ғалатие буд! Ишқу муҳаббат ва садоқате ки нвсбат ба занаш дошт, дар ҳар як тарҳчаи рӯяш навишта шу« 196

да буд. Холмс ҳодисаи ба сари ӯ рмадагиро бо диққати тамои гӯш[1] кард, баъд ба фикр фурӯ рафта дуру дароз хомӯш истод.

• — Мистер Кьюбитт, оё фикр намекунед,— оқибат гуфт қай,— ки аз ҳама нағзаш рӯирост ба занатон муроҷиатмекар- деду рози дилашро мепурсидед?

Хилтон Қьюбитт сари калони худро ҷунбонд:

■ • — Мистер Холмс, қавл қавл аст. Агар Илси хоҳад, ӯ худри/ хамаашро ба йан нақл карда медиҳад. Агар вай нахоҳад, ман зӯран ӯро ба иқрор шавӣ маҷбур намекунам. Вале ман соқиб- хукуқам хамаашро худам фаҳмида гирам ва *аз* ин ҳуқуқ йсти^ фода менамоям. '

Дар он сурат, ман бо дилу ҷон ба ёрии шумо камар Mfe-* бандам. Ғӯед, ки мабодо дар ҳамсоягии шумо ягон мусофир' пайдо нашудааст? ? г ...» < ■■■ ■■.

«й. Не. ' ' ' ' • ‘ ж =• 'I'

Ба андозае, ки ман медонам ҷои шумо зиндагӣ мекарда-' гй дури камодам. Эҳтимол, пайдо шудани ҳар як одами нав-: азчашми шум.о % номаълум монад.

.>— Агар дар он наздикиҳо ягон. одами нав пайдо мешуд>. ман албатта/хабари ӯро мешуиидам. Вале наздик ба модарк сохил якчанд деҳча ҷой гирифтааст, ки пляжҳои нағз доранд ва фермерҳо ба мусофирони меомадагӣ хонаҳояшонро ба иҷораг- мемонанд» . „. . -

■— Дар ин расмҳои хеле ғалатй ҳатман ягон маънй НННotf аст. Вале мактуби ба ман фиристодаи шумо чунон .кӯтоҳ аст, ки ман бо он ҳеҷ кор карда наметавонам ва далелҳои ба мо хабар додагии шумо чунон номуайян мебошанд, ки аз онҳо ху- лосае баровардан кори душвор аст. Ба фикри ман, ба Норфолк баргардеду ба воқеаҳои дар гирду атроф рӯй медодагӣ бо диқ- қат муоина кунед. Баробари дар ягон ҷо одамчаҳои рақсони навро дидан бо диққати тамом нусхаи онҳоро бардоред. Сад хайф, нусхаи он одамчаҳоеро, ки бо бур дар рӯи пештахтаи ти- реза кашида шуда буданд, рӯбардор накардед! Доир ба ҳама одамовд ношиноси дар хамсоягиатон пайдо мешудагӣ 'маълу- мот ҷамъ кунед. Агар як чиз-ним чизи нав дида монед, дарҳол ба назди ман биёед. Мистер [1] Хилтон Кьюбитт, ана маслихати нағзи ман ба шумо медодагӣ ҳамин. Агар лозим шавад,' ман ҳа- меша ба рафта дидани хонаи дар Норфолк будаи шумо тайер.

Шерлок ХолМс пас аз ин мулоқот зуд-зуд ғарқи фикру ха- ёл мегардид.* Ман борҳо дида будам, ки ӯ аз ҷузъгир ҳамон коға.зро бароварда, дуру дароз ба андомчахои ғалатй накш ёфтаи рӯи он менигарад. Вале фақат баъди ду ҳафта вай аз

нав доир ба ин вокеа бо ман ғап сар кард. Ман акнун тарад- дуди рафтан доштам, ки нохост маро нигоҳ дошт;

— Уотсон, нағзаш дар хона шинед.

—- Барои чй?

— Барои он ки ин пагоҳӣ ман аз Хилтон Кыобитт телеграм* ма гирифтам. Хилтон Кьюбитт ва одамчаҳои рақсони ӯро дар хогир доред! Вай соати яку бист дақиқа ба Лондон омаданй аст. Ана мана нагуфта даромада омаданаш мумкин. Аз рӯи те- леграммаи вай ман фадмидам, ки ӯ ким-чигуна навигариҳои бағоят муҳиме дорад.

Мо бисьёр маътал нашудем, зеро сқвайри[1] норфолкии **мо** рост аз вокзал ба назди мо омад. Намуди вай пурташвиш ва афсурда буд. Вай бо чашмони одами хаста ба мо менигарист ва оҷингҳо пешонии ӯро бурма-бурма карда буданд.

— Мистер Холмс, ин ҳодиса ба асабам мерасад,—хастаҳо- лона ба курсии роҳат нишаста гуфт вай.— Худро аз ҳар тараф дар иҳотаи ким чигуна одамони номаълуми диданашавандае, ки онҳо ба сари ту фалокате оварданй мешававд, ҳис намӯдан ҳолати нафратангезе мебошад, вале дар айни замон токатно- пазираш боз хамин аст, ки чи тавр рӯз аз рӯз тадричан зани туро ба дами марг тела медиҳанд. Вайдар пеши чашмам обу адо шуда рафта истодааст.

— Вай ба.шумо ақаллан ягон чиз гуфт?

.. •— Не, мистер Холмс, ягон чиз нагуфт. Лаҳзаҳое мешавад, ки мебиндм, бечора ҳамаашрр ба ман гуфта доданй мешавад, аммо чуръаташ намерасад. Ман ба вай ерӣ доданй шудам, ам- мо ин чунон дағал баромад, ки бо ин корам фақат ӯро рамон- дам. Вай аксар вақт ба ман дар хусуси ба чигуна авлоди қа- дима тааллуқ доштани мо ғап мезанад, чи тавр дарсар то са- ри графӣ моро иззату эҳтиром мекунавд, мо чи тавр аз шарафу вичдони беолоиши худ мефахрем ва ҳар дафъа ҳис мекунам вай боз ким-чи илова кардан мехоҳад, аммо гапашро ба охир нарасонида, хомӯш мегардад.

,— Худатон ягон чиз ошкор кардед?

— Мистер Холмс, ман бисьёр чизҳо ошкор кардам. Ман ба- рои тадқиқи шумо як даста одамчаҳои нави рақсон овардам. Ва аз ҳйма муҳимаш, ман ҳамон касеро дидам, ки...

— Qn одамчахоро кашидааст?

— Бале, ман ӯро дар сарй ҳамйн кор дидам. Вале иҷозат дйҳед ҳамаашро аз як сар ба шумо нақл кунам.. Ман аз наз*

[1] *Сквайр* **заминдор.**

ди шумо баргашта, пагоҳии рӯзи дигараш одамчаҳои нави рақ- сонро дида мондам. Онҳо бо бӯр ба дари чӯбини анборе, ки дар канори марғузор воқеъ гардидааст, кашида шуда буданд; мадон аз тирезаи хонаи мо баръало намоён мебошад. Ман нус- хаи ҳамаи онҳоро бардошта гирифтам. Ана онҳо: Вай варақи коғазро аз киса баровард, кушоду ба рӯи миз гузошт. Ана чу- нин иероглифҳо дар он тасвир ёфта буданд:

— Бисьёр хуб! — гуфт Холмс,— Бисьёр хуб! Лутфан давом Диҳед.

— Ман одамчаҳоро нусхабардорӣ намуда, пок карда пар- тофт^ам, вале пас аз ду рӯз дар рӯи ҳамон дар хати наве пай- до шуд. Ана он:

Холмс кафи дастонашро бо ҳам молида, аз хурсандӣ хандид.

— Материали мо зуд меафзояд,—• гуфт ӯ.

— Пас аз се рӯз ман дар рӯи соати офтобй паём ёфтам, ки дар коғазе навишта шуда буд. Дар рӯи коғаз санг мехобид. Ана он. Чи тавре, ки мебинед андомчаҳои он андомчаҳои паё- ми пештара барин. Он гоҳ ман қарор додам он наққошрэ пои- да дастгир кунам. Ман таппонча гирифта, дар кабцнетам, ки аз тирезаи он ҳам марғузару ҳам бор менамояд, дар камин ни- шастам. Соати дуи шаб, ман дар назди тиреза нишаста, ба бо- ғи аз нуря моҳтоб равшан менигаристам ва нохост аз кафо са-. дои помониро шунида, баргашта заяамро тани яктак дидам. Вай илтичо намуд, ки хоб кунам. Ман ошкоро ба ӯ гуфтам: ҳа- мон шахся найрангбозро дидан мехохам. Вай дар ҷавоби ман гуфт, ки ҳамаи ин ҳазли бемаъние буда, кирои аҳамият додан намекунад.

«Хилтон, агар ин туро бисьёр озурда мекарда бошад, биё саёҳат мебароем ва ҳеҷ кас моро ташвиш намедиҳад».

<Чи тавр! Монем ки кадом-як мазоҳчӣ моро аз хонаву ҷоя-

мон бароварда пеш кунад? гуфтам ман.—Охир тамоми бо шандагони гр^фӣ моро масхара хоханд кард!»

«Рав хоб кун,— гуфт вай.— Пагоҳ дар ин бора ran Mesa* нем>.

Нохост ранг аз рӯи ӯ парид ва инро мад ҳатто дар равша- нии моҳ дидам, панҷаҳбяш ба қитфонам фурӯ рафтанд. Дар сояи мадон ким-чи ҳаракат мекард. Ман дидам, ки андоми сиё- ҳи хамидае аз бурҷ баромада омада дар назди дар нишаст. Ман таппончаро ба 'дасг гирифта, якбора тохтанӣ шудам, ам? мо занам беихтиёрона маро оғӯш кард, дар ҷоям нигоҳ дошт. Ман ӯро тела доданӣ щудам, вале ӯ бебоктар ба ман^часпид. Оқибат худро аз оғӯши ӯ халос кардам, аммо то дарро кушо- да, ба назди мадон расидани ман он шахс аллакай ғоиб гар- дида буд. Зимнан, рдй аз худ осор гузошта буд, зеро ба рӯн дар одамчахои рақсон нақш/ёфта буданд. Ман тозон тамомм ку»чу канори боғро давр зада баромадам, аммр ӯро дар хеҷ куҷо пайдо карда натавонистам. Вале, хар кадар ин тааҷҷубр- варбсйпад хам, бешубха, вай дар хамон наздикихо буд, чунки пагохӣ вақти боз дари мадонро аз: назар гузаронидан, дар. зе* ри ҳамон сатрй ман аллакай дидагй, боз андоми якчЗнд одам- чри дйгар пайдо шуда буд.

— Шумо ойҳоро рӯбардор кардед?

— Балё. Онҳо хеле кам буданд. Ана онҳо.

Вай боз вараки коғазро ба ман нишон дод. Рақси нав чу- нмн намуд дошт:

-*• Гӯед,'—пурсид Холмс ва аз ифодая чашуонапГдидам; ки $ хеле музтариб мебошад,— ин одамчаҳо ба хати аввала ‘ило- ча карда шуда буданд ё алохида тасвир ёфта буданд?

* — Онҳо дар қисми поёни дар кашида шуда буданд.

Бисьёр,,нағз! Ин барои мо аз ҳама мухим. Ин ба дили ман умед мебахшад. Мистер Хилтон Кьюбитт, хоҳишмандам, ■<икояи шавқангези худро давом диҳёд.

— Мистер Холмс, дигар чизи йлова мекардагӣ надорам, ба ғайр аз ҳамин ки аз занам хеле хафа шудам, зеро вай барои дастгир кардани он падарсаг ба ман халал расонд. Вай маро 5овар кунонида гуфт, ки аз ман Хавотир буд. Аввал шубҳа на-

мудам, ки ман не, балки аз вай хавотир мебошад, зеро боварӣ доттам, кӣ будану чи маънӣ дошт ани инишораҳои ачйб.ба ӯ маълуманд. Аммо, мистер Холмс,' овозу нигоҳи занам хосйяте •доранд, ки ҳаргуна гумону шубҳаро аз байн мебаранд ва ак- нун яқин дорам, ки аз маИ хавотир будааСт... Ана тамоми во- кеай рӯй додагӣ. Акнун маътали маслихати шумо, ки минбаъд чи кор кунам. Мехоҳам аз ҷавонмардони деҳамон панч-шаш касро дар байни буттаҳо пинҳон кунам. Онхо-чунон адаби ӯрЬ дода монанд, ки як умр ба мо кордор нашавад. * ;

'— Метарсам, ки чурин як корӣ мураккабро бо чунин дав.о- ҷоти оддӣ табобат кардан осон нест,— гуфт Холмс.—- Шумо да j Лондон чи қадар истода метавойед?

— Хамин рӯз гашта рафтанам лозим. Ман занамро, шаб танхо монда наметавонам. Вай хеле асабонӣ шуда, иЛтийбЬ кард.ки зудтар гашта равам.

—* Гапатон дуруст. Вале агар истода* метавонйстед, баъди ям*ё ду рӯз ман ҳамроҳи шумо мёрафтам. Ҳарчи бошад, ин‘ ко- ғазҳоро монда равед. Ба наздикӣ ман ба деҳи шӯмо меоям Вй, гумони- ғолйб act, ин воқеаро як қадар равшан мёнамоям.

Шерлок Холмс мувофики касбу пешаи муқаррарии худ ору’- да рафтор мекард; вале ман, ки хулку атвори уро нағз медо- нистам, медидам ки ниҳоят дар изтироб мебошад. Баробари дар паси дар, ғоиб гардйданӣ тахтапуштӣ васеи Хилтон Қью- бйтт, дӯстӣ ман ҷйста аз чой хест ва ба сӯи миз давид, в.араку ҳои дар рӯяшон тасвири одамчаҳои рақсон будагиро дар наз- ди худ паҳи кард ва ғарқи ҳисобкунӣ шуд. Ду соати тамом вай аз рақаму ҳарф саҳифаҳоро паси ҳам пур кард. Вай чунон сар- гарми ин кор гардид, ки зоҳираи, ҳузур доштайи маро фаромӯш кард. Хангоми кораш барор кардан, ӯ худ ба худ суруд хонда, ҳуштак мекашид, аммо вақте ки баид шуда мемонд, ни- гоҳаш парешон дуру дароз абру чин карда менишаст. Ниҳоят вай қайоатмандона фарьёд кард, ҷаста аз курсӣ хест ва дар ҳолате ки кафи дастонашро бо хам мемолид, рӯ-рӯи хоиа тез- тез пасу пеш қадам задан гирифт. Баъд ӯ телеграммаи дуру- дароз фиристод.

— Уотсон, агар ман' тахмин мекардагй барин ба саволҳоям ҷавоб диҳанд,— китоби шумо, бо тасвири воқеаи нав бой ме- гардад,— гуфт вай.— Шояд, фардо ману шумо ба Норфолк ра- вем ва асрореро, ки боиси ногувориҳои-дӯсти мо гардидааст, тамомаи ошкор куием.

Рости ran, кунҷковӣ маро азият медод, вале’ гёёдонистам, ки Холмс фақат вақти худаш лозим донистан бо майли тамом **во-**

қеаро шарҳу эзоҳ медиҳад ва босаброна мунтазири лутфу мар< ҳамати вай будам, ки кай кашфиёти худро ба ман мегӯяд.

Вале ҷавоби телеграмма наомад; Холмс ду рӯзЪ тамом бе- са.брона ба ҳар як занги телефон бодиққат гӯш мекард. Бего- ҳии рӯзи дигар мо аз Хилтон Кьюбйтт телеграмма гирифтем. Вай хабар медод, ки ҳама тинҷӣ; фақат ҳамин пагоҳӣ дар пояи соати офтобӣ хати дуру дарозе пайдо шудааст. Ба мактуб нус- хаи аниқи он хат илова 'карда шуда буд. Ана он:

Холмс бар болои ин расми аҷибу ғариб хам шуд ва нохост ҷаста сари по хесту бо тааҷҷуб ва бадхашмона фарьёд кард. Чеҳраи пурташвишаш маҳзун гардид.

— Мо ин корро ба ҳолаш монда аз ҳад гузаронидем,—гуфт вай.— Бегоҳиҳо .ба Норт-Уэлшем кадом поездҳо мераванд?

Ман ба ҷадвал нигаристам. Поезди охирин навакак рафта буд. " ч

— Фардо барвақттар ношто карда, бо поезди пагоҳирӯзӣ ба роҳ баромадан дуруст меояд,— гуфт Холмс.— Дар он ҷо бу- дани мо зарур аст. А! Ана телеграммае, ки ман нигарон будам. Мяссис Хадсон, як дақиқа сабр кунед, шояд ҷавоб фиристодан лозим шавад. Не, ҳамааш тавре сӯрат гирифтааст, ки ман ни- гарои будам. Ин телеграмма қатъӣ исбот медамояд, ки мо ди- гар ҳақ надорем, ки мисгер Хилтон Қьюбиттро дояр ба вазъ> ияти масъала дар ғафлат нигоҳ дорем, зеро сквайрй содадили Норфолкии мо ба доий' ниҳоят пурхатар гирифтор шудааст.

Ман тасвири ин воқеаи пурандӯхро, ки аз аввал ба наза- рам хеле бемаънӣ ва ғалатн намуда буд, ба охир расонида ис- тода, аз нав он даҳшатеро, қи ҳамон вақт^аз сар гузаронида будам, таҳамул кардан дуруст меояд. Ман ниҳоят мехостам им- конияте пайдо карда ба хонандагон хабар диҳам, ки ин воқеа ба некй анҷом ёфт! Вале китоби ман — солномаи дақиқи да- лелҳо мебошад ва ноилоҷам тамоми ин силсилаи аҷиби воқеа- доро, ки ба касофати он пас аз якчанд рӯз доир ба қурғони РидлинГ-Торп-Мэнор дар тамоми Англия овозае паҳн ғардид, то охир тадқиқ кунам.

Мо акнун ба Норт-Уэлшем фуромада ба. куҷо рафтанамон- ро гуфта будем, ки сардори станция тозон ба мо наздик шуд.

:• - Шумо, шояд хуфия буда аз Лондон омада бошед?

Холмс хавотиромез ба ӯ нигарист.

— Чаро ин-тавр фикр мекунед? >

— Барои он ки инспектор Мартини Норвичи навакак гузаш- та рафт. Е, шояд, духтур бошед? Зан ҳанӯз зинда аст. Шояд, холо ӯро наҷот дода тавонед... барои сари.дор. f ,

Холмс гирифтахотир ва ҳайрон буд. > ' :

ч— Мо ба Ридлинг-Торп-Мэнор рафта истодаем,— гуфт ваи,—вале аз воқеаи дар он чой рӯй додагӣ хабар надорем.

— Воқеаи даҳшатноке! — хитоб вамуд сардори станция.—• 'Ҳардуяшон хампарронда шудаанд: ҳам мистер Хилтой Кью- битт ҳам занаш. Занаш аввал ба тарафи ӯ тир холӣ карда, баъд худашро парронддаст. Хизматгорон ҳамин тавр нақл мекунанд. Шавхараш мурдааст, занаш дар дами марг мебошад. Худоё, дар графии Норфолк авлоди аз хама қадима буд. Мардууи мо дама ӯро ниҳоят эҳтиром мекарданд!

Холмс ҳеҷ чиз нагуфта ҷаста ба фойтун савор шуд ва дар давоми ҳафт мйль роҳ ягон маротиба лаб накушод. Ман аҳь- ён-аҳьён ӯро дар ҷунин ҳолати афсурдахотирй медидам. Вай пеш ҳам, ҳоло ки аз Лондон меомадем, ким-чи хел изтироб ҳис мекард ва ман аз аввали сафарамон медидам, ки вай бо чи гуна ташвиш газетаҳои пагоҳиро аз назар мегузаронад; аммо акнун, вакте ки якбора бадтарин бими ӯ тасдиқ гардид, аз ғус- са гӯё карахт шуд. Вай пушт ба такьяи курсӣ дода менишаст **ва** ғарқи фикрҳои андӯҳбори худ буд.

; Дар зймни он мо аз яке хушманзартарин ҷойҳои Англия гу- зашта мерафтем. Ҳамаи сокинони ҳозиразамони ин кишвар дар хоначаҳои хурд-хурд дур аз якдигар ҷой гирифтаанд, вале дар ҳар Кадам бар болои ҳамворий сабзу хуррам мунораҳои азими чоркунҷаи калисоҳо қад кашида, онҳо аз шаъну шӯҳрат ва ри- воҷу равнақи Англияи шарқии қадим_шаҳодат медоданд. - д "• Оқибат баробари тамом шудайи ҳамворий сабзу хуррам хатти бунафшаранги Баҳри немис намоён гардид ва фойтунчй ба ду боми нӯгтезе, ки аз паси дарахтдн намудор шуда меис- тод,.бо қамчин нишон дод. к

— Ридлинг-Торп Мэнор ана ҳамин,— гуфт вай.

Баробари ба бинои хона на’здик шудан, ман дар наздя он дар он тарафи майдончаи теннисбозӣ анбори сиёҳ ва соати оф- трбиро бар болои поя дидам. Одамчаи чустучақон бо мӯйлаби 'боло тобдодааш навакак аз фойтуни баланди дучарха чолоко- **на** ҷаста фуромада буд. Вай инспектор Мартин аз управлениями

полицияи Норфолк буд. Мартин номи дӯсти маро шунида ба- ғоят дар ҳайрат монд.

— Мистер Холмс, лутф фармоед, охир соати сеи пагоҳӣ чи- ноят содир карда шуда буд! Чи тавр ба шумо муяссар гардид, ки дар ин бора дарҳол дар Лондон „бохабар шавед ва дар як вақт ҳамроҳи ман ба ин ҷо биёед?

— Ман онро пёшакй пай бурдам.'Ман бмадам, ки онро пеш- гирй кунам. ■;

Аз ин мебйрояд, маълумоте ки шумо доред, мо надорем, зе- ро аз рӯи фикри мардум онҳо хеле дӯстона зийдагӣ мекарданд.

— Дар дасти ман фақат ҳамон маълумотҳое мебошанд, ки аз одамчаҳои рақсон гирифтаам,— гуфт Холмс<— Дар йн бора баъд ба шумо ҳикоя карда медиҳам. Ман дер кардам: фоҷиа рӯй дод, ман ӯро пешгирӣ карда натавонистам... Хайр, дар он сурат, бигузор дониши ман дар кори тантанаи адолат мада^- гор шавад. .Оё майл доред, ки тафтишро ҳамроҳи ман гузаро- нед? Е шумо мустақилона амал кардани маро беҳтар йешумо- ред? • . ' . - .....

. —г Мистер Холмс,'ҳамроҳи шумо кор кардан ба ман шарафи калон аст,— аз сидқи дил ҷавоб дод инспектор. '

. •— Дар он сурат, ман мехостам, корро ақиб напартофта, гудоҳии шоҳидонро шунавам ва ҷои ҷиноят рӯй додагиро аз на- зар гузаронам.

Инспектор Мартин ба андозае одами боакл буд, ки ба дӯс- ти ман рухсат дод мувофиқи салбҳдиди худ амал кунад. Худи вай бо ҳамин қаноат кард, ки бо диққат ба кори вай муоина менамуд. Дӯхтури маҳаллӣ, пирамарди ришсафед, навакак аз ҳуҷраи миссис Хилтон Қьюбитт баромада, хабар дод, ки аҳво- ли вай вазнин мебошад, вале умеди зинда монданаш ҳаст; ба зудй набошад ҳам, эҳтимол ба ҳуш биёяд, чунки тир ба майна» аш расида гузаштааст. Оё миссис Хилтон худаш худашро, ё ягон каси дигар ӯро парронда аст, духтур ҷуръат накард ба ин савол ҷавоби муайян диҳад. Дар ҳар-ҳол тир аз масофаи хе- ле наздик холӣ карда шуда буд. Аз ҳуҷра фақат як таппонча ёфт шуда, ҳарду мили ор холй буд. Мистер Хилтон Қьюбитт адл аз дил тир хӯрда ҳалок гардида буд. Аз рӯи эҳтимол тах- мин кардан мумкин буд, ки мистер Хилтон Кьюбитт аввал ба тарафи занаш, баъд ба худаш тир холӣ кардааст$_{к}$ инчунин тах- мин кардан мумкин буд, ки ҷиноятқор маҳз миссис Хилтон ме-[1] бошад, зерб таппонча дар байни ҳардуи онҳо дар як масофа мехобид.

— Шумо мақтулро аз чо наҷунбондед? —^пурсид Холмс.

— Не. Мо факат ледиро бардошта бурдем. Мо ӯро, маҷрӯд* ро дар рӯи хона гузошта наметавонистем.

— Духтур, шумо кай боз дар ин ҷо мебошед?

— Аз соати чор инҷониб.

— Ба ғайр аз шумо дар ин ҷо ягон кас буд?

Ҳа, констебель[1] буд.

— Шумо дар ин ҷо ягон чизро аз ҷояш ҷунбондед ё не?

— Не.

— Шумо ақлона рафтор кардед. Кй шуморо ҷеғ зад? . * — Пешхизмат Сондерс.

— Аввал ӯ бонги хатар бардошт?

— Вай ва миссис Кинг, ошпаззан,'

, — Онҳо ҳозир дар куҷо?'

/ —• Эҳтимол дар ошхона бошанд.

>. — Дар он сурат корро аз шунидани нақли онҳо сар мекунем.

Зали қадима бо тирезаҳои баланду рӯйбасти деворҳояш аз чӯби балут ба хонаи истинтоқ табдил дода шуд. Холмс ба кур- сии рохати сохташ қадима нишаст; нигоҳаш собитқадам усту- вор, чехрааш ҷиддӣ буд. Ман дар чашмонаш қатъият мехондам, яъне агар лозим шавад, тамоми умри худро ба он мебахшад, ки хеҷ набошад қасоси шахси наҷот дода натавонистагиашро гирад. Чамъомади аҷиби мо, ба ғайр аз ман, иборат аз инспектор Мар- тин, духтури пири ришсафеди деҳотӣ ва полицаи гӯли қишлокӣ иборат буд.

Шаҳодати харду занба дарачаи олй якхела буд. Садои тир .онҳоро аз хоб бедор мекунад; пас, аз як дақиқа садои тири ду- ,юмро мешӯнаванд. Онҳо дар хонаҳои ҳамшафат мехобидаанд ва миссис Кинг ба хонаи Сондерс метозад. Онҳо аз зина ҳамроҳ ме- фуроянд. Дарй кабинет кушоДагй буда, дар рӯи миз щамъ ме- сӯхтааст. Хоҷаи онҳо дар мобайни хона мурда рӯйнокй мехобида- аст.Занаш дар назди тиреза сарашро ба девор такья кунонда, печутоб мехӯрдааст. Ҷароҳати вай вазнин буда, нисфи рӯяшро ҳун пахш карда будааст. Вай нафас гирифта, вале ҳеҷ чиз гуф- та наметавонистааст. Роҳраву хона пӯри дуд буда, бӯи борут меомадааст. Ғалақаи тиреза аз дарун гузаронидагй будааст, ҳарду зан бо ббварри комил инро тасдиқ мекарданд. Онҳо дар- ҳол духтур ва полицайро ҷеғ мезананд. Баъд, бо ёрии саис ва са- исбача онҳо~бонуи худро бардошта ба хонааш мебаранд. Вай дар тан курта ва шавҳараш аз болои куртаи шабпӯшй халат пӯ- шида будааст. Дар байни зану шавҳар ҳеҷ гоҳ ҷанҷол нашуда

[1] *Констебель* — **амалдори полиция дар Англия ва ШМА.**

будааст. Ҳама онҳоро зану шавхари бағоят иттифоқ мешумурда* анд.

Шаҳодати асосии пешхизматон ҳамин аст. Ҳарду, зан ба инс- пектор Мартин ҷавоб дода истода гуфтанд, ки ҳамаи дарҳо аз дарун маҳкам будӣнд ва ҳеҷ кас аз хона илоҷи даррафтан на- дошт. Онҳо ҳарду дар ҷавоби саволҳои Холмс ба хотир оварданд, ки дар ошьёнаи дуюм баробари аз хонаҳояшс>н тохта баромадан бӯи борут ҳис карданд.

— Ба шумо маслиҳат медиҳам, ки ба ин далел аҳамияти ҷид- дӣ днҳед,— гуфт Холмс ба инспектор Мартин.— Акнун, ба фик- ри ман, ба тафтиши хонае, ки дар он куштор рӯйдодааст, сар қардан мумкин.

Кабинет хоначаи хурдакаке буд. Се девори он бо рафи китоб банд буд, мизи хатнависӣ бошад дар назди тирезае меистод, ки ба тарафи боғ кушода мешуд. Пеш аз ҳама диққати маро ҷус- саи азими сквайри бечора ба худ ҷалб намуд, ки дар рӯи хона чалпак шуда мехобид... Бетартиб будани сару либосаш аз он ша- ҳодат медод, ки вай саросемавор аз бистар хезонда шуда буда- аст. Тир ба дилаш хӯрда дар баданаш мемонад. Ӯ филфавр ва бедарду азоб мурда аст. На дар халат, на дар дастонаш аз бо- рут ҳеҷ гуна осоре пайдо карда нашуд. Духтури деҳа тасдиқ кард, ки дар дасти миссис Қьюбитт не, балки дар рӯяш доғи бо- рут буд.

— Дар даст набудани доғ ҳеҷ чиз исбот намекунад, аммо бу- данаш ҳама чизро исбот менамояд,— гуфт Холмс.— Агар аз пат- рони дуруст ҷой карда нашуда борут тасодуфан нарезад, ҳар қа- дар ки тир напаронед, дастатонро ифлос намекунед.., Акнун ҷа- сади мистер Қьюбиттро баред ҳам мешавад. Духтур, эҳтимол, шумо тиреро, ки ледиро яродор кардааст, кофта гирифта натаво- ниста бошед?

— Барои ин дурустакак ҷарроҳӣ кардан лозим. Вале дар тап- понча боз чор тир мондааст. Ду тир холӣ карда шуда, чароҳат ҳам дуто мебошад, пас, муайян кардани натиҷаи ҳар Тир кори душвор нест.

— Ин фақат ба назар ҳамин тавр менамояд,— гуфт Холмс.—• Лутфан, натиҷаи ҳу ана ҳамон тиреро, қи канори чорчӯбаи тире- ааро зада сӯрох кардааст, муайян кунед.

Вай яохост баргашт ва бо ангушти дарози борикаш ба сӯро- хии чӯби кундаланги чорчӯбаи тиреза ишора кард.

— Е тавба! — хитоб намуд инспектор.— Онро чӣ тавр дидед?

— Аҷиб! — гуфт духтури деҳа,— Сэр, гапн шумо комилан ҳақ

ме^ошад: пае, се тир паррояда шудааст, яъне каси сеюм дам будааст. Вале ӯ кист ва куҷо ғайб задааст?

— Мо ҳозир кӯшиш мекунем, ки ба ин савол ҷавоб диҳед,— гуфт Шерлок Холмс.— Инспектор Мартин, агар дар хотир дош- та бошед, вақте хизматгорон гуфтанд, ки аз хуҷраҳои худ тохта баромада, дарҳол бӯи борут ҳис карданд, ман ба шумо гуфтам, ки ба ин аҳамият додан лозим.

— Дар хотир дорам, сэр. Вале, рости гатқ ман фикри шумо- ро пурра пай бурда натавонистам.

— Ин исботи он аст, ки ҳам дар, ҳам тиреза калон кушодагӣ буданд. Дар акси ҳол бӯи борут дар тамоми хона бо чунин сурат пахн намешуд. Дар ин хона як муддати кӯтоҳ ҳам дар қуигода будааст, ҳам тиреза.

— Барои чй як муддати хеле кӯтоҳ! >

— Барои он ки — худатон нигоҳ кунед — ин шамъ еӯхта та^ мом нашудааст.

— Дуруст, дуруст! -[4]-> фарьёд зад инспектор.

— Дар вақти рӯй додани фочиа ба кушода будани тиреза бо- варӣ ҳосил намуда, ба хулосае омадам, кидарлш кор шахси се- юм низ иштирок дошта, аз берун истода ба тиреза тир холӣ кар- дааст. Ҳар як тири ба он шахси сеюм нигоҳ карда парронида шудагӣ ба чорчӯбаи тиреза расиданаш мумкин буд. Ман ба он нигариста, ҳақиқатан асари тирро дидам.

—. Вале тирезаро кӣ маҳкам кардааст?

— Бе шакку шубҳа онро зан маҳкам кардааст, бенхГйёр маҳ- кам кардааст... Вале ин чй? А1 ‘

Дар рӯи мизи кабинет сумкачаи занонаи хурдакаки озодае аз пӯсти тимсоҳ мехобид, ки нуқракӯбй карда шуда буд. Холмс сумкачаро кушода чизи дарунаш будагиро ба рӯи миз холӣ кард. Дар даруни он ба ҷуз бист панчоҳсӯмаи пули коғазии бо тасма» ча басташуда дигар ҳеҷ чиз набуд.

— Гиред, ин дар суд буданаш лозим,— сумкачаро бо буду шудаш ба дасти инспектор дода гуфт Холмс.— Акнун ҳатман му- айян кардан лозим, ки тири сеюмро кй парронддааст. Аз рӯи сӯро- хии чорчӯбаи тиреза дида мешавад, аз хона тир холӣ кардаанд. Ман мехостам боз бо миссис Кинг, ошпаззан гуфтугӯ кунам... Миссис Кинг, гуфтед, ки шуморо садои баланди тир аз хоб бе- дор кард. Бо ин гапатон шумо гуфтанӣ хастед, ки садои тири якум аз дуюмащ баландтар буд?

— Сэр, ман хобида будам, бинобар ҳамин гуфта наметаво- нам, қи чи хел буд. Сэр, садои тир ба назарам хеле баланд на- муд.

Фикр намекунед ки ин садои ду тир қариб дар яквақт хо< лй карда шуда буд? , -

— Сэр, сарфаҳм рафта наметавонам.

Ман боварй дорам' ки ин ҳамин тавр буд. Инспектор Мар- тий, ба фикрам, мо дар ин хона дигар ҳеч чиз дониста гирифта наметавонем. Агар ҳамроҳи ман омаданй бошед, ба боғ рафта мебинем, ки дар он ҷо ягон чизи ҷолиби диққат ҳаст ё не.

Дар такй тйрёзай кабинет палНаи гул буд. Мо ба он наздик шуда бо овози баланд фарьёд задем. Гулҳо поймол карда шуда, дар рӯи замини мулоим иЗи пой баръало намоён буд; онҳо изи пои калони мардона^буда, нӯги пойафзолаш хеле борнки дароз буд. Холмс мисли саги шикорие, ки паррандаи маҷрӯхро меко- бад, ба^йни алаф ва баргҳои хушкро мекофт. Нохост вай хурсан- дона фарьёд зад, хам шуд ва аз рӯи замин зуғутаи хурдакаки мисинро бардошт.

— Ҳамин тавр гумон карда будам! —- гуфт вай.— Ана гилзаи тири сеюм. Инспектор Мартин, ба назарам тафтиш қариб ба охир рарид. [4]

.. Дар чеҳраи инспектори музофоти аломати тааҷҷуб намоён буд: вай аз чаққонй ва маҳорати Холмс ошкоро завк мебурд. Аввал ӯ фикри худро маъқул кунониданй шуд, аммо дере нагу- зашта аз кори Холмс чунон ба шавқу завқ омад, ки тамомая ба ӯ итоат кард.

. Аз кй гумонбар мешавед? пурсид вай.

— Сонитар ба шумо мегӯям^ Дар ин воқеа якчанд нуқтае ҳаст, ки ман ҳанӯз қудрати фаҳмонидани онҳоро' надорам. Ман дар кашфиёти худам корро ба ҷое расондам, ки ақлона мебуд, агар каме сабр кунам ва баъд ҳамаашро якбора ба шумо фаҳ,- монда диҳам. - '

Мистер Холмс, ихтиёр ба шумо, фақат қотил аз дасти мо раҳо нахӯрад, шудааст.

— Ман ҳеҷ чизро руст карданй нестам, фақат дар авчи кор имкон нест, ки вақтро ба шарқу баёни дурмадароз ва ба тафсил сарф кунам. Сарриштаи тамоми ин чиноят дар дасти ман мебо- шад. Агар ҳатто леди ҳеҷ гоҳ ба ҳуш наояд ҳам, аз дастамон ме- ояд, ки тамоми чузъиёти вокеаи имшаб рӯй додагиро барқарор намуда, ба дасти суди адолатхоҳ супорем. Пеш аз ҳама дониста- нй будам, ки дар ин наздикиҳо меҳмонхонаи «Элриҷ> ҳаст ё не.

Хизматгоронро чандкаса тергав карданд, аммо ягон каси он- ҳо номи йн меҳмонхонаро нашунида буд. Фақат саисбача нохост ба хотир овард, ки якчанд миль дур аз ин ҷо, дар наздикии Ист-

Ристон фермере зиндагӣ мекунад, ки фамилияаш Элриҷ ме* бошад.
* <

— Фермаи вай аз фермаҳои дигар чет воқеъ гардидааст?

[1] — Аз фермаҳои дигар чет, сэр. • ‘ .

. «— Шояд, воқеаи имшаб дар ин ҷо рӯй додаро ҳанӯз нашуни- да бошанд? л ,

— Эҳтимол, нашунида бошанд, сэр. ҷ

Холмс ба фикр фурӯ рафт ва нохост лабханди маккоронае дэр чеҳраи вай намоён гардид. .

— Писарчон, аспро зин кун! •— гуфт вай.— Аз ту илтимос ба фермаи Элрич номае бурда деҳ.

Холмс якчанд варақ коғазеро, ки одамчаҳои рақсон тасвир ёфта буданд, Яз киса баровард. Ӯ дар кабинет ба паси миз ни- щаст ва онҳоро дар назди худ паҳн карда, ғарқи кбр шуд. Оқи- бат номаро ба писарбаца дода, фармуд онро бевосита ба да.сти касе, ки таъин шуда аст, супорад ва дар айни Холба ҳеҷ вақҳ ба ягон савол ҷавоб надиҳад. Дидани адреси рӯй нома ба ман муяссар гардид — ой бо хати каҷи нодуруст навишта шуда, ба хати муқаррарии хонои Холмс ҳеҷ монандӣ надошт. Нома ба но- ми мистер Абу Слени, фермаи Элрич, Ист-Рэстон дар Норфолк буд.
’ ’ -• . ' л-

— Инспектор,—■ гуфт Холмс,— ба назарам ба воситаи телег- раф дастаи посбононро чеғ заданатон лозим меояд, зеро агар тахмини ман дуруст барояд, шумо ҷиноятқори ниҳоят хатарнок- ро бояд ба ҳабсхонаи мулки графӣ фиристонед. Писарбачае, ки йомаи моро мебарад, дар айни ҳол телеграммаи шуморо хам фиристода метавонад. Уотсон, мо бо поезди пешинӣ ба шаҳр бармегардем, зеро имрӯз бегоҳӣ як анализи химиявии ғалатяро бояд тамом кунам. Коре, ки маро ба ин ҷо овардааст, анҷомаш зуд фаро расида истодааст.

Пас аз он ки писарбача номаро гирифта асп тозонда рафт, Шерлок Холмс хизматгоронро чеғ занонда оварда. Вай фармуд, ҳар касеро, ки ба хона омада миссис Хилтон Кьюбиттро хоҳиши дидан мекунад». ҳатман ба _ меҳмонхона дароранд ва воқеаи дар ин <іо рӯй додагиро ба ӯ нагӯянд. Вай нуқта ба нуқта иҷро кардани ин фармонро исроркорона талаб намуд. Баъд вай ба мехмонхона рафт ва илова намуд, ки дар ин ҷо акнун ҳама кор- ҳо бе мо иҷро карда мешаванд ва ба мо фақат нишаста мунта- зир шудан мемонад, ки ба домамон чи хел сайд меафтад. Дух- тур ба назди беморони худ рафт. Ҳамроҳи Холмс фақат инспек- тор монду ман.

— Ман ба шумо ёрӣ медиҳам, ки вақти холиатонро шавко- 14-1847

вар ва судманд гузаронед,— курсии худро ба миз назднк каши« да, коғазҳои гуногуни бисьёреро бо тасвири одамчаҳои раксон дар назди худ паҳн карда гуфт Холмс.— Дӯстам Уотсон, ман бо- яд дар назди шумо гуноҳамро сабук кунам: ман чунин дуру да< роз кунҷковии шуморб барангехтам. Инспектор, барои шумо. бо шад, ҳамаи ин кор дарси бисьёр хуби такмили касб хоҳад шуд. Пеш аз ҳама ман бояд доир ба мулоқотҳое, ки дар Бейкер-стрит бо мистер Хилтон Кьюбитт доштам. ба шумо нақл карда диҳам.

Ва ӯ он чиро.ки аллакай ба мо маълум аст, мухтасар ба инспектор нақл карда дод.

— Ана дар назди ман ин суратчаҳои ачоибе хобидаанд, ки агар онҳо мубошшири чунин фоҷиаи даҳшатангез намебуданд, оиҳо боиси писханд мешуданд. Ман бо тамоми намудҳои хати рамзӣ хеле йағз шинос ҳастам ва худам муаллифи кори илмие мебошам, ки дар он яксаду шаст хел рамз таҳқиқ карда шуда- аст, ва!ле ноилоҷ икрор шуданам лозим, ки ин рамз барои маи дамоман нав мебошад. Зоҳиран, мақсади'ихтироъкунандаи ин хатдар он мебошад, ки ҳуруф будани аломатҳоро пинҳон дорад ва онҳоро расмҳои бачагона қаламдод кунад. Вале ҳар касе пай барад, ки ин аломатҳо ба ҳарфҳо мувофиқат мекунанд, агар қо* идаи мукаррарии дарьёфтани рамзҳоро истифода кунад, чандон ааҳмат накашида онҳоро меёбад. Номаи якум чунон кӯтоҳ буд, ки ба ман имконият дод ҳамагӣ як тахмини ба ҳақиқат наздик кунам ва оқибат он рост баромад. Ман дар бораи байрақчаҳо мегӯям. Ин байрақчаҳо фақат барои он истнфода карда меша- ванд, ки тамомшавии калимаҳои ҷудогонаро таъкид намоянд. Аз рӯи номаи якум ман дигар ҳеҷ чиз муқаррар карда натаво- нистам. Ба ман материали нав лозим буд. Мистер ‘Хилтон Кыо> битт дафъаи дуюм ба назди ман омада, се номаи нав дод ва аз байни онҳо охиринаш, ба ҳар эҳтимол, як калимаро ифода мена» муд, зеро дар он байрақча вабуд. Ду номаи дигар, бешубҳа, бо х.амон «алимае сар мешуд, ки аз чор ҳарф иборат буд. Ана он калима:

Чв тавре, ки мебинед он бо ҳамон ҳарфи тамом мешудагй сар мешавад. Дар ҳамин вақт як фикри фараҳбахш ба хаёлам омад. Мактубҳо одатан бо номи ҳамон касе шурӯъ мегарданд **110**

ки ба вай фиристода мешаванд. Шахсе, ки ин номаҳоро ба мис* сис, Кьюбитт менавиштааст, бешубҳа, ба вай шиноси наздик бу« дааст. Комилаи табиист, ки вай миссис Кыобиттро ном гирифта мурочиат менамояд. Номивай бошад аз чор ҳарф иборат мебо- шад ва бо ҳамон ҳарфи тамом мешудагӣ сар мешавад: ӯро Илсн меноманд. Ба ҳамин тариқ, ман се ҳарф: «И, Л ва С>-ро ёф< там. " ' ч '

Ҳамин тавр вай дар ду номааш номи миссис Қыобиттро ги< рифта мурочиат мекунад ва зоҳиран, аз вай ким-чӣ талаб мена- мояд. Аз вай чи талаб карданаш мумкин? Оё намехоқад, ки мис- сис Кьюбитт ба ягон чое биёяд, ки бо вай гуфтугӯ карда таво- над? Ман ба калимаи дуюми номаи сеюм мурочиат кардам. Ана он:

Дар он ҳафт ҳарф мебошад: ҳарфисеюм ва охир Е мебошад, Ман тахмин кардам он «ЗУД БИЕ» аст ва дарҳол боз панҷ ҳарф- ро фаҳмида гирифтам: З. У. Д. Б. Ё. Дар он сурат ман ба ҳамои номаи аз як калима иборат будагӣ мурочиат намудам. Чи тавре ки б^ шумо маълум аст, ин калима дар рӯи дари анбор, дар тах» таи поён, четтар аз пештара навишта шуда буд. Ман тахмин кардам, ки он чавоб мебошад ва онро миссис Қьюбитт навишта аст. Ана он:

Дар зери он ҳарфхои аллакай ба мо щиносро мегузорем. Чу- нин ҳосил мешавад:

В.И.Ё.

Ба зуд биё гуфтани вай миссис Кьюбитт чи чавоб доданаш мум« кин? Ман нохост пай бурдам. Вай чавоб додааст: «ҲЕҶ ГОҲ». -

Акнун ман он қадар ҳарфе медонистам, ки метавонистам ба хондани номаи аввал баргардам. Ана он: /

Агар ба зери ин ҳат ҳарфҳои ба мо шиносро гузорем, чунин қосил мсшавад:

И. Н.Ҷ, СЛ, НИ

. Фарз кардем, ки калимаи дуюм «ИН ҶО» а^т. Дар он сурат кдлимаи охирин «СЛЕНИ» мебршад. Ин фамилия дар Америка нмҳоят машҳур аст. Ҷалимачаи хурдакаки иборат аз ду ҳарф, ки пеш аз фамилия истодааст, яқин ном мебошад. Кадом ном аз ду харф иборат буданаш мумкин? Дар Америка <Аб» номи хеле машҳур мебошад. Акнун фақат калимаи аввали ҷумларо муай- ян кардан мемонад; вай ҳамагӣ аз се ҳарф иборат буда, ёфтани он душворӣ надорад; ин бандакҷонишини <ман» мебошад. Ба ҳамин тариқ дар номаи.аввал «МАН ИН ҶО. АБ СЛЕНИ» на- вишта шудааст. Акнун ман он қадар ҳарфе медонам, ки бе ҳеҷ гуна заҳмат .номаи дуюмро ҳам хонда метавонам. Дар он навиш- та шудааст: «ИЛСӢ, МАН ДАР ХОНАИ ЭЛРИҶ». Аз дилам гу* зашт, ки «Элриҷ» номи манзил ё меҳмонхонае м^бошад, ки шах- си ҳамаи ин номаҳоро навиштагӣ зиндагӣ мекунад.

Инспектор Мартин ва ман бо диккати том ҳисоботи ба таф- сил ва равшани дӯсти маро шунидем, ки чи тавр ӯ асрори одам- чаҳои раксонро сарфаҳм рафта буд.

: Сэр, баъд чӣ кор кардед? — пурсид инспектор.’

- — Азбаски номи «Аб» танҳо дар Америка маъмул мебошад ва ҳама кор аз Мактуби аз Америка омадагӣ сар шуд, ман ба *гахмин кардан асос доштам, ки Аб Слени америкоӣ мебошад. Ғайр аз ин щубҳа, менамудам, ки дар зери ҳамаи ин ким-чигуна ҷидойт ниҳон аст, Ҳамин боиси гумону шубҳаи ман гардида буд, ки мнссис Қьюбитт якравона гузаштаи худро аз шавҳараш пин- х.он медошт. Ман ба Управленияи полицияи Нью-Йорк ба мис- тёр Уилсон Ҳаргрив телеграмма фиристодам, ки доир ба ҷино- яткррони Лондон борҳо аз ман маълумот ғирифта буд. Ман кй б^дани Аб Слениро аз ӯ пурсидам. Ӯ ба ман ҷавоб дод: «Роҳза- ни хавфноктаряни Чикаго». Ҳамон бегоҳи ман ҷавоб гирифтагӣ Хилтон Қьюбитт охирин номаи Слениро ба ман хабар дод. Ба зери овҳарфҳои алЛакай шиносро гузоштам ва чунин ҷумла ҳо- сил шуд:

ИЛСИ БА МАРГ ТА. ОР. Ш. В. .

Ба ҳамин тариқ ман ҳарфҳои М ва Т-ро, ки то ҳол ба ман ду- чор наомада буданд, фаҳмида гирифтдм. «ИЛСИ, БА МАРГ ТАЙЕР ШАВ!> Падарсаг аз илтимос ба тахдид гузаштааст, ман бошам медонам, ки гапу қавли роҳзанони Чикаго як аст. Ман дархол хамроҳи дӯст ва ёрдамчиам, духтур Уотсон, роҳи Норф- локро пеш гирифтем, вале бадбахтона, мо вақте ба ин ҷо омада расидем, ки кори нашуданй аллакай рӯй дода буд.

; ~~ Ҳамроҳи шумо ошкор кардани ҷиноят ^арои ман шарйфя каЛон мебошадбо оҳанги нарм гуфт инспектор.— Лёкйн, умедворам, шумо рухсат медиҳед, ки рӯйрост ба шумо якчанд сухан гӯям. Шумо танҳо дар назди худ ҷавобгаред, ман боигам дар^назди сардоронам. Агар Аб Сление, ки дар хонаи^Элриҷ зин- дагӣ мекунад, ҳақиқатан қотил бошад ва ҳоло, кй ман дар Дй ҷо нишастаам, эҳтимол гурезад. ... ‘

— Ташвиш накашед: вай намегурезад. tJ ■ Ч •

’ * Аз куҷо медонед?

~ Гурехтан — ин маънии ба гунохи худ икрор шуданро дорад.

>— Дар он сурат биёед рафта уро ба ҳабс мегирем.

— Вай бояд ҳамин замон расида биёяд. “ - ’

---- Аз куЧо медонед, ки меояд? < ' 3

Аз ҳамин медонам, ки ба вай хат навишта, илтимос' кар* дам ки биёяд.

— Мистер Холмс, ҳамаи ин ниҳоят беандешагй мебошад! •Наход барои -илтимоси шумо*шуда хеста биёяд? Оё тахмин кар- да-н осонтар нест, ки мактуби шумо дар дилаш шубҳа ба амал меорад ва ӯ кӯшиши гурехтан мекунад? '

— Ҳамааш ба услуби мактуб вобаста,— гуфт Шерлок Холмс.— Агар саҳв накунам, он ҷентльмен ана аз Ьн борикрах^ бо пои худаш омада истодааст. ч ,

Аз борикраҳае, ки ба назди хона меовард, шахсе қадам зада меомад. Вай марди қоматбаланди зебои гандумгуне буда, дар бар костюми хокистарранг, дар сар кулоҳи лапарвасеъ ва риши сип-сиёҳи дурушт, биш^й калони даррандасурат дошт. Вай рбқ- равон асо меафшонд ва бо чунин карру фар роҳ мерафт, ки гӯё дар гирду атроф ҳама молу мулки ӯ буд. Оқибат зднги дар ба- лаид ва боварибахш садо дод.

— Ҷёнтльменҳо, ба фикрам,— оромона гуфт Холмс,— мо бо- яд дар паси дар руст шавем. Дар сурати бо чунин одам сару кор доштан, ҳама чораҳои эҳтиётиро дидан лозим. Инспектор, киша- ни дастро тайёр йарда монед. Идозат диҳед ман бо в.ай гуфтугӯ мекунам. . '

Як дақиқаи бутун дар хомӯшй гузашт — ин яке аз ҳамон да- киқаҳое буд, ки ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад шуд. Баъд Дар кушо- да шуду меҳмони мо ба хона қадам ниҳод. Дар як он Холмс тап- пончаро ба чаккаи вай гузошт. Мартин бошад кишани дастро ба банди дасти вай гузаронд.

ҲамаиЛш корҳо чунон чолокона иҷро карда шуданд, ки маҳ- буси мо то^ҳамлагаронро дидан, ба қайди асорат гирифтор шуд.

' ᶻ 213

ВаЙ чашмокн дурахшони-сиеҳашро аз як кас оа дигар касме- дуҳт, баъд хандаи аламноке кард.

5 — Ҷентльменҳо, ин дафъа боб карда маро ба даст афтони- дед! Акнун ман аз дасти шумо ҷои гурез надорам... Вале миссис Хилтон Қьюбитт нома фиристода маро ба ин ҷо даъват карда аст... Не, вгагӯед, ки вай бо шумо забон як кардааст. Наход ба- рои маро ба ин дом гирифтор кардан вай ба шумо ёрдам дода бошад? «

— Миссис Хилтон Кьюбнтт сахт мачрӯҳ буда, дар дами марг мебошад. ' ' >

Вай бо овози баланд фарьёд зад ва фарьёди пурандӯҳаш дар. сар то сари хона паҳн гардид. : _ ;

. — Ақлатонро хӯрдед магар! — хашмгиионa фарьёд /зад вай.— Вай не, шавҳараш йачрӯҳ мебошад! Магар дили кас ме- шавад, ки Илсии хурдакакро захмдор кунад? Дуруст аст, ки ман ӯро таҳдид кардам, лекин худо шоҳид аст, ки ба як тори мӯи са- ри зебояш даст намерасондам. Ӯй мардум, ғапатонро гашта ги- ред! Вай мачрӯҳ нашудааст, гӯед!

~ Вай сахт ьгачрӯҳ шуда дар назди мурдай шавх,араш ^е- хобйд.

л

Слени оҳи пурдарде кашиду ба диван нишаста, рӯяшро бо даст пӯшид. Вай расо панҷ дақиқа хомӯш нишаст. Баъд дасташ- ро аз рӯяш гирифт ва орому хунсардона андӯҳемез ба тал сар кард. х • ; ..

,^'7- ,

— Ҷентльменҳо, ман аз шумо' гапи руст мекардагй надо- рам,— гуфт вай.— Ман ба тарафи шавҳараш тир холӣ кардам, аммо вай ҳам ба тарафи ман тир холй кард, бинобар, инро одам- кушӣ номидан мумкин нест. Агар шумо фикр кунед, ки барои захмдор карданй ин зан дилам мешуда бошад, пас шумо на ӯро медонеду на маро. Ҳеҷ гоҳ ягон мард ягон занро ин қадар дӯст надоштааст, ки ман ӯро дӯст медощтам. Ман бар вай ҳамагуна ҳаку дуқуқро доштам. Вай солҳои зиёд инчониб ба ман тааллуқ дощт. Дар кадом асос ин англис боиси чудоии ману ӯ гардид! Ман аввалин шуда бар вай хукуқдор шудам ва ман фақат ҳа- монро талаб намудам, ки ба ман тааллуқ дошт.

-7 Вакте ки кй будани шуморо фаҳмид, вай аз шумо чудо шуд/— чидди гуфт Холмс.— Вай аз Америка гурехт ки аз шумо рустшавад ва дар Англия ба одами обруманд ба шавҳар баро- мад. Шумо ӯро таҳдид мекардед, шумо ӯро таъқйб менамудед, шумо кӯигиш мекардед, ки ӯ шавҳари дӯстдор ва иззатмандашро цартофта, ҳамроҳи шумо гурехта равад... Вай аз шумо метарсид ва шуморо чашми дидан надошт, Шумо корро бо ҳамин анҷом

додед, ки ин шахси нақибро куштед ва занашро ба дарақаи ҳуд- кушй расондед. Мистер Аб Слени, ҳамин аст хизматҳои шумо, кц ба ивазаш бояд ҷавоб гӯед.

— Агар Илси мурад, бо ман ҳар коре ки кунанд, фарқ надо- рад,— гуфт америкоӣ.

Вай мушташро кушода, ба номақ дар кафи дасташ хобидагӣ назар андохт. .

— Мистер, гӯш кунед,— фарьёд зад ӯ ва чашмонаш нобова- рона барқ заданд,— маро бекора тарсониданй-кӯ нестед? Агар леди сахт маҷрӯҳ шуда бошад, нас ин номаро кй навишт?

Вай номаро ба рӯи миз партофт.

Онро ман навиштам, то ки шумо ба ин ҷо биёед.

— Онро шумо навиштед? Дар рӯи кураи замин, ба ғайр аз аъзоёни дастаи мо дигар одаме нест, ки сирру асрори одамчаҳри рақсонро донад. Шумо онро чи тавр навиштед?

— Он чи ки як шахс тасвир намудаасТ, барои дигарон маф- ҳум буданаш мумкин,— гуфт Холмс.— Мистер Слени, ана он кэбе, ки бо он шуморо ба Норвич мефиристанд, омада ястода- аст. Вале шумо ҳоло барои ислоҳи бадбахтии овардагиатон ка- ме имконият доред. Оё медонед, ки мисси Хилтон Қьюбнтт ба куштани шавҳараш гумонбар шудааст ва тандо будаии ман дар ин чо ва маълумотҳои'ман ба даст даровардагӣ ӯро аз ин тӯҳмат наҷот доданд? Шумо вазифадоред ба тамоми мардуми дуньё гӯед, ки занаш ба марги пурфрҷиаи вай на бевосита, на бавосита гунахкор нест.

— Ҳамин тавр ҳам мекунам,— гуфт америкоӣ.— Мебинам, ки барои ман аэ хама беҳтар ҳақиқатро гуфтан лозим. Ҷентль- менҳо дониста бошед, ки ман дар айёми кӯдакии ия леди бо вай шинос шуда будам. Дастаи мо дар Чикаго аз ҳафт кас иборат буда, падари Илси сардори мо буд! Патрик пирамарди боақле буд! Ин ҳарфҳоро вай ихтироъ карда буд ва ҳама он- ҳоро хатҳои каҷу килеби бачагона мепиндоштанд ва ҳоло бахт ба шумо мадад карду калиди онқоро ёфтед. Илси аз баъзе кор- ҳои мо огоҳ буд, вале касби моро чашми дидан надошт ва аз- баски ӯ бо меҳнати ҳалоли худ як миқдор. пул ҷамъ карда буд, моро дар ғафлат мононда, ба Лондон омад. Вай ба ман фотиқа буд ва агар ман касбамро дигар мекардам, ӯ ба ман ба шавҳар мебаромад, аммо бо одамони касбу кори мо ягон сару кор дош- тан намехост. Пас аз он, ки ӯ ба ин англис ба шавҳар баромад, ман ба изаш афтидам. Ман ба вай мактуб навиштам, аммо ча- воб нагирифтам. Ман ба ин ҷо омадам ва азбаски ӯ мактубҳои

маро нагирифтанаш мумкин буд, дар чунин ашьёҳое ба вай хат менавиштам, ки мебоист ба чашмаш меафтиданд.

Ман дар ин ҷо расо як моҳ боз зйндагй мекунам. Ман дар ферма иҷора нишастам. Ҳуҷраи ман иҷора гирифтагӣ ҳаминаш нағз, ки дар ошьёнаи якум воқеъ гардидааст ва ман диққати соҳибони хонаро ба худ ҷалб накарда, шабонаҳо берун барома- да метавонистам. Ман бо тамоми куввa Илсиро ба тарафи худ кашиданӣ мешудам. Медонистам, ки вай хатҳои кaҷу килеби маро мехонад, зеро як маротиба дар зери он ҷавоб навишт. Оқибат сабру тоқатамро аз даст дода, ӯро тахдид кардан ги* рифтам. Дар он сурат ба ман мактуб фиристодa илтимос ме- кард, аз ин ҷо баромада равам ва маро бовар мекунонд, ки агар шавҳараш ба ягон воқеаи ҷанҷолӣ гирифтор шавад, ди- лаш реш-реш мёгардад. Вай ба ман ваъда кард, ки сбати сёй шаб, вақти шавҳараш хоб кардан аз тиреза бо ман гап мёза- вад, дар сурате қавл диҳам, ки пас аз он баромада мераваму ӯро.осуда мегузорам.

Вай бо ман ган зада йстода, пул таклиф кард, ки худро.аз ман халос кунад .Ин маро ниҳоят ба ғазаб овард, ман аэ дас,- таш дошта ӯро кашида аз тиреза фаровардaнӣ щудам. Дар ҳа- мин лаҳда таппонча дар даст шавҳараш тахта омад. Илси бе-; хӯш шуда ба рӯи хона афтид ва мо ду ба ду мондем. Маи низ мусаллаҳ будам ва таппончаамро бардоштам, ки ӯро тарсонам ва имконият пайдо карда гурехта халос шавам. Вай тир холӣ кард ва тираш хок хӯрд. Ман қариб бо ӯ баробар тир холй кар- дам ва ӯ гумбуррос вада ба рӯи хона афтид. Man тозон аз байни боғ гурехта, аз пасам садои'тақаррос зада пӯшида шу- дани табақҳои тирезаро шунидам... Ҷентльменҳо, ҳамаи ин гап- хо ҳақ асту рост ва то асп тозонда мактуб овардани ҳамин пи- сарбача дар ин бора дигар ҳеҷ чиз нашунида будам. Мактубро хонда ба ин сӯ тохта ва ба даспППумо афтидам...

Дар ин байн кэб ба назди хона расид; ба он ду полис савор буд. ~

.

Инспектор Мартин аз ҷой хеста, ба китфи маҳбус даст ра- сонд.

— Вақти рафтан шуд.

— Мумкин нест ки пеш аз рафтан ӯро бинам?

— Не,, ҳанӯз ба хуш наомадааст... Мистер Шерлок Холмс, факат орзу дорам, ки вақти боз маро барои таҳқиқи ягон кори калон фиристодан, бахт ба рӯям механдаду бо шумо ҳамкорй мекунам.

Мо дар назди тиреза истода, ба дур шуда рафтани кэб ме-^нигаристем. Май барга^та, вараки коғазеро дидам, ки ҷиноят- кбр дар рӯи миз гузошта буд. Ин ҳамон мактубе буд, ки Холмс ба вай фиристода буд.

— Уотсон, хонда бинед чи,— табассум карда гуфт вай.

Дар он чунин одамчаҳои рақсон нақш ёфта буданд:

ШШХ

— Агар гуфтаҳои маро дар хотир дошта бошед, мебинед. ки дар он навишта шудааст: «ХАТМАН РАСИДА БИЕ». Ман шуб- ха надоштам, ки ин таклиф ӯро ба ин ҷр меорад, зеро бовар ме; кунад, қй ба ғайр аз миссис Кьюбитт ҳеч кас ин тавр навишта^ намётавонад. Хулласи калом, Уотсони азйз, ин одамчаҳоро, ки солҳои дуру дароз хизмати шарру бадро адо кардаанд, оқибат мачбур сохтам, ки ба хайру некӣ хизмат кунанд... Дафтарчаи қайди шуморо пур мекунам гуфта кй ваъда дода будам, ба гумонам, бнро ба ҷо овардам. Поезди мо соати сею чил дакйка равон мешавад ва мо расо вақти таоми пешин ба Байкер-стрйт мерасем.

Дар^хотима йкчанд сухан. Марди америкоӣ Аб Слени аз та- рафй сессияи суди зимистона дар Норвич ба қатлхукм карда шуд. Вале агар вазъият ва далелеро ба назар гирем,' ки Хйл» тон Кыобитт аввалин шуда ба тарафи ӯ тир холӣ кард, суд хукми қатлро ба бадарға иваз намуд. Дар бораи миссис Хил- тон Кьюбитт фақат ҳамин қадар хабар дорам, ки ӯ сихат шӯда, холо ҳам бева мебошад ва хаёти худро бахри ^амхории камба- ғалон бахшидааст.

ВОҚЕА ДАР ИНТЕРНАТ



Саҳнаи оддии мо дар Бейкер-стрит бисьёр воқеаҳои пурфоҷиаро дар хотир дошт, вале бори аввал дар он пайдо шудани Торникрофт Хакстейбл, магистри санъат, доктори фалсафа[1] ва ғайра ва ҳоказо ба назарам чунон ногаҳонӣ ва ҳайратовар буд, ки ман чунин воқеаро пеш аз ин дар хотир надорам. Визиткартае, ки барои бардоштани чунин бори унвони илмӣ хелв хурдакак мендмуд, якчанд сония аз в$й пештар омада расид; аз қафои визиткарта худи вай, марди қоматбаланд, бовиқор, пуршукӯҳ — таҷассӯми тахаммул ва иродаи қавӣ ҳозир шӯд. Ҳанӯз дар аз пасаш пӯшида нашуда, вай бо ҳар ду даст ба миз такья кард, оҳиста ба рӯи фарши хона нишаст ва аз ҳуш рафта, бо ҷуссаи азими худ ба рӯи пӯсти хирси назди камин дароз кашид.

Мо ҷаста аз ҷой хестем ва дақиқае ба ин шикастапорад бисьёр азими садама, ки тӯфон дар ким-куҷо дар уқьёнуси беканори хаёт талотум карда оварда, ба назди мо партофта буд, хомӯ-

[1] *Магистр,* **до/стордараҷақои илмӣ (унвои).**

хпона ва бо тааҷҷуб менигаристем. Баъд лолмс зуд болиштеро ба' таки сараш тиконд, ман бошам, ҷоми коньякро ба лабонаш наздик бурдам. Дар чеҳрай фарбеҳи рангпаридаи марди ноши- нос чинхои чуқур накш баста буданд; дар зери чашмоии вара- мидааш сояхои кабудча хобида, кунҷи лабони нимвояш махзу- нона овезон буданд; мӯи' ғабғабаш намоён шуда меистод. Зохн- ран, вай аз роҳи дур омада буд, зерб гиребонча ва куртагуп ифлос шуда, мӯи кайҳо шонанадидааш мила- мила ба пешонии васеи зебояш меафтид. Дар назди мо шахсе мехобид, ки кадом як фалокати азиме ба сараш омада буд.

— Уотсон, ба вай чӣ шудааст?— пурсид Холмс.

— .Тамоман аз мадор рафтааст... эҳтимол, аз гуруснагӣ ва мондагӣ бошад,— панҷаашро, ки набзи он аранге ҳис карда ме- шуд, нигоҳ дошта, ҷавоб додам ман.

— Билети бозгашташ то Мэклтон. Ин дар шимоли Англия, — аз кисачаи соатмониаш билети роҳи оҳанро бароварда гуфт Холмс.— Ҳоло соат дувоздах нашудааст. Анча барвақт ба роҳ баромада будааст!

Пилкони варамидаи мехмони мо ларзиданд ва чашмони хо- кистарранги вай бемаъниёна ба мо дӯхта шуданд. Пас аз як дакиқа ӯ базӯр сари по хест ва аз шарм то нармии гӯшхояш сурх шуда буд.

— Мистер Холмс, маро бубахшед. Ин бехушй— натиҷая хаяҷони асабҳо мебошад. Не, ташаккур... Як стакан ширу бур- даи нони хушк бошад, хамааш мегузарад. Мистер Холмс, ман ба ин ҷо ба мақсаде омадам.-^и шуморо хамроҳам бубарам. Ба назарам чунин намуд, ки ҳёҷ гуна телеграмма дар хусуси таъ- хирнопазирии ин кор ба шумо тасаввури даркорӣ намебахшад.

— Вақте ки шумо тамоман дуруст шавед...

‘ — Ман худамро бисьёр нағз хис мекунам. Рости fan, наме- фаҳмам, ки бо ман чй воқеа рӯй дод. Мистер Холмс, аз шумо илтимос мекунам, ки бо поезди аввалин ба Мэклтон равед. ,

Холмс сар чунбонд:

— Ҳамкорам, духтур Уотсон, 'тасдиқ мекунад, ки ману вай хеле серкорем. Барои тадқиқи хуҷҷатҳои гумшудаи Феррёр ба ман як миқдор музди пешакӣ дода шудааст, ғайр аз ин, дар рӯзҳои наздий дар хусуся дар Абрегавенни кушта шудани одам мурофиаи суд барро мегардад. Маро барои аз Лондон барома- да рафтан фақат ягрн вокеаи ниҳоят муҳим маҷбур карда ме- тавонад. «

Ниҳоят муҳим!—Мехдюнй мо дастонашро ба ду тараф

партофт.-*- Наход шумо дар бораи дуздида шудайи пясари як- каву ягонаи герцог лолдернесс ҳеҷ чиз нашунида бошед? •

• -— Герцог Холдернесс? Собиқ вазир?

— Ҳа, ҳа! Мо тамоми қувватамонро ба ои сарф кардем, кн газетаҳо аз ин бохабар нашаванд, вале аллакай баъзе овозахо дар «Глобуо-и дирӯза чоп шуданд. Фикр кардам, ки онҳо алла- кай ба гӯши шумо расиДаанд.

* Холмс дасти дарози лоғарашро ёзойда, ҷилди ҳарфи <Х»-й справочники эициклопедиро аз раф гирифт.

— сХолдериесс, герцоги шашум, дорандаи Ор^ени фидой аъзои Шӯрои махфӣ...> ва ғайра ва ҳоказо. «Барон Боверли> граф Қарстон...»- Худоё худовандо, чӣ қадар унвону унвончаҳо!"; «Раиси суди графии Хэллемшир (аз соли 1900). Ба Эдит, дух- тари сэр Чарльз Эпплдор (1888) хонадор мебошад. Писари яго- на ва меросхӯри лорд Солтайр. Молики дусаду панҷоҳ ҳазор акр замин. Дар Ланкшир ва Уэлс конҳо дорад. Адресаик. Карл-’ тон-хаус-террас», Холдериесс-Холл, Хэллемщир; қалъаи Карл-' стон, Бангор. Уэлс. Лорди Адмиралтейт[1] (1872), вазир..» Хул-’ лас, одами намоён, дар мамлакати мо якё аз шахсони машҳур’-[1] тарин.

— Яке аз шахсони машҳуртарйй ва; шояд, аз ҳама бойта^ рин, Мистер Холмс, ба андозае, ки май медонам, шумо дар со- хаи кЬри худ асло косибчигй намекунед ва аксар вақт ба нафъи кор ба ифшои ои даст мезанед. Вале иҷозат дихед ба шумо гӯ-' **ям,** ки ҷаноби олимақом ваъда кардааст, ки хар кас истиқомат- гоҳи писари ӯро нишон диҳад, ба панҷ ҳазор фунт чек менави- сад ва агар ба вай номи дузд ё дуздонро гӯяд, илова боз хазор фунт медиҳад.

' — Муқофоти ҳотамона!—гуфт Холмс.— Уотсон, аз афташ, ману шумо ҳамроҳи духтур Хакстейбл ба шимоли Англия ра- вон мешавем. 111умо, доктор, ширро иӯшед, баъд ба мо нақл карда диҳед, ки чӣ воқеа рӯй дод, дар куҷо рӯй дод ва, оқибат,

-ба ин духтур Торникрофт Хакстейбл, директори интернати наз- ди Мэклтон чӣ алоқа дорад ва чаро вай фақат пас аз се рӯзи ин воқеа р.ӯй додагй — чӣ тавре ки аз рӯи расидагии манаҳатон влуҳокима мекунам — ба кобилияти йокирои ман бовар карда, ба ман муроҷиат мёнамояд.

Мехмони мо стакони ширро иӯшид ва ягон чузъй воқеаро напартофта, бо ҳарорат иақли худро давом дод. Чеҳрааш дар- хол ҷои гирифт, гунаҳойш сурх шуданд.

---

[1] *Лорди Адмиралтейт* — **вазири бакрй.**

— Ҷентльменхо, бояд ба шумо арз кунам, ки ман асосгузор ва удиректори мактаб-интернати назди Мэклтон мебошам. «ШархиТораций» '-и Хакстейбл, шояд, ба шумо хотиррасф! кунад, ки бо кӣ сарукор доред. Интернати ман барои писарбачаҳо бешуб- ха муассисаи илмии аз ҳама мумтоз дар Англия-аст. Лорд Ле- верстоук, граф Блэкуотер, сэр Кэткарт Соумс,— ана онҳое, ки бовар карда писаронашонро ба ман супурдаанд. Вале се ҳафта пеш аз ин, вақте ки лорд ХолдернАс ба воситаи котибаш, мис- т<ер Ҷеймс Уайдлер, ба ман хабар дод, ки лорди дахсола Сол- т4йр, ягона писар ва меросхӯраш дар мактаби ман таҳсил хб- ҳад кард, шӯҳрати мактаби ман ба қуллаи олиаш расид. Оё ха- ^мон.вақт ман фикр карда метавонистам; ана он сарахборе, ки аз пасаш дар хаёти ман бадбахтии азим шурӯъ мешавад.

Лорд Солтайр якуми май,'семестри тобистона сар нашудан пеш омада буд. Ин писарбачаи дӯстрӯй ба зудӣ бо тартиботи мо шинос шуд. Гуфта гузаштанам лозим—ва, умедворам, ҳеч кае маро ба густохӣ айбдор намекунад, зеро дар ин бора хомӯш будан бемаънигӣ мебуд,— зиндагии писарбача дар хона ба шо- дӣ намегузашт. Ҳама медонад, ки зиндагии герцогу занаш чан- дон хуб нест ва онҳо бо розигии якдигар ҷудо шуда, герцогхо- нум кӯчида ба чануби Франция рафт. Ҳамаи ин корҳо ба наз- дикӣ рӯй дод ва, чӣ тавре кн ба мо маълум гардид, дили пи- сарбача ба модараш буд. Пас аз Холдернесс-холл баромада рафтайи вай писарбачд ғам мехӯрдагӣ мешавад ва он гох гер- цог карор дод, ки ӯро ба интернати ман дароварда монад. Сол- тай.ри хурдакак пас аз ду хафта ба интернати мо одат кард ва аз ҳар ҷиҳат дида мешуд, ки худро нағз ҳис менамояд.

Бори охир ӯро.бегоҳии сездаҳуми май, яъне рӯзи душанбе дида буданд. Ҳуҷрае, ки барои вай ҷудо карда буданд, дар ошьёнаи дуюм воқеъ гардида буд ва дар ҳучраи калони шафат ду писарбачаи дигар мехобид. Он писарбаЧаҳо шабоца хеҷ чиз намебинанд ва ндмешунаванд, пас, лорд Солтайр аз дари хуҷ- рааш набаромадааст. Тирезац вай кушодагӣ буд. Ҳамон ҷои деворро нечаки шохчаҳояш ғафс зич печонида гирифтааст. Мб дар рӯи замин изи пояшро пайдо накардем, вале бешубҳа мета- вон гуфт, ки вай 'аз тиреза фуромадааст.

Аз гурехтани пирсарбача рӯзи сешанбе, соати хафт боха- бар шу.данд. Қаташ дуруст карда нашуда буд. Пеш аз баромада рафтан вай формаи мактабиаш — нимтанаи сиёҳи итонӣ ва ши- ми хокистаррангашро мепӯшад. Шабона ба назди вай ҳеҷ кас

---

[1] *Гораций* — **шоири дарбор. «Шарҳи Гораций» — эзод ба шеърҳои ӯ.**

намедарояд ва агар аз он ҷо доду фиғон ё садои афту дарафт шунида мешуд, дар хобгоҳи шафат калонсолтари йисарбачаҳо Контер, албатта, овози ғалоғуларо мешунид, чунки вай ҳушьёр^ хоб аст.

Ҳамин ки ғоиб шудани лорд Солтайр Маълум гардид, ман тамоми интернат — писарбачаҳо, муаллимон, хизматгоронро чеғ задам. Ва ҳамон гох боварӣ ҳосил намудем, ки лорд Солтайр худаш танҳо нагурехтааст. Ҳайдегер — муаллими забони неми- сй хам набуд. Ҳуҷраи Ҳайдегер дар боли рӯ ба рӯй ошьён^и дуюм воқеъ гардида, вале тирезаҳои он ҳам ба марғзор кушо- да мешаванд. Каташ нағундоштагӣ буд, зоҳиран,- ба дуруста-' как сарулибос пӯшидан фурсаташ нашудааст, чунки курта ва* ҷулобаш дар рӯи хона мехобидацд. Вай ба тиреза баромада, аз< шохҳои печак дошта поин фуромадааст, зеро изи пой дар рӯи замин аз хамин шаходат медод. Велосипеди вай, ки одатан дар охири марғзрр дар майдончае меистод, дар ҷояш набуд.

Ҳайдегер ду сол пеш бо тавсияи нағз ба мактаби ман ба кор даромада буд, вале ӯ одами хаппаки дарундоре буда, на шогирдоя, на муаллимон чандон дӯсташ намедоштанд.

Имрӯз панҷшанбе ва аз сешанбе инҷониб мо дар бораи гу- реза ягон чиз дониста нагирифтаем. Будагӣ ran, аввалин коре ки ман кардам,— бо Холдернесс-холл алоқа намудам. Мулки герцог якчанд миль аз мактаб дур воқеъ гардидааст ва мо умедвор будем, ки лорд Солтайр ховаашро ёд карда, ба назди падараш баргаштааст, аммо вай дар он чо набуд. Герцог ни- хоят ба изтироб афтодааст, аз вадҳи ман бошад, худатон бова- рй ҳосил намудед, ки аз барои дастпарварди худ ҳаяҷон ва эҳ- соси масъулият одамро ба чй гуна аҳвол мерасонад. Мистер Холмс, илтиҷо мекунам, ки қувваи худро дареғ надоред! Ин воқеа шоистаи он аст, ки шумо пурра ба он машғул шавед.

Шерлок Холмс ҳикояи директори сарсахтро бо диққат гӯш кард. Қавоқи гирифта, чини чуқури байни абрӯвонаш аз он ша- Ходат медоданд, ки вай ба гапмаъқулкунонӣ мӯҳтоҷ нест ва та- моии қувваташро ба тадқиқи воқеае сарф менамояд, ки бо ву- ҷуди чиддӣ буданаш^ дар қалби Холмс мухаббати ҳамешагии ӯро ба масъалаҳои ғайриоддй ва печдарпеч бедор менамуд. Вай дафтарчаи қайдро аз киса баровард ва барои хотира дар он ким-чй навишт.

— Шумо хатоии калон кардед^ки дарҳол ба ман муроҷиат нанамудед,— бо қатъият гуфт дӯсти ман.— Ин тадқиқро хеле мушкил мегардонад. Ман, масалан, боварй дорам, ки х,ам марғ-

sop, ҳам печаки танаи девор ба чашми пуртаҷриба бись?0 Зиз- хоро гуфта доданаш мумкин буд.

— Мистер Холмс, ман ба ин ҳеҷ дахл надорам. Ҷаноби оли- мақом бо тамоми қувва кӯшиш менамуд, ки ин сир фош наша- вад. Вай метарсид, ки мабодо низои оилавӣ боиси ғайбату ғай- батчахо шавад. Ин ҳамеша нафрати ӯро меовард.

— Ҳукума^дорони маҳаллӣ ба тадқиқи гурехтани лорд Сол- тайр машғул шуда буданд?

— Ҳа, сэр, вале — ҳайҳот!—ин ягон натиҷа надод. Аввал гӯё мо изи гурезаҳоро ёфтем — хабар доданд, ки аз станцияи мо кадом як ҷавон ба поезди пагоҳирӯзй савор шуда рафтааст ва ҳамроҳаш писарбачае хам будааст. Вале дина бегоҳирӯзй он- ҳоро дар Ливерпуль дастгир намуданд ва дарҳол саҳв будйнаш маълум гардид. Он гоҳ ман тамоман ноумед гардидам ва пас аз бехобии шаб ба поезди аввалин савор шуда, рост ба назди шу- мо омадам.

— Эҳтимол полиция нодуруст нз гирифта, дар маҳал тадқи- қи воқеа чандон бо чидду чахд давом дода нашуда бошад?

— Онро хобонда монданд.

— Пас, се рӯз бехуда гузаштааст. Ин токатнопазир!

•— Ҳа, пушаймон ҳастам. Гапатон дуруст.

—*т* Охир, сари муамморо кушодан мумкин буд. Бо дилу ҷон ба ин кор камар мебандам. Гӯед, ки дар байни писарбачаи гум- шуда ва муаллими забони немисй ягон алоқа муқаррар карда тавонистед?

— Дар байнашон ҳеҷ гуна алоқа набуд.

— Муаллим дар синфи вай дарс медод?

— Не, ва ба андозае, ки медонам, вай ҳатто ягон~ маротиба бо ӯ ran назадааст.

— Аҷиб, хеле аҷиб?! Велосипеди писарбача буд ё не?

— Не.

. — Дигар велосипедҳо ҳамааш дар ҷояшон?

Дар ҷояшон.

•— Ба ин боварӣ доред?

— Пурра боварӣ дорам.

— Ва Гумонам, шумо фикр намекардагистед, ки немис бе- вактии шаб ба велосипед савор шуда писарбачаро рӯи даст бардошта бурдааст?

— Албатта, не.

— Дар он сурат инро чӣ тавр маънидод мекунед?

Шояд, «нхо барои фиреби мардум, онро дар ягон ҷо руст карда, худашон пиёда рафта бошанд.

Мӯмкин. Вале, бовар кунед барой мардумфирёбй ин усу** ли ^чиб. Охир дар хадон дигар велосипедҳо ҳам буданд?

-Ҳа.

— Агар вай шуморо ба фикре меандохт, ки пиёда нё, балки савора рафтаанд, ду велосипедро руст мекард, беҳтар набуд?

— Ҳа, гапи шумо дуруст.

. —Ҷони ган хам дар қамин. Не, ин назарияи намешудагӣ. Вале гум шудани велосипед ба сари худ барои тадқиқи мин- баъда нуқтаи асосист». Охир, ин чизе нест, ки онро руст кардай ё нобуд кардан осон бошад. Боз як савол: арафаи гурехтанаш ягон кас ба назди писарбача даромада буд?

т- Не.

— Шояд, ба номаш мактуб омада буд?

' —Ҳа, як мактуб омада буд.

— Аз кӣ?

— Аз падараш.

— Мактубҳои шогирдонатонро кушода мехонед?

— Не.

Аз куҷо'медонед, ки мактуб аз падараш буд?

, -г Конверт герб дошт ва адрес бо хати қӯпали герцог на-’ вишта шуда буд. Ғайр аз ин, герцог худаш гуфт, ки ба писараш мактуб навишта буд.

— Пеш аз ин писарбача кай мактуб гирифта буд?

— Рӯзқои охир ба номаш ягон хат наомада буд.

Аз Франция ба вай мактуб менавиштанд?

Ягон бор нанавишта буданд.

— Эҳтимол, пай баред, ки ман ба чӣ ишора мекунам. Ё лорд Солтайрро зӯран бурдаанд, ё вай бо ихтиёри худаш гурех тааст. Фарзияи охирин ба фикре меоварад, ки писарбачабс тйъсири шахси дигар ба чунин рафтор ҷуръат карда наметаво- няст. Агар хеҷ кас ба наздаш наомада бошад, пас, ба воситаи мактуб ба ӯ таъсир расонда шудааст. Ана барои ҳамин ҳам ба ман донистан зарур аст, ки киҳо бо вай мукотиба доштанд.

— Гумон аст, ки дар ин масъала ба шумо ягон ёрӣ расон- Да тавонам. Ба андозае, ки маълум аст, ба вай фақат падараш мактуб менавишт.

— Мактуби падараш рӯзи гурехтагӣ омад< Дар байни пада ру пиеар муносибат чй хел буд: нағз, дӯстона?

— Ҷаноби олимақом ба ҳед кас дӯстӣ надорад,— вай бо кор хои муҳнми давлатӣ банд аст. Гумон ки эҳсосоти муқаррарк инсонӣ ба вай дастрас бошад. Вале ба писараш бэд муносиба намекард.

.. — Ба хар хол писарбача аз сидқи дил тарафдори модараш буд?
— Ба/іе.
— Худаш ҳамин тавр мегуфт?
— Не. '
— Пас кӣ мегуфт? Герцог?
— Чиҳо мегӯед! Албатта, не!
— Дар он сурат аз куҷо ба шумо маълум?
— Якчанд мароТиба бо котиби чаноби олимақом, мистер. Ҷеймс Уайлдер, ran заданам дуруст омада буд. Вай ба таври махфӣ маро аз аҳволи рӯҳияи лорд Солтайр огоҳ карда буд.
— Фахмида шуд. Воқеан, мактуби охирини герцогро пас аз гурехтани писарбача аз ҳуҷраи вай ёфтанд?
— Нё, ӯ онро ҳамроҳаш бурдааст... Мпстер. Холмс, вақти ба вокзал рафтан нашуд?
— Ҳозир мефармоям кэб ҷеғ зананд. Пас аз чорьяк соат мо ба хизмати шумо қамар мебандем, Мистер Хакстейбл, агар ба хона телеграмма доданӣ бошед, бигузор фикр кунанд, ки тад- қиқ ҳоло хам дар Ливерпуль давом карда истодааст. Охир, зо- ҳиран, пайгирони шумо ба он ҷо рафтаанд? Ман бошам, дар ин байн бе мамониат наздик бамактаби шумо кофтуков мебарам ва, шояд, фаросат чунин ду пайгири кӯхнаро, мнсли каминаи камтарини шумо ва Уотсон, фир.еб надиҳадва мо навъе карда, баъзе чизхоро дар ҷояш доциста гирем.

Бегохи хавои хунуки рӯхбахши графии Дерба, ки мактаби машҳури доктор Хакстейбл дар он ҷо воқеъ гардида буд, ба рӯи мо вазид. Вақте ки мо ба он наздик шудем, аллакай торик _шуда буд. Дар даромадгоҳ дар рӯи миз карта мехобид. Хизмат- /ор ба гӯши директор ким-чй гуфта пичиррос зад ва ӯ бо хая- \он ба тарафи мо баргашт.
> — Герцог дар ҳамин ҷо,—гуфт вай>—Герцог ва мистер ^Уайлдер маро дар кабйнет мунтазиранд. Ҷентльменҳо, биёед * ман шуморо бо ӯ шинос кунам.
; Ман, албатта, аз рӯи расм он ходими машқуртарини давла- ■ тиро медонистам, аммо вай асло ба расмаш монанд набуд. Дар рӯи гилеми назди камин дар назди мо шахси ниқоят хушсару- .либоси боазамат меистод, ки чехраи лоғари борик ва ким-чӣ хел бинии дарози минқоршакл дошт. Ранги рӯяш мурд^ барин .{рридагй буд ва ин паридарангиро махсусан риши дарози сурхи ^гашгунаш таъкид мекард, ки аз байни он дар камзӯли сафед .^анчири тиллоии соат ялаққос мезад. Собик вазир ба мо ка- рахт-карахт нигоҳ мекард. Дар пахлуи вай шахси ҳанӯз тамо-

ман ҷавони миёнакади чехрааш серҳаракати асабӣ ва чашмо- наш кабуди "боақолона меистод — чӣ тавре ман пай бурдам, ӯ котйби шахсиаш Уайлдер буд. Аввал вай ба ran сар кар^, дар- ҳол ва бо оханги ҷиддӣ, ҳатто нешдорона сар кард:

— Доктор Хакстейбл, пагоҳӣ ман ба ин ҷо омада будам, вале, мутаассифона, дер кардам ва ба лондонравии шумо мо- неъ шуда натавонистам. Чӣ тавре ки ба ман гуфтанд, шумо ба он чо барои овардани мистер Шерлок Холмс рафта будаед, ки тафтиши ин корро ба вай супоред. Доктор Хакстейбл, ҷаноби олимаком дар тааҷҷубанд, ки шумо пешакӣ ба вай маслиҳат накарда, ба чунин кор иқдом намудаед.

—- Вақте фахмидам, ки кофтуковй полиция ҳеҷ натиҷа на- бахшид...

— Ҷаноби олимаком ба инландон боварӣ надоранд.

— Вале, мистер Уайлдер!..

— Доктор Хакстейбл, чӣ тавре ки ба шумо маълум аст, ҷа- ноби олимақом намехоҳанд, ки ин воқеа дар байни мардум ово- за шавад. Вай намехоҳад, ки одамони даркору нодаркор аз ин огоҳ бошанд. , •

. — Ислоҳи ин осон,—ғур-ғур намуд доктори ба ҳарос аф- тода.— Мистер Шерлок Холмс фардо бо поезди пагоҳӣ ба Лон- дон рафта метавонад.

— Доктор, намеравам, рафтанӣ ҳам нестам!— боадабона табассум намуда гуфт Холмс.— Ҳавои шимол барои саломатӣ чунон гуворо, чунон фоидабахш, ки ман карор додам якчанд рӯзро дар ин ҷо, дар ҳамворихо гузаронам ва алоқадри ҳол дил- хӯшӣ кунам. Дар хонаи шумо ё дар мехмонхонаи деха сарпаноҳ ёфтанам, будагӣ ran, танхо ба шумо вобаста.

Доктори бечора гаранг шуда буд, вале дамон дам овози ча- рангосии бами герцоги ришсурх ба ёрӣ расид; он мисЛи санче (гонг), ки ба ношто ҷеғ мезанад, садо дод.

— Доктор Хакстейбл, гапи мистер Уайлдер дуруст, шумо бряд бо ман маслихат мекардед. Вале азбаски мистер Холмсрб аз тамоми вокеа хабардор кардаед, аз тарафи мо беақлӣ мебуд агар аз ёрии ӯ даст мекашидем. Мистер Холмс, ба меҳмонхо- наи деҳа рафтанатон хочат нест, ман 1под мешавам агар шумо- ро дар хонаи худам дар Холдернесс-холл пазироӣ кунам.

— Ҷаноби олимаком, аз таҳти дил миннатдорам. Вале ба вафъи кор, шояд дар хамин ҷо, дар ҷои воқеа рӯй додагй исто- данам беҳтар бошад.

— Мистер Холмс, шуморо маҷбур намекунам. Вале агар

аз ман ё мистер Уайлдер ягон хел маълумот лозим шавад, **мо** ба хизмати шумо тайёр.

— Эхтимол, ба Холдернесс-холл рафтанам лозим шуда мо- над,— гуфт Холмс.— Аммо, сэр, ҳозир ман фақат донистанӣ будам, ки ба таври пурасрор ғоиб шудани писаратонро ба ман чӣ тавр маънидод мекунед.

— Сэр, дар додани ҷавоб душворӣ мекашам.

— Агар ман ба мавзӯъҳои барои шумо ногувор дахл кунам, мебахигед, вале бе ин мумкин нест. Ба фикратон дар ин кор герцогхонум шарик нест?

Вазир дар додани ҷавоб таъхир кард.

— Ба фикрам, не,— оқибат гуфт вай.

— Дар он сурат ин худ аз худ эзоҳи дигар металабад: шо- яд, писарчаро бо мақсади фидия гирифтаи Дуздида бошанд? Мабодо-ку ҷунин талаб нашудааст?

— Не, сэр.

— Ҷаноби олимақом, боз як савол! Ба ман маълум, ки рӯзи ғойб шудани писар^тон шумо ба вай мактуб навишта будед.

— Не, ин дар арафаи гум шуданаш буд.

Комилан, дуруст. Аммо вай мактуби шуморо худи хамон рӯз гирифт?

— Ҳа.

— Дар он мактуб оё ягон гапе набуд, ки ӯро ба изтироб меовард ё ба гурехтан талкин менамуд?

— Сэр, будагӣ ran, не.

— Мактубро худатон фиристодед?

Қотиб ба ҷои герцог оташинона ҷавоб дод:

— Ҷаноби олимақом одате надоранд, ки мактубҳояшонро шахсан фиристанд. Он мактуб хамроҳи мактубҳои дигар дар рӯи мизи кабинет гузошта шуда буд ва ман ҳамаи онхбро ба- рои почта ба ёумка андохтам.

— Боварӣ доред, ки дар байни мактубҳои дигар он мактуб хам буд?

— Ҳа, онро бо чашмам дида будам.

— Ҷаноби олимаком, он рӯз чанд мактуб 'навишта будед?

— Бист ё сито. Доираи мукотибаи ман хеле васеъ. **Амио,** ба фикрам, мо як қадар аз моҳияти масъала дур рафтем.

— Не, барои чӣ!—гуфт Холмс.

— Ман худам ба полиция маслиҳат додам, ки ба ҷануби Франция барои ҷустуҷӯ одам фиристанд,— ба гапаш давом на- муд герцог.— Такрорг мекунам; ҳеҷ фикр намекунам, ки герцог- хонум писарашро ба чунин кори пурдаҳшат тела медода бо-

шад, вале писарам, бо он якравие, ки ӯ дорад, гурехта баназ- ди модараш рафтанаш мумкин, алалхусус, ба шарте иғвогарӣ ва мадади ин немис нашуда бошад. Ҳоло, доктор Хакстейбл, идозат диҳед хайру хуш кунам.

Ман хис менамудам, ки Холмс боз саволҳои бисьёре дорад, вале герцог дарҳол ба гуфтугӯ хотима гузошт. Ашрофияти зари- фу латифи ин шахси олиҷоҳ ӯро намегузошт, ки бо одами бего- на доир ба корҳои оилавии худ ба гуфтугӯ дарояд ва ӯ, зохи- ран, метарсид, ки хар саволи нав ба кунҷу канори боҷидду ҷахд пардапӯши ҳаёти вай бераҳмона равшанӣ мепошад.

Дӯсти ман пас аз рафтани герцог ва мистер Уайлдер бо ғай- рати муқаррарӣ дарҳол ба кор шурӯъ намуд.

Тафтиши бодиққати ҳуҷраи писарбача ҳеҷ натиҷа набах- шид, ба ҷуз боварии қатъӣ, ки вай аз тиреза фуромада гурех- тааст. Дар хуҷраи муаллими немис аз байни чизу чораи вай низ ягон далели нав пайдо карда нашуд. Буттаи печаки таки тиреза вазни ӯро бардошта натавонистааст ва мо алафзорро бо фонус- ча равшан карда, изи чуқури пошнаи поро дидем. Алафи лагад- молшуда — ана он ягона чизе, ки аз ин фирори тамоман номаф- хум гувохӣ мёдбд. ”

Шерлок Холмс маро танҳо гузошта рафт ва соат аз ёздаҳи шаб гузашта буд, ки гашта омад. рай аз ким-куҷо харитаи ин чойҳоро пайдо карда буд ва онро дар хуЗраи ман дар рӯи кат. пахн намуда, лампаро ба миёнҷои он гузошт. Баъд чубуқ дар- гнронд ва бо диққати тамом. харитаро аз назар гузаронида, са- ри хар чанд вақт нуқтаҳои ба вай даркориро бо дастаи ках- рабогии чубуки дуд карда истода ба ман нишон медод.

— Уотсон, ин воқеа торафт бешта'р маро ба худ ҷалб мена- мояд,— мегуфт дӯсти ман.— Вокеаи аҷиб, хеле аҷиб... Вале ҳо- зир вақте ки акнун ба тадқиқи он сар мекӯнам, мехостам диқ- қати шуморо ба баъзе ҷузъиёти ҷуғрофӣ ҷалб намоям, зеро дар рафти кофтуков аҳамиятнок буданашон мумкин. Ба ин харита нигаред. Ана ин чоркунҷаи уреб-уреб хат кашида шуда —мак- таб. Сарсӯзанро ба ин ҷо халонда мемонем. Ана роҳи сангфарш. Он аз шарқ ба ғарб аз назди мактаб мегузарад ва дар масо- фаи як миль шоха-шоха шуда ба ҳар тараф нарафтааст. Агар гурезаҳои мо бо роҳ рафта бошанд, дигар роҳи тоб мехӯр- дагиашон нест.

— Дуруст. <

— Бо мусоидати вазъият, тафтиш карда баромада метаво- нем, ки он шаб дар роҳи сангфарш чӣ воқеа рӯй дода буд. Ана дар йн ҷое, ки ҳозир чубуқи ман истодааст, аз соати дувоздаҳ

ТО luaiiiH пагоҳ полисе навбатчигӣ кардааст. Чӣ*гавре ки: меб#- йёд; ий дар !қисми шарқии роҳи сангфаршаввалйн чорраХаг мХ*- бокийд. Полис аз дидбонгоҳи худ дақиқае хам дур нарафтааст ва ӯ тасдиқ/Карда мегӯяд, ки агар онҳо аз он ҷо мегузаштаид, хатйая марди калонсол ва писарбачаро медид. ^Маи ин бёгох бо' ӯ ran задам ва ба фикрам, ба гапи вай бовар ^ардан мум- кян/Пас, ин қисми роҳи сангфарш истисно. Акнун мвбинем, ки дар қисми ғарбий он аҳвол чӣ хел. Дар он ҷо меҳмонхонаи «Барзагови сурх» воқеъ гардидааст, ки соҳибааш бембр хобй- дааст. Вай барои овардани духтур ба Мэклтон одам мефирис- тад, валё духтур ба дидани дигар бемор рафта будааст ва фа- кат пагоҳӣ барвақт ба назди вай омадааст. Мунтазири духтур шуда, шаби дароз дар мехмонхона нахобидаанд ва ҳар замон берун баромада ба роҳ менигаристаанд, ки омада истодааст ё не. Аз рӯи гуфтаи ин одамон, ҳеҷ кас аз назди меҳмонхона на- гузаштааст. Агар ба гапи онҳо бовар кунем, қисми ғарбии роҳи сангфарш хам дар дили мо ҳеҷ гуна шубҳа намегузорад. Пас, гурезаҳо дигар роҳро интихоб кардаанд.

• — Велосипед чй?—пурсидам м^н.

* — Ҳа, велосипед. Ҳозир ба велосипед ҳам машғул мешавем. Ба хамин тариқ, баҳсу ҷавобамонро давом медиҳем. Агар гу- резаҳо ба роҳи сангфарш набаромада бошанд, пас, онҳо ё **ба** шимол. ё ба самти ҷанубй мактаб рафтаанд, ин бешубҳа. Биёед хар ду ин тахминро санҷида мебипем. Дар самти ҷанубии мак- таб дащти калоне воқеъ гардидааст, ки ба кисмҳои хурд-хӯрд тақсим карда шудааст; ҳар кадоми онҳо аз якдигар бо деворн сангӣ ҷудо карда шудаанд. Аз ин ҷо бо велосипед гузашта раф- тан ғайри имкон. Пас, ин тахминро ҳам як тараф гузоштан ло- зим. Акнун ба шимол менигарем. Дар он ҷо чакалаки «Каҷмай-дон»-ро мебинем. Аз он гузашта, даҳ миль дарунтар, ҳамворий серботлрқ доман паҳн карда, ба т£рафи шимол торафт теппа- дор шуда меравад. Чаптар аз он Холдернесс-холл вокеъ гар- дидааст. Агар ба он ҷо бо роҳи сангфарш равӣ$_{к}$ даҳ миль аст, рост равӣ, ҳамагӣ шаш мильро т^шкил медихад. Ин ҳамворий хузновари беодамест. Дар он якчанд фермаи хурдакаки чорво- парварӣ воқеъ гардидааст. Гӯсфанд, гов ва паррандаҳои ботло- кӣ — ягона бошандагони ин ҷойҳоянд. Он тараф, чй тавре ки худатон мебинед, рохи сангфарши Честерфильд мегузарад. Дар канори он ду-се сайфия, калисо ва меҳмонхона ҷой гирифтааст. Дар ақиби онҳо теппаҳои баланди ростфуромадагӣ воқеъ гар- дидаанд. Боварӣ дорам, ки ҷустудӯи моро дар ин ҷо, дар шимол гузаронйдан лозим,

*



„•? Чацалаки
о- цачмаадоц

[5]Х*4?..ХЧ*
Меоцмонхонаи АлаФзори
I—1я барз<хгови [с]урх*^^ макп^оД foxu
сангФарш _____ -

Лашгтш чик%баст

— Велосипед чӣ!—такрор кардам ман.

— Велосипед чӣ дахл дорад!—бесаброна гуфт Холмс.— Велосипедронони нағз на фақат бо роҳҳои сангфарш велосипед меронанд. Ҳамворӣ аз бисьёрии пайраҳа ало-було мебошад, ғайр аз ин, ҳамон шаб моҳ шӯъла пошида ҳама ҷоро равшан мекард... Истед! Ин чӣ? _

Садои тук-тукн пурҳаяҷони дар шунида шуд—ва ҳамондам доктор Хакстейбл ба хона, ба назди мо даромад. Вай кепкаи иабуди лапараш гулдӯзии сафедеро дар даст нигох медошт.

— Бозьёфт!—хитоб вамуд вай.—Худоро шукр! Оқибат мо изи писарчаамонро ёфтем! Ин кепкаи вай!

— Аз куҷо ёфтед?

•— Аз фургони лӯлиҳо,,ки дар ҳамворӣ гурӯҳ шуда меисто- данд. Онҳо-рӯзи сешанбе аз ҷояшон кӯч баста будаанд. Имрӯз полиция нохост пайдо шуда, фургони онҳоро кофтааст. Ана ҳа- мин чиз ёфт шудааст.

— Ин чӣ тавр ба дасти онҳо афтидааст? Онҳо чӣ мегӯянд?

— Баҳона мекунаад, дурӯғ мегӯянд. Қасам мехӯранд, ки гӯё кепкаро сешанбе пагоҳӣ аз ҳамворӣ ёфтаанд. Не, ин рази- лон дар кӯҷо будани писарбачаро медонанд! Хушбахтона, ҳа- маашонро ба хонае андохта дарашонро қуфл қардаанд. Дар назди қонун аз тарси ҷон забонашон кушода мешавад. Шояд, на факат тарс, балки ҳамьёни герцог забонашонро кушояд.

— Хайр чй, нағз,— вақте ки доктор аз хона баромад гуфт Холмс.— Ба хар хол, ин 'назарияи маро тасдиқ мекунад, ки фа- кат чустуҷӯи ҳамворӣ ягон натиҷа хоҳад дод. Агар ҳабси лӯли- хоро ба ҳисоб нагирем, полиция доир ба ин масъала ягон кор накардааст. Уотсон, ба харита нигаред. Аз хамворӣ дарьёчае ҷорӣ аст. Дар байни мактаб ва Холдернесс-холл ин ҳамворӣ гоҳ ҷо-гоҳ ҷо ботлоқ. Ҳаво ҳозир чунон хушк?ки изро дар дигар ҷойҳо кофтан фоида надорад, аммо дар байни ин ботлоққҳо, шо- яд, ягон осор монда бошад. Фардо барвақттар ба наздатон ме- дароям ва мо кӯшиш меиамоем, ки сирри ин воқеаро кушоем.

Рӯзи дигар субҳ акнун дамида буд, ки ман аз хоб бедоршу- дам ва дар назди катам андоми дарозу лоғари Холмсро дидам. Вай дар тан сарулибос дошт ва маълум буд, ки аллакай ҳаво хӯрда омадааст.

— Ман чакалак ва мадонн велооипедҳоро тафтиш карда ба- ромадам,— гуфт дӯсти ман,— баъд дар Качмайдон сайругашт намудам. Уотсон, хезед, дарг хонаи шафат аллакай какао тай- ёр. Аз шумо илтимос, тезтар бошед, зеро имрӯз бояд бисьёр корҳрро анҷом диҳем.

Чеҳраи дӯсти ман суп-сурх шуд, чашмонаш мисли чашмони шахсе, ки барои ба кори дӯстдоштааш шурӯъ намудан бегоқатӣ мекунад, дурахшиданд. Baft дигар Холмс — Холмси хушҳоли боғайрат буда, ба он хаёлпарасти ба фикру андешаи худ ғарқ ва рангпаридаи Бейкер-стрит шабохат надошт. Ва ман ба ан- дони барбаст ва дар табу тоб будаи вай нигариста, фаҳмидам, кн рӯзи серташвише моро дар пеш аст.

Ваде он Ло ноумедии аламноке шурӯъ шуд. Мо бо дили пур аз умед аз хамвории торфдори хокистарранг ба роҳ даромадем. Ҳамвориро пайраҳаҳои зиёде бурида мегузаштанд, ки аз бись- ёр рафтуомад кардани гӯсфандои хосил шуда буданд ва дере нагузашта мо ба марғзори хурди зумрадранге баромадем, ки

fcap байни мо ва Холдернесс-холл ҷой гирифта буд. Агар писар- бача гурехта ба хона рафта бошад, йай аз он нагузашта наме- тавонист ва дарин ҷо бояд ё изи Пои вай мемонд, ё изи пои чуаллими немис. Вале мо ба из монанд ҳеҷ чиз надидем. Дӯстӣ чан лаб-лаби ин марғзори сабз қадам зада, абрӯ чин карда, ба ҳар доғи сиёхчаи ушнадори сатҳи он бо диққат менигарист. Изд пои гӯсфандон дар йн ҷо бисьёр буд, аммо боз якчанд мил|> пеш рафта. мо изи суми говро дидем. Изҳои будагй ҳамааш чамин буд. ~ ■

— Корамон барор накард,— ба ҳамвории дар пеши назараш цоман пахн кардагӣ туршрӯёна чашм давонда, гуфт Холмс,— Ана дар он ҷо ҳам ботлоқе хаст ва аз байни он пайраҳаи бори- ке мегузарад. Нигаред! Вай чӣ?

Мо ба пайраҳаи сиёҳи морпече қадам ниҳодем. Дар мисн- ҷои он, дар рӯи замини зах, изи чархи велосипед баръало на- моён буд.

— Ура!—фарьёд задам ман.— Ана худи велосипед!

Вале Холмс сар ҷунбонд ва ифодаи чехраи вай азхурсандй дида, бештар ҳайрон ва ҳушьёр буд.

— Велосипед-ку велосипед, аммо на он велосипеди мо ме- гуфтагӣ,— гуфт вай.— Ба ман нақши чилуду хел шинаи велоси- пед маълум. Чй тавре, ки мебинед, ин шицаи фирмаи <Дан- лоп> буда, ямоқ дорад. Шинаи велосипеди Ҳайдегер фирмаи «Палмеро», хаташ ба қадаш. Инро ба ман муаллцми ҳисоб Эве- линг гуфт. Яъне, аз он ҷо Ҳайдегер не, балки дигар кас гузаш- тааст.

— Пае, писарбача гузаштааст? •

— Эҳ, кошки велосипед доштани ӯро мо исбот карда мётa- вонистем! Вале моро бовар кунонда мегӯянд, ки вай велосипед надошт. Чӣ тавре ки худатон мебинед, ин изҳо аз мактаб сар шуда ба ин тараф меоянд.

— Е худ ба тарафи мактаб мераванд.

— Не, Уотсони азиз. Изи чархи қафо ҳама вақт чуқуртар аст, чунки вазн ба он бештар меафтад. Ана дидед? Дар як- чанд ҷой он изи саҳл маълуми чархи пешро зер карда, нобуд ‘кардйаст. Не, велосипедсавор бешубҳа аз мактаб ба ин тараф омадааст. Шояд, ӯ ба ҷустуҷуи мо ҳёҷ дахл надошта бошад, Вапе ба ҳар хол пеш аз он ки ҷустуҷӯро давом диҳем, биёед бо ҳамин яз гашта ба қафо меравем.

Мо хамин тавр ҳам кардем ва баъдй дусад-сесад ярд раф- Тан, дар хамон чое, кя пайраҳа аз ботлоқ ба дигар тараф тоб хӯрда буд, изв чархҳои велосипед ғоиб гардид. Аммо он тараф-

тар дарьёча пайраҳаро Оурида мегузашт ва дар он канори даръ- ёча изхо боз пайдо мешуданд, агарчи аллакай онҳоро цзипоя говҳо кӯр карда буданд. Баъд пайраҳа ба пешгоҳи Каҷмайдон, ба чакалаке мебурд, ки қариб рафта, ба бинои мактаб мепай- васт. Велосипедсавор, зоҳиран, аз ин чакалак баромада буд. Холмс ба рӯи харсанге нишаста, манаҳашро ба дастонаш такья 'дод. Ҳоло ки вай наҷунбида, дар ҳамин ҳолат менишаст, ман ду сигор кашидам.

— Хайр,—оқибат гуфт дӯсти ман,— буд^гӣ ran, одами эҳ- тиёткор, барои гум кунонидани из шинаҳои велосипедашро ди-^ гар карда метавонад. Вале бо ҷинояткоре, ки чунин истеъдоди пёшфаҳмӣ дорад, сар ба сар шудан барои ман шарафи кало нест. Ин масъаларо хал нашуда мемонем.ва ба ботлоқ барме- гардем, чунки дар он ҷо ҳанӯз ҳама чиз тадқиқ карда нашуда- аст.

Мо қитъаи ҳамвори ботлокро бо диққат аз назар гузарони- да истрда, ба зудӣ муродамон ҳосил гардид. Холмс боз як. пай- раҳаи лойро дид ва ба он наздик рафта хурсандона фарьёд зад. Аз миёнҷои пайраҳа хатчаҳое кашида шуда буданд, ки дар бо- рикӣ мисли сими телеграф бӯданд. Ин изи' шинаҳои палмерӣ буд'

— Ана ҳерр [1] Ҳайдегер аз куҷо гузашта рафтааст!—бо хая- ҷон гуфт Холмс.— Уотсон, хулосабарориҳои м.ан чандон бад на- будаанд!

Табрик мекунам.

— Вале то' охир ҳоло хеле ran. Хоҳишмандам ба пайраҳа кадам нагузоред. Биёед бо ин из меравем. Ин якин ба зудӣ канда мешавад.

Вале дар ин қисми хамворӣ дам ба дам аз пешамбн шивар> замин мебаромад ва агарчи изи велосипед аксар вақт гум ме- шуд, мо хар дафъа онро меёфтем.

— 1Пумо пай мебаред, ки дар ин ҷо велосипёдсавор ба пе- даль зер кардааст? Ин комилан равшан. Ана ба ин цо нигаред, қи хам изи чархи пеш боқӣ мондааст, ҳам ақиб. Онхо баръало намоёнанд. Инро фақат бо ҳамин маънидод кардан мумкин, ки чӣ тавре велосипедронон ҳангоми мусобиқа ин корро мекунанд, вазнашро ба руль партофтааст. Худоё, вай афтидааст!

Дар пайраҳаи пурлой изи паҳни дарози хун намоён буд. Он тараф нақши кафш дида мешуд ва баъд аз нав изи велосипед пайдо гардид.

[1] *Херр* — ба забони немнсӣ чаноб.

— Чарҳҳо лағжидаанд?— пурсидам ман.

Холмс буттачаи шикастаи дрокро аз замин бардошт. Даҳ-шатангезона дар рӯи баргҳои гули зард доғҳои сурхро дидам, Дар пайраҳа ва буттаҳон дрок доғи хурмоии хуни баста тира метофт. -

— Кор чаток!—гуфт Холмс.— Тамоман чатоқ! Уотсон, ба **ин** чо пой намонед, дуртар равед. Ба ҳамин тариқ, аз ин ҷо чӣ хондан мумкин? Вай маҷрӯҳ шуда афтидааст... аз ҷой хеста- **аст...** аз нав ба велосипед савор шудааст... пеш рафтааст. Аз пайраҳа пода гузаштааст. Ӯро гов-ку шох назадааст! Дигар из нест. Уотсон, ба пеш, ба пеш! Доғи хун, нақши шинаҳои велоси- пед — аз рӯи ин изҳо яқин мо ӯро кофта меёбем!

Ҷустуҷӯи мо дер давом накард. Изи велосипед аз пайрахай **тари** ҷилодиҳанда ихтилоҷомез печутоб хӯрда мерафт. Ман **ба** пеш нигаристам ва нохост дар пеши чашмам ким-чӣ мисли фу- **луз** дурахшид. Мо аз буттаҳои дрок велосипеди шинаҳояш пал- мериро кашида баровардем. Як педали он қат, руль ва чар- **хя** пешаш пур аз хун буд. Аз сабза саҳл дуртар кафш афтнда мехобид. Мо ба он тараф шитофтем ва велосипедсавори шӯр- **бахт** — марди коматбаланди ришдореро дидем қи айнак дошта, шишаи чашми чапаш шикастагӣ буд. Сабаби маргӣ вай зарбаи сахти камаршикане буд, ки косахонаи сари ӯро ду бӯлак карда буд. Он чи ки вай пас аз чунин маҷрӯҳӣ боз якчанд метр пеш рафта буд, аз сахтҷонии ҳайратангез ва қувваи иродааш шаҳо- дат медод. Вай бе ҷулоб кафш пӯшида, аз зери пиджак куртаи шабпӯшиаш намоён буд. Ҷои шубҳа набуд — дар пеши мо му- аллими немис мехобид.

Холмс эҳтиётқорона ҷасадро ба рӯи дигар гардонд, ӯро аз назар гузаронид ва баъд нишаста, ба фикр фурӯ рафт. Ба чеҳ- **раи** пуристироби дӯстам назар андохтам, фаҳмидам, ки ин бозь- ёфти пурдахшат кори тадқиқотӣ моро на он қадар пеш бурд.

— Уотсон, рости гап, чӣ илоҷ карданамонро намедонам,— оқибат гуфт Холмс.— Ман пеш рафтаниам. Ҷустуҷӯи мо чунон тӯл кашид, ки дакиқаеро хам беҳуда гузаронидан лозим нест. Аз тарафи дигар ба полиция хабар додан лозим. Магар часа- **дн** ин бечораро дар ин ҷо танҳо гузоштан мумкин!

— Хатчае навишта диҳед, ман мебарам. -

- — Вале ман бе шумо ва бе ёрии шумо хеҷ кор карда наме- тавонам! Истед, ана дар он чо ким-кӣ торф бурида истодааст, Он одамро ҷеғ занед, бигузор полицияро ба ин ҷо гирифта биё- рад.

Ман нлтимоси Холмсро ба ҷо (^вардам ва ӯ ба дасти ферме»

ри аз тарс дилкафшуда хате дода, ба назди доктор Хакстейбл фиристод.

— Уотсон, ба ҳамин тариқ,—аз нав ба ran сар кард дӯсти ман,— ин пагоҳ ману шумо ба ду из бархӯрдем. Якумашро ве- лосипеди шйнаҳояш палмерӣ гузоштааст ва мебинед, ки он моро ба куҷо овард. Бозьёфти дуюми мо — изи шинаҳои ямоқ- дори данлопӣ. То изи дуюмро. гирифта рафтан, биёед муайян кунем, ки чӣ ба мо маълум аст ва асосиашро аз ғайриасосӣ ҷу- до кунем... Пеш аз ҳама ман қайд карданиам, ки писарбача бо ихтиёри худ гурехтааст. Вай аз тиреза фуромада, танхо ё хам- роҳи шарикаш гурехтааст. Дар ин ҳеҷ ҷои шубҳа нест.

Ман тасдиққунон сар ҷунбонидам.

— Хӯш. Акнун бо немиси бечора машғул мешавем. Модом ки писарбача либос пӯшидааст,— пас^ ба гурехтан тайёрӣ ме- дидааст. Вале немис, зоҳиран, саросема либос пӯшидааст; би- нобар ҳамин ба чулоб пӯшидан фурсаташ нашудааст.

— Бешубҳа.

/ — Чӣ ӯро маҷбур кардааст, ки аз тиреза часта фурояд? Гу- рехтани писарбачаро дидааст. Вай хостааст писарбачаро дарьёб карда баргардонад. Ве^осипедашро гирифта, аз„дунболи гуреза метозад ва дар ботлоқ ҳалок мегардад.

— Бале, гӯё ҳамин тавр.

— Акнун ман ба қисми басе мубоҳисаталаби муҳокимарони- хои худ мегузарам. Марди калонсол писарбачаи хурдакакро дунболгирӣ карда, мебоист пиёда аз пасаш медавид. Охир ӯро дарьёб кардан ҳеҷ душворӣ надошт. Вале немис, ки аз рӯи гуф- таи доктор Хакстейбл, велосипедсавори хубе будааст, дигар кор мекунад— яъне барои гирифтани велосипедаш ба мадон мето- _зад. Аз ин чунин хулоса бармеояд: вай мебинад, ки писарбача, аз пиёда дида, савора рафтайро афзал донистааст.

.— Бо суханони дигар, велосипеди ким-киро мегирад?

— Манзараи фирорро то охир барқарор менаъюем. Немис панҷ миль дур аз мактаб ҳалок мегардад — ва, дар хотир дош- та бошед, аз тир не, ки онро кӯдак ҳам ба тарафи ӯ парронда метавонист, балки аз дасти пуркуввати шахсе ба сараш зарба хӯрда, халок мегардад. Пас, писарбача ҳамроҳе доштааст ва онҳо чунон босуръат мегурехтаанд, ки велосипедрони нағз фа- кат баъд аз панҷ мнль ба онҳо расида мегирад. Ҳангоми аз на- зар гузаронндани ҷои фоҷиа, мо фақат изи суми говро дидем. Ман тахмип панҷоҳ қадам ба васеъи давр задам ва ҳеҷ гуна пайраҳа надидам. Велосипедсавори дуюм ба куштор ҳеҷ дахле надорад, нзи пои одам бошад, дар ондо набуд.

— Холмс!—хитоб кардамман.—Ин дурӯғ! •' ' • • ‘:

— Офарин!— гуфт вай.— Хулоса — хулосаи комил. Дар шар- хи додагии ман ба воқеаҳо ким-чӣ нодуруст аст,— яъне, ман иш- тибоҳ кардаам. Вале шумо ҳама вақт ҳамрохи ман будед ва худатон ҳамаашро медидед. Ман дар куҷо саҳв карда истодаам?

— Шояд, вақти афтидан каллаашро кафонда бошад?

— Чӣ, Уотсон, дар миёни ботлоқзор? • > 5 ’

-т- Холмс, ман сабабашро наёфта истодаам. •

— Бас, бас, мо сари муаммоҳои аз ин душворро ҳам кушо- да будем. Мо барои андеша далели басе кофӣ дорем, фақат онро боақлона истифода кардан лозим...*Ба хамин тариқ Уот- сон, биёед пеш меравем. Шинаҳои палмерӣ ҳарчи ки ■метаво- нистанд, ҳамаашро ба мо гуфтанд. Акнун мебинем, ки шинаҳои ямокии данлопӣ моро ба куҷо мебаранд.

; ,

Мо ба ҳамон из равон шудем, вале дере нагузашта дар пе- ши назари мо теппаҳои нишебдори пур аз буттаҳои вереск на- моён шуданд; дарьёчд дар қафо монд. Пеш рафтан фо^да на- дошт, зеро изи шинаҳои данлопӣ моро ё ба назди Холдернесс- холл мебурд, ки аз тарафи чап манораҳои пурҳашаматаш ба осмон қад кашида буданд, ё ба назди Хиначаҳои пастаки хокис- тарранг, ки аз рӯи харита, аз пасӣ онҳо роҳи сангфарши Чес- терфилд мегузашт.

То меҳмонхонаи кӯҳна ва шаклан басе баднамои дар л^рҳа- аш расми хурӯс будагӣ якчанд қадам монда буд, ки нохост Холмс оҳ гуфт ва барои наафтидан аз китфи ман дошт. Пои вай баромад ва, чи тавре ки маълум аст, дар чунин мавридҳб одам заифу дармонда мешавад. Вай як навъ карда лангон-лангон то дари меҳмонхона расид, ки дар он ҷо марди миёнсоли. чор- паҳлуи сиёҳчурда чубуқ дар даҳон менишаст.

— Салом, мистер Рюбен Хейз,— гуфт Холмс.

— Шумо кистед ва номи маро аз куҷо медонед?— бо ниго- хи шубҳаомез ва бадхохона сар то пои Холмсро аз назар гуза- ронда пурсид он шахс.

— Номатон дар лавҳаи болои саратон навиштагӣ. Сохибхо- наро ҳама вақт шинохтан мумкин. Гӯед, ки дар каретахонаи шумо ягон аробаи шалақ ёфт намешавад?

— Не. ~ /

— Ман пои ростамро ба замин монда наметавонам.

» — Модоме ки монда натавонед, по намонед.

— Чӣ тавр равам?

— Якпоя чаҳида-чахида равед. ■

Дар чавобҳои мистер Рюбен Хейз чандон меҳру навозиш

хис карда намешуд, вале Холмс ба дағалии вай ба таври ҳай« ратангез нармдилона ҷавоб медод.

— Азизам, гӯш кунед,— гуфт вай,— охир мебинед, ки чӣ гу* на ахвол дорам. Чӣ тавр ва бо чӣ рафтан ба ман фарқ надорад, фақат то манзил расем, шудааст.

— Алалхусус ба ман фарқ надорад,— ҷавоб дод он марди бадқавоқ. - — Ман бо кори муҳим ин ҷо омадаам. Велосипедатонро ба ман диҳед ва корпулӣ як соверен медиҳам.

Сохиби меҳмонхона гӯш сих кард:

' —■ Ба куҷо рафтаниед?

— Ба Холдернесс-холл.

— Ба назди герцог ба меҳмонӣ-ку рафтанӣ нестед?—тамас-~ хуромезона ба сарулибоси пурлои мо нигариста, гуфт соҳиби меҳмонхона.

Хблмс нармдилона хандид:

, — Герцог оғӯш кушода моро пешвоз мегирад.

— Барои чӣ?

— Чунки мо дар бораи писари гумшудааш хушхабаре бур- да истодаем.

Мистер Хейз як қад парид:

— Наход ӯро ёфта бошанд?

' — Аз Ливерпуль хабар доданд, ки вай дар он ҷо. Имрӯз ё фардо ӯро меёбанд.

Аз ин башараи хунуки ришу мӯйлабаш расидагй гӯё ким-чӣ еоя афканда гузашт.

— Ман ба герцог кина дорам,— гуфт вай,— ман фойтун- чии ӯ будам ва герцог ба ман дағал муомила кард. Бедафурӯш дар ҳаққи ман ба вай як дуньё гапи дурӯғ гуфт, герцог маро ҳисобу китоб карда, кафшама пеш гузошт ва ҳатто ба ягон ҷо тавсия накард. Вале ҳарчи бошад, ман хурсандам, ки лорди ча- вонро аз Ливерпуль ёфтааид. Гуфти шумо шавад, ёрдам меку- нам, ки ин хабари хушро ба Холдернесс-холл бурда расонед.

— Ташаккур,— гуфт Холмс.— Мо аввал шом мехӯрем ва баъд шумо велосипедатонро ба ман медиҳед.

— Велосипед надорам.

Холмс як соверенро ба ӯ нишон дод.

— Мегӯям, ки велосипед надорам! Аспакй меравед.

— Хуб,— гуфт Холмс.— Аввал шикамамонро сер кунед, баъд ran мезанем. »

Вақте ки мо дар ошхонаи фаршаш тахтасанг танҳо мондем, дарди пои Холмс яку якбора қатъ гардид. Рӯз бегоҳ мешуд.

Мо сахт гурусна монда будем ва аз сари миз. ба хестан шитоб намекардем. Холмс ғарқи фикру хаёли худ, ба хомӯшӣ халал варасонида якчанд маротиба ба тиреза наздик шуд. Он ба ҳав- лии пур аз ахлот кушода мешуд. Дар як чети ҳавлӣ охангар- жона меистод, ки дар он ҷо навраси ифлосу чиркине кор ме- кард, дар кунчи дигари ҳавлӣ оғилхона воқеъ гардида' буд. Холмс чанд маротиба ба назди тиреза рафта, оқибат гашта ома- да боз ба паси миз нишаст ва нохост ҷаста хесту бо овози ба- ланд фарьёд зад.

— Уотсон, шуд! Ефтам!—гуфт вай.— Акнун ҳамааш маъ- дум. Уотсон, ин пагоҳӣ изи суми говро дида будед?

— Дида будам.

■ • • • Дар куҷо?

— Дар ҳама ҷо. Ҳам дар ботлоқ, ҳам дар пайраҳа, хам наз- дик ба хамон чое, ки Ҳайдегер ҷон ба таслими марг дода буд.

— Дуруст. Уотсон, акнун гӯед, ки гови бисьёр дидед?

- — Гов надидам'.

— Уотсон, ачиб| Ҳама чо пур аз изи суми гову аз худи гов дарак не. Рост, ȷсн аҷиб?

— Ҳа, дар ҳақиқат аҷиб.

— Уотсон, акнун диққататонро ба як чо чамъ кунеду ба худ тасаввур карданӣ шавед, ки шакли он изҳо дар пайраҳа чӣ хел буд?

• ,— Хайр, тасаввур кардам.

— Дар хотир доред? Баъзан ин хел буданд... — вай нояреза- доро дар рӯи миз ин зайл чидан гирифт: — : : : :—Баъзан ин кел: — —
Дар баъзе ҷойҳо.^айа ин дел: — :. :. : —
Дар хотир доред? ••

— Не. ■

— Ман бошам дар хотир дорам ва ҳозирам ба чонам қасам хӯрам. Воқеан, мо боз ба он ҷо баргашта, ҳамаашро аз назар мегузаронем. Ақлам хира шуд магар, ки аз ин хулосаи даркорӣ ■ набаровардам!

— Чӣ хел хулоса?

— Ана ҳамин гуна хулоса: аҷиб говҳое, ки равишашон. хар хел бощад — ҳам юрға кунанд, ҳам чорхез намоянд, ҳам қадам аада гарданд! Уотсон, суханони маро дар ёд доред, ба чунин ҳилаву найранги маккорона ақли соҳиби ошхонаи деҳотӣ наме- расад! Ба ғайр аз «н навраси дар охангархона будагй дар рӯи кавлӣ ҳеҷ кас нест. Берун баромада бинем, канӣ, дар он чо чӣ гап?

Дар оғилхонаи нимвайрона ду аспӣ мӯйпарешони қашавна-

карда меистод. Холмс пои ақиби яке аз онҳоро бардошта, бо овози баланд хайдид:

— Наъл кӯҳнаву ба наэдикӣ наъл кардаанд. Наъл кӯҳнаву мехҳояш нав. Ин корро ба қйторв корҳои барҷаста гузоштан мумкин —- ба куллӣ ба ин меарзад. Акнун даромада даруни охангархонаро мебинем. . _ ■

Наврас, ки ба кори худ машғул буд, заррае ба мо аҳамият аадод. Ман дидам, ки чӣ тавр Холмс тамоми оҳангархонаро, ки пур аз оҳанпора буд, зуд аа назар гузаронид. Нохост аз қафо садои по шунида шуд ва мо соҳиби меҳмонхонаро дидем. Аб- рӯвони ғафсаш бар болои чашмони бадхашмона дурахшанда- аш ба хам пайвастанд ва чехраи гандумгунаш ихтилоҷомез ме- парид. Вай таёқчаи нӯгаш оҳанинро дар даст нигоҳ дошта, бо чунин қиёфаи таҳдидоваре ба сӯи мо қадам зада меомад, ки ман таппончаро дар кисаам ламс карда, хурсанд шудам.

— Ҷосусони полис!—фарьёд аад вай.— Дар ин чо чӣ кор мекунед?

— Мистер Рюбен Хейз, мебахшед!—оромона гуфт Холмс.— Фикр кардан мумкин, ки шумо метарсед ки мо аз ин ҷо ягбв чиз меёбем.

Хейз бо зӯри зиёди ирода худро ба даст гирифт ва сохтако- рона табассум намуд, ки ин табассум аз қиёфаи пурхашмаш ди-> да, ба назарам боз хам пурдаҳшаттар намуд.

— Марҳамат, кобед. Ҳар чи ки ёбед — ҳадооаш аз они худа- тон,— гуфт вай.— Аммо нағз намебинам, ки одамони бегона бе иҷозат дар рӯи ҳавлии ман мегарданд. Бинобар он, мистер, ҳар қадар ки тезтар шумо ҳисобу китоб карда, аз ин ҷо дафъ шавед, ҳамон қадар бехтар.

— Мистер Хейз, аз мо наранҷед,—гуфт Холмс.—Мо аспони шуморо диданӣ будем, вале, зоҳиран, ман пои пиёда рафта ме- тавонам. Охир то Холдернесс-холл роҳ чандон дур набудагист?

— Аз ин чо то таки дарвозав он аз ду миль зиёд ие. Ана бо он рох рафта, ба рост гардед.

Вай бо нигоҳи малӯлона моро аз хавлӣ гусел кард.

Мо чандон дур нарафта, Холмс дар аввалин хамгашти рох встод, зеро медонист, ки дигар хеҷ кас моро намебинад.

— Ий тавре ки дар бозии бачагона мегӯянд, «тасфида раф- тем>,— гуфт вай.— Ва ҳар қадар ки аэ меҳмонхона дуртар ме- равам, торафт хувуктар ва хунуктар мешавад. Не, холо аз ин чо рафтан барвақт!

— Боварӣ дорам, кв Рюбен Хейз дамаашро медонад.. Аз ин,

дида башараи бадкирдоронаеро дар ҳаёт дидан ба ман рост наомадааст!

— Ҳамту не? Бадкирдори ҳақиқӣ! Аспон, оҳангархонаашро намегӯӣ? Ҳа-а, «Хурӯси ҷангӣ> ҷои аҷиб?! Биёед нигоҳ карда истем». канӣ, дар он ҷо чӣ кор мекунанд, фақат эҳтиёт карда, рустӣ.

Дар қафои мо теппаи андак нишебе қад кашида буд, ки сар то сар пур аз харсангҳои хокистарранг буд. Вақте ки аз пасгха- миц. он боло мебаромадем, ба тарафи Холдернесс-холл нигох қардам ва нохост велосипедсавореро дидам, ки босуръат ве- лосипед меронд.

— Уотсон, хам шавед!—дасти вазнинашро ба китфи ман гузошта фарьёд зад Холмс.

Мо нав дар пушти харсанге руст шуда будем, ки он шахс бо- суръат аз назди мо гузашт. Аз миёни абри гарду чанге, ки ве- лосипед бардошта буд, дар як он аз пеши назарам чеҳраи ранг- паридаи пурхаяҷоне гузашт — чеҳрае, ки дар ҳар як узви он: дақони кушода, чашмони аз косахонааш баромадаи нигохаш карахт даҳшат намудор буд. Ин як тақлиди нозеби хандаовар ба Ҷеймс Уайлдери олуфтанамои чингилинг—шиноси дирӯзан мо буд. - . /

— Мирзои герцог!—хитоб намуд Холмс.— Уотсон, тезтар бо- шед! Бинем, ба вай дар он ҷо чӣ лозим.

Мо аз санг ба санг ҷаҳида, аз пуштаи роҳ боло баромадем ва аз он ҷо дари меҳмонхонаро дидем. Велосипеди Уайлдер дар назди девор меистод. Рӯи ҳавлӣ ором буд, аз тирезаҳо ягон кас сар бароварда, ба берун наменигарист.

Офтоб дар паси манораҳои баланди Холдернесс-холл гганах мешуд ва бар рӯи хамворӣ охиста-охиста торикӣ мефуромад. Дере нагузашта, аз байни торикии ғализ шудаистода, аз оғили меҳмонхона фойтуни дучархае баромад, ки аз ду тарафаш фо- нусхои фурӯзон дошт ва пас аз як-ду дақиқа асп бо суръати тамом тозон аз назди мо гузашта, ба тарафи Честерфилд рафт.

— Уотсон, инро.чӣ тавр фахмидан мумкин?—пичиррос зад Холмс.

— Аз афташ гурехт. ' -

— Фойтуни дучарха ва ба андозае, ки ман дида тавонистам, ба он яқ кас савор буд. Вале ӯ мистер Ҷеймс Уайлдер набуд, зе- ро нигоҳ кунед, ана вай.

Дар миёнҷои чоркунҷаи фурӯзони дари ошхона андоми мир- эо сиёҳӣ мекард. Вай гарданашро ёзонда, ба торикӣ мениса- рист ва баръало дида мешуд, ки вай касеро мунтазир аст. Аз

байн якчанд дақиқа гузашт ва оқибат дар роҳ садои қадаммонӣ шунӣда шуд. Дар равшание, аз дари меҳмонхона мебаро- мад, боз сояи касе намудор шуд, дарро пӯшиданд ва мехмонхо- на боз ғарқи торикӣ гардид. Баъд дар яке аз тирезаҳои ошьё- наи болоӣ лампа гиронданд.

— Ба меҳмонхонаи сХурӯси ҷангӣ» меҳмонони аҷибе раф- туой доранд,— гуфт Холмс.

— Дари майхонааш аз пушт.

’ — Дуруст. Ин ду кас, эҳтимол, мизоҷ не, балки меҳмонони соҳибхона бошанд. Вале мистер Ҷеймс Уайлдер дар ин бевақтӣ дар ин мағора чӣ кор дорад? Ва дар он ҷо ба кӣ мулоқот таъ- ин кардааст? Уотсон, таваккал карда, наздик рафта ба онҳо менигарем.

Мо ба роҳ фуромадем ва поида-поида ба дари меҳмонхона наздиқ шудем. Велосипеди Уайлдер пештара барин дар назди девор меистод. Холмс гӯгирд зада онро ба чархи ақиб наздик бурд ва хангоме, ки равшанӣба ямоқи шинаи данлопӣ афтид, чӣ тавр <ҳм» гуфтани ӯро шунидам. Тирезае, ки дар он лампа дармегирифт, дар болои сари мо воқеъ гардида буд.

— Ба он ҷо як назар андохтан лозим. Уотсон, агар хам шу- да ба девор такья мекардед, ман илочашро меёфтам.

Пас аз сонияе .Холмс ба тахтапушти ман баромад ва дарҳол ҷаста фуромад.

— Дустам, биёед, рафтем,— гуфт вай.— Имрӯз кифоя. Ҳар чи ки аз дастамон омад, кардем. Вақтро беҳуда намегузаронем, то мактаб роҳ анча дур.

Ҳоло ки мо ҳар ду бо ҳоли хаста, аз ҳамворӣ оҳиста-оҳиста •қадам зада мерафтем, гӯфтан мумкин Холмс як даҳан ran на- зад ва ба мактаб надаромада, ба станция рафт, ки телеграмма фиристад. Баъд ба доктор Хакстейбл тасаллӣ додани ӯро шуни- дам, ки аз марги фоҷиавии муаллим маҳву мот гардида буд, сонӣ бевақтии шаб ба хуҷраи ман даромада омад, ки пагоҳӣ ин ҳолатро дар ӯ дида будам.

— Дӯстам, ҳамааш хеле нағз сурат гирифта истодааст,— гуфт вай.— Ваъда медиҳам, ки фардо то бегоҳ ба кушодаии ин сир муваффақ мегардем.

Рӯзи дигар соати ёздаҳ ману Холмс аз пайраҳаи машҳури тиссазори Холдернесс-холл қадам мезадем. Хизматгор моро дар назди даромадгоҳи бошукӯҳ пешвоз гирифта, ба кабинети чано- би олимақом даровард. Дар он ҷо дар назди мо мнстер Ҷеймс

Уайлдер пайдошуд. Вай хоксорона ва боназокат рафтор ме- кард, вале дар чеҳраи ба тарзи асабӣ ларзандааш, дар чашмони даросонаш ҳанӯз даҳшат намоён буд.

— Шумо герцогро диданӣ будед? Афсӯс! Ҷаноби олимакои бетобанд. Вай аз ин фочиаи рӯй додагй, ки дирӯз доктор Хакс- тейбл бо телеграмма моро огоҳ кард, ниҳоят андӯҳгин мебошад,

— Мистер Уайлдер, герцогро диданам зарур.

— Ӯ аз хонааш берун намебарояд.

— Дар он сурат ман ба наздаш медароям.

— Вай бистарӣ мебошад.

— Ба ҳар ҳол ман ба мулоқот исрор мекунам. '

Оҳанги сард ва қатъии Холмс дар дили мирзо боварӣ ҳосил жунонд, ки бо ин одам муноқиша кардан фоида надорад.

— Хуб, мистер Холмс, ман аз омадани шумо арз мекунам. То ба кабинет даромада омадани герцог қариб як соат гузашт. Чашмони вай чуқуртар нишаста, китфонаш беихтиёр поин фу- роварда шуда буданд — гӯё вай аз дирӯз то ин дам пир. шуда буд. Герцог аз рӯи назокат ба мо боодобона таъзим намуда, ба курсии роҳат нишаст.

— Мистер Холмс, гӯшам ба шумо.

Вале дӯсти ман ба мирзо, **кдн** дар назди хӯҷаини худ меистод, рост нигоҳ кард.

. — Ҷаноби олимақом, хузури мистер Уайлдер тояк андоза моро дар хиҷолат мемононад.

Ранги рӯи мирзо парид ва ӯ ба Холмс бадхашмона назар афканд.

— Агар, ҷаноби олимақом фармоянд...

г- Ҳа, ҳа, маро танҳо гузоред... Инак, мистер Холмс, ба ман чй ran доред?

Дӯсти ман то аз паси мирзо пӯшида шудани дар сабр кар- да истод.

— Ҷаноби олимақом,— ба ran сар кард вай,— ман ҳамрохи рафиқам, духтур Уотсон, аз рӯи гапи доктор Хакстейбл медо- нем, ки шумо барои тадқики ин кор мукофоти пулӣ ваъда қар- даед. Ман мехостам инро аз забони худи шумо шунавам.

— Марҳамат, мистер Холмс.

— Агар ба ман дуруст гуфта бопганд, ба касе, ки ҷои пцса- ри шуморо нишон диҳад, панч ҳазор фунт ваъда кардаед.

— Ба куллй дуруст.

— Ва боз хазор фунт ба касе, ки шахс ё шахсони ӯро руст кардагиро ном барад.

— Комилан дуруст.

— Дар ин чо, албатта, на фа-қат дуздон, балки он касоне, ки қасди дуздӣ кардаанд, дар назар дошта шудаанд.

— Ҳа, ҳа!—бесаброна хитоб кард герцог.— Мистер Шер- лок Холмс, агар шумо ин сирро кушоед, ба саховатмандии ман бовДр хоҳед кард. -

Дӯсти ман ҳарисона дастонашро ба ҳам молид, ки ин кораш маро дар тааҷҷуб мононд, зеро то хол ӯро ҳамчун одами нихо- ят қаноатпеша медонистгГм.

— Дар рӯи миз ин дафтарчаи чекнависйи щумо?— дурсяд вай»—Аз ҷаноби олимақом хоҳишмаадам, ки ба номи ман ба. шащ ҳазор фунт чек иависанд! Чеки пулфиристони ба ҳамон шӯъбаи банки Оксфорд-стрит, ки ҳисоби ҷории ман кушода ме- бошад. «

; Герцог дар руи курсӣ комат рост кард ва ба дӯсти ман ни- ғохи сарде афканд.

— Мистер Холмс, .шумо шӯхӣ мекунед? Магар ин чизи шӯ- хӣ мекардагӣ!

— Ҷаноби олимақом, инро шӯхй нафаҳмед! Ман аз харвақ« **та** дида ҷиддитар ғап зада истодаам. . < ■

« — Ин чй маънӣ дорад? -

— Ин чунин маънй дорад, ки ман мувофиқи хизматам му* кофот мегирам. Дар куҷо будани рисари шумо ба ман маълум **>ва** ман одамонеро — дурусттараш шахсеро медонам, кй ӯрр **дар** хонааш нигоҳ медорад.

Дар рӯи йисли мурда рангпаридаи герцог риши сурхи вай гӯё мисли оташ аланга гирифт.

— Писарам дар куҷост?— базӯр гуфт вай.

— Дар меҳмонхонаи «Хурӯси ҷангӣ>/ ду миль дуртар аз дарвозаи боғи шумо. Ба ҳар ҳол, дмрӯз дар ҳамон ҷо буд. .

Герцог ба пуштаки курсии роҳат такья кард. ,

— Киро айбдор мекунед?

Ҷавоби Шерлок Холмс маро дар ҳайрат мононд. Вай **бо*** суръат ба пеш қадам гузошт ва ба китфи герцог даст расонд:

— Ман шуалоро гунаҳкор мекунам. Акнун, ҷаноби олимаком, лутфан, ба маблағи шаш ҳазор фунт ба ман чек 'нависед.

Ҳеҷ гох фаромӯш намекунам, ки чӣ тавр герцог ҷаста аз кур« сии роҳат хест ва гӯё дар канори ҷарӣ худро нйгоҳ доштанй. шуда, ихтйлоҷомез даст афшонд. Баъд бо саъю кӯшиши иродаи ғайриинсонӣ сабру таҳаммули ашрофзодагии худро ба ёрӣ ҷеғ зад, ӯ аз нав ба паси миз нишаст ва рӯяшро бо дастонаш пӯ« шид. Аз байн якчанд дақиқа гузашт...

— Чӣ ба шумо маълум?— сар набардошта пурсид бечора.

1— Ман дирӯз бегоҳӣ ӯро хамроҳи шумо дида будам.

— Ба ғайр аз дӯсти шумо дар ин бора боз кӣ хабар дорад?

— Ман ба ҳеҷ кас ҳеҷ чиз нагуфтаам.

Герцог бо ангуштони ларзон парро ба даст гирифта, дафтар- чаи чекнависиро кушод.

— Мистер Холмс, ман аз қавлам намегардам. Шумо чеки ваъдашударо мегиред, агарчи ин пул ба ҳисоби адои хабаре ме- равад, ки ба ғайр аз ғусса ба ман ҳеҷ чиз наовардааст. Вале ман инъом ваъда карда истода, магар фикр карда метавонис- там, ки воқеаҳо ин тавр сурат мегиранд! Зимнан, мистер Холмс, умедворам, ки шумо ва дусти шумо — одамони хирадмандед!

— Ҷаноби олимақом, намефаҳмам, бо ин чӣ гуфтанӣ ҳастед.

— Хуб, мистер ХолмС, кушоду равшан ган мезанем. Агар ба ғайр аз дуи шумо тафсилоти ин воқеа, ба ҳеҷ кас маълум набошад,' дигар онро давом надиҳед. Ман аз шумо дувоздах ҳа- зор фунт қарздор, ҳамту не?,

Вале Холмс табассум намӯда, сар чунбонд:

— Афсӯс, ҷаноби олимаком! Чӣ тавре ки дар назари аввал менамояд, хамаи инро яктарафа кардан чандон кори осон не. Ягон кас бояд барои қатли муаллим ҷавобгар шавад.

— Вале Ҷеймс ба ин ҳеҷ дахл надорад! Ҳамаи гуноҳро ба гардани вай бор кардан мумкин нест.— Куштор — кори ҳамон одами ваҳшӣ, хамон ^обакор, ки Ҷеймси бечора аз хизмаги вай истифода намудааст.

—т Ҷаноби олимақом, ман ҳам тарафдори акидае, ки дар сурате одам даст ба ҷиноят задааст, барои тамоми ркибати кир- дори худ бояд ба таври маънавӣ ҷавобгар Шавад.

-г Бале—маънавӣ. Аммо ӯро маҷбур насозед, ки дар наз= ди қонун ҷавоб гӯяд! Одамро барои кушторе, ки дар вақти рӯй доданаш хатто хузур надоштааст, барои кушторе, ки аз шумо дида ӯро камтар оташин накардааст, маҳкум намудан лозим нест. Ҳабари кушторро шунида, ба азоби вичдон тоб наоварда, дарҳол хамаашро ба ман иқрор шуд. Баъд як дакиқа хам нагу- заронида, алоқаашро аз қотил канд. Мистер Холмс, ӯро наҷот диҳед, наҷот диҳед! Илтичо мекунам, наҷот диҳед!

Он таҳаммули ашрофонаи герцог куҷо шуд! Ин марди оли- мансаб бр чеҳраи баднамо рӯ-рӯи кабинет тез-тез пасу пеш қа- дам зада, ихтилоҷомез даст меафшонд. Оқибат худро ба даст гирифт, аз нав ба паси миз нишаста гуфт:

— Ман сарафрозам, ки аввал ба назди ман омадед. Ба ҳар ҳол биёед, фикр карда бинем, ки барои маро аз шармандагӣ нигоҳ доштан чӣ чора сохтан мумкин, .

— Биёед/—гуфт Холмс.— Вале, ҷаноби олимақом, дар он сурат, мо бояд то охир ягон чизро аз ҳамдигар пинҳон надо- рем. Агар тафсили ин корро аниқ фаҳмам, ҳар чи ки аз дастам меояд, онро мекунам. Ба андозае ки ман фаҳмидам, суханони шумо ба мистер Ҷеймс Уайлдер дахл доштанд,— пас, шу-Мо тасдиқ мекунед, ки қотил вай не? ,

— Бале, қотил гурехта руст шудааст.

Холмс табассуми ботаҳаммуле кард:

Ҷаноби олимақом, шояд, аз хизматҳои дюкирои дар йн соҳа нишон додаи ман огоҳ набошед, зеро фикр намекардед, ки сирри худро аз ма« пинҳон доштан чандон кори осон нест. Дирӯз соати ёздах мистер Рюбен Хейз бо супоридпи ман дар Честерфильд ба ҳабс гирифта шуд. Сардори полицияи он ҷо им- рӯз пагоҳӣ дар ин бора ба ман хабар дод. То аз мактаб баро- мада ба йн ҷо омадан телеграммаи ӯро гирифтаМ;

Герцог ба курсии роҳат такья кард ва бо ҳайрат ба дӯзстқ, ман чашм дӯхт.

— Мистер Холмс, имкониятхои шумо ҳудуд доранд ё йе! — хитоб намуд вай.—Пас, Рюбен Хейз ба ҳабс гирифта шудаа Ст? Хайр чй, аз ин фақат шодӣ кардан мумкин. Вале ба ҳабс гй- рифта шудани вай ба қисмати Ҷеймс таъсир намерасонад?

— Ба қисмати мирзои шумо?

• — Не, сэр, писари ман,

Ин дафъа Холмс дар ҳайрат монд.

[1] —• Ҷаяоби олимақом, ба шуЛо гуфтанам лозим, кй ман кеҷ **ба ий** гумонбар нашуда будам. Шояд, ҳамаашро батафсилтар шарҳ дода монед?

— Ман хеҷ чизро пинҳон намедорам. Гапи шумо дуруст: фақат ошкоро гапзанй, агарчи барои ман азиятовар бошад ҳам, вазъиятро сабук карда метавонад, зеро Ҷеймси аз бухл дево- нагашта хар дуи моро ба ин ахвол гирифтор кард. Мистер Холмс, дар ҷавониам чунон ошиқ шуда будам, ки дар зиндагй фақат як маротиба ин тавр ошиқ мешаванд. Ман занеро дӯст дошта ба.вай арзи меҳру му*аббат йамудам^ вале ӯ аз тарси он/ки ба шаъну шӯҳрати ман халал нарасонад, таклифи маро рад кард. Агар вай зинда мебуд, ман ягон каси дигарро ба за- нӣ намегирифтам. Аммо вай мурд ва кӯдакеро ба ман ба ёдгор гузоиРг ва ман ба хотираи вай кӯдакро бо ноз мепарваридам, дар ҳаққаш ғамхорӣ мекардам. Ман ошкоро ба ӯ гуфта намета- вонистам, ки падараи! мебошаад, вале писарам хеле илми нағз гирифт ва ҳангоме ки калон шуд, хамеша ҳамроҳи ман зиндагӣ мекард. Вай тасодуфан"аз сирри ман огоҳ гардид ва аз ҳамон

вақт инҷонио оо ҳар роҳ аз хукуки фарзандиаш- истифода на- муда, тарсонда меистод, ки маро фош месозад. Ҳузури вай дар Холдернесс-холл ба андозае сабаби чудошавии ману занам гар- дид. Ва аз хама азиятовараш ҳамин, ки вай аз рӯзи аввал пи- сарчаи хӯрдакаки ман, меросхӯри қонунии маро бераҳмона бад дид.

Шумо мепурсед, ки бо вуҷуди ҳамаи ин чаро ман Ҷеймсрс' дар хонаам нигоҳ медоштам? Ҷавобн ман хамин: барои он ки дар шахси ӯ модарашро медидам ва ба хотири вай токат мекар- дам. На. фақат бо тарҳи рӯй, балки борафтор, шишту хезаш хар дақиқа симои азизро ба хотирам меовард. Ман аз вай ма- дори чудоӣ надоштам. Вале охир метарсидагӣ шудам, ки мабо- до вай бо Артур — лод Солтайр, ягон кор накунад ва писар- бачаро ба интернат, ба назди доктор Хакстейбл фиристодам.

Ҷеймс мулки маро идора мекард ва ба ҳамин тариқ бо Хейз, ки яке аз ичоранишинони ман буд, шинос шуд. Вай бо он ноба- кори малъун чӣ хамдилӣ дошт, намедонам, вале онҳо бо ҳамди- гар дӯст шуданд. Зимнан, ҳама вақт медидам, ки Ҷеймс ба ча- моати баттолон майл дорад. Лорд Солтайрро дуздиданӣ шуда, вай ин одамро ба'худ шарик гирифтааст.

Шумо дар хотир доред, ки дар арафаи гурехтани Артур ман ба вай мактуб навишта будам? Ҷеймс конвертро кушода, ба да- руни он номае гузошта, аз Артур хоҳиш кардааст, ки дар Кач- майдон, наздик ба мактаб, бо ҳам вохӯранд. Писарбача ба мулоқот омадааст, чунки гӯё' нома бо илтимоси герцогхонум фиристода шудааст. Ҷеймс бо велосипед ба чакалакзор омада- аст — инро баъд худаш ба ман икрор шӯд ва Артурро бовар кунондааст, ки модараш дар фироқи вай дилтанг аст ва дар ҳа? мин наздикӣ мебошад; агар нисфи шаб ба чакалакзор биёяд, дар он чо рохбаладе бо асп ӯро мунтазир мешавад. Писарчаи бечора ба дом меафтад. Вай соати гуфташуда ба чакалакзор меояд ва дар он ҷо Хейзро мебинад, ки худаш савори аспе бу- да, аз лаҷоми тотуе медоштааст. Артур ба зиа мешинад ва онхо ба роҳ медароянд. Чӣ тавре ки баъд маълум гардид — Ҷеймс фақат дирӯз аз ин хабардор шудааст,— онҳоро дунболгирӣ кар- даанд. Хейз якчанд бор бо калтак ба сари таъқибкунанда зада- аст.ва ӯ аз зарби калтак мурдааст. Хейз Артурро ба меҳмон- хонааш оварда, дар ощьёнаи дуюм қулф кардааст ва миссис Хейзро маҷбур намудааст, ки. ба вай назорат кунад; миссис Хейз зани меҳрубонест, вале ба шавхарн бадчахлаш бегуфтугӯ итоат мекунад...

, Мнстер Холмс, ду рӯз пеш, вақте ки мо ба ҳамдигар вохӯр-

дем, аҳвол ҳамин тавр буд. Дар ин бора ман аз шумо зиёдтац;? намедонистам. Агар шумо пурсед, ки чӣ Ҷеймсроба чунин кор' тела дод, ба шумо ҷавоб медиҳам: дар кину адоваташ балорд Солтайр ким-чӣ чизи кӯр-кӯрона, мутаассибона буд. Ҷеймс чу- нин мешумурд, ки тамоми мулкҳои ман бояд ба ихтиёри ӯ гӯ-‘ заранд ва дар бораи қонунҳои мавҷудаи меросхӯрӣ оромона rair зада наметавонист. Вале сабаби ин рафтори кӯр-кӯрона ва му- таассибона адовати беандеша не, балки низ ғарази моҳиронае буд. Вай аз ман талаб мекард, ки бар хилофи майорат[1] мулк- ҳои худамро мувофики васиятнома ба ӯ ба мерос гузорам, вай бошад, Артурро ба ман бармеғардонад. Вай нағз медонист, ки ман ҳеҷ гоҳ аз болои ӯ ба полиция хабар намедиҳам. Мақсади Ҷеймс хамин буд, вале он ҳамин тавр фақат мақсад мондан ги- рифт, зеро воқеаҳо чунон зуд вусъат ёфтанд, ки вай нақшаи худро дар амал татбиқ карда натавонист.

Шумо ҷасади Ҳайдегерро ёфта, бо ҳамин ба ин қасдя бад- кйрдорона дарҳол хотима гузоштед. Ҷейм“с ҳалокати муаллимро шунида, ба ддҳшат афтод. Мо дирӯз вақте ки дар ҳамин ҷо, дар кабинет менишастем, аз доктор Хакстейбл телеграмма овар- данд ва аз ин воқеа огоҳ щудем. Телеграмма Ҷеймсро чунон ба изтироб овард, ӯ чунон ғамгин шуд, ки тахмини мубҳами хаме- ша маро азиятдиҳанда ба боварии қатъй табдил ёфт ва ман рӯйрост ӯро айбдор кардам. Вай софдилона ба ҳамааш иқрор шуд, вале дар ҳол ба зорию тавалло сар кард, ки се рӯз сабр кунам, то шарики бадкирдори вай гуреҳуа халос шавад. Чй тав- ре ки хама вақт ба ӯ гузашт мекардам/ин дафъа ҳам гузашт намуддм ва он год Ҷеймс ба сӯи меҳмонхона шитофт, ки Хейз-ро огох кунад ва ёрй .дода ӯро гурезонад. Ба радшанӣ ба он ҷо рафтани ман мумкин набуд, зеро ин боиси хар хел овозахо ме- шуд. Ман то торик шудани рӯз сабр карда, ба назди Артури азизам шитофтам. Вай соқу саломат буд, вале шумо, тасаввур карда наметавонед, ки куштори дар пеши чашмаш рӯйдода, ба бача чӣ гуна таассуроти даҳшатангез бахшида буд. Ман қавли додагиамро ба хотнр оварда, дили нохоҳам Артурро ба мудда- ти се рӯз ба тарбияи миссис Хейз$_4$мондам. Охир дар бораи ҳа- маи ин ба полиция хабар дода, қотилро ошкор накардан мум* кин набуд, ҳабси Хейз бошад, Ҷеймси бечораи маро нобуд ме* сохт.

Мистер Холмс, шумо ба ростгӯии дутарафа нсрор кардед, ичозат диҳед суханатонро гирам. Ман ягон чизро пинҳон на-

^*Майорат* — **системзи меросхӯрй, п тамомя молу давлат бутунан б* калоатарн авлод мегузарад.**

дошта, ҳеҷ чиэро кам накарда, Хамайшро ба 1вумо гуфтам. шу- мо ҳам то охир бо ман ошкоро ran занед.

— Хуб, ҷаноби олиймақом,— ҷавоб дод Холмс.— Пеш аз ҳа- ма гуфтанам лозим, ки вазъи шумо дар наздиқонун хелё ҷид- дист. Шумо ҷиноятро пинҳон кардед, шумо ба ҷинояткор ёрй додед, ки гурезад, зеро эҳтимоли комил меравад, ки барои гу- рехтаии вай Ҷеймс Уайлдер пулро аз кисаи шумо гирифтааст. '*

Герцог хомӯшона сар хам кард.

— Ҳа, кор ниҳоят ҷиддӣ. Вале, ҷаноби олиыақом, ба фикрй ман, рафтори нисбат ба писари хурдиатон кардагии шумобоз бештар шоистаи маҳкум мебошад. Уро ба муддати се рӯз дар он дуздхона мондан!

Қасам хӯрда маро бовар кунонданд...

-[i]— Магар ба қасами ин одамон бовар кардан мумкин! Шу- мо боварӣ доред, ки ӯро дар ягон ҷои дуртар руст намекунанд? Шумо барои нафъи писари ҷинояткори калонатон шуда, бе ягон эарурат ҷони кӯдаки бегунохро дар хатар монондёд! Не, раф- тори шуморо сафед кардан мумкин нест! >

Марди олиҷо^и ба худ мағрур ба шунидани чунин ҷавоби тунд одат накарда буд—ва дар кучо? дар касри худаш! Хун ба рӯяш зад, вале вичдон ӯро маҷбур сохт, ки хомӯш истад.

— Ман ба як шарт ба шумо ёрдам мекунам: хизматгорро ҷеҷ занед ва бигузор вай супбришӣ маро ичро кунад. <

Герцог як даҳа» ran назада, тугмаи занги электрикро зер кард. Ба кабинет хизматгор даромад.

— Зхтимол, хабари ёфт шудани лорд Солтайр шуморо шод гардонад,— гуфт ба вай Холмс.— Герцог фармон медиҳад, ки барои овардани вай фавран ба меҳмонхонаи «Хуруси ҷайгӣ» фойтун фиристёд...— Вақте ки хизматгор аз хурсандӣ шукуфта тозон аз кабинет баромад, Холмс гуфт:—Ҳоло ки ояндаи наз- дикро таъмин кардем, метавонем ба гузаштаи навин хеле бо- мадоро рафтор намоем. Азбаски адолат барқарор мегардад, ман, ҳамчун шахси ғайрирасмӣ, зарурате намебинам, ки ҳама он чизҳои ба ман маълумро ба маълумоти ҳукуматдорон расо- вам. Хейз—гапи дигар. Ӯро ба дор мекашанд ва ман барои ра- донидани ҷони ӯ ягон кор нгГмекунам[4] Вай сирри шуморо фош мекунад ё не—намедонам, пешгӯй карда наметавонам, вале шумо бешубха, ба вай талқин карда метавонед, ки гапи зиёдатй ба ӯ нафье намебахшад. Дар полиция Хейзро бо ҳамин айбдор мекунанд, ки бо мақсади бозхаридан писарбачаро дуздидааст. Агар дар **ҚН ЧО** чукур накобанд» ман хеҷ асосе>-яамебинам, ки онхеро’ ба ин фикр андозам, Вале ба ҷаноби олимақом гуфта-

ниам, ки. минбаъд дар ин ҷо будани мист.ер Ҷеймс Уайлдвр оқибати Хубе надорад. . <•

— Мистер Холмс, ман инро худам медонам ва мо маслихат кардем, ки вай Холдернесс-холлро абадй тарк мекунад ва ба- рои ҷустуҷӯи бахти худ ба Австралия меравад.

— Ҷаноби олимақом гуфтед, кй Ҷеймс Ӯайлдер сабаби< ҷу- доии шумо ва занатон. шуд. Акнун бо герцогхонум оштӣ кар- да, зиндагии оилавиатонро барқарор.кунед-чӣ?

ᶻ — Мистер Холмс, ман хам дар ин бора фикр кардам ва им- рӯз пагбхй ба герцогхонум мактуб навиштам.

— Дар он сурат,— аз ҷой хеста гуфт Холмс,— ҳам ман, хам дӯстам метавонем худро бо ҳамин табрик намоем, ки сафари начандон дурударози мо ба ҷойҳои шумо самараҳои бад надо- данд. Фақат як саволро равшан карданам монд. Аспони. Хейз тавре наъл карда шуда буданд, ки изи онҳоро осори суми гов пиндоштан мумкин буд. Кӣ инро ба вай ёд дод—мистер Уайл- дер не-мӣ? . • -

Герцог абрӯ дарҳам кашида дакиқае ба фикр фурӯ рафт. Баъд вай дари хонаи шафатро кушод, ки намуди музеи ҳакики- ро дошт, ва моро ба назди витринаи кунҷи дури он бурда, ба навиштачоти зери шиша нишон дод.

<Ин наълхо,— хондем мо,— ҳангоми ҳафриёти хандақи кре< постнои дар Холдернесс-холл ёфт тпуданд. Онхо барои арпон, вале ба шакли суми гов дукафон сохта шудаанд. Аз афташ маг- натҳои Холдернесс-холл, ки дар миёнаи аср бо ғоратгарӣ маш- ғул буданд, барои гумроҳ кардани таъқибкунандагон ин усулро ба кор мебурданд».

Холмс сарпуши шишагиро бардошт ва ба ангушташ туф карда, ба яке аз наълҳо молид. Доғи сиёҳе дар ангушташ боқӣ монд — лойқаи ботлоқ ҳанӯз дурустакак хушк нашуда буд.

— Ташаккург—гуфт дӯсти ман.— Ана ин чнзи дуюме, ки дар дойҳои шумо ниҳоят диққати маро ба худ ҷалб намуд.

— Якумаш чӣ буд?

Холмс чекро дуқат карда, аҳтиёткорона ба қабати дафтар- чаи ёддошт гузошт.

— Ман одами бой нестам,— гуфт вай ва дафтарчаро ба ки« саи бағалии пиджакаш чуқуртар т«қонд.

ДОҒИДУЮМ

Ман фикр карда будам, ки доир ба корнамоиҳои пурифтихори дӯстам Шерлок Холмс дигар ҳеҷ гоҳқалам ба даст намегирам.На **аз** рӯи он, ки материал надоштам. Баръакс, ёддошти навиштаи садҳо воқеаҳоеро эҳтиёт карда мондаам, ки то ҳол ҳеҷ гоҳ онхоро дар ягон ҷо зикр нанамудаам. Инчунин гуфтан мумкин нест, ки хонандагон аз шдхсияти ба худ хос ва усулҳои ғайримуқаррарии кори ин одами наҷиб дилмонда шудаанд. ^Сабаби асосиаш фақат ҳамин буд, ки Шерлок Холмс ба ҳеҷ ваҷҳ> намехост доир ба корнамоиҳои вай дар матбуот бардавом ҳикояхо чоп шаванд. Ҳоло ки Холмс шуғли худро тарк накарда буд, ҳар ҳисоботе, ки доир ба муваффақиятҳои вай чоп мешуд, барояш шавқу завқи амалй дошт; вақте ки вай.аз Лондон баромада ба теппаҳои Сассекс рафта, ҳаёти худро ба омӯзиш ва парвариши занбӯрони асал бахшид, шаъну шӯхрат барояш нафратангез гардид ва бо исрор талаб намуд, ки ӯро ором гузоранд. Ман ба чоп кунондани ҳикояи <Доғи дуюм», ки онро ниқоят махфӣ нигоҳ медоштам, фақат ҳамон вақт розигии

Холмсро гирифтам, ки ба ёдаш бварда дар вақташ ин ҳикояро чоп ^екунонам, гуфта ваъда дода будам. Ва ӯро бовар ку- нондам, киба маврид мебуд агар тамоми ин силсилаи ҳикоя- ҳоро ба анҷом расонам, зеро ин силсила ба мавзӯи ннхояТ мушкил, ки Холмс дар вақташ машғул шуда буд, ба мав- зӯи снёсати байналхалқӣ бахшидашудааст. Агар баъзе ҷузъи- ёти хикояи ман ба назар мубҳам. намояд хам, хоиандагон бо осонӣ мефаҳманд, ки барои таҳаммули ман ба қадри кофӣ са- бабй ҷиддие ҳаст. . - *

Як вақт тирамоҳ, рӯзи сешанбе пагохӣ **(сол ва** ҳатто ка- дом даҳсола буданаш нишон дода намешавад) ба квартираи одии дар Бейкер-стрит будаи мо ду кас ‘даромада омад, ки хардуи онхо.дар Европа ном бароварда буданд. Яке аз онхо марди ҷиддии ҳавобаланд, лордй номӣ Белинҷер буда, якруха уқобсурат ва нигоҳи омирона дошта, ду бор мансаби сарвази- рии Великобританияро сохиб шуда буд. Дуюмаш пэри Анг- лия [1] ва вазир оид ба корҳои Европа, ходими аз ҳама умед- бахштарини мамлакати мо Трелони Хоуп буд/ Синни Трелонн Хоуп хануз ба миёнаумрӣ нарасида, сару либоси зебо ва нафа- кат хусни расо, балки ииз ақли расо дошт.

Меҳмънон ба дивани рӯяш пур аз қоғаз пахлӯи хам нишас- танд. Аз чеҳраи пуристироб ва хастаи онхо бо осонӣ пай бурт дан мумкин буд, ки онҳоро кори таъчилй ва ниҳоят муҳиме ба ин ҷо овардааст. Дастони лоғар ва варидхояшон намоёви сарвазир ихтилоҷомез дастаи устухонии соябонро мефишур-; д$нд. Вай хиратабъ ва хушьёропа гох-ба Холмс, гоҳ ба- ман менигарист. - '

:. 'Вазир оид ба корҳои Европа асабиёна мӯйлабашро мекаадид ва овезаҳои занҷири соаташро як-як мегардонд.

— Мистер Холмс, дидам ки хуччат гум шудааст,— ин’вот кеа хамин пагох соати хашт рӯй дод,— ман фавран ба сар-» вазир хабар додам ва ӯ таклиф кард, ки мо ҳарду ба наздн шумо биёем. ᶻ ᶜ ,

— Ба полиция хабар дбдед?

,, — Не, сэр! — гуфт сарвазир бо саросемагй ва қатъйяти ба ӯ хос — Хабар надодем ва ҳеҷ гоҳ хабар хам нахоҳем дод. Ба полиция хабар додан—- маънои ошкор кардани корро дорад. Мо бошем пеш аз ҳама аз ин худдорй карданием.

— Барои чӣ, сэр?

— Ҳуччате, ки дар бораи он сухан меравад, **ба** андозае

[1] *Пэри Англия*^— **намояндав аз ҳама олии табақаи ашрофзодагони авглис.**

муҳим аст, ки ошкор нймуданӣ он ба осбнӣ вй, мӯмкйй' 'аст, дар айни Замои ҳатман ба ҷанҷолӣ байналхалқӣ бурда расонад. Ве муҳобот гуфта метавонам, ки масъалаи ҷанг ва сулҳ аз йй хуҷҷат вобаста аст. Агар қофтукови он ба куллӣ махфй нагу< зарад, нағзаш тамоман аз он даст кашидан лозим аст, зеро йн хуччатро маҳз барои ҳамйн дуздидаанд, ¦ки онро ба аҳли умум ошкор созанд.

— Мефаҳмам. Мистер Трелони Хоуп, ҳоло ман хёле мам-[1] нун мебудам, агар шумо ба ман ошкоро нақл мекардед, ки он хуччат дар чигуна вазъият гум щуд.

— Мистер Холмс, ҳамаашро ман бо якчанд сухан баён ме- кунам.». Ин ҳуҷҷат — мактуби як роҳиби хориҷӣ мебошад, ки шаш рӯз пеш гирифта шуда буд. Мактуб чунон аҳамияти ка- лон дорад, ки ман ҷуръате намекардам онро дар' сандуқи оха- нлни вазбрат монда равам ва ҳар бегоҳ онро ҳамроҳам хон- да, ба Уайтхолл — Террас бурда, дар хонаи хоб, ба сандукчаи хуччатҳби махсус андохта қулф мекардам. Мактуб дирӯз бе-. гоҳӣ дар даруни он буд, ман ба ин боварӣ дорам. Пеш аз хӯрдани таоми.шом, вақте ки ман сарулибосамро иваз мекар- дам, боз як бори дигар санДуқчаро кушодам ва боварӣ ҳосил намудам, ки ҳуҷҷат дар ҷояш аст. Имрӯз пагоҳӣ мактуб ғоиб шуд. Сандуқча дар назди оина дар рӯи мизчаи ороиши ман меистод. Ман ҳушьёрхобам, занам ҳам. М.о ҳарду ба чонамон қасам мехӯрем, ки шабона ҳеҷ кас ба хона надаромада буд.

— Соати чанд шом хӯрда будед?

— Соати ҳафтуним.

— Срати чанд хобидед? . ,

— Занам ба театр рафта буд. Ман ӯро поида истодаМ. Мо соати қариби ёздаҳуним ба хонаи хоб рафтем.

— Пас, расо чор соат сандуқчаро ҳеҷ кас посбонӣ накард?

— Ба ғайр аз хизматгор ба хонаи Хоб даромадани дигар ҳама манъ аст — пагоҳиҳо пешхизмати. ман медарояд, боқи- мондаи рӯз духтархонаи занам. Вале ий ду нафар хйзматгоро- ни содиқанд ва кайҳо инҷониб дар хонаи мо^индагӣ мёкунанд. Ғайр аз ин ҳеҷ кадоми онҳо намедонист, ки дар сандуқча, аз қоғазҳои корӣ дида чизи пурқимате эхтиёт карда мешавад.

— Аз будани ин мактуб кй огоҳ буд?

*—Дар хонаи ман — ҳеҷ кас.

— Вале занатон, албатта медонист?

— Не, сэр. То ин пагоҳ ба занам ҳеҷ чиз нағуфта будам ва фақат ҳамон вақт гуфтам, ки аз гум шудани мактуб бгоҳ гардидам, ’

Сарвазир бо.ишораи тасдиқ сар ҷунбонд.

„; — Сэр, ман ҳама вақт медонистам, ки ҳиси вазифашино» сии шумо чӣ гуна бузург аст,— гуфт вай.— Шубҳа надорам, ки дар чунин кори муҳим ва махфӣ ин ҳис ҳатто аз наздикта- рин алоқаҳои дӯстии оилавӣ мустаҳкамтар мебуд.

Вазир оид бд корҳои Аврупо таъзим кард.

— Комилан аз рӯи адолат гуфтед, сэр. То пагоҳии ҳамин рӯз ман дар бораи ин мактуб ба занам як даҳан ran назада будам.

— Худаш пай бурданаш мумкин буд?

— Не, мистер Холмс, пай бурданаш мумкин^набуд ва ди- гар кас хам пай бурда наметавонист.

— Пеш ҳуҷҷатҳоятон гум мешуданд?

: Не, сэр.

— Дар ин ҷо^дар Англия аз будану набудани ин мактӯб, ягон кас огоҳ буд?

— Дирӯз доир ба мактуб ҳама аъзоёни кабинет огоҳ кар- да шуда буданд. Вале дар ҳар маҷлиси кабинет, ки сирро мах« фӣ нигоҳ доред гуфта таъкид карда мешавад, ин дафъа **бо** огоҳии пуртантанаи сарвазир қувват дода шуд. Худоё худован-* до, бинед^ киг пас аз якчанд соат ман худам онро гум кардам!

Ноумедӣ чеҳраи зебои Трилони Хоупро баднамо кард. Вай Сррашро байни дастонаш. гирифт. Лахзае дар п£ши назари **мо** эҳс.осрти ҳакиқии одами пурҷӯшу хурӯш, тундхӯ ва зуд мута- ассиршаванда кушода гардид. Вале ӯ зуд ба рӯй ниқоби киб- ру ғурур кашид-ва акнун оромона ба ran давом намуд.

— Аз будани мактӯб ғайр аз аъзоёни кабинет, боз ду, шо- яд, се амалдори департамеят медонад ва дар tap то сари Анг- лия дигар хеҷ кас хабар надорад, ба гапам бовар кунед, мис- тер Холмс. . ,

. — Дар. хорчча чӣ?

... ,-т- Боварӣ дорам, ки дар хорича ба ғайр аз нависандаи ^ақтуб дигар хеч кас онро надидааст. Мӯътақидам, ки ҳатто вазирҳояш... яъне гуфтанӣ будам, ки дар вақти фиристодан сн роҳҳои муқаррарии расмиро қатъи назар кардааст.

. Холмс чанд тоҳе ба фикр фурӯ рафта, баъд гуфт:

— Акнун, сэр, ман бояд таассуроти басе аниқе дошта бо- шам, ки он чи хел ҳуҷҷат буд ва чаро^гум шудани он чунин окнбати чиддӣ меорад.

'

Ҳарду ходими давлатӣ дарҳол зуд ба якдигар назар аф- канданд ва сарвазир абрувони ғафсашро дарҳам кашид:

,— Мистер Холмс, мактуб дар конверти борики дарози ос-

монранг буд. Дар рӯи мӯҳри сурхи сурғучии он шери жаён дасвир ёфтааст. Адресаш ба ҳарфҳои калон-калони қатъй на- вишта шудааст...

— Ин тафсилот,— сухани ӯро бурид Холмс,— албатта, хеле ғалатй ва муҳиманд, вале ман бояд мазмуни мактубро донам. Дар он чй гуфта мешуд? •

— Ин сирри ниҳоят махфии давлатист ва метарсам, ки ба шумо ҷавоб дода наметавонам, алалхусус дар ин ҳеҷ зарурат намебинам. Чӣ тавре, ки мегӯянд, агар бо ёрии қобилияти фав- кулоддаатон конверти ман тасвир кардагиро хамрохи чизи да- рунаш будагӣ ёфта тавонед, шумо лоики ташаккур ва таҳнияти мамлакати худ мегардед ва ҳар мукофоте, ки кувваамон мера- сад, онро хоҳед гирифт.

Шерлок Холмс табассумкунон аз ҷой хест:

— Ман, албатта, медонам, ки шумо аз қарили одамони сер- кортарини Англия мебошед,— гуфт вай,— валё ин касби хоксо- ронаи ман ҳам вақти маро бисьёр мегирад. Мутаассифона, дар нн кор ба шумо хеҷ нафъе расонда наметавонам ва гуфтугӯи минбаъдаи моро ^еҳуда зоеъ шуданн.вақт мешуморам.

Сарвазир ҷаста аз ҷой хест. Дар чашмони чуқураш оташи бадхоҳонае дурахшид, ки аксар вақт ба дили аъзоёни кабинет вақм меандохт.

— Сэр, май одат накардаам...— ба ran сар кард ӯ ва' худдо- рӣ намуда, аз нав ба чояш нишаст.

Як-ду дақиқа хомӯш нишастем. Баъд ходими кӯҳансоли дав- латй китф дарҳам кашид: /

— Мистер Холмс, мо маҷбурем, шарти шуморо қабул кунем. Бешубҳа гапи шумо ҳақ ва то мо ба шумо пурра бовар карда гапамонро нагӯем, аз шумо умеди ёрй нест.

— Сэр, ман бр гапи шумо розӣ,— гуфт дипломати ҷавон.

— Сэр, ман ҳамаашро ба шумо гуфта медиҳам, вале ба хок- сории шумо ва ҳамкоратон дух^ур Уотсон умед мебандам. Ҷентлменҳо, ман шуморо ба ватанпарварӣ даъват менамоям, зе- ро аз ошкоркунии ин сир дида, барои ватанамон зиёда фало- катеро ба худ тасаввур карда наметавонам.

— Дилатон тамоман аз мо пур бошад.

— Гап ҳамин, ки цн мактуби як ҳокими мутлаки хоричист; **вай ба** назднкӣ аз васеъ шудани мустамликаҳои мо ба ташвиш афтидааст. Мактуб дар сари каҳр навишта шуда аст ва масъу- лияташ пурра ба гардани вай меафтад. Маъдумотҳои мо ҷамъ кардагй нишон доданд, ки вазирҳои вай аз ин мактуб бехаба- **ранд. Ғайр аз ив** оҳанги мактуб ҳеле сахт буда, баъзе Чумлаҳо

ба андозае хусусияти густохона доранд, ки чоп кардани он **бе-.** шубҳа афкорн умуми Англияро ба ҳаяҷбн меовард. Ва **ҳатто** зиёда аз ин,_ сэр: шубҳа накарда гуфта метавонам, ки пас аэ чоп кардани мактуб як ҳафта нагузашта мамлакати мо ба ҷан- ги калон кашида мешавад.

Холмс номро дар рӯи коғаз навиштаба сарвазир нишон дод.

— Комилан дуруст, худи худаш. Ва маҳз ҳамин мактуб, **ки** эҳтимол, сабаби сарф шудани миллионҳо пул ва ҳалокати сад- хо ҳазор одамон гардад, ба таври пурасрор гум шуд.

— Ба муаллифи мактуб хабар додед?

— Бале, сэр, телеграммаи рамзӣ фиристода шуд.

— Вале, шояд,.вай ба чоп кунондани мактуб умед **баста** бошад?

— Не, сэр! Мо барои тахмин намудан 1амоми асосҳоро до- рем, ки вай беэҳтиётӣ ва беандешагии кори худро фаҳмид. Чоп карДа шӯдани мактуб ҳам барои вай, ҳам барои мамлакаташ иазар ба мо дида, зарбаи калон мебуд.

— Агар ҳамин тавр бошад, дар он сурат бшкор кардани маз- муни ин мактуб ба нафъи кист? Дуздиданӣ он барои ким-кӣ чӣ 'ааруРат дошт?

— Мистер Холмс, шумомаро мачбур месозед, Хи ба масъ- алаи олии сиёсати байналхалкӣ дйхл намоям. Агар вазъияти Европаро ба назар гиред, фах.мидани сабаби ҷиқоят ба шумо душворӣ намекунад. Европа лагери мусаллаҳ мебошад. Ду ит- тифоқ вуҷуд дорад, ки ҳарду ҳам' баробар кувваҳои мусаллаҳ доранд. Британияи кабир бетараф аст. Агар мо бо як иттифоқ' ба ҷанг кашида шавем, ин боиси бартарин дигаре хоҳад шуд, ^Хатто қатъи назар аз он ки дар ин ҷанг иштирок мекунад ё не.

Мефахмед?

. ~ Ба куллӣ равшан. Ба ҳамин тарик, барон дуздидан ва ощ- кор кардани мактуб душманони он давлатдор, ки мехоҳанд дар байни мамлакати вай ва мамлакати мо низоъ андозанд, ҳавас- манданд?

- — Бале, сэр.

— Агар Ьн ҳуҷҷат ба дасти душман афтида бошад, онро **ба кй** фиристоданашон мумкин? - ■

— Ба ҳар як хукумати Европа. Эҳтимоли қавй дорад, ки дар айни замон бо суръате, ки ба он фақат пароход қодир аст, , ҳуҷҷат ба ҷои даркориаш рафта истодааст.

Мистер Трелони Хоуп сар ба рӯи сина афканда охи чуқуре каШид. Сарвазир меҳрубонона дасташро ба китфи вай гузошт.

Дӯсти азиз. бо-шумо бадбахтӣ рӯй дод. Ҳеҷ кас ҷуръат намекунад, ки шуморо гунаҳкор намояд — шумо ҳама чораҳои эхтиётиро ба кор бурдед... Акнун, мистер Холмс, ҳамааш ба шу- мо маълум. Шумо чӣ маслиҳат медиҳед?

Холмс андӯҳгинона сар ҷунбонд:

— Сэр, агар он мактуб баргарДонида нашавад, ба тахмини шумо чанг ногузир аст?

— Ба фикрам, ин ба куллӣ мумкин.

— Дар он сурат, сэр, ба ҷайг тайёр шавед.

— Мистер Холмс, аз чониби шумо ин суханони бераҳмона!

— Сэр, далелҳоро ба назар гиред. Ман ҳеҷ ба ақл роҳ до- да наметавонам, ки мактуб пас аз соати ёздаҳуними шаб дуз- лида шуда бошад; зеро аз ҳамин соат сар карда, то дами гум- (шавии ҳуччат мистер Хоуп ва занаш ҳарду дар хонаи ҳоб бу- даанд. Пас, он дирӯз бегоҳӣ, соати байни ҳафтуним ва ёздаҳу- ним — эхтимол» наздик ба ҳафтуним дуздида шуда бошад, зеро дузд дар кучо будани ҳуҷҷатрЪ медонист ва, албатта, кӯшиш ме- кард ҳарчи зудтар онро ба даст дарорад. Сэр, модоме, ки чунин хуччати мухим дирӯз дуздида шуда бошад, пас **ǫн** ҳозир дар кучост? Дузд ҳеҷ ваҷҳе надорад, ки онро эҳтиёт кунад. Аниқаш, онро аллакай ба одами даркориаш додааст. Ҳоло мо чи гуна имконият дорем, ки онро ба даст дарорем ё ҳатто ба асараш афтем? Он барои мо дастнорас аст.

Сарвазир а'з рӯи диван хест.

— Мистер Холмс, муҳокимаронии шумо комилан мантиқйст, Мебинам, ки дар хақикат хеҷ илоҷ кардан мумкин нест.

— Масалан, фарз кардем, ки ҳуччатро духтархона ё пеш- хизмат дӯздидааст...

— Ҳардуяшон ҳам хизматгорони кӯҳна ва содиқайд.

— Ба андозае, ки ман фаҳмидам, хонаи хоб дар ошьёнаи дуюм вокеъ гардидааст ва аз рӯи ҳавлӣ дари даромади ало* хида надорад^ одами аз даҳлез ба он ҷо мебаромадагиро на- дидан мумкин нест. Пас, мақтубро аз хона будагиҳо касе дуз- дидааст. Дузд онро ба кй доданаш мумкин? Ба яке аз чосусо- ни байналхалқй ва гумоштахои махфӣ, ки номҳои онҳо ба маь нағз маълуманд. Се.касе ҳаст, ки гуфтан мумкин, ба ин гурӯх сардррй мекунад. Ман аз хамин сар мекунам, ки бо кадом кор машғул будани ҳар кадоми онҳоро фаҳмида мегирам. Агар ягон каси онҳо рафта бошад, хусусан агар дирӯз бегоҳн баро мада рафта бошад, мо мефахмем, ки ин ҳуччат куҷо шуд.

Баромада рафтанаш чй лозим? — пурсид вазир оид ба;

корҳои Европа.— Вай дар ҳамин чо бо ду дасти адаб мактубро ба сафоратхонаи дар Лондон буда бурда супурданаш мумкин.

— Ба.гумон. Он гумоштаҳо тамоман мустақилона кор ме- кунанд ва аксар вақт бо сафоратхонаҳо муомилаи ботакаллуф доравд.

Сарвазир бо ишораи сар инро тасдиқ кард:

— Мистер Холмс, ба фикрам, гапи шумо дуруст. Вай чунин тӯҳфаи қиматбаҳоро бо дасти худ ба ҷои даркорӣ бурда месу- порад. Нақшаи амалиёти шумо ба назарам комилан дуруст. Аммо, Хоуп, мо набояд аз барои ин бадбахтӣ вазифаҳои дига- рамонро фаромӯш кунем. Мистер Холмс, агар дар давоми рӯз воқеаҳои нав рӯй диҳанд, мо ба шумо хабар медиҳем ва шумо, будагӣ ган, аз натиҷаҳои кофтукови худ моро огоҳ намоед.

Вазирой бо қиёфаи пур аз эътибар таъзим карда, аз хона баромаданд.

Вақте, ки меҳмонони Ьлитабори мо баромада рафтанд, Холмс хомӯшона чубук гиронд ва чанд гоҳ ғарқи фикру хаёл гардид. Ман газетаи пагоҳирӯзиро кушода, дар бораи воқеаи шӯрангези днрӯз бегоҳӣ дар Лондон рӯй додагӣ акнун ба хон- дап сар карда будам, ки нохост дӯсти ман бо овози баланд фарьёд зада, аз ҷой ҷаста хест ва чубуқро ба рӯи камин гузошт.

— Ҳа,— гуфт вай,—беҳтар илоҷе нест. Вазъият хатарнок, ва- ле умед ҳаст.Ҳозир ақаллан донистан лозим, ки дуздандаи он кист,— охир мумкин, мактуб ҳанӯз ба дасти дигар кас нааф- тида бошад. Билохйра ба ин одамон фақат пул лозим, хази- йаи Британия бошад дар ихтиёри ман. Агар мактуб фурӯхта шавад... ҳатто ба шарте ҳукумат андози даромадро як пенни зиёд кунад ҳам, ман онро мехарам. Мумкин аст, о.н одам ҳа- нӯз ҳуҷҷатро пеши худ нигоҳ дорад: пеш аз он ки толеъи худ- ро дар хорича санҷида диданӣ шавад, донистанаш лозим, ки дар ин ҷо ба вай чӣ қадар пул медиҳанд! Фақат се кас ба чунин бозии ҷасурона қодиранд: Оберштейн, Ля Ротьер ва Эдуард Лукас. Ман бо ҳамаи онҳо вомехӯрам.

• Ман ба газетаи пагоҳирӯзӣ назар андохтам:

«•— Эдуард Лукас аз Годолфин-стрит?

- Ҳа.

— Шумо ӯро дида наметавонед.

— Барои чӣ?

— Дирӯз бегоҳӣ дар хонааш кушта шудааст.

Ҳангоми мочароҳо дӯсти ман аксар вақт маро чунин дар ҳайрат мемононд, ки аз хабари ман чи тавр дар тааҷҷуб мон- данашро дида, эҳсосбти пуртантана ҳис намудам, Вай бо ҳай-

рат ба ман чашм дӯхт, баъд газетаро аз дасти ман чанг зада гирифт. Ана ҳамон маколае, ки вақти Холмс аз курсйи роҳат хестан, ман мехондам:

<КУШТОР ДАР ВЕСТМИНСТЕР»

Дирӯз бегоҳӣ дар хонан № 16 дар Годолфин-стрит ҷинояти пурасроре содир карда шуд. Годолфин-стрит — яке аз он кӯча- хои қадимаи хилватест, ки дар байни дарьё ва аббатии Вест- минсгер, қариб то таки даҳлези манораи калони бинои пар- ламент кашол ёфтааст. Аксарияти биноҳои он ҳанӯз дар асри XVIII сохта шуда буданд. Дар яке аз ҳамин хонаҳо, дар ҳав- личаҳои хурдакак, вале зебо, якчанд сол паи ҳам мистер Эду- ард ЈluјКас, дар ҷамъият ҳамчун як одами нағз намоёни дил- бар, дар Англия яке аз беҳтарин дӯстдорони овозхонии тенор зиндагӣ мекард. Мистер Лукас муҷаррад буд; вай сию чор сол дошт; дар хонаи мистер Лукас ду хизматгор кор мекард; ван ба ҳуҷрааш, ки дар ошьёнаи дуюм ҷой гирифта буд, барвакт мебаромад. Пешхизмат ҳамон щаб барои хабаргирии ҷӯрааш ба Хаммерсмит рафта буд.

Мистер Лукас аз соати даҳ дар хонааш танҳо монд. Ҳоло муайян карда нашудааст, ки дар ин муддат чи воқеа рӯй дод, вале соат чорьяк кам дувоздаҳ констебль Бэррет аз Годолфин- стрит гузашта истода, дид ки дари хонаи № 16 нимроғ аст. Вай дарро туқ-туқ зад, вале ҷавобе нашунид. Ӯ дар хонаи якум чироғ дида, ба рохрав даромад ва боз туқ-туқ кард, ва- ле ин дафъа хам касе ба ӯ ҷавоб надод. Дар он сурат дарро кушода даромад.

Дар хона ҳама ҷо бетартиб буд: тамоми мебель ба як тараф тела дода шуда буд, дар миёнҷои хона курсие, чаппа мехобид. Бечора соҳиби хона дар назди ҳамин курсй, ҳоло ҳам пои он- ро бо даст фишурда хобида буд. Вай рост аз дилаш корд хӯр- да, эҳтимол, марг фавран домангираш шуда буд. Корде, ки бо он мақтул кушта шуда буд, ханҷари каҷдами ҳиндӣ буда, аз кол^екцияи аслиҳаи шаркӣ гирифта шуда, яке аз деворҳои хо- ларо оро медод. Зоҳиран мнстер Лукасро бо мақсади ғорат* гарӣ накушта буданд, зеро ба чизҳои қиматбаҳои дар хона будагӣ даст нарасонда буданд.

Мистер Эдуард Лукас ба андозае номй ва дӯстдори ҳама буд, ки аз хабари марги ғайритабии ва пурасрори вай дӯсто- ви бешумораш ниҳоят андӯҳгип шуданд»,

Хуш, Уотсбн, дар ин бора чӣ фикр мекунед? — пас дз хомӯшии дуру дароз пурсид Холмс:

— Аҷиб тасодуфе!

— Тасодуф? Аз се одаме, ки мо онҳоро иштироккунанда- гони эҳтимолци ин фоҷиа ҳисоб мекардем, якеаш дар ҳамон лаҳзае, ки фоҷиа авҷ мегирад, бо марги ғайритабиӣ мемурад. Ин чй хел тасодуф шуданаш мумкин! Не, не, дӯстам Уотсон, ин ду воқеа бо ҳамдигар алоқаманданд, бешубҳа алоқаман- данд. Ва вазифаи мо — ҳамин алоқаро кофта ёфтан лозим.

— Акнун цолиция ҳамаашро фаҳмида мегирад.

’ — Ҳаргиз намефаҳмад. Онҳо фақат чизи дар Годолфин- стрит дидагиашонро медонанд. Онҳо доир ба воқеаи Уайтхолл- Террас рӯй додагӣ намедонанд ва ҳеҷ чиз дониста гирифта на- метавонанд. Ҳарду воқеа фақат ба мо маълум ва фақат мо он- ҳоро муқоиса карда метавонем. Як вазъияти маълум ҳаст, ки дар ҳар сурат ба муқобили Лукас моро ба шубҳа оварда ме- тавонад. Годолфин-стрит дйр Вестминстер якчанд қадам аз Уайтхолл-Террас дур аст. Дигар гумоШтаҳои махфй, ки ман дар бораашон ran задам, дар охири Вест-Энд зиндагӣ меку- нанд. Бинобар ҳамин, табиист, ки назар ба дигарон, барои Лу- кас алока пайдо кардц аз хонаи вазир оид ба корҳои Аврупо маълумот гирифтан хеле осон буд. Ин ҳолат чандон аҳамият надорад, вале агар ба назар гирем, ки воқеаҳо бо сураъти та- мом авҷ мегирифтанд, он муҳим буда метавояад. Аҳа! Ким-чӣ хел навигарӣ ҳаст! •

Миссис Хадсон намоён и!уда, дар рӯи лаълй визиткартаи занонаеро меовард. Холмс ба он нигарист ва абруяшро боло кашида ба ман дод.

— Гӯед, ки леди Хильда Трелони Хоуп ба ин ҷо марҳамат кунанд,— гуфт вай. \

Пас аз лаҳзае ба квартираи оддии мо дуюмбора қадам ран- ҷа намуданд, ин дафъа зани аз ҳама хушрӯйтарини Лондон бо қадами худ моро сарфароз гардонид. Ман дар борай зебоии духтари хурдии герцог Бел-минстер таърифи бисьёр шунида будам, аммо на ягон тасвир, на ягон рйсм ҷозибаи аҷибу нарм ва рангҳои зебои чеҳраи нозуки ӯро дода наметавонист. Вале он пагоҳии рӯзи тирамоҳ баробари ба ӯ нигаристан он чи қи ба чашми мо афтид, зебогии вай набуд. Чеҳраи вай хеле зе- бо, вале аз изтироб рангпарида буд; чашмонаш медурахщи- данд, вале дурахши онҳо ба назар пурҳаяҷон буд; даҳони хуш- тарҳаш сахт фишурдагӣ буд. Вай кӯшиш мекард худро ба даст гирад. Вақте, ки меҳмони дилрабои мо дар таки дар намоён

гардид, хусну ҷамоли ӯ не, балки тарсу воҳима моро дар ҳайрат мононд.

— Мистер Холмс, шавҳари ман ба назди шумо омада буд?

— Ҳа, миледи, омада буд.

— Мистер Холмс, илтиҷо мекунам, ба ин ҷо омадани маро. ба ӯ нагӯед!

Холмс таъзими сард нэмуда, хонумро ба нишастан таклиф кард.

— Ҳазраташон маро дар ҳолати хеле нозук мемонанд. Хоҳишмандам нишаста муддаои худро гӯед. Вале, мутассуфона, пешакӣ ҳеҷ гуна ваъдаи қатъӣ дода наметавонам. _

Вай аз рӯи хона гузашта, пушташро ба тиреза гардонда нишаст. Ӯ маликаи ҳақиқӣ,— болобаланд, хушандом ва ниҳо- ятлатиф буд.

— Мистер Холмс,— ба ran сар сар кард ӯ ва ҳоло ки ran мезад, дастопаш бо дастпӯшаки сафед беист фишурда ва ку- шода мешуданд,— ман бо шумо ошкоро ran мезанам ва умед- ворам, ки ин шуморо маҷбур хоҳад кард ки бо ман ошкоро ran занед. Дар байни ману щавҳарам ягон чизи махфӣ нест, ба ғайр аз як чиз: сиёсат. Гап ки ба ин оид шуд, ӯ хомӯш мегар- дад, ба ман ягон чиз намегӯяд. Вале ман фаҳмидам, ки дирӯз бегоҳӣ дар хонаи мо як воқеаи басе ногувор рӯй додааст. Ба ман маълум, ки ким-чи хел ҳуҷҷат гум шудааст. Вале азбаски ба сиёсат дахл карда шудааст, шавҳарам доир ба ин масъала м.аро огоҳ кардан намехоҳад. Охир, бовар кунед... инро донис- тани ман хеле зарур... хеле зарур. Ва ғайр аз аъзоёни ҳуку- мат, шумо — ягона касе ҳастед, кӣ хақиқатро медонед. Мистер Холмс, илтиҷо мекунам, фаҳмонда диҳед, ки чи воқеа рӯй до- дааст ва оқибаташ чӣ мешавад! Мистер Холмс, ҳамаашро ба ман нақл карда диҳед. Бигузор нафъи мичозатон шуморо ба хомӯш будан маҷбур насозад. Ба гапам бовар кунед, ки ман ба нафъи ӯ кор мекунам ва агар факат инро вай мефаҳмнд, шояд, ба ман пурра бовар мекард. Коғазе, ки онро дуздида- анд, чи хел коғаз будааст?

— Миледи, шумо аз ман чизи номумкинро талаб карда ис- тодаед.

Вай ох,и чукур кашида, бо даст рӯяшро пушид.

• — Миледи, шумо бояд maw маро фаҳмед. Дар сурдте, шав- ҳарато» ин корро аз шумо пинҳон медоранд, чи тавр ман, аз шахсе, ки ин tnp махфӣ нигоҳ дошта шавад гуфта қавл ги- рифтааид, онро ба шумо ошкор созам? Шумо ҳатто ҳақ надо-

ред^ .ки инро аз ман йӯрсед — шумо бояд аз шавҳаратон пур- сед. .'

— Ман ӯро пурсидам. Ман имконияти охиринро истифода карданӣ шуда, ба назди шумо омадам. Вале агар шумо ягон чизи муайян гуфтан намехоста бошед, ба як савол ҷавоб ди- ҳед ва маро хеле сарфароз мегардондед.

, т- Миледи, чӣ хел савол?

— Оё барои ин воқеа шуда мартабаи сиёсии шавҳари ман зарар диданаш мумкин?

— Медонед, чӣ, миледи, агар кор баробар карда наша- вад, вай, албатта, оқибати хеле бад гирифтанаш мумкин.

— Оҳ!

Вай мисли шахсе, ки шакку шубҳааш ҳал шудааст, охи ҷу- куре кашйд.

— Мистер Холмс, боз як савол. Аз суханони шавҳарам, ки пас аз рӯй додани фалокат дарҳол гуфта буд, фаҳмидам, ки гум шудани мактуб ба сари тамоми мамлакаТ оклбати пур- фоҷиа ювардаиаш мумкин.

— Агар вай ҳамин тавр гуфта бошад, албатта, ман инрб инкор намекунам.

, — Вале чи гуна оқибат шуданаш мумкин?

— Эҳ, миледи, шумо боз ба ман саволе медиҳед, ки ман ба он қудрати ҷавобдодан надорам!

— Агар ҳамин тавр бошад, ман дигар вақтӣ шуморо намё- гирам. Мистер Холмс, барои он ки не гуфта бо ман рӯйрост ran назадед, шуморо сарзаниш карда наметавонам ва, умедво- рам, ки шумо дар ҳаққи ман фикри бад намекунед, зеро бар хилофи раъи шавҳарам аз сидқи дил мехоҳам ба ғаму дарди вай шарик бошам. Боз як бори дигар аз шумо илтимос меку- нам, ки аз омадани ман ба вай ҳеҷ чиз нагӯед.

Дар остона вай гашта нигоҳ кард ва ман боз чеҳраи зебои пуризтироб, чашмони ҳаросон ва даҳони сахт фишурдаи ӯро дидам. Пас вай ғоиб гардид.

— Хуш, Уотсон, ҷинси зеборо ту-ку нағзтар мешиносй,— вақте ки дари даромад тақаррос зада пӯшида шуда, садои хи- шир-хишири юбка ором гардид, табассумкунон гуфт Холмс.— Мақсади ин хонуми соҳибҷамол чӣ бошад? Дар ҳақиқат ба вйй чӣ лозим?

— Вале охир ӯ ҳамаашро равшан фаҳмоиида дод, ташвиши вай комилан табий.

.... — Ҳм1 Ифодаи чеҳраи ӯ, изтиробашро, ки ба зӯр нигоҳ медошт, ташвиш ва бо исрор савол доданашро ба хотир биё-

ред. Фаромӯш накунед, вай ба табақае тааллуқ дорад, ки эҳ< соси худро пинҳон дошта метавонад.

— Ха, вай хеле мушавваш буд.

— Инчунин ба хотир биёред, ки вай чӣ гуна бо ҷӯшу хурӯш моро бовар кунониданӣ мешуд, ки ӯ танҳо ба манфиати шав- ҳараш кор карда истодааст ва аз ин рӯ ҳамаашро донистан лозим. Вай бо ин гапаш чи гуфтан мехост? Ва, Уотсон, эҳти- мол, пай бурда бошед, ки ӯ пушташро ба равшанӣ гардонда ни- шастанӣ шуд. Ӯ намехост, ки мо рӯяшро бубинем.

— Ҳа, вай маҳз ҳамин ҷойро интихоб кард.

— Умуман дили занҳоро фаҳмидан кори душвор. Шумо дар Маргейте занеро дар ҳотир доред, ки дар ҳамин асос аз ӯ гумонбар шуда будам. Аммо баъд маълум шуд, ки сабаби из- тироби вай факат ҳамин будааст, ки ба биниаш упо намолида будааст. Дар асоси чунин материали нодуруст чӣ гуна фар- зия сохтан мумкин? Дар паси муқаррартарин рафтори зан бисьёр чизҳо пинҳон буданаш мумкин, ошуфтагии вай бошад баъзан аз санҷоқ (сархора) ё анбури мӯйҷингилакунӣ вобас- та* аст... Уотсон, хайр.

— Шумо меравед?

— Ҳа, рафта пагоҳиро дар Годолфин-стрит ҳамроҳи дӯсто- ни полициягиам мегузаронам. Ҳалли мушкилоти мо доир ба кушта шудани Эдуард Лукас, рости ran, ҳатто ба худ тасаввур карда наметавонам, ки чӣ хел сурат мегирад. Далел надошта, назарня сохтан-саҳви калонест. Азизам Уотсон, ба ҷои ман бо- шед, ва мизоҷонро ба ҷои ман қабул кунед. Агар имкон ша- вад, то ношто расида меоям.

Ба қавли дӯстонаш Холмс он рӯз ва ду рӯзй оянда якзайл хомӯш буд, ба қавли ҳамаи дигарон малул. Вай гоҳ ба хона меомад, гоҳ баромада мерафт, якзайл чубуқ мекашид, бо скрипка порчаҳои ким-чӣ хел оҳангҳоро менавохт, аксар вақт ба фикр фурӯ мерафт, дар вақти ғайримуқаррарӣ фақат бу- терброд мехӯрд ва ба саволҳои ман, ки сари ҳар чанд вақт ба ӯ медодам, дили нохоҳам ҷавоб мегардонд. Мефаҳмидам, ки чустуҷӯйҳои вай ҳеҷ гуна натиҷа надодаанд. Вай доир ба ин масъала ба ман ягон чиз намегуфт, доир ба рафти тафтишот, дар бораи ба ҳабс гирифта ва зуд озод карда шудани Ҷон Мит- тон, пешхизмати марҳум, фақат аз газетахо хонда бохабар шудам.

Тафтиш муайян намуд, ки «Эдуард Лукас қасдан кушта шудааст», рале қотил ёфт нашуда буд. Сабаби,содир карда шудани ҷиноят низ муайян нашуда буд. Дар хона анҷомхои

қиматбахо бисьёр бошад ҳам, вале ягон чизро нагирифта бу- данд. Ба коғазҳои марҳум ягон кас даст назада буд. Онҳоро бо диққат аз назар гузаронида, муқаррар намуданд, ки мар- ҳум сиёсати байналхалқиро боғайратона меомӯхта ает, ҳар гу- на* овоза ва ғайбатҳоро пуртоқатона ҷамъ менамудааст, за- боншиноси номӣ будааст ва мукотибаи калоне дошттааст. Вай бо ходимони иамоёни сиёсии якчанд мамлакат шиноси наздик будааст. Вале аз байни ҳуҷҷатҳое, ки ғаладонҳои мизи ӯ пур буданд, ягон ~чизи ҳаяҷонангез пайдо накарданд. Дар масъа- лаи муносибати ӯ бо занҳо бошад, зоҳиран, ин муносибатқо хусусияти бетартибона ва рӯякӣ доштанд. Эдуард Лукас дар байни занҳо шиносҳои бисьёр, вале дӯст кам дошт ва ба ягон нафари онҳо ошиқ набуд. .Вале одати тағьирнопазир дошт ва зиндагии оромонр ба сар мебурд. Марги вай муаммои сарбас- тае буд, ки ҳал нашуда монд.

Аз ваҷҳи пешхизмат Ҷон Миттон бошад, полиция барои заифии худро рӯпӯш намудан аз ноилоҷӣ ӯро ҳабс кард. Ба гардани вай ҳеҷ гуноҳ бор»карда натавонистанд. Ҳамон бегоҳ вай ба Хаммерсмит ба хонаи дустонаш ба меҳмонӣ рафта буд. Ҷиноят ҳамин вақт рӯй дода буд. Дуруст аст, вай аз назди дӯстонаш барвақт мебарояд ва то ошкор кардани ҷиноят ба Вестминстер баргашта омаданаш мумкин буд, вале ӯ гуфт, Kit як қисми роҳ пои пиёда омад ва агар нағз будани ҳаворо ба хотир биёрем, ба ин бовар кардан мумкин буд. Вай соати ду- воздаҳ ба хона меояд ва, зоҳиран, аз ин фоҷнаи ногаҳонӣ дар хайрат мемонад. Муносибати Миттон ҳамеша бо хӯҷаинаш нағз бӯд. Баъзе чизҳои марҳум,— масалан, ду-се поку бо ғи- лофашон,— аз ҷомадони пешхизмат ёфт шуданд, аммо вай гуфт, ки ин чизҳо тӯҳфаи хӯҷаини собиқаш мебошанд ва кай- бону ин гапи ӯро тасдиқ кард.

Миттон се сол инҷониб хизмати Лукасро адо мекард. Ҳа- минаш аҷиб буд, ки Лукас ягон бор Миттонро ҳамроҳат ба континент набурда буд. Гоҳо вай се-чор моҳ дар Париж ме- истод, аммо Миттонро дар Годолфин-стрит ба нигоҳубини хо- на мемонд. Кайбону бошад, ҳамон бегоҳ, вақти рӯй додани чиноят, ҳеч чиз намешунавад. Агар ба назди хӯҷаин одам ома- да бошад, аз афташ, хӯҷаин худаш ӯро ба хона роҳ додааст.

Ба ҳамин тариқ цувофиқи хабари газетаҳо се рӯз ин ҷониб рӯи ин сир кушода нашуда буд. Аммо Холмс аз газетаҳо зи- ёдтар медониста бошад ҳам, ба ман ҳеҷ чиз нақл намекард, фақат дар омади гап мегуфт, ки инспектор Лестрейд ӯро ба кор ошно кард ва аз ҳаминфӯ ман мефаҳмидам, ки вай аз Та-

моми навигариҳо нағз огоҳ мебошад. Рӯзи чорум аз Париж телеграммаи калоне омад, ки он, гӯё, тамоми масъалаҳоро ҳал мекард.

—- «Полицияи Парҷж,— навишта буд «Дейли Телеграф» — Кашфиёте карда, пардаро аз рӯи ҳалокати фоҷиавии мистер Эдуард Лукас, ки бегоҳии душанбеи гузашта дар Годолфин- стрит, дар Вестминистер зӯран кушта шудааст, бардошт. Хо- нандагони мо дар хотир доранд, ки ҷентльмени марҳум дар хонаи худаш ханҷар дар сина ёфт шуда буд ва аз пешхизма- таш, ки бегуноҳии худро исбот ламуд, гумонбар шуда буданд. Дирӯз хизматгорони хонум Анри фурнэ, ки дар Париж дар ку- чаи Аустерлиц зиндагӣ мекунад, ба полиция хабар дрданд, ки бонуи онҳо девона шудааст. Шаҳодати тиббӣ нишон дод, ки вай дар ҳақиқат ҷунуни хатарноки доимӣ дорад. Полиция дар вақти тафтиш муқаррар намуд, ки хонум Фурнэ рӯзи сешан- беи ҳафтаи гузашта аз сафари Лондон баргаштааст ва ба фикр кардан асосе хаст, ки ин сафар бо ҷинояти дар Вест- минстер рӯй додагӣ ким-чи гуна адоқа дорад. Муқоисаи расм- хо барои муайян- намудан имконият дод, ки шавҳари хонум Фурнэ ва мистер Эдуард Лукас — як шахс мебошад ва мар- хум бо сабаби номаълум дар Лондон, ҳам дар Париж зиндагӣ мекард. Хонум Фурнэ зотан креол буда, ниҳоят тундхӯст ва якчанд маротиба шиддати рашк ӯро аз доираи масъулият ба- роварда буд. Маҳз дар аснои яке аз чунин шиддати рашк, чи тавре тахмин мекунанд, вай ҳамин ҷинояти даҳшатангезро со- дир намуда тамоми Лондонро ба ҳаяҷон овардааст. То ҳол му- айян карда нашуда аст, ки вай бегоҳин рӯзи сешанбе чи кор мекардааст, вале маълум аст, ки зане ба вай монанд пагохии сешанбе, бо қиёфаи девонамонанд ва ҳаракатҳои аҷибаш диққати дар Черингкросс будагонро ба худ ҷалб мекардааст. Бино- бар ҳамин мумкин аст дар сари ҷунун ё аз тарафи вай чиноят содир карда шудааст, ё он ба зани бечора чунон таъсир расон- дааст, ки ӯро девона кардааст. Дар айни замон вай мадоре на^* дорад, ки доир ба воқеаи рӯй дода ran занад ва духтурҳо умед- ворие намедиҳанд, ки ақлаш ба ҷояш меояд. Маълумоте ҳаст, ки бегоҳии душанбе зане, эҳтимол, хонум Фурнэ, муддати як^ чанд соат дар назди бинои Годолфин-стрит истода буд>... Холмс, шумо дар ин бора чӣ фикр мекунед?

То ноштояшро хӯрда тамом кардани Холмс, ман мақоларо бо овози баланд ба вай хонда додам.

[1] *<Дейли телеграф»* **гаэетаи калонн англисӣ.**

— Азизам Уотсон,— аз паси миз хеста, рӯ-рӯи хона қадам зада гуфт ӯ.—шумо хуб одами пуртоқате ҳастед, вале дар да- воми ин се рӯз барои он ба шумо ҳеҷ чиз нагуфтам, ки чизи мегуфтагӣ набуд. Ҳатто ҳрзир ин маълумотҳои аз Париж ома- дагӣ ба мо чандон ёрии амалӣ расонда наметавонанд.

— Вале ҳоло"маъсалаи кушта шудани ин одам пурра рав- шан карда шудааст.

— Марги ин одам — назар ба вазифаи хақиқии мо воқеаи оддӣ, ҳодисаи ҳурдакакест: ин вазифа аз он иборат аст, ки мак- тубро кофта ёфта Европаро аз фалокат наҷот диҳем. Дар да- воми ин се рӯз фақат як воқеаи муҳи.м рӯй додааст; гуфтан мум- кин ҳеҷ ҳодиса рӯй надодааст. Қариб ҳар соат ман аз ҳукумат маълумот мегирам ва медонам, кӣ дар сар то сари Европа ха- нӯз ҳеҷ гуна аломати ташвишу бесаранҷомӣ мушоҳида карда намешавад. Агар мактуб гум шуда бошад... не, гум шуданаш мумкин нест. Вале агар гум нашуда бошад, пас дар куҷост?! Дар дасти кист? Барои чӣ онро пинҳон мекунанд? Ана саво- ле, ки маро ором намегузорад. Ва оё ҳамон шаб кушта шуда- ни Лукас бо гум шудани мактуб тасодуфан рост омада бошад?' Мактуб умуман дар дасти Лукас буд ё не? Агар буда бошад, пас чаро онро аз байни коғазҳои дигар наёфтанд? Зани де- вона шудаи Лукас онро бо худ набурда бошад? Агар бурда бошад, оё дар хонаи вай, дар Париж набошад?' Ва полицияи Францияри гумонбар накарда ӯро чи тавр рафта ёфта метаво- нам? Азизам Уотсон, ин воқеаст, ки қонуният барои мо ҳар қадар даҳшатангез бошад, вайрон кардани он низ ҳамон қа- дар даҳшатнок аст. Ҳамааш ба муқобили мо, вале нафъе ки ба умеди он шуда худро дар хатар андохтаем, калон аст. Агар ин корро бо муваффакият анҷом диҳем, вай, албатта, ба таври сазовор шӯҳрати маро меафзояд... Оҳ, ана хабарҳои охирин аз мавқеъҳои пеш! — Вай ба номае, ки ба дасташ дсь данд, зуд чашм давонд. Оҳо! Аз афташ, Лестрейд ким-чи чизи ғвлатӣ ёфтааст. Уотсон, кулоҳатонро пӯшед, ҳамроҳ ба Вест- минстер меравем.

Ҷоеро, ки ҷиноят содир карда шуда буд, бори аввал меди- дам: ин як хонаи баланди баднамудн" пеши имораташ танге буда, бо пурифодагӣ, расмӣ буданаш ва бузургиаш ҳамон ас- реро ба хотир меовард, ки он сохта шуда буд. Чехраи булдог- монанди Лейстрейд аз тиреза берун нигарист ва ҳангоме, ки констебли азимҷусса дарро ба рӯи мо кушод, Лестрейд дӯсто- ва ба мо салом дод.

Хонае, ки мо ба он ҷо даройадем, ҳамон хонае буд, ки ҷи-

ноят содир карда шуда буд, вале ба ғайр аз доғи баднамоя паҳнгардидаи гилем аз он осоре намонда буд. Гилем аз моҳути ғафс буда, шакли чоркунҷа дошт ва фақат миёнҷои хонаро мепӯшид; ба таври васеъ атрофи онро тахтачаҳои чор- кунҷаи зебои паркети қадима иҳота карда буд, ки то ҳадди ялаккосӣ тоза карда шуда буд. Бар болои камин маҷмӯи асли- ҳаи нағз овехта шуда буд; ҳамон шаби пурфоҷиа ханҷаре аз он маҷмӯъ гирифта шуда буд. Дар назди тиреза мизи кории зебое меистод ва ҳар асбоби хона: расм, гилем ва пардаҳо — ҳамааш аз завқи латиф ва нозпарвардагии соҳибхона шаҳодат медоданд.

— Хабарҳои нав аз Париж омадагиро шунидед? — пурсид Лестрейд.

Холмс бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

— Ин дафъа дӯстони франсузи мо масъаларо аниқ наму- данд. Чи тавре, ки онҳо тасдиқ мекунанд, куштор бешак ҳамон тавр рӯй додааст. Занаш дарро тақ-тақ мезанад.— Ин баротг Лукас пазирони ногаҳодае будаст. Ба фикрам, барои он ки ба ҳонаи вай ҳеҷ кас рафтуомад надошт. Лукас занашро ба хона медарорад, зеро ӯро дар берун нигоҳ доштан мумкин на- буд! Занаш ба Лукас мегӯяд, ки чи тавр ӯро поида аз пасаш омад, шавҳарашро таънаборон менамояд. Баъд ки ханҷар дар ҳамон ҷо будааст дар як он корашро тамом кардааст. Албат- та, ҳамаи ин дарҳол рӯй надодааст, чунки тамоми курсиҳо бо- лои ҳам афтида мехобиданд, як курсӣ ҳатто дар дасти Лукас будааст, гӯё кӯшиш мекардааст худро мудофиа йамояд. Мо ҳамаи инро чунон ба худ равшап тасаввур менамоем, ки гӯё' худамон шоҳид будем.

Холмс абру боло кашид.

— Ва ба ҳар ҳол аз паси ман одам фиристодед?

— Эҳ-ҳа, ин гапи дигар — ҳамту як чизи ҷузъӣ, вале маҳз яке аз ҳамон чизҳое, ки диққати шуморо ҷалб мекунад: медо- нед, шубҳаангез, ва чӣ тавре кн шумо меномед, аҷиб. Дар на- зари аввал вай бо ҳамаи ин корҳо ҳеҷ як умумияте надорад.

— Он чӣ будааст?

— Ба шумо маълум, ки пас аз ошкор карда шудани ҷиноят, мо бо диққат назорат менамоем, ки ҳамаи чизҳо аз ҷой ҷун- бонда нашаванд. Дар ин ҷо ба ҳеҷ чиз даст нарасоядаанд. Дар квартира шабу рӯз полицай навбатдорӣ мекард. Имрӯз пагоҳӣ, пас аз он ки мақтулро гӯронданд ва тафтишу таҳқиқи хона ба охир расонида шуд, мо қарор додем, ки каме онро ба тар- тиб биёрем. Ва ана гилем... Дидед, он ба фарши хона мехкӯб

карда нашуда, ҳамту партофта шудааст. Мо тасодуфан онро бардошта дидем...

— Ҳа? Дидед? — Чехраи Холмс шавку ҳаваси калонеро ифода менамуд.

— О-о, боварӣ дорам, ки дар сад сол ҳам иай намебаред, ки мо чӣ ёфтем! Шумо ин доғи гилемро мебинед? Охир аз ин гилєм бояд анча хун мегузашт, ҳамту не?

— Будагӣ ran. »

— Ва тасаввур куиед, ки дар ҳамон ҷои паркети ҷилодор доғе нест.

; — Доғ нест? Вале доғ бояд бошад!

— Ҳа, шумо ҳамин тавр фикр мекунед. Ва’ ба ҳар ҳол дар он ҷо доғ нест.

Вай гӯшаи гилемро бардошт ва мо боварӣ ҳосил намудем, ки гапаш дуруст будааст.

— Вале охир тарафи чапи гилем хам рӯяш барин доғ до- рад. Он бояд дар рӯи фарш доғ мегузошт!

Лестрейд тааҷҷуби мутахассиси машҳурро дида, аз завқ ҳй- ҳӣ хандид._

— ХӯшГакнун чи будани гапро ба шумо мефаҳмонам. До- ги дуюм ҳам вуҷуд дорад, вале он ба доғи якум мувофиқат вамекунад. Худатон нигоҳ кунед.

Вай ин суханонро гуфта гӯшаи дигари гилемро бардошт ва дар ҳақиқат, дар рӯи чоркунҷаҳои ҷилодори паркет, наздик ба дари қадима, мо доғи калони сурхи сиёҳчаро дидем.

—Мистер Холмс, дар ин бора чӣ мегӯед?

— Чи мегуфтам. Ҳарду доғ ба ҳамдигар мувофиқат меку- над, дида мешавад гилем чавпа карда шуда будааст. Азбаскн он чоркунҷа буда, ба фарши хона мехкӯб карда нашуда буда- аст, ин корро кардан осон.

— (Мистер Холмс, полиция эҳтиёҷе надорад, ки шумо чаппа кардану накардани онро ба вай фаҳмонида диҳед. Ин комилан равшан: агар гилемро ана ин тавр гузорем, доғҳо болои хам ме- оянд. Ман бошам аз шумо мепурсам: кӣ ва барои чӣ гилемро бардошта аст? .

Аз чеҳраи сокини Холмс медидам, ки вай ҳаяҷонро ба зӯр нигоҳ медорад.

— Лейстрейд, гӯш кунед,— гуфт вай,— ҳамон полицаи дар рохрав будагӣ ҳама вақт дар ин ҷо' навбатдорӣ мекунад?

- Ҳа.

— Хуш, маслиҳати ман ба шумо ҳамин: ӯро нағзакак пурсу- цос кунед. Вале дар назди мо не, мо ҳамин ҷо сабр карда ме-

истем. Ӯро ба хонаи дигар баред. Танҳо ба танҳо тезтар икрор мешавад. Аз вай пурсед, ки чи тавр ҷуръат намуда одами бего- наро ба ин ҷо роҳ доду ӯро дар ин хона танҳо гузошт. Напур- сед, ки ӯ ин корро кардааст ё не. Чунин шуморед, ки ин исбот- ро талаб намекунад. Гӯед, ки ба ин ҷо омадани 'ким-кӣ ба шу- мо маълум. Ӯро таҳдид кунед. Гӯед, ки агар аз сидқи дил иқ- рор шавад, гуноҳи худро мешӯяд. Ҳамаашро ман гуфтагӣ ба- рин кунед.

— Қасам, ки агар вай ақаллан сақле бохабар бошад, ман ҳамаашро аз ӯ сиқонда мегирам!—хитоб намуд Лестрейд.

Вай тохта ба даҳлез баромад ва пас аз як дақиқа дар хо- наи шафат садои доду фарьёди ӯро шунидем.

— Уотсон, тезтар бошед, тезтар бошед!—аз бетоқатй лар- зида фарьёд зад Холмс.

Тамоми қувваи фавқуллодаи ин одам, ки дар зери ниқоби бепарвой пинҳон буд, якбора бо ҷуши қувва зоқир гардид. Ӯ лаби гилемро як тараф гардОнд ва зуд ба зону истода, ҳар мураббаъи паркети зери онро даст-даст кардан гирифт. Вақте ки ба гӯшаи яке Ъз онҳо даст расонд, паркет як тараф парйд. Он сарпӯши қуттичае буд; дар зери он чуқурчаи хурдакаки то- рике вокеъ гардида буд. Холмс бесаброна дасташро ба он ҷо тиқонд, аммо онро пас кашида аз маъюсй ва ниҳояти ноумедӣ нолиш карда монд. Қуттича холӣ буд.

-г- Зудтар бошед, Уотсон, зудтар бошед! Онро ба ҷояш гу- зоред!

Ҳамин ки мо ниҳонгоҳро маҳкам карда, гилемро ба ҷояш партофтем, дар роҳрав овози Лестрейд шунида шуд. Вақте, ки вай ба хона даромад, Холмс бепарвоёна ба камин такья карда, бо қиёфаи маҳзун ва ранҷур хамьёзаи беисташро ба зӯр нигоҳ медошт.

— Мистер Холмс, бубахшед, ки шуморо маътал кардам. Ме- бинам, ки ин корҳо ниҳоят ба дилатон задааст, Окибат у икрор шуд! Макферсон, дароед. Бигузор ҷентльментҳо ҳам аз рафтори нобахшидании шумо бохабар шаванд.

Қонстебли қоматбаланде суп-сурх ва хиҷолатомез якпахлӯ ба хона даромад.

— Сэр, ба гапам бовар кунед, ягон фикри бад қам кадош- там. Дирӯз бегоҳй ҷавонзане ба ин ҷо даромад; вай гуфт дигар хонаро кофта истода, саҳван ба ин ҷо омада монд. Мо ган за- да мондем. Охир рӯзи дароз танҳо дар ин ҷо истода дили кас зиқ мешавад...

— Хӯш, чӣ воқеа рӯй дод?

Вай ҷои куштор рӯй додагиро дидан хост, гуфт ки дар ин бора дар газет^ҳо хонд. Сэр, ҷавонзани хеле дуруст ва чунон салисона ran мезад, ки фикр кардам, агар даромада бинад, ҳеҷ вокеа намешавад, вале доғи гилемро дида, ба рӯи хона аф- тид ва мурда барин мехобид. Ман ба ошкона тохта об овар- дам, аммо ӯро ба ҳуш оварда натавонистам. Он гоҳ ман ба> хам- гашти кӯча барои овардани коньяк ба ошхоначаи «Шохчаи бу- шол» тохтам, то рафта омадани ман ҷавонзан ба худ омада баромада рафтааст... эҳтимол, шарм кардааст, ки бо ман рӯ ба рӯ шавад.

— Гилемро ҳеҷ кас даст накофт?

— Сэр, медонед чи, вақти ман гашта омадан, он каме аз ҷо- яш ҷунбонда шуда буд. Охир ҷавонзан ба рӯи он афтида буд, гилем бошад ба фарши хона мустаҳкам кунонда нашудааст. Ман баъд онро дуруст кардам.

— Қонстебль Макферсон, барои минбаъд маро фиреб надо- данатон ин ба- шумо дарси ибрат,— бо такаббур гуфт Лест- рейд.— Шумо, албатта, қарор додед, ки ин коратон пӯшида ме- монад, ба гилем бошад як бор чашм андоҳтани ман кифоя буд ва дарҳол фаҳмидам, ки ким-ки ба ин хона даромада аст. Дӯс- там, бахти шумо, ки ҳеҷ чиз гум нашудааст, набошад ҳолат ха- роб мешуд. Мистер Холмс, афсӯс ки' барои чунин чизи бехуда шуморо ба ин ҷо ҷеғ задам, вале фикр карда будам, ки ҳарчанд доғи дуюм £о якумаш мувофиқат накуиад ҳам, диққати шумо- ро ба худ ҷалб менамояд.

— Будагӣ ran, ин хеле ғалатӣ... Констебль, он зан фақат як бор ба ин ҷо даромад?

— Бале, сэр, фақат як бор..

— Номаш чӣ?

— Сэр, намедонам. Гуфт ки барои чопи мошинка кор меко- бад, ва рақами хонаро сахв карда ба ин ҷо омадааст,— ҷавон- зани хеле дилчаспи боодоб, сэр.

— Қадбаланд? Хушрӯ?

— Бале, сэр, ҷавонзани анча қадбаланд. Гуфтан мумкин ки хушрӯй. Ҳатто хеле хушрӯй. «Оҳ, офицер, иҷозат диҳед, ки фа- кат як боракак нигарам!» — гуфт вай. У чунон рафтору одоби боназокатонае дошт, ки фикр кардам, агар аз дар нигоҳ кунад, ҳеҷ воқеа намешавад.

— Йи хел либос пӯшида буд?

• '— Хеле оддӣ, сэр: ҷомаи рӯпӯши дароз дошт, ки доманаш то замин мерасид.

— Ин соати чанд буд?

Ҳаво ба торикшавӣ сар карда буд. Вақти аз майхона гаш* та омаданам, фонусҳоро дар мегиронданд.

— Бисьёр нағз,— гуфт Холмс.— Уотсон, рафтем, моро кор- ҳои муҳиме дар дигдр ҷой мунтазиранд.

Вақти мо аз хона баромадан, Лестрейд дар ҳуҷра монд, Конс- тебль бошад дар ҳолате ки аз кори худ пушаймон буд, тозон ба рӯи мо дарро кушод. Холмс дар остона ба ақиб гашта, ким- чиро ба Макферсон дароз кард. Констебель бо диққат нигарист,

— Худоё тавба, сэр!—бо тааҷҷуб хитоб намуд вай.

Холмс ангушт бар лаб ниҳод, он чизро гашта -ба кисабаға* лаш гузошт ва ҳангоми мо ба кӯча баромадан қоҳ-қоҳ хандид.

— Бисьёр нағз!—гуфт вай.— Азизам Уотсон, биёед рафгем. Парда бардошта шуд, саҳнаи охирин сар мешавад. Хотирҷамъ буда метавонед; ҷанг намешавад, шаъну шӯҳрати пурдабдабаи лорди соҳибобрӯ Трелони Хоуп осеб намебинад, подшоҳи бепар- во барои саросемагиаш ҷазо нахоҳад дид ва сарвазир аз азоби ҳалли вазъияти душвори Европа халос хоҳад шуд. Аз ҷониби мо фақат каме назокат ва ҳозирҷавобӣ лозим ва он гоҳ тамо- ми ин воқеа, ки' оқибати ногуворе онро таҳдид менамояд, ба як пули пучак намеарзад.

Ман аз кору рафтори ин одами ачиб шавқу завқ мёбурдам.

— Шумо масъаларо ҳал кардед?—хитоб намудам ман»

— Уотсон, ҳоло не. Х.анӯз баъзе масъалаҳое ҳастанд ки пеш- тара барин номафҳуманд. Вале аллакай он қадар чизи бисьёре ба мо маълум, ки ҳамаашро дониста нагирифтан таассуфовар аст. Мо рост ба Уайтхолл — Тррас меравем ва корро ба охир мерасонем.

Вақте ки мо ба хонаи вазир оид ба корҳои Европа расидем, Шерлок Холмс гуфт, ки леди Хилда Трелони Хоупро диданӣ аст. Моро ба қабулгоҳ даровардand.

— Мистер Холмс!— гуфт леди ва чеҳраи вай аз нафрат сурх шуд.— Аз тарафи шумо ин бешарафӣ ва берун аз одамгарӣ аст. Охир ман гуфта будам, ки мехоҳам ба хонаи шумо рафтанам махфӣ монад, зеро шавҳарам фикр мекунад, ки ман ба корҳои вай дахолат менамоям. Шумо бошед бо ташрифи худ маро бад- ном мекунед. Охир ин исбот менамояд, ки дар байни мову шу- мо муносибатҳои корӣ ҳаст.

— Миледи, мутаассифона ман чораи дигар надоштам. Ба ман супурданд, ки ин ҳуҷҷати ниҳоят муҳимро ёбам, бинобар ҳамин, миледи, ноилоҷ аз шумо хоҳиш мекунам, ки онро ба ман диҳед.

Леди часта аз чой хест; сурхӣ дарҳол аз чеҳраи зебон вай

нест шуд. Чашмонаш бенур шуданд, вай калавид. Ба наэарам чунин намуд, қи вай аз ҳуш рафта меафтад, вале бо зӯри зиёди ирода ӯ худро ба даст гирифт ва чехрааш аз тааҷҷуб ва вазаб сурх шуд.

— Шумо... Мистер Холмс, шумо маро таҳқир мекунед.*

— Миледи, гӯш кунед, ин фоида надорад. Мактубро диҳед.

Вай ба сӯи занг тохт.

— Сарпешхизмат шуморо гусел мекунад.

— Леди Хилда, занг назанед. Агар шумо ин корро кунед, та- моми саъю кӯшиши самимонаи ман, ки аз сар дур кардани ин ҷанҷол аст, барабас меравад. Мактубро ба ман баргардонед ва корҳо нағз шуда мераванд. Агар ба гапи ман дароед, ман ба шумо ёрдам мекунам. Агар ба ман бовар накунед, ноилоҷ си- ратонро фош мекунам.

Леди Хилда дар назди вай мағрур ва бошукӯҳ меистод. Чаш- ми вай ба чашми Холмс афтида, гӯё мақсади Холмсро фаҳмида- нй мешуд. Хилда дасташро аз занг намегирифт, вале занг ҳам намезад.

— Шумо маро тарсонданӣ мешавед. Мнстер Холмс, ин аз рӯи одамгарӣ не, ба ин ҷо омада ванро тавдид мекунед! Мегӯ- ед, ки баъзе чизҳо ба шумо маълум аст. Чӣ медонед?

— Миледи, хоҳишмандам шинед. Агар афтед, ягон ҷоятонро манб мекунед. То нашинед, ман ҳеҷ чиз намегӯям. Ташаккур.

— Мистер Холмс, ба шумо панҷ дақиқа вақт медиҳам.

— Леди Хилда, як дақиқа ҳам кифоя. Медонам, ки шумо ба хонаи Эдуард Лукас рафта будед, ин ҳуччатро ба вай додед, медонам, ки дирӯз бегоҳӣ дуюмбора бо макру ҳила ба хонааш даромада аз ниҳонгоҳи зери. гилем мактубро гирифтед.

Ранг аз рӯи леди Хилда парид. У аз Холмс чашм намеканд; нафасаш гашт, вай як калима гап зада наметавонист.

— Мистер Холмс, шумо ақлатонро хӯрдед... Шумо ақлатон- ро хурдед!— оқибат хитоб намуд вай.

лолмс аз киса порчаи хурдакаки картонро баровард. Он рас- ми зан буд.

— Ман ийро барои он ҳамроҳам овардам, ки он лозим шуда монданаш мумкин,— гуфт вай.— Полицай шуморо шинохт.

Леди Хилда ба зӯр нафас гирифт ва сараш ба такьяи курсй афтид.

— Леди Хилда, гӯш кунед... Мактуб дар дасти шумо, вале ба ҳар ҳол корро баробар йардан мумкин. Мақсади ман ба шу- мо осеб расондан не. Вазифаи ман ҳамон вақт ба охир мерасад, ки мактуби гумшударо ба шавҳаратон баргардонам, Ба масли-

ҳати ман гӯш кунед ва ошкоро ran занед — илоҷи халосиа шу* **мо** дар ҳамин.

Далерии леди Хилда қобили таҳсин буд. Ҳатто дар ҳамии лаҳза ҳам ӯ худро мағлубшуда намешумурд:

— Мистер Холмс, аз нав ба шумо такрор мекунам: шумо дар ҳукми ким-чӣ гуна таассубӣ бемаънӣ мебошед.

Холмс аз курсӣ хест.

— Леди Хилда, ба шумо ҳайфам меояд. Ҳарчи ки аз дас- там меомад барои щумо кардам, акнун мебинам ин беҳуда бу- дааст.

Холмс тукмаи зангро зер кард. Сарпешхизмат даромад.

— Мистер Трелони Хоуп дар хона?>

— Сэр, вай баъди понздаҳ дақиқа меояд.

Холмс ба соат ннгарист.

— Боз понздаҳ дақиқа,— гуфт вай.— Бисьёр хуб, ман сабр мекунам.

дамин ки сарпешхизмат дарро аз қафои худ пушид, леди Хилда дастонашро ба ду тараф кушода, худро ба зери пои Холмс партофт; чеҳраи зебои вай ашколуд буд.

— Оҳ, мистер Холмс, ба ман раҳм кунед! Ба ман раҳм ку- нед!—аз зӯри ноумедй илтиҷо мекард вай.— Аз барои худо ин-» ро ба вай нагӯед! Ман ӯро ниҳоят дӯст медорам! Намехоҳам аз ман ба вай озоре расад, ин бошад, медонам, ки дили наҷиби ӯро реш-реш мекунад.

лолмс ӯро аз ҷой хезонд.

— Миледи, ташаккур, ки ақаллан дар лаҳзаи охир ба худ омадед. Як дақиқа вақтро аз даст додан лозим нест. Мактуб куҷост? '

Вай ба сӯи мизи корй давид, онро кушод ва конверти даро- зи кабудро кушод.

— Мистер Холмс, ана он... Нағзаш ки ман онро ҳеҷ гоҳ на- медидам!

— Акнун мо онро чй тавр баргардонем?!—фикр кард Холмс— — Тезтар бошед, тезтар бошед, ягон илоҷ кардан лозим!.. Сан- дуқчаи ҳуҷҷатмонӣ дар кучост?

— Ҳоло ҳам дар хонаи хоб.

— Чи тавр нағз! Миледи, тезтар онро гирифта ба ин ҷо биё- ред, '

Вай пас аз як дақиқа сандуқчаи сурхе дар даст пайдо шуд.

— Пеш онро бо чи кушода будед? Қалиди дуюмаш ҳаст? Ал- батта, ҳаст. Кушоед!

Леди Хилда аз зери юбкабанд калиди хурдакакеро баро-

вард. Сандукчаро кушоданд; он пур аз коғаз буд. Холмс кон- верти кабудро' ба байни варақаҳои ким-чигуна хуҷҷати дигар тиққонд.- Сандуқчаро қулф карда гашта ба хонаи хоб бурданд.

— Акнун мо ба пешвоз гирифтани вай тайёрем,— гуфт Холмс.,— боз дақ дақиқа вақт ҳаст. Леди Хилда, барои шуморб химоя кардан масъулияти хвле калонеро ба гардан мегирам! Ба ивази ин боқии вақти мондагй бояд шумо вичдонан тамоми ин воқеаи аҷибро нақл кунед.

— Мистер Холмс, ман ҳамаашро ба шумо гуфта медиҳам!— хитоб намуд леди.— Оҳ, мистер Холмс ман розиам ки дастй рос- тамро буранд, аммо намехоҳам лаҳзае ӯро ғамгин бинам. Дар тамоми Лондон зане нест, ки шавҳари худро мисли ман дӯст дорад, ва ба ҳар ҳол, агар фаҳмад ки ман кореро кардам, ки ба карданаш маҷбур будам, ҳеҷ гоҳ аз ғуноҳам намегузарад. Вай шарафу вичдони худро чунон баланд мегузорад, ки рафтори бешарафонаи каси дигарро фаромӯш карда ё бахшида намета- вонад. Мистер Холмс, ба ман ёрдам кунед! Бахти ман, бахти ӯст, ҳаёти мо ба қимор монда шудааст!

— Миледи, тезтар бошед, вақт гузашта истодааст!

— Мистер Холмс, то шавҳар карданам ман мактуби беэҳтиё- тонаи беақлонае навишта будам, ин.мактуби духтари пурэҳсоси дилдодае буд. Дар он ягон чизи беақлона навишта нашуда буд, вале ба ҳар ҳол йхавҳарам онро мактуби хиёнаткорона мено- мид. Агар вай ин мактубро мехонд, ба ман бовар намекардагй мешуд. Аз.бози он мактубро навиштанам солҳои бисьёре гу- зашт. Ман фикр кардам, ки ҳамааш фаромӯш шудааст. Вай но- хост ин одам, Лукас, ба ман хабар дод, ки мактуб ба дасти ӯ афтидааст ва ният дорад онро ба шавҳарам нишон диҳад. Ман тавалло намудам, ки ба ман раҳы кунад. Вай гуфт, мактубро ба шарте ба ман бармегардонад, ки агар як ҳуҷҷатро бурда ба вай диҳам; он ҳуҷҷат аз рӯи гапи вай, дар дасти шавҳарам дар қут- тича ҳамчун номаи фаврӣ эҳтиёт карда мешавад. Вай дар вазо- рат ҷосусе дошт, ки дар бораи ин ҳуҷҷат ба ӯ хабар дода буд. Лукас маро бовар кунонд, ки ба шавҳари ман ягон қадар зарар намерасонад. Мистер Холмс, шумо худро ба ҷои ман монед! Ман бояд чӣ кор мекардам?

— Ҳамаашро ба шавҳаратон мегуфтед.

— Мистер, Холмс, натавонистам, натавонистам! Аз як та- раф маро ҳалокати ногузир тахдид менамуд: аз тарафи дигар, агарчӣ гирифтани ҳуҷҷате ки азони шавҳарам буд, бароямдаҳ- шатангез намояд хам, вале ба ҳар ҳол дар соҳаи сиёсати бай- налхалқй чи гуна оқибат доштанашро ба худ пурра тасаввур ме-

намудам, дар бораи мехру муҳаббат ва аз якдигар дилпур бу- дани мо бошад, ҳамааш ба назарам рӯз барин равшан буд. Мис- тер Холмс, ман дуздӣ кардам. Ман қолиби калидро гирифтам ва ин одам, Лукас, калйд созонда овард. Ман қуттичаро кушо- да, хуҷҷатро гирифтам ва онро ба Годолфин-стрит бурдам.

— Миледи, дар он ҷо чӣ воқеа рӯй дод?

— Мувофиқи аҳд дарро туқ-туқ задам. Лукас дарро кушод. Ман аз паси вай ба хонааш даромада, дарро нимроғ мондам, чунки метарсидам бо ин одам танҳо монам. Дар хотир дорам вақти ба хона даромаданам дар кӯча зане меистод. Гуфтугӯи мо дарҳол ба охир расид. Мактуби ман дар рӯи "мизи кории ӯ мехобид. Ман хуҷҷатро ба ӯ додам, вай мактубро ба ман бар- гардонид. Ҳамин вақт дар таки дар мағале хеста, дар рохрав садои қадаммонӣ шунида шуд. Лукас зуд лаби гилемро гар- донда, хуҷҷатро ба ниҳонгоҳе тиқонд ва аз нав гилемро ба ҷояш андохт.

Ҳар он чи ки баъд рӯй дод, ба хоби даҳшатноке монанд буд. Ман чеҳраи гандумгуни девонагаштаеро дидам, овози занеро шунидам, ки базабони франсузӣ фарьёд мезад: «Поиданам ба- рабас нарафт! Оқибат туро ҳамрохи вай ба даст афтондам!» Як ҳодисаи даҳшатноке рӯй дод. Ман курсй бардоштани Лукас- ро дидам, дар дасти зан бошад ханҷар дурахшид. Ман аз ин даҳшат рӯ ба гурез ниҳодам. Тозон аз хона баромадам ва фа- қат пагоҳии рӯзи дигар аз газета аз ин куштори пурдахдпат бо- хабар шудам. Ҳамон бегоҳ ман хушбахт будам, зеро мактуби худам дар дастам буд ва ҳанӯз дарк карда наметавонистам ки оянда ба сарам чиҳо меоварад.

Вале пагоҳии рӯзи дигар фаҳмидам, ки аз як фалокат рахо ёфта, ба дигараш гирифтор шудаам. Шавҳарам, ки гум шудани ҳуҷҷатро ошкор карда, ба холи танг афтида буд, маро гиҷ кард. Ман қариб худро ба таки пояш партофта, кори кардаги- амро гуфта будам. Вале охир мебоист маи воқеаи пештар рӯй додагиро иқрор мешудам! -Ҳамон пагоҳӣ ба назди шумо омадам ва танҳо ҳамон вақт сангинии тамоми гуноҳам ба ман маълум гардид. Аз ҳамон дақика якзайл фикр мекардам, ки чи влоҷ сохта ин ҳуҷҷатро ба шавхарам баргардонам. Ҳуҷҷат ме- боист дар ҳамон ҷои Лукас гузоштагӣ мебуд, чунки вай онро то омадани он зани бадгухар руст карда буд. Агар он зан пай- до намешуд, ман дар куҷо будани ниҳонгоҳро ҳеҷ гоҳ намедо- нистам. Чй илоҷ сохта ба хонаи ӯ дароям? Ду рӯзи тамом ман ба бинои ин хона назорат мекардам, вале ҳамеша дари он пӯ« шидагӣ буд. Дирӯз бегоҳјі охирин бор кӯшише ба кор бурдам,

Шумо аллакай медонед ки ман чи тавр мактубро ба даст да- ровардам. Ман онро ба хона оварда, нест карданӣ будам, зеро намедонистам воқеаи шудагиро ба вай нақл накарда, онро чи тавр ба шавҳарам бармегардонам... Худоё, дар зинапоя садои помонии ӯро мешунавам!

Вазир оид ба корҳои Европа ддр.ғояти изтиробу хаяҷон то- зон ба хона даромад.

— Чӣ навигарӣ, мистер Холмс, чи навигарӣ?—фарьёд зад вай.

— Баъзе умедҳо ҳаст.

— Худоро шукр!— Чеҳраи вай кушода шуд.— Сарвазир ҳам- рохи ман ношто мекунад, метавонам ӯро хурсанд намоям? Ӯ асаби мустаҳкаме дорад, вале медонам, ки аз бози рӯй додани ин воқеаи пурдаҳшат қариб намехобад... Ҷейкобс, аз сарвазир, илтимос кунед, ки боло бароянд. Хонумҷон, гумон аст, ки гуф- тугӯи мо доир ба сиёсат табъи дили шумо бошад. Пас аз як- чанд дақиқа дар хонаи таомхӯрӣ бо ҳам вомехӯрем.

Сарвазир худро нағз ба даст мегирифт, вале аз шӯълаи чаш- монаш ва ҳаракати ихтилоҷомези дастбни лоғараш медидам, ки вай ба изтироби ҳамкори ҷавони худ шарик мебошад.

— Мистер Холмс, ба андозае, ки ман мефаҳмам шумо ба мо. ким-чи хабар доданӣ ҳастед?

— Ҳоло фақат манфӣ,— ҷавоб дод дӯсти ман.— Мйн аз та- моми ҷойҳои метавонистагиам маълумот гирифтам ва боварӣ хосил намудам, ки барои хавотирӣ хеҷ асосе нест.

— Вале, мистер Холмс, ин'кам. Мо якумр дар дами бало бу- да наметавонем, муайян донистанамон лозим.

— Ман умедворам мактубро меёбам, бинобар Хамин ба ин ҷо омадам. Ҳар қадар ки дар ин масъала бештар фикр мекунам, ҳамон қадар боварӣ ҳосил менамоям, ки мактуб ҳеҷ гоҳ аз ин хона берун набаромадааст.

— Мистер Холмс!

[1] — Агар онро медуздиданд, албатта, кайҳо чоп мекарданд.

— Вале бо мақсаде, ки онро дар ҳамин хона руст кунанд, гирифтанаш чӣ маънӣ дорад?

— Боварй надорам, кй гирифта бошанд.

, . — Дар он сурат чи тавр аз қуттӣ гум шуд?

— Боварӣ надорам, ки аз қуттӣ гум шуда бошад.

— Мистер Холмс, ҳозир барои шӯхӣ вақти мувофиқ не. Ба гапам бовар кунед, ки дар он ҷо нест.

— Аз рӯзи сешанбе то ҳозир қуттиро кушода дида будед?

— Не. Ин тамоман беҳуда!

*- Надиданатон хам мумкин.

— Кӣ медонад! Чунин воқеаҳо шуда буданд. Охир дар он ҷо боз ҳуҷҷатҳои дигар ҳам ҳаст. Дар байни онҳо монданаш мумкин.

— Мактуб дар рӯй буд.

— Ягон кас ҷунбонда бошад ҷояш дигар шудааст.

— Не, не, ман ҳамаашро аз қуттӣ бароварда будам.

—- Хоуп, инро тафтиш карда дидан осон,— гуфт сарвазир.— Фармоед куттиро гирифта ба ин ҷо биёранд.

Вазир оид ба корҳои Европа тукмаи зангро пахш кард:

— Ҷейкобс, қуттии коғазмонии маро гирифта биёред... Мо вақтро тамоман беҳуда мегузаронем, вале агар ин хотири шу* моро ҷамъ мекарда бошад, майлаш', тафтиш карда мебинем... Ташаккур, Ҷейкобс, онро ба ин ҷо гузоред... Калидаш хама вақт дар занҷири соатам. Ана ҳамаи коғазҳо, дидед. Мактуб аз лорд Мерроу, маърӯзаи сэр Чарльз Харди, ёддошт аз Белград, маъ- лумот дар бораи андозҳои ғаллаи русу-гер^он, мактуб аз Мад- рид, маълумот аз лорд Флауэрс... Худоё! Ин чист? Лорд Белин- ҷер! Лорд Белиыҷер!

Сарвазир конверти кабудро аз дасти ӯ чанг зада гирифт:

— Бале, худаш. Мактуб дар ҷояш... Хоуп, табрик мекунам!

— Ташаккур, Ташаккур! Як кӯҳ, аз китфам афтид!.. Вале хеч. ақли кас намегирад... ҳеҷ мумкин нест... Мистер Холмс, шу- мо ҷодугар, шумо афсунгар! Аз куҷо фаҳмидед, ки он дар ин чост?

— Бароқ он донистам ки дар дигар ҷой шуданаш мумкин нест.

— Ба чашмам бовар намекунам!—Вай бо суръат тохта аз ҳона баромад.— Занам куҷост? Ман бояд ба вай гӯям, ки хама' аш тахт шуд. Хилда! Хилда!—овози ӯро мо дар зинапоя шуни- дем.

Сарвазир чашмашро нимпӯш карда ба Холмс нигарист.

— Сэр, гӯш кунед,— гуфт вай,— дар ин ҷо боз ким-чи гуна асроре ҳаст. Чи тавр мактуб аз нав дар қуттӣ пайдо шуданаш мумкин?

Холмс барои он ки аз ин нигоҳи кунҷковонаи ин чашмони зирак наҷот ёбад, табассумкунон рӯй гардонд.

—- Мо ҳам асрори дипломатии худро дорем,— гуфт вай ва кулоҳашро гирифта ба тарафи дар равон шуд.

ҚИССАИ САГИ БАСКЕРВИЛЛЬ

Боби I

МИСТЕР ШЕРЛОК ХОЛМС

Мистер Шерлок Ҳолмс дар паси миз нишаста таҳтул мекард. Баъзан мешуд, ки ӯ шаби дароз намехобид; агар ҳаминро ба назар нагирем, вай одатан аз хоб хеле бевақт мехест. Ман-дар рӯи гилемчаи назди камин истода, асои нағзи ғафси қубадорро—аз ҷумлаи ҳамон ашьёҳое, ки онро «далели ҷиддӣ> номидан мумкин аст ва меҳмони дирӯзаамон фаромӯш карда буд, дар даст чарх мезанондам. Аз қуба саҳл поинтар ба андозаи ним дюм васеъ лавҳачаи нуқра кӯфта шуда, дар рӯи лавҳача навишта шуда буд: «Ба Ҷеймс Мортимер, Ч. К. Х. О. аз дӯстони ҳам ТЧК-аш» ва санаи «1884» қайд гардида буд. Замонҳои пеш чунин асосҳои калони вазнин ва дилпурро духтурони хонадонӣ гирифта мегаштанд.

— Хӯш, Уотсон, дар хусуси ин асо чӣ фикр доред?

Холмс пушташро ба ман гардонда менишаст ва ман фикр мекардам, ки ин амалиёти ман аз чашми вай пинҳон мемонад.

— Бо чи кор машғул будани маро аз куҷо медонед? Гумон кардан мумкин ки чашматон дар паси саратон. аст!

— Инаш-ку не, лекин қаҳвачӯшонаки топ-тозаи яллақосӣ дар наздам истодааст,— ҷавоб дод вай.— Не, дар ҳақиқат, Уот- сон, шумо дар хусуси асои меҳмони мо чӣ мегӯед? Ману шумо ӯро надида мондем ва сабаби омаданашро намедонем. Модоме ки толеамон пастӣ кард, ба ин савғои тасодуфӣ аҳамияти Мах- еуе додан дуруст меояд. Асоро тахқиқ карда бароед ва аз рӯи он соҳибашро муқаррар кунед, ман бошам ба гапи шумо гӯш мекунам.

— Ба фикрам,— ба ran сар карда, мекӯшидам ба қадри кув- ват ба усули дӯстам пайравӣ кунам,— духтур Мортимер табиби комкори миёнсол, ба замми он марди соҳибэҳтироме мебошад, зеро дӯстонаш ба шукрона ба вай чунин тӯҳфаҳо пешкаш ме- намоянд.

— Нағз!— гуфт Холмс,— Бисьёр нағз!

— Ба<ғайр аз ин, ман фикр мекунам, ки вай духтури деҳо- тиест, яъне манзил ба манзил пои пиёда мегардад.

— Инаш барои чӣ?

— Барои он ки дар вақташ асояш асои нағзе буда, нӯгаш чунон хӯрда шудааст, ки онро дар дасти духтури шаҳр тасав- вур карда наметавонам. Оҳани ғафси нӯгаш тамоман суда шу- дааст — зоҳиран духтур Мортимер бо ин асо чандин миль роҳ- ро тай кардааст.

— Фикри хеле оқилона,— гуфт Холмс.

— .Навиштаи «Аз дӯстони ҳам ТК-ашро» гирем. Ба тахми- ни ман ҳарфхои <КЛ» нсми клуб, дурусттараш, клуби шикор- чпёнро муайян мекунад, ки вай бааъзоёни он ёрии тиббӣ мера- сондааст ва ба ивазаш ин тӯҳфаи нокироро ба ӯ пешкаш кар- даанд.

— Уотсон, қоил кардед!— гуфт Холмс ва ба пушти курсӣ такья карда, папирос гиронд.— Ман қайд накарда наметаво- нам, ки бо меҳрубонии ба шумо хос хизматҳои ночизи маро тав- сиф карда, одатан ба имкониятҳои худ кам баҳо медиҳед! Агар аз худи шумо шӯълаи фурӯзон наборад ҳам, ба дар ҳол, худи шумо ноқили равшанӣ ҳастед. Шахсоне, ки худашон истеъдоди дурахшон надоранду дар хар сурат дар қалби дигарон барои ба чӯш овардани он соҳиби қобилияти фавқуллоддаанд, магар каманд! Дӯстам, ман дар назди шумо як умр қарздорам.

Ман бори аввал чунин эътирофро аз забони Холмс мешуни- дам ва бояд гӯям, ки суханони вай ба ман бағоят ҳаловат бах- шиданд, зеро хунсардии ин одам ба шавқу завқи пайвастаи ман ва ҳама гуна саъю кӯшишам, ки мехостам усули кори ӯро мунташир созам, борҳо ба иззати нафсам расида буд. Ғайр аз нн ман бо ин мефахридам, ки на фақат усули кори Холмсро аз

хӯд кардаам, балки онро дар амал кор фармуда метавонам ва **бо** ин сазовори таърифи ӯ гардидам.

Холмс асоро аз дасти ман гирифт ва ба пурбин якчанд да- киқа ҳама тарафи онро аз назар гузаронид. Баъд, диққати ӯро ким-чи ошкоро ба худ ҷалб намуд, папиросро як тараф гузош- та ба тиреза наздик шуд ва ин дафъа ба воситаи пурбин асоро аз назар гузаронидан гирифт.

— Худо медонад, вале ба ҳар хол аҷиб,—гуфт вай ва ома- да ба ҷои дӯстдоштааш ба гӯшаи диван нишаст.— Бешубҳа, дар ин ҷо баъзе далелҳо ҳастанд ва барои баровардани баъзе хулосаҳо ба мо ёрдам карда метавонанд.

— Наход аз назари ман ягон чиз афтида бошад?— пурси- дам ман дар ҳолате ки дар оҳанги гуфторам як қадар худписан- лй ҳис карда мешуд.— Боварӣ дорам, ягон чизи ҷиддӣ аз чаш- ми ман хато нахӯрдааст?

— Азизам Уотсон, афсӯс, ки қисми зиёди хулосаҳои шумо баровардагй ғалатанд. Вақте ман гуфтам, ки шумо барои ман муҳаррики нағзе мебошед, рости ran, инро ҳамин тавр фаҳми- дан лЬзим буд: гоҳҳо саҳву хатоҳои шумо, рости ran, ёрдам кар- да маро ба роҳи дуруст меандозанд. Аммо ҳозир шумо чандон хато намекунед. Бешубҳа, ин одам дар шаҳр кор намекунад ва ӯ ноилоҷ роҳҳои дурударозро пиёда тай менамояд.

— Пас, гапи ман дуруст будааст.

— Дар ин масъала — дуруст.

— Вале охир ҳамааш ҳамин?

— Азизам Уотсон, ҳоло буду шуди fan ин не. Масалан, ман мегуфтам, духтур чунин тӯҳфаро, гумони ғолиб аст, аз клӯби шикорчиён не, балки аз ягон табобатхона гирифтанаш мумкин аст, аммо вақте ки пеш аз табобатхона ҳарфҳои «ЧК» истода- аст, худ аз худ номи «Черинг-кросс»-ро талаб мекунад.

— Шояд, гапи шумо дуруст бошад.

— Ҳамаи ин чунин тафсир металабад. Ва агар тахмини ма- ро ҳамчун фарзияи корӣ қабул кунем, дар он сурат барои му- қаррар кардани шахсияти меҳмони ношиноси мо маълумотҳои иловагй дар даст дошта метавонем.

— Хуб. Фарз кардем ки ҳарфҳои «ТК» маънии «Табобатхо- иаи Черинг-Крост»-ро дорад. Минбаъд аз ин чигуна хулосаҳо баровардан мумкин?

— Ягон чиз ба фикратон намеояд? Шумо-ку бо усули кори ман шинос ҳастед. Онро дар амал ба кор баред.

— Хулосааш маълум: ин одам пеш аз ба деҳа рафтанаш дар табобатхонаи Лондон кор мекардааст.

— Чи мешуд, агар мо каме пештар равем? Аз чунин нуқтаи

назар ба ин нигоҳ кунед: барои чи ба вай тӯҳфа кардаанд? Дӯстони вай барои изҳори миннатдорӣ зарур донистаанд, ки ҳамроҳ ин асоро ба ӯ тақдим кунанд? Зоҳиран, ҳамон вақте ки духтур Мортимер ба табобати хусусӣ гузаштааст, аз беморис- тон рафтааст. Ба вай тӯҳфа пешкаш кардаанд, ин ба мо маъ- лум. Тахмин карда мешавад, ки ӯ кори бемористонро ба кори духтури деҳа иваз кардааст. Агар гӯем, ки маҳз ба муносибатн аз кор рафтанаш ин тӯҳфа ба ӯ пешкаш шуда будааст, оё хуло- сахои мо аз хад зиёд далерона намебошад?

— Эҳтимоли куллӣ дорад.

■ — Акнун дар хотир дошта бошед, ки вай дар штат ҳамчун мушовир буда наметавонист, зеро ин фақат ба духтури таҷри- баи Лондонро гирифтагӣ дастрас мебошад, аммо чунин духтур гумон аст шаҳрро партофта равад. Дар он сурат чи кора буда- аст? Агар вай дар он ҷо мушовири штати нашуда ҳамту кор карда бошад, пас, ба вазифаи нокирои куратори [1] таъин буда, дар бемористон зиндагӣ мекардааст, яъне аз духтури оддӣ ан- даке.баланд будааст. Ва панҷ сол пеш ӯ аз он ҷо рафгааст — ба санаи асо нигох кунед. Азизам Уотсон, ба ҳамин тариқ, дух- тури бовиқори солхӯрдаи хонагии шумо аз назари мо ғоиб ва ба ҷои вай дар назди мо марди басе сабуклиқои тахмин сисолаи шӯхратбезор, фаромӯшхотир ва сагашро меҳрубонона дӯст ме- доштагӣ пайдо шуд, ки чи тавре ман тақрибан тахмин мекунам, аз терьер* [2] калонтар, вале аз мастиф хурдтар мебошад.

Ман табассуми шубҳаомез кардам, аммо Шерлок Холмс ба пушти диван такья намуд ва ба сақфи хоца ҳалқаҳои хурд-хур- ди дуд*сар медод, ки дар ҳаво ҳамвор лаппиш мехӯрданд.

— Дар бораи модаи охирон бошад, шуморо санчидан кори хеле душвор,— гуфтам ман,— вале доир ба синну сол ва ихти- соси ин одам ҳозир кофта баъзе маълумотҳо пайдо мекунем.

Ман аз рафи хурдакакаи китобмониам маълумотномаи тиб- бнро гирифта, фамилияи даркориро пайдо кардам. Дар он ҷо якчанд Мортимер зикр шуда буд, вале ман дарҳол фамилияи мехмони моро кофта ёфтам ва ҳарчики ба вай дахл дошт, бо овози баланд хонда баромадам.

— «Мортимер Ҷеймс аз соли '1882 инҷониб аъзои^Хамъия- ти ҷарроҳии Подшохӣ мебошад. Гримпен, Дартмур, графий Де- воншир. Аз соли 1882 то соли 1884—куратори бемористони Че-

---

* Kt/ратор—-хизматчии хурди тиббй, ки дар касалхона ба беморон на- аорат мекунад.

[2] *Терьер еа мастиф — нг* въҳои car.

ринг-Кросс. Доир ба фасли паталогияи[1] муқоисавӣ барои кори «Оё бемориро тариқи зоҳиршавии атавистӣ[1 2] шумурдан мумкин .нест? Бо мукофоти Ҷексон сарфароз гардонида шудааст. Аъ- зо-корреспонденти ҷамъияти патологии Щвеций. Муаллифи ма« қолаҳои «Беқоидагии зуҳурьёбии атавизм» («Ланцет>, 1882), <Оё мо афзоиш меёбем?» («Маҷалаи психология», марти 1883). Духтури деҳотии қавми калисоҳои Гримпен, Торсли ва Хай- Бэрроу».

— Уотсон, дар бораи клуби шикорчиён як даҳан ran наза- дед,— маккорона табассум намуда гуфт Холмс,— вале чи тавре ки дуруст қайд кардед, ҳақиқатан духтури деҳотӣ мебошад. На- тиҷабарории ман дуруст аст. Ҳар чӣ ки ба сифати ӯ дахл дорад, агар хато накунам, ман чунин калимаҳоро ба кор бурдам: са- буклиқо, шӯҳратбезор ва фаромӯшхотир мебошад. Инр.о ман аз рӯи тачрибаам медонам — фақат одамони сабуклиқо тӯҳфаҳои хайрубодӣ мегиранд, фақат касони аз ҳама шӯҳратбезор дар Лондон духтуриро партофта, духтури деҳа. шуда мераванд ва фақат фаромӯшхотирон метавонанд зиёда аз як» соат интизорӣ кашида ба ҷои визиткарта асои худро дар меҳмонхона монда мераванд.

— Car чӣ?

— Car омӯзонда шудааст ки бори соҳибашро бардошта аз пасаш гардад. Ин асо аз асоҳои сабук не, car аз мобайни он бо дандон сахт медоштааст, ки изи онҳо баръало намоёнанд. Назар ба масофаи байни изи дандонҳо чунин ҷоғ барои терьер хеле калон буда, барои мастиф хурд мебошад. Эҳтимол, ки... худоё! Албатта, спаниели[3] ҷингила. /

Холмс ин суханонро гуфта.аввал рӯ-рӯи хона пасу пеш қа- дам зад, баъд дар назди тоқчаи тиреза истод. Дар суханони охирини вай чунон боварии қатъӣ садо медод, ки ман ботаҳай- юр ба ӯ нигоҳ кардам:

— Дӯстам, гӯш кунед, чаро шумо ба ин боварӣ доред?

— Барои он, ки ман сагро дар таги дарамон мебинам ва ана соҳибаш ҳам занг зад. Уотсон, хоҳишмандам наравед. Шу- мо бо вай ҳамкасб мебошед ва хузуратон ба ман ёрдам меку- над. Уотсон, ана он лаҳзаи машъум фаро расид! Шумо садои пойро дар зинапоя мешунавед, ин помонӣ зер карда вориди ҳаё- ти мо мегардад, вале маълум нест, ки он ба сари мо чӣ меова-

---

1 *Паталогия* — илм доир ба амалиётҳои даровар дар организм.

2 *Атавизм* — зохиршавии ягон аломат дар организм, ки он ба аҷдодонн дури гузашта хос мебошад.

з Як навъ car.

рад —хайр ё шар. Шахси сохаи илм, духтур Ҷеймс Мортимер, аз хуфия Шерлок Холмс чй мехоста бошад?.. Дароед.

Қиёфаи меҳмони мо маро дар ҳайрат мононд, зеро ман хос духтури деҳотиро диданӣ будам. Маълум шуд духтур Морти- мер одами қадбаланди қоқинаи бинидароз будааст. Бинии да- розаш мисли минқор дар миёни чашмони хокистарранги ба ҳам наздикаш, ки дар паси чанбараки тиллоии айнак медурахши- данд, ҷаста баромада буд. Вай сару либоси ба касби худ муно- сибе дошт, аммо онро як андоза бепарвоёна пӯшида буд: пиҷа- каш нимдошт, шимаш хурда шуда буд. Ба ҷавон будани синну солаш нигоҳ накарда, пушташ хамидагӣ буд ва ба таври аҷиб гарданашро ёзонда некхоҳона ба мо менигарист. Меҳмони мо баробари ба хона даромадан, чашмаш ба асои дасти Холмс аф- тид ва ӯ шодона фарьёд зада барои гирифтани он даст дароз кард.

— Чи хушбахтие! Ман ҳеҷ ба хотир оварда наметавонистам, ки онро дар куҷо мондаам, дар ин ҷо ё дар компанияи пароход- ронй. Чунин чизро гум кардан! Ин бағоят даҳшатангез мебуд!

— Тӯҳфа?-^ пурсид Холмс.

—- Бал.е, сэр.

, — Аз бёмористони Черинг-Кросс?

— Бале, дӯстони дар он ҷо будагиам дар рӯзи туи арӯснам тӯҳфа карда буданд.

— Ҳай-ҳай, чи тавр бад!— сар ҷунбонда гуфт Холмс, Духтур Мортимер бо тааҷҷуб чашмак зад:

— Ин чи ҷои бадй дорад?

— Фақат ҳамин ки шумо рафти хулосабарории моро вай- рон кардед. Пас, тӯёна буд?

— Бале, сэр. Ман зан гирифта, бемористон ва х;амроҳи он ҳамЬ гуна орзую умеди консультант шуданамро партофта раф- там. Соҳиби хонаву ҷои худ шудан лозим буд.

— Ана дидед, мо начандон саҳви зиёд кардаем,— гуфт Холмс.— Аммо акнун, духтур Ҷеймс Мортимер...

— Чиҳо мегӯед, чиҳо мегӯед! Ман унвони докторй надорам, фақат ҳамааш шуда камтарин аъзои ҷамъияти ҷарроҳии под- шоҳй мебошам.

— Зоҳиран, одами ба илм тамоил?

— Мистер Холмс, ман ба илм фақат баъзе муносибатҳо до- рам: гӯфтан мумкин, дар соҳили уқьёнуси беканори маърифат садаф меғундорам. Агар саҳв накунам, шарафмандам бо мис- тер Шерлок Холмс ran мезанам, на бо...

— Не, духтур Уотсон ана — дар наздатон,

— Сэр, шодам ки бо шумо шинос мешавам. Номи шумо airсар вақт ҳамроҳи номи дӯсти шумо зикр мешавад. Мистер Холмс, шумо бағоят диққати маро ба худ яалб менамоеД. Ман. хеҷ ннтизор набудам, ки чунин косахонаи сари дарозрӯя доред ьа қавси болои абрувонатон чунин тараққӣ кардагӣ мебошад. Ичозат диҳед ҷойҳои пайванди косахонаи сари шуморо даст- даст карда бинам. Сэр, нусхаи муҷассамаи косахонаи сари шу- мо то ҳамон дам зеби ҳар музеи антропологӣ буда метавонист, ки аз косахонаи сари шумо аҷибтараш ба даст намедаромад. Ин гапи маро ҳамчун тамаллуқ ҳисоб накунед, вале ман ба чу- нин косахонаи сар ҳасад мебарам.

Шерлок Холмс меҳмони ачиби моро ба курсии роҳат шинонд.

— Сэр, ману шумо, аз афташ, ишқбози кори худ мебошем, гуфт вай.— Аз рӯи ангушти шаҳодататон маълум, ки шумо па- пнроси печонидагиро дӯст медоред. Шарм накунед, кашидан гиред.

Духтур Мортимер аз киса тамоку ва ғоғаз баровард ва бо чобукии хайратангез папирос печонд. Ангуштони дарози андак ларзонаш мисли мӯйлаби хассоси дашарот ҳамчунон чолокона ва беқаророна ҳаракат мекарданд.

Холмс ran назада менишаст, вале назари тези яклаҳзагиаш, ки ҳар замон онро ба хамсӯҳбати ғалатии мо меафканд, ошко- ро аз он шаҳодат медоданд, кн ин одам хеле мароқи ӯро овар- дааст.

— Сэр, ба гумонамоқибат ба ran сар кард ӯ,— шумо бо боздиди дирӯза ва имрӯзаатон на фақат бо тадқиқи косахонаи сари ман маро шарафманд гардонндан мехоҳед?

— Не, сэр, албатта не! Рости ran, ман хушбахтам, кичунин имконият шуда монд, вале мистер Холмс, на ин маро ба назди шумо оварД. Ман одами амалан кордон нестам, дар зимни ия нохост як масъалаи бағоят ҷиддӣ ва бағоят аҷиб пайдо шуда монд. Аз чиҳати бузургӣ ман шуморо эксперти дуюми Европа ҳисоб карда...

— Ҳамту гӯед, сэр! Ичозат диҳед пурсам, ба якум будан кӣ мушарраф гардидааст?—бо оҳанги басе ҷиддӣ пурсид Холмс.

•— Асарҳои илмии ҷаноби Бертильон[1] бо сохти фикрронии илмии худ бештар боиси эҳтироми одамон мегарданд.

— Дар он сурат чаро ба вай мӯроҷяат накардед?

— Сэр, ман дар бораи «сохти илмии фикрронӣ» гуфтам, ам- мо ҳамчун шахси таҷрибадор ҳеҷ кас ба шумо баробар шуда

[л] Бертильон А. (1853—1914) олими антропологи франсуэ.

наметавонад, ин аз тарафи ҳама эътироф карда шудааст. Сэр, умедворам аз ман гапи зиёдатие нагузаштааст...

— Ҳамту, андаке,— ҷавоб дод Холмс.—Аммо духтур Мор- тимер ба фикрам, хуб мешуд, агар ҳозир аз мавзӯъ дур нашу- да, ба ман гуфта медодед, ки масъала аз чӣ иборат аст ки ба- рои ҳал кардани он ёрии ман лозим шуда мондааст.

Боби II

АВЛОДИ ЛАЪНАТРАСИДАИ БАСКЕРВИЛЛЬҲО

~ Дар кисаи ман як манускрипт ҳаст[1],— гуфт духтур Мор« тимер.

— Баробари даромаданатон ман онро дидам,— гуфт Холмс.

— Манускрипт хеле қадима мебошад.

. Агар қалбакӣ набошад, аввали асри ҳаждаҳ аст.

— Сэр, йн эз куҷо ба шумо маълум?

— Шумо бо ман ran зада истода, гӯшаи ин манускриптро, ки ба андозаи ду дюм васей дорад, ҳар замон нишон дода ме- истед. Эксперте, ки санаи ҳуҷҷатро то даҳ-бист сол аниқ муай- ян карда наметавонад, вай эксперт нест. Шояд, хондани асари начандон калони ман доир ба ин масъала ба шумо муяссар гар- дида бошад? Ман ба манускрипти шумо соли ҳазору ҳафтсаду сиюм таърих мегузорам.

— Таърихи аниқаш соли ҳафсаду чилу дуюм.— ДухтурМор- тимер дастхатро аз кисаи бағалии пиджакаш баровард.— Ин ёдгории қадимаи авлодиро барои эҳтиёт карда мондан ба .ман сэр Чарльз Баскервиль дода буд, ки марги ногаҳонии фоҷиавии вай се моҳ пеш тамоми Девонширро ба изтироб андохта буд. Ман худро нафақат духтури сэр Чарльз, балки дӯсти шахсии ӯ мешумурдам. Ин шахси раёсатталаб, боақл, басе кордон ва дар масъалаи хаёлпарастӣ ҳаргиз каминаи камтарини шумо барин набуд. Ва ба ҳар $ол вай ба ин ҳуҷҷат хеле эҳтиёткорона раф- тор мекард ва ба ҳамон оқибат тайёр мешуд, ки сарнавншт ба« рояш пеш меовард.

Холмс даст дароз карда, манускриптро гирифт ва онро дар рӯи зону ҳамвор намуд.

— Уотсон, ба навишти ҳарфи <д» дурустакак аҳамият ди-

• *Манускрипт* — дастнавис.

хед. Ин яке аз он хусусиятҳоест, ки барои баркарор кардани санаи ҳуячат ба ман ёрдам намуд.

Ман аз болои китфи ӯ ба варақҳои зарди сатрҳояш нимкур- шуда назар андохтам. Дар болои саҳифа «Баскервиль-холл» навишта шуда, дар поён рақамҳои калони кушод-кушод сабт гардида буд: «1742*.

— Ин аз афташ, ким-чи хел ёддошт мебошад.

— Ҳа, ёддошти ривояте, ки дар авлоди Баскервилҳо умр ди- да меояд.

— Вале, ба андозае, ки ман мефаҳмам, шумо доир ба масъ- алаи басе амалӣ ва басе ба вамони мо наздик бо ман маслиҳат карданӣ омадаед.

■ — Ҳа, воқеаи наздики бисьёр муҳим! Вай таъхир намета- лабад, дар давоми як шабу як рӯз онро хал кардан лозим. Дастнавис кӯтоҳакак буда, бевосита ба воқеа дахл дорад, Бо иҷозати шумо ман онро ба шумо хонда медиҳам._

Холмс ба пушти курсии роҳат такья карда, нӯги панҷаҳояш- ро бо ҳам ҷафс намуд ва бо қиёфаи ба қисмат тантеҳона чаш- монашро пӯшид. Духтур Мортимер ба тарафи равшанӣ бар- гашт ва бо овози баланди пур аз хаш-хаш ин қиссаи аҷиби ка- димаро ба хондан сар кард:

— <Дар бораи саги Бескервиль бисьёр шаҳодатҳо ҳаст, ва- ле дар замони вориси бевоситаи Ҳуго Баскервиль ва дар вйқ- таш дар бораи ин саг аз падари худ ва ӯ — аз бобои ман қис- саҳои зиёд шунида, ба худ аҳд кард ин қиссаро рӯи коғаз-биё- рад ва ба ҳақиқӣ будани он хеҷ гуна шубха намеравад. Ва, фарзандонам, мехоҳам ихлосманд бар он бошед, қи холиқи ҷаб- бор ба ивази гуноҳонамон моро лоиқи ҷазо дониста, ихтиёр- манд аст онро аз рӯи меҳрубонии ба худ хос ба мо ато фармо- яд ва ҳеҷ лаънату нафрини азиме нест, ки бо саҷда ва тавбаву тазаруъ боиси омурзиш нашавад. Ҳусули пурдаҳшати гузашта- ро ба дасти фаромӯшӣ супоред, вале ҳазар аз гуноҳҳои оянда кунед, зеро ҳангоми фавти ҳамаи мо рухи моро аз' эҳтироси пуркин, ки шарри зиёде ба авлоди мо расидааст, озод нахоҳад гардонд.

Дар ёд дошта башед, ки дар аамони Шӯриши Бузург (таъ- рихи онро лорд Кларенд, олими номй, навиштааст, маслиҳатме- диҳам хонда бароед) молики мулки танхои Баскервиль, зодаи ҳамон авлод, Ҳуго буд ва ҳамон Ҳугоро аз рӯи тамоми адолат одами худсар, бадкеш ва беимон номидан мумкин буд. Ҳамсоя- ҳо аз ҳама гуноҳҳои вай мегузаштанд, зеро дар ҷойҳои мо аз азизу бузургон касе набуд, аммо Ҳуго майл бар беандешагй ва

хазлхои бераҳмона дошт, ки ин номи ӯро дар сар то сари Де- вон ба бутпарастӣ вирди забонҳо гардонд. Рӯйдоде шуду хамин Ҳуго духтари як фермерро, ки замонҳои зикршуда наздик ба мулки Баскервиль воқеъ гардида буд, меҳр (агар эҳтироси машъуми ӯро бо чунин калимаи поку беолоиш ба забон бурдан равон бошад) баст. Аммо духтари ҷавон, маълум ба хоксорӣ ва накӯкорӣ, аз як номи вай ба даҳшат меафтид ва бо хар во* сита аз ӯ канораҷӯӣ мекард. Инак боре, ин рӯзи Махайлов буд, Ҳуго Баскервиль аз ҷумлаи ҷӯраҳои худ шаш ҷайони бебок ва бадрафторро интихоб карда, поида ба ферма наздик рафт ва чун медонист. ки падар ва бародарони духтар дар Хона нестанд, ӯро ба асп савор карда бурд. Вай ба Баскервиль-холл баргаш- та асираи худро дар яке аз ҳуҷраҳои ошьёнаи дуюм қулф кар- да, худаш аз рӯи одат, бо ҷӯраҳояш машғули айшу ишрат Гар- дид. Духтари сарсахт садои сурудхонӣ, доду фарьёд ва дашно- му ҳақоратҳои қабеҳеро, ки аз поён ба гӯшаш мерасид, шунида қариб аз ақл бегона гардида буд, зеро аз рӯи шаҳодати касо- ни Ҳуго Баскервилро медонистагй, ҳангоми мастӣ ба ҳадде бад- забонӣ мекард, «и бо чунин суханони худобехабарона шахси дигаре даҳони худро ҳаром месохт, забонаш сӯхта хокистар ме- шуд. Окибат тарсу ваҳм духтарро ба ҳадде расонд, ки ба иҷрои он на хар марди далер ҷуръат карда метавонист. Чунин гуянд, ки ӯ ба зеҳи лаби бом баромад, бо растании печоне, ки девори самти ҷанубии қасрро печонида аст (ва то хол печрнида гириф- тааст), ба зер рафт ва тозон аз ботлоқ гузашта, роҳи хонаи па- дарро, ки аз мулки Баскервилҳо се миль дур воқеъ гардидааст, пеш гирифт.

Чанде гузаштан пас Ҳуго меҳмонони худро танҳо гузошта, барои асираи худ хурданию нӯшиданӣ бурданӣ шуд, гумон ба он мерафт, ки ӯ дар дил қасди бад дошт, аммо дид, ки он мур« ғак бадар рафта, қафас холӣ мебошад. Он гоҳ ӯро иблис дам дардамид, зеро вай аз зина поин давида ба золи айёшон нишас- та ворид гардид, ҷаста ба рӯи миз баромад, табақу коса ва ши- шаҳои пурмайро ба ҳар сӯ афкавд ва бо тамоми қувва фарьёд зад, ки руху равони худро фидои қувваи аҳриман месозад, то ки ба дунболи гуреза рафта ӯро ба даст дарорад. Ҳоло ки ҳам- табақонаш истода, аз туғьёни. хашму ғазаби вай мутаҳайир бу- данд, яке аз онҳо, беш аз хама сангдил ё беш аз ҳама махмур фарьёд кашид ки сагонро аз паси ӯ яар додан лозим. Хуго чун ин суханонро шунид, тозон аз қаср бадар рафт, ба саисҳо фар- муд модиёни бовафои ӯро. зин карда, сагонро сар диҳанд ва рӯймолчаи духтар афтонидаро ба онхо бӯй дунонда, ба дунбо-

лӣ галаи сагон, ки баланд-баланд аккос зада ба ботлоқи **аз** ну- ри моҳтоб равшан медавиданд, асп монд.

Ҳамтабақонаш чанд гоҳ хомӯш истода, дарҳол сарфадм раф- та натавонистанд, ки чи боиси ин бетартибӣ гардид. Вале бар ақли махмури онҳо фикре роҳ ёфт, ки дар фазоҳои торфини бот- лок чи кори зиште анҷом хоҳад дода шуд. Ондо баробар фарь- ёд кашиданд: он яке асп, он яке таппонча, дигаре боз як шиша май талаб мекарданд. Сипас, як андоза фикри худро дигар кар- да ахли маърака, баробари сӣ нафар, часта ба аспхо савор шу- да ба дунболгирӣ дамроҳ шуданд. Мох нур мепошид, таъқиб- кунандагон бо ҳамон роҳе асп метоэонданд, ки аз рӯи тахмина- шон мебоист духтар мегурехт, (ба шарте агар ӯ нияти хонаи падар рафтан карда бошад).

Онҳо тахмин як ё ду миль роҳ; тай карда, ба подабоне ду- чор омаданд ва аз ӯ пурсиданд, ки дунболгириро дид ё не. Чӣ тавре ки нақл мекунанд, подабон аввал аз тарс ҳарфе ба забон ронда натавонист, аммо ба ҳардол баъд иқрор шуд, ки духта- ри бечораро дид, ки ба дунболаш сагон медавиданд. «Вале як чизи дигарро дидам,— хулоса кард подабон.— Ҳуго Баскервиль савори модиёни сиёҳмушкин аз назди ман тозон гузашт, аммо аз паси ӯ саге хомӯшона медавид ва худо ба он рӯз нарасонад, ки ягон вақт ин аждаҳои дузахро аз паси худ бубинам!».

Сквайрҳои маст подабонро ҳақорат дода, асп тозонда раф- танд. Вале дере нагузашта бадани онҳо вачаррос зад, зеро он- хо гумбур-гумбури суми асп ва баъди он модиёни сиёҳмушкине сар **то** по пури кафк бесавора ва лаҷомаш овезон аз назди он- ҳо тозон гузашт. Айёшони бадкеш аз зӯри даҳшат ба **як ҷо** ҷамъ шуданд, вале дар ҳар сурат рохро давом доданд, агарчи ҳар кадом худ танҳо, бе ёру рафиқ мебуд, шодона аспи худро чаппасар мегардонид. Онҳо оҳиста-оҳиста пеш мерафтанд **ва** оқибат сагҳоро диданд. Тамоми галаи сагон, ки аз қадим **бо** хушзотӣ ба бадхашмӣ машҳур буданд, дар нишебии ҷарии чу- қур ба ҳам ҷафс шуда, раҳмангезона вингос мезаданд, баъзе аз онҳо поида-поида гурехта дур мерафт, қисми дигаре мӯйҳои худро сих карда ва чашмонашонро дурахшонда, аз дараи тан- ге, ки дар рӯ ба рӯи онҳо даҳон во карда буд, зӯр зада гузаш- танӣ мешуданд.

Саворон истоданд, чи тавре пай бурдан мумкин буд, басе сархуштари онҳо ба роҳ даромаданд. Аксарияти онҳо ҷуръат намекарданд, ки як қадам пеш гузоранд, вале се нафар аз ҳама часуртар ё аз ҳама масттари онҳо ба дарунтари дара асп рон- данд. Ва дар он чо_дар пеши назарашон марғзори васее пади-

дор гардид ва дар он марғузор ду сутуая халони сан£ӣ намудвр буд, ки онҳо дар он ҷо ҳанӯз замонҳои қадим сохта шуда бу- данд. Чунин сутунҳо дар ботлоқҷойҳо то ҳол дучор меоянд, Моҳ марғузорро равшан карда буд, дар миёнҷои он духтари сарсахт аз тарс дилкаф шуда мехобид. Вале на аз дидани ҷа* сади беҷони вай ва на аз дидани ҷасади дар паҳлуи ӯ хобидаи Ҳуго Баскервиль ҳар се айёши бепарво ҳис карданд, ки мӯи сари онҳо рост хест. Не! Бар болои Ҳуга ҳайвони бадхайбат — даррандаи азими ранги мӯяш сиёҳ, дар намуд мисли саг, вале аз тамоми навъи сагоне, ки ба мақтул ягон вақт дидан рост омада бошад, баландтар ва калонтар буд. Ва ҳамин хайвони бадхайбат дар пеши назари онҳо гулӯи Ҳуго Баскервильро хои- да бӯлак карду тумшуқи хунолудашро ба тарафи онҳо гардо- нида, чашмони оташборашро дурахшонд. Дар он сурат онҳо фи- ғон баровардаид ва дар ҳолате ки воҳима пахшашон карда буд, якзайл фарьёдзанон бо тамоми суръат чор тараф. ба ботлоқ гу-~ рехтанд. Чи тавре, ки мегӯянд яке аз онҳо ба рӯзи шоҳиди на- расида ҳамон шаб мурд, ду нафари дигарашон то охири умри худ аз чуниы изтироби фавқулодда шифо наёфтанд.

Фарзандонам, чунин аст ривоят дар бораи саге, ки аз ҳамои вақт инҷониб ба сари авлоди мо ин қадар бадбахтиҳо оварда- аст. Ва агар ман онро навиштанӣ шуда бошам ҳам, фақат бд умеди он аст, ки медонистагиамон, назар ба сухани гуфтана- шуда ва гумони беасос моро камтар азият медиҳад.

Оё эҳтиёҷи инкор кардан аст, ки дар авлоди мо бисьёр ка- сон аз марғи ногаҳонӣ, дахшатангез ва пурасрор мурданд? Би- гузор худованди карим моро аз лутфу марҳамати худ бенасиб нагардонад, зеро ононеро ки касос таҳдид менамояд ӯ пас аз насли сеюм ва чорум, ки тавре дар инҷил гуфта шудааст, за- рар нахоҳад расонд. Ва, фарзандонам, шуморо ба дасти ҳамин 'йависандаи тақдир месупорам ва савганд медиҳам: вақте ки қувваи аҳриман бепоён хукмфармоӣ мекунад, шабонгоҳҳо эҳ- тиёт карда ба ботлоқзор набароед.

(Бо дасти Хуго Баскревиль барои пнсаронаш Роҷер ва Ҷон сабт шуд ва ба онҳо таъкид мекунам ҳамаи инрб аз хоҳарашон Элизабет пинҳон доранд).

Духтур Мортимер ин қиссаи аҷибро хонда, айнакро ба пе- щонӣ бардошт ва ба мистер Шерлок Холмс чашм дӯхт. Холмс хамьёза кашид ва қириндии сигорро ба камин партофт.

— Хӯш, чӣ шудааст?— гуфт ӯ.

. Ба фикри шумо, ин ғалатӣ не?

— Барои дӯстдорони афсона — ғалатӣ, . . . ? .

Духтур Мортимер аз киса газетаи чорқадсро баровард?

— Хуб, мистер Холмс. Акнун мо шуморо бо материали басе ҳозиразамон шинос мекунём. А.на шумораи «Ахбороти Девон- шир> аз чордаҳуми июни ҳамин сол. Дар он доир ба далелҳое, ки ба муносибати йарги Чарльз Баскервиль муайян карда шу- даанд ва он якчанд рӯз пеш аз ин домангираш шуда буд, ҳи- соботн кӯтоҳе ҷой дода шудааст.

Дӯсти ман андаке пеш хам шуд ва нигоҳи вай дарҳол бодиқ- кат гардид. Духтур. Мортимер айнакро дуруст карда ба хондан шурӯъ намуд:

— «Марги бемаҳали сэр Чарльз Баскервиль, номзади эхти- молӣ аз партияи либералҳо дар интихоботи дар пеш буда дар та- моми Девоншири миёна таассуроти ниҳоят пурандӯҳе гузошт. Агарчи сэр Чарльз нисбатан ба наздикӣ дар Баскервиль-холл сокин шуда бошад ҳам^ вай бо илтифот ва саховатмандии худ дар байни хамаи ононе, ки бр вай сару кор доштанд, меҳрӯ му- ҳаббат ва иззату эҳтйром ба даст даравард. Дар рӯзҳои мо ба- рои салтанати нуворишхо[1] донистан гуворост, ки авлоди қа^и- ма (ин авлодро замонҳои нағз дар хотир дошт), бо дастони худ сармоя ҷамъ карда тавонист ва онро барои барқарор кардани шаҳомати собиқаи мулки худ ба кор бурд. Чи тавре ки маълум. аст, сэр Чарльз дар Африкаи Ҷанубй амалиётҳои басе сердаро* мад гузаронид. Бархилофи ононе,'ки то бахт аз онҳо рӯ гардо- нидан қарорӣ надоранд, вай ба туфайли ақли солимаш мадохи- лоти худро фурӯхта бо сармояи калон ба Англия баргашт. Сзр Чарльз ҳамагӣ ду сол пеш ба Баскервиль-холл кӯчида омад, вале овозаҳо доир ба ҳаргуна .такмилот ва нақшаҳои азнавсэ- зии мӯлк, ки марг онҳоро қатъ намуд, дар ҳама чо паҳн гар- диданд. Вай, ки марди бефарзанде буд, дар вақти зинда буда* наш борҳо азму ният намуда, ҳамшаҳриҳои худро хушбахт кар- данӣ буд ва бисьёр сокинони ин ҷо далели шахсй доранд, ки ба марги муфоҷоти вай сугворӣ кунанд. Доир ба бахшишҳои пур- саховати сэр Чарльз барои эҳтиёҷи хайрот чи дар миқьёси ма- халлӣ, чи дар микьёси графӣ борҳо дар саҳифаҳои газетаи мо ёдоварӣ карда шуда буд.

Гуфтан мумкин нест, ки муайян намудани вазъияти ҳалока- ти сэр Чарльз Баскервиль ба тафтиш пурра муяссар гардид, агарчи ба ҳар ҳол он ба овозаҳое, ки аз тарафи мавҳумотпа- растони маҳаллӣ бофта бароварда мешуданд, хотима гузошг. Мо ба гумонбар шудан ҳеҷ асос надорем, ки марг бо сабабҳои табиӣ рӯй надода бошад. Сэр Чарльз муҷаррад буд ва, агар ха-

[1] *Нуворши* — **шахсе, ка аз ҳанноти сармоя ғундошта, зуд бой мешавад.**

мин тавр ифода кардан мумкин бошад, одами аҷибе буд. Бо в^чуди молу мулки зиёд доштанаш, вай зиндагии хеле оддӣ ба сар мебурд ва тамоми ҳайати хизматгорони Баскервиль-холл аз зану шавҳар Бэрриморҳо иборат буд. Шавхараш вазифаи сарпешхизматӣ ва занаш қайвонугиро иҷро мекард. Бэррим- ҳо дар баёноти худашон, ки бо шаҳодати дӯстони наздики мар- ҳум мувофиқ меояд, қайд менамоянд, ки аҳволи саломатии сэр Чарльз вақтҳои охир анча бад шуда буд. Аз рӯи суханони он- ҳо ӯро дарди дил азоб медод, &и шаҳодати ин якбора тағьир ёфтани ранги рӯй, тангнафасӣ ва рӯҳафтодагӣ буд. Духтур Ҷеймс Мортимер, дӯсти наздик ва духтури хонагии марҳум ии- ро дар шаҳодати худ тасдиқ намуд.

* Аз чиҳати амалӣ хамааш ба таври оддӣ буд. Сэр Чарльз Баскервиль одате дошт, ки пеш аз хоб дар хиёбони номии да- рахтонаш тисса дар Баскервиль-холл сайру гашт мекард. Зану шавҳар Бэрриморҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки вай ҳеҷ гоҳ ин одати худро тарк намекард. Чоруми июнь сэр Чарльз гуфт, ки фардо ба Лондон рафтанӣ аст ва ба Бэрримор фармон дод чизу чора- ашро барои рафтан тайёр карда монад ва бегохӣ аз рӯи одат ба сайру гашт баромад, кн дар ин ҳангом вай ҳамеша сигор ме* кашид. Сэр Чарльз днгар ба хона барнагашт, Нисфи шаб Бэр- римор дид, ки дари холл ҳоло хам кушода мебошад, ба таш- виш афтода, фонус гиронд ва ба ҷустуҷӯи хоҷаи худ баромад. Он рӯз ҳаво рутубатнок буд ва изи сэр Чарльз дар хиёбон баръ- ало намудор буд. Дар миёнчои ин хиёбон даричае ҳаст, ки он ба ботлоқзорони торфдор мебарад. Аз -рӯи баъзе маълумотҳо сэр Чарльз дар назди он якчанд дақиқа истода, баъд пеш раф- тааст... ва дар охири хиёбон часади вай ёфт шуд.

Дар ин кор як масъала равшан карда нашуда мемонад. Бэр- римор гувохӣ медихад, ки хамин ки сэр Чарльз аз дарича дур мешавад, шакли изи пойхои вай тағьир меёбад — зохиран, он- тараф нӯг-нӯги по рох мегардад. Дар ҳамин вақт дуртар аз хи- ёбон аз ботлоқ Мерфа ном лӯлии аспҷаллоб гузашта мераф- тааст. Вай садои доду фарьёдро мешунавад, вале муайян кар- да наметавонад, ки ин садо аз кадом тараф меояд, зеро муво- фиқи гуфтаи худаш сахт маст будааст. Дар бадани сэр Чарльз хеч гуна осори зӯрӣ дида намешавад. Рости ran, санҷиши тиб- бӣ нншон медиҳад, ки рӯи мархум ба дараҷаи шинохтанаша- ванда тағьир ёфтааст — духтур Мортимер ҳатто аввал бовар кардан нахост, ки дар назди вай дӯст ва мизоҷаш хобидааст, аммо аксар вакт чунин қодиса дар сурати буғӣ кардан ва аз қатъ гардидани задани дил ба амал меояд. Ин дар натиҷаи

'гашреҳкунӣ тасдиқ гардид, ки манзараи пурраи аз ҷиқати ор- ганикӣ кӯҳнашавии иллати дил будааст. Ба ин маълумотҳои экспертизаи тибби асос карда, тафтиш марги бемахал гуфта ху- лоса бароварда, ки ин вазъияти масъаларо хеле сабук мекунад, зеро хуб мешуд меросхӯри сэр Чарльз ба Баскервиль-холл кӯ- чида биёяд ва ташаббуси нағзи пешгузаштаи худро, ки ин оқи- бати пурфоҷиа гусаста буд, давом диҳад.

Агар ба муносибати марги сэр Чарльз, ки овозаи он дар сар то сари графӣ аз даҳан ба даҳан мегашт, хулосаҳои дилгирку- нандаи муфаттиш ба хаёлҳои хоми рақиқу шоирона хотима на- мегузошт, он гоҳ барои Баскервиль-холл соҳиб ёфтан кори душ- вор буд. Чи тавре ки мегӯянд, хеши наздики сэр Чарльз мистер Гэнри Баскервиль (агар зинда бошад), писари додари мобай- нии марҳум мебошад. Аз рӯи маълумотҳои охирине ки мо дар даст дорем, он ҷавон дар Америка аст. Ҳоло чораҷӯӣ кардаанд, ки ӯро кофта ёфта дар бораи насибаш гардидани мероси кало- не ба ӯ хабар диҳанд».

Духтур Мортимер газетаро қад карда ба киса гузошт.

— Мистер Холмс, ана хама он чи ки доир ба марги сэр Чарльз Баскервиль хабар дода шуда буд.

— Шумо маро бо коре шинос кардед, ки бешубҳа аз баъзе манфиатҳо холӣ нест ва барои ин ман аз шумо хеле миннат- дорам,— гуфт Шерлок Холмс.— Дар вакташ ман доир ба ин дар газетаҳо баъзе чизҳо хонда будам, вале ҳамон вақт ба ҷус- туҷӯи нигини нақшдори ватикан чунон саргарм будам ва ба папа ёрӣ доданӣ шуда ниҳоят саъю кӯшиш менамудам, бинобар ҳамин аз баъзе ходисахои аҷибу ғариби дар Англия рӯй додагӣ бехабар мондам. Пас, он чи ки доир ба марги сэр Чарльз ха- бар дода шудааст, ҳамааш ҳамин аст?

- Ҳа.

— Дар он сурат маро бо он далелҳое, ки дар матбуот чоп нашудаанд* шинос кунед.— Вай ба пушти курсии роҳат такья кард ва нӯги ангуштонашро гиреҳ намуда, ба худ қиёфаи су,- ди ҷиддӣ ва беғаразро гирифт.

— То ҳол дар ин бора ба ягон кас ran назадаам,— баръало ба изтироб афтода ба сухан сар кард духтур Мортимер.—Man ҳангоми тафтиш бо чуннн сабаби оддӣ хомӯш истодам, ки ба ман барин одами аҳли илм овозахои хурофотиро дастгирӣ на- мудан намезебад. Ва ман рафтори газетаро дуруст мешуморам: бе ин^ҳам бадпомии Баскервиль-холлро афзун кардан чунин маъниеро дорад, ки дар вақти бесоҳиб буданаш онро ба дасти футурот супорем. Ман чунин мулоҳизаҳоро ба назар гирифта

ҳаминро ба худ афзал донистам, ки дар хусуси баъзе чизхо хо- **мӯш** истам, зеро ростгӯии барзиёди аз дусар хеҷ нафъе наме- бахшид. Вале бо шумо ошкоро ran мезанам.

Ботлоқзорони торфдор — ҷои хеле камодам мебошад, бнно- бар ҳамин ҳамсояҳои каму беш ба ҳам наздик кӯшиш меку- нанд, ки бо якдигар тез-тез вохӯрда истанд. Дар хусуси мая бошад, вақти басе зиёдеро дар-сӯҳбатхои сэр Чарльз Баскеп- виль гузаронидаам. Агар мистер Френкленди Лефтерхоллӣ ва боз натуралист мистер Стэплтонро ба назар нагирем, дар ҷой- ҳои мо дар масофаи чандин миль ягон одами босаводро пайдо карда наметавонӣ. Сэр Чарльз гӯшанишиниро дӯст медошт, ва- ле бемории вай моро 69 хам наздик кард, як будани нуқтаи на- зар ин назднкшавиро боз ҳам мустаҳкамтар карданд. Вай аз Африкаи Ҷанубӣ материалҳои басе киматбахои илмӣ оварда буд ва мо бисьёр шабҳоро бо хушӣ гузаронида, анатомияи киё- сии бушменҳо ва готтенготхоро [1] муҳокима мекардем.

Вақтҳои охир моҳ ба моҳ торафт ба ман равшантар мегар- днд, ки асабҳои сэр Чарльз то ҳадди охир таранг мебошанд. Вай ба ин афсонае, кн ба шумо хонда додам, бовар мекард ва дар мулкҳои худ сайру гашт карда, шабона ҷуръат наменамуд ба ботлоқзор барояд. Мистер Холмс, ин ба назари шумо харза менамояд, вале сэр Чарльз боварии қатъӣ дошт, ки авлоди он- хо ба лаънати хак гирифтор шудааст ва, дар ҳақикат, мисол- хое ки вай аз гузаштаи оилаи.худ меовард, ногувор буданд. Фикри безоркунандае дар хусуси кадом-як махлуқи хаёлӣ ӯро ором намегузошт ва ӯ дам ба дам аз ман мелурсйд, кя вақтҳои беморбинӣ рафтанам ягон чизи•аҷибулхилка надидам ё садои аккоси car нашунидам. Сэр Чарльз саволи охиринро махсусан зуд-зуд ба ман медод ва дар айни ҳол овозаш аз хая- ҷон меларзид.

Ҳозир барин дар хотирам ҳаст, ки тахмин се ҳафта пеш аз рӯй додани ин воқеаи фоҷиавӣ ман бегоҳӣ савора ба Баскер- виль-холл наздик шудам. Сэр Чарльз дар таки дар меистод. Ман аз аробаи дучарха фуромада, ба ӯ наздик рафтам ва но- хост дидам, ки вай аз болои китфи ман ба ким-куҷо менигарад ва дар чашмонаш дахшати беинтиҳо ифода ёфтааст. Ман як- бора ба ақиб баргаштам ва фақат дар охири кӯчабоғ ба монан- дн гӯсолаи калони сиёҳ чанд лаҳза ҳайвонеро дидам. Сэр Чарльз чунон музтариб ва ба даҳшат афтода буд, ки ман ноиҷ- лоҷ ба чои ҳайвон намоён шудагӣ рафтам то бинам ки куҷо шуд. Вале дар он ҷо ҳеҷ чиз набуд.

*** Бушменҳо ва готтенготхо — қабнлаҳои дар Африка.**

Ин ҳодиса ба дӯсти ман таассуроти хслё вазнин бахшид. Ман он нгабро ҳамроҳи ӯ гузаронидам ва ана ҳамон вақт сабаби изтнроби худро ба ман фаҳмонданӣ шуда, илтимос кард йн дастнависро, ки пеш аз ҳама шиносонданашро ба шумо за- рур шумурдам, гирифта эҳтиёт намоям. Ман ин воқеаи начан- дон муҳимро фақат барои ин овардам, ки вай дар фоҷиаи мин- баъд рӯй додагӣ баъзе. аҳамиятҳо пайдо кунонд, вале ҳамон вақт, ин ҳама ба назарам ҳарзаи бемаънӣ менамуд, ва изтиро- би дӯстамро Ҳеҷ ҳақ намедонистам.

Сэр Чарльз мувофиқи маслиҳатн "ман дар тараддуди Лон- донравӣ шуд. Дили вай мураттаб кор намекард ва тарсу воҳи- ма, ки лаҳзае ӯро ором наемонд, ошкоро ба саломатии вай таъсир мекард, агарчи сабаби ин тарсу воҳима, ба назари ман, ҳаёлӣ буд. Ман чунин мешумурдам, ки ӯ якчанд моҳ дар шахр зиндагй кунад, ин ба сэр Чарльз рӯҳи тоза мебахшад ва ӯ ода- ми.тамоман нав ба ин ҷо бармегардад. Мистер Стэплтон, ки до- ир ба саломатии дӯсти мо ҳамеша ғамхорни калон зоҳир мена- муд, низ чунин фикр мекард. Ва дар ҳамин лаҳзаи охирин ин фалокати даҳшатовар рӯй дод.

Сарпешхизмат Бэрримор шабона ҷасади сэр Чарльзро ёф- та, саис Перкинсро савбра ба назди ман фиристод. Ман ки то бевақтий'шаб нишаста кор мекардам, бисьёр гузашта бошад хам, дар як соат ба Баскервиль-холл рафта расидам. Ҳамаи далелҳое, ки дар вақти тафтиш зикр шуданд, аз тарафи ман санҷида ва бо ҳамдигар муқоиса карда шуданд. Ман ба паи сэр Чарльз аз аввал то охири кӯчабоғи дарахтони тисса қадам за« да, дар назди дарича ҳамон ҷоеро, ки зоҳнран ӯ истода буд, а.з назар гузаронидам, ба тағьир ёфтани рафти изи пойҳои вай днққат дода, яқин ҳосил намудам, ки ба ғайр аз изи вай дар рӯи реги мулоим фақат изи пои* Бэрримор дида мешавад ва, ниҳоят ҷасадро, ки то омадани ман ҳеҷ кас даст накофта буд, бодиққат таҳқиқ намудам. Сэр Чарльз дастонашро ба ду та- раф кушода партофт, заминро чангол зада рӯйнокй мехобид.ва ихтилоҷ рӯи ӯро чунон баднамо карда буд, ки ман дарҳол ҷа- садро шинохта натавонистам. Ҷисман ягон ҷояш осебе надида буд. Вале Бэрр»имор дар вақти истинтоқ шаҳодати нодуруст дод. Аз рӯи гуфти вай дар назди ҷасад дар рӯи замин хеҷ гу- на из дида намешуд. Вай он изҳоро пайхас накард, ман бошам дидам. Дар масофаи начандон дур аз сэр Чарльз тамоман нар ва баръало...

— Из намудор буд?

»— Ҳа, из,

— Изи пои мард ё зан?

Духтур Мортимер ким-чи гуна ба таври аҷиб ба мо нига- рист ва қариб пичиррос зада гуфт.

— Мистер Холмс, ин изи панҷаи earn калоне буд!

Боби III

ВАЗИФА

Рости ran, баробари шунидани ин суханон мӯи баданам рост хест. Аз рӯи ларзиш хурдани овози духтур- маълум буд, ки вай аз ҳикояти худ бағоят дар изтироб мебошад. Хлмс бо тамоми ҷусса пеш.хам шуд ва дар чашмони вай шарораи carfly халанда дурахшид, ки ин муқаррар аломати ҳатмии бедор- шавии шавқу ҳавас буд.

— Онҳоро шумо худатон дидед?

— Айнан ҳамон тавре, ки шуморо мебинам.

— Ва дар ин бора ҳеҷ чиз нагуфтед!

— Чаро мегуфтам?

— Наход, ба ғайр аз шуйо онҳоро дигар ҳеҷ кас надид?

— Онҳо тахмин сӣ қадам аз ҷасад дур буданд ва, шояд, ба онҳо ҳеҷ кас аҳамият надод. Агар қиссаро ба хотир намеовар- дам, худам ҳам ҳеҷ чиз намедидам.

— Дар ботлок, шояд саги чӯпонӣ бисьёр бошад?

— Албатта. Аммо ин изи пои саги чӯпонӣ набуд.

— Шумо мегӯед, ки изҳо хеле калон буданд?

— Хеле калон.

— Нале онҳо ба ҷасади сэр Чарльз наздик наомада буданд?

— Не.

— Ҳамон вақт ҳаво ҷй хел буд?

— Ҳаво гирифтагй буд.

— Борон набуд?

— Не.

— Он кӯчабоғ худаш чй хел?

— Аз ду паҳлӯ буттаҳои Пири баланди тисса бо ҳам ҷафс рӯида деворчаи сабзеро ташкил додаанд. Дар мобайн пайра- хае ҳаст, ки тахмин ҳашт фут васей дорад.

— Дар байни буттахои тисса ва пайраҳа ягон чиз ҳаст?

— Ҳа, аз харду тараф рахчаи чим ҳаст, ки васеиаш тахмин шаш фут меояд.

— Агар ман гапи шуморо дуруст фаҳмида бошам, кӯчабоғ дарича дорад?

•— Ҳа, ана ҳамин дарича ба ботлоқзор кушода мешавад.
— Дигар роҳи ба он ҷо мебаромадагӣ нест?
— Не. [1]
— Пас, ба кӯчабоғи буттаҳои тисса ё рост аз хона барома- дан мумкин аст, ё ба воситаи даричае, ки ба ботлокзорон ку’ шода мешавад.
— Дар охири кӯчабоғ аз шипангча боз *як роҳи баромад ҳаст.
— Сэр Чарльз то он ҷо расида буд?
— Не, вай тахмин панҷоҳ метр дуртар аз он мехобид.
— Акнун духтур Мортимер, лутфан ба як саволи хеле му- ҳим ба ман ҷавоб дихед: изхои пойҳои шумо дидагӣ дар рӯи алаф набуда, дар пайраҳа буданд?
— Дар рӯи алаф одатан изи пой наменамояд.
— Он изҳо дар ҳамон тарафи пайраҳа, ки дарича воқеъ гар- дида буд, дида мешуданд?
— Ҳа, аз ҳама охир, ба дарича наздик.
— Бағаят ғалатӣ! Боз як савол: дарича пӯшидаги буд?
— Нафақат пӯшидагӣ, балки қулф буд,
— Дарича чӣ қадар баландӣ дорад?
— Тахмин чор фут.
— Пас, аз болои он гузаштан мумкин?
- Ҳа.
— Аз назди дарича ягон чиз ёфтед?
— Не, чизи чандон кироие наёфтам.
— Худоё! Наход он ҷоро аз назар нагузаронидед.
— Не, ман худам аз назар гузаронидам.
— Ва ҳеҷ чиз надидед?
— Дар он ҷо чизеро фаҳмидан душвор буд. Зоҳиран сэр Чарльз дар назди дарича панҷ-даҳ дақиқа истода будааст.
— Чаро ин тавр фикр мекунед?
— Барои он ки хокистари сигораш ду маротиба афтидаасг.
— Бисьёр нағз! Ана ҳамин гуна ёрдамчӣ ба мо даркор! Ҳа- мин тавр не, Уотсон? Хуш, из чй?
— Изи пояш регро тит карда буд. Дигар из надидам.
Шерлок Холмс бесаброна бо кафи даст ба зонуям зад.
— Оҳ, кошкӣ ман худам дар он ҷо мебудам! —хитоб намуд вай.— Ин, аз афташ, воқеаи бағоят ғалатӣ мебошад. Барои тадқиқи ҷиддии илмӣ чи гуна имконияти зиёди, бой! Рег — ин чунин як саҳифаест, ки’дар рӯяш ман бисьёр чизҳо мехондам! Акнун онро борон шуста, фермерхои кунҷков бо попушҳои худ поймол намуда кӯр кардаанд.,. Оҳ, духтур Мортнмер, духтур

Мортимер! Чаро шумо маро дарҳол ҷеғ назадсд! Ин дар гар- дани шумо гуноҳи ази.мест!

— Мистер Холмс, ман ба шумо муроҷиат карда иатавонис- там: охир ҳамон вақт ман мебоист ҳамаи ин далелҳоро ба ха- ма ошкор мекардам, ман бошам аллакай ба шумо фаҳ.монда додам, ки ба чунин иқдом чи пеши ррхи маро гирифт. Ғайр аз ин, ғайр аз ин...

— Чаро дудила мешавед?

— Чунин як соҳае ҳаст, ки пайгирӣ аз ҳама бофаросат ва ботаҷриба аз ошкор кардани он оҷиз мемонад.

— Шумо ба он ищора мекунед, ки мо ба қувваи фавқута- биа сару кор дорем?

— Ман вн гапро намегӯям.

— «Намегӯям», вале «фикр мекунам»?

— Мистер Холмс, аз бозе ки ин фалокат рӯй додааст, ба ман якчанд воқеаро накл карданд, ки онҳоро ба рафти табиии воқеахо алокаманд кардан кори душвор мебошад.

— Масалан?

— Ман маълум "кардам, ки баъзе аз сокинони махаллӣ ха- нӯз то рӯй додани марги фоҷиавии сэр Чарльз дар ботлоқ мах- луқи аҷиберо дидаанд, ки ба тасвири иблиси Баскервиль айнан мувофиқат мекардааст ва ба ягон хайвони ба илм маълум мо- нанд набудааст. Ҳамаи онҳое, ки ӯро дида буданд, инро бо як овоз тасдиқ карданд: ин шабаҳи ба андоза калони бадҳайба- тест. Машаз он одамон пурсидам. Онҳо се нафар буданд: хам- сояи мо, одами ба воқеаҳо басе солимақлона муносибат мекар- дагӣ, охангарӣ маҳаллӣ ва як фермер. Ҳамаи онҳо тасвири ха- мон саги дар қисса баён ёфтаро қариб калима ба калима Тах- рор мекунанд. Мистер Холмс, ба гапам бовар кунед: дар тамо- ми округи мо даҳшат ҳукмфармоӣ' мекунад, ба ғайр аз мардо- ни аз ҳама часури бебок шабонгоҳ ҳеҷ кас ҷуръати ботлоқ раф- тан намекунад.

— Ва шумо одами аҳли илму фан бовар мекунед, ки ин во- қеаи хорикуттабиа мебошад?

— Худам ба чи бовар карданамро намедонам.

Холмс китф дарҳам кашид.

— То ҳол фаъолияти коргоҳии ман дар доираи ҳамин дунъё мегузашт,— гуфт вай.— Ман. мувофиқи қуввати ночизам ва им- кониятам бар зидди шарру бад мубориза мебарам, вале ба му-- қобили худи аҷдоди шарру бад бархо‘стан аз ҷониби ман хеле худдонамист. Вале шумо инкор намекунед, ки изи рӯи рег—- чизи басе қақиқӣ мебошад?

— Саге ки дар ривоят дар бораи вай сухан рафтааст, агар гулӯи одамро хойда бошад, ҳақиқӣ будани ӯро инкор кардан мумкнн нест. Ва ба ҳар ҳол дар вай ким-чи иблисона будааст.

— Духтур Мортимер, мебинам ки шумо тамоман ба тарафи аҳли тасаввуф гузаштед. Дар он сурат ба ман як чизро гӯед. Агар шумо чунин нуқтаи назар дошта бошед, барои чи ман ба шумо лозим шуда мондам? Шумо ба ман мегӯед, ки тадқики марги сэр Чарльз бефоида мебошад ва дар айни замон аз ман «лтимос мекунед, ки кофтукови онро ба ӯҳдаи худ гирам.

— Ман аз шумо чпзе илгимос накардаам.

— Дар он сурат ман ба шумо чи хел ёрдам карда метаво- нам?

— Бо маслиҳат. Ба ман гӯед, бо сэр Генри Баскервиль ки,— духтур Мортнмер ба соат нигох кард,— расо пас аз як соату понздаҳ дакика ба вокзали Ватерлоо меояд, чи кор кунам?

— Ҳамон меросхӯр?

— Ҳа. Пас аз марги сэр Чарльз мо пурсуҷӯй қарда, фах- мидем ки дар фермаи худ, дар Канада ба кори хоҷагӣ машғул будааст. Аз рӯи-гали мардум вай чавони нағзи аз ҳар ҷихаг шоиста мебошад. Ман ҳозир на ҳамчун духтур, балки чун шах- си амин ва ичрокунандаи васияти сэр Чарльз ran мезанам.

. — Дигар касони ба мерос даъво мекардагӣ нестанд? '

— Не. Ягона меросхӯри дигар, ки дар бораи вай баъзё чиз- **хо** фахмида гирифта тавонистем, вай Роҷер Баскервиль, дода- ри хурдии сэр Чарльзи бечора мебошад. Ҳамаи бародарон **се** нафар буданд. Додари миёнаи вай,—падари ҳамин Гэнри дар ҷавонӣ мемурад. Хурдиаш, Роҷер дар оилаи нобакор ба ҳисоб мерафт. Вай бедодгариро аз бобояш Баскервиль мерос гирифта буд ва ба хамон Хуго Баскервиль ҳамчун як себи дукафон мо- нанд буд. Роҷер дар Англия ас)ю одат карда натавонист ва маҷбур шуд ба Америкаи Марказӣ равад ва соли 1876 дар ха- мон ҷо аз варача мурд. Генри — охирин насли авлоди Баскер- вильҳо мебошад. Пас аз як соату панҷ дақиқа ман бояд ӯро дар вокзали Ватерлоо пешвоз гирам. Вай телеграмма фиристода маро отоҳ кард, ки имрӯз пагоҳӣ ба Саутгемптон меояд. Бино- бар ҳамин, мистер Холмс, ба ман маслиҳат диҳед, ки бо ӯ **чи** кор кунам?

—Чаро вай дарҳол ба амлоки падару бобояш намеравад?

— Бале, рафти воқеа низ ҳаминро талаб мекунад. Вале ба хотир биёред, ки хамаи Баскервильхое, ки дар он чо зиндагӣ карда буданд, оқибаташон пурфоҷиа шуд. Боварӣ дорам, ки

сэр Чарльз пеш аз марг имкони бо ман гапзанӣ медошт, ба он ҷои пурдаҳшат овардани охирин насли авлоди қадимаро манъ мекард. Ва дар айни ҳол инкор кардан лозим нест, ки офияти тамоми округи ҳазини бенавои мо аз он вобаста аст, ки сэр Генри розӣ шуда дар амлокаш зиндагӣ мекунад ё не. Агар Бас- кервиль-холл холӣ монад, тамоми иқдоми сэр Чарльз барбод меравад. Ман метарсам, ки мабодо манфиатталабии ман дар корҳои маҳаллии мо бар ман ғолиб наояд, бинобар ҳамин аз шумо маслиҳат мепурсам.

Холмс ба фикр фурӯ рафт.

— Кисса кӯтоҳ вазъият чунин мебошад,— оқибат гуфт вай.—* Шумо чунин мешуморед, ки кадом-як қувваи аҳриманӣ Дарт- мурро барои Баскервиллҳо таҳлуканок мегардонад. Ман гапи шуморо дуруст фаҳмидам? .

— Ба ҳар ҳол барои чунин тарсу ҳарос. баъзе асосхо ҳаст.

— Хуш. Вале агар назарияи шумо допр ба қувваи фавқут- табиа дуруст бошад, дар он сурат онҳо он ҷавонро нафақатдар Девоншир, балки дар Лондон ҳам маҳв карданашон мумкин. Иблисрр бо чунин ҳукмравоии миқьёсан танг ба худ тасаввур намудан мушкил. Охир вай аъзои маҳаллаи тобеи ягон калисо нест. •

— Мистер Холмс, агар ҳамаи ин ба сари худатон меомад, шумо ин хел шӯхӣ намекардед. Пас, ба фикри шумо, дар ку- ҷо —дар Лондон ё дар Девоншир будани ҷавон фарқ надорад? Вай пас аз панҷоҳ дақиқа меояд. Маслиҳат диҳед, ки чӣ кор кунам?

— Сэр, маслиҳати ман хамин ки кэб ҷеғ занед, спаниела- тонро, ки дари даромадгоҳро харошида истодааст, гиреду ба вокзал рафта сэр Тэнри Баскервилро истиқбол намоед.

— Баъд чӣ? ■

— Баъд, то нақшаи амалиёти ояндаро фикр карда барома- дани ман, сабр карда меистед, аммо то он вақт ба ӯ ҳеҷ чиз нагӯед.

— Ин кор чӣ қадар вақт талаб мекунад?

— Як шабу як рӯз. Духтур Мортимер, агар фардо соатя лах ба ин ҷо хозир шуда, ҳамроҳатон сэр Генри Баскервильро биёред, ман аз шумо хеле миннатдор мешудам. Ман бояд бо вай шинос шавам.

— 'Хуб шудаст, мистер Холмс.

Вай рӯз ва соати мулоқотро ба сари остинаш навишта, ҳэм- чунон парешонхотирона ба гирду атроф назар андохт ва зуд аз хона баромад.

Холмс ӯро аз майдоича чеғ зад."

— Духтур Мортимер, боз як савол. Шумо гуфтед, кя шабаҳ пеш ҳам дар ботлоқзор пайдо мешуд?

— Ҳа, дар ин бора се кас нақл мекунад.

— Пас аз марги сэр Чарльз пайдо шуда буд ё не?

— Намедонам. Нашунидам.

» — Ташаккур. Хуш омадед.

Холмс дар гӯшаи диван ба ҷояш нишаста; ором ва қаноаг- мандона табассум кард, ки чунин табассум ҳангоми вазифаи сазовор дар наздаш истодан, ҳамеша дар чеҳрааш намоён were рдид.

— Уотсон, рафта истодаед?

— Ҳа, модоме ки аз дастам ҳеҷ ёрй намеомада бошад.

— Не, дӯстам. Вақти амал кардан аз шумо ёрӣ мепурсам. Вале чи гуна воқеаи ғалатие! Дар бисьёр масъалаҳо бағоят фавқулодда. Вақти аз назди Бредли гузашта рафтанатон, ба пешаш даромада илтимос кунед, ки як фунт тамокуи аз ҳама баланд ба ман фиристад. Пешакй муташаккирам. Кӯшиш на- моед, қи то бегоҳ ба хона наоед. Он гоҳ доир ба масъалаи фав- қулодда ғалатие, ки ин пагоҳ ба мо доданд, бо камоли хурсан- дй таассуротамро ба шумо мегӯям.

Вақте ки дӯсти ман хурдтарин тафсилоти воқеаро баркаш мекард, пасн ҳам якианд фарзу тахмин месохт, онҳоро бо хам- дигар муқоиса менамуд ва ба қароре меомад, ки кадом маълу- мотҳо муҳиманд ва кадоми онҳоро сарфи назар кардан мумкин аст, дар чунин соатҳои пуршиддати меҳнати фикрӣ ба вай тан- ҳоӣ ва оромӣ лозим буд. Бинобар ҳамин ман тамоми рӯзро дар клуб гузаронида, бегоҳӣ соат қариби панҷ ба Бейкер-стрит бар- гаштам.

Ман дари хонаи меҳмонқабулкуниро кушода тарсидам, ки мабодо сӯхтор рӯй надода бошад?— зеро хона чунон пур аз дуд буд, ки аз байни он равшании лампа ба зӯр менамуд. Тар- су бими ман беҳуда буд: бӯи тамокуи баланди тунду тези ар- зонбаҳо ба 'димоғам зад, ки аз он дарҳол гулӯям ба хориш да- ромад. Ман аз байни пардаи дуд ба зӯр Холмсро дидам, ки дар курсии паҳлӯдор роҳат нишаста буд. Вай халат пӯшида буд ва дар байни дандон чубуқи сафолини тираранги худро нигоҳ медбшт. Дар атрофи вай ким-чи гуна лӯлаҳои коғаз ме- хобиданд.

— Уотсон, шамол хӯрдед? — пурсид вай.

— Не, аз ин бухури захрдор нафасам гашт.

— Ҳа, шумо,— зоқиран, дуруст мегӯед: хона каме дуд шу- дааст.

— «Каме» чи! Ҳавои нафас мегирифтагӣ нест! .

— Дар он сурат тирезаро кушоед. Мебинам, ки рӯзи дароз дар клуб нишастаед? .

— Холмс, азизам! - ; '

— Гапам дуруст? , -

— Будаги ran, дуруст, вале чи тавр шумо...

Вай ба қиёфаи парешони ман назар андохта, ханда кард. •

— Уотсон, содадилии шӯмо дар ҳақиқат дилрабост. Агар медонистед, ки қувваи нокирои худамро дар шумо санҷидап чи тавр ба ман гуворост! Ҷентельмен дар ҳавои бади боронга-' рӣ аз хона баромада меравад. Бегоҳӣ тозаякак, бе ягон доғ хона бармегардад. Цилиндр ва ботинкаи ӯ пештара барин ялақ- қос мезанад. Пас, вай рӯзи дароз наҷунбида дар як ҷо нишаста аст. Ӯ дӯстони наздик надорад. Вай дар куҷо буд? Магар.ин аён нест?

-*г*- Ҳа, комйлан аён.

— Дуньё аз чунин аёниҳо пур аст, вале касе онҳоро наме- бинад. Чй фикр мекунед, ман дар кучо будам?

— Ҳамчунон рӯзи дароз наҷунбида нишастед?

— Наёфтед, ман аллакай ба Девоншир рафта омадам.

—- Фикран?

— Комилан дуруст. Ҷисми ман дар ин ҷо, дар курсйи роҳат монда ва ин ҳар қадар ҳузнангез набошад, дар давоми рӯз ду қаҳвадони калон қаҳва нӯшид ва бағоят тамокуи зиёд кашид. Баробари шумо баромада рафтан, ман ба назди Стенфорд ба- рои овардани харитаи ботлоқҳои Дартмур одам фиристодам ва рӯзи дароз рӯҳн ман дар он ҷойҳо овора гашт. Худамро ба уме- де тасалло медиҳам, ки ман акнун бо ин ҷойҳо дурустакак ош- но шудам.

— Миқьёси харита калон?

— Ҳа, хеле калон! — Вай як қитъаи онро кушода, ба рӯя зону гузошт.— Ана қамон минтақае, ки ба мо даркор аст. Дар мобайн Баскёрвиль-холл истодааст.

— Бо беша иҳота карда шудааст?

— Комилан дуруст. Кӯчабоғи дарахтони тисса дар ин чо ни- шон дода нашудааст, вале тахмин мекунам, ки он аз рост, му- возий ботлоқ мёравад. Ана он гурӯҳи ками иморатҳо — ҳамон деҳачаи Гримпен, ки штаб-квартираи дӯсти мо, духтур Морти-

мер воқеъ гардпдааст. Чи тавре ки мебинед, дар масофаи панҷ миль дар гирду атроф хонаҳои истиқоматӣ хеле кам вомехӯ- ранд. Ана ин Лефтер-холл, ки дар бораи он духтур ran зада буд. Зоҳпран дар ин ҷо хонаи натуралист Стэлптон, агар но- машро дуруст дар хотир нигоҳ дошта бошам, истодааст. Анз инаш — ду ферма: «Сутунҳои ғиштӣ» ва «Ботлоқи пӯсида». Чор- даҳ миль дур аз онҳо маҳбаси каторгагии Пристаун. Дар бай- ни ин нуқтаҳои ҷудогона ва атрофи он ботлоқзоропи ҳузнангез яаҳн гардидаанд, ки дар онҳо осори хаёт дида намешавад. Ана ҳамон саҳнае ки ин фоҷиа рӯй додааст ва, шояд бо ёрии мо боз рӯй диҳад.

— Ҳа, ҷойҳои беодам.

— Саҳна ба андозае ки мумкин аст, нағзакак оро дода шу- дааст. Агар иблис дар ҳақиқат ба' корҳои банни одам сару кор гирифтанӣ бошад...

— Пас, шумо низ дар тамоми ин воқеаҳо ягон чизи фавқут- табиа диданиед?

— Магар ёрдамчиёни иблис шакли моддӣ гирифта намета- вонанд? Даставвал ду масъаларо ҳал карданамон дуруст ме- ояд. Якум: оё дар ин ҷо чиоят содир карда шудааст? Дуюмз <ин ҷиоят аз чӣ иборат аст, ва он чи тавр содир карда шуда- аст? Будагӣ ran, агар духтур Мортимер дйр фарзу тахмини худ ҳақ бошад ва мо бо қуввaҳои берун аз қонуни қоидаҳои таби- ат сару кор дошта бошем, он гоҳ дуруст меояд, ки аз он даст кашем. Аммо пеш аз он ки бо ҳамин хотирҷамъ шавем, ҳама фарзу тахминҳои дигарро то охир санҷида бароем. Агар шумо муқобил набошед, биёед, тирезаро пӯшем. Ҳар қадар ин аҷиб бошад ҳам, вале ба ақидаи ман дар як ҷо ғунщавии дуди та- моку ба тамарказии фикр мадад мекунад. Ман ҳоло ба он да- раҷае нарасидаам, ки дар вақти фикру андеша карданам ба қуттӣ даст зада бошам, вале хулосаи мантиқии назарияи ман чунин аст. Хӯш, шумо аллакай дар ин масъала фикр кардед?

— Он тамомн рӯз аз майнаам дур намешуд.

— Ва ба кадом хулоса омадед?

— Воқеаи ҷигил.

— Ҳа, воқеаи ба худ хеле хос. Хусусан бо баъзе ҷузъиёташ. Масалан, хусусияти тағьирёбии изи пойҳо. Шумо инро чӣ тавр эзох медиҳед?

— Мортимер гуфт, ки гӯё сэр Чарльз ин қисмйхкӯчабоғро нӯг-нӯги по тай кардааст.

Вай фақат суханони кадом як каллаварамро, ки дар Вах-

ти истинтоқ гуфтааст, такрор кард. Чи зарурат шудааст, ки одам ба кӯчабоғ нӯг-нӯги по равад!

— Дар он сурат ran дар сари чӣ?

— Уотсон, вай гурехтааст. Наҷот ёфтани шуда, бо тамоми қувва давидааст. Чунон бо суръат тохтааст, ки дилаш тоб на- оварда, дар аснои давидан афтида ҷо ба ҷо мурдааст.

— Наҷот ёфтанӣ шудааст? Аз кӣ?

— Душвориаш ҳам дар ҳамин. Аз рӯи баъзе маълумотҳо Чарльз Баскервиль пеш аз он ки рӯ ба гурез биёрад, аз тарс дасту по гум кардааст:

— Чаро,,ин тавр фикр мекунед?

— Он чи ки ӯро ин/ қадар дар воҳима монондааст, ба сӯи вай аз тарафи ботлоқ меомадааст. Агар хато накунам — чи таз- ре ки ман тахмин мекунам, зоҳиран, ҳамааш ҳамин тавр буда- аст,— зеро фақат одами ақл гум карда ба сӯи хона не, балки аз хона ба дигар тараф мегузарад. Лӯлӣ дар вақти истинтоқ ша- ҳодат медиҳад, ки сэр Чарльз ба ёрӣ ҷеғ мезад, аммо ба он сӯе медавид, ки.ёриро аз ҳама камтар умед кардан мумкин буд. Баъд боз як муаммо: он бегоҳ киро мунтазир шуда буд ва ба- рои чи мулоқот дар хона нею дар кӯчабоғи дарахтони тисса барпо гардиданаш лозим будГ?

— Ба фикри шумо вай касеро мунтазир буд?

— Худатон мулоҳиза фармоед: одами дардманди миёнсол бегоҳ,ӣ ба сайру гашт баромадааст — дар ин ҳеҷ як ҷои тааҷ- чуб нест. Вале охир он рӯз ҳаво нам, хунук буд. Чй тавре ки духтур Мортимер ба хокистари сигор аҳамият дода тасдиқ ме- намояд, чи зарурат шудааст, ки вай дар назди дарича панҷ ё дақ дакиқа бекор истад? Дар омади ran, ҳар қадар ин аҷиб бошад ҳам, ӯро мушоҳидакор нест гуфта гунаҳкор карда наме- шавад.

— Сэр Чарльз ҳар бегоҳ ба чунин сайру гаштхо мебаромад.

— Ва ҳар бегоҳ дар назди дарича меистод? Дар гумон. Баръакс, маълумоте ҳаст, ки сэр Чарльз кӯшиш мекардааст аз ботлокзорон дур бошад. Ҳамон шаб вай дар он ҷо ким-киро мунтазир будааст. Ва ин арафаи ба Лондон рафтанаш буд. Уотсон, дидед.ки чи тавр ҳамааш ҳалқа ба ҳалқа мепайвандад! Акнун лутфе кунеду скрипкаро ба ман диҳед ва мо ҳамагуна ғамхориро дар ҳаққи ин кор ба фардо мавкуф мегузорем ва умед мекунем, ки пагоҳ пазироии духтур Мортимер ва сэр Ген- ри Баскервиль. барои фикру андеша ба мо гизои нав мсдиҳад.

Б о б и IV

СЭР ГЕНРИ БАСКЕРВИЛЛЬ

Мо барвақт субҳона хӯрдем ва Холмс ба халат печида, ба пазироии меҳмонон тайёр шуд. Меҳмонони мо сонияе ҳам таъ- хир накарданд— ҳамин ки соат занги даҳро зад, духтур Мор- тимер ҳамроҳи баронети (унвони дворянӣ) ҷавон ба кабинет даромад. Муахирулзикр тахмин сӣ сол дошт. Вай миёнақад, та- нуманд, бокувват буда, хамчун як шахси серғайрат, солим ба кас таъсир мегузошт. Аз ифодаи чехрааш ба назарам инод- кор намуд; чащмони гӯсфандиаш аз зери абрувони ғафси сиёк далерона ба мо менигарисанд. Костюми ҷигарранги буришу дӯх- таш сохти спортӣ ва пӯсти гандумгуни шамоллесидааш аз оч шаҳодат медод, ки вай аз қабили одамони хонашин ва нозпар- вард намебошад ва дар айни замон рафтори ором, боварибаҳ- шаш ҷентельмени ҳақиқӣ буданашро ншйон медод.

— Сэр Генри Баскервиль — духтур Мортимер ӯро ба моши- носонд.

— Орё, худи худаш,— гуфт баронет.— Ва мистер Холмс, аз ҳама аҷибаш хамин, ки агар дӯсти ман ба пазироии шумо ома- данро ба ман таклиф намекард ҳам, бо ташаббуси худам ба наздатон меомадам. Мегӯянд, шумо сари ҳаргуна муаммоҳорэ кушода метавонед ва ман айнан ҳамин пагоҳ бо чунин муам- мое дучор омадам, ки иқтидори кушоданашро надорам.

— Сэр Генри, шинед. Агар ман гапи шуморо дуруст фаҳми- да бошам, баробари ба Лондон омаданатон бо шумо воқеаи ғайри муқаррарие рӯй дод?

— Мистер Холмс, ман ба ин чандон парво надорам. Аз аф- ти кор, касе бо ман шӯхӣ кард. Вале имрӯз пагоҳӣ ман ана ин мактубро гирифтам, ба шарте агар онро мактуб номидан мум- кин бошад.

Вай конвертро ба рӯн мпз гузошт ва мо онро аз назар гу- заронидем. Конверт хеле муқаррарӣ, аз коғази хокистарранг иборат буд. Адрес — «Ҳотели. «Норсамберленд», ба сэр Генри Баскервиль» — бо ҳарфҳои калони чопи дар рӯи он навишта шуда буд: дар штампи почтааш: «Черинг-кросс» ва вақти фн- ристода шӯданаш—бегоҳии рӯзи гузашта нишон дода шуда буд;

— Ба ҳотели «Норсамберленд» фуромадани шуморо ягон кас медонист? — ба меҳмони мо кунҷковона назар афканда пур- сид Холмс.

— Ҳеҷ кас намёдонист. Фақат пас аз вохӯриам бо духтур Мортимер қарор додам, ки ба куҷо фуроям.

Эҳтимол, худи духтур Мортимер ба он ҷо фуромада бо- шад?

— Не ман дар хонаи шиносҳоям зиндагӣ мекунам,— гуфт духтур.— Ҳеҷ кас дониста наметавонцст, ки мо маҳз ба ҳамин ҳотел меравем.

— Ҳм! Пас, ба ҳар қадами шумо мемондагӣ касе хеле шавқ зоҳир мекунад.

Холмс вараҳи коғази чорқадро аз конверт бароварду кушода ба рӯи миз гузошт. Дар миёнҷои саҳифа ҷумлаи яккаву ягонае буд, ки аз калимаҳои чопии паҳлӯи ҳам часпонида шуда иборат буд. Дар он гуфта шуда буд: «Агар ақли солим ва ҳаёт ба шу- мо қимат бошад, аз ботлоқзорони торфдор албатта канораҷӯи кунед». Суханснӣ «ботлоқзорони торфдор* аз даст бо ранг на- вишта шуда буд.

— Хӯш, мистер Холмс,—гуфт сэр Генри Баскервиль,— шо- яд, шумо чи маънӣ доштани ҳамай ин ва ба кору бори ман кй ин қадар ҳавасманд буданашро ба мо фаҳмонед?

— Духтур Мортимер, шумо чй мегӯед? Ин дафъа гӯё дар ин ҳеч чизи фавқуттабиа нест?

— Бале, сэр, вале, шояд мактубро шахсе фиристода бошад, ки комилан ба фавқутабиа будани ин воқеа боварӣ дорад.

*■ Кадом воқеа? — якбора пурсид сэр Генри.— Ҷентельмен- ҳо, аз афташ, шумо назар ба ман аз корҳои ман нағзтар воқиф мебошед!

— Сэр Генри, мо шуморо аз ҳамааш огоҳ мекунем. Бе ин шумо аз ин ҷо намеравед.— Аммо ҳозир биёед ба ин ҳуҷҷати басе чолиби диққат, ки дирӯз бегоҳй тартиб дода шуда, ба қут- тии почта партофта шуда буд, машғул шавем. Уотсон, «Таймс>- -и дирӯза доред?

— Ана дар он кунҷак.

— Шуморо ташвиш диҳам мумкин? Лутфан, ҳамон сақифаи сармақола будагиро диҳед.— Вай онро зуд аз назар гузаро- нид.— «Озодии оавдо»... Сармаколаи бисьёр нағз! Ичозат диҳед як абзаци онро бо овози баланд хонда диҳам. «Агар ягон кас зӯр зада ба шумо талқин карданӣ шавад, ки он соҳаи саноати таваҷҷухатонро ҷалб мекардагӣ, дар зери ҳимояи тарифҳои пуш- тибон мебошад, аз ин хел одамон худро канор гиред, зеро ақля- солим бояд ба шумо талқин кунад, ки чунин система охиру- ламр ба аз хорича моловарии мо зиён меоварад ва ба ҳаётя мӯътадили ҷазираи мо зарар мерасонад, ки нафъи он барои

хамаи мо азиз мебошад». Уотсон, дар ин бора чӣ мегӯед? — ка- фи дастонашро ба ҳам молида хитоб намуд Холмс.— Фикри ни- ҳоят нағз, ҳамту не?

Духтур Мортимер зайле ба Холмс назар андохт, ки духтуро- ни ғамхор ба беморони вазнини худ ин тавр назар меандозанд, аммо сэр Генри Баскервиль ба чашмони мешии худ ҳайронвор ба ман нигоҳ кард.

*

— Ман ба масъалаҳои сиёсати тариф хеле кам сарфаҳм ме- равам,— гуфт вай,— вале ба назарам, шумо як қадар аз мавзӯи мо дур рафтед.

— Баръакс! Сэр Генри, мо ба изи осораш тоза рафта исто- даем. Уотсон бо усулп кори ман аз шумо -дида беҳтар шинос мебошед, вале метарсам, ки маънии порчаи хондагиро ҳатто' вай нафаҳмид.

— Ҳа, иқрорам, ки ман дар байни он ва мактӯб ҳеҷ гуна алоқамандӣ намебинам.

— Азизам Уотсон, алоқа ба андозае мустаҳкам мебошад, ки моҳиятан яке аз дигараш тартиб дода шудааст. «Агар», «ба шу- мо>, «дур кашед худро аз», «ақли солим», «ҷон», «роҳро». На- ход пдй набаред, ки ин калимаҳо аз куҷо бурида гирифта шу- даанд?

— Ҳа, бало занад! Албатта, гапи шумо ҳақ. Чигуна тахми- ни нағз! — хитоб намуд сэр Генри.

— Агар шумо ҳанӯз шубҳа мекарда бошед, дар он сурат ба суханони «дур кашед худро аз» назар андозед — онҳо қатор бурида шудаанд.

— Қа-ний... \а, ҳақиқатап дуруст!

— Мистер Холмс,ч медонед ман ҳатто тасаввур намекардам, ки чунин корҳо имкбнпазир мебошад,— бо тааҷҷуб ба дӯсти ман нигариста гуфт духтур Мортимер.— Аз матни газета бурн- да шудани калимаҳбро пай бурдан, ин ҳоло ҳеҷ гап не. Вале бехато ном бурдани газета ва ба ивази он мақолаеро, ки онҳо аз он бурида гирифта шудаанд, ниШон додан, аз ҳаргуна та- саввур берун мебошад! Шумо инро чй тавр пай бурдед?

— Духтур, ман тахмин мекунам, ки шумо косахонаи сарл зангиро аз косахонйи сари эскимос фарқ карда метавонед.

— Албатта, метавонам.

— Ба чӣ тариқ?

— Охир ин кори дӯстдоштаи ман аст. Фарқи байни ину он тамоман аён мебошад. Қавси болои абру, кунҷи рӯй, сохти ҷоғ.., Ман ҳам кори дӯстдоштаи худамро дорам. Ба назарам,

фарқи байни боргес [1] бо шпон,[2] ки сармақолаи «Таймс» бо он чида мешавад, ва ҳарфҳои норавшани варақаҳои камарзиши бегоҳиҳо мебаромадагӣ ҳамчунон яқин аст, чуноне ки фарқия- ти байни зангӣ ва эскимосҳои шумо яқин мебошад. Донистани харфҳо — яке аз талаботхои оддии аз хуфия мепурсидагӣ ме- бошад, агарчи икрор шуданам лозим, ки дар айёми ҷавониам янвдафъа «Аторуди Лид»-ро аз «Ахбороти пагоҳӣ» фарқ карда натавониста будам. Вале сармақолаи «Таймс»-ро бо ягон чизи дигар саҳв кардан мумкин нест ва ин суханон фақат аз он ҷо бурида гирифта шуданашон мумкин. Ва азбаски мактуб дирӯз фиристода шудааст, ҳамааш аз он шаҳодат медиҳад, ки пеш аз ҳама ба шумораи дирӯза нигаристан лозим аст.

— Пас, мистер Холмс,— гуфт сэр Генри Баскервиль,— ким- ки ин мактубро тартиб дода, бо қайчӣ...

— Бо қайчичаи нохунтозакунӣ,— сухани ӯро бурид Холмс.— Шумо ба кӯтоҳии нӯги қайчӣ аҳамият додед? Барои буриданн калимаҳои «дур кашед худро» ду бор қайчӣ задааст.

— Комилан дуруст. Касе ин калимаҳоро бо қайчии кӯтох- нӯг бурида, онҳоро шириш кардааст бо...

— Бо елими арабӣ,— луқма дод Холмс.

— Ва бо елими арабӣ ба рӯи коғаз часпонидааст. Вале дар он сурат барои чи калимаҳои «ботлоқи торфдор» бо даст на- вишта шудааст?

— Барои он ки муаллифи мактуб онҳоро аз газета пайдо карда натавонистааст. Калимаҳои боқимонда то як дарача ба- се муқаррарӣ мебошанд, онҳоро дар хар гуна матн йайдо кар- дан мимкин, аммо калимаҳои «ботлоқи торфдор» нисбдтан кам дучор меоянд.

. — Эзоҳи ба ҳақиқат хеле наздик. Мистер Холмс, аз ин боз чӣ хонда дарьёфтед?

Агарчи муаллиф саъю кӯшиши тамом ба кор буда, хурдта- рин исботро пинҳон доштанӣ шавад ҳам, донистани баъзе чиз- хо ба ман муяссар' гардид. Чи тавре, ки худатон боварӣ ҳосил кэрда метавонед, адрес бо ҳарфҳои калон-калони чопӣ навиш- та шудааст. Вале «Таймс» барин газета, кам ба дасти одамо- ни оддӣ меафтад. Пас, аз ин хулоса баровардан мумкин, ки мактубро шахси босавод тартиб додааст ва худро бесавод ни- шон доданӣ шуда, қасдан хаташро тағьир додааст, чунки аз аф- таш, зоҳиран, тарсидааст, ки ҳозир набошад ҳам, баъд онро

---

[1] *Боргес* — як навъи харфн матбаа.

[*] *Шпон* — тахтачаҳои хурд-хурди фулуэин, ки дар матбаа барои васеъ кардани масофан байни сатрҳо истифода карда мешаванд.

нашиносанд. Ғайр аз ин аҳамият диҳед, ки калимаҳо баробар часпонида нашудаанд ва баъзеи онҳо аз хат боло баромадаанд. Масалан, калимаи «ҷон» дар ҷои худ наафтодааст. Ин аз бе- диққатӣ, шояд аз музтарибӣ ё саросемагии муаллифи мактуб шаҳодат медиҳад. Ман гумон мекунам, ки сабаби ҳамааш маҳз изтироб ва саросемагӣ мебошад, зеро гумон аст ин одам дар чунин, зоҳиран, кори ҷидди бедиққатӣ кунад. Агар ҳақиқатан вай саросема шуда бошад, донистан, лозим, ки барои чӣ саросе- **ма** шудааст. Охир мактуб дирӯз ба почта партофта шудааст, хоҳу нохоҳ ба ҳотел ба дасти сэр Генри мерасид. Шояд, муал- лифи он аз ягон мамониат тарсида бошад? Валс аз тарафи кӣ мамониат шуданаш мумкин?

— Мо, аз афташ, ба қайди фарзу тахмин гирифтор шудем,—• гуфт духтур Мортимер.

— Нағзаш гӯед ба дигар қайд гирифтор шудем. Ба қайде **ки** ба мақсади санҷида дидан аз байни онҳо ба ҳақиқат басе наздикашро интихоб карда тавонем. Чунин аст истифода наму- дани қуввати илмии тасаввур, ки он ҳамеша дар дасти мута- хассисон дар асоси мустаҳками моддӣ амал мекунад. Шумо, бу- даги ran, инро сирф фарзу тахмин меномед, аммо ман қариб боварӣ дор^м, ки он дар кадом як меҳмонхона навишта шу- дааст.

— Чаро ин тавр фикр мекунед?

— Конвертро дурустакак аз назар гузаронед ва мебинед, **кн** рангу пари мактубнавис нағз набудааст. Дар навишти як ка- лима пар ду маротиба дакка хӯрдааст ва нависандаи мактуб барои навиштани чунин адреси кӯтоҳ онро сеюмбора ба ранг- дон тар кардааст. Маълум мешавад, ранг кам, дар таки ранг- дон будааст. Росташро хоҳед пару рангдонро кам ба ин ҳолат мерасонанд ва ин ҳардуро аз кор баровардан — воқеаи хеле но- дир аст. Вале, чи тавре ки шумо медонед, дар меҳмонхонаҳо қариб дигар хел пару дигар хел рангдон нест. Бале, ман қариб дудила нашуда, мегӯям, ки агар аз дастамон меомаду ҳама са- бадчаҳои коғазпартоии меҳмонхонаҳои гирду атрофи Черинг- кроссро дйда б.аромада ва боқимондаи сармақолаи буридашу- даи «Таймс»-ро меёфтем, мо дархол муаллифи ин мактуби аҷиб- ро пайдо мекардем... Истед! Истер! Ин чӣ?

Вай варақи коғазеро, ки калимаҳо ба рӯи он часпонида шу- да буданд, дар масофаи як-ду дюм дур нигоҳ дошта, бо диққат чашм дӯхт.

— Хӯш чй?

— Не, ҳеҷ чнз не,— гуфт Холмс ва мактубро ба рӯи миз гу-

эошт.— Қоғаз комилан ҳамвор буда, дар он ягон аломати об- гун дида намешавад. Не, мо аз ин мактуби ачибу ғариб ҳар чи ии мумкин буд, чафида гирифтем. Акнун, сэр Генри, гӯед ки аз бози ба Лондон омаданатон бо шумо ягон воқеаи фавқулодда рӯй надодааст?

— Не, мистер Холмс, гӯё рӯй надодааст.

— Ягон кас-ку аз пасатон қаровулӣ' накард, поида наомад^

— Аз афташ, ман ба кадом-як моҷаро гирифтор шудам,— гуфт меҳмони мо.— Ба ақли кй меояд, ки аз паси ман одам мо- над?

— Фурсат диҳед, мо дар ин бора ran мезанем. Ҳоло фикр кунед: наход ягон чизи ба мо нақл мекардагӣ надошта бошед?

— Вобаста ба он ки чиро шунидан мехоҳед.

— Ҳар он чи ки хоҳу нохоҳ аз тарзи муқаррарии зиндагӣ берун мебарояд.

Сэр Генри табассум намуд.

— Қариб тамоми айёми бачагии ман дар Штатҳои Мутта- хида ва Қанада гузаштааст, бинобар ҳамин тарзи зиндагии мардуми англис барои ман ҳанӯз нав мебошад. Аммо вакте ки нохост як пои кафши одам гум мешавад, наход ин воқеаи **му**- қаррарӣ бошад.

— Шумо як пои кафшатонро гум кардед?

— Дӯстам,— хитоб намуд духтур А1ортимер,—як пои каф- шатонро эхтимол ба ягон ҷо тиқонда монда бошанд! Он ёфт мешавад. Кирой намекунад, ки бо ин майда-чуйдаҳо мистер Холмсро ташвиш диҳем!

— Вале охир ӯ мепурсад, ки бо ман ягон воқеаи фавқулод- да рӯй надодааст.

— Комилан дуруст,— гуфт Холмс,—Ҳар як майда-чуйда, ҳар қадар ки бемаънӣ намояд ҳам, диққати маро ба худ ҷалб мекунад. Пас, як пои кафшатон гум шуд?

— Ҳа, вале шояд онро ба ягон ҷо тиққонда монда бошанд. Дина бегоҳӣ ман кафшхоямро дар паси дар мондам, пагоҳӣ фа- қат як пояшро ёфтам. Аз хизматгори меҳмонхона ҷавоби сарех гирифта натавопистам. Ҳаминаш аламовар, ки ман он ҷуф- ти кафшро як рӯз пеш дар Стренд харида ва ҳатто ягон бер на- пӯшида будам.

— Шумо кафши навро додед, ки тоза кунанд? Ин барои чӣ?

— Ранги онҳо ҷигарии кушод буд. Бинобар ҳамин фарму- дам, ки бр равғани сиёҳ пардоз кунанд.

— Пас, баробари ба Лондон омаданатон кафшхарӣ рафтед?

— Ман магазин ба магазин гаштам. Духтур Мортимер ма-

ро ҳамдоҳӣ кард. Гап дар ин, ки модоме қис^ат мулки кало- неро ба одам насиб гардонидааст, ба ҳамон нигоҳ карда муво- фиқ либос пӯшидан лози^, ман бошам дар Ғарб зиндагӣ кар- да рстода ба сару либосам а.ҳамият намедодам.. Дар қатори дигар чизҳо ҳамин кафшҳоро ба шаш доллар харида будам! — аммо насиб накард.

— Агар ин дуздӣ бошад, дар он сурат дуздии хеле бемаъ- ниёна,— гуфт Шерлок Холмс,— Ман, рости ran, духтур Морти- мер дуруст мегӯяд: кафши шумо ба наздикӣ ёфт мешавад.

Ҷентельменҳо, акнун,— ба таври қатъӣ ба ran сар кард баронет,— дар хусуси он чи ки ман дуруст воқиф нестам, бақсу ҷавоб карданам кифоя. Ба қавлатон истода, ҳаминро ба ман фаҳмонед, ки мақсад аз ҳамаи ин гапҳо чй.

— Талаби ҳаққопӣ,— розй шуд ХЬлмс,— Духтур Мортимер, ба фикрам, чи тавре ки ба мо нақл карда будед, худатон бояд ҳамаашро ба сэр Генри нақл карда диҳед.

Донишманди мо аз ин хоҳиш рӯҳ гирифта дастнавис ва га- зетаро аз киса бароварда ва ҳиқояти дирӯзаашро калима ба ка- лима такрор кард. Сэр Генри бо диққати тамом гӯш карда, ҳар замон ҳайратангезона нидо бароварда сухани духтурро мё- бурид.

•— Ҳа-а, мероси нағзе ба ман насиб гардида будааст! — вақ- те ки баёни қиссаи дурудароз ба охир расид, гуфт вай.— Дар хурдиам қиссаи сагро шунида будам. Дар оилаи мо нақли ин қиссаро нағз медиданд, агарчи то алҳол ман ба ин ягон қадар аҳамият намедодам. Дар хусуси марги амакам бошад, сарам чунон гаранг шудааст, ки ман ҳанӯз ба ҳеҷ чиз сарфаҳм рафта наметавоиам. Ба фикрам, шумо худатон намедонистед, ки дар ин бора ба кй муроҷиат кунед — ба кашиш ё ба полнс.

— Гапатон ҳақ.

— Ба болояш ин мактуби ман гирифтагй. Аз афташ, ин ба р.афти умумии воқеаҳо як қадар алоқамандие дорад.

. — Ҳа, аз рӯи ин мактуб, касе аз воқеаҳои дар ботлоқи торф- дор рӯй медодагй аз мо дида хел нағзтар бохабар мебошад,— гуфт духтур Мортимер.

— Ва дар сурате, ки ин — «касе» моро аз хатар огоҳ меку- над, зоҳиран, ба мо ҳусни таваҷҷӯҳ дорад,— гуфт Холмс.

— ё, баръакс, он шахс моро аз Баскервиль-холл рамонда нафъе рӯёнидани бошад?

— Йпро ҳам истисна кардан лозим нест... Духтур Морти- мер, хеле мамнунам, ки чунин масъалаи ғалатии аҷиби мурак- кабро ба ман таклиф кардед. Сэр Геври, ҳоло моқияти масъ-

аларо ҳал кардан лозим: ба Баскервиль-холл рафтани шумо мумкин аст ё не?

— Чаро ба он ҷо наравам?

— Ба фикрам, ин бехатар нест.

— Ин хатар аз кучо сар мезЗвад — аз хӯсаи авлодии мо ё аз одамон?

— Ана ҳаминро маълум кардани мо лозим.

— Ҳар чи ки бошад, ҷавоби ман ҳамин: на қувваи аҳрима- нӣ, на хилаю найранги одамӣ маро дар ин ҷо нигоҳ намедорад. Ман ба хонаи аҷдодонам меравам. Ин қарори охирин мебо- шад.—Абрувони сиёҳаш бо адм ҷафс шуданд, чеҳраи гандум- гунашро сурхӣ фаро гирифт. Қайсарии баскервилли дар ин нас- ли охирини авлоди онҳо низ худро зоҳир месохт.— Он чи ки аз шумо шунидам, ҳанӯз ба ҳар тарафа фикр карданаш фурсат наёфтам. Ҳамаашро якбора аз худ кардан, ва чораашро дар- ҳол пешакӣ дидан чандон кори осон нест. Ман мехоҳам, ки ягон соат танҳо бошам ва дар вақти дамгирӣ дар хусуси ҳамааш фикр кунам. Медонед, чи мйстер Холмс? Ҳозир соат ёздаҳуним ва ман рост ба ҳотел меравам. Чи мешуд, агар шумо ва дӯсти шумо, духтур Уотсон, соати ду омада бо мо наҳор мехӯрдед? То он вақт ман ба ҳар ҳол ягон чиз фикр карда мебароям..

— Уотсон, йн ба шумо маъкул?

— Комилан.

— Дар он сурат меоем. Бароятон кэб ҷеғ занам?

— Не, мехоҳам камтар сайру гашт кунам, то ки баъди ran- хои шумо камтар ба худ биёям.

— Ман бо ҷону дил бо шумо хамроҳ мешавам,—гуфт ҳам- рохи вай.

— Пас, соати ду мо боз мебинем. То дидан, саломат бошед.

Мо шунидем, ки меҳмонони мо аз поғундаҳо поин фурома- да, дари даромадро тақаррос зада аз паси худ пӯшиданд. Хюлмс филфавр тағьир ёфт — аз махмурии вай осоре намонд, вай аз нав одйми кору амал шуд.

— Уотсон, сару либосатонро пӯшед, тезтар! Як сония вақт- ро беҳуда гузаронидан лозим нест. Вай рохравон яктакашрэ кашида, ба хуҷраи худ даромад ва пас аз ду-се дақиқа сюртук дар тан баргашт.

Мо тозон аз зина поин фуромада ба кӯча баромадем. Дух- тур Мортимер ва Баскервиль тахмин дусад метр аз мо пеш на- моён буданд. Онҳо ба тарафи Оксфрод-стрит мерафтанд.

— Онҳоро дарьёб кунем?

— Ба ҳеҷ вачҳ дӯстам! Агар шумо ҳамроҳи ман зиқ нашавед,

ман бо шумо асло зиқ намешавам. Дӯстони мо дуруст мегӯ- янд: сайругашт дар чунин як пргоҳирӯзӣ ҳузуру ҳаловат ме- бахшад.

Вай суръати қадаммониашро тезонд ва масофаи назди мову меҳмонони мо нисф кам шуд. Мо ҳамин масофаро нигоҳ дош- та, аз паси онҳо ба Оксфорд-стрит, баъд ба Ричент-стрит тоб хӯрдем. Сэр Генри ва духтур Мортимер дар назди яке аз мага- зинҳо истода, витринаи онро аз' назар мегузарониданд. Холмс хам истод. Сонияе нагузашта ӯ хушҳолона ҳм гуфта монд ва ба кадом тараф равона карда шудани нигоҳи пурдиққати ӯро муоина намуда, дидам ки дар он тарафи кӯча кэбе нстодаасг ва аз Фирезаи он саворае намоён буда, ӯ охиста-оҳиста пеш ҳа- ракат мекард.

— Уотсон, ана ҳамон худаш ба мо лозим. Рафтем. Ақаллад рӯи он одамро бинем.

Ҳамон лаҳза риши ғулии сиёҳи аз тирезаи паҳлӯни кэб аз пеши назарам гузашт ва чашмони касе бо нигоҳи тези худ сар то пои моро аз назар гузаронид. Пас аз ин дарҳол тирезачаи болоӣ нимво шуд, савор ба кэбчи ким-чи гуфта фарьёд зад ва кэб бо суръати тамом ба Ричент-стрит пеш тохт. Холмс фой- туни холие ёфтанӣ шуда ба гирду атроф назар андохт, аммо ҳайҳот — фойтуни холӣ набуд. Дар он сурат вай аз паси кэб, ки зуд аз назари мо ғоиб мегардид, худро ба ҷӯши мардуми кӯча зад.

— Зор монад! — дар ҳолате ки ранги рӯи вай канда буд, аз байни издиҳом баромада, ба зӯр нн суханонро ба забон бурд.— Корамон барор накард! ^Уотсон, ба ҳамааш ман худам гунаҳ- кор! Уотсон! Агар шумо заррае одамгарӣ дошта бошед, дар ба- робари барори муваффақиятҳоям ин кӯтоҳии маро дар ёддошг- ҳоятон қайд карда гузаред.

—]Вай чӣ хел одам?

— Ақлам иамегирад.

— Ҷосус?

— Ҳа, зоҳиран, аз бози ба Лопдон омадани Баскервиль Race аз паи ӯ поида гаштааст. Набошад аз куҷо маълум шуд, ки ӯ ба хотели «Норсамберленд» фуромадааст? Ман чунин анде- ша кардам: агар рӯзи аввал аз паси вай поида бошанд, дар он сурат минбаъд хам поида мегарданд. Шумо, эҳтимол, ақа- мият дода, бошед, ки вақти духтур Мортимер қиссаашро хон- дан мап ду бор ба тирсза наздик шудам?

— Ха, дар хотир дорам.

— Ман доннстанӣ будам, ки ягон кас дар назди хона наме-

гардаДӯ аммо ягон шахси шубҳаангезро надидам. Уотсон, мо бо одами боақле сару кор дорем. Ҳамаи ин хеле чиддӣ мебо- шад ва агарчн то ҳол амал кардани кадом Куввахо—хайр ё шарр — ҳанӯз ба ман маълум набошанд ҳам, дар зимни он як- зайл дахолати берунии ким-ки, хисобу китоби аниқи ким-киро ҳис мекунам. Вақте, ки дӯстони нави мо баромада рафтанд,- ман ба умеди он ки сояи дарьёфтшавандаи онҳоро мебинам, дарҳол аз пасашон давидам. Он ҳилагар ба пиёда гаштан чуръ- ат накарда, кэб киро кардааст, ки дар масофаи муайян аз лас кашола шуда равад ё аз он пеш гузашта, дар айни ҳол ба чашм нанамояд. Нафъи усули вай боз дар он аст, ки агар онҳо йиз ба кэб савор мешуданд, вай онҳоро аз пеши назар гум намекард. Вале ба ҳар хол дар ин усул як чои нозу-к хаст.

— Кэбчӣ?

— Худи худаш! • •

— Афсӯс, ки мо рақами онро надидем!

— Азизам* Уотсои! Рости ran, ин дафъа ман чизи таъриф мекардагӣ надорам, вале наход шумо фикр кунед, ки ман ра- камашро надидам? Марҳамат: ду ҳазору хафтсадучор, • Зим- нан, ин ҳозир ба мо ҳеч даркорӣ надорад. ,

— Намедонам, ки аз дастатон боз чӣ кор меомад.

— Ман ӯро дида, ҳатман бояд ба.самти муқобил мегаштам, иэб мегирифтам ва дар масофаи муайян аз пасзш мерафтам. Аз ҳама нағзаш боз ҳамин буд, ки рост ба назди ҳотел рафта, дар он чо ба рафти минбаъдаи воқеаҳо мунтазир шуда меисто- дам. Ин марди ношиноси пурасрор Баскервилро то таки дар гусел мекард ва мо бо ёрии усули худаш ба паи ӯ меафтодем, ки ба кучо меравад. Аммо акнун рақиби мо ба таври ҳайратан- гез аз шитобкории бечои ман, ки моро ошкор сохта, ҳам изаш- ро гум кардам, моҳирона истифода намуд.

Mb гапзанон оҳиста-оҳиста аз Ричент-стрит мерафтем ва ак- нун дар пеш на духтур Мортимер, на ҳамроҳи ӯро медидем.

— Акнун аз паси онҳо поидан ҳеч фоида надорад,— гуфг Холмс.— Сояи онҳо ғайб зад ва дигар пайдо намешавад. Акнун дидан лозим, ки мо чигуна дастболой дорем ва мувофиқ ба ҳа- мин часурона амал намоем. Шумо рӯи ҳамон одами кэбсавор» ро дурустакак дидед?

Рӯяшро-ку не, аммо ришашро дидам.

— Ман хам дйдам... аз ин хулоса баровардан лозим, ки аз афташ, ришаш сохта мебошад. Одами боақл вакте ки ба чунин ксри махсусан пурэхтиёт даст мезанад, барои пардапӯшкунӣ ба вай риш лозим аст. Уотсон, биёед ба ин чо дароем.

Холмс ба яке аз идораҳои хаткашони ин район Даромад. Сардори он бағал кушода ӯро пешвоз гирифт.

— Ӯҳӯ, Уилсон, мебинам ки ёрии маро дар ҳамон воқеаи но- киро фароМӯш накардаед!

— Сэр, магар онро фаромӯш кардан мумкин? Ман бо номц пок ва ҷонам аз шумо миннатдорам.

— Дӯстам, шумо муҳобот мекунед! Уилсон, воқеан, дар хо- тир дорам, шумо Картрайт ном писарбачае доштед, ки дар вақ- ти тадкиқи кори мо хеле зиракй нишон дода буд.

— Бале, сэр, ҳозир ҳам дар таки дасти ман хизмат меку,- иад. - ■

— Ӯрц ҷеғ задан мумкин? Ташаккур. Ва боз лутфан ин панҷ фунтро майда кунед.

Ба фарьёди сардор писарбачаи чордаҳсолаи чусту чолоки зираке ҳозир шуд; Вай дар назди мо рост истода, бо эҳтироми зиёд ба хуфияи машҳур менигарист.

— <Китобчан роҳнамои меҳмонхонаҳо»-ро ба ман диҳед,— гуфт Холмс.— Ташаккур. Картрайт, нигоҳ кунед, ана дар ин ҷо дар райони Черинг-кросс номи бистусе меҳмонхона нишон до- да шудааст. Дидед?

— Ҳа, сэр.

. —> Як-як ҳамаашро давр зада бароед.

— Хӯб щудааст, сэр.

— Ва барои кушоиши кор ба дарбонҳо як шиллмнги диҳед. Ана ин бистусе шиллингро гиред. - ’ *

— Хуб шудааст, сэр.

— Гӯед, ки ахлоти дирӯз аз сабадчаҳо партофташударо ди- даниед. Инро ҳамин тавр фаҳмонед: як телеграммаи хеле му- химро сахван ба адреси даркорй бурда нарасондаанд ва ба шу- мо фармуда шудааст, ки онро кофта ёбед. Фахмидед?

— Бале, сэр.

— Вале дар хакиқат саҳифаи газетаи «Таймо-ро, ки аз як- чанд чояш бо қайчй бурида шуд аст, кофтуков кунед. Ана шу- мораи «Таймс» ва ана саҳифаи даркориаш. Шумо онро аз са- хифаҳои дигар фарқ карда метавонед?

— Бале, сэр.

— Будагӣ ran, дарбонхо шуморо ба наздн хизматгорҳои роҳ- равҳо мефиристанд, шумо ба онҳо ҳам як шиллингӣ медихед. Ана боз бистусе шиллинг. Аз бистусе меҳмонхона, эҳтимол, ах- лоти сабадчахои бист меҳмонхона партофта ё сӯзонда шуда бо- шанд. Вале дар се меҳмонхонаи мондагӣ тӯби коғазро ба шу- мо нишон медиҳанд, ки аз байнашон ин 'саҳифаро кофта меё-

бед. Умед ба барор кам аст. Барои эҳтиёт боз даҳ шиллинги дигар медиҳам. Бегоҳӣ, аз рафти коратон ба Байкер-стрит ба ман телеграмма фиристед... Уотсон, ҳоло мо ба воситаи тёле- граф.дар бораи кэбчии рақами кэбаш ду-ҳазору ҳафтсаду чор маълумот мепурсем, пас аз ин дар Бонд-стрит ба ягон галереяи расмҳо даромада, вақти то ношто мондагиамонро дар он ҷсғ мегузаронем.

БобиУ

СЕ РЕСМОНИ ГУСАСТА

Шерлок Холмс қобилияти фавқулоддае дошт, ки филфавр фикру хаёли корро аз худ дур менамуд. Вай комилан ба муро- қибаи расми рассомони ҳозиразамони Бельгия фурӯ рафт ва ду соат тамом, аз афташ, ин воқеаи аҷибро, ки вазъият моро ҳам ба он кашида буд, ба хотир наовард. Бо вуҷуди дар ин соҳа тасаввуращ ниҳоят маҳдуд'будан, аз галереяи расмҳо то ҳотели «Норсамберленд» роҳи дароз фақат дар бораи расму расмкашӣ ran зад.

— Сэр Генри Баскервиль шуморо дар боло нигарон аст,— гуфт павбатдори вестибюль.— Вай илтимос кард, ки меҳҳгонон- ро дархол' ба наздаш барам.

— Иҷозат медиҳед рӯйхати иҷоранишинони шуморо аз назар гузаронам? — пурсид Холмс.

— Марҳамат, сэр.

Пас аз фамилияи «Баскервиль» дар дафтар ду фамилияи дигар: «Теафилиус Ҷонсон бо аҳли ойлааш, аз Нью-Касла» ва «миссис Олдмор бо духтархонааш аз Элтон» қайд шуда буд.

— Ин ҳамон Ҷонсони як вақтҳо ман медонистагӣ нест? — гуфт Холмс ба навбатчӣ.— Вай ҳимоякунанда, мӯяш сафед ва саҳл пояш мелангад?

— Не, сэр, мистер Ҷонсон соҳиби конҳои ангишт, солаш ҳа- нӯз чандон рафтагй не, хамсинни шумо.

— Боварӣ, доред, ки ӯ ҳимоякунанда нест?

— Боварӣ дорам, сэр. Мистер Ҷонсон зуд-зуд меҳмони мо шуда меистад, чанд сол боз мо ӯро мешиносем.

— Ҳамту? Баҳс намекунам. Миссис Олдмор... ман ин фами- лияро дар ким-куҷо шунидаам. Барои кунҷковиам аз шумо узр мепурсам, вале гоҳҳо мешавад, ки одам як шиносро кофта, ди« гарашро меёбад.

— Сэр, миссис Олдмор зани касалй. Шавхари вай як вакт- ҳо мэри Глостер буд. Вақти ба шаҳр омаданаш фақат дар меҳ- монхонаи мо мефурояд.

— Ташаккур. Шояд, ман уро бо ледии дигар иштибоҳ кар- да бошам... Уотсон, ин саволҳО ба мо ёрй доданд, ки як далелн 'Муҳимро муайян кунем,— дар аснои мо аз зина боло барома- дан, бо овози паст давом дода гуфт Холмс.— Акнун ба мо маъ- лум шуд, ки одамони дӯсти мо ба онҳо даркорӣ ба ин ҷо на- фуромадаанд. Пас, чи тавре ки мо аллакай боварӣ ҳосил наму- дем, онҳо ба ҳар қадами ӯ бо диққат назорат карда, ҳамчунон бо ҷидду ҷаҳд мекӯшанд, ки ба чашми вай наафтанд. Ин бо- шад аз бисьёр чизҳо шаҳодат медиҳад.

— Масалан, аз чӣ?

— Хуш, фарз кардем аз он ки... Ҳелло! Дӯстам, чӣ вокеа рӯй дод?

Мо ба майдончаи болой баромада, бо сэр Генри Баскервиль рӯ ба рӯ шудем. Вай дар даст кафши кӯҳнаи чанголуд аз Fa- 336 суп-сурх тозон ба майдонча баромад. Аз ҷаҳл ҳатто за- бонаш намегашт ва оқибат, вақте ки гапаш аз даҳонаш баро- мад, ошкорр ба лаҳҷаи америкоӣ ran зад, ки мо пагоҳӣ дар тарзи гуфтораш инро пай набурда будем.

— Дар ин ҳотел маро аҳмақ гумон карда истодаанд-чӣ? — фарьёд зад сэр Генри.—Наметонам, ки маро хандахариш ку- нанд! Агар ин ландаҳур як пои кафшамро наёбад, ман ҷанҷол мебардорам! Мистер Холмс ман ҳам ҳазлу шӯхиро мебардорам, вале ин дафъа мазоҳчиёни ин- ҷо саҳл аз ҳадаш гузарониданд.

— Ҳозир ҳам кафши гумшудаатонро мекобед?

— Ҳа, кофта истодаам ва то наёбам, ором намешавам.

— Вале, ба фикрам шумо дар бораи кафши нави ҷигарранг ran зада будед?

— Бале, сэр. Аммй хозир кафши сиёҳай* ҳам гум шудааст.

— Чи тавр! Наход шумо онро пӯшиданӣ шуда...

— Худи худаш!' Ман ҳамааш шуда се ҷуфт пойафзол до- рам — наваш ҷигарранг, кӯҳиааш сиёҳ ва туфлии америкой, кл дар поям мебошад. Дина бегоҳӣ як пои кафши ҷигаррангам гум шуд, имрӯз сиёҳашро дуздиданд. Хӯш, ёфтед? Ҷавоб дихе.1] охир! Чаро чашматонро ало карда ба ман менигаред?

Немиси навбатчии роҳрав дар ҳолати ҳаяҷон дар майдончг пайдо шуд:

— Нест, сэр. Man ҳамаро пурсидам, хеҷ кас ҳеҷ чиз наме донад.

— Набошад, гуш куиед: то бегоҳ ё кафшамро кофта меёбе;

ё ба назди мудир рафта мегӯям, ки фавраи аз ин ҷо баромада меравам.

— Сэр, кафш ёфт мешавад... Қавл меднҳам, ки ёфт мёша- вад... Сэр, як дам сабр кунед.

— Дар хотир дошта бошед, ин марбтибаи охир. Ман дигар наметонам, кй дар ин дуздхонаи шумо чи^у чораи маро дуз- данд?.. Мистер Холмс, лутфан, бубахшед, ки бо ин гапҳои май- да-чуйда шуморо ташвиш медиҳам...

— Ин майда-чуйдаҳо кирои ташвиш мекунанд.

•— Шумо ба онҳо хеле ҷиддӣ аҳамият медиҳед!

. Шумо худатон инро чи тавр шарҳ медиҳед?

— Ман ҳатто шарҳ додан намехоҳам. То хол дар ҳаётам аз ин дида воқеаи бемаънӣ ва аҷибе ба ман рӯй надода буд.

— Аз ин дида аҷибтар? Бале, ин аз афташ ҳамин хел,— ан- дешамандона гуфт Холмё.

— Худи шумо дар ин бора чй мегӯед?

— Ман, рости ran, ҳанӯз ҳеҷ чиз намефаҳмам. Сэр Генри, воқеаи хеле печ дар пече. Агар инро бо марги амаки шумо ало- қаманд кунем,аз он панҷсад воқеаи ҷиддитарине, ки ман ас- рори онҳоро кушодаам, зоҳиран, ин аз ҳама мушкилтаринаҷ мешавад. Вале дар дасти ман нӯги ресмоне ҳаст, ки ҳатман бо- яд ба кори мо кушоиш биёрад. Сарриштаи асосиро монда, ба ресмони нодаркор часпида, вақтро бекора сарф карданамон мумкин, вале дер ё зуд сарриштаи даркориро меёбем.

Мо ҳангоми ношто нақтро хеле хуш гузаронидем ва ба масъалае, ки боиси ҷамъ омадани ҳар чори мо гардида буд, фа- қат дар зимни ran, дахл намудем. Пас аз ношто вакте ки мб ҳамаамон ба ҳуҷраи ӯ рафтем, Холмс аз нақшаи ояндаи Бас,- кервиль пурсид.

— Ман ба Баскервиль — холл меравам.

— Қай?

— Охири ҳафта.

— Қарори шуморо дуруст мешуморам,— гуфт Холмс.— Ман акнун ягон қадар шубҳа надорам, ки дар Лондон аз паси шу- мо поида гаштаанд. Вале дар чунин шаҳри калон муайян кар- дан душвор, ки онҳо ҷи хел одамонанд ва аз шумо чӣ муддао доранд. Агар онҳо ягон нияти бад дошта бошанд, шуморо ха- таре таҳдид мекунад, ки мо онро қуввати пешгирӣ кардан на- дорем... Духтур Мортимер, медонед ки пагоҳй, вақти аз хонан ман баромаданатон аз паси шумо мепоиданд?

Духтур Мортимер дар ҷояш як қад парид:

— Мепоиданд? Қӣ?

— Мутаассифона, ииашро гуфта наметавонам. Дар' байни хамсояхои шумо иа швносҳои Дартмур будагнатон ягон каси ришаш калони сиёҳ ҳаст?

— Не... воқеан, истед... Ҳа, албатта. Сарпешхизмати сэр Чарльз, Бэрримор, риши паҳни калони сиёҳ дорад.

. — Х.М1 Ӯ ҳозир дар куҷост?

•— Дар Баскервиль-холл. Ҳавлӣ дар ихтиёрӣ ӯ.

— Тафтиш кардан лознм, ки вай дар ҳақиқат дар Лондон набуда, дар он ҷост.

— Ин корро чӣ тавр кардан мумкин?

— Ба ман бланки телеграф диҳед. «Ба омадани сэр Генри тайёр ҳастед ё не?» Адрес: «Баскервиль-холл, ба мистер Бэрри- мор>. Телеграфи наздиктарини шумо дар куҷост? Дар Грим- пен? Бисьёр нағз! Телеграммаи дуюмро ба Гримпен ба номи сардори идора мёфиристем: жҲоҳишмандам телеграммаи ба **вомв** Бэрримор фиристодагиро бо дасти ҳуд супоред. Дар сура- ти набуданаш гашта ба ҳотели Норсамберленд ба сэр Генри Баскервиль фиристед». Гап ҳамин. То бегоҳ адефаҳмем, ки Бэр- римор дар Девоншир дар сари иҷрби вазифаи ҳуд ҳаст ё не.

— Бисьёр нағз,— гуфт Баскервиль.— Воқеан, духтур Мор- TtfMep, Бэрримор худаш чй хед.одам?

— Вай писари марҳум мудири хоҷагии мулк. Ин аллакай насли чоруми Бэрриморҳост, ки дар Баскервиль-холл зиндагӣ мекунад. Ба андозае, ки ман медонам, вай ва зани ӯ комилан одамони иззатманд мебошанд.

— Ба ҳар хол,— гуфт сэр Генри,— ба ман пурра равшан, қи холо Баскервиль-холл бесоҳиб аст, онҳо дар он ҷо .хурраму хандон зиндагӣ карда, парвои дуньё надоранд.

— Ҳа, дуруст. .

' — Аз рӯи васияти сэр Чарльз Бэрримор ягон чиэ гирифт ё не? — пурсид Холмс.

— Ҳам ба вай ҳам ба занаш панҷсад фунти васият шуда буд.

— Хм! Онҳо пешакӣ дар ин бора хабар доштанд?

— Ха. Сэр Чарльз дар сурати мурда мондан дар хусуси су- поришоти худ ran заданро нағз медид.

— Далели ғалатй..

— Умедворам, ки — гуфт духтур Мортимер,— аз ҳамаи ононе, ки .мувофиқи васияти сэр Чарльз насибае гирифта бо- шанд, гумонбар намешавед? Вай ба ман ҳам ҳазор фунт мон- да рафт.

— Ҳамту гӯед! Боз ба кӣ?

— Дар васиятноуа ба бисьёр шахс-эни алоҳида пули кам ва ба мққсади хайрот садақаҳои калон нишон дода шудаанд. Тамоми мерос ба сэр Генри гузашт.

— Он чи кадар пулро ташкил медиҳад!?

— Ҳафтсаду чил ҳазор фунт.

Холмс мутаҳайир абру чин кард. 1

— Ман гумон намекардам, ки дар хусуси чунин маблағи калон гаи меравад,— гуфт вай.

— Сэр Чарльз хамчун одами давлатманд ном бароварда буд,- вдле миқдори ҳақиқии молу давлати вай пас он ки мо бо коғазхои қиматбахои у шинос шудем, маълум.гардид. Миқдори умумии мерос ба миллион мерасад.

— Е тавба! Ҳақиқатан, барои чунин маблағи калон бозии пуртаҳлука сар кардан мумкин. Духтур Мортимер, боз як са- вол. Фарз кардем, ки рафту бо дӯсти чавони мо ягон воқеа рӯй дода монд... Тахмини начандон фораме, вале шумо маро бу- бахшед... Дар он сурат вориси мерос кӣ мешавад?

— Азбаски бародари хурдии сэр Чарльз сэр Роҷер зан на- гирифта мурд, Баскервиль-холл ба хешони дур — ба Десмондҳо мегузарад. Синиу соли Ӯеймс Десмонд аллакай-ба як ҷо раси- да, кашиш мебошад ва дар Вест-Морлепд зиндагӣ мекунад.

* Ташаккур. Ҳамаи ин тафсилот бағоят аҷиб мебошад. Шу- мо мистер Ӯеймс Десмондро ягон вақт дида будед?

— Ха, боре ба назди сэр Чарльз омада буд. Одаме, ки аз рӯяш нур меборад ва зиндагии беайбу нуқс ба сар мебарад. Дар хотир*дорам, ки сэр Чарльз ба таъминоташ кӯшиданӣ шуд, аммо харчанд ӯро розӣ карданӣ шуда бошад ҳам, Десмонд қатъиян рад кард.

— Ва чунин як одами хоксор меросхӯри тамоми молу дав« лати сэр Чарльз мешуд?

— Фақат мулк ба ихтиёри ӯ мегузашт, чунки он авлодӣ ме- бошад, пулро танҳо дар сӯрате гирифта метавонист, ки агар соҳиби ҳозирааш дигар хел амру наҳӣ накунад, ин комилан мумкин аст, зеро сэр Генри ихтиёр дорад бо мерос мувофиқи салохдиди худ амал кунад.

— Сэр Генри, шумо аллакай васиятнома навиштед?

ч— Не, мистер Холмс, ба ин вақтам набуд: охир фақаТ ди- рӯз аз вазъияти корхо бохабар шудам. Алалхусус ман чунин мешуморам, ки пулро аз мулк ва мақому мартаба ҷудо кардан лозим нест. Амаки бечораам ҳам айнан тарафдори чунин ақи- да буданд. Агар соҳиби Баскервиль-холл пул надошта бошад, магар шаъну шӯҳрати пештараи авлоди худро аз нав барқарор

карда метавонад? Не, ҳар ҷое ки хонаю замин бошад, пул ҳам дар ҳамон ҷо буданаш лозим.

— Комилан дуруст. Ба ҳамин тариқ, сэр Генри, ман ҳамчу- нин мешуморам, ки таъхир накарда ба Девоншир равед, вале ба як шарт: ба ҳеҷ вақҳ як худатонро ба он ҷо мондан лозим яест.

— Духтур Мортимер ҳамроҳи ман бармегардад.

— Қабули беморон вақти зиёди духтур Мортимерро меги- рад ва ӯ аз Баскервиль-холл якчанд миль дур зиндагӣ меку- над. Яе, духтур хоҳад ҳам, вале ба шумо ёрдам карда намета- вонад. Сэр Генри, шумо бояд одами содик, ҳамин гуна одамеро бо худ баред, ки ҳама вақт ҳамроҳатон бошад.

— Мистер Холмс, наход худатон ба рафтан розигӣ меди- хед'?

— Агар кор ба авҷи аълояш расад, ман илоҷе карда ба наз- датон меравам, вале шумо худатон медонед, ки амалиёти васеи ман, ва якзайл аз ҳар тараф маро талаб кардани мардум, ба ман имкон намедиҳад, ки ба муддати номуайян аз Лондон ба- ромада равам. Масалан, ҳозир яке аз иззатмандтарин шахсоми Лондон дар хукми шантажкунандае мебошад, ва ин фалокати меомадагиро фақат ман бартараф карда метавонам. Не, ба хеҷ вақҳ ба Дартмур рафтани ман лозим нест.

— Ба ҷои худ киро маслиҳат медиҳед?

Холмс дасташро ба китфи -ман гузошт:

— Агар дӯсти ман розӣ шавад, он гоҳ ана одаме, ки дар лаҳзаи душвор аз вай дилпур шудан мумкин, чи тавре ман ху- дам дар таҷриба ба ин боварӣ ҳосил намудам.

Ин таклиф барои ман мисли аҷали муаллақ буд, вале Бас- кервиль мунтазири ҷавоби ман нашуда, самимона дасти маро фишурд.

— Духтур Уотсон, ин аз тарафи шумо марҳамати зиёдест! — хитоб намуд вай.— Шумо дида истодаед, ки ман дар чн аҳвол мебошам, вазъияти кор бошад, аз ман дида ба шумо нағзтар маълум. Агар шумо ба Баскервиль-холл рафта, ҳамроҳи ман зиндагӣ кунед, ман инро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам.

Моҷаро барои ман ҳамеша дар худ ким-чи гуна дилрабоии махсус иихон дорад, суханони Холмс ва чаққоние, ки дархол баронет ба таклифи вай ҷавоб дод, бағоят ба ман писанд омад.

— Ман бо дилу ҷон ба Баскервиль-холл меравам,— ҷавоб додам ман,— ва аз талаф шудани вйқтам афсӯс намехӯрам.

— Шумо ҳар замон барои ман ҳисоботи муфассал мефирис- тед,— гуфт Холмс.— Дар лаҳзаи аз ҳама танг — он ҳатман фа-

ро мерасад —ман ба амалиёти шумо роҳбарӣ мекуиам. Ба фик-1 рам,- сафарро рӯзи шанбе таъин кардан мумкин.

— Духтур Уотсон, ин ба шумо маъқул?

— Албатта.

— Пас, агар ба дигар рӯз мононда нашавад, мо рӯзи шан', бе бо поезд соати даҳу сӣ аз вокзали Паддингтон ба ррҳ, ме-1 бароем.

Мо бархоста, дар тараддуди хайру хуш кардан будем, ки нохост Баскервиль фарьёд зад ва бо қиёфаи пуртантана аз зе- ри ҷевони дар кунҷи хона будагӣ кафши ҷигаррангро кашида баровард.

— Ана кафши гумшудаи ман!

— Илоҳи муаммоҳои дигар ҳамчунин бо осонӣ ҳал карда шаванд! — гуфт Шерлок Холмс.

— Вале ба ҳар ҳол ин хеле аҷиб,— гуфт духтур Морти- мер.— Ман пеш аз ношто тамоми ҳучраро кофта баромада бу- дам.

— Ман. ҳам,—гуфт Баскервиль—Ҳама кунҷу канори хона- ро дида баромада будам. Кафш дар ҳеҷ ҷо набуд.

— Пас, вақти ношто карданамон навбатчӣ онро ба таки диван гузошта аст.

Немисро яеғ занонда овардем, аммо вай ҳеҷ чиз чавоб дода наметавонист, пурсучӯи минбаъда ҳам натиҷае надод. Ба ҳа- мин тариқ ба ин қатори муаммоҳои зуд якдигарро ивазкунан- да ва ошкоро бемаънӣ боз як муаммои дигар илова шуд. Ба ғайр аз марги фоҷиавии сэр Чарльз, дар пеши назари мо сил- силаи вокеаҳои тамоман номафхуме қатор шуданд, ки фақат дар зарфи ду рӯз рӯй дода буданд; мактуби аз буридаҳои га- зета тартиб дода шуда, марди ношиноси ришкалони кэбсавор, аввал гум шудани кафши нави ҷигарранг, баъд гум шудани кафши сиёхи кӯхна ва акнун ёфт шудани кафши ҷигарранг.

Холмс дар роҳи-Бейкер-стрит дар кэб хомӯш менишаст, аз чини абрувон ва нигоҳи ҷиддиаш дида мешуд, ки кӯшиш до- рад ман барин тамоми ин далелҳои ачиб ва, гӯё ба ҳамдигар алоқаманд набудагиро ба тартиби ягона биёрад. Боқимондаи рӯз ва он бегоҳро ӯ дар кабинеташ дар байни тӯдаи ғафси ду- ди тамоку ғарқи фикру хаёл гузаронид.

Пеш аз таоми пешин ба мо ду телепрамма оварда доданд, Дар телеграммаи якум гуфта шуда буд:

«Нав хабар доданд Бэрримор дар хонаи Баскервильж.

Дар дуюмаш гуфта мешуд:

«Бисту се меҳмонхонаро давр задам мутаассифона саҳифаи буридаи «Таймс»-ро наёфтам. Қартрайт».

— Уотсон, ана дарҳол ду ришта канда шуд. Дар сурате ки гӯё ҳама бд муқобили ту забон як кардаанд, беҳтар аз ин коре нест. Ана хамон вақт ба ҷӯш меоӣ... Хайр чӣ, бо изи. дигар мера- вем? -■

— Барои эҳтиёт ҳоло дар ихтиёратон ҳамон кэбчие ҳаст, ки марди ношиносро савор карда бурда буд.

— Комилан гапатон дуруст. Ман фамилия ва адреси ӯро аз Идораи қайдкунӣ пурсидам ва агар ҳозир ба саволам ҷавоб гирем,.дар ҳайрат наемонам.

Ҷирингоси занг аз он башорат дод, ки ҳатто аз ҳамагуна тахмини Холмс гузаронд, зеро дар остони кабинет марди чор- паҳлӯе пайдо шуд, ки аз афташ, худи кэбчӣ буд.

— Дар идора ба ман гуфтанд, ки сокинони ҳамин адрес ра- қами духазору ҳафтсаду чорро сурор кардаанд,— ба ган сар кард вай.— Соли ҳафтум аст, ки ман кэб ҳай мекунам ва то хол ягон маротиба шикоят нашунидаам. Фикр кардам, ки ху- дам равам ва хар гуноҳ карда бошам, дар рӯям гӯянд.

— Ҷони ширин, шумо ҳеҷ гуноҳ надоред,— гуфт Холмс.— Баръакс, ба саволи ман рӯйрост ҷавоб диҳед, ба-шумо ним со- верен медиҳам.

— Одам дар кучо бурДу дар кучо бохташро намедонад,— лабханд кард кэбчӣ.— Сэр, чӣ мехоҳед?

—Пеш аз ҳама фамилия ва адресатонро ба ман гӯед, ки дар сурати даркор шудан овора шуда нагардам.

— Ҷон Клейтон, дар Бороу,.Тарпи-стрит, рақами се зинда- гӣ мекунам. Қэб дар Шипли-Ярд, дар наздики вокзали Ватер- лоо истодааст.

Шерлок Холмс ҳамаи ипҳоро навишта гирифт.

— Клейтон, акнун дар бораи аробанишинатон, ки соати да- хи пагоҳӣ ба бинои ин хона муоина менамуд, баъд аз паи ду ҷентльмен афтода онҳоро то Ричент-стрит гусел кард, ба ман накл кунед.

Кэбчи бо тааҷҷуб ба Холмс чашм дӯхт ва зоҳиран, каме ҳа- росид.

— Ба шумо чӣ гӯям, дар сурате ки худи шумо аз ҳамааш аз ман камтар воқиф нестед?! — ҷаваб дод вай.—Аробанишини ман гуфт, ки вай хуфия аст ва таъкид кард, ки дар ин бора ба ҳеҷ кас ган назанам.

— Ҷони ширин, гӯям ки ган дар.бораи як масъалаи ҷиддӣ меравад ва агар шумо ягон чизро аз ман руст кунед, ба рӯзи

хеле бад гирифтор хоҳед шуд. Пас; вай худро хуфия номид?

— Бале сэр.

•— Кай дар ин бора ба шумо гуфт?

— Вақти пул доданаш.

•— Боз ягон чиз гуфт?

— Фамилияашро гуфт.

Холмс фотеҳона ба ман назар андохт.

— Фамилиашро? Аз тарафи вай ин хеле беэҳтиётй-ку! Хӯш, номаш чӣ будааст?

— Номаш,— гуфт кэбчй,— мистер Шерлок Холмс.

Ҷавоби кэбчй дӯсти маро тамоман маҳву мот кард. Ман ҳеҷ гоҳ дар умрам ӯро дар чунин ҳоли пуртааҷҷуб надида будам. Тахмин ду дақиқа чизе гуфта натавонист, баъд қаҳқос зада хандид.

— Уотсон, ин зарба-ку! Зарбаи бехато! — гуфт вай.— Шам- шери дудама дар дасти рақибе, ки на дар чобукӣ аз ман мон- данӣ дорад, на дар дақиқй. Вай ин дафъа маро моҳирона фи* реб дод. Пас, номи вай, Шерлок Холмс, а?

— Бале, сэр, вай худаш ҳамин тавр гуфт.

— Бисьёр хуб! Акнун ба ман гӯед, ки он шахсро дар кучо савор кардед ва баъд чӣ шуд?

— Вай соати нӯҳу ним дар Трафальгар-сквер маро. ҷеғ зад. Ғуфт: «Ман хуфия» ва агар фармони вайро як ба як ичро кар- да ягон савол надиҳам, ба ман ду гиней медиҳад. Худатон ме- донед, ки аз чунин пул рӯ намегардонацд. Ман ӯро ба ҳотели «Норсамберленд» бурдам ва дар он ҷо йстодам. Баъд аз он ҷо ду ҷентльмен баромад, аз биржа кэб ҷеғ заданд ва ба ин та- раф ба кӯчаи шумо ба ким-куҷо омаданд.

— Ана ба назди ҳамин хона,— гуфт Холмс.

— Шояд. Инро аз аробанишини ман пурсидан лозим, вай нағз медонад. Вай ба ман фармуд, ки тахмин дар миёнҷои квартал истам ва мо дар он ҷо боз якуним соат истодем. Баъд хамон ду ҷентльмен аз паҳлӯи мо гузаштагнд ва мо.аз паси он- ҳо ба Бейкер-стрит равон шуда, баргаштем ба...

•— Инашро ман медонам,— гуфт Холмс.

— Ҳамин ки мо ба Ричент-стрит баромадем, вай тирезачаи болоиро бардошта, фарьёд зад: «Ба вокзали Ватерлоо ҳай ку- нед! ман модиёнамро қамчин задам» ва пас аз дах дақиқа ба чои ӯ гуфтагй рафта расидем. Дар он ҷо вай ба ман ду гиней дод — фиреб накард! — ва ба тарафи вокзал рафт. Охирин бор баргашта гуфт: <Аз афташ, мехоҳед фаҳмед, ки киро савор лсар*

да гаштед? Шерлок Холмсро». Тамоми воқеа ҳамин хел шуда буд.

— Ҳа, мефаҳмам. Шумо дигар ӯро надидед?

— Не.дигар надидам.

. —- Ҳоло қиёфаи он мистер Шерлок Холмсро ба ман тасвир намоед.

Кэбчӣ пушти сарашро хорид:

— Ин чандон кори осрн не. Синнаш тахмин ба таки чил ра- сидагӣ, миёнақад, ягон ду дюм аз шумо паст, сэр. Сару либо- саш озода, ришаш сиёҳи паҳн, ранги рӯяш заҳир. Дигар ҳеҷ чиз гуфта наметавонам.

— Ранги чашмаш чӣ хел?

— Аҳамияти надодам...

— Дигар ҳеҷ чиз дар хотиратон нест?

— Ҳеҷ чиз, сэр.

— Бисьёр хуб. Ана ним соверен ҳақатон. Агар дар бораи ин одам боз ягон чиз фаҳмед, нисфи дигарашро мегиред. Шод бо- шед.

■=— Садомат бошед, сэр. Ташаккур.

Ҷон Қлейтон хандакунон аз дар баромад. Холмс бошад, китф дарҳам кашид ва маъюсона табассум карда, ба тарафи ман баргашт.

— Риштаи сеюм ҳам тоб наовард,— гуфт вай.— Лутфан ак- нун аз нав сар кунед. Доғулии ҳилагаре! Рақами хонаи маро дониста, мефаҳмад, ки сэр Генри Баскервиль барои маслиҳат ба ин ҷо омадааст, баъд маро дар Ричент-стрит дида, пай ме- барад, ки рақами кэб ба зери назорат гирифта шудааст ва кэб- чиро кофта меёбанд, аз ин рӯ маро масхара карданӣ шудааст. Уотсон, ҳоло суханони маро ба хотир меоред, ин дафъа мо бо рақиби арзандае сару кор дорем. Ман дар Лондон шикаст хӯр- дам. Умед мекунем, ки шумо дар Девоншир бурд мекунед. Ба ҳар ҳол ин моро хеле бесаранҷом менамояд.

Чӣ?

— Сафари шумо. Уотсон, воқеа хеле воқеаи нохуш. Ҳам но- хуш ҳам хатарнок; Ҳар қадар ки дар ин бора бештар фикр мекунам, ҳамон қадар камтар ба дилам писанд меояд. Ханда кунед, дӯстам, ханда кунед, вале агар шумо соқу саломат ба Бейкер-стрит баргардед, ман хеле шод мешавам.

Боби VI

БАСКЕРВИЛЛЬ-ХОЛЛ

Сэр Генрй Баскервиль ва духтур Мортимер то рӯзи таъин шуда ҳама кору бори худро анҷом дода ва чи тавре ки қарор дода шуда буд, мо ба Девоншир раҳсипор гардидем. Мистер Шерлок Холмс маро ба вокзал гусел карда, тамоми роҳ ба ман насиҳат ва маслиҳат дод.

— Уотсон, аз кй гумонбар ва чи гуна фарзу тахмин дош- танамро ба шумо намегӯям, то ки дар шумо пешакй фикре ҳо- сил нашавад,^ гуфт вай.— Ба ман далелҳое лозим, ки ба тав- ри муфассал баён карда шуда бошанд, муқоисаи онҳо бошад ба тани худам.

— Ба шумо чй лозим? — пурсидам ман.

— Ҳама он чи ки бавосита ва бевосита ба ин воқеа дахл дорад, хусусан муносибати байни Баскервили ҷавон ва ҳамсоя- хои ӯ, ва агар дар хусуси марги сэр Чарльз ягон чизи нав фаҳ- мида монед, дар он сурат онро ҳам кайд карда гиред. Рӯзхои охир ман баъзе маълумотҳо ҷамъ кардам, вале мутаассифона, натиҷаашон чандон таърифзеб не. Ман фақат як чизро муайян карда тавонистам: меросхӯри наздиктарин, мистер Ҷеймс Дес- монд, ҳақиқатан-одами нағзи синну солаш ба як ҷо расидае мебошад, бинобар ҳамин ин дасисаи ӯ нест. Ба фикрам *ыо* минбаъд бо дили пур бо вай машғул нашавем ҳам мешавад. Пас, фақат онҳое мемрнанд, ки бевосита сэр Генри Баскервиль- ро иҳота мекунанд.

'

— Аз зану шӯй Бэрриморҳо дарҳол канорачӯй кунам нағз не-мӣ?

— Ба ҳеҷ ваҷҳ! Аз ин дида хатоии калоне содир кардан душвортар аст. Агар онҳо' гунаҳкор набошанд, ия беадолатии бераҳмонае дйр хаққи онҳост, агар гунаҳкор бошанд, дар он сурат баъд онҳоро кофта ёфтан душвор. Не, не! Бигузор ҳамон тавр зери шубҳа мондан гиранд. Баъд, агар хато накунам, дар он ҷо саис, ду чорводор, дӯсти мо духтур Мортимер ҳаст, ки аз афташ, одами бағоят пок мебошад ва занаш. ҳам ҳаст, ки мо дар бораи вай ҳеҷ чиз намедонем. Натуралист Стэплтон ва хоҳарашро ҳам фаромӯш накунед — аз рӯи гуфти мардум хо- ҳараш зани хеле дилрабоест. Сони мистер Френкленди лефтер- холлй ҳаст, ки шахсияташ номаълум ва боз ду-се ҳамсояи ди- гар. Аяа он одамоне, ки бояд дар зери назорати шумо бошанд.

— Кӯшиш мекунам, ки шарманда нашавам.

— Яроқ гирифтед?

— Ҳа, ба фикрам, иц зарар намекунад.

— Бешубҳа. Таппончаро шабу рӯз бо худ гирифта гардед ва хушьёриро як сония ҳам аз даст надиҳед.

Дӯстони мо аллакай ба поезд билети дараҷаи якум харида, маро дар платформа нигарон шуда меистоданд.

— Не, ҳеч навигарӣ нест,— ба саволи дӯсти ман ҷавоб до- да гуфт духтур Мортимер.— Фақат қасам ҳӯрда метавонам, ки ду рӯзи охир аз паси мо хеҷ кас намепоид. Мо ҳамеша инро дар ёд доштем ва аз чашми мо ҳеҷ кас хато намехӯрд.

— Умедворам, ин рӯзҳо шумо аз ҳамдигар ҷудо нашуда бу- дед?-

— Ҳа, ба ғайр аз дирӯз. Расми ман ҳамин — ба шаҳр ки омадам, як рӯзро пурра ба тамошо сарф мекунам ва дирӯз дар музеи коллеҷи ҷарроҳӣ будам.

— Ман барои тамошои одамон ба боғ рафтам,— гуфт Бас- кервйль.—Ҳамааш ба хайр гузашт.

— Ба ҳар ҳол ин аз тарафи шумо беақлӣ буд,— абру чин карда гуфт Холмс ва сар ҷунбонд.— Сэр Генри, хоҳишмандам бе ҳамроҳ берун набароед, набошад ба ягон фалокат дучор мешавед. Пои дуюми кафшатонро ёфтед?

—• Не, сэр, он бе ному нишон ғоиб шуд.

— Наход? Аҷиб! Хайр, сафар ба хайр,— вақте ки поезд ба роҳ даромад илова кард вай,— Сэр Генри! Панди ривояти аҷибро, ки духтур Мортимер ба мо хонда буд, дар хотир дошта бошед ва дар сурате, ки қуввахои аҳриманӣ беанбоз ҳукмронӣ мекунанд, шабона ба ботлоқзор набароед.

Мо бо суръат роҳ мепаймудем ва ман худро хеле нағз ҳис мекардам. Ман ба ҳамроҳонам зеҳн монда, спаниелии духтур Мортиадерро тамошо мекардам. Пас аз ду-се соат замини кано- ри роҳи оҳан тобиши хокистарранги худро ба сурх иваз кард, ҷои ғиштро санги хоро гирифт ва алафзорони бошукӯҳи атро- фашон **ҷир** гирифташудае, ки дар онҳо модаговҳои сурх алафи тару тоза канда мехӯранд, аз он шаҳодат медоданд, ки иқли- ми ин ҷойҳо, бовуҷуди нам будани ҳаво.- аз шарқ дида хеле беҳтар мебошад.

Баскервили ҷавон аз тиреза дур намерафт ва баробари ди- дани манзараҳои қадрдони Девоншир хурсандона фарьёд ме- зад.

— Духтур Уотсон, аз бози аз ин ҷо рафтанам, дар куҷоҳое ки набудам1 — гуфт вай.— Ва ба ҳар ҳол ин ҷойҳоро ба ягон ҷои дигар муқоиса кардан мумкин нест,

•— Девоншириеро, ба мо нишон диҳед, ки аз Девонширн худ наболад.

— Гап танҳо дар сари худи Девоншир не, балки дар сари одамонаш,—гуфт духтур Мортимер.— Ба косахонаи -кулӯлаи дӯсти мо як назар афкандан кифоя аст, ки мо дар он намоян- даи ирқи кельт[1] будани вай ва ба шавқу сурур моил будану ба эҳсоси баланд майл доштани ӯро мӯайян кунем. Сохти ко- сахонаи сари марҳум сэр Чарльз тамомаи нодир — ним галлӣ, ним иберӣ буд. Сэр Генри, охир, зоҳиран, шумо аз бачагӣ Бас- кервиль — холлро надидаед?

— Ман онро ҳеҷ гоҳ надидаам, чунки мо дар' соҳили ҷану- бй дар котеҷи хурдакаке виндагӣ мекардем. Вақти падарам мурдан ман дувоздаҳро пур карда ба сездаҳ қадам монда бу- дам ва дарҳол ба назди дӯстонамон ба Америка рафтам. Ин ҷойҳо чи тавре, ки барои духтур Уотсон нав бошанд, барои ман низ қариб наванд ва хеле мехоҳам, ки ҳар чи зудтар ботлоқзо- ри торфдорро бинам.

— Наход! Дар он сурат орзуи шумо иҷро шуд — метавонед тамошо кунед,-*ба тиреза нишоя дода гуфт духтур Мортимер.

Дур аз майдонҳои чоркунҷаи сабзи чарогохдо ва рахи қаҷу- килеби ноҳамвори беша, ҳамчун рӯъёи ачоибу ғароиби афсона- вӣ, ки ба хоби кас медарояд, теппаи хокистарранги маъюс- овар бо қуллаи дандонадор намоён гардид. Баскервиль чашм наканда ба он тараф нигоҳ мекард ва ин нигоҳҳои ҳарисона аз он шаҳодат медоданд, ки шиносоии аввалин бо ин кишвари иклимаш сахт, ки одамони ирсан ба ӯ наздик дар ин ҷо дуру дароз ҳукмфармой карда, пас аз худ чунин осори амиқ гузош- таанд, чи гуна аҳамият дорад. Ҷавонмард бо сару либоси вар- зишгарон дар вагони оддӣ дар паҳлӯи ман нишаста, бо лаҳчаи америкоӣ бо ман ғап мезад ва ҳар чи бошад ба чеҳраи ган- думгуни пуртаъсири вай нигариста, дар шахси ӯ насли боғай- рати он одамони саркаш ва раёсатталабро ҳис мекардам. Аб- рувони ғафс, патҳои тунуки бинӣ ва чашмрни калони гӯспан- диаш аз ғурур, шуҷоат ва тавоной шаҳодат медоданд. Агар бот- лоқзорони торфии беилтифот моро бо вазифаи мушкил ва ха- тарнок рӯ ба рӯ карда монад, он гох барои чунин одам ба бисьер корҳо иқдом кардан мумкин, зеро вай ба дафъи ҳар хавфу хатар бо ту далерона шарик мешавад.

Поезд дар стаицияи хурдакаки дурдасте истод ва мо аз Baron фуромадем. Дар паси девори пастаки сафед фойтуне ме-

[1] *Кельтҳо* — халқе, ки дар замонҳои қадим дар Англияи Ҷанубн сокин шуда буданд.

истод, ки ба он ду аспи қадпасти боқувват баста шуда буд. Зоҳиран, омадани мо дар ин ҷо воқеаи калопе буд, зеро худи сардори станция ва ҳамолон— ҳамаашон баробар моро иҳота намуда, борамонро аз дастамон гирифтанӣ мешуданд. Ин ма- хали дилрабои қишлоқие буд, вале мутаассифона дар даромад- гохи платформа ду солдатеро дидам, ки дар тан мундири сиёҳ доштанд ва ба қарабинҳо-такья карда, аз мо чашм намекан- данд. .Фойтунчӣ, йигити даванги тарҳи рӯяш қупал, кулоҳро аэ сар гирифта, ба сэр Генри Баскервиль салом дод **ва** пас аз як- чанд дақиқа фойтун бо роҳи васеи сафед пеш тохт. Аз ҳарду канори роҳ ёлаҳои сабзи чарогоҳдо боло қад мекашиданд, хо- начаҳо бо бомҳои нӯгтез аз паси шоху барги анбӯҳи дарахтон зуд-зуд намоён мешуданд, вале дар пеш, берун аз ҳудуди ин манзараи ором ва аз нури офтоб фурузон, дар уфуқи осмони бегоҳирӯзӣ хати тиран ботлоқзорон намудор буд, ки қуллаҳои тези теппаҳои шумхабар чо-ҷо онро мебурид.

Фойтуни мо ба роҳи пақлӯи тоб хӯрда, мо бо изи чукур, кж садҳо сол муқаддам аз байни хоктеппаҳои баланд кушода шу- да буд ва дар болаи ин хоктеппаҳо чилбуғуми гӯштдор ва уш- наи тар мерӯид, боло баромадан гирифтем. Папоротники то бишаш *биринчӣ ва баргони мармиҷон дар шуоҳои офтоби фу- рӯ рафта истода медурахшиданд. Мо роҳро давом дода аз кӯп- руки сангии танге гузаштем, ки аз болои дарьёчай пуртуғьёни кӯҳи кашида шуда, оби он аз байни харсангҳо босуръат ҷорӣ буда, кафки худро ба онҳо мепошид. Ҳам роҳ, хам дарьёча аа водие, ки бо анбуҳи дарахтони булут ва санавбар пӯшида шу« да буд, печутоб хӯрда мерафт.

Баскервиль дар ҳар тсамгашт бо шавқ фарьёд мезад, кунд* ковона ба гирду атроф назар меандохт ва моро саволборон ме- кард. Дар ин ҷо хама чиз дар чашми вай зебо менамуд, вала ман худро аз банди эҳсоси маъюсй, ки ин чарогоҳҳо ва суфа- кӯҳҳо ба дилам ҷо карда, аз расидани тирамоҳ хабар медоданд, раҳо карда наметавонистам. Баргҳои зард аз шохи дарахтон каида парвозкунон ба замин меафтиданд ва мтгсли гилем рӯи пайраҳаҳоро мепӯшиданд, чархи фойтуни мо ба қабати ғафси алафи пӯсидаистода фурӯ рафта, садои тақар-туқури он оҳис* та-оҳиста хомӯш гардид. «Табиат ба зери паи соҳиби нави Бас» кервиль-холл ҳа^ьяи ғамангез мепошад!* — фикр кардам ман.

— Нигоҳ кунед! — нохост фарьёд зуд духтур Мортимер.— Ин чист?

Дар рӯ ба рӯи мо суфакӯхи ростбаромадае қад кашида, бо бутТаҳои алафи вереск пӯшида шуда буд. Вереск аввалин гиё^

хе буд, ки аз наздик будани ботлокҳои торфӣ гувоҳӣ медод. Дар'қуллаи йн суфакӯҳ саворе баръало намоён буд: вай мили милтиқро пеш нигаронида, муҷассямаи асперо мемонист, ки бар болои поя меистад. Вай ба роҳе, ки мо мерафтем, муоина мекард.

— Перкинс, ин чи ran? — пурсид духтур Мортимер.

Фойтунчии мо дар рӯи кузла гашта ба ақиб нигоҳ кард:

— Сэр, аз ҳабсхонаи Пристаун маҳбусе гурехта аст. РӯзЪ сеюм аст, ки ӯро кафта мегарданд. Дар ҳама роҳҳо, дар ҳама станцияҳо посбон гузоштаанд, аммо то ҳол ҳеҷ нафъ набахши- дааст. Сэр, мардуми ин чо аз ин хеле норозӣ мебошанд.

— Барои чӣ? Охир касе, ки изи ӯро нишон диҳад', панҷ фунт мегирад.

— Сэр, ин-ку, ҳамин тавр, лекин ба панҷ фунт умед кам, аммо кордро ба гулӯи ту давониданаш ин яқин. Ин хел адам аз ҳеҷ чиз рӯй намегардонад, ин хасдузд не.

— Набошад кист?

— Селдене, ки дар Ноттингхилл одам кушта аст.

Ман одамкушии Селденро нағз дар хотир доштам, чунки дар вақташ ба ин кор Шерлок Холмс машғул шуда буд. Берах- мона кушта шудани одам, аломати вахшиёнати бемақсад та- моми амалиёти ин бадкирдорро таъкид мекард. Ҷиноят ба ан- дозае даҳшатнок буд, ки раисони суд ба солим будани акли Селден шубҳа карда, хукми кушро ба ҳабс иваз карданд.

Фойтун ба болои суфакӯҳ баромад ва дар пеши назари мо фазоҳои бепоёни ботлоқзорони торфдор намоён гардид, -ки дар онҳо аз шикастапораҳои шахҳо гоҳ ҷо — гоҳ ҷо долменҳо[1] ва сутунҳои сангӣ дида мешуданд. Шамоли хунуке, ки аз он та- раф мевазид, ба Мағзи устухони мо кора мекард. Дар он чо, дар сатҳи маъюсовари ин ботлоқзор иблис дар сурати одам, мисли даррандаи ваҳшӣ дар лонаи худ дароз кашида дам ме- гирифт ва дар дил нисбат ба одамон, ки ӯро аз ҷамъияти худ ронда буданд, хисси нафрат мепарварид. Барои дучанд карда- ни он маъюсие, ки дар ин биёбони бедолу дарахти дар рӯ ба рӯямон доман паҳн карда, дар шамоли сахт ва осмони торнк шуда истода, пинҳон шуда буд,.фақат ҳамин кам буд. Ҳатто Баскервиль хомӯш гардида, бари палтояшро зич пӯшид.

Мавзеъҳои ҳосилхез дар қафо ва аз мо поён монданд. Мо гашта ба акиб нигаристем — шуоҳои офтоби ғуруб карда исто- да ҷӯйчаҳои пуробро ба лентаҳои тиллой табдил дода,'дар рӯи замини шудгор ва анбӯҳи буттахо оташ барин фурӯзон буданд.

---

[1] *Долменҳо* — **сангҳои дағал тарошидашудаи қадима.** •

Рох, ки **аз** кӯталҳои сурхчаи зайтунранг ва бо харсангҳои азим пӯшида шуда гузашта мерафт, то рафт беназорат ва дағал ме- шуд. Ҳар сари чанд вақт аз пеши роҳи мо котеҷҳо мебарома- данд. Атрофи онҳо бо санг девор гирифта шуда, ҳатто тархи безеби онҳоро ушна оро намедод. Баъд дар пеши назари мо водие намоён гардид; он ба косаи чукуре монанд буда, бо да- рахтони пажмурдаи тӯсу санавбар пӯшида шуда буд ва шамол аз қадимулайём дар ин ҷо талотум карда, онҳоро пиҷиррос мезанонд ва яқтарафа хам карда буд. Бар болои дарахтон ду манораи баланди борик қад афрошта буданд. Фойтунчии мо бо қамчин ба онҳо нишон дод.

— Баскервиль-холл,— гуфт вай.

“ Соҳиби мулк дар рӯи фойтун рост хест — гунахояш гулгун гашта, дар чашмонаш оташ дурахйГид. Мо пас аз якчанд да- киқа ба дарвозаи чӯянии сернақшунигори ду сутунаш ушна зер карда наздик шудем; ба болои ҳарду сутун муҷассамаи ка- лаи хук — герби Баскервилҳо шинонда шуда буд. Хоначаи ғиш- тинӣ дарбон кӯҳнаи болорҳояш луч буд, аммр дар назди он би- нои нави сохтмонаш ҳанӯз ба охир нарасида — аввалин сама- раи тиллои аз Африкаи, ҷанубӣ овардашудаи сэр Чарльз ме- истод.

Аз дарвоза дарун ду қатор дарахтонн пири баланд дида ме- шуд: шоҳдҳои онҳо мисли гунбази тира болои сари моро пӯши- да буданд. Хишир-хишири барги дарахтон аз нав садои такар- тукури чархҳои фойтунро зер кард. Баскервиль ба фазои кӯча- боғи дарози тира, ки дар охири он тарҳи шабаҳмонанди бинои хона намоён буд, назар андохта, як қад парид.

— Воқеа дар ҳамин ҷо рӯй дода буд? — оҳиста пурсид вай« — Не, не, дар кӯчабоғи дарахтони тисса, он дар тарафи ди- гар воқеъ гардидааст.

Меросхӯри ҷавон туршрӯёна ба гирду атроф назар афканд.

— Ман ягон қадар тааҷҷуб намекунам, ки амакам дар ин ҷо зиндагӣ карда истода, ҳамеша ким-чи гуна фалокатро ни- гарон будааст,— гуфт вайх— Касе ки ндбошад ӯро дар ин ҷо во- ҳима зер мекунад. Сабр кунед, ним сол нагузашта, ман ба ин ҷо электрик меорам вр шумо ин ҷойҳоро дида намешиносед! Дар назди дари даромад фонусҳои Эдисон ва Сван[1] ҳар кадо- маш ҳазор шамъй дар гирифта меистанд.

---

[1] *Эдисон Томас* — ихтироъкори машхури америкой. Асосан бо он маш- хур аст, ки тафсониши лампочкаи электрикиро таҷхиз намуда ва фонограф- ро ихтироъ кардааст. Сван —яке аз ихтироъкунандагони лампочкаи электри- **кӣ.**

Аз кӯчабоғ он тараф алафзор сар мешуд ва мо аз атрофи он давр зада, ба бинои хона наздик шудем. Дар фаромади шом, ман фақат тарафи азими пеши иморат ва айвонро дида тавонистам. Растании печак ҳама ҷоро печонида гирифта, фақат тоқчаи пеши тирезаҳо ва шакли байзагини гербхо кушода бу- данд. Дар ин қисми иморат ду манораи қадимаи дандонадор бо тиркашҳояш қад афрошта буд. Аз росту чап ба онҳо аз хоро- санги сиёҳ ду қанот мепайваст, ки онҳо ҳамчун иморатхои иловагӣ дертар сохта шуда буданд. Аз тирезаҳои бешумори панчарадор ба алафзор равшании хира паҳн мешуд ва бар бо- лои боми рост баромадаи нӯгтези дудкашҳояш баланд сутуни дуди сиёҳ ба осмон мепечид.

— Сэр Генри, ҳуш омадед! Баскервиль-холл пешкаши шу- мо!

Аз сояи пешайвон шахси баландқомате пеш баромад ва да- ри фойтунро кушод. Аз дари аз нури чироғ равшани холл тар- хи зане намоён гардид. Вай ҳам ба мо наздик омада, барои фуровардани ҷомадонҳои мо ба мард ёрдам кард.

— Сэр Генри, агар ман рост хона равам, шумо не намегӯ-' ед? — гуфт духтур Мортимер.— Занам маро мунтазир.

— Истед, бо мо таом хӯред!

— Не, рости ғап, наметавонам. Эҳтимол, корам ҳам бисьёр ҷдмъ шуда мондд бошад. Ман бо камоли мамнуният хонаро ба шумо нишон медодам, вале Бэрримоо ин корро беҳтар аз ман анҷом медиҳад, зеро вай роҳбалади хубе мебошад. Ҳуш бошед! Ва аз хотир набароред, ки ҳар гоҳ хоҳ рӯз бошад хоҳ шаб, агар лозим шуда монам, шарм накарда барои оварданам одам фиристед.

Такар-туқури чархи фойтун оҳиста-оҳиста дар дурии кӯча- боғ хомӯш гардид; дари калон тақаррос зада аз паси мо пӯши- да шуд.

Холле, ки мо ба он ҷо даромадем, хеле зебо — васеъ, сақ- фаш .баланд, болорҳояш ғафси аз-чӯби дарахти қарағай буда, бо мурури замон тира шуда буданд. Дар камини қадимаи пан« ҷарааш чӯян ғулаҳои чор бӯлак чарс-чарс ва фишшас зада ме« сӯхтанд. Мо ҳамроҳи сэр Генри, ки пас аз роҳи дуру дароз ху- нук хӯрда будем, дастонамонро ба тарафи оташ дароз кардем. Баъд рӯйбасти булутии деворҳои холл, тирезаи тангу баланди шишаҳояш ранга, сарҳои гавазн ва гербҳои танаи деворхо, қан- дили дар равшании хира базӯр намоёнро аз назар гузаронидем.

— Ман хамаи инро маҳз ҳамин тавр тасаввур менамудам,— гуфт сэр Генри.— Лонаи ҳақиқии авлодӣ, ҳамту не? Мулоҳиза

фармоед—охир аҷдодони ман дар худи ҳамин хона муддати* панҷ аср зиндагӣ кардаанд! Баробари дар ин хусус фикр кар- дан, беихтиёр туро тантана фаро мегирад.

Чеҳраи гандумгуни вай мисли чеҳраи бачагон аз шодӣ суп- сурх шуда буд. Вай дар доираи равшание, ки аз қандил меаф- тид, рост меистод, сояҳои дароз бошанд дар таГнаи деворҳо ме- хобиданд ва мисли пардаи сиёҳ бар болои вай анбӯҳ мешуданд.

Бэрримор ҷомадонҳои моро ба хонаҳо дароварда монд ва баргашта, чи тавре ки ба хизматгори нағз таълймдида лозим аст, аз рӯи эҳтиром дар назди мо сари таъзим фуруд овард. Зо- ҳиран вай ғайриоддӣ қоматбаланд, босалабат буда, риши пахни сиёҳаш чеҳраи рангпаридаи нуронии ӯро назаррабо мекард.

— Таом биёрам,сэр?

— Таоматон тайёр?

— Пас аз якчанд дақиқа тайёр мешавад, сэр! Дар хонаҳоя- тон оби гарм ҳаст. Сэр Генри ману занам хушбахт мебудем, ки рӯзҳои аввал ин ҷо бошем, вале охир дар давраи тартиботи нав ба шумо штатггкалон лозим шуда мемонад.

— Дар давраи кадом тартиботи нав?

— Ман гуфтанйам, ки сэр Чарльз аз мардум дурӣ меҷуст ва мо ҳарду комилан хизмати ӯро ба ҷо оварда метавонистем, шумо, сэр, эҳтимол кушодадастона зиндагӣ карданӣ бошед ва барои ин ҳамаашро ба тарзи нав ба роҳ монданатон дуруст меояд.

— Пас, шумо ҳисобу китоб карданиед? **

— Сэр, агар фақат ин боиси малоли хотири шумо нашавад, — Вале охир чандин насли гуйаштагони шумо дар Баскер- виль-холл зиндагӣ кардаанд. Ман ҳеҷ намехостам, ки баробари ба ин ҷо пой мондан алоқаҳои дерини оилавиро канам.

Ман дар чеҳраи рангпаридаи сарпешхизмат аломати изти- роб пай бурдам.

— Сэр, ин барои ману занам ҳам хеле мушкил. Вале, рос- ташро ба шумо гӯям, мо ба сэр Чарльз хеле дилбастагӣ доштем ва пас аз марги ӯ то ҳол ҳеҷ ба худ омада наметавонем. Дар ин ҷо истодан барои мо хеле мушкил. Мо акнун, дар Баскер- виль-холл худро пештара барин ҳис карда наметавонвхм.

— Шумо чӣ кор карданиед?

— Сэр, умедворам, ки ягон коре ёфта онро сару сомон ме- дихем. Охир сэр Чарльз бо саховатмандии худ моро... Ҳоло ичо- зат диҳед хонаҳоятонро ба шумо нишон диҳам.

Ошьёнаи дуюми холли қадима айвони калону васеъ гириф- та шуда, панҷара дошт ва ба он ҷо бо зинаи дуравоқа барома-

дан мумкин буд. Аз он ҷо ба қади тамоми бино ду роҳрави ка« лон кашида шуда, дари ҳама хонаҳои хобба он ҷо кушода ме- шуд. Хонаи хоби ман бо хонаи хоби Баскервиль дар як қатори иморат воқеъ гардида, қариб дар ба дар буд. Ин хонаҳо назар ба қисми мобайнии иморат то андозае ҳозиразамон буданд ва шамъҳои зиёди даргирондашуда таассуроти ғамангези маро, ки баробари ба Баскервиль-холл омаданам ҳосил гардида буд, дар- ҳол сабук намуданд.

Аммо дар ощьёнаи якум ошхона бо намуди тираи худ моро дар тааҷҷуб мононд. Ин як хонаи дарозе буда, барои мизи со- ҳибхона тахтасуфае дошт ва аз он қисме ки бояд шахсони мар- табаашон паст менишастанд, бо як поғунда ҷудо карда шуда буд. Дар пешгоҳи хбна барои бозии менестрелҳо[1] болохонаи кушодагие буд. Дар болои сари мо болорҳои калой сиёҳй ме- карданд ва болотар аз онҳо шифти дуд гирифта намудор буд. Эҳтимол меравад, ки машъалҳои фурӯзон, рангин ва базмқои пуравҷи қадима дилтангии ин хонаро кам мекард, вале ҳозир, вақте ки дар он дар зери ягона лампаи қуббадор ду ҷентльме- ни сар то по сиёҳпӯш менишастанд, овози онҳо паст садо медод ва онҳо як кадар гирифтахотир буданд. Қатори дарози аҷдо- дон бо сару либоси гуногун аз аъёну ашрофи замони малика Елизаветта сар карда, то олуфтай замони Регентӣ — аз девор- ҳо ба мо нигариста, бо хомӯшии худ моро маҳзун мекарданд. Суҳбати мо дар сари дастурхон наметасфид ва чун таомхӯри- ро-тамом карда, барои кашидани сигор ба билярдхона — хонаи комилан ҳозиразамон гузаштем, худро як қадар осуда ҳис на- мудам.

— Ҷои ran нест, муҳит чандон хуш намебошад,— гуфт сэр Генри.— Ба ҳамаи ин, албатта, одат кардан мумкин, вале ҳо- зир кайфам паридагй. Ҳеҷ чои тааҷҷуб нест, ки амакам дар ҳа- мин гуна хона танҳо зиндагӣ карда, асабонӣ мешудааст. Хӯш, биёед хона ба хона меравем. Шояд, пагоҳӣ ин ҷо ба назарамон дилгиркунанда нанамояд.

Пеш аз он ки даромада хоб кунам, пардаро кушода, ба ти- реза нигаристам. Он ба тарафи алафзори назди даромадгоҳй асосӣ кушода мешуд. Дар он тарафи алафзор, дарахтони ба- ланд~дар шамол алвонҷ хӯрда, нолиш мекарданд, Аз байни абрҳо, ки дартоз гузашта мерафтанд, моҳ намудор гардид. Дар партави сарди он дар паси дарахтон силсилаи каҷу килеби шух- ҳо ва хати дарози ботлоқзори тира намоён буд. Ман пардаро

1 Менестрель — ҳофизу мусиқачии сайёр дар асрҳон миёна. .

пӯшида, боварӣ хосил намудам, ки таассуроти охирину якуми ман нисбат ба Баскервиль-холл як хел аст.

Вале ин таассуроти рхирин набуд. Бо вуҷуди хаста буданам ба хар хол хобам намебурд ва паҳлӯ гдшта, беҳуда зӯр меза- дам, ки хобам барад.Дур аз ин ҷо соат ҳар понздаҳ дақиқа занг мезад ва хомӯшии томи хонаро дигар ҳеҷ чиз халалдор намекард. Ва нохост дергоҳи шаб садое комилан баръало ба гӯшам расид, ки ба кадом ҷинс тааллуқ доштани он бе ҳеч шубҳа маълум буд. Ин садои навҳаи паст, асабиёна хиқ-ҳиқ гиристанӣ зане буд, ки дилаш аз ғусса пора мешуд. Ман дар руи кат нимхез шуда, бо диққат гӯш андохтам. Овози гирья аз наз- дик, аз худи хона шунида мешуд. Ман бо диққат гӯш карда, ним соат мунтазир шуда нишастам, вале ба ғайр **аз** занги соат ва хишир-хишири баргҳои буттаи печон дигар хеч гуна садо нашунидам,

\

БобиУП

СТЕПЛТОНҲОИ МЕРРИПИТХАУСИ

Дилрабоии рӯҳбахши субҳгоҳи таассуроти азиятовареро, **ки** пас аз шиносоии аввалин Баскервиль-холл дар дили ҳардуи **мо** монда буд, аз хотири мо эудуда партофт. Вақте ки ману сэр Генри ба таҳтул нишастем, равшании дурахшони офтоб алла- кай ба тирезахои борики гербҳои шишаҳояш рангоранг шорида, ба рӯи фарш партави рангин мепойид. Рӯйбасти булутии де- ворҳо аз щӯохои заррин биринҷӣ метофт ва акнун ба мо тасав- вур кардан душвор буд, ки дирӯз бегоҳӣ ин хона моро ниҳоят маъюс гардонида буд.

— Айби ҳона не, мо эҳтимол, ба ҳамааш худамон гунаҳгор бошем,— гуфт баронет.— Дар рох хаста шуда, хунук хӯрдем ва ҳама чиз ба назарамон маъюсовар намуд. Шабона мо дам гирифтем, худро нағз хис мекунем ва дар гирду атроф низ хама чиз хуррам гардид.

— Ҳар чи бошд хама чизро танҳо аз сидқи мо донистан лдзим нест,- гҷавоб додам ман.— Масалан, ба ман гӯед, ки на- ход шумо нисфи шаб овози гирьяи ким-ки, ба фикрам, занонаро қашунида бошед?

— Медонед, ҳангоми ғанаб карда истоданам монанд ба ха- мин ким-чи ба назарам ҳам намуда буд. Ман дуру дароз гӯш кардам ва баъд қарор додам, ки ин хоб аст.

— Не, ман ҳамаашро комилан баръало шунидам ва боварӣ дорам, ки овози гирьяи зан буд.

— Худи ҳозир бо Бэрримор ran задан лозим.

Вай занг зада сарпешхизматро ҷеғ зад ва фармуд, ки ҳамаи инро шарҳ диҳад. Вақте ки Бэрримор саволи хӯҷаинро шунид, ба назарам чунин намуд, ки ранг аз чеҳраи камхуни вай беш- тар парид.

— Сэр Генри дар хона ҳамагӣ ду зан ҳаст,— ҷавоб дод Бэр* римор — Яке аз онҳо занаки зарфшӯй, ки дар қаноти дигари би- но эндагӣ мекунад, дуюмаш зани ман, вале шуморо бовар ме- кунонам, ки ӯ гирья накардааст.

Ба ҳар ҳол ӯ ба мо дурӯғ гуфт, зеро пас аз таҳтул ман бо миссис Бэрримор дар роҳрав, дар равшании фурузон рӯ ба рӯ омадам. Ман зани қоматбаланди хеле ботаҳаммулеро дидам, ки тарҳи рӯи калон ва лабони ба ҳам фишурдаи ҷиддӣ дошт. Ва- ле чашмони сурху пилкҳои варамидааш ӯро ошкор карданд. Пас, шаб вай гирья кардааст, вале агар ин ҳамин тавр бошад, шавҳараш дар ин бора бехабар буда наметавонад. Ва ба ҳар ҳол Бэрримор ҳатто ба он икдом кард, ки дурӯғгӯии ӯ фош шуданаш мумкин. Барои чӣ? Ва чаро занаш чунин зор-зор гирья мекард.

Аз ин марди рангпаридаи нуронии сиёҳриш, ким-чи гуна чизи пурасрор ва маъюсовар бармеомад. Ҷасади сэр Чарльзро вай аввал дида буд ва тафсили марги пирамард Баскервиль фақат аз рӯи суханони ӯ ба мо маълум буд. Наход мо Бэрри- морро дар кэб дар Ричент-стрит дида будем? Ба ҳар ҳол, ри- шаш айнан хамин хел буд. Кэбчӣ дар бораи марди миёнақаде ran зада буд, вале ин таассурот хато буданаш мумкин. Ҳақиқатро чи тавр барқарор кунам? Пеш аз ҳама, албатта, сардори идораи почтаи Гримпенро дида, аз вай фаҳмидан лозим, ки те^ леграммаи мо ба дасти худи Бэрримор супурда шуда буд ё не. Дар харду сурат ҳарчи бошад, чӣзи ба Шарлок Холмс хабар медодагӣ ҳаст.

Сэр Генри пас аз ношто машғули дидани крғазҳои корӣ шуд ва ман комилан метавонистам аз вақти худ истифода намоям,’ Ман лаб-лаби ботлоқ бо роҳи нағз чор миль роҳ тай карда, аз назди деҳачаи хурдакаки йазарногире баромадам, ки дар он назар ба биноҳои боқимонда, пеш аз ҳама ду бинои мустаҳкам- меҳмонхона ва хопаи духтур Мортимер — ба чашмам намудор шуд. Сардори идорап почта, ки ҳам дӯкондори ин ҷо буд, те- леграммаи моро ба хотир оварда.

— Албатта, сэр,— гуфт вай,— чи тавре ки нишон дода шу-

да буд, ман одам фиристода онро ба мистер Бэрримор расон- дам.

— Онро кӣ бурд?

— Писарчаам. Ҷеймс, ту телеграммаро ба Баскервиль-холл бурда ба мистер Бэрримор супурдӣ, ҳамту не?

— Ҳа, дада.

— Ба дасти худаш супурдӣ?— пурсидам ман.

— Не, мистер Бэрримор дар ершиpвонӣ будааст ва телег- раммаро ба занаш додам, ӯ гуфт, ки онро дарҳол бурда ба шав- хараш медиҳад.

— Худи мистер Бэрриморро дидӣ?

Не, сэр, ман гуфта истодаам, ки ӯ дар ершиpвонӣ буд,

—« Дгар худат ӯро надида бошӣ, аз куҷо медонӣ ки дар,ку- ҷо буд?

— Охир, дар куҷо будани ӯро занаш бояд медонист, — аса- биёна гуфт мудири почта.— Охир телеграмма бурда супурда шуда буд? Мабодо агар ягон саҳв шуда бошад, бигузор мистер Бэрримор худаш шикоят кунад.

Пурсупосро давом додан фоида надошт, вале ба ман маълум гардид, ки ҳилаю найранги лолмс натиҷае набахшид ва ба ха- мин тариқ мо фаҳмида наметавонем, ки Бэрримор ба Лондон рафта буд ё не. Фарз кардем, рафта буд; Фарз кардем, вай охи- рин касе буд, ки сэр Чарльзро дар қайди ҳаёт дида буд,— ба- робари ба Англия омадани меросхӯри вай, аввалин шуда ба паи ӯ афтода буд. Аз нн чӣ бармеояд? Оё Бэрримор аз рӯи иғ- вои ягон кас амал мекунад ё вай нақшаҳои ҳилагаронаи худаш- ро дорад? Аз таъкиби Баскервильҳо ба вай чи нафъ? Ман эҳ- тиётккории аҷиберо, ки аз буридаҳои газета тартиб дода шуда буд, ба хотир овардам. Наход ин кори Бэрримор бошад? Шояд, ягон каси дигар ӯро фиристода бошад, касе ки ба вай халал расонаданӣ аст. Ба хамаи ин сэр Генри ягона эзоҳӣ ба ҳақиқат монанд дода гуфт, ки агар илоҷе карда Баскервильҳоро аз мул- ки бобоиашон рамонанд, он гоҳ Бэрриморҳо зану шавхар то охири умр зиндагии осуда ба сар мебаранд. Вале ин магар он макру ҳилаи аниқ ва нозукеро, ки мисли доми диданашаван.да баронети ҷавонро печонида гирифтааст, то йк андоза сафед ме< кунад? Холмс худаш иқрор шуд, ки дар байни ҳама тадқикот* хои ҳаяҷонбахши вай ин басе печ дар печ ва мураккаб мебошад.

Ман аз роҳи беодами зиқ ба хона баргашта, ба худо илти- чо мекардам, ки дӯстам ҳарчи зудтар аз кор фориғ шуда ба ин ҷо биёяд ва маро аз ин масъулияти пуразият озод кунад.

Садои тез-тез помонии касе аз қафо нохост риштаи фикрӯ

хаёли марб буриД. Овози ким-ки номи маро гирифта ҷеғ зад. Ман ба қафо баргашта,.умед доштам духтур Мортимерро меби- нам, вале ҳайратангезона, аз паси ман марди малламӯи на- чандон қадбаланди қоқинаи тахмин сиюпанҷ-чил сола шитобон меомад, ки ришаш тоза тарошида шуда, рӯяш турш ва манахаш борики дароз буд. Вай дар тан костюми хокистарранг ва дар сар кулоҳи хасин дошт. Он мард ба китф қуттии тунукаи бота- никӣ овехта, барои доштани шапалак дар даст халтаи докагини сабзи дастадор дошт.

— Духтур Уотсон, барои чуръатам маро бубахшед,— ханӯз дурустакак нафас рост накарда гуфт марди ношинос.— Мо мар- думи ин чо такаллуфро нағз намебинем ва шиносоии расмиро нигоҳ карда намеистем. Шояд, дӯсти ҳамаи мо, Мортимер, дар(бораи ман ба шумо ran зада бошад. Ман Стэплтони Мирипит-' хаусӣ мебошам.

— Аз рӯи қуттӣ ва халтаи докагини дастадоратон шуморо бо осонӣ шинохтан мумкин,— гуфтам ман, зеро медонисгам ки мистер Стэплтон натуралист аст.— Вале кй будани маро аз ку- ҷо фаҳмидед?

— Ман дар хонаи Мортимер нишаста будам ва ҳангоме, ки аз назди қабулгоҳаш мегузаитГед, аз тиреза шуморо ба‘ман ни-. шон дод. Роҳи мо як ва қарор додам, ки шуморо дарьёб карда,' худамро ба шумо шиносонам. Умедворам сэр Генри пас аз саё- ҳати дуру дароз чандон монда нашудааст? !

— Ташакур, не, вай худро нағз ҳис мекунад! 1

— Мо ҳама метарсидем, ки пас аз марги фоҷианоки сэр Чарльз баронети нав дар ин ҷо зиндагӣ кардан намехоҳад. Аз одами давлатмаяд талаб кардан душвор аст, ки вай худро дар чунин гӯшаю канори дурдаст зинда дар гӯр кунад, вале охир худи шумо мефаҳмед, ки дар ин ҷо ҳузур доштани вай барои тамоми округи мо чигуна аҳамият дорад. Ман тахмин мекунам, ки ин воқеа ба сэр Генри тарсу ҳароси хурофотпарастӣ талқин накардааст?

— Ба фикрам, не.

— Шумо, албатта, қиссаи саги пурдаҳшатеро, ё ки гӯё авло- ди Баскервильхоро таъқйб мекунад, медонад?

— Ҳа, медонам.

— Фермерҳои инҷои то кадом андоза мардуми хурофогпа- раст мебошанд. Тамоман ҳайратангез?! Охир қариб ҳамаи онхо тайёранд қасам хӯранд, ки дар ботлоқзорон ин ҳайвони афсо- навии аҷоибулхилқатро дидаанд.— Стэплтон табассумкунон ran мезад, вале ман дар чашмони вай чунин хондам, ки вай ба

суханони худ хеле ҷиддӣ рафтор мекунад.— Кисса бартамом тасаввури сэр Чарльзро фаро гирифт ва он оқибати ӯро фоҷиа- вй гардонид.

— Чӣ тавр?

— Дар сурате, ки асабҳои одам чунин таранганд, пайдо шу- дани ҳар гуна car ба дили дардманди вай таъсири марговар бахшиданаш мумкин. Ба фикри ман *он бегоҳ сэр Чарльз ҳақи- қатан дар кӯчабоғи дарахтони тисса ба ҳамин монанд махлу- керо дидааст. Ман пирамардро хеле дӯст медоштам ва аз ка- салии вай ки бохабар будам, мегуфтам ки ягон фалокат рӯй ме- диҳад:

— Дардманд будани дили ӯро аз кӯҷо медонистед?

— Аз дӯстам, Мортимер.

— Аз ин мебарояд, шумо фикр мекунед, ки ба сэр Чарльз ягон car ҳамла намуда ва ӯ аз воҳима мурдааст?

— Шояд, шумо маълумотхои басе эътиборнок дошта бошед?

— Не, ман ҳоло ба баровардани хулосаҳои муайян фурсат наёфтаам.

— Мистер Шерлок Холмс чӣ?

— Аз шунидани йн суханон сонияе нафас дар гулӯям монд: вале чеҳраи ором ва нигоҳи қатъии ҳамсӯҳбатам аз он шаҳодат медоданд, ки вай ният надошт бо саволи худ маро дар ғафлат ёбад.

— Духтур Уотсон, барои ҷи худро ба нодонӣ занем, ки шу- моро намедонем?— гуфт вай.— Овозаи[1] хуфияи машҳур ба киш- варҳои мо ҳам омада расидааст, магар худи шумо дар каиор монда, ӯро машҳур гардонида метавонед? Мортимер гуфт, ки ҳамон духтур Уотсон шумоед. Модом шумо ба ин ҷо омадед, пас мистер Шерлок Холмс ба ин воқеа рағбат зоҳир кардааст ва, ман будагӣ ran, нуқтаи назари ӯро донистан мехоҳам.

— Афсӯс, ман ба саволи шумо ҷавоб дода^наметавонам.

— Дар он сурат иҷозат диҳед пурсам, ки вай бо қудуми худ моро сарфароз намегардонад?

— Ҳозир вай аз Лондон баромада наметавонад. Вай кори дигар дорад.

— Сад дареғ! Вай ба- рӯи он чи ки дар зулмот аз мо нихон мондааст, равшанй пошида метавонист. Вале, духтур Уотсон, шумо ҳам кофтуков гузаронада истодаед ва агар аз дасти ман ягон кор меомада бошад, ман дар ихтяёри шумо. Ба ман фа- қат як ишора басанда аст. Аз кй гумонбар ҳастед, ба кор чи

тавр сар карданиед ва, шояд ман ҳозир бо маслиҳат ё дастур ба шумо ёрӣ медодам.

— Бовар кунед, ки ман ҳамту ба хонаи дӯстам сэр Генри мехмон шуда омадаам ва ба ман ҳеҷ гуна ёрдам лозим нест,

— Бисьёр нағз!— хитоб намуд Стэплтон.— Шумо комилан ауруст рафтор мекунед: эҳтиёт ними ҳаёт! Ман барои шӣлқини-» ам ба чунин ҷавоби маломатомез комилан сазовор мебошам **ва** ваъда медиҳам, ки дигар ба ин масъала дахл наменамоям.

Мо ба қамон ҷое расидем, ки дар тарафи рости роҳ пайра- хаи алаф зеркардае сар мешуд ва мисли лентаи бррик дар бай- ни ботлоқ печу тоб мехӯрд. Чаптар тали ростбаромадае истода, онро харсангҳо пӯшада буданд ва замонҳои қадим дар ин ҷо санги хоро истеҳсол карда мешуд. Рӯи ин тал ба тарафи мо ни- гариста, нишебии он намуди шоқулӣ дошт ва бо буттахои па-: поротнику мармиҷон пӯшида шуда буд. Дур, дар уфук дуди хокистарранг тӯда-тӯда печида ба осмон мебаромад.

— Аз ин ҷо бо ин пайраҳа то Меррипитхаус чандон дур не,—■ гуфт Стэплтон.— Як соат вақтатонро қурбон кунед ва ман бо камоли хушнудӣ шуморо бо хоҳарам шинос мекардам.

Дар лаҳзаи аввал ман фикр кардам, ки дар назди сэр Генри буданам лозим, вале баъд счет ва тӯби коғазҳои рӯи мизи ӯро ба хотир овардам. Дар ин кор ман ба вай ҳеҷ ёрдам карда на- метавонистам. Холмс бошад аз ман илтимос карда буд, ки бо мардуми гирду атрофи Баскервил-холл шинос шавам. Ман так- лифи Стэплтонро қабул кардам ва мо ба тарафи рост тоб хӯр* дем.

— Ин ҷо ҷойҳои бисьёр нағз!—ба хати сабзи мавҷмонанди талхо, ки тарҳи аҷоибу ғароиби силсилаи шахҳои хоро мисли мавҷхои азим бар болои онҳо бархоста буданд, нигариста гуфт вай.— Ин ботлоқзорон ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд. Онҳодар худ он қадар сирру асрори зиёде ниҳон доранд, ки мондан ги- ред — онҳо беҳудуд, хилватанд, асроромезанд!

— Шумо ин ҷойҳоро нағз медонед?

— Охир ман соли дуюм аст, ки дар ин ҷо зиндагӣ мекунам. Сокинони дерини маҳаллӣ маро навомад меноманд. Мо дере нагузашта пас аз омадани сэр Чарльз ба ин ҷо кӯчидей, вале ман, аз рӯи вазифаам аллакай ҳар кунчу канори ин ҷоро тад- қиқ карда баромадам. Дилпурона гуфта метавонам, ки акнун ботлоқҳои торфдорро каси аз ман беҳтар медонистагӣ кам ёфт мешавад. ч

— Магар ин чунин кори душвор аст?

— Албатта кори осон нест. Мана, масалан ҳу ба он ҳам<

вбрӣ, ки дар баъзе ҷойхо мисли талхои аҷоиб қад афрошта аст, зеҳн монед. Ба фикри шумо чияш нағз?

— Аз он чорнаъл асп давонидан нағз.

— Ҳар кас ба ҷои шумо мебуд, ҳамин тавр мегуфт, дар зимни он ин иштибоҳ боиси марги бисьёр касон гардид. Нига- ред, дар он марғузори сабз чи қадар бисьёр.

— Ҳа, ин шояд, ҷойҳои заминаш нағз бошад?

Стэплтон хандид.

— Дар пеши чашми шумо ботлоқи азими Гримпен воқеъ гардидааст,— гуфт вай.—Агар ба ин ботлоқ одам ё ҳайвон да- ромада, як қадами бе ҷо гӯзорад, кораш тамом мешавад. Ман дирӯзакак дидам, ки тотуи ким-ки ба он ҷо даромада, будаги ган, маҳв гардид. Сари вай дуру дароз бар болои ботлоқ наму- дор буд. Вай якзайл гардан ёзонда кӯшиши баромадан мекард, вале рқибат он бечораро ба комаш фурӯ бурд. Ҳатто вақти хушкӣ ба он ҷо рафтан хатарнок аст, пас аз боронҳои баҳор бошад ин«ҷои ачал. DO вуҷуди ин ман чандин маротиба ба миёнҷои ботлоқи Грнмпен расида, аз он ҷо соқу саломат баргаш- там. Нигаред, бечора боз як тотуи дигар ғӯтида истодааст.

Дар решаи сабзе ким-чи чизи тира ғел хӯрда дасту по мезад. Баъд дар болои буттазор гардани пуразият дароз кардашудае намоён гардид ва садои пурдаҳшат ботлокро пахш кард. Ман аз даҳшат карахт шудам, вале зоҳиран, асабҳои ҳамсафарам аз ман дида бештар мустаҳкам буданд.

— Албатта!—гуфт вай.— Фурӯ бурд.— Аспи дуюме, ки дар байни ду рӯз дар пеши чашми ман фурӯ бурд. Боз чи қадари дигар ки пеш маҳв гардидааст! Онхо вақти хушкӣ ба он ҷо омӯхта мешаванд ва то тирамоҳ беист рафта омада оқибат ҳа- лок мегарданд. Ҳа, ботлоқи Гримпен — ҷои даҳшатнокест.

— Ба ҳар ҳол шумо ба он ҷо рафта меоед?

— Ҳа, дар он ҷо ду-се пайраҳае ҳаст, ки одами чобук гу« зашта метавонад. Он пайраҳаҳоро ман кофта ёфтам.

— Чаро шумо ба чунин ҷби хавфнок рафта меоед?

— Ана он теппаҳои дурро мебинед? Дар байни ботлоқи кас- ногузар, онҳо ҷазирачаҳои хақиқянд, ки кам-кам онҳоро аз хар тараф иҳота кардааск Илоҷе карда ба он ҷо гузаред, ҷигуна рабтаниҳои камчин, чигуна шапалакҳоеро ки намебинед!

— Хайр, ягон вақт рафта мебинам.

Стэплтон ҳайратангезона ба ман нигарист.

— Аз барои худо, ин фикрро аз калаатон гирифта партоед! —гуфт вай.—Гуноҳи ҳалокати шумо ба гардани ман мешавад. Бовар кунед, соқу саломат барнамегардед. Ман худам фақат

барои ҳамин дил карда ба он ҷо меравам, ки тартиби мурак- каби нишонахо дорам.

— Истед!—фарьёд задам ман.— Ин чист?

Бар болои ботлоқ садои уллоси пасти кашолдор ва ҳузнан- гези тасвирнопазире баланд гардид. Осмон аз он пур шуд, ва- ле ин садо аз куҷо меомад, муайян кардан ғайриимкон буд. Ин садо аз оху нолаи норавшан сар шуда, оҳиста-оҳиста ба наъ- раи паст бадал гардид ва боз паст шуда ба дарачаи нолиши дилхарош расид. Стэплтон, ба таври аҷоиб ба ман нигарист, -

— Ботлоқзорон ҷойҳои пурасроре мебошанд,—гуфт вай.

— Ин чист?

— Фермерҳо мегӯянд, ки саги Баскервидь вақти қурбонии худро кофтан ҳамин тавр уллос мекашад. Ман пештар ҳам он- ро шунида будам, вале сабаб чи ки имрӯз овозаш хеле баланд.

Ман аз тарс ба вахшат афтода, ҳамвории васеи торафт ба тарафи уфуқ баланд шуда рафтаро, ки бо буттаҳои сабзи най- шакар пӯшида шуда буд, аз назар гузаронидам. Дар (Лн на са- дои хишир-хишир шунида шуда, на осоре аз зиндагӣ дида ме- шуд — фақат ду Ъоғ дар қафои мо бар- болои сутуни сангӣ ни- шаста баовози баланд қар-қар мекарданд.

— Шумо одами хондагӣ, шуморо бо чунин чизи бёҳуда алон- да намешавад,— гуфтам ман.— Ин уллосро чй тавр маънидод мекунед? -

— Ботлоқ баъзан садоҳои хеле аҷиб мебарорад. Ё лой паст мешинад, ё об рӯй мебарояд, ё худ боз ягон чизи дигар, кй ме- донад?

— Не, не! Ин овози вучуди зинда буд.

— Мумкин. Шумо ягон вақт садои ҷеғи выпро шунидаед?

— Дар Англия акнун ин парранда кам дучор меояд, он асо- сан қариб нобуд шуда рафтааст, вале дар ин гуна ботлоқзорон ҳар чи буданаш мумкин. Агар ба гӯши мо овози яке аз намо- яндагони охирини ин ҷинс расида бошад, ягон қадар тааҷҷуб намекунам.

— Дар умрам аз ин дида аҷиб ва ваҳмангезтар овозеро нашунидаам!

— -/.оҷати ran нест, ин ҷойҳои пурасрор. Ана ба он пушта нигаред. Ба фикри шумо, вай чӣ?

Нишебии рбстфуромада гӯё бо ҳалқаҳои еанги хокистарранг пӯшида шуда буд. Ман тахмин бисто ҳалқа шумурдам.

— Ин чӣ? Гӯсфандхона?

— Не, ин бошишгоҳҳои аҷдодони мӯхтарами пеш аз таъри- хии мо. Пеш аз таърих бани одам дар ботлоқзорони торфдор

зич сукунат ихтиёр карда буданд, ва азбаски пас аз бнҳо дар ин ҷо ҳеҷ кас истиқомат накардааст, тамоми ин манзилгоҳҳо пурра маҳфуз мондаанд. Фақат бомҳои онҳо канда гирифта шудаанд. Агар майл дошта бошед рафта оташдон ва ҷои хоби онҳоро ди- дан мумкин.

— Ин як шаҳри бутун. Кай одамнишин буд?

— Одами неолити [1]—давраш аниқ муайян карда нашуда-. аст.

— Ин одам бо чӣ кор шуғл меварзид?

— Дар худи хамин ҷо, дар пуштаҳо, мол мечаронд, аммо вақте ки ҷои табари сангиро шашпари мисин гирифт, ҳосил кардани қалъагиро ёд гирифт. Ҳу ана он хандақҳоро дар пуш- таи рӯ ба рӯ мебинед? Ин осори кори ӯст. Оре, духтур Уотсон, шумо дар ботлоқзорони мо бисьёр хусусиятҳои ачиберо хоҳед дид. Лутфан, бубахшед! Ин, эҳтимол, Cuclopides бошад!

Аз назди мо шапалаки хурдакаке парвоз карда гузашт ва Стэплтон бо чаққонӣ ва чолокии ҳайратангез аз паси он давид. Ман бо ваҳшат дидам, ки шацалак рост ба сӯи ботлоқ парвоз кард, вале шиноси нави ман, гӯё ҳеҷ воқеа нашуда бошад, хал- таи докагини дастадори сабзашро афшонда-афшонда аз хар- пушта ба харпушта мечаҳид. Сару либоси хокистарранг ва ха- ракятҳои чобуконааш худи ӯро ба кадом як шапалаки калон монанд мекард. Ман бо як эҳсоси шавқу ҳавас ва тарсу Хароси омехтаистода ба ӯ менигаристам — якзайл ба назарам чунин менамуд, ки хамин дам пешпо мехӯрад ва ба коми ботлоқи хиё- натпеша фурӯ меравад. Нохост аз қафо садои қадаммонии ка- серо шунидам. Ман гашта нигоҳ кардам ва қариб дар наздам занеро дидам. Вай.аз ҳаман тарафи дуд намоён будагӣ, ки аз наздик будани Меррипит-хаус шаҳодат медод, пайдо шуд, вале ман ӯро пештар дида натавонистам, ’чунки пайраҳаи вай ома- дагӣ сарнишеб мерафт.

Ман ба мисс Стэплтон будани ӯ шубҳа намекардам, чунки дар ин ҷойҳо зани дигареро воҳӯрдан гумон буд. Ғайр аз «и ӯро ҳамчун як зани соҳибҷамол ба ман таъриф карда буданд ва зане, ки бо пайраҳа меомад, дар ҳақиқат бо ҳусну ҷамол — ҳусну чамоли ғайримуқаррарӣ касро дар ҳайрат мемонд.

Зиёда аз ин бешабохатиро дар байни акаву хоҳар ба худ та- саввур йамудан душвор буд. Вай як марди назарногири мала- мӯе буда, чашмони хокистарранг дошт, аммо ҳоҳараш — духта-

[1] Одами неолити — одами давраи аз ҳама охири асри сангӣ, ки мада- ниятн вай бо маснуоти сангии суфта фарқ мекунад.

ри сабзинае буд — дар Англия ман бадисон духтари чашму мӯ- яш сип- сиёхро надида будам,— зебо буду хушқаду қомат буду болобаланд. Тарҳи рӯи нозук ва маррураш ба андозае мутано- сиб буд, ки агар даҳони пурмаъно ва нигоҳи тези чашмони сиё« 'ҳаш намебуд, чеҳраи вай карахт намуданаш мумкин-буд. Да>р чунин пайраҳаи беодаме, ки дар миёни ботлоқзори торфдор печу тоб мехӯрд, дидани чунин андоми фавқулодда зебо, кур< таи хушранг ниҳоят аҷиб буд! Вақте ки ман ба ақиб гаштам, чашми ин зан ба Стэплтон дӯхта шуда буд, вале ӯ дар'ҳол тез< тез қадам монда ба ман наздик омад. Ман кулоҳро аз сар ги- рифта, акнун арзи ҳол карданӣ будам, ки нохост суханони вай фикри маро ба дигар тараф бурданд.

— Аз ин чо равед!— гуфт вай.— Фавран ба Лондон равед! Дар ҷавоби суханонаш ман фақат бо қиёфаи ҳайрон ба вай нигоҳ кардам. Зан чашмашро дурахшонда, бесаброна пой кӯфт.

— Чаро монда равам?— пурсидам ман.

— Сабабашро напурсед.— Вай паст-паст, тез-тез ran мезад ва овозхои «л» .ва «р»-рсГ дуруст талаффуз намекард.— Аз ба- рои худо, ба маслиҳати ман гӯш кунед! Баромада равед, то ки дигар қадаматон ба ин ботлоқзорҳо нарасад!

— Вале охир ман нав омадаам!

— Худоё,— хитоб намуд вай,— наход нафаҳмед, ки ман ба шумо некӣ мехоҳам? Ба Лондон равед! Ҳамин рӯз! Дар ин ҷо истодани шумо лозим нест. Ҷим! Акаам меояд! Ба вай як даҳан ran назанед... Лутфан, ана он гули архидеяро канда ба ман ди- хед. Дар ҷойҳои мо архидея бисьёр мерӯяд, вале шумо андак дер карда омадед: тирамоҳ ки наздик шуд, гулашро мерезонад ва табиати ин ҷо то як андоза зебогии худро гум мекунад.

Стэплтон дунболгирии шапалакро бас карда, дар ҳолате ки суп-сурх буда, нафасаш мегашт, ба мо наздик шуд.

— Ҳа-а, ин туӣ, Бэрил!— гуфт акоящ ва ман дар ин таҳни- ят чандон самимият надидам.

— Ҷек, тамоман суп-сурх шудаӣ!

— Ҳа, ман аз паси намунаи бисьёр нағзи Cyclopides дави- дам. Охири тирамоҳ онҳоро дар ин ҷо кам дидан мумкин. Ва сад хайф, ки дастгир карда натавонистам!

Вай бепарвоёна ором ran мезад ва чашмакони хокистарран- ги хурдакакашро дам ба дам аз рӯи хоҳараш канда ба ман ме- дӯхт.

— Аз афташ, шумо аллакай шинос шудед?

— Ҳа. Ман ба сэр Генри гуфтам, ки ҳозир аз зебогии табн«

ати мо баҳра бурдан дер шуд—архидея аз гул фуромада исто- дааст.

— Чӣ? Ба фикрат, дар назди ту кӣ цстодааст?

— Сэр Генри Баскервиль.

— Не, не — гуфтам ман,— бо унвони каси бегона маро сар- фароз накунед. Man, духтур Уотсон, дамагӣ дӯсти сэр Генри.

. Дар чрхраи хуштарҳи вай аломати ҳасрату алам намудор гардид.

— Пас, мо ran мезадему кӣ будани ҳамдигарро намедонио тем,— гуфт вай.

— Ҳа, ба ran задан шумо чандон в^қти зиёд надоштед,— як- зайл кунҷковона ба хоҳараш нигариста гуфт вай.

— Man духтур Уотсонро ҳамсояамон гумон кардам,— гуфт вай.— Барои ӯ ҳозир шукуфтану нашукуфтани архидея тамоман аҳамият надорад. Вале ҳарчи бошад шумо ба Меррипит-хаус ба назди мо биёед.

Пас аз якчанд дақиқа мо ба фермаи зоҳиран назарногирв расидем, ки шояд, замонҳои пеш маскани кадом як чорводори давлатманд буда, баъд ба тарзи басе ҳозиразамон аз нав сох- та шуда буд. Фермаро боғчае иҳота карда буд; дарахтҳои он, мисли ҳама дарахтони ботлоқзорҳо паст ва пажмурда буданд. Аз ин ҷо бӯи бенавоӣ ва маҳзунӣ ба машом мерасид. Хизмат- горе, ки дарро ба рӯи мо кушод, дар синну сол ба хона ҳамсин буда, пир, рӯяш пурожанг ва дар тан сюртуки рангпарида дошт« Вале худи ҳуҷраҳо бо калонӣ ва ороиши зарифи худ маро дар тааҷҷуб мононданд; ороиши ҳуҷраи рхиринро, эҳтимол, ба табы соҳибхоназан нисбат додан лозим буд. Ман аз тиреза ба бот* лоқзори бепоёни пур аз санги хоро назар андохтам, ки оыҳо ка< шрл ёфта то хати ба зӯр намоёни уфуқ рафта мерасиданд ва фикр накарда наметавонистам: <Ин одами бомаърифат ва хо* ҳари соҳибҷамоли ӯро ба ин маҳали дурдаст чи оварда бошад?»

— Мо барои истикомат ҷои ғалатиро интихоб намудаем?—• гӯё ба суханони ман ҷавоб дода гуфт Стэплтон.— Ва ба хар ҳол ин ҷо барои мо нағз. Ҳамту не, Бэрил?

— Ҳа, бисьёр нарз,— ҷавоб дод вай, аммо суханони ӯ чан* дрн қаноатбахш садо надоданд.

— Ман дар яке аз графиҳои шимол мактаб доштам,— гуфт Стэплтон,—< барои ман барив одами боғайрат чунин кор чандон маъқул ва шавқовар набуд, вале ҳаминаш маро ба худ ҷалб менамуд, ки бо ҷавонон алоқаи наздик доштам. Аз худ ва аз фикру ақидаҳои худ ба онҳо чизе додан, дидани он ки чи тавр дар пеши назари ту ақли онҳо шакл мегирад, чи хушбахтиест!

Вале кисмат аз мо рӯ гардонд. Дар мактаб якбора касалии гу- •арандае авҷ карда, се писарбача мурд. Пас аз чунин зарба мо корамонро рӯ ба роҳ монда натавонистем ва қисми зиёди сар- мояи ман бебозгашт аз даст рафт. Ва ба хар хол, агар аз пи- сарбачагони азизам ҷудо намешудам, аз ин нобарорӣ шодй ме- кардам, зеро барои ман барин шахсе, ки ба ботаника ва зооло- гия шавқу завки калон дорад, дар ин ҷо кор аз ҳад зиёд мебо- шад, шавқу хаваси хоҳарам хам ба табиат камтар нест. Духтур Уотсон, худатон боиси чунин эътироф шудед: агар аз тиреза ба ботлоқзорони мо маҳзунона чашм намедӯхтед, ман инро ба шу- мо намегуфтам!

— Ҳа, рад намекунам, ҳақиқатан ба назарам чунин мена- мояд, ки дар ин ҷо аз шумо дида, зиндагӣ барои хоҳаратон зик- тар мегузарад.

— Не, ман зиқ намешавам,— зуд чавоб дод ӯ.

— М.о бо кори илмӣ банд, мо китобхойаи калон дорем ва хамсояхоямон ҳам одамони хеле ғалатй. Духтур Мортимер— дар соҳаи кори худаш одами хеле бомаълумотест. Сэр Чарльзи бетолеъ низ хамсӯҳбати хубе буд. Мо бо вай дӯсти хеле наздик будем ва ҳатто ба шумо гуфта наметавонам, ки ин талафот ба- рои мо чи гуна вазнин аст. Шумо чи мегӯед, агар имрӯз ман ба на?ди сэр Генри ба дидорбинӣ равам? Ии ба вай халал наме- расонад?

— Боварӣ дорам, ки ошнои бо шумо ӯро хеле шод мегардо- над.

• •

— Дар он сурат лутфан ӯро огрҳ кунед. Ҳоло ки ӯ ба ҷои иав омӯхта нашудааст, шояд, давраи аввал мо ба ӯ ёрдаме карда тавонем... Духтур Уотсон, ҳоло биёед боло баромада, кол- лекцияи пулакчақанотони худро ба шумо нишон диҳам. Ба фик- рам, дар ин кисми Англия аз ин диДа коллекцияи пурраеро пай- до карда наметавонед. То онро дида баромадан, ношто хам тайёр мешавад.

Вале ман баназди шахси ба. зери васигиам буда, ба назди сэр Генри мешитофтам, Маҳзунии ботлоқзор, ҳалокати тотуи бечора, уллоси пурасрор, ки бо қиссаи ғамангези авлоди Бас- кервилхо ким-ч*и хел алоқамандй карда мешуд,— ҳамаи ин ма- ро ба ҳоли маъюсй меовард. Ба ин таассуроти каму беш мубҳам боз суханони комилан маъноияш муайяни мисс Стэплтон илова мешуданд, ки бо чунин қувваи эътиқод гуфташуда буданд ва ба*чиддияту амиқии сабабхое, ки боиси рӯй додани онхо гар- дида буданд, дар ман ҷои шубҳа намемонд. Ман аз таклифи бо-

исрор рӯ гардЬнида, ба ношто наистодам ва бо ҳамон пайра* хаи омадагиам равон шудам.

Вале, ба ғайр аз ин пайраха, аҳтимол, дар ин ҷо роҳи аз ин наздиктаре ҳам буд, чунки ба роҳ набаромада, дар иаздам мисс Стэплтонро дидам. Сурхие, ки дар Уунаҳояш барқ мезад, ба хусни вай ҳусн зам мекард; вай даррӯи санги канори роҳ ни- шаста буд ва дасташро ба рӯи синааш гузошта, чукур-чукур нафас мегирифт.

— Духтур Уотсон, ман as шумо пеш гузаштанӣ шуда тамо* ми роҳ давидам,—-.гуфт вай.—Ҳатто ба пӯшидани кулоҳ фур- сат наёфтам. Ман таъхир намекунам, чунки бародарам набу- дани.маро пай мебарад. Ман барои саҳви беақлонаам фақат аз шумо узр хостаниам; охир ман шуморо сэр Генри гумон кар- дам. Хоҳишмандам, ҳар чи ки ман гуфтам, аз хотир бароред. Ин ба шумо ҳеҷ дахл надорад.

— Миср Стэплтон, чи тавр ман инро аз хотир мебарорам! Ман ба қисмати дӯстам, сэр Генри, бепарво буда наметавонам, Гӯед, барои чи исрор намудед, ки гашта ба Лондон равад?

— Духтур Уотсон, инҷиқии занона! Ҳар гоҳ, ки мо бо ҳамди* гар наздик шинос шавем, шумо боварӣ ҳосил менамоед, ки ман ба суханам ва кору рафторам ҳама вақт шарҳ дода наметаво- нам.

— Не, не! Ман чи гуна пуристироб будани овозатонро дар хотир дорам, чашмони шуморо ёд дорам. Мисс Стэплтон, хо- ҳишмандам, бо ман ощкор гап эанед! Ман баробари ба ин чо омдданам, дарҳол ҳис намудам, ки дар атрофам ким-чигуна ша- баҳҳо гирд меоянд. Мисли ин ки аз ботлоқзори Гриймпен қадам зада меравӣ; ҳозир ё замони дигар ба яке аз ин алафзорони сабз меғӯтию ҳеҷ қас ба ту мадад намекунад, ки аз он ҷо ба< роӣ. Тӯед, ки ба чи ишора мекардед ва ман ин эҳтиётkории шу- моро ба сэр Генри хабар медихам.

- Дудилагй ба чеҳраи мисс Стэплтон соя афканд, вале сонияв нагузашта, қиёфаи вай ҷиддй гардида, ба ман ҷавоб дод:

— Духтур Уртсон, шуМо ба суханони ман аз ҳад зиёд аха- мият медиҳед. Марги сэр Чарльз ба ману бародарам сахт таъ- сир кард. Мо бо марҳум тез-тез вомехӯрдем, зеро ӯ ана дар ха- мин пайраҳае, ки ба назди хонаи мо мебарад, сайру гаштро нағз медид. Қиссаи ба дуои бад гирифтор шудани авлоди Баскервил- хо сэр Чарльзро азият медод ва хангоме, ки фалокат рӯй дод, фаҳмидам, ки бими вай асос дошта будааст. Акнун омадани меросхӯри сэр Чарльз маро хеле ба ташвиш андохта аст ва дар

хусуси хатаре, ки ӯро таҳдид мекунад, зарур медонам огоҳаш созам. Ана ҳамааш ҳамин, дигар гапи мегуфтдгӣ надоштам.

— Ба фикри шумо, он хатар аз чӣ иборат аст?

— Шумо ривояти сагро шунидаед?

— Ман ба ин ҳарза бовар намекунам!

— Ман бошам бовар мекунам. Агар шумо ақаллан каме ба сэр Генрн таъсир расонда тавонед, ӯро гирифта **аз** ин ҷо баред. Ин ҷо барои Баскервилҳо ҷои фалокатоварест. Дуньё васеъ аст< Барои чи сэр Генри дар ҳамон ҷое, ки ӯро хатар тахдид мена- мояд, зиндагӣ кунад?

— Ана барои ҳамин ҳам қарор додааст, ки дар ҳамин чо зиндагӣ кунад. Х^лқу атвори ин одам ҳамин хел ва агар шумо таъинтар ran назанед, гумон аст ки ман ӯро аз ин ҷо бурда тавонам.

— Ман зиёда аз ин ба шумо маълумоти муайян дода наме- тавонам, бо сабабе ки чунин маълумот надорам.

— Мисс Стэплтон, дар он сурат иҷозат диҳед ба шумо бэз як савол диҳам. Апар тамоми гапи ба ман мегуфтагиатон ҳамии бошад, дар он сурат чаро тарсидед, ки мабодо бародаратон на- шунавад? Ба фикри ман, дар ин ягон чизи ба вай ё каси дигар маъқул намешудагӣ нест<

— Бародари ман асло намехохад, ки Баскервиль-холл бесо- ҳиб монад; ин ба мардуми камбағале, ки дар ин ҷо дар атрофи ботлоқзор зиндагӣ мекунад, зарар мерасонад. Агар вай фаҳмад, ки ман ба сэр Генри таъсир расониданиам, ниҳоят оташин ме- шавад. Ман қарзи инсониамро адо кардам* ва дигар хеҷ чиз гуфтан намехоҳам. Акнун рафтанам лозим, чунки вай маро кофта пай мебарад, ки бо шумо гуфтугӯ кардаам. Хайр!

Вай ба ақиб гашт ва дере нагузашта дар байни харсангҳо ғоиб гардид, ман бошам дар ҳолате, ки маро ким-чи гуна тарсу ҳароси мубҳам фаро гирифта буд, ба сӯи Баскервиль-холл роҳ пеш гирифтам.

Б о б и VIII

АВВАЛИН ҲИСОБОТИ ДУХТУР УОТСОН

Аз ҳаминрӯз сар карда рафти воқеаҳоро аз рӯи мактубҳои ба мистер Шерлок Холмс навиштаам, ки ҳоло дар наздам дар рӯи миз хобидаанд, баён карданиам. Агар як варақи гумшударо. ба назар нагирем, онҳо пурра боқй мондаанд. Он мактубхо та- моми фикр **ва** гумону шубҳаи маро, назар **ба** оне ки танҳо ба

хотираам умед баста худам навиштанӣ Мешудам, басе аниқ баён мекунанд, агарчи воқеаҳои пурфоҷиаи он рӯзхо фаромуш нашудаанд.

Баскервиль-холл

13 октябрь

Холмси азиз!

Аз рӯи мактуб ва телеграммаҳои пештараи **ман** шумо аз **ҳа*** ма воқеаҳои дар ин кунҷи аз ҳама дурдасти дуньё рӯй додагӣ огоҳ мебошед. дар қадар ки дар ин ҷо дуру дароа зиндагӣ ду- нӣ, маҳзунии ин ботлоқзорон, ин фазоҳои бепоён, ки ҳатто аэ ким-чи гуна латофати ғамангез холӣ нест, торафт бештар ба каърӣ дил дохил мешавад. Ҳамин ки ман ба ин ботлоқзорон по ниҳам, ҳис мекунам, ки Англияи ҳозиразамон дарг ким-куҷо дар қафо мемонад ва ба ҷои он дар гирду атроф фақат осори бо- шишгоҳ ва меҳнати одами пеш аз таърихро мебинӣ. Ин қаби- лаи кайҳо маҳву нобуд гардида дар **ҳама** ҷо **аз** худ хотиррасои мекунад — ана ма^ораи вай, ана қабрҳо, ана сангпораҳои ази- ми дар он ҷо мондае, ки аоҳиран, бутхонаҳои вай воқеъ гарди- да буд. Ба нишебиҳои бо аслиҳаи оддӣ тарошидашудаи талҳо, ки ин мағораҳо сиёҳӣ мекунанд, нигариста, фаромӯш мекунӣ, ки дар кадом аср зиндагйба сар мебарӣ ва агар нохост дар зе- ри гунбади пасти яке аз онҳо махлуки зиндаи серпашм пайдо шуда, ба зеҳн камон тири нӯгаш санги чақмоқ гузорад, ҳис ме- кунед, ки дар ин ҷо будани вай назар ба шумо бамаврид аст. Аз ҳама аҷибаш ҳамин ки ин одамон дар ин ҷойҳои бесамар зич сукунат ихтиёр карда буданд. Ман археолог нестам, вале, ба фикрам, ин қабилаи асло чанговар не, балки мазлуме буда, бо он чи қаноат ҳосил менамуд,'ки дигарон аз он рӯ мегардони- данд.

Вале ҳамаи ин ба иқомати ман дар ин ҷо ҳеҷ дахл надорад ва шояд, ба шумо барин одами билкул амалӣ ҳеҷ шавқангез на« бошад... То ҳол ман бепарвоии форифболии шуморо дар масъ* алаи он, ки офтоб дар атрофи замин чарх мезанад ё замин дар атрофи офтоб, ҳеҷ аз хотир бароварда наметавонам. Набошад биёед ба далелҳое менигарем, ки бевосита ба Генри Баскер- виль дахл доранд.

Якчанд рӯзи оҳир шумо аз ман ҳеҷ гуна маълумот нагириф* тед, сабабаш хамин ки чизи хабар медодагӣ набуд. Вале дар ин байн як вокеаи аҷибе рӯй дод, ки ман вақташ ояд ба шумо ха« бар медиҳам, вале ҳозир дигар тарафи масъаларо дида меба* роем, ки барои кори мо аҳамияташ камтар нест.

Яке аз ин масъалаҳо хеле муҳим аст, агарчи ман дар мак-

тубҳоям онро қариб ёдоварӣ накардаам,—он ҷинояткори бадар* ғашуда мебошад, ки дар ин ботлоқзорон руст шуда мегардад. Асос ҳаст тахмин кунем, ки ба бахти сокинони фермаҳои якка- ву танҳо ӯ аз ин ҷойҳо баромада рафтааст. Аз бози ӯ фирор кардан ду ҳафта гузашт ва аз ҳамон вақт инчониб аз вай хеҷ хабар нест. Ба худ тасаввур намудан душвор аст, ки тамоми ин муддат одам дар ботлоқаорон зиндагӣ карда тавонад. Дуруст аст, ки ҷои руст мешудагӣ хаст. Ҳар як ғори сангӣ барои вай паноҳгоҳ- шуда метавонад. Вале охир бе хӯрду хӯрок мурдан мумкин. Фақат ҳамин ки вай гӯспандонро дошта кушта мехӯ- рад. Не, ҷинояткори бадарғашуда бешубҳа аз ин ҷойҳо рафта- аст, бинобар ҳамин сокинони фермаҳои дурдаст акнун осуда мехобанд.

Мо, чор марди тануманди боқувват, ки дар Баскервиль- холл зиндагӣ мекунем, дар сурати ягон ҳодиса рӯй додан, худро мудофиа карда метавонем, вале ба шумо иқрор шавам, аз ваҷ- ҳи Стэплтонхо фикр карда хавотир мешавам. Онҳо ҳамсояҳои наздик надоранд, аз ин рӯ ба ёрии ягон кас умед карданашон кори душвор. Духтархона, пирамарди хизматгор, хоҳару ака,— муахилрулзикр, зоҳиран қуввати казоие надорад — а'па ҳама он бошандагони Меррипитхаус. Агар вай ба хонаи онҳо даромада монад, аз дасти ин қотили Ноттинтхили халос хӯрда наметаво- нанд. Ману сэр Генри аз ваҷҳи онҳо хеле хавотир шудем ва ҳатто хостем, ки саис Перкинс дар Меррипитхаус 'хоб кунад, аммо Стэплтон ба гапи мо гӯш кардан ҳам нахост.

Гап дар он, ки дӯсти мо баронет ба ҳамсояи соҳибҷамоли худ майлу рағбати зиёд зоҳир карда истодааст. Ва ин ҷои та- аччуб надорад, зеро вай одами боғайрат, серҳаракатест ва дар чунин кунҷу канори дурдаст зиқ мешавад, зан бошад, иқрор шудан лозим, ки зани дилрабо ва зебоест. Бар хилофи акаи хун- сард ва комилан вазнинаш ӯ ким-чи гуна ҷушу хурӯши аҷиб дорад. Ва дар айни замон дар вай оташи ниҳонӣ ҳис.карда ме- шавад. Аз рӯи ҳама кору рафтораш, таъсири ӯ бар хоҳараш хеле зиёд аст; борҳо дидаам, ки дар аснои гуфтугӯ вай ба чашми айааш нигариста, гӯё маъгали та-сдиқи суханони худ меша- вад. Ба дил умед мебахшам, ки онҳо дӯстона зиндагӣ мекунанд. Чуйин дурахши берӯҳи чашмон ва чунин лабони борики фишур- да аксар вақт аз хулқу атвори қатъӣ ва ҷиддӣ шаҳодат меди- ханд. Дар ҳар ҳол ин натарулист одами адибест ва шумо хат- ман ба вай рағбат зоҳир мекардед.

Вай худи ҳамон рӯз ба дидани сэр Генри омад ва пагоҳии

рӯзи дигараш моро ба ҳамон ҷои воқеа рӯй додагӣ, ки бо қис- саи Ҳугои гумроҳ алоқаманд буд, гирифта бурд. Мо ба даруни ботлокзор якчанд миль роҳ тай карда, ба водии начандон ка- лони ба андозае маъюсовар расидем, ки он худ ба худ боиси пайдошавии чунин қисса шуданаш мумкин буд. Мо аз гузарго- хи Танги байни сутунхотГ сангии шикаста пора-пора шуда Х>а марғузори васее баромадем, кӣ он бо алафҳои ботлоқӣ пӯшида шуда буд. Дар миёнҷои он ду санги калони нӯгборике хобида- аст, ки дандонҳои азими пӯсидаи кадом-як ҳайвони афсонавии ачоибхилқатро хотиррасон менамояд. Дар ин ҷо ҳама ба тасви- ри хамон манзарае, ки ин фоҷиаи дерин рӯй додааст, айнан мувофиқат мекунад. Сэр Генри бо шавқу завқ ба гирду атроф назар меандохт ва якзайл аз Стэплтон мепурсид, ки наход вай бовар кунад ки қувваҳои берун аз табиат ба корҳои одамӣ да- холат карда метавониста бошанд. Оҳанги гуфтори вай бепар- воёна буд, вале ӯ зоҳиран, ба ҳамаи ин хеле ҷиддӣ рафтор ме- кунад. Стэплтон бо таҳаммул ҷавоб дода, бисьёр чизҳоро то охир намегуфт ва ошкоро ба эҳсосоти баронети ҷавон раҳм ме- кард. Вай ба ҳамин монанд якчанд йоқеаро ба мо нақл кард; оилаҳо авлод ба авлод таъснри ким-чи гуна қуввахои шарирро хис меқарданд ва пас аз ҳамаи ин ҳикояҳо дар мо таассуроте хосил шуд, ки Стдплтон ҳамроҳи дигар сокинони бисьёри ин ҷой ба қиссаи саги Баекервиль бовар мекунад.

•Мо дар бозгашт ба Меррпипитхаус даромада нощто кардем. z Ҳамон вақт сэр Генри бо мисс Стэплтон шинос шуд. Вай аз му- лоқоти аввалин мафтуни вай гардид ва агар гӯям, ки ин ҳис- сиёти дутарафа мебошад, саҳв намекунам. Вақти хона гашта омаданамон вай дам ба дам аз вай ran мезад вд аз ҳамон вақт инҷониб рӯзе нест, ки мо бо Стэплтонҳо вонахӯрем. Имрӯз он- хо бо мо наҳор мехӯранд, аммо сэр Генри аллакай мегӯяд, ки ҳафтаи оянда ба боздиди онҳо меравем.

Ба назар чунин менамояд, ки барои хоҳари Стэплтон аз сэр Генри дида шавҳари нағзеро пайдо кардан душвор аст, вале ба хар. ҳол чандин маротиба дидам, ки вақти сэр Генри ба вай ил- тифот намудан, акааш абру чин мекунад. Зоҳиран, Стэплтон ба хоҳараш хеле дилбастагӣ дорад ва аз танҳой зиқ мешавад, ам- мо охир. ба чунин ҷуфти нағз мамониат кардан хадди худпа- растист! Дар зимни он, ҳақиқат аст — Стэплтон ошкоро наме- хоҳад, ки ин дӯстӣ ба мехру муҳаббат табдил ёбад ва аз рӯи мушоҳидаи ман, вай ба ҳар тариқа, кӯшиш'мекунад, ки онҳоро танҳо намонад. Воқеан, агар ин боз ба ищқу муҳаббат мубад- дал гардад, дар он сурат насиҳати шумо, ки аз сэр Генри чашм

наканам, қариб ичронашаванда шуда мемонад. Агар ба супо- рише, ки ба ман дода шудааст, қатъй рафтор кунам, ин обрӯи маро паст мекунад!

Ба наздикӣ, дурусттараш рӯзи панҷшабе, духтур Мортимер дар хонаи мо ношто кард. Вай дар пастии Дарозрӯя кофтукови археологӣ гузаронида, дар он ҷо косахонаи сари одами пеш аз таърихро ёфт ва ин ӯро ба шавқу завқи тасвирнопазир овард. Дуюм шахсеро, ки то ин дараҷа ба кори худ ташаббускор бо- шад, пайдо кардан душвор. Пас аз ношто Стэплтонҳо омаданд ва духтури меҳрубон бо хоҳиши сэр Генри хамаи моро ба кӯча- боғи буттаҳои тисса бурда, он шаби машъум чи тавр рӯй дода- ни воқеаро ба мо нишон дод. Ин кӯчабоғ дуру дарози тира бу- да, аз ҳарду тарафи он девори яклухти буттаҳои нӯгбуридаи тисса қад кашида, хатҳои борики чим дида мешавад. Дар охири кӯчабоғ шипангчаи нимвайронае воқеъ гардида, дар миёнҷояш даричае ҳаст, ки ба ботлоқзор кушода мешавад ва пирамард Баскервиль дар назди он хокистари сигарашро афшондааст. Дарича чӯбин буда, бо ранги сафед ранг карда, ғалақааш гу- заронида шудааът. Дар паси он ботлоқзорони бепоён доман паҳн кардаанд. Ман доир ба воқеаҳои дар ин ҷо рӯй додагӣ назарияи шуморо ба хотир овардам ва чи хел рӯй додани он- ҳоро ба худ тасаввур карданӣ шудам. Пирамард Баскервиль дар назди дарича истода, аз тарафи ботлоқ наздикшавии ким- чиро дидааст ва аз ин рӯъё чунон тарсидааст, ки ақлашро гум карда, роҳи гурезро пеш гирифтааст ва то он даме гурехтааст, ки аз бедармонӣ ва даҳшат афтида ҷо ба. ҷо мурдааст. Вай |5а кӯчабоғи дарози торик давидааст. Вале кӣ ӯро рӯ ба гурез овар- дааст? Кадом.як саги чӯпонии аз ботлоқ баромада? Ё худ саги хаёлии азими сип-сиёҳи сокит? Ҳа, шояд, ин кори одамӣ бо- шад? Шояд, Бэрримори рангпаридаи боэҳтиёт назар ба гуфта- **аш** бештар огоҳ бошад? Туман ва пурра номуайянӣ — ва ба ҳар ҳол дар паси ин шабаҳи безоркунанда ҷиноят истодааст.

Аз вақти охирин мактуби ба шумо навиштагиам, боз бо яке аз ҳамсояҳо — бо мистер Френкленди Лефтерхолӣ, ки тахмин чор миль ҷанубтар аз мо зиндагӣ мекунад, шинос шудам. Ӯ пир, мӯйсафед, сурхинар.ӯй ва бадзаҳрест. Мистер Френкленд ба маҷ- мӯи конунҳои Британия савдой шудааст ва тамоми молу дав- латашра ба су^у судбозӣ сарф кардааст. Вай маҳз барои дил- хушии худ судбозй карда, гоҳ ба сифати даъвогар, гоҳ ба си- фати ҷавобгар баромад мекунад ва чи тавре ки худатон медо* нед, чунин машғулиятҳои шодибахш арзон намеафтанд. Гоҳяк* бора ба мияаш мезанаду роҳи гузарро аз назди мулкащ манъ 850

мекунад — бигузор шӯрои маҳаллаи тобеи калисо исбот кунад, ки ин нодуруст аст. Баъд бо дасти худ даричаи ягон касро ши- каста мегӯяд, ки аз қадиммулайём ин ҷо рохи рафтуомйд буд — бигузор соҳибаш барои сарҳади мулки бегонаро вайрон Караа- Нат ӯро ба суд диҳад. Вай қонунҳои қадимаи общинаро азьёд медонад ва баъзан донишҳои худро ба нафъи дехачаи ҳамсоя Фернворси, баъзан бар акси он истифода менамояд, бинобар **ин** сокинони деҳача навбат ба навбат гоҳ бо тантана ӯро кӯча ба кӯча мегардонанд, гоҳ рамзан ба сӯзонидан медиҳанд. Мегӯянд, гӯё ҳозир дар дасти мистер Френкленд ҳафт даъво хоби* дааст, ки онҳо яқин боқимондаи молу давлати ӯро барбод меди- ҳанд ва пас аз ин, ӯ пирамарди комилан беозор ва ором **ме*** гардад. Дар ҳама муносибатҳои дигари худ вай одами нармдил, ҳалиме мебошад ва ман фақат барои ҳамин ӯро номба^) кардам, ки шумо тасвири ҳама ҳамсояҳои моро аз ман талаб кардед.

Ҳозир мистер Френкленд барои худ машғулияти хеле аҷибе ёфтааст. Вай, ки дар гузашта дӯстдори ситорашиносӣ буд ва дурбини якмилаи нағзе.дорад, рӯзи дароз дар болои боми хонаи худ хобида, ба умеде ботлоқзоронро аз назар мегузаронад, ки маҳбуси бадарғашударо бубинад. Агар мистер Френкленд мон- дагӣ қувваи худро фақат ба ин сарф наменамуд, ҳамааш аъло мебуд, вале овозае ҳаст, гӯё вай духтур Мортимерро барои ҳа- мин ба ҷавобгарӣ кашиданӣ аст, ки духтур кадом як қабрро кофта, розигии ҳешони наздики марҳумро нагирифтааст. Чи тав- ре, ки шумо пай мебаред, сухан дар бораи косахонаи сари ода- ми неолит меравад ва он дар вақти кофтукови теппаи Пастии дарозрӯя ёфт шудааст. Бале, мистер -Фрекленд дар зиндагии мо баъзе дигаргуниҳо дохил менамояд ва ин ҳозир барои мо айнн муддаост.

Акнун ҳарчи ки дар бораи маҳбуси бадарғашуда, Стэплтон- ҳо, духтур Мортимер ва мистер Френкленди лефтерхолли мум- кин буд, ба шумо хабар дода, ба нуқтаи аз ҳама муҳим мегу- зарам ва дар бораи Бэрриморҳо, хусусан, дар бораи он воқеа- ҳои аҷиб, ки имрӯз шабона рӯй доданд, нақл мекунам.

' Аз телеграммаи аз Лондон фиристодаи шумо сар мекунам, ки бо мақсади қаноат ҳосил намудан ва ҳайон рӯз дар ҷояш будан ё набудани Бэрримор ирсол карда будед. Шумо дар бо- раи сӯҳбати ману мудири почта аллакай хабар доред; аз ин маълум гардид, ки тафтиши мо ҳеҷ натиҷа надод ва ба ҳамин тариқ маълумотхои ба мо лозимарр гирифта натавонистем. Ман аз барор накардани корам ба сэр Генри нақл кардам ва ӯ аз рӯи ростқавлии ба вай хос фавран Бэрриморро ҷеғ зад ва дар

бораи телеграмма пурсид. Бэрримор гуфт, ки телеграммаро ги- рифта буд.

— Писарбача онро ба дасти худатон супурд?— пурсид сэр Генри.

Бэрримор бо тааҷҷуб ба вай нигариста, дақиқае фикр кард.

— Не — гуфт вай.— Ман ҳамон вақт дар зершрвонӣ будам **ва** телеграммаро занам оварД.

— Ҷавобашро худатон навиштед?

— Не, чи хел ҷавоб навиштанашро ба занам гуфтам, ӯ поии фуромада навишт.

Бегоҳӣ Бэрримор бо ташаббуси худ аз нав ба сари ин мавзӯъ баргашт.

— Сэр Генри, ман дуруст нафаҳмидам, ки чаро шумо дар бо- раи он телеғрамма аз ман пурсидед,— гуфт вай.— Наход ман ягон гуноҳ содир карда, .бовариро аз даст дода-бошам?

Сэр Генри ин тавр не гуфта, ӯро бовар кунонданӣ шуд ва барои он ки ба вай қатъӣ таскин бахшад, аз сарулибоси кӯ.кнаи худ анча чиз тӯҳфа намуд, зеро ҳар он чи дар Лондон харида буд, аллакай ба Баскервиль-холл оварда шуда буданд.

Диққати маро миссис Бэрримор хеле ҷалб мекунад. Вай за- ни хеле ботамкин, мӯътабар буда, майлони пуританӣ (покиза- гии ахлоқ) дорад ва зоҳиран, чандон боақл нест. Ба назар чу- нин менамояд, ки зиёда аз вай вучуди ботамкинеро тасаввур намудан душвор аст. Вале шумо аллакай медонед, ки шаби якум ман дар ин ҷо зор-зор гиристани ӯро шунидам ва аз ҳамон вақт инҷониб чандин маротиба дар чеҳрааш осори ашк дидам. Кадом як ғаму ғуссаи вазнин ин занро азоб медиҳад. Баъзан фикре ба каллаам меояд: шояд, виҷдони нопокаш ӯро азоб ди- ҳад? Баъд дар шахси Бэрримор золими хонагиро гумонбар ме- шавам. Ба назарам ҳамеша чӯнин менамуд, ки ин шахси шуб- ҳаангезу аҷибе мебошад ва воқеаи щаби гузашта шубҳаи ма- ро дучанд гардонид.

Бо вуҷуди он, ин воқеа ба сари худ чандон аҳамиятнок нест. Шумо, шояд, дар хотир дошта -бощед, ки хо£и ман чандон сахт нест, вале дар ин ҷо, дар Баскервиль-холл, дар сурате, ки ҳа- меша ҳушьёр будан лозим аст, махсусан ҳушьёрхобам. Дирӯз шабона тахмин соати ду, садои поида-поида ба ҳуҷраам наз- дикшавии пойро шунидам. Ман хеста, дарро кушода, ба роҳ- рав нйгоҳ кардам. Гузаштани сояи дарози сиёҳи касеро дидам. Соя-сояи одам буд, ки вай шамъ дар даст оҳиста-оҳиста қадам монда аз роҳрав мерафт. Вай дар тан куртаи так, шим дошта, пойлуч буд. Ман фақат тарҳи норавшани ӯро фарқ кардам, ва'

ле аз қадаш Бэрримор буданашро пай бурдам. Вай оҳиста-оҳис- та, оромона роҳ мерафт, ҳар як ҳаракаташ дуздона ва ҳушьё- рона буд. Шумо аз рӯи мактубҳои ман аллакай медонед, ки ай- вони холлро иҳота кардагӣ ҳар ду роҳравро бурида мегузарад. Ман то аз чашм ғоиб шудани Бэрримор нигоҳ карда истодам ва ба дунболи ӯ равон щудам. Чун ба айвон баромадам, вай алла- кай ба охири роҳрави дуртарин расида буд, баъд аз дари ку- шодаи яке аз ҳуҷраҳо равшанӣ дурахшид,— пас вай ба он чо даромад. Ба шумо гуфтанам лозим, ки дар ин ҳуҷраҳо ҳеҷ кас зиндагӣ намекунад ва дар онхо ҳатто мебель нест, пас рафтори Бэрришэр тамоман пурасрор шуда монд. Вай, зоҳиран, дар он ҷо начунбида меистод, чунки шӯъла.и шамъ намеларзид. Ман ҳдрчи оҳиста қадам монданӣ шуда, роҳравро тай намудам ва аз паси паҳлударӣ ба дарун нигоҳ кардам.

Бэрримор шамъро ба шиша наздик бурда, дар назди тиреза руст шуда меистод. Ман як тарафи рӯи ӯ — чеҳраи аз интизо- рии пуршиддат карахт, ба ботлоқи тип-торик чашм дӯхтани Бэрриморро дидам. Вай якчанд дақиқа бо диққат ба тиреза ни- гарист, баъд нолиши паст кард ва бо ҳаракати бесаброна шамъ- ро кушт. Ман дарҳол ба хонаам баргаштам ва дере нагузашта дар паси дар ҳамон садои дуздида қадаммониро шунидам, аз байн вақти бисьёре гузашт ва аз байни хобу бедорӣ дар ким- кучо садои тоб додани калиди қулфро шунидам, вале ин садо аз кучо меомад, муайян кардан душвор буд.

Ман намефаҳмам, ки ҳамаи ин чи маънӣ дорад, вале дар ин ғамхона ким-чи гуна корҳои махфӣ карда мешаванд, ки дер ё зуд мағзи онро фаҳмида мегирем. Намехоҳам дар ин масъала назарияи худро баён карда, шуморо заҳмат диҳам, зеро шумо аз ман хоҳиш карда будед, ки фақат далелҳоро ба шумо хабар диҳам. Ин пагоҳӣ ман бо сэр Генри дуру дароз ran задам ва мо мушохидаҳои шабонаи маро асос карда, накшаи амалиёт- ро кашидем. Вале то мактуби оянда дар ин бора чизе намегӯ* ям, ки он нақша.аз ин фақат бурд мекунад.

Боби IX

ҲИСОБОТИ ДУЮМИ ДУХТУР УОТСОН

Баскервиль-холл
15 октябрь

Азизам Холмс!

Агар косиди шумо давраи аввали ба ин ҷо омаданаш шумо- ро бо маълумот дуруст таъмин накарда бошад, бовар кунед,

ки акнун қусури имкониятҳои аз даст додашударо мебарорад, веро воқеаҳо паи хам зуд ба вуқӯъ омада истодаанд. Ҳисоботи охиринамро бо тасвири пурфочиаи дар назди тирезаи хонаи хо- лӣ истодани Бэрримор ба охир расонида будам, аммо аз он вақт ман як тӯда навигариҳо ҷамъ кардам, ки бешубха, онхо шуморо хеле дар ҳайрат мемонанд. Ман ҳеҷ пешбинӣ карда на- метавонистам, ки корҳо чунин сурат мегйранд. Дар давоми ду шабу ду рӯз вазъият, аз як тараф анча равшан, аз тарафи ди- гар боз ҳам мураккабтар гардид. Вале аз як сар ҳамаашро накл мекунам, ки худатон дар ин бора қазоват кунед.

Пагоҳии рӯзи дигар пас аз воқеаи бо ман рӯйдода то нош- **то** ҳамон ҳучраи Бэрримор даромадагиро аз назар гузаронидам. Тирезае, ки вай аз он бо диққат менигарист, назар ба ҳама ти- резахои дигари хона як бартарӣ дорад: аз он беҳтарин манза- раи ботлоқзорон намоён мебощад. Дар равшании байни ду да- рахт ботлоқзорон мисли ин ки дар кафи даст намоёнанд, аз ти- резаҳои дигар қариб наменамоянд. Яъне, Бэрримор ин тиреза- ро барои он интихоб кардааст. ки дар фазои ботлоқзорони торф- дор касе ё чизеро нигох карда бинад. Вале шаб торик буд ва намедонам, ки ба чи умед баста буд. Баъд ба фикрам омад, ки шояд, ин ягон найранги ишкӣ бошад? Дар он сурат хамааш маълум мегардад — ҳам эҳтиёткорона амал кардани вай ҳам ғусса хӯрдани зани вай. Шахсе, ки мисли ӯ сурату симо дорад, метавонад дили. ягон духтари деҳотиро ба хӯд мафтун кунад, бийобар ин тахмин ба қадри кофӣ асоснок аст. Ҳамон вақт ба хучраам баргашта, дар ким-кучо садои кушода шудани дарро шунйдам. Эҳтимол, Бэрримор ба мулокоти махфӣ мерафт. Та- моми пагоҳии рӯзи дигар ин фикр якзайл аз майнаам дур на- мешуд. Минбаъд гумону шубҳаи ман беасос баромаданаш мум- кин ва ба ҳар ҳол, қатъи назар аз ин, зарур мешуморам ки он- хоро ба шумо хабар диҳам.

Ман хис менамудам, ки агар доир ба воқеаҳои он шаб рӯй- додагӣ хомӯш истода, сабаби равшан гардидани амалиёти Бэр- риморро мунтазир шуда истам, ба зиммаам масъулияти аз хад зиёд калон мегирам. Пас аз ношто мо ҳамрохи баронет ба ка- бинети ӯ рафтем ва дар он ҷо хамаашро ба вай нақл карда до- дам. Бархилофи чашмдошти ман вай ба ин басе оромона раф- тор кард.

— Медонам, ки Бэррймор шабонахо сайругашт карда ме- гардад ва кайхо боз бо вай ran заданиам,— гуфт вай.— Тах* мин ҳамон соатҳои шӯмо гуфтагй якчанд маротиба садои қа- даммонии ӯро дар рохрав шунидам,

— Шояд, ҳар шаб ба назди ҳамон тиреза равад?

— Мумкин. Агар ҳамин тавр бошад, аз пасаш поида, дидан лозим ки ӯ дар он ҷо чи кор мекунад. Аҷиб, дар чунин маврид дӯсти шумо Холмс чӣ кор мекард?

— Боварӣ дорам, хи ӯ- низ ҳамин корро мекард,—[1] гуфтам ман.— Аз паси Бэрримор поида мерафт ва фаҳмида мегирифт, ки дар он ҷо ба вай чй лозим шудааст.

— Дар он сурат биёед ин корро ҳамроҳ мекунем.

— Вай садои пои моро мешунавад!

— Намешунавад. Гӯши Бэрримор саҳл вазнин ва'ба ҳар ҳол, таваккал кардан лозим. Биёед ӯро дар ҳуҷраи ман мунта- зир мешавем.

Сэр Генри қаноатмандона кафи дастонашро бо ҳам моли- да, зоҳиран, аз хурдтарин имконият шодй мекард, ки ба рафти якранги зиндагй, ки дар ин ҷо ба сар бурданаш дурӯст меомад, дигаргуние дохил менамояд.

Баронет аллакай бо архитекторе, ки барои сэр Чарльз нақ- шаи азнайсозиро тайёр карда буд, алоқа карда, аз Лондон пуд- ратчй таклиф намуда буд, бинобар ҳамин ба наздикӣ дар ин ҷо дигаргуниҳои калонеро чашмдор шудан лозим. Аз Плимут де- кораторҳо ва мебельсозҳо омада буданд. Аз тамоми амалу раф- тори дӯсти мо дида мешавад, ки вай миқьёси корро хеле калон гирифтааст ва барои барқарор кардани шаъну шӯҳрати пешта- раи авлоди худ на меҳнатро дареғ медорад, на пулро. Вақте ки таъмири хонаро буд- карда, василаи роҳати онро дигар ме- кунад, барои пуррагии манзара фақат зан гирифтани баронет мемонад. Гап дар байни худамон монад, барои тахмйн наму- дан.ҳама асосҳо ҳаст, ки кор ба ин гир намекунад, зеро вай ба ҳамсояи дилрабои худ, мисс Стэплтон чунон ошиқ шудааст, кя мондая гиред. Вале дар чунин вазъияте ки инро умедвор uiy- дан мумкин аст, ошиқии онҳо мамониатҳо мебинад. Масалан, имрӯз дар сатҳи он алағдагие пайдо шуд, ки он дӯсти моро хеле дар тааҷҷуб мононда, хафа кард.

Сэр Генри пас аз гуфтугӯи мо дар бораи Бэрримор кӯлоҳ- ро ба сар монду тараддуди ким-кӯҷо рафтан дид. Будагӣ ran, ман низ ба рафтан тайёр шудам. '

— Уотсон, шумо ҳамроҳи ман рафтаниед?—ким-чи хел ба таври аҷиб ба ман нигариста, пурсид вай.

— Ин ба куҷо рафтани шумо вобаста. Агар ботлоқзорон рафтанй бошед, он гох ман ҳам меравам,— ҷавоб додам ман.

— Ба он ҷо меравам.

. — Шумо охир медонед, ки ба ман чи гуна супоришҳо до-

да шудааст. Ман ба шумо халал расонндан намёхоҳам, вале Холмс фармуда буд, ки шуморо танҳо рафтан намонам, хусу- сан ба ботлоқзорон. Шумо худатон инро шунида будед.

Сэр Генри меҳрубонона табассум карда, ба китфи ман Tan- Tan зад.

— Дӯсти азиз,— гуфт вай,— Холмс бо вуҷуди дурбинии худ тамоми тафсилотро пешбинӣ карда наметавонист, ки зиндагии ман дар ин ҷо чи тавр сурат мегирад. Шумо гапи маро мефаҳ- мед? Дигар касро намедонам, яқин шумо намехоҳед ба ман ха- лал расонед. Не, монед худам танҳо меравам.

Худатон мулоҳиза кунед, ки вазъияти ман чӣ хел буд. Ман саросема шуда, чи гуфтанамро, чи илоҷ карданамро намедрнис- там.дар зимни он сэр Генри асояшро гирифта баромада рафт.

Вале ҳамин ки каме андеша кардам, виҷдонам маро азоб додан гирифт — чаро мондам, ки ӯ аз пеши чашми ман дур ра- вад! Агар ба Лондон баргашта, ба шумо иқрор мешудам, ки мусоҳилакории ман моро ба фалокат оварда расонд, он гох аҳ- вол чӣ мешуд! Баробари ин фикр маро воҳима зер кард. Ҳоло ки дер нашудааст, ба дунболаш давида ӯро дарьёб кардан мум- кин. Ман дарҳол ба Меррипит-хаус равон шудам.

Ман сэр Генриро надида, тез-тез аз роҳ кадам зада мераф- там ва пас аз якчанд дақиқа ба ҳамон ҷое, ки пайраҳаи ба пешгоҳи ботлокзорон мебурдагӣ сар мешавад, наздик шудам, Он гоҳ ба дурустию нодурустии ниятам ба дилам шубҳа аф- тод ва ман ба тале, ки аз болои он манзараи васеи ботлоқзо- рон намоён аст, баромадам — ҳамон тале, ки як вақтҳо кони санг буд. Аз он ҷо дарҳол баронетро дидам. Ӯ тахмин чорьяк миль аз ман дур ба пайраҳа қадам мезад ва бар ба бари вай зане мерафт, ки ба ҷуз мисс Стэплтон дигар кас набуд. Маъ- лум буд, ки онхо ҳар ду кайҳо дар бораи ҳамааш гапро пазон- даанд ва мулоқоти имрӯза тасодуфӣ намебошад. Онҳо саргар- ми гуфтугӯ хеле оҳиста роҳ мерафтанд ва аз рӯи имову ишора- ти мисс Стэплтон дида мешуд, ки вай сэр Генриро ба ким-чи розӣ карданӣ аст ва сэр Генри бо диққат ба гапи ӯ гӯш карда, сари ҳарчанд вақт ба таври рад сар меҷунбонд. Ман дар бай- ни харсангҳо истода чи кор карданамро намедонистам. Онхоро дарьёб карда, ин сӯҳбати маҳрамонаро буридан беадабист. Ва- ле қдрзи ман аз чи иборат аст? Аз он ки як сония аз сэр Ген- ри чашм наканам. Аз паи дӯсти худ поидан — ин кори аз ҳад -ношоистаест. Ва ба ҳар ҳол ман дигар чора надоштам ва қарор додам, ки аз болои тал истода назорати худро давом дихам ва баъд барои шустани гуноҳ ҳамаашро ба баронет иқрор шавам, 356

Рости ran, агар нохост хатаре ба сараш меомад, ман ба ӯ ёрдам карда наметавонистам, чунки хеле дур будам, вале бовар ку- нед, ки чи илоҷ карданамро намедонистам.

Сэр Генри ва духтар саргарми сӯҳбат якчанд кадам гузощ- та истоданд ва нохост ба ман равшан гардид, ки. шоҳиди му- лоқоти онҳо танҳо ман нестам. Дар байни харсангҳо ким-чи. чизи сабзе намоён шуд. Ман дурустакак диққ-ат карда дидам, ки он латтаи сабзест, ки бачӯб баста шудааст ва чӯбро шахсе бардошта ба самти пайраҳа меравад. Маълум шуд, ки вай Стэплтон бо халтачаи шапалакдории худ мебошад. Ӯ назар ба ман ба ҳар ду ҷавон хеле наздик буд ва рост ба тарафи онҳо мерафт: Дар ин лаҳза сэр Генри мисс Стэплтонро оғӯш кард, аммо мисс Стэплтон рӯй гардонида, худро аз канори ӯ рахо карданӣ шуд.' Сэр Генри ба тарафи ӯ хам шуд, духтар бо кафя даст худро панаҳ кард... Баъд онҳо ҷаста аз ҳамдигар дур шу- да, гашта ба* ақиб нигоҳ карданд. Гунаҳгори ин Стэплтон буд, ки бо тамоми қувва ба тарафи онҳо медавид ва бемаъниёна халтачаашро меафшоцд, Вай бебокона даст меафшЬнд ва ба ошиқон баробар шуда, дар ғояти ҳаяҷон дар назди онҳо пасу пеш қадам мезад. Ман чи маънӣ доштани ҳамаи инро намефах- мидам, вале зоҳйран, Стэплтон сэр Генриро ба ким-чи гунаҳ- кор мекард, сэр Генри бошад худро сафед памуда, оҳиста-оҳис- та оташин мешуд. Духтар худписандона наздик истода, ran на- мезад. Оқибат Стэплтон якбора қафо баргашт, омирона ба та- рафи хоҳараш даст афшонд ва духтар бечуръатона ба сэр Ген- ри назаре афканду ба дунболи акааш равон шуд. Ишоратҳои тундутези натуралист аз он шаҳодат медоданд, ки вай қаҳру ғазаби худро ба сари духтар низ фурӯ рехт. Баронет аз паси онҳо нигоҳ карда монд, баъд сарашро. хам карда ба роҳи ома- дагиаш ақиб гашта оҳиста-оҳиста равон шуд.

Ман аз ин ҳодисаи дар пеши назарам рӯйдода ҳеҷ чиз на- фаҳмидам ва худро ннҳоят хиҷолатманд ҳис мекардам, ки бе рухсрти дӯстам шоҳиди он шудам. Ман ба ҷуз тозон аз тал фу- ромада, баронетро дар поён пешвоз гирифтан дигар чорае на- доштам. Чеҳраи вай аз хашму ғазаб суп-сурх, қайоқаш гириф- тагӣ буд — вай ошкоро намедонист чи кор кунад, чи тавр раф- тор намояд.

— Ҳелло, Уотсон! Аз куҷо пайдо шудед? Наход шумо ба ҳар ҳол аз паси ман омада бошед?

Хамаашро ба вай фаҳмониданам дуруст омад: чи тавр хис намудам, ки ӯро танҳо монда наметавонам, чи тавр аз паси ӯ равон шудам ва шоҳиди вохӯрии онҳо ва ҳама воқеаҳои мин-

баъда гардидам. Сэр Генри теғ кашида ба тарафи ман нига- рисТ, вале кушод гапзании ман ғазаби ӯро фурӯ нишонд ва хур- сандона набошад ҳам ханда кард.

— Дар чунин ҷои беодам хилват гузинам гӯям, ин ҳам на- шуд! Ҳама гӯё забон як карда бошанд ба тамошои ишқварзии ман баромадаанд! Ишқварзии ман барор накард. Куҷоро барои худ дидбонгоҳ қарор дода будед?

— Ҳу болои он теппаро.

— Пас, дар галерка [1] нишаста будаед! Бародари вай бошад дар қатори якум ҷой гирифта будааст. Чи тавр^ба мо ҳамла кардани уро дидед?

— Ҳа, дидам.

— Ҳеҷ гоҳ фикр накарда будед, ки ақли ин махлуқ дар ҷо- яш не?

— Не, фикр накарда будам.

— Ман ҳам фйкр накарда будам. То имрӯз ман Стэплтонро одами комилан солимақл мешумурдам, аммо ҳозир ба назарам чунин менамояд, ки сахт танобашро кашидан лозим,. ё шояд, таноби маро кйшидан лозим бошад. Наход ман он қадар ода- ми ганда бошам? Уотсон, чанд ҳафта мешавад, ки шумо ҳам- роҳи ман зиндагӣ мекунед. Росташро гӯед. Чӣ ба ман халал мерасонад, ба зане ки дӯсташ медорам, шавҳари нағз шавам?

— Ба фикри ман хеч чиз халал намерасонад.

— Ба мавқеи 'ҷамъиятии ман эрод расонда наметавонад, пас, худи маро бад мебинад. Вай ба муқобили ман чи қасди бад дорад? Дар умрам ман ба ягон кас бадӣ накардаам. Ин махлук бошад, ҳатто маро ба вай наздик шудан намемонад.

— Вай ҳамин тавр гуфт?

— Ҳа, ва боз баъзе гапҳои дигар ҳам илова кард. Уотсон, охир медонед, ки ман якчанд ҳафта пеш бо вай шинос шуда бу- дам, вале аз вохӯрии аввал ба ман маълум гардид, ки ин зан барои ман офарида шудааст. Ва ӯ... ӯ ҳам... аз дидбри ман шод буд, ман тайёрам ба ҷонам қасам хӯрам! Чащми зан аз сухан дида майлу^иияти ӯро нағстар ифода мекунад. Вале акааш ба наздик шудани мо мамониат мекард ва фақат ҳамин рӯз имко- ният пайдо намудам, кн ду ба ду бо вай ran занам. Вай ба ия мулоқот хурсандона розй шуд, вЗле ба фикри шумо, барои чй? То ки дар бораи ишқу мухаббати мо ran занад? Не, агар ихти- ёр ба ӯ мебуд, вай маро хам маҷбур мекард, ки дар ин бора лаб накушоям, Дар даҳонаш фақат якгап: ин ҷо хавфнок аст

[1] *Галерка* — **қатори балавдтарин ва ақибтарин дар театр,**

ва то ман аз Баскервиль-холл баромада наравам, ӯ ҳаргиз хо- тирҷамъ намешавад. Ман гуфтам, ки пас аз ӯро дидан ҳаргиз аз ин ҷо намеравам ва агар ин ниҳоят зарур бошад, бигузор ҳамроҳи ман равад. Хулласи калом таклифи издивоҷ кардам, аммо вай ҳатто ба додани ҷавоб фурсат наёфт, зеро ҳамон дам акаи меҳрубонаш мисли девона ба мо ҳамла намуд. Аз қаҳру ғазаб ранги вай сап-сафед канда буд, чашмони хурди бенураш шарора мепошиданд. Ман чи кор кардам! Ба зане, ки дар дили ӯ ба ғайр аз нафрат дигар эҳсосе<нест, чи тавр арзи ишқу му- ҳаббат мекунам! Шояд, ман тасаввур намоям, ки ҳама чиз ба баронет равост? Агар вай акаи духтар намебуд, чи ҷавоб до- данамро медонистам! Фақат ҳамин қадар гуфтам, ки дар эҳсо- соти ман хеҷ гуна рафтори нанговар нест ва умедворам, кн ягон вақт бо сарбаландӣ мисс Стэплтонро зани худ меномам. Вале ин ягон қадар нафъ накард ва дар охир ман ҳам инонн ихтиёрро аз даст дода, оташин шудам, аммо дар ҳамон чо бу- дани хоҳафашро ба назар гирифта оташин шуданам лозим на«- буд. Чи тавре, ки худатон дидед, пас аз ин вай ҳамроҳи хоҳа- раш монда рафт ва ман гичу гаранг танҳо мондам. Акнун, Уот- сон, ба ман фаҳмонед, ки ин чи маънӣ дорад ва як умр ин не- кии шуморо фаромӯш намекунам.

Ман дар фикри худ ҳар хел тахмин кардам, вале, рости ғап, ин ҳодиса беш аз пеш маро дар ҳайрат мононд; Мақому мар- табаи дӯсти мо, молу давлат, ҷавонӣ, хулқу атвор, зоҳири ӯ — ҳамааш ба нафъи ӯ далолат мекард ва ман, ба ғайр аз толеи шуме, ки доим оилаи ӯро таҳдид менамояд, дигар ягон ганда- гие намебинам.

Оре, аҷиб ки таклифи сэр Генри чунин дағалона ва ҳатто ба хоҳиши худи духтар истинод накарда рад карда шуда буд. Ҳа- минаш низ аҷиб буд, ки духтар ба тамоми воқеаи рӯй'додагӣ чунин бепарвоёна рафтор карда буд/Вале шакку шубҳаи моро ҳамон рӯз худи Стэплтон бартараф намуд. Вай омада барои да- ғалиаш узр пурсид ва дар кабинети сэр Генри нишаста, дуру дароз бо вай сӯҳбат кард ва гӯё дар байни онҳо ҳеҷ ғап нагу« зашта бошад, ҳафтаи оянда рӯзи ҷумъа ӯ моро ба Меррипит-хаус ба ношто таклиф кард.

— Ман ба ҳар хол ба солии будани ин одам шубҳа надош- тай,— гуфт сэр Генри,—пагоҳй, вақте ки вай ба мо ҳамла на- муд, чеҳраи вай то ҳол дар пеши назарам истодааст, вале аз рӯи инсоф иқрор кардан лозим аст, ки бахшиш пурсидани вай комил буд ва аз он*эрод гирифта намешавад.

— Якбора оташин шудани худро чӣ гуфта эзоҳ дод?

— Гуфт ки хоҳараш барои вай ҳаёту мамоташ аст. Ин фаҳ- мо ва 'ман хеле хурсандам, ки вай ба қадри хоҳараш мерасад. Онҳо тамоми умр ҳамроҳ зиндагӣ кардаанд ва агар ба гапи вай -бовар карда шавад, ӯ дигар одами наздик надорад, бино> бар ҳамин чудоӣ аз хоҳараш ӯро ба даҳшат меандозад. Вай гӯё аз эҳсоси дили ман пай намебурд, вале инро бо чашми худ дида яқин ҳосил намуд, ки хоҳарашро аз вай кашида гирифта- нашон мумкин ва баробари аз дилаш гузаштани ин фикр инони ихтиёрро аз даст дод. Вай; аз ин ҳодисаи рӯйдодагӣ хеле та- ассуф мехӯрд ва эътироф мекунад, ки аз тарафи Ьай худпарас- тй ва беақлӣ мебуд фикр кунад, ки гӯё дар назди худ мисс Стэплтон барин чунин зани зеборо нигоҳ доштан мумкин аст. Агар чудоӣ бо вай ногузир бошад, дар он сурат бигузор аз хам чудокунанда ман, ҳамсояи онҳо шавам. Ба ҳар хол ин барои вай зарбаи калонест ва гумон аст, ки ба ин наздикиҳо бо он тан до- да тавонад. Агар ман ваъда диҳам, ки аз қиссаи ишқи худ муд- дати ин се моҳи наздик хомӯш бошам ва' фақат аз дӯстии xg- хари вай баҳраманд гардам, ба мо мамониат намекунад. Мая ваъда додам ва гап бо ҳамин анҷом ёфт.

Чи тавре ки мебинед, яке аз хурдтарини асрори мо ҳал гар- дид. Вале дар ин ботлоқ, ки мо афту хез мекунем, бо пой такя онро ламс кардан, кори осон нест. Акнун ба мо маълум гардид, ки барои чи Стэплтон ба хушдори хоҳари худ — ба сэр Генри барин чунин хушдори рашковар нописандона муомила карда- аст.

Акнун ман аз нӯки ресмони дигаре гирифта мекашам, ки аз ин калобаи чигил ёфтаам. Ба гирьяву зории пурасрори шабона| ба чехраи гирьяолуди миссис Бэрримор ва рафтуомади асроро- мези сарпешхизмат ба назди тирезае, ки ба ботлоқзорон кушо- да мешавад, мегузарам. Азизам Холмс, маро табрик кунед ва гӯед, ки аз ёрдамчиатон дилатон намонд. Шумо боварӣ карда маро ба ин чо фиристодед ва комилан сазовори эътимоди шумо гардидам. Барои муайян кардани ин муаммои навбатй як шаб лозим шуд.

Ман «як шаб» мегӯям, вале дурусттараш <ду шаб» гуфтан дуруст меояд, чунки шаби аввал ҳеҷ чиз фахмида гирифта на- тавонистем. ,Ману сэр Генри дар ҳуҷраи вай қариб то соати сеи субҳ нишастем ва аз зина ба ғайр аз садои занги соат дигар хеҷ чиз нашунидем. Ин шабзиндадории пуразият бо ҳамин тамом шуд, ки ҳам сэр Генри, хам каминаи камтарини шумо ҳарду дар ҷои нишастагиамон дар рӯи курсиҳои роҳат хобида мон- даем. Аммо **ин нокомӣ** шастамонро нагардонд ва қарор додем,

ки боз як бор озмуда бинем. Шаби дигар мо пилтаи лампаро паст карда, беист папирос кашида, хомӯш менишастем. Вақт бағоят оҳиста мегузашт, вале ба мо ҳамон шавқу ҳавасе қув- ват мебахшид, ки он дар шикорчии камин нишаста бесаброна сайдро поида истодагӣ мешавад.

Соат аввал занги як ва баъд занги дуро зад ва мо акнун аз бахраш гузаштанӣ будем, ки дар як он хастагии мо барҳам хӯрд — ҳам ман, ҳам сэр Генри ҳарду беихтиёр қомат рост кар- дем. Дар роҳрав садои ғиҷирроси тахтаи фарш шунида шуд. Садои дуздона қадаммонӣ ба хонаи мо наздик шуд ва оҳиста- охиста дур шуда хомӯш гардид. Баронет бесадо дарро кушод. Мо аз паси сайдамон равон шудем. Вай аллакай айвонро гу- зашта буд, роҳрав бошад тип-торик буд. Мо бо эҳтиёти тамом ба қаноти дури бино расидем ва дар он ҷо аз пеши назарамоа андоми шахси қоматбаланди'ришсиёҳе йилти карда гузашт, кн ӯ китфонашро хамонда, нӯг-нӯги по аз роҳрав мерафт. Вай шип- пас зада ба ҳамон дар даромад, шамъ сонияе ба вай нур по шид, баъд шуои зарди борике дар роҳрави торик хати дарозе кашид. Мо ба ҳамон шуоъ равон шуда, пеш аз он ки қадам мо- нем, ҳар тахтаро санҷида медидем. Мо пойлуч будем ва ба ҳар хол тахтаҳои кӯҳна дар зери вазни қадамҳои мо -нолиш мекар- данд ва ғиҷиррос мезаданд. Ба назари ман чунин менамуд, ки онҳоро нашунидан мумкин набуд, вале хушбахтона ҳақикатая гӯши Бэрримор вазнин ва ба ивази он аз ҳад зиёд ба кори худ банд буд.

Мо оқибат ба дар наздик шуда, ба ҳуҷра нигаристем. Сар- пешхизмат шамъ дар даст дар назди тиреза меистод ва рӯяш- ро қариб ба шиша ҷафс карда буд, яъне ӯ дар ҳамон ҳолате буд, ки ман ду шаб пеш ӯро дида будам.

Мо. нақшаи пешакӣ кор кардаи амалиёт надоштем, аммо **ба-** ронет ба ҷумлаи ҳамон навъ одамоне дохил мешавад, ки баро- яшон кору рафтори қатъй аз ҳама табий менамояд. Вай часу- рона ба хона даромад. Бэрримор аз тиреза ба як тараф ҷаҳида, канда-канда нафас мегирифт ва дар ҳолате ки рангаш ранги рӯи мурда барин парида, аъзои баданаш меларзид, дар рӯ **ба** рӯи мо истод. Дар чашмони сиёҳи вай, ки дар суроби сафедя рӯяш ■ медурахшиданд, даҳшат дида мешуд. Вай парешонхо- тирбна чашмашро аз рӯи ман канда ба сэр Генри дӯхт.

— Бэрримор, шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

— Ҳеҷ чиз, сэр.— Аз ҳаяҷон базӯр забонаш мегашт; шамъ дар дасти вай ларзида, ба девор ва шифти хона сояҳои ноҳам-

вор меафканд.—Сэр, тиреза... Шабонахо тирезаҳоро аз назар мегузаронам, ки маҳкаманд ё не.

— Ҳатто тирезаҳои ошьёнаи дуюмро ҳам?

Ҳа, сэр, дар тамоми хона.

— Бэрримор, гӯш кунед,— ҷиддӣ гуфт сэр Генри,— мо аз шумо ҳақиқатро дониста гйрифтанием, бинобар ҳамин ҳар қа- дар тезтар, ки ба ҳамааш иқрор шавед, боз беҳтар, Хайр, худ- ро сафед накунед! Дар ин ҷо чи кор мекардед?

Сарпешхизмат беёварона ба мо назар андохт ва бо изтироби тамом дастонашро фишурд: .

— Ман ягон кори ганда накардаам, сэр! Ман фақат бо шамъ тирезаро равшан кардам.

— Бгарои чй бо шамъ тирезаро равшан мекардед?

— Сэр, Генри, инро аз ман напурсед... Напурсед! Сэр, ба ҷонатон қасам, ки ин асрори ман нест, ман онро ошкор карда наметавонам. Агар он фақат ба ман дахл медошт, ман ҳеҷ чиз- ро аз шумо рӯпӯш намекардам.

Нохост фикр.е ба майнаам омад ва шамъро, ки дар рӯи пеш- тахтаи тиреза меистод, ба даст гирифтам.

Чи тавре, ки Бэрримор карда буд, ман шамъро ба шишаи тиреза наздик бурдам ва ба торикии чашмногузари шаб бодиқ- қат назар андохтам. Моҳ дар паси абрҳо пинҳон шуда буд ва дар лахзаи аввал ман фақат қатори дарахтонро дидам, ки ба фазои тираи кушоди ботлоқзор соя меафканд. Ва нохост дар чоркунҷаи сиёҳи тиреза нуқтаи зарди хурдакакро дидам, ки торикии шабро бурида мегузашт.

—. Ана, бинед!

— Не, не, сэр!-^- ғур-ғур кард сарпешхизмат.— Ба гапам бо- вар кунед, сэр.

— Уотсон, шамъро тарафи рост баред! хитоб намуд баро-. нет.— Дидед? Дар он чо ҳам оташ аз як чо ба ҷои дигар гу- вашт... Ҳай, нобакоре, ҳоло ҳам гарданшахӣ мекунед? Охир ин. сигнал аст! Икрор шавед: шарикатон кист? Чӣ мақсад дорад?

Сарпешхизмат ошкоро ба вай густохона назар афканд:

— Ин кори ман, он ба шумо дахл надорад. Ман ҳеҷ чиз на- мёгӯям.

— Дар он сурат худро аз кор холй шумурдан гиред.

— Хуб шудааст, сэр. Дида мешавад, дигар чора нест.

— Ман шуморо шарманда карда, пеш мекунам! Шарм ку- нед! Гузаштагони мо зиёда аз сад сол дар зери як бом зинда- гй карда, шумо бошед ба муқобили ман ким-чи гуна сӯиқасд ташкил кардаед.

- — Не, не, сэр! Ба муқобили шумо не!

Ин суханонро овози зан ифода кард ва мо баргашта дар та- ки дар миосис Бэрримори бағоят тарсидаро дидем, ки вай бо паридарангии худ бо шавҳараш рақобат мекард. Агар дар чеҳ- раи вай аломати тарсу харос хонда намёшуд, ин зани фарбеҳ бо юбкаи так ва рӯмоли шол таассуроти хеле хандаовар бах- шиданаш мумкин буд.

— Элиза, моро ҳисобу китоб карда ҷавбб доданд. Ана ҳа- мааш бо чи анҷом ёфт!.. Рав, чизу чораро ғундор,— гуфт Бэр-' римор.

— Ҷон, Ҷон! Ман чи рӯзеро ба сарат овардам!.. Сэр Генри, хамааш айби ман. Вай фақат барои ман шуда ин корро кард.., фақат барои ман шуда!

— Гап занед, охир! Худаш чй ran?

— Додари бечораи ман дар ботлоқзорон аз гуруснагӣ ҳа- лрк шуда истодааст. Мо охир роҳ дода наметавонем, ки вай дар таки дари мо аз гуруснагй мурда равад! Ҷон ба вай ишора ме- кунад, ки хӯрок тайёр шуд, ӯ бошад ба куҷо бурданашро ни- шон медиҳад.

, — Пас, бародари шумо ҳамон...

—- ...гурезаи ба каторга бадарғашуда, қотил Селден, сэр...

— Ҳамааш дуруст, сэр,— тасдиқ намуд Бэрримор.— Ман ба шумо гуфтам, ки асрори каси дигарррo ошкор карда наметаво- нам, аммо акнун шумо худатон ҳамаашро шунидед ва акнун медонед, ки мо ба муқобили шумо ягон қасди бад накардаем,

Ана сабаби ҳамаи ин саёҳатҳои шабона бо шамъ дар чи бу- дайст! Ману сэр Генри бо тааҷҷуб ба миссис Бэрримор мени- гаристем. Наход ин зани балғаммизоҷи мӯҳтарама — бо яке аз ҷиноятқорони хатарноке, ки ӯро тамоми мамлакати мо медонад, ҳамхун бошад?

— Бале, сэр, фамилияи духтарии- ман Селден, ӯ додарам мешавад. Мо аз кӯдакиаш аз ҳад зиёд ӯро эрка кардем, ба ҳар кори бади ӯ роҳ медодем, ана аз ҳамин рӯ вай боварӣ ҳосил кард, ки гӯё ҳама йор ба ӯ раво ва ин-дуцьё фақат ишратгоҳи вай бошад. Баъд калон шуда, ба одамони бад ҷӯра шуд ва гӯё иблис ба вай дам дамид. Вай шишаи қалби модариро бар санг зад ва номи моро расвои олам кард. Ҳар қадар ки калонтар мешуд, кор боз ҳам бадтар мешуд ва паси хам ҷиноят содир мекард. Чй ӯро аз сари дор наҷот дод? Фақат раҳми худованд. Вале, сэр, барои ман вай хамон писарчаи хурдакаки чингила- мӯе мондан мегирад, ки бо вай бозӣ мекардам, ҳамчун апа ни- гохубин мендмудам, Баъд вай аз ҳабс гурехт — медонист, ки

ман дар ҳамин ҷо мебошам ва не нагуфта ба ӯ ёрй медиҳам. Шабона вақте ки ба ин ҷо хаста, гурусна аранге расида омад ва дар ҳар қадам ӯро дунболгирӣ мекарданд, чи илоч кардана- мон мумкин буд? Мо ӯро ба хона роҳ додем, шикамашро сер кардем, ҳар чи ки илоҷ буд, ёрдам намудем. Сэр баъд шумо омадед ва ӯ, қарор дод, ки то мағал пасанда шудан, нағзаш дар ботлоқ мунтазир шуда истад ва аз ҳамон вақт дар он ҷо руст щуда гаштааст. Шабдармиён тафтиш карда мебинем, ки рафтааст ё не, аз тиреза равшанӣ мекунем ва агар ӯ ҷавоб ди- хад, шавҳарам ба ҷои таъиншуда гӯшту нбн мебарад. Ҳар рӯз умед мекунем, ки шояд, рафта бошад, вале ҳозир дар хамцн ҷост, мо ӯро намепартоем. Ман ба худову расул эътиқод до- рам ва ба шумо дурӯғ намегӯям. Агар ин ягон бадй дошта бо- шад, шавҳарам ҳеҷ гуноҳ надорад: вай танҳо барои ман шуда ба ин кор иқдом кард.

Зан бо чунйн эҳсосот гап мезад, ки ба вай бовар накарда' намешуд.

— Бэрримор, гапҳои занат дуруст?

— Бале, сэр Генрй. Як ба як дуруст.

— Хайр, ман барои ба занатон вафодор буданатон шуморо мазаммат намекунам. Он чи ки ба шумо. гуфтам, фаромӯш ку- нед. Ҳардуятон ба хонаатон равед, пагоҳй ҳамаашро дуруста- как муҳокима мекунем. -

Пас аз онҳо рафтан, мо ба тиреза нигоҳ кардем. Сэр Генря онро калон кушод ва шамоли сарди шабона ба рӯямон зад. Дар торикии чашмногузар ханӯз чироғи хурдакаки зард милт- милт мекард.

•— Хайрон мемонам, ки ӯ наметарсад!—гуфт сэр Генри, Чироғ эҳтимол, фақат аз ҳамин ҷо намоён бошад,

— Эҳтимол. Ба фикри шумо он дар куҷост?

•— Дар наздикиҳои сутунҳои санги хоро,

— Аз ду миль зиёд набудагист?

— Ду миль ҳам намебарояд. -

•— Ҳа, агар Бэрримор ба он ҷо таом бурда бошад, пас, дур нест. Ва ӯ ҳозир маътал аст, ки ба чироғи вай ба наздаш одам меояд. Не, Уотсон, ман ҳозир рафта он бадкирдорро Дастгир мекунам!

Аз дили ман ҳам ҳамин фикр гузашт. Охир Бэрриморҳо мо- ро ба худ ҳамҷурм нагардонида буданд — мо ойҳоро маҷбур сохтец, ки асрори худро кушоянд. Ин одам барои чамъият хавфнок. Ба ин хел одам на раҳм кардан лозим аст, на сафед кардан, Мо бояд аз имконияти будагй истифода намуда, ӯро

ба ҳамон чои ба ҳеҷ кас зарараш намерасондагӣ баргардонем. Дар акси ҳол, аз бепарвогии мо дигарҳо — масалан, Стэплтон- хо, ҷазо диданашон мумкин, вай ҳар шаб метавонад ба онхо ҳамла биёрад. Ба фикрам, маҳз ҳамин фикр сэр Генриро ба чу- нин рафтори ҷасурона тарғиб кард.

— Ман ҳамроҳи шумо меравам.

Набош-ад таппонча гиреду кафш пӯшед. Шитоб кардан лозим, набошад ӯ ҷироғро кушта пинҳон мешавад.

Аз байн панч дақиқа нагузашта мо аллакай ба кӯчабоғи то- рик тез-тез қадам зада, ба уллоси якоҳанги шамоли тирамоҳӣ ва хишир-хишири хазонрез гӯш меандохтем. Аз ҳаво бӯи тезв чизи пӯсидагӣ ва заҳ меомад. Моҳ, фақат гоҳ-гоҳ^аз паси абр- ҳо, ки рӯи осмонро пӯшида буданд, намоён мешуд*ва баробари мо ба ботлок расидан, борон сим-сим ба боридан сар кард. Чн- роғчаи зард пештара барин дар пеш милт-милт мекард.

— Шумо ҳамроҳатон ягон чиз гирифтед?—пурсидам ман.

— Ҳа, қамчин. — . . ■

— Биёед зуд амал карда, намонем, ки ба худ омада, муқо- билат нишон диҳад,— охир мегӯянд, ки вай хеле ҷасур аст. Биёед ӯро ғафлат мегирем.

— Уотсон, гӯш кунед!— нохост ба ran сар кард баронет.—• ^Холмс дар ин бора чи мегуфт? Дар хотир доред? <Шабоҳан- гом, вақте қувваи аҳриманӣ муттасил амал мекунад...»

Ва, гӯё дар чавоби суханони вай, дар ким-кучод дур, дар фа- зои тираи ботлоқзор, ҳамон овози аҷиб, ки якчанд рӯз пеш дар назди ботлоқӣ Гримпен маро ниҳоят дар ҳайрат монойда буд, баланд гардид. Шамол аввал ғур-ғурӣ паст, баъд садои ғуррос- ро ба гӯши мо расонд, ки оҳиста-оҳиста ба уллоси' маҳзун му- баддал гардид. Ин садоҳои ғайритабиӣ, таҳдидовар ҳамчунон паи хам якчанд маротиба такрор гардида, ҳаворо бо худ пур кард. Баронет аз остини ман дошт ва,ман ҳатто дар торикӣ ди- дам, ки чи гуна ранги рӯяш ба сони ранги рӯи мурда парид.

— Худоё, Уотсон, ин чист?

— Намедонам. Мегӯянд, ки чунин овозҳо дар ботлоқзорон ҳар замон шунида мешавад. Ман ин овозро шунида будам.

Уллос аз нав хомӯш гардид, ҳама ҷо ором шуд. Мо рост ис- тода, бодиққат гӯш меандохтем, вале дигар ҳеҷ чиз он хомӯ- шиеро, ки моро фаро гирифта буХ халалдор намекард.

— Уотсон,— гуфт баронет,— ин уллоси car буд.

Хун дар рагу паям шах шуд, зеро овози сэр Генри аз даҳ- шат ларзид.

Онҳо овозро чӣ тавр эзоҳ медиҳанд?— лурсид вай.

— Кӣ?

— Сокинони инҷой.

— Вале охир онҳо одамони тамоман ҷодиланд! Ба шумо чи фарқ дорад, ки онҳо онро овози чӣ гуфта эзоҳ медиҳанд?

— Уотсон, ба ман гӯед, ки онҳо дар ин бора чӣ мегӯянд?

Ман дақиқае дудила шудам, вале савол чунин гузошта шу- да буд, ки ман хомӯш истода натавонистам.

<— Онҳо мегӯянд, ки саги Баскервиль уллос мекашад. * Сэр Генри нолиш кард.

— Ҳа, фақат саг здмин тавр уллос кашида метавонад,—• пас аз хомӯшии дурудароз гуфт вай,— вале он дур аз ин ҷо, дар он тараф аст.

— Ман муайян карда- наметавонам, ки садои ин уллос аз ка- дом тараф омад.

— Онро шамол овард. Ботлоқзори Гримпен дар куҷост? Ана дар он ҷо?

- Ҳа.

— Набошад он аз ҳамон ҷо омад. Монед, Уотсон! Шумо ху- датон фикр мекунед, ки он уллоси саг буд. Ман кӯдак нестам. Натарсида росташро ба ман гӯед.

— Он дафъа ҳамроҳи ман Стэплтон буд. Вай гуфт, ки ким- чи гуна паррандаҳо ин тавр фарьёд мезананд.

~ Не, ин саг. Худоё худовандо! Наход дар ҳамаи ин гап- Дои сохта ақаллан заррае ҳақиқат бошад?. Наход кадом як ха- тари номаълум маро таҳдид мекарда бошад? Уотсон, шумо ба ин бовар намекунед?

— Не, не!

— Ба ҳар ҳол, дар Лондон истода ба ин ҳарзаҳо хандидан яку — дар торикӣ дар ботлоқзорон шунидани ин уллос гапи ди- гар. Амаки ман чӣ? Охир дар назди ҷасади вай изи пои сагро дидаанд. Ҳамааш ба якдигар вобаста. Уотсон, ман чандон тар- сончак нестам, вале аз ин овозҳо хун дар рагу паям шах шуда мемонад. Дасти маро даст карда бинед.

Дасти вай ях барин хунук буд.

— Зарар надорад, фардо дамааш мегузарад.

— Не, ман садои ин уллосро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, Мо акнун чи кор кунем.

— Гашта хона равем?

— Ба ҳеҷ вақҳ! Модоме ки барои дастгир кардани ин ра- зил омадаем, ӯро дастгир мекунем. Ману шумо бандиро дунбо- лагирӣ мекунем, аммо саги пурдаҳшат, эҳтимол, моро дунбо- лагирӣ карда истода бошад. Уотсон, биёед рафтем! Бигузор Та-

моми мору аждаҳои дӯзах ба ин ҷо, ба ботлоқзорон ҳамлаовар шаванд, аздусар қафо гаштан лозим нест,

Мо дар ҳар қадам пешпо хӯрда, оҳиста-оҳиста пеш мераф- тем. Ҳам **аз** рост, **хам аз чапи мо** тарҳи дар торикӣ номуайяни талҳои сершах тӯда шуда буданд. Чироғчаи хурдакаки зард лештара барин дар пеш аз дур намоён буд. Дар торикистон ба ҷуз масофа фиребандатар чизе нест. Чироғча гоҳ ба уфуқ наз- дик милт-милт мекард, гох якчанд кадам дуртар аз мо. Вале, оқибат ҷои равшаниро дурустакак дида мондем ва фаҳмидем, ки роҳ то он чандон дур нест. Он шамъи обшудаё буда, дар да- раи танге дар байни сангҳо гузошта шуда буд, ин сангҳо онро хам аз шамол ҳам аз одами бегона панах медошт ва фақат аз тарафе, ки Баскервиль-холл воқеъ гардида буд, пешаш кушо- дагӣ буд. Харсанги калони санги хоро наздикшавии моро па- наҳ мекард. Мо дар паси он руст шуда, эҳтиётkорона сар баро- варда ба он нигоҳ кардем. Дар байни ботлоқзорон он шамъи тоқаро дидан аҷиб буд! Забоначаи зарди шӯъла бар болои сангҳо равшанӣ мепошиду дар гирду атроф аз одам нишоне набуд.

— Акнун чӣ кор кунем?— пичиррос зад сэр Генри.

— Сабр Карда меистем. Вай, эҳтимол, дар ҳамин наздики* ҳо бошад. Шояд, хозир пайдо шавад.

‘Ман суханамро тамом накарда, ӯро дидам. Дар дараи тан- ге. шамъ дармегирифт, чеҳраи пурдаҳшатн аз осори зҳтиросоти фалокатовар бурма-бурма намоён гардид ва дар ин чеҳра аз одамият ягон осор дида намешуд. Чунин чеҳраи ба он лою ҷирк часпида монда, бо мӯи хестаи дурушт фаро гирифта шуда, бо мӯйсари ба ҳам печидаи пахмоқ, комилан чеҳраи яке аз он ваҳшиёне буда метавонист, ки як вақтҳо дар пастхамии ин теп- паҳо зиндагӣ мекарданд. Равшании шамъ дар чашмакони мак- кору хурдакак акси худро меандохт ва онҳо мисли чашмакони даррандае, ки дар торикӣ садои помонии сайёдро шунидааст, бадхашмона ба гирду атроф назар афканданд. Эҳтимол, ким- чи дар дилаш шубҳа ба амал овард. Е дар байни вай ва Бэрри- мбр ким-чи гуна аломати шартии ба мо номаълуме буд, ё хис кард кӣ кораш чатоқ аст, аз ин рӯ дарҳол ман дар чеҳраи наф- ратангезаш осори тарсу ваҳм дидам. Вай хар лаҳза метавонист шамъро хомӯш карда, дар торикӣ ғоиб гардад. Ман пеш-пеш ва сэр Генри аз қафо тохтем. Бандӣ фиғон кашида, ба тарафи мо санг партофт, ки он ба харсанги шафати мо расида, майда- майда шуд. Ман фақат дидам, ки вай қадпасти шонавасеъ ме- бошад. Хушбахтона, ҳамин вак,т моҳ аз паси абр намоён гар-

дид. Мо ба тал рӯболо давидем, он мард мисли бузи кӯкӣ чус- ту чолок ба хамгашти дигари он давида, аз санг ба санг меча- ҳид. Нағз нишон мегирифтам, ӯро яладор мекардам, вале ман на барои оя ки ба тахтапушти оДами беяроқ тир холӣ кунам, балки фақат барои мудофиа бо ҳуд таппонча гирифта будам.

Ҳам ман ҳам сэр Генри давандагони бад набудем, вале ба зудй фаҳмидем, ки мо ӯро дарьёб карда наметавонем. Вай дар равшании моҳи тобон то хеле вақт дар пеш намоён буд ва ба йишебии теппаи аз мо дуре зуд поён тохта, ба нуқтаи хурде табдил ёфта, кариб аз назар ғоиб гардид, Масофаи байнн мо торафт калон мешуд. Оқибат мо аз мадор рафта, ба рӯи хар- сангҳо нишастем ва аз паси андоми дур шуда истодаи вай ни- гоҳ карда мондем.

Ва дар ҳамин вақт вокеаи аҷиб ва тамоман ғайри чашм- доште рӯй дод. Мо аз дунболгирии бефоида Даст кашиданй шу- да, аз чой хестем. Моҳ дар тарафи рости мо буд; нӯки ноҳам- ворй сутуни санги хоро дар фони курси нуқрагини он баръало намоён буд. Бар болои ин сутун ман андоми одамро дидам, ки мисли ҳайкали аз чӯби сиёҳ сохта' шудагие буда, беҳаракат ме- истод. Холмс, фикр накунед, ки ин ҳаёли ботил буд. Ман аз пёштара дида ба чашми худам дилам пур буд! Ба андозае, ки ман дида тавонистам, вай одами қадбаланди харобе буд. Ӯ са- ри хам андаке пойҳояшро васеъ ва дастонашро ба сари сина- **аш** чидик гузошта буд, ва гӯё ба фикр ғӯтавар гардида' бошад, ба олами торф ва санги хоро, ки дар назди вай мехобид, мени- гарист. Рӯҳи ботлоқзорони ин ҷо ана ҳамин тавр ба назарам тасаввур мешавад! Вай он марди маҳбус набуд. Ӯ аз чое, ки бандӣ ғоиб гардида буд, дур меистод ва қадаш ҳам баланд буд. Ман аз ин воқеаи ногаҳонӣ фарьёд задам ва ба тарафи баро- нет баргашта, аз дасти вай доштам. Барои ин якчанд сония ло- зим шуд ва дар ин байн он шахс ғоиб гардид. Нӯги қуллаи те- зи сутуни санги хоро пештара барин ба қурси моҳ даромада ме- рафт, вале қиёфаи хомӯшу беҳаракат аллакай дар болои вай 'набуд.

Ман дарҳол қарор додам, ки ба он ҷо рафта он сутунро аз назар гузаронам, аммо сутун аз мо хеле дур буд, ба дили баро- нет бошад моҷароҷӯй намеғунчид — вай пас аз уллоси пӯрдаҳ- шат, ки ривояти ғамангезй оилавиро ба хотираш меовард, то ҳол ором шуда наметавонист. Ба замми он вай худаш ҳеҷ чиз надида буд ва аз ин рӯ, ин манзараи ачиб ӯро ба ястироб ан- дохта наметавонист,

•— Эҳтимол, посбон бошад. Аз бози гурехуани бандй бот- лоқ аз пообон пур,— гуфт вай.

Шояд, гапи сэр Генри ҳақ буд, вале ман хеле мехостам, кя ба ин қатъй боварй ҳосил кунам! Имрӯа мо ба ҳокимони.Прис- таун хабар медиҳем, ки бандии гуреза дар куҷоҳо руст шуда мегардад. Вале ба ҳар ҳол афсӯс, ки мо худамон ӯро дастгир карда ва ботантана гашта ба маҳбас шинйнда натавонистем!

Азизам Холмс, чунинанд воқеаҳои шаби охир ва бовар ку- нед, ки дар бораи онҳо ба шумо ҳисоботи пурра пешниҳод кар- да шудааст. Қисми зиёди нақлҳои ман, албатта, ба кори мо ҳеҷ дахл надорад, вале зарур медонам, ки дар мактубҳои худ ҳама далелҳаро хабар диҳам — **аз** байнашон онҳоеро интихоб карда гиред, қи б* дарди шумо мехӯранд. Мо ба ҳар ҳол баъ- зе муваффақиятҳо ба даст даровардем. Мо акнун сири Бэрри- морҳоро фаҳь!ида гирифтем, ин бошад вазъиятро хеле равшан гардонид. Вале асрори ботлоқзорони торфдор, асрори бошан- дагони аҷиби он пештара' барин махфй мемонад. Шояд, дар мактуби ояндаамон ба ман муяссар гардад, ки пардаро андаке аз рӯи он бардорам, Нағз мешуд, агар худатон ба ин чо меэ-- мадёд. '

Б о б и Х

ПОРЧАҲО АЗ РУЗНОМАИ"ДУХТУР УОТСОН

Ман то ҳол дар баёнотам ба ҳисоботҳое қаноат менамудам, ки Шерлок Холмс пас аз ба Баскервиль-холл рмаданам аз ман мегирифт. Акнун мо ба чунин лаҳзае наздик шудем, ки ман но- илоҷам ин воситаро як тараф гузошта, аз нав ба хотираам умед бандам ва онро бо иқтибосҳой аз рӯзномаам овардагӣ қувват диҳам. Ин ду порча моро ба он воқеаҳое, ки якумр дар хотири ман нақш бастанд, хеле наздик меоранд.

_ Ман дар ҳамон ҷое таваққуф намуда будам, ки ҷиноятқори ба каторга бадарғашударо бемуваффақият дунболгирй карда будем ва пас аз он чи воқеа рӯй дод. Ҳикоятамро субҳи оянда давом медиҳам. *

16 октябрь. Рӯз тираи сертуман буда, сим-сим борон мебо- рад. Бар болои Баскервиль-холл абрҳо паст овезон шудаанд; ҳар сари чанд вақт қатори онҳо кам мешавад ва он гоҳ аз байни абрҳо аз дур фазоҳои ҳузновари ботлокзорони торфдор намоён гардида, дар он фазоҳо нишебии теппаҳо ва харсангҳои

тар ба чашм менамоянд. Ҳам дар хона, ҳам дар зери осмони кушод— ҳама чо баробар ҳузновар аст. Баронет пас аз во- қеаи шаб аз сар гузаронидагӣ дар ҳоли маҳзун мебошад. Ман ҳуд дар дил ким-чи гуна ғам ҳис мекунам ва маро ҳисси қабл аз вуқӯъи фалокати ногузир — алалхусус фалокати пурдаҳша- те, ки онро мадори фаҳмонидан надорам, азият медиҳад.

Магар барои бесаранҷомӣ асос нест? Силсилаи воқеаҳоеро, ки ҳама ба мавҷудияти ким-чн гуна қуввахои аҳримании дар вн чо амалкунанда таъкид мекунанд, ба хотир овардан басан- да аст. Марги бхирин соҳиби Баскервиль-холл, ки айнан бо ривояти оилавӣ мутобиқ омадааст, овозаи махлуқи аҷоиб дар байни фермерҳо, ки вай ҳар замон дар ботлоқзорон пайдо ме- шавад. Ду бор бо гӯши худам овозеро шунидам, ки ба овози дури саг монанд аст. Дар ҳақиқат бовар кардан мумкин нест, ки ин ҳама берун аз қонуни табиат бошад! Саги хаёлӣ, ки дар рӯи замин изи пой мегузорад ва бо овози баланд уллос мекашад? Не, ин токатфарсост! Стэплтон ва аз паси ӯ Морти- мер ба таъсири, рӯҳи умумӣ афтида метавонистанд, вале агар ман ягон қадар эътибор дошта бошам, пас ин ақли солим мебошад ва ман ҳеҷ гоҳ ба хурофот дода намешавам. Барои нн ба дараҷаи тараққии фермерҳои ин чо фуромадан лозим аст, кн ба ҳикояти кадом-як саги бадхашм қаноат накарда, мегӯянд қи вай аз чашм ва даҳон оташ меборад. Холмс мебуд ҳатто ба чунин ҳарзаҳо гӯш намекард, ман бошам дар ин ҷо тах- сап намояндаи ӯ хастам, Аммо далел далел аст; ман садои ин уллосро ду бор шунидам. Дар ҳақиқат агар дар ботлоқзо- рон кадом-як саги калон давида гардад чӣ? Охир он гоҳ ҳа- мааш маълум мешавад! Вале ӯ дар кучо руст мешавад, ӯ чӣ мехӯрад, вай аз куҷо омадааст, чаро рӯзона ӯро касе надида- аст? Икрор шудан лозим аст, ки ба ҳамаи ин шарҳу баёни ба[1] хақиқат наздик дода, мо ба мушкилиҳои аз ин ҳам зиёдтар ду- чор меоем. Вале ҳатто агар сагро як тараф монем, он чиро ки дар Лондон рӯй дода буд, чи тавр эзоҳ диҳем? Шахси ношино- си кэбсавор, мактубе, ки муаллифаш ба сэр Генри таъкид кар* да буд, ки ба. ботлоқзорони торфдор- набарояд? Дар ин ягон чизи фавқутабиа нест, агарчи ҳам ину ҳам ваяшро ба андозаи баробар ба қуввахои хайрхоҳона ва бадхоҳона нисбат додан мумкин аст. Валв он дӯст ё душман ҳоло дар кучост? Дар Лондон монд ё аз паси мо ба ин ҷо омад? Наход... Наход шах* Си дар нӯги сутуни санги хоро дидагиам вай бошад?

Рости ran, вай дар пеши назарам фақат як лаҳза намоён шуд, вале ба ҳар ҳол баъзе чизҳо дида мондам ва тайёрам, ки

барои тасдиқащ ба ҷонам қасам хӯраМ. Вай аз бошандагони ин ҷо нест — акнун ман ҳама ҳамсояҳои сэр Генриро медонам. Ӯ аз СтэпЛтон баландтар ва аз Френкленд хеле харобтар аст. Ӯро Бэрримор гумон кардан мумкин, ки аз паси мо номаълум поида-поида наздик шуда наметавонист. Пас, дар Лондон шу« даги барин, дар ин ҷо низ шахси номаълуме аз паси мо мепо- яд. Мо то ҳол аз ӯ халос хӯрда наметавонем. Агар дастгир намудани ин одам ба ман муяссар мешуд, он гоҳ тамоми та- аччубу ҳайронии мо дарҳол маълум мегардид. Ана мақсади ман ҳамин ва тамоми қувватамро ба кор мебарам, ки ба он ноил гардам.

Аввалин нияти ман ҳамин буд, ки нақшаҳои худро ба сэр Генри баён кунам. Аммо андеша намуда, қарор додам, ки мус- тақилона амалиёт барам ва дар ин бора камтар ran занам. Баронет кам ran мезанад ва ба фикру хаёли худ банд аст. Уллосе, ки дар ботлоқзорон шунидем, ба вай хеле таъсир кард. Ман қарор додам, ки бесаранҷомии ӯро дучанд накунам, вале даст болои даст гузошта намешинам ва таваккалан амал ме- намоям.

'Имрӯз пас аз ношто муноқишаи хурдакаке рӯй дод. Бэр- римор аз сэр Генри иҷозат пурсид, ки бо вай гуфтугӯ кунад ва онҳо ба кабинет рафтанд. Ман дар хонаи бильярдбозӣ ни- шаета, садои бо итоб гапзании онҳоро мешунидам ва нағз пай мебурдам, ки дар кадом хусус ran меравад. Дере нагузашта дари кабинет кушода шуда, баронет маро ҷеғ зад.

— Бэрримор аз мо ранҷидааст,—гуфт сэр Генри —Ӯ, ки бо майли худ сирри додарарӯсашро ба мо ошкор кардааст, чу- нин мешуморад, ки вайро таъқиб намудани мо беадолатист.

Ранги сарпешхизмат сап-сафед кандагӣ буд, аммо худро ба даст мегирифт.

— Сэр, шояд ман оташин шуда бошам, дар он сурат узр мехоҳам. Аммо субҳидам вақте, ки садои пои шуморо шунидам ва фаҳмидам, ки щумо Селденро дастгир карданӣ шудаед, ин маро хеле дар тааҷҷуб мононд. Одамонро ба изи ӯ бурдан ҳеҷ зарурат нест—бе ин ҳам ҳол1ь од бечораи сарсахт хароб ме- бошад.

— Агар шумо ҳақиқатан Селденро бо ихтиёри худ ошкор мекардед, ин тамомън гапи дигар буд,— гуфт баронет.— Вала охир шумо, дурусттараш; зани шумо, фақат бо тазъиқи мо ба ҳамааш иқрор шудед, шумо дигар ҳеҷ илоҷ надоштед.

— Сэр Генри, ман фикр накарда будам, ки шумо дар су« ханам маро дошта мегиред. Қеҷ фикр накарда будам.

— Селден барои ҷамъият хавфнок аст. Аз афту башараи вай дида мешавад, ки аз ҳеҷ чиз рӯй намегардонад! Ба хотир биёред, ки дар ин ҷо бошишгоҳ кам аст. Ҳеҷ набоптад мистер Стэплтонро гирем — дар сурати ба вай ҳамла кардан, ӯ ба ғайр аз куввати худаш ба ҳеҷ чиз умед карда наметавонад. Не, то ин одамро ҳабс накунанд, мо худро бехатар ҳис карда наме- тавонем?

— Сэр, касам ба ҷонатон. Селден ба ҳеҷ кас даст намера- сонадГВай барои бошандагони ин ҷо акнун хавфнок нест-. Сэр Генри, ба гапи ман. бовар кунед, пас аз якчанд рӯз ҳамааш баробар карда мешавад ва ӯ ба Америкаи Ҷанубӣ меравад. Илтиҷо менамоям, ба полиция хабар надиҳед, ки Селден дар ин ҷо дар ботлокзорон аст. Акнун аз ҷустуҷӯи вай даст каши- даанд ва осуда ба омадани пароход мунтазир шуда метаво- над. Агар шумо дар бораи вай маълумот диҳед, ману занам бебало намемонем. Сэр, аз шумо илтимос, ба полиция ха- бар надиҳед!

— .Уотсон, шумо ба ин чӣ мегӯед?

Ман китф,дарҲам кашидам:

— Агар ин одам аз Англия дафъ шуда равад, мардум оромтар нафас мегиранд.

— Агар вай то рафтанаш ягон бало хезонад-чӣ?

— Не сэр! Охир вай ақлашро нахӯрдааст! Мо ҳама чизи даркориашро ба ӯ додаем. Ҷинояти нав ӯро ошкор мекунад.

— Ин дуруст,— гуфт сэр Генри.— Хуб шудаст, Бэрримор.

— Сэр, худованд мададгоратон бошад! -Ман аз шумо ниҳо- ят миннатдорам! Агар Селденро дастгир кунанд, занам ба ин ғусса тоб намеорад.

— Уотсон, аз ин мебарояд, ману шумо ҷиноятқорро пинҳон мекунем. Вале, зоҳиран, акнун қудратам намерасад/ ки ӯро дастгир кунонам. Хайр, бо ҳамин ran тамом. Бэрримор, шумо равед.

Сарпешхизмат бо овози ларзон зёри лаб ғур-ғур карда як- чанд калимаи шукрона гуфту ба дар наздик шуд, -вале- дар назди остона яохост истод.

— Сэр, шумо бо маи nyifori нағз муомила кардед, ки ме- хостам илоҷе намуда подоши некиҳоятонро дода шуморо хур- санд кунам,— бечуръа^она ran сар кард вай.— Сэр Генри, ман баъзе чизҳоро медонам... шояд, беҳуда.дуру дароз хомӯш ис- тодам, вале ин пас аз тамом шудани тафтиш маълум гардид. Ман доир ба ин ҳоло бо ҳеҷ кас ran назадаам,., Сухан дар бо- раи марги сэр Чарльз меравад.

Ману баронет дар ҷоямон як қад паридем. ' . ,

— Ҳолати марги вай ба шумо маълум?

— Не, сэр.

— Набошад чӣ?

— Сабаби бевақтии шаб дар назди дарича истодани ӯро медонам. Ӯ бо зане мулоқот дошт.

— Мулоқот бо зан! Сэр Чарльз мулоқот дошт!

— Бале, сэр.

— зан кист?

— Сэр, номи ӯро ба шумо намегӯям. Ман 4>ақат ҳарфҳои аввали номи ӯро медонам: «Л. Л.>

— Бэрримор, ин аз куҷо ба шумо маълум?

— Сэр Генри, ҳамон пагоҳӣ амакц, шумо мактубе гирифт, Одатан ба номи вай мактуб бисьёр меомад, вай одами намо- ён буд ва бо саховатпешагии худ ном бароварда буд. Ҳар кас бо алами худ ба вай муроҷиат мекард. Вале ҳамон пагоҳӣ фа_* қат як мактуб омада буд, аз ин рӯ дар хотирам монд. Хати рӯи конверт бо дасти зан навишта шуда буд ва дар штемпелаш: «Қумби-Треси> қайд гардида буд.

— Хӯш, баъд чӣ?

— Агар занам ндмебуд, ман дигар ин мактубро ба ёд на- меовардам. Вай якчанд ҳафта пеш кабинети сэр Чарльзро рӯ- бучин карда, пас аз марги вай ин бори аввал буд — дар пеш-. гоҳи^камин варақи коғазеро ёфт. Қисми зиёди он сӯхта хокис- тар шуда, вале як порчаи хурдакак — аз ҳама охираш — соқ монда буд ва агарчи ранг аз оташ хокистаррангу коғаз сӯхта сиёҳ шуда бошад ҳам, ҳанӯз суханони онро хондан мумкин буд. Эҳтимол, ин фақат мукбтиба буд ва мо ҳамин қадар хон- да тавонистем: <Шумо ки одами одамшаванда ҳастед, хоҳиш мекунам ин мактубро сӯзонед ва соати даҳи бегоҳ ба назди дарича баромадаистед». Дар аери он ҳарфҳои <Л. Л> навиш- та шуда буд. , -

— Шумо он коғазпораро эҳтиёт кардед?

' —• Не сэр. Дар дастам майда-майда шуд.

— То он еэр Чарльз мактубе мёгирифт, ки бо ҳамон хат нав^шта.шуда бошад?

— Сэр, намедонам, аҳамият надода будам. Ва нн мактӯб ҳам фақат барои ҳамин дар хотирам монд, ки ҳамон рӯз мак- туби яккаву ягона буд.

— Ва шумо кӣ будани «Л. Л.»-ро намедонед?

— Не, сэр, тасаввур ҳам надорам, Вале, ба фикрам, агар

он ледиро кофта меёфтем, доир ба марги сэр Чарльз баъзе тафсилотҳоро дониста мегирифтем.

— Бэрримор, ман мақсади шуморо намефаҳмам! Чунин маълумотҳои муҳимро чи тавр то ҳол пинҳон доштан мумкин буд? - -

*

— Сэр, ба шумо маълум, ки пас аз рӯй додани ин вокеа дарҳол ба сари худамон фалокат омад. Ғайр аз ин, ману за- нам сэр Чарльзро хеле дӯст медоштем ва некиҳои ӯро ҳеҷ фа- ромӯш намекунем. Фикр мек^рдем, ки коХи кӯҳнаро бод кар- дан чи лозим? Акнун ин ба хӯҷаини бечораи мо нафъ намеку- над ва модоме ба кор зан шарик бошад, эҳтиётқорона амал намудан лозим. Охир ҳатто одамони аз ҳама мӯътабар...

— Ба фикри шумо, ин арвоҳи ӯро таҳқир мекунад?

— Ҳа, сэр, ман қарор додам, ки аз ин ҳеҷ мурод ҳосил на- мешавад. Вале шумо нисбат ба мо чунин илтифот намудед, ки.,, Ман нахосгам чизи медонистагиамро аз шумо руст кунам.

— Хуб, Бэрримор, равед.

Пас аз баромада рафтани сарпешхизмат, сэр Генри ба ман рӯ овард.

— Хӯш, Уотсон, шумо доир ба ин шуълаи нави равшанӣ чӣ мегӯед? Ба фикри ман, он торикиро бештар тиратар % гардонид.

— Ҳа, дуруст. Вале агар аз паи он «Л. Л.> афтода ӯро меёфтем, он гох хамааш равшан мешуд. Мо акнун медонем, sane ҳаст, ки ба вай бисьёр чизҳо маълум аст, нн бошад му- ваффакияти калонест! Фақат ӯро ёфтан лозим. Мо акнун чӣ кор кунем?

— Фавран ҳамаашро ба Холмс хабар додан лозим. Шояд, ив ба вай рох нишон диҳад. Ман боварӣ дорам, ки вай дарҳол ба ин чо меояд.

Ман ба хучраи худам рафтам ва доир ба воқеаҳои ин паго- хӣ рӯй додағӣ ба Холмс ҳисоботи муфассал навиштам. Дӯсти ман, эхтимол, вактҳои охир хеле серкор бошад, зеро мактуб- хои аз Байкерстрит меомадагӣ торафт камтар ва торафт кӯ- тоҳтар шуда истодаанд. Дар онҳо доир ба ҳисоботҳои ман як калима ran хам нест, аммо доир ба мақсади сафари ман ба ин ҷо — танҳо рӯякӣ ишора меравад. Воқеаи шантаж, эҳтрмол, тамоми кувваи Холмсро гирад. Вале ҳодисаҳои рӯзҳои охир, бешубҳа, дикқати ӯро ба худ ҷалб менамоянд ва аз нав дар дили вай ба тадкМи мо шавку завқ ба амал меоваранд. Чи тавр ман мсхостам, ки вай дар ин ҷо бошад!

17 октябрь. Имрӯз беист борон меборад; чакраҳон калон-

калон аз лаби пореса ба алафи печони анбӯҳ афтида хишир- хишир садо мебароранд. Ман Селденро, ки дар пешгоҳи бот- лоқзорони тира, дар зери осмони кушод руст шуда буд, ба хо- тир овардам. Бечора! Ҷиноятҳои вай содир кардагӣ ҳар қадар ки вазнин набошанд, азобу укубати ҳозир мекашидагӣ то як андоза онҳоро сабук мекунад. Баъд он шахси дигар ҳам ба хо- тирам омад... Чеҳраи аз тирезаи кэб намудор гардидагӣ, қиё- фаи тира, ки гӯё бар рӯи қурси моҳ кандакорӣ карда шуда буд, Наход он ҷосуси дастгирнашаванда, он шариқи зулмот низ ҳозир дар зери он борони сел сарсон гашта бошад?

Бегоҳӣ ман боронӣ пӯшида ба пешгоҳи ботлоқзор равон шудам ва манзараҳои пурдаҳшатро ба пеши назар меовардам. Борон ба рӯям мезад ва бод дар гӯшонам ҳуштак мекашид. Ононеро, ки ҳоло дар наздикии ботлоқзорони Гримпен сарсо- ну овора. гаштаанд, худованд дар паноҳаш нигоҳ дорад! Ҳатто кӯҳу кӯтал дар чунии ҳаво ба лойқазор табдил меёбад. Ман сутуни санги хороро, ки бар болояш ҳамон мушоҳидакори як- каву танҳо рост меистод ва аз нӯги ноҳамвори зина-зинаи он **ба** ботлоқзорони ҳузновари дар поён доман паҳн кардагӣ на- тар меандохт, кофта~ёфтам. Селҳои борон ин пастхамиҳои хо- кистаррангро зер мекарданд, абрҳои тираи маъюсовар рӯи за- минро пӯшида буданд, аз миёни пораҳои он тарҳи ачибу ға- рйби талҳо андак намудор мешуданд. Аз дур, дар тарафи ча- пн ман, бар болои дарахтони пастхамӣ манораҳои борики аз байни -туман саҳл намоёни Баскервиль-холл намудор шуда* меистоданд. Агар ғорҳои то давраи таърихии дар доманаи теппаҳо ҷойгир шударо ба назар нагирем, танҳо ҳаминҳо аз он шаҳодат. медоданд, ки дар ин ҷойҳо одам сукунат дорад. Ва дар ҳеҷ куҷо аз он марди ношинос, аз он қиёфаи яккаву танҳое, ки ду шаб пеш бар болои ҳамин баландӣ дида будам, ягон осор дида намешуд!

Дар бозгашт маро духтур Мортимер дарьёб кард, ки саво- ри аробачаи худ аз тарафи Ботлоқи пӯсрда меомад. Ҳамаи ии муддат духтур ба мо хеле илтифот менамуд ва қариб рӯзе набуд, ки ӯ барои аҳврлпурсии мо ба Баскервиль-холл наояд. Духтур маро ба аробачааш савор карда, ба хона оварданӣ шуд. Вай аз гум шудани сагчааш хеле хафа буд. Ӯ гурехта ба ботлоқзор мераваду гашта намеояд. Ҳар қадар ки метаво- нистам, духтурро тасаллӣ медодам, аммо худам тотуи дар бот- лоқи Гримпен ғӯтидаро ба хотир оварда, фикр мекардам, ки гумон аст, ягон вақт Мортимер сагчаашро бинад.

— Воқеан, духтур,— ҳамроҳи вай дар охурчаҳои роҳ Та-

кон хурда, пурсидам ман,— шумо, эҳтимол, ҳамаи онҳоеро ки дар ҳудуди шумо зиндагӣ мекунанд, медонед?

— Ба фикрам, ҳамаашонро медонам.

— Дар он сурат, шояд шумо, ному фамилияи занеро, ки аввали ҳарфҳои ному фамилияаш бо «Л. Л.> сар мешавад, до- нед? Мортимер ба фикр фурӯ рафта, баъд ҷавоб дод:

— Не. Рости ran, ба лӯлиҳо ва коркунони фермаҳо зомин шуда наметавонам, вале дар байни худи фермерҳо ва чентри- хо[1] номҳое ҳастанд, ки гӯё ба ҳеҷ кас мувофиқ намеоянд. Бо вуҷуди он истед,— пас аз андаке таваққуф илова намуд вай,— Лаура Лайо^с ном зане ҳаст =- ана ба шумо «Л. Л.>, Аммо вай дар Кумби-Треси зиндагӣ мекунад.

— Вай кист? — пурсидам ман.

— Духтари Френкленд.

— Чи тавр! Духтари ҳамон пири ғалатй?

— Бале. Вай ба рассоме, ки фамилияаш Лайонс мебошад ва ба ин ҷо ба кашидани этюд меомад, ба шавҳар баромада буд. Вай марди нобакоре баромад ва ӯро партофт. Зимнан, ба шу- ниди ман тамоми ‘гуноҳро ба як тараф бор кардан лозим нест. Падар аз вай рӯ гардонид, чунки вай бе розигии падар ба шав- дар баромада буд ва эҳтимол, сабабаш танҳо йн набошад. Хул- ласи калом, ду марди фосиқ — ҳам пиру ҳам ҷавон— зани бе- чораро ба чон расонданд.

— 'Вай бо кадом даромад зиндагй мекунад?

— Эҳтимол, пирамард Френкленд бисьёр не, як чиз-ним чиз ба вай дода истад, зеро корҳои ҳуди ӯ 'хеле табоҳ аст. Ва- ле гуноҳи духтар ҳар қадар зиёд бошад ҳам, мондан лозим набуд, ки ӯ радди маърака шавад. Ин воқеа дар ин ҷо маълум гардид ва ҳамсояҳо — маҳз Стэплтон ва сэр Чарльз — ба ӯ ёрдам карданд, имконият доданд, ки ҳалол меҳнат карда ризку рӯзй ёбад. Ман ҳам’як чиз-ним чиз қӯрбон намудам. Мо мехостем, ки вай мошинкаро ёд гирифта чоп кунад.

Мортимер пурсид, ки ин ба ман чи лозим ва кунҷкбвии ӯро **ба** зӯр қаноат кунонда, кӯшиш намудам тафсили воқеаро ба вай баён накунам, зеро ба корҳои худ ошно кардани одамони зиёдатй фоида надорад.

Фардо пагоҳӣ ба Кумби-Треси меравам ва агар дидани Лаура Лайонс — он хониМи бадномшуда ба ман муяссар гар- дад, мо ба пеш ба сӯе қадами калон мегузорем, ки як муам- мои мо камтар шавад.

[1] ^*ентриҳо* —• **дворянҳои хурдамлок дар Англия,**

— Дар омадӣ ran, каминаи камтарини шумо'оҳиста-оҳистж ба марди хирадманде табдӣл меёбад: вақте ки Мортимер аэ ҳад зиёд пурсуков кардан гирифт, ман аз вай пурсидам, ки ко- сахонаи сарӣ Френкленд ба кадом шакл дахл дорад ва гапро ба дигар тараф бурдам — қисми боқимондаи роҳ доир ба кра- ниология[1] бахшида шуд. Солҳоеро, ки ман дар сӯҳбатҳои Шер- лок Холмс гузаронида будам, бароям'беҳуда нагузашта бу- данд.

То ки тасвири ин рӯзи- ҳузновари серборонро ба охир расо- нам, боз як сӯҳбати дигареро, ки ин дафъа бо Бэрримор дош- там, хотиррасон мекунам. Ин сӯҳбат ба ман афзалияте дод, ки лаҳзаи даркорӣ ман онро даСтак мекунам.

Мортимер нарафта истод ва пас аз нощто ӯ ва баронет ба бозин экартэ[2] сар карданд. Сарпешхизмат ба кабинетам қаҳва оварда ва ман аз ин истифода намуда ба ӯ якчанд савол •додам.

— Хӯш, Бэрримор,- хеши меҳрубони шумо чӣ кор карда истодааст? Рафт ё ҳоло ҳам дар ботлоқзорон руст шуда гашта* аст? • ,

— Сэрк намедонам. Кошки тезтар мерафт! Охир мо барои вай -шуда чи қадар азоб кашидем! Аз ҳамон вақте ки бори охир барояш таом бурда будам, ягон чиз намедонам, ин бошад .рӯзи сеюм буд.

— Ҳамон вақт ӯро дида будед?

— Не, сэр, вале баъд тафтиш кардам —таом дар ҷЪяш набуд.

— Модом ки таом набошад,%пас вай ҳоло ҳанӯз ҳам дар ҳамон ҷост.

— Гӯё ҳамин тавр, сэр, ба шарте онро ҳамон шахси дуюм дастгир накарда бошад.

Дастам финҷони қаҳваро ба даҳон набурда, дар нисфи роҳ -шах шуда монд ва ман бо диққати тамом ба Бэрримор чашм дӯхтам:

— Пас шумо медонед, ки дар он ҷо боз каси дигаре ҳаст?

— Бале, сэр, дар ботлоқзорон боз як шахси дигар руст шу- да мегардад.

— Шумо ӯро дидед?

— Не, сэр.

— Наббшад ‘аз куҷо медонед?

[1] *Краниология* — **илме, ки косахонаи сари одам ва ҳайвонҳоро меомӯ- зад.**
з *Экартэ* — **як. навъи бозӣ дар қарта.**

— Тахмин якуним ҳафта пеш Селден дар бораи вай ба Ман гуфт. Он шахс ҳам руст шуда мегардад, вале, ба фикрам, аз он касони ба каторга бадарғашуда нест... Духтур Уотсон, ин ба ман маъқул не, тамоман маъқул не! — ногаҳон аз даҳонн Бэрримор баромада монд.

— Гӯш кунед, дӯстам! Ман дар ин ҷо тамоман ба нафъи хоҷаи шумо кор мекунам. Ман фақат барои ҳамин омадаам, ки ба вай ёрдам кунам. Ошкороқба ман гӯед: чияш ба шумо маъ- қул нест?

Бэрримор гӯё аз авҷи изтироб, ё худ барои ифодаи эҳсо- соте ки ӯро пахш мекард, сухани мувофиқ наёфта, дақиқае дудила шуда истод.

— Сэр, ҳар коре ки дар он ҷо карда мешавад,— оқибат хи- тоб намуд вай ва ба тирезае, ки сели борон рӯи онро пӯши- да буду ба тарафи ботлоқзорон кушода мешуд, нишон дод,— оқибаташ хуб не. Ба гапам бовар кунед, дар ин ҷо кори баде сар карданианд. Ман акнун фақат як чиз мехоҳам, сэр Генри харчи зудтар аз ин ҷо баромада ба Лондон равад.

— Аз -чи ин қадар тарсидед?

— Шумо марги сэр Чарльзро ба хотир биёред! Муфаттиш харчи гуфтан мегирад! Шабона гӯш кунед, дар ботлоқзорон чи воқеаҳое ки шуда истодааст. Пас аз ғуруб ба сари мардум тилло резй ҳам ба он ҷо намебароянд... Шахсе, ки дар он ҷо руст шуда мегардад, аз паи ким-ки игёпояд— киро мепояд? Ҳамаи ин чи маънӣ дорад? Не, барои онҳое, ки Баскервиль ном доранд, оқибати ин нёк нахоҳад шуд ва маътали ҳамон рӯзам ки кай хизматгорони нади сэр Генри омада ба ҷои ман менишинанд ва ман аз ин ҷо баромада меравам!

— Дар хусуси он одам ба ман нақл кунед,— гуфтам ман.— Шумо дар бораи вай чй медонед? Селден чй гуфта буд? Дар хуҷо ва барои чи руст шудани он мард ба вай маълум?

— Селден ӯро тахмин ду бор дидааст, аммо он мард хеле эҳтисткор ва маккор мебошад. Аввал Селден ӯро полиция гу- мон мекӯнад, аммо баъд яқин ҳосил менамояд, ки ган дар ди- гар ҷост. Зоҳиран.одами одамшаванда аст, вале ҳеҷ фаҳми- да намешавад, ки дар он ҷо ба вай чи лозим. ’

— Вай дар куҷо руст мешавад?

— Селден мегӯяд, ки писарбачае ба наздаш рафта меояд. Писарбача, эҳтимол, аз Кумби-Трёси барои вай хӯрду хӯрок ва дигар чизҳои даркорӣ мебарад.

— Хайр, Бэрримор, Мо ягон вақти дигар дар ин бора ган мезанем.

Вақте ки сарпешхизмат берун баромад, ман дар назди ти- рёза истода аз байни шишаи хира ба абрҳои дар осмон дарғ тохту тоз ва ба дарахтон, ки шамол онҳоро меҷунбонд, нига- ристам. Агар дар чунин обу даво ҳатто дар хона дили кас заъф мекарда бошад, пас дар ғори сангин ботлоқзор ҳолн кас чӣ мешуда бошад. Барои дар чунин ҷой ва дар чуния вақт камин гирифтан дар оташи нафрат сӯхтан лозим! Ва он одамро чи маҷбур кард, ки ба чуяин санчиши пурмашаққат иқдом намояд?

Дар яке аз ҳамин гуна ғорҳо мақсади ҳамон вазифа ниҳон гардидааст, ки маро ин қадар азобу машаққат медиҳад. Қа- сам мехӯрам, як рӯз хам нагузашта, ҳарчи аз дасти бани ода>г меояд, зӯр зада, сари ин муамморо мекушоям!

Боби XI

ОДАМЕ ДАР НУГИ СУТУНИ САНГИ ХОРО

Порчаҳои рӯзномаи ман, ки боби охиринро ташкил меди- ҳанд, моро ба 18 октябрь, яъне ба хамон санае/наздик бур» данд, ки аз хамон рӯз эътиборан ҳамаи ин воқеаҳои аз ақл берун ба анҷоми Иурдаҳшати худ зуд наздик мешуданд. Во- қеаҳои охир ба андозае дар хотирам чуқур нақш бастаанд, кп ба навиштаҳоям муроҷиат накарда, доир ба онҳо нақл карда метавонам.

Ба ҳамин тариқ, аз ҳамон рӯз сар мекунем, ки дар ара- фаи он ду ҳолати бисьёр муҳймро ҳал намудам. Якум: миссид Лаура Лайонс аз Кумби-Треси ба сэр Чарльз Баскервиль мак- туб навишта дар ҳамон чои ба аҷалаш дучор омадагӣ (вокеат* дар ҳамон соати таъиншуда) Лаура ба ӯ мулоқот таъин ме- кунад ва дуюм: шахси дар ботлоқзорон руст шуда гаштаисто- даро дар пастхамии теппа дар ғорҳои сангӣ ҷустуҷӯ кардан ло- зим аст. Ман ҳис намудам, ки акнун фақат камии ҷасорат ва’ зиракй дар кушодани ин ду муаммо ба ман халал расонида- наш мумкин.

Ҳамон бегоҳ ман дар бораи миссис Дайонс ба баронет ҳеҷ чиз гуфта натавонистам, чунки духтур Мортимер то бевактии шаб бо вай қартабозӣ кара нишаст. Вале рӯзи дигар ҳангоми ношто ман аз кашфиёти худ ба вай ran задам ва таклиф кар- дам, ки ҳамроҳи ман ба Кумби-Треси равад. Аввал вай бо дилу ҷон ба ин розӣ шуд, аммо каме фикр карда қарор додем, ки

ваҕзаш ман худам танҳо равам. Ии боздид ҳар қадар аз рӯи расмият ташкил карда шавад, мо камтар натиҷа ба даст ме- дарорем. Ва ман ягон қадар азоби виҷдон накашида, сэр Ген- риро дар хона танҳо мондаму худам ба ҷустуҷӯи нав равои шудам.

Ман ба Қумби-Треси наздик шуда, ба Перкинс фармудам, ки аспҳоро нигоҳ дорад ва ледиеро, ки истинтоқ карданам. лозим буд, суроғ намудам. Хонаи ӯро бо осонӣ ёфтам — он дар маркази деҳа воқеъ гардида буд. Хизматгордухтари дарро ку- шодагӣ такаллуфпарастӣ накарда, маро ба меҳмонхона даро- вард, ки дар паси мошинкаи хатнависӣ зане менишаст. Вай табассуми ширин карда, ба пешвози ман аз ҷой хест, аММо дар назди худ марди ношиносеро дида, абрӯ чин кард ва аз нав ба назди миз нишаста, мақсади омадани маро пурсид.

Баробари дидани миссис Лайонс ҳусну ҷамоли ӯ маро дар хайрат монд. Чашмонаш гӯсфандии дурахшон, мӯяш дорчин- ранг буда, гунаҳояш сурхи нозук, вале доғи кунҷитак Дошт— сурхии ҳамон тобиши дилрабое, ки андар дили гули садбарги сафед ниҳон аст. Такрор мекунам, таассуроти аввалин хеле зӯр буд. Вале бодиққат ба ӯ назар андохта, дилам монд. Дар лн чеҳра ким-чи кареҳ, дағал буд — зебогии бартамоми ӯро ё чинҳои беиродагии гдрди лабонаш вайрон мекарданд ё ни- гоҳи бераҳмаш. Вале ҳамаи ин фикрҳо баъд ба хотирам ома- данд. Д-ар лаҳзаи аввал ман фақат ҳис кардам, ки дар наздам зани хеле зебое нишастааст ва ин зан сабаби омадани маро мепурсад. Ва фақат ҳамон вақт ба ман равшан гардид, ки мақсади боздиди ман то кадом андоза нозук аст.

— Ман падари бузургвори шуморо медонам,— гуфтам ман.

Оғози суханам басе нобоб буд ва леди дарҳол ба ин ишо- ра- намуд.

— Ман ба падарам ҳеҷ алоқа надорам,— гуфт вай.—Ман худро дар назди вай ҳеҷ вазифадор намешуморам ва дӯстони ӯро ба худам дӯст шумурда наметавонам. Вай ба ман қарзи падарӣ надорад. Агар сэр Чарльз Баскервили раҳматӣ ва баъ- зе одамони раҳмдили дигар намебуданд, ман гуруснагӣ мека- шидам.

— .Ман айнан дар бораи сэр Чарльз Баскервили раҳматӣ бо шумо ran заданӣ будам.

Дар чеҳ-раи рантпаридаи вай доғи кунҷитак баръало намо- ён гардид.

— Маҳз чӣ пурсиданӣ будед? — суол кард ӯ ва ангуштонаш асабиёна ба клавиши мошинка расиданд.

—* Ман ба падарам заррае сйрукор надоштам,

— Шумо ӯро мешинохтед?

—’ Ман гуфтам, ки аз бисьёр ҷиҳатҳо аз ӯ миннатдорам. Агар одам шуда қомат рост карда бошам, ин фақат ба туфай- ли ғамхории вай.

— ШуЖо бо вай мукотиба доштед?

Леди ба тарафи ман нигоҳе афканд в.а дар чашмони - гӯс* фандии дурахшонаш оташи қаҳру ғазаб барқ зад.

— Мақсади ин пурсуковро ба ман фаҳмонед,— якбора гуфт вай.

— Мақсади он фақат як чиз шуданаш мумкин: шуморо фош- карда шарманда насохтан. Биёед дар хамин ҷо гуфтугӯ кунем, набошад ин баъд берун аз ихтиёри мо шуда мемонад ва он гоҳ кор бад сурат гирифтанаш мумкин.

Ранги рӯи вай беш аз пеиь канда дурудароз хомӯш истод. Баъд нохост ба ман нигариста, бо оҳанги густохона ва беада* бона гуфт:

— Хуб, ман розӣ. Чи дониста гирифтанӣ будед?

— Шумо бо сэр Чарльз мукотиба доштед?

— Ҳа, тахмин ду маротиба ба вай мактуб навишта барои олиҳиммат ӣ ва баназркатиаш ба вай арзи ташаккур намудам.

— Санаи навишта шудани он мактубҳоро дар хотир доред? — Не.

— Шахсан бо вай вомехӯрдед?.

— Як ё ду бор, вақти ба Кумби-Треси омаданаш. Сэр Чарльз одамихеле хоксоре буд ва ӯ накӯкориҳои худро на- муна карда нишон доданро нағз намедид.

— Шумо гоҳ-гоҳ ба вай хат менавиштед, гоҳ-гоҳ вомехӯр* дед, дар зимни он вай аз корҳои шумо чунон нағз огоҳ буд, ки ҳатто ба шумо ёрдам карда меистод! Инро чи тавр фаҳми- дан мумкин?

’ Леди ба саволи дасисакоронаи ман фикр накарда ҷавоб дод:

— Ҷентльменҳои дигаре дам, ки аз ҳоли зори ман воқиф буданд,' якҷоя шуда ба ман ёрдам карданд. Яке аз онҳо мис- тер Стэплтон, ҳамсоя ва дӯсти наздики сэр- Чарльз буд. Вай ба ман не.киҳои ниҳоят зиёде кардааст ва сэр Чарл-ьз ба во- ситаи вай бо ман шинос шуд.

Ман аллакай медонистам, ки сэр Чарльз Баскервиль борҳо ба Стэплтон боварӣ карда ичрои корҳои хайрандешонаи худро ба вай супурдааст ва чунин баёнотро комилан ^ба ҳақикат наздик мешумурдам.

— Акнун гӯед, ки дар мактубҳои ба сэр Чарльз менавииь тагии худ ба мулоқоти ду ба ду исрор намекардед?

’ Вай якбора даргирифта рафт:

— Сэр, ман чунин саволро бечо мешуморам.

— Хонум, бубаҳшед, вале ман маҷбурам онро хдкрор ку- **нам.**

— Хуб, ман чавоб медиҳам: албатта, не!

— Ҳатто рӯзи марги сэр Чарльз?

Гулгунӣ дар як он аз рухсораш барҳам хӯрд, чеҳрае ки ба ман менигарист, райги рӯи мурда барин рафед канд. Лабо- ни хушкидааш париданд ва ман инро тезтар дидам, назар ба он ки боз як бор «не» гуфтанашро шунавам.-

— Якин аз хотиратон рафтааст. Ман ҳатто як ҷумлаи мак- туби шуморо иқтибос оварда метавонам. Дар он чо гуфта шу- да буд: «Ҳамчун одами одамшаванда, аз шумо илтимос ме- кунам, ки ин мактубро сӯзонед ва соати даҳ ба назди дарича биёед».

Ба назарам чунин намуд, ки агар боз як сония гузарад мис- сис Лайонс беҳӯш шуда меафтад, вале ӯ бо зӯри зиёди ирода бар худ ғалаба кард.

— Пас, дар дуньё одами одамшаванда набудааст,— нохост аз даҳонаш баромада монд.

— Шумо нисбат ба сэр Ҷарльз беинсофӣ мекунед: вай хо- диши шуморо иҷро кард. Вале гоҳо мактуби сӯзонда шударо, ҳам хондан мумкин. Акнун шумо иқрор ҳастед,. ки ҳамон рӯз ба вай мактуб навишта будед?

— Ҳа, навишта будам. Ман рад намекунам! — хитоб на- муд ӯ ва тамоми самимияташро дар ин суханон ифода намуд.— Ман аз он мактубам ҳеҷ шарм намекунам.. Ман аз вай ёрӣ талабида будам. Боварӣ доштам, ки агар мулоқотамон барпо гардад, вай не нагуфта маро дастгирӣ мекунад.

— Барои чи дар чунин бевактӣ мулоқот таъин кардед?

— Ман фаҳмидам, ки вай 4)ӯзи дигар якчандмоҳа ба Лон- **дон** меравад. Барвақт рафта наметавонистам, чунки сабаСГ доштам.

— Чаро дар боғ мулоқот таъин кардед? Магар дар хона воҳӯрдан мумкин набуд?

— Ба фикри шумо зан дар чунин бевақтӣ ба хонаи марди муҷаррад рафта метавонад?

— Хуб. Вақте ки шумо ба мулоқот рафтед, чӣ ҳодиса рӯй дод?

— Ман ба ҳеҷ куҷо нарафтам.

— Миссис Лайонс!

— Ба ҳама авлиёю анбиёҳо қасам ки ман ба он ҷо нараф* там. Ба ман халал раеонданд.

— Чӣ ба шумо халал расонд?

— Ин кори шахсии ман, ман дар бораи он ган зада наме- тавонам.

— Аз ин мебарояд, ба сэр Чарльз дар ҳамон ҷо, ҳатто ҳа- мон соате ки марг уро домангир шуд, мулоқот таъин кардед, вале хӯдатон ба он ҷо нарафтед?

— Ин ҳақ асту рост.

Ҳиллаву найрангҳои минбаъдаи ман ягон натиҷа набахши- данд, вай якзайл ба гапи худ меистод.

— Миссис Лайонс,— ин истинтоқи • дурударози бенатиҷаро ба охир расонда гуфтам ман,— шумо кушоду равшан ган за- дан намехоҳед ва бо ин коратон масъулияти калон ба зимма мегиред. Вазъияти шумо хеле нозук мебошад. Агар ман ба ёрӣ ба полиция муроҷиат кунам, боварӣ ҳосил хоҳед кард, ки ҳа- маи ин шуморо ниҳоят беобру мекунад. Фарз кардем, ки шумо ҳеҷ гуноҳ надоред, вале чи зарурат шуд, ки аз бисмиллои ган аз мактуби худ, ки рӯзи марги сэр Чарльз ба вай фиристода будед, рӯй мегардонед?

— Метарсидам, ки аз ин хулосаҳои нодуруст мебароранд ва маро ба воқеаи ногуворе ҷалб менамоянд.

— Чаро шумо исрор мекардед, ки сэр Чарльз мактуби шу< моро нест кунад?

— Агар шумо онро хонда бошед, ин бояд ба худи шумо маълум бошад.

— Ман нагуфтам, ки мактубро пурра хондайм.

— Шумо як ҷумлаи бутунро аз ёд гуфтед.

— Фақат ҷумлаи о^ирини мактубро. Ман аллакай ба шумо гуфтам, ки мактуб сӯзонда шуда буд, пурра хондани он ба ман муяссар нагардид. Саволамро боз як бор такрор мекунам: чаро шумо бағоят исрор мекардед, ки сэр Чарльз мактуби шуморо нест кунад?

— Ин фақат ба ман дахл дорад.

-[1]— Дар он сурат дарчи бештар бояд аз таҳқиқи ошкоро ҳа- зар кунед.

— Хуб, ман ҳамаашро ба шумо ҳикоя карда медиҳам. Агар овозаи тирабахтии ман ба гӯши шумо низ расида бошад, он гоҳ донистанатон лозим, ки ман фикр накарда ба шавҳар баромадам ва барои афсӯс хӯрдан тамоми асосҳоро дорам.

— Ҳа, баъзе гапҳо шунида будам.

“ Аз ҳамон вакт боз шавҳарам, ки ман ба вай нафрат ме- намоям, ба нафъи фоидаҷӯии худ якзайл маро таъқиб карда мегардад. Қонун ӯро ҳимоя менамояд ва ҳар рӯзу соат маро хатаре таҳдид мекунад, ки вай маро ба зиндагии якҷоя маҷ- бур месозад. Пеш аз он, ки ба сэр Чарльз мактуб нависам, фаҳмидам ки озодӣ ба даст дароварда метавонам, вале барои ин пул лозим 'буд. Озодӣ ба ман ҳама чиз: оромии рӯҳӣ, бах- ту саодат, худэҳтиромкунӣ,— хулдаси калом ҳама чиз медиҳад! Бомурувватии сэр Чарльз нағз маълум буд ва ман фикр _ме- кардам, ки агар сахтии ба сарам омадагиро тӯям, вай аз ёрӣ даст намекашад.

— Барои чӣ ба мулоқот нарафтед?

— Барои он ки дар ин байн аз каси дигар ёрдам гириф- там.

— Дар он сурат дуюмбора мактуб навишта сабаби рафта натавонистанатонро хабар доданатон лозим буд!

— Агар субҳи рӯзи дигар доир ба марги вай дар газетаҳо вамехондам,,- ҳамин тавр мекардам.

Ҳикоят басе салис баромад ва саволҳои ман шакку шубҳае ба амал намеовард, ки он аз ҳақиқат дур бошад. Ҳамаи ин- ро фақат ба як восита тафтиш карда дидан мумкин буд: фаҲ' мидан лозим, ки миссис Лайонс дере нагузашта пас аз марги- фочиавии сэр Чарльз масъалаи хати талоқ гирифтанашро бар- доштааст ё не.

Гумон буд, дурӯғ гӯяд, ки ба мулокот нарафтааст, зеро дар он сурат бо аробаи дучарха ба Баскёрвиль-холл рафта, факат субҳидам ба Кумби«Треси бояд бармегашт. Чунин сафарро пинхон доштан илоҷ нест. Пас, вай дуруст мегӯяд ё ҳеҷ набо- шад нисфи гапаш дуруст аст.

Ман дар ҳолате аз назди вай баромада рафтам, ки сарам гаранг ва аз барор накардани корам маҳзун будам. Боз аз пешам қамон садде баромад, ки дар роҳи максад хамеша аз рӯ ба рӯям мебарояд. Ва ба ҳар ҳол дар вақти гуфтугӯ чеҳ- раи он зан ва рафтори ӯро ба хотир оварда, беш аз пеш боварӣ ҳосил менамудам, ки вай бисьёр чизҳоро аз ман пиғь хон доштааст. Барои чи нохост ранги вай парид? Барои чи мағ.. хар калимаро зӯран аз даҳони вай мекашидам? Чаро вай ҳа- мон' соати таъиншуда, ки фоҷиа рӯй дод, ба мулоқот нарафт? Ва, эҳтимол, сабаби ин ҳама, чунон ки ӯ ба ман талқин кар< данӣ шуд, чандон кори осон намебошад. Оре, ин ягон илоҷ надошт! Бо изи дигаре, ки ба ғорҳои сангии ботлоқзорон ме« бурданд, рафтан лозим буд.

Вале изҳо тамоман норавшан буданд, ба ин ҳангоми боз*‘ гашт, вақти аз назди талҳо гузаштанам, ки аз боқимондаи бошишгоҳҳои одами пеш аз таърих ало-було буданд, боварӣ ҳосил намудам. Бэрримор гуфт, ки шахси иомаълум дар яке аз ғорҳо руст шуда мегардад, вале охир дар ин ҷо дар ҳар кадам ғоре ҳаст! Зимнан, ғайр аз шаҳодати Бэрриморман фикри шахсии худро доштам, чунки он-шахсро ман бо чашми худ дар нӯги сутуни санги хоро дида будам. Пас, ҷустуҷӯйро аз ҳамон ҷо сар кардан лозим аст. Ман ҳар як ғорро тадқиқ карда мебароям ва ниҳоят ҳамон ғори бароям даркориро пай-. до мекунам. Агар марди ношинос дучорам ояд, маҷбур месо- замаш ки худро ном барад, маҷбураш мекунам иқрор шавад, ки чаро якзайл моро таъқиб менамояд. Бигузор ҳатто барои ин таппонча бароварда ӯро таҳдид кардан лозим ояд. Вай дар Ричент-стрити серодам аз Холмс гурехта халос шуд, вале дар ин ҷо, дар ботлоқзорони хилват 'ин ба вай муяссар нахо- хад гардид. Агар ҳамон ғорро пайдо кунам ва бошандааш дар он ло набошад, кадом вақт ки гашта наояд, ӯро мунтазир шуда. меистам. Холмс дар Лондон дар ғафлат монда он одам- ро аз даст дод. Агар аз паяш афтода ӯро дастгир намоям ва бо ин корам бар муаллими худ дастболо шавам, он қадар тан- танае кунам, ки мондан гиред!

Ҳангоми таҳқиқи ин масъала толеъ чандин маротиба аз мо рӯ гардонда буд, вале ҳоло ба мо механдид. Ва косиди ин муваффақият дигар кас не, балки мистер Френкленди мӯй- сафеди сурхрӯй буд; вай маро дар назди даричаи боғаш, ки ба роҳ кушода мешуд, вохӯрда бомехрубонии барои вай ғай- риоддӣ фарьёд зад:

— Салом, ^ухтур Уотсон! Аспонатоиро як камтар дам ди- хед! Кадам ранҷа фармоед. Ба хона дароед, шарики хурсан- дии ман шавед, якстаконӣ май менӯшем.

Пас аз шунидани муносибати мистер Френкленд ба духта- ри худаш ман дар дил инсбат ба вай эҳсоси дӯстӣ намепарва- ридам, вале азбаски Перкинсро ҳатман ба хона фиристодан мехостам, чунин баҳона бароям хеле бамаврид буд. Ман аз ^фойтун фуромада фармудам ба сэр Генри гӯяд, ки пешин гаш- та меоям ва аз паси Френкленд. рост ба хонаи таомхӯрӣ даро- ;мадам.

Сэр, имрӯз дар хонаи ман тантана, иди ҳақиқӣ! — хур- сандона қаҳқос зада хандида гуфт ӯ.—Ман ду мурофиаи су« диро бурдам. Акнун мардуми ин ҷо мефаҳмад, ки қонун қсь нун аст ва дар шахси ман бо одаме сару кор дорад, ки натар-

сида ба сари гарданғафсон бало меорад. Сэр, ман ҳуқуқ ги- рифтам, ки аз байни боғи пирамард Мидлтон— адл аз байни он — тахмин сад қадам дуртар аз дари вай рафту омад кунам! Хӯш, шумо ба ин чӣ мегӯед? Мо ҳоло таълими магнатҳоро ме- диҳем, лаънат ба онҳо! Бигузор донанд, ки ҳеҷ кас роҳ наме- диҳад конунҳои общинагиро поймол намоянду бечазо монанд! Ғайр аз ин, ман ба бещае, ки мардуми ин ҷо онро сайргоҳ карда мондаанд, рафту омадро манъ кунондам. Ин мурдорон чунон рафтор мекунанд, ки гӯё ҳукуки моликияти хусусӣ вуҷуд надорад! Онҳо тасаввур мекунанд, ки дар ҳама ҷо шишаҳои холӣ ва коғазпораҳоро партофта рафтанашон мумкин. Духтур Уотсон, ҳарду кор ҳам ба поён расид ва ҳарду ҳам ба фоидаи ман ҳал шуд. Сэр Ҷон Морленд вақти дар мулки худ харгӯш- ҳоро сайд карданаш ман ӯро ба чавобгарӣ кашидам ва ин ба- рои ман як рӯзи пурсаодате буд, ки кайҳо боз чунин рӯзро надида будам.

— Ин ба шумо чӣ тавр муяссар гардид?

— Сэр, ба архиви суд нигаред ва афсӯс намехӯред, ки вақтатонро беҳуда сарф кардед. «Френкленд ба мукобилӣ Мор- ленд». Мурофиаи суд дар Лондон барпо гардида буд. Он ба ман дусад фунт афтид, вале ман онро бурдам!

— Ва он ба шумо чи дод?

— Ҳеҷ чиз, як пули пучак ҳам надод. Ман бо ҳамин ме- фахрам, ки дар ин корҳо манфиати шахсӣ надорам. Ман фақат карзи ҷамъиятии худро ба ҷо меорам. Шубҳа надорам, ки им- шаб сокинони деҳачаи Фернворси хӯсаи маро дар оташ месӯ- зонанд. Бори охир, вақте ки онҳо ин корро карданӣ шуданд, ман аз полиция талаб намудам, ки ба чунин бадъамолӣ хоти- ма диҳад. Вале охир, сэр, дар графии мо ҳукуматдорони поли- ция шармандаоварона рафтор мекунанд! Ман ҳуқуқ дорам ба ҳимояи онҳо умед бандам, онҳо бошанд маро ҳимоя намеку- нанд! Сабр кунед, кори «Френкленд муқобили полиция» диққати чамъиятро ба худ ҷалб менамояд. Ман огоҳ намуда бу- дам, ки ҳукуматдорони маҳаллӣ аз муносибати токатнопазири худ нисбат ба ман афсӯс хоҳанд хӯрд ва ин суханони ман рост баромад.

— Чи тариқ? — пурсидам ман.

’ Пирамард ба ман маънидорона назар афканд.

— Онҳо ниҳоят ҷазбманди донистани як чизанд, ман бошам аз баъзе масъалаҳо воқифам. Вале ман ба ҳеҷ сурат ба ин мурдорон ёрдам намекунам!

Ман кайҳо ин чониб баҳона меҷустам, ки зудтар аз ин лақ-

кӣ халос шавам, вале суханони охирини вай диққати маро ба худ ҷалб намуданд. Хулқу атвори инодкоронаи ин пири фасод- кор ба ман нағз м.аълум буд; медонистам, ки баробари ба нак- лаш рағбат зоҳир намудан, филфавр хомӯш мегардад, бинобар хамин комилан бо оҳанги бепарвоёна пурсидам:

— Эҳтимол, боз шикори дуздӣ бошад?

— Ҳа-ҳа! Не, дӯстам, кор хеле ҷиддитар. Агар он ба ҷиио- яткори ба каторга бадарға шудағӣ дахл дошта бошад чй?

Ман як-қад паридам:

— Шумо дар куҷо руст шудани ӯро медонед?

— Шояд, аниқ ҷояшро иадонам, вале ба изи ӯ равона кар- дани полицияро медонам. Наход ягон вақт ба фикратон наома- да бошад, ки дастгир кардани вай фақат ҳамон вақт муяссар мегардад, ки кй ба вай хӯрок бурданашро дониста гирем ва аз паси он одам поида равем?

Пирамард ба ҳақиқат хеле наздик буд ва ман аз ин гапи' вай саросема шудам.

— Ҳа, дуруст,— гуфтам ман.— Вале чар'о шумо фикр ме- кунед, ки марди ба каторга бадарғашуда ҳозир ҳам дар бот- лоқзорон руст шуда мегардад?

— Барои он ки шахси ба вай хӯрок мебурдагиро бо чашми худ дидам.

Варобари Бэрримор ба хотирам омадан дилам фишурда шуд. Агар вай ба ҳукми ин пирамарди мичморуқи бадтиыати қаллоб афтад, рӯзаш сиёҳ мешавад. Вале давоми нақлро шу- нида, озодона нафас гирифтам.

— Ба худ тасаввур кунед, ки хӯрокро кӯдак мебарад!— ба ran давом намуд Френкленд.— Ман ҳар рӯз ӯро бо дурбини якмилае, ки дар болои боми хонаам аст, мебинам. Вай бо як роҳ дар як вақт рафта меояд. Ба назди кӣ? — пурсида меша- вад. Албатта, ба назди марди ба каторга бадарғашуда.

Ана оқибат корам омад қард! Вале ҳатто вонамуд накар- дам, ки ин то кадом андоза диққатамро ба худ ҷалб менамояд. Кӯдак! Бэрримор гуфта буд, ки ба марди ба мо ношинос ка- дом-як писарбача хизмат мекунад. Пас, Френкленд ба изи ҳа- мин одам афтидааст ва чиояткори ба каторга бадарғашуда ба ин ҳеҷ дахл надорад.ₓАгар бо саволҳои печ дар печ ман ҳама чизҳои ба пирамард маълумро фаҳмида гирифта мета- вонистам, ин маро аз ҷустуҷӯи дарударози пуразият халос ме- кард. Вале дар бозй пештара барин шубҳа ва фориғболии ко- мил бар ман бартарӣ доштанд.

— Ба гумонам, ин писари кадом-як чӯпони инҷой. Эҳти- мол, барои падараш хӯрок мебарад.

Агар саҳл зиддият нишон медодам, ин ҷӯшу хурӯши пира- марди иззатталабро паст мекард. Вай бадҷахлона ба ман чашм ало намуд ва мисли гурбаи хашмгин мӯй сих кард.

— Сэр, ба назари шумо ҳамин тавр менамояд? — Ва дас- ташро дароз карда, ба ботлоқзорон, ки дар пеши назари мо доман паҳн намуда буданд, нишон дод:—Ана ин сутуни сан- ги хороро мебинед? Ҳамин тавр! Ана он теппаи начандон ба- ландро бо дарахтони олуи ёбоӣ, ин ҷои аз ҳама серсанги бот- лоқзорон мебошад. Чӯпонон дар он чо чи кор мекунанд? Сэр, тахмини шумо тамоман беҳуда аст!

Ман нармдилона розӣ шудам, ки ин ҳолатро ба назар на- гирифтам. БотаЪозӯъии ман ба Френкленд маъқул шуд ва ӯ ба лофзанӣ давом намуд:

: — Сэр, дилатон пур бошад, ки ман ҳеҷ гоҳ саросема хуло- са намебарорам. Ман он писарбачаро бо тугунча бори аввал намебинам. Ҳар рӯз ё рӯзе баъзан ду маротиба вай... духтур Уотсон, сабр кунед!.. Ин иштибоҳи назар бошад ё аз пастха- мии ҳу ана он теппа ким-чи ҳаракат мекунад?

Ва, дар ҳақиқат, ман ҳатто дар масофаи якчанд миль дар пастхамии сабзи хира нуқтаи хурдакаки сиёҳеро дидам.

— Сэр, биёед рафтем, биёед рафтем! — ба зина боло давида, гуфт Френкленд.— Шумо ӯро бо чашми худ хоҳед дид!

Дар рӯи боми ҳамвор дурбини якмилаи басе калон ба се- пояе устувор карда шӯда буд. Френкленд бар болои он хам шуда, бо тантана фарьёд мезад:

— Тезтар, духтур Уотсон, тезтар! — Ҳоло ки дар паси теп* па панаҳ нашудааст!

Дар ҳақиқат писарбачае тугунча дар пушу ба теппа охис- та-оҳиста боло мебаромад. Инак ӯ ба нӯги тёппа баромад ва ман тамоман баръало дидам, ки чи тавр андоми кӯпали вай бо либоси ҷиғда-ҷиғда дар кабудии сарди осмон намоён гар- дид. Писарбача дуздида ба гирду атроф назар меандохт, зо- хиран, вай санҷиданӣ буд, ки мабодо ягон кас аз қафояш на« мепояд ва дар паси теппа пинҳон шуд.

— Хӯш, гапам дуруст ё не?

— Дар ҳақиқат писарбача ва, шояд, барои ба он ҷо русти баромадан сабабе дошта бошад!

— Чи будани он сабабҳои пинхониро, хатто констебли по- лиция ҳам пай мебурд. Вале ман ба онҳо даҳан намекушоям 388

ва, духтур Уотсон, аз шумо низ илтимос мекунам', ки ган на< аанед! Мефаҳмед? Як калима нагӯед!

— Хуб шудаст.

— Онҳо бало барин аз ман метарсанд. Вақте ки тамомя чигунагии кори «Френкленд мукобили полиция» рӯи об меба- рояд, дар тамоми мамлакат мавҷи каҳру ғазаб паҳн меша- вад. Не, бигузор ба ёрии ман умед накунанд! Агар ин ноба- корон ба ҷои хӯсаи ман худи маро месӯзонданд, овҳо ҳаттэ парво надоштанд... Чи тавр, вақти рафтанатон шуд? Наход ба муносибати чунин воқеаи хурсандиовар ба ман ёрдам наку- нед, ки ин машрабаро бо ҳам нӯшем?

Вале ман ба зорию илтиҷои вай розӣ нашудам, аммо вақте пирамард гуфт, ки маро то хонаам гуселониданӣ аст, ӯро ро- зӣ кэрдам, ки аз роҳаш гардад. То он даме, ки вай маро ме- дид, аз роҳ мерафтам, аммо баъд ба тарафи ҳамон теппаи серсанге, ки писарбача дар паси он панаҳ шуд, тоб хӯрдам.

Ривоҷи корҳои ман аз нағз ҳам нағзтар буд, ва дар дил қа- сам мехӯрдам, ки агар аз ин тасодуфи пурсаодати қисмат пеш овардӣ истифода карда натавонам, сабабаш факат бе- ғайратӣ ва беқатъиятии ман не, балки ҳар чизи дигар шудан мегирад. ч

Вақте ки ба нӯги теппа-баромадам, офтоб аллакай ба ни- шастан сар карда буд ва пастхамиҳои камнишеби теппа аз як тйраф сабзи тиллоранг буданд, аз тарафи дигар ба сояи хокис- тарранг ғарқ мешуданд. Дур, бар болои уфуқ дуди ғуболулуд паст паҳн шуда, аз миёни он тарҳи афсонавии сутуни урьён на- моён буд. Дар гирду атроф на садое шунида мешуд ва на ягон чиз ҳаракат мекард. Фақат ким-чи гуна паррандаи калони хо- кистарранг, ки на моҳихӯрак бӯданаш маълум буд, на кронш- неп — дар баландии осмони кабуд парвоз карда мегашт. Дар байни гунбади калони фалак ва ин бодияе, ки дар зери он паҳн гардида буд, ягона ҷонзод мо будем. Фазоҳои холии ботлоқзо- рон, хилватӣ, асрори ифшо. нашуда ва аҳамияти вазифаи дар пешам истода — ҳамаи ин диламро ноумед кард. Писарбача дар ягон чо наменамуд. Вале дар байни теппаҳо, дар поёни пои ман ғорҳои сангии қадима воқеъ гардида буданд ва дар миён- чои доираи он як гунбаде солим монда буд, ки рӯзи барфу бо- рон ҳамчун паногоҳ хизмат карданаш мумкин- буд. Вақте ки онро дидам, дилам тахҳ кашид. Шояд, он одам дар ҳамин лона руст шуда гардад. Ман ба остони вай қадам мениҳам — вай аз дасти ман халос намехӯрад!

Ман айнан мисли Стэплтон, ки бо халтачаи дастадораш ба

шапалак наздик меравад, поида-поида ба ин рахнаи сангӣ наз- дик шудам. Наздиктар рафта, бо қаноатмандӣ боварӣ хосил на- мудам, ки он ҷо бошандае дорад. Пайраҳаи ба зӯр намоёне аз байни сангҳо гузашта ба назди он рахна мебурд, ки даромад- гох буд. Аз даруни ғор ягон садо шунида намешуд. Марди но- шинос ё дар он ҷо руст шуда буд, ё дар ботлокзорон мегашт. Аз вохӯрии дар пеш истода асабхоям ниҳоят таранг буданд. Папиросро ба як тараф партофта, дастаи таппончаро сахт фи- шурдам ва зуд ба даромадгоҳ наздик шуда, ба дарун нигарис- там. Ғор холӣ буд.

Вале ҳис кардам, ки дар ин ҷо касе зиндагӣ мёкунад. Дар рӯи бистари сангӣ, ки як вақтҳо одами неолитӣ хоб мекард, кӯрпаю бистар мехобид ва ба боронӣ печрнида шуда буд. Дар оташдони ибтидоӣ як тӯб хоқистар дида мешуд. Дар шафати он баъзе асбобу анҷоми ошхояа ва сатиле истода, то нисф об дошт. Як тӯб қуттии холии консерва аз он шаҳодат медод, ки чанд рӯз аст, ки дар ин чо зиндагӣ мекунанд, аммо чун чаш- мам ба нимторикӣ одат кард, дар кунҷак дулчаи тунука ва як шиша виски кушодагӣ дидам. Дар миёнчой санги хамворе ме- хобид, ки хизмати мизро адо мекард ва дар рӯи он бӯғчаи хур- дакаке истода. буд, зоҳиран, ин ҳамон тугунчае буд, ки ман бо дурбини якмила ба китфи писарбача овезон дида будам. Дар тугунча нон ва ду бонкаи консерв буд — яктояш забони дудхӯр- да дошт, дигараш шафтолуи дар шарбат хобонида шуда. Ман ҳамаи ин чизҳоро аз назар гузаронида, гашта тугунчаро ба чо- яш гузоштанӣ шудам, аммо якбора дилам.таҳ кашид: дар рӯи санг коғазе мехобид, ки дар рӯи он ким-чи навишта шуда буд. Ман онро ба даст гирифта, хати бо қалам наАиштаи рӯи онро ба зӯр хондам:

«Духтур Уотсон ба Кумби-Треси рафт».

Ман хатча дар даст дақиқае наҷунбида истодам ва дар бо- лои маънии ин номачаи хурдакак фикр мекардам. Аз ин меба- рояд, ки марди ношинос аз паси сэр Генри не, балки аз паси ман поида мегардад? Аз паси ман ӯ худаш намепояд, балки шахси дигареро,— шояд, хамин писарбачаро қаровул карда мондааст? Ана маълумоти охирини вай. Аз бозе, ки ман дар ин ҷо зиндагӣ мекунам, эҳтимол, қадам ба қадами ман поида гар- данд. Охир ҳамаи ин муддат ман хис мекардам, ки дар ин чо ким-чи гуна қуввахои диданашаванда амал мекунанд ва онхо эҳтиёткорона ва моҳирона дар атрофи мо тӯри нафисе мета- нанд ва бар мо расидани онро фақат гоҳ-гоҳ, дар лаҳзаҳои аз ҳама хатарнок эх.сос менамоем, •

Шояд, ғайр аз нома боз ягон чиз бошад. Ман ба гирду ат- роф назар андохтам, вале дигар чизе надидам. Ягон осоре ҳам пайдо карда натавонистам, ки аз рӯяш кӣ будани он шахсро муайян намоям — муайян намоям, ки барои чи вай .чунин ҷои вҷибро иқоматгоҳ интихоб кардааст ва чи қасду ният дорад. Дар бораи вай фақат ҳа-минро гуфтан мумкин буд, ки зоҳиран, ӯ риёзаткаш мебошад ва ба кайфу роҳати зиндагӣ аҳамият на- медиҳад. Боронҳои сели рӯзҳои охирро ба хотир оварда ва ба сӯрохии гунбади ғор назар андохта, фаҳмидам, ки модоме он шахс ҳатто ба чунин бошишгоҳи ноқулай розӣ бошад, вай ба кори худ ниҳоят саргарм аст. Кист он душмани чонӣ ё фариш- таи муҳофизи мо? Ва қасам хӯрдам, ки то охир ҳамаашро на- фаҳмам, аз ғор набароям.

Офтоб ғуруб кард ва осмон дар ғарб лолагун гардид. Пар- тави шафак дар рӯи пастоби ботлоқзори дурдасти Гримпен мисли доғҳои сурхчаранг ҷо-ҷо мехобид. Дар дур манораҳои Баске^виль-холл қад афрошта буданд, аммо четтар аз онҳо дуди борикё намоёп бӯд, ки бар болои бомҳои Гримпен печу- тоб хӯрда ба осмон мебаромад. Дар байни он ва Баскервиль- холл дар паси теппа хонаи Стзплтонҳо воқеъ гардида буд. Рав- шании тиллоранги бегоҳирӯзӣ ба тамоми ашьёҳо зебоӣ ва фароғат мебахшид! Вале дили ман ба оромие, ки дар табиат ҳукм- рон буд, 'бовар намекард ва аз он номаълумии даҳшатангезе, ки вохӯрии ҳатмии сония ба сония наздикшаванда дар худ ниҳон медошт, меларзид. Асабҳои ман таранг буданд, вале дар ғори торик бо ҷасорати тамом менишастам ва бо қатъияти зиққунан- да гашта омадани бошандаи ӯро интизорӣ мекашидам.

, Ниҳоят садои помонии ӯро шунидам. Ана пошнааш ба санге бархӯрд. Боз ва боз як бори дигар бархӯрд... садои помонӣ то- рафт наздик мешуд... Ман ҷаста худро ба кунҷаки торик ги- рифтам ва куланги таппончаро бардошта, қарор додам то да- ме ки ақаллан андак он шахсро набинам, ба равшанӣ намеба- роям. Дар беруя ҳама ҷо ором гардид; зоҳирай, вай истод. Баъд боз садои помонӣ шунида шуд ва пеши ғорро сояи касе гирифт.

— Уотсони азиз, имрӯз чунон ҳаво нағз, ки мондан гиред,— гуфт овози ба ман нағз шинос.— Дар ҳавои дим дар ғор ниш.ас- та чи кор мекунед!? Ҳавои берун хеле форам.

Боби XII

• ҲАЛОКАТ ДАР БОТЛОҚЗОРОН

Ман як-ду дакиқа истода, ба гӯшам бовар намекардам ва аз овози ногаҳонӣ нафас рост карда наметавонистам. Баъд за- бонам ба гуфтор даромад ва ҳис кардам, ки як кӯҳи калон аз китфам афтид. Ин овози сарди нешдор дар рӯи дуньё фақат ба як одам тааллуқ дошта метавонист.

— Холмс?—фарьёд задам ман.— Холмс! ~

— Бароед,— гуфт вай,— ва лутфанГ аз таппонча эҳтиёт ша- вед.

Ман аз ғор баромада ӯро дидам. Холмс дар рӯи санг мени- шаст ва бо чашмони хокистарранги дурахшандааш ба андоми пуртааҷҷуби ман менигарист. Вай дар ин. байн хеле хароб шу- да, вале қиёфааш бардам, ором, чехрааш аз сӯхтагии офтоб би- ринҷӣ буд. У дар тан сару либоси варзишгарӣ, дар сар кепка дошта, ба мисолм туристе буд, ки ба сайри ботлоқзорон баро- мадааст. Вай хатто ба олуфтагии пештараи худ риоя карда буд: ду бари рӯяш тоЗа тарошидагӣ буда, дар куртааш ягон доғ ҳам дида намешуд. Гӯё ҳамаи ин дар Бейк«р-стрит рӯй ме- дод!

— Дигар кӣ бо кудуми худ маро ин қадар шод мегардо- нид! — дасти ӯро сахт фишурда гуфтам ман.

— Дар айни замон ҳам дар ҳайрат мемрнд?

— Ҳа, гапатон дуруст.

— Вале, дӯстам бовар кунед, танҳо як худи шумо дар та- аҷҷуб намондед. Ман ҳатто гумон намекардам, ки ёфтани бо- шишгоҳи муваққатии ман ба шумо муяссар гардидааст ,ва ҳеҷ фикр намекардам, ки шуморо дар ин ҷб меёбам. То ғор ҳамагӣ бист қадам мондан ин маълум гардид.

— Шумо изи маро шинохтед?

— Не, Уотсон! Дар байни изҳои дигари бисьёре, ки дар дуньё вучуд доранд, метарсам шинохтани изи шумо хеле душ- вор мебошад. Агар дар оянда бо ягон роҳ маро фиреб доданӣ бошед, маслиҳат медиҳам, ки аз дигар магазин 'папирос харед, зеро баробари папироси тамғааш «Бредли. Оксфорд-стрит»-ро дидан, дарҳол пай мебарам, ки дӯсти ман Уотсон дар ин наздй' кихост, Ана қириндии папироси шумо дар назди пайраҳа хо- бида аст. Шумо, эҳтимол, ҳамон лаҳзае онро партофтед, ки хо- наи холии маро бо ҳамла фатҳ карданӣ шудед?

— Комилан дуруст. •

— Ман низ хамин тавр фикр кардам... Ман аз хад зиёд пух- такор будани шуморо дониста, пай бурдам, ки дар ғор камин гирифтаед ва гашта омадани бошандаи онро маътал буда, тап- иончаро дар даст тайёр нигоҳ доштаед. Ба ҳамин тариқ дар ҳақиқат маро ҷиноятқор пиндоштед?

— Ман кӣ буданатонро намедонистам, вале муайян карданӣ шудам.

— Уотсон, бисьёр наг^! Вале чи тавр бошишгохи маро ёф- тед? Шумо, эҳтимол, дар вақти дунболгирии шахси ба катор- га бадарғашуда, ки аз рӯи бепарвофалакиам моҳ тахтапуш- тамро равшан кард, маро дида мондед?

— Ҳа, ман ҳамон вақт шуморо дидам.

— То ба ин ғор расидан ҳама ғорҳои дигарро як-як тафтиш кардед?

.

— Не, писарбачаатон маро ба изатон оварда —дар нн ҷо баъзехо аз пасаш мепоиданд.

— Ҳа! Ҷентельмени куҳансол бо дурбини якмила! Ман дар офтоб дурахшидани линзаи онро дидам ва аввал чи буданаш- ро сарфаҳм нарафтам,—Вай аз ҷой хеста ба даруни ғор нига- рист.— Аҳа. Картрайт аллакай ба ин чо омада рафтааст, Ин чи хел коғаз? Пас шумо ба Кумби-Треси рафта омадед?

- Ҳа.

•— Барои дидани Лаура Лайонс рафта будед?

— Бале. ■

— Бисьёр нағз! Ману шумо, зоҳиран, дар вақти ҷустучӯя- мон бо хатҳои мувозӣ харакат мекардем. Хӯш, акнун маълумот- хои ба даст даровардаамонр.о бояд ба.якдигар гӯем ва он гоҳ ману шумо дар ин масъала каму беш тасаввури равшан хосил мерамоем.

— Ман ниҳоят шодам, ки.шумо дар ин ҷоед! Дар зери бори тамоми ин сирру асрор ва масъулияте, ки.ба зиммаи ман хоби- да буд, асабҳоям хаста шудан гирифтанд. Вале шумо чи тавр ба ин чо омадед ва дар ин ҷо чӣ кор мекунед? Ман бошам фикр мекардам, ки Холмс дар Бейкер-стрит нишаста, дар болои ош- кор намудани кори иғво риёзат мекашад!

— Ман мехостам, ки шумо махз ҳамин тавр фикр кунед.

— Пас, шумо аз ёрии ман йстифода намуда, дар айни за-, мон ба ман боварӣ надоред!— оташин шудам ман.— Холмс, ин ноинсофист!

— Дӯстам, хам дар кори хозира, ҳам дар корҳои бисьёри дигар ёрии шумо барои ман бебаҳо буд. Агар ба назаратон на- мояд, ки ман гӯё шуморо алонда бошам, хоҳишмандам, хафа

нашавед! Рости ran, то **як** андоза ба нафъи шумо ба ин кор иқдом кардам. Ман ҳис намудам, ки шуморо хатар тақдид ме- кунад ва ба ин ҷо омадам, ки шахсан ин корро тафтиш карда бароям. Агар ман ҳамроҳи сэр Генри ва хамроҳи шумо мебу- дам, нуқтаи назари ман аз нуқтаи назари шумо ҳеҷ фарқ на- мекард ва душманони мо ҳамеша ҳушьёр мебуданд. Ба Бас- кервиль-холл омадан сахт дасту пои маро мебаст, ин тавр бо- шад озодона амал карда, дар паси парда махфй монда метаво нистам ва тайёр шуда меистодам, ки дар лаҳзаи аз ҳама муш- кил ба сахіја бароям.

— Аз ман руст шуда гаштанатон чӣ ҳочат буд?

— Агар дар ин ҷо будани маро медонистед, ин ҳеҷ як ёрй намерасонд ва, шояд кор бо ҳамин анҷом меёфт, ки моро ош- кор месохтанд. Шумо, эҳтимол, ба ман ягон чиз нақл карданй будед, ё аз рӯи накӯкорне, ки хоси шумост, хостед дар ин ҷо васоили осоиши бошишгоҳи маро дӯруст кунед. Таваккали бе- ҳуда чй лозим? Ман Қартрайтро ҳамроҳам овардам — писар- бачаи идораи номарасонро дар хотир дорзд?—ва ӯ хизмати маро хуб ба ҷо меорад. Шумо бошед қаноатпешагии маро ме- донед: як бурда нон бошаду куртаи тоза, боз ба одам чй лозим? Ғайр аз ин, Картрайт — ин ду чашми зиёдатй ва ду пои басе чаққони иловагист. Ҳам ину ҳам он барои ман ганҷе мебошанд.

— Пас, ман бекора ҳисобот менавиштаам!— гуфтам ман ва чун ба хотир овардам, ки' чи қадар меҳнат ва бо ин меҳнатам дар онҳо чи қадар ифтихор сарф мекардам, овозам ларзид.

Холмс аз кисааш як даста мактуб баровард:

— Дӯстам, ана ҳисоботҳои шумо, ки ниҳоят бодиққат омӯх* та шудаанд ва метавонед ба ин шубҳа накунед. Ман ҳамаашро чунон нағз ташкил кардам, ки онҳо пас аз як рӯз ба дасти ман мерасиданд. Табрики самимонаи маро қабул фармоед. Қагьи- ят ва мушоҳидакорие, ки дар чунин кори бағоят мушкил ни« шон додед, аз ҳама гуна таҳсйну таҳният боло меистад.

Ман ҳоло ҳам ҳеч таи дода наметавонистам, ки ин тавр мо- хирона маро фиреб доданд, вале суханони нарми Холмс хафа« гиро аз дилам баровард. Ғайр аз ин дар қаъри дил, ман ҳақ бу« дани гапи дӯстамро ҳис камудам ва иқрор шудам, ки барои нафъи кор ман набояд ба ин ҷойҳо омадани ӯро медонистам,

— Ана ба худ омадед!— ба чеҳраи кушодаи ман назар ан- дохта гуфт вай,— Акнун дар бораи миссис Лаура Лайонсро ди- данатон ran занед. Ба назди кй рафтанатонро ман дарҳол пай бурдам, зеро ба ман маълум, ки вай дар Кумби-Треси ягона одамест ки аз вай баъзе чнзҳоро дониста гирифтанамон мум«

кин. Рости ran, агар шумо имрӯз ба он ҷо намерафтед, аз аф« таш, фардо худам ба наздаш мерафтам.

Офтоб панаҳ шуда, бар болои ботлоқзорон торикӣ фуромад. Ҳаво дарҳол хунук шуд ва мо ба ғор даромадем. Ва дар он ҷо ман дар нимторикӣ дар паҳлуи Холмс нцшаста доир ба сӯхба- там бо миссис Лайонс нақл кардам. Ҳикояи **ман ӯро** чунон ба рағбат овард, .ки бисьёр чизҳоро дубора такрор карданам ду- руст омад.

— Ҳамаи ин ниҳоят муҳим,— вақте ки суҳднамро тамом кардам гуфт Холмс.— Қор бағоят мураккаб ва дар он як чои хслӣ буд, ки то ҳол ман онро хеҷ пур карда наметавонистам. Шумо, шояд, бо миссис Лайонс дӯсти карин будани Стэплтон- ро донед?

— Не, дар бораи дӯст буданашон ҳеҷ чиз нашунидаам.

— Ин таъин. Онҳо вомехӯранд, мукотиба доранд — умуман аз байнашон қил намегузарад, ин ба мо афзалияти калон ме- дихад. Ин афзалиятро ба кор андохтан лозим, то ки ба занаш таъсир...

— Ба занаш?

—■ Акнун ба ивази баъзе қашфиётҳое, ки шумо кардаед, ман баъзе чизҳоро гуфтаниам. Занеро, ки ӯ дар ин ҷо мисс Стэплтон нишон доданӣ аст, дар хақиқат зани вай мебошад.

— Худоё, тавба Холмс! Шумо ба ин боварӣ доред? Дар он сурат Стэплтон чи тавр роҳ дод, ки сэр Генри ба зани вай ошиқ шавад?

— Эҳсосоти хаёлпарастонаи сэр Генри танҳо ба сари худи сэ,р Генри бало оварданаш мумкин. Чи тавре шумо дидед, Стэплтон бо ҳар роҳ эҳтиёт* менамояд, ки баронет бо вай ишқ- бозӣ накунад. Такрор мекунам, ки ин леди хоҳар не, балки за- ни Стэплтон аст.

— Вале ин ҳилаву найранг барои чӣ?

— Ана барои ҳамин: Стэплтон пешбин.ӣ намуд, ки дар роли зани бешавҳар нафъи вай ба ӯ хеле зиёдтар мерасад.

Тамоми гумону шубҳаи норавшани ман, тамоми он чи ки хисси қабл аз вуқӯъ талқин намуд, нохост рӯ зада, дар атро- фи натуралист зич шуд. Аз ин одрми ботамкину назарногири кулоҳи хасин ба сар ва халтачаи дастадори шапалакқапӣ дар даст бӯи ким-чи гуна сангдилии пурдаҳшат меомад. Сабру то- кат ва таҳаммул, ки бо макру ҳнла алоқаманд буданд, дар лаб табассум ва дар дил кинаву адовати бадгуҳарона...

— Пас, рақиби шумо ҳамин кас? Пас, дар Лондон вай аз паси мо поида буд?

— Ҳа, ҳамин тавр ман сари муамморо кушодам.

— Эҳтиёткорй чи... Ӯро миссис Стэплтон фиристодааст?

— Комилан дуруст.

Аз қаъри зулмат, ки ман дар он дуру дароз овора шуда ме- гаштам, тарҳи бадкирдории мудҳиш дар пеши назарам пайдо шуд, ки нисфашро дида, нисфашро пай бурда будам.

— Холмс, наход ин рост бошад? Аз куҷо фаҳмидед, ки Лау- ра зани вай аст?

— Стэплтон вақти вохӯрии якумаш бо шумо ба андозае сар- гарми нақл гардид, ки қисми тарҷумаи ҳолашро ба шумо гуф- та дод ва шояд, то' ҳол аз ин кораш таассуф хӯрад. Ӯ дар хақиқат дар шимолии Англия мактаб дошт. Охир кофта ёфтан-я муаллим кори аз ҳама осон. Доир ба ин кор агентии мактабҳо ҳаст. Онҳодоир ба ҳар шахсе, ки ба ин ихтисос алоқаманданд, ба шумо маълумот медиҳанд. Ман маълумот чамъ кардам ва дере нагузашта фаҳмидам, ки дар ҳақиқат дар як мактаб во- қеаҳои хеле ногуворе сар задаанд ва директори он — фами- лияаш дигар буд — ҳамроҳи занаш ғайб задааст. Тамоми ни- шонаҳои онҳо ба ҳамдигар мувофиқ омаданд. Аммо вақте ки ба энтомология[1] завқ доштанаш ба ман маълум гардид, шубҳа аз дилам барҳам хӯрд.

Зулмате, ки моро фаро гирифта буд, оҳиста-оҳиста парокан- да шуд, аммо бисьёр чизҳо ҳоло ҳам норавшан мондан гириф- танд.

— Агар ин зан зани вай бошад, пас миссис Лаура Лайонс дар ин ҷо чи дахл дорад?— пурсидам ман,

— Ин яке аз нуқтаҳоест. ки шумо худатон як андоза рав- шан кардед. Пас аз ба Кумби-Треси рафтанатон бисьёр чизхо маълум гардид. Масалан, ман намедонистам, ки миссис Лайонс аз шавҳараш ҷудо шуданӣ аст. Вай, зоҳиран, бо Стэплтон хо- надор шудан мехоҳад — охир ӯ зан доштани Стэплтонро на-- медонад?

— Ҳақиқатро фаҳмад чй?

— Дар он сурат, шояд он леди барои мо хеле даркор шуда монад. Мо .ҳардуямон ҳДгман фардо бояд ӯро бубинем. Уотсон, фикратон чи хел, ҳоло ба сари ичрои вазифаҳои худ баргардем чи? Ҷои шумо дар Баскервиль-холл.

Охирин шӯълаҳои сурхи шафақ дар ғарб хомӯш гардиданд ва торикии шаб ботлоқзоронро фаро гирифт. Дар осмони бу- нафшаранг ситораҳои токa-токa хира ба чашмакзанӣ сар кар« данд.

[1] *Энтомология* — **шӯъбаи зоология, ки ҳашаротро меомӯзад. .**

— Холмс, охирин як саволи дигар,—*аз ҷоям хеста гуфтам ман.— Мо гапи аз ҳамдигар руст мекардагӣ надорем, Ин ҳама чӣ маънӣ дорад? Ин ба чи бурда мерасонад?

Холмс бо овози паст ба ман ҷавоб додз

— Ба куштор, Уотсон... ба куштори хунсардона фикр кар- да шудагӣ. Тафсилашро напурсед. Стэплтрн сэр Генриро ба домаш кашида истодааст, ман бошам худи ӯро ба дом мека- шам. Бо ёрии шумо қариб ӯро ба даст афтонидам. Акнун фа« қат як хатар моро таҳдид мекунад — вай аввал шуда зарба за- даиаш мумкин. Боз як рӯз, аз ҳама зиёдаш ду рӯз гузарад, ха- ма корам тайёр мешавад, аммо то оц вақт сэр Генриро мисли модари мушфиқе ки фарзанди беморашро парастории мекунад, эҳтиёт кунед. Имрӯз набудани шумо комилан авфпазир аст ва ба ҳар хол беҳтараш шумо ӯро танҳо нагузоред... мешунавед?

Фиғони бадвоҳимаи кашолдори пур аз даҳшат ва азият бар болои ботлоқзорони хомӯшу сокит паҳн гардид. Ман онро гӯш карда, хис менамудам, ки хун дар рагу паям шах мешавад,

— Худоё тавба! Ин чӣ? Ин чист?

Холмс ҷаста аз ҷой хест ва андоми баланди вай пеши даро- мадгоҳи ғорро аз ман пӯшонд. У гарданашро ёзонда, каме хам шуда дар он ҷо меистод ва бодиққат ба торикӣ чашм дӯхта, фақат пичирросзанои ба ман гуфт:

— Ҷим! Ҷим!

Ин фарьёд, ки бо баландию мудҳишии худ моро дар ҳайрат мононда буд, аз каъри торикии зулмоти ботлоқзорон меомад. Вале он торафт наздиктар ва баръалотар шунида мешуд...

— Ин садо аз куҷо меояд?—пичиррос зад Холмс ва овози ӯ, овози іріахсе, ки асаби мустаҳкам дошт, ларзид!—ман фаҳ- мидам, ки ин фиғон ба қаъри дилаш нишаст,— Уотсон, дар ку- чо фарьёд мезананд?

— Ба фикрам, дар он тйраф,— Ман дастамро дароз карда, ба торикӣ нишон додам.

— Не, ана дар он ҷо! , •

Фарьёди пуразият аз нав дар хомӯшии шаб паҳн гардйд, вале он боз ҳам наздиктар ва боз хам баландтар буд. Ва ба он боз ким-чи гуна садоҳои дигар — садои рурроси пасте, ки бо ким-чияш ғурриши баҳрро ба хотир меовард, омехта мешуданд.

— Ин овози саг!—хитоб намуд Холмс.— Уотсон, биё меда- вем! Худоё! Қафо намонем шудаст!

Вай дар торикӣ ба пеш тохт ва ман аз паси ӯ давидам. Ва нохост дар пеш дар ким-куҷо, дар паси харсангҳо доду фиғо- ни ҷонхарош, баъди садои гумбурроси вазнине шунида шуд, Мо

истода гӯш андохтем. Аммо хомӯшии азиятдиқандаи шаби **бе«**
шамолро дигар ҳеҷ чиз халалдор накард.

Ман медидам, ки Холмс гӯё ақлашро гум карда бошад, **са**- рашро дошта, пой бар замин кӯфт:

— Уотсон, ӯ пешдастӣ кард! Мо қафо мондем!

•— Не, ин ҳеч мумкин нест!

— Мани аблаҳ чаро корро ба таъхир андохтам? Уотсон, шу- **мо** ҳам ақл накардед! Баскервильро танхо гузоштед ва.инак кор бо чи анҷом ёфт! Не, агар илоҷи ислоҳи кор набошад, ман аздусар аз он ҳаромзода қасос мегирам!

Мо роҳро надониста, ба ҳамон тарафе, ки ин садои фарьё- ди пурдаҳшат шунида шуд, давидем, Мо аз пастхамихо меба- ромадем, тозон поин мефуромадем, дар торикӣ ба харсангҳо бармехӯрдем, буттаҳои дрокро рахна намуда мегузаштем. Дӯсти ман аз қуллаи ҳар теппа ба гирду атроф зуд назар ме- андохт, вале ботлоқзоронро торикии анбуҳ пӯшида буд ва дар паҳнои маҳзуни он ягон ҳаракатро дидан мумкин набуд.

— Шумо ягон чиз мебинед?

— Ҳеҷ чиз.

. — Сабр кунед! Ин чӣ?

Мо садои нолиши пастеро шунидем, Вай аз ким-куҷо аз чап **ба** гӯш мерасид. Қатори сангтӯда нохост дар поён бурида шу- да ба пастхамии пур аз харсанг мубаддал гардид ва дар байни харсангҳо ким-чи чизи сиёҳ мехобид. Мо тохта наздиктар раф- тем ва он чизи сиёҳ тарҳи басе равшан ба худ гирифт. Вай одам буда рӯйнбкӣ ба замин мехобид. Ӯ гӯё ба гаваккаши тай- ёрӣ медид —сараш ба як зовияи фавқулодда хайратовар тоб дода ва китфонаш каме боло бардошта шуда, рахи тахтапуш- таш лӯнда буд. Дар лаҳзаи аввал ин ҳолати бемаънДғ вай ба фаҳмидан имконият надод, ки фиғони кашидагиаш пеш аз марг буд. Мо бар болои вай хам шуда меистодем ва на садои хир- росро мешунидем, на овози хишир-хишир ба гӯшамон мерасид, Холмс ба ҷасади беҳаракат даст расонда, аз даҳшат фарьёд зад ва дарҳол дасташро пас кашид.. Донаи даргирондашудаи гӯгирд панҷаҳои хунолуди ӯ ва кӯлмаки пурдаҳшатро, ки аз зе- ри косахонаи сари кафидаи мурда бо оҳистагӣ заҳида паҳн ме- шуд, равшан кард. Мо дар равшанӣ дидем, ки дар наздамон сэр Генри Баскервиль хобидааст ва шах шуда мондем.

Магар ин костюми ғайриоддии сурхчаи ҷигарранги ӯ— ҳа- мон костюмеро, ки баронет пӯшида бори аввал ба Бейкер-стрит омада буд, фаромӯш кардан мумкин буд! Барои шинохтани вай сонияе кифоя буд, баъд гӯгирд якбора фурӯзон шуда, чуноне

ки дар дили мо охирин шарораи умед хомӯш гардида буд, хам- чунон хомӯш гардид. Холмс фиғон кашид ва ман ҳатто дар **то-** рикӣ дидам, ки чи тавр рангаш ба сони ранги мурда парид.

— Нобакор! Нобакор!—муштҳои ман дар торикӣ худ **ба** худ фишурда шуданд.—Холмс, ман ҳеҷ гоҳ худро бахшида наметавонам, ки ӯро ба дасти тақдир супурдам!

— Уотсон, бештар гуноҳи ман. Ман хаёти миҷозамро танҳо аз барои ҳамин курбон намудам, ки натиҷаи*ин корро ҷамъ- баст кунам, яъне, анҷом дихам. Дар давоми тамоми таҷрибаи кориам чунин зарбаро ҳеҷ дар хотир надорам. Аммо кӣ донис- та метавонист, ки бо вучуди тамоми эҳтиёткории ман, вай та- ваккал карда танҳо ба ботлоқзорон мебарояд!

•

— Ва мо садои фарьёди ӯро шунидем — худоё, он чи фарь- ёде буд!— ва дархол ба ёрии ӯ расида омада натавонистем! Вале он саги бадҳайбат — гунаҳкори марги вай куҷо шуд? Шо- яд, вай ҳозир ҳам дар наздикӣ дар ягон ҷо бошад? Ва Стэпл- тон куҷост? Вай барой ин ҷавоб хоҳад дод!

— Ҳа, ӯ барои ҳамааш ҷавоб хх>ҳад дод, мап дар ин масъ- эла қувватамро дареғ намедорам. Ҳам амак, ҳам додарзода — ҳарду кушта шуданд. Яке баробари дар назди худ дидани ин саги бадҳайбат дилкаф шуда мурд, ки ӯро ҳайвони хорикулод- да мешумурд, дигарйш аз вай наҷот ёфтанӣ шуда ҳалок гардид. Айнун ба мо исбот кардан лозим аст, ки дар байни ин одам ва саг алоқа ҳаст. Мо уллоскашии ӯро шунидем, аммо ин холо ис- боти он нест, чунки сэр Генри, шояд, афтида сарашро кафонда бошад. Ва бар ҳар ҳол, қасам мехӯрам, ки душмани мо ҳар қадар маккор бошад ҳам, фарДо ба чанголи мо меафтад!

Мо дар назди ҷасади баднамошуда меистодем ва аз ин фа- локати ногаҳонии ислоҳнашаванда, ки ба меҳнати дуру дароз ва мушкили мо хотимаи басе пурандӯҳ гузошта буд, дар хайрат будем. Баъд, вақте ки моҳ аз паси абр намоён шуд, ба болои сангтеппа, ки дӯсти бечораи мо аз он ҷо афтида буд, барома- дем ва ба ботлоқзорон ки дар равшанни мох нукравор меду- рахшиданд, назар андохтем. Аз дур, наздик ба Гримпен чиро- /ғи зарде намоён буд. Он фақат дар хонац аз дигарон дури Стэплтонхо даргирифтанаш мумкин буд. Ман бо лаънату наф- рин бо мушт ба он тараф тахдид намудам.

— Чиро мо мунтазир мешавем? Фавран ӯро дастгир кардан лозим!

— Кор ханӯз хотима наёфтааст, ӯ одами эҳтиёткор, маккор аст, Медонистагиҳои мо ҳоло кам, инро исбот кардан лозим.

Агар як қадам бечо гузорем — он нобакор гурехта руст меша- вад.

— Пас чй кор кунем?

— Фардо ташвиш аз ҳад зиёд. Й^рӯз бошад ба сэр Генрии бечора фақат-охирин бор ёрӣ расондан лозим.

Мо аз нишебии сарозер поён фуромада, ба часади калони сиёҳи шаклаш номуайян наздик шудем, ки дар рӯи ^ангхои аз шуои моҳ нуқрағун мехобид. Баробари дидани ин часади ази- ятоварона ба худ печида дилам аз дард фишурда ва чашмам пур аз ашк шуд.

Холмс, ба ёрӣ чеғ задан дуруст меояд. Мо ӯро то хона бурда наметавонем... Худоё, ба шумо чӣ шуд? Шумо ақлатон- ро хӯрдед!

Холмс фарьёд кашид ва ба болои часади сэр Генри хам шуд. Ва нохост ба рақс даромад, қаҳқосзанон хандида дасти маро меафшонд. Наход ин дӯсти сахтгир ва ҳамеша ботамкини ман бошад? Вақте, ки шӯълаи ниҳонӣ рӯй мезанад, чи корҳое ки намешавад! .

—- Риш! Ӯ риш дорад!

— Риш? -

— Ин сэр Генри не!.. Худоё, ин ҳамсояи маН'—марди ба каторга бадарғашуда!

Мо бо чолокии пурҳаяҷон ҷасадро ба^гардонидем ва риши хунолуди вай акнун ба рӯи сарди дурахшони моҳ нигаронида шуд. Дигар ҳеҷ гуна шакку шубҳа намонд! Пешониаш танғ, чашмоиаш мисли чашмони маймун чуқур буданд. Ин ҳамон чеҳра — чеҳраи қотил Селден буд, ки дар равшании шамъ дар тангии дара дар пеши чашмам намоён гардида буд.

Ва дархол хамаашро фаҳмидам. Ман ба хотир овардам, ки баронет қариб тамоми сарулибоси кӯҳнаи худро ба Бэрримор тӯҳфа карда буд. Пас, Бэрримор онҳоро ба Селден дода буда- аст, ки пеш аз сафар пӯшад. Қафш, курта, кепка — ҳамааш он чизҳое буданд, ки як вақтҳо сэр Генри мепӯшид. Рости ran, фо- чиа ба фоҷиагиаш мондан гирифт, вале охир ин одам ба ҳар хол аз рӯи конунҳои мамлакати мо сазовори марг гардид. Маи ки аз хурсандй дар куртаам намеғунҷидам, чи тавр шудани ҳа- маи инро ба Холмс фаҳмонда додам.

— Пас, бечора ба касофати сарулибос ҳалок гардид,— гуфт вай.— Албатта, ба car ягон чизи сэр Генри — аз афташ, ҳамон кафшеро, ки дар ҳотел дуздида шуда буд, бӯй кунонда, ба изн марди бадарғашуда сар додаанд, Фақат як чиз маълум карда

нашуда мемонад: Селден чи тавр дидааст, ки дар торикй киц- чи ӯро дунболгирӣ мекунад?

— Эхтимол, шунидааст.

— Шунидааст, ки дар ботлоқзорон саг тохта гаштааст, ба даст афтам ҳам гуфта, ба ёрй чеғ задааст? Не, марди ба ка- торга бадарғашударо бо ин тарсонида намешавад. Хӯш, Селден чи тавр дида метавонист, ки аз паси вай саг метозад?

'— Ба фикрам, вокеаҳои азг ин дида аҷибтаре ҳастанд. Ба« рои чи ин сагро— тасаввур кардаанд, ки тйхмини мо дуруст аст...

— Ман ҳеҷ чиз тасаввур намекунам.

—< Хуб. Барои **чй** ин сагро имшаб дар ботлоқзорон сар до- даанд? Гумон аст, ки вай ҳамеша ин тавр озод бошад. Стэпл- тон, эҳтимол, мунтазир будааст, ки сэр Генри ба ин ҷо меояд.

— Муаммои ман мушкилтар. Ба муаммои шумо ба зудй ча- воб мегирем, муаммои ман, шояд ҳал нашуда монад. Акнун биёед масъалай ин бечораро ҳал кунем. Охир ӯро дар ин чо тӯъмаи рӯбоҳу каргасон монда рафтан лозим нест.

— То ба полиция хабар додани мо бигузор дар ягон ғор хо- бидав^гирад.

Дуруст. Мо ӯро бардошта ба ҳамон ҷо мебарем. Уотсон, нигоҳ кунед! Вай кй? Наход ӯ худаш бошад?

— Густохиро бинед!.. Дар хусуси гумону шубҳаҳои мо ба хеч вачҳ як даҳан ran назанед! Набошад тамоми нақшаҳои мо барбод мераванд.

Шахсе аз пешгоҳи ботлоқ ба мо наздик мешуд. Вай сигор мекашид ва оташи он дар торикй аз дур милт-милт мекард. Моҳ ба вай нур мепошид ваман дарҳол андоми заифи натура- лист ва тез-тез хез зада-хез зада қадаммонии уро шинохтам. У моро дида дар ҷояш истод, баъд аз нав пеш қадам монд.

— Духтур Уотсон! Наход ин шумо бошед? Ҳеҷ фикр накар- да будам, ки шабона шуморо дар ботлоқзорон вомехӯрам! Ху- доё, ин чист? Чӣ воқеа рӯй дод? Не, ҳеҷ мумкин нест! Наход ин дӯсти мо, сэр Генри бошад?

Стэплтон тозои аз назди ман гузашта бар рӯи ҷасад хам шуд...

Ман канда-канда оҳкашии ӯро мешунидам, сигор аз дасти вай ба зддоин афтид.

— Кй... кист ин?— дудила шуда ғур-ғур кард ӯ. .

— Ин Селден, марди ба каторга бадарғашуда, аз ҳабсхо- наи Пристаун гурехтагй,

Стэплтон рӯи мисли мурда рангпаридаи худро ба тарафи

мб гардонд. Барои вай қувваи иродаи калоне лбзим буд, ки худро ба даст гирад ва таачҷубу ноумедии худро ба ҳеҷ роҳ ошкор насозад. Нигоҳи бодиққати вай аввал дар рӯи Холмс, баъд дар руи ман қарор гирифт.

— Худоё худовандо, чи даҳшате! Ин чи тавр воқеъ шуд?

— Шояд, ҳу аз ҳамон ҷарӣ афтида, гарданашро шикаста бошад. Ману ҷураам дар ботлоқзорон сайругашт мекардем ва садои. фарьёди касеро шунидем.

— Ман ин фарьёдро шунида аз хона баромадам, Ман аз ваҷҳи сэр Генри хавотир будам.

— Чаро маҳз сэр Генри?—худдорӣ карда натавонистам ман.

— Вай. имрӯз бояд ба хонаи мо меомад, са^аб чи ки на- омад ва ин маро хеле дар тааҷҷуб мононд. Аммо вақте ки дар ботлоқзорон садои фарьёдро шунидам, табиист, ки аз ваҷҳи вай хавотир шудам. Воқеан,— Стэплтон аз нав аз рӯи ман чашм канда бй Холмс нигарист,— ғайр аз ин доду фарьёд дигар ҳеҷ чиз нашунидед?

— Не,— гуфт Холмс.— Шумо чй?

— Ман ҳам ҳеҷ чиз нашунидам.

— Набошад чаро мепурсед?

— Оҳ, шумо охир медонед, ки дар ҷойҳои мо дар хусуся саги хаёлӣ ва монанд ба ҳамин аҷобатҳо нақл мекунанд! Фер- мерҳои инҷоӣ мегӯянд, ки вай хар шаб дар ботлоқзорон дави- да мегардад. Барои ҳамин пурсида истодаам: шояд, шумо овози ӯро шунида бошед?

— Не, мо ҳеҷ хел овоз нашунидем,— гуфтам ман.

— Шумо ҳалокати ин марди бадбахтро чӣ тавр эзоҳ меди- хед?

— Ман бовари дорам, ки якзайл аз хатари дастгир шудан аз тарс ақлашро гум кардааст. Шояд, дар авҷи девонагӣ дар ботлоқзорон давида мегаштааст ва оқибат аз ҷарй афтида гар- данашро шикастааст.

’— Ҳа, ин комилан ба ҳақиқат наздик,— гуфт Стэплтон ва ошкоро оҳи сабук кашид.— Мистер Шерлок Холмс, шумо дар ин бора чӣ фикр мекунед?

— Чи хушфаросатие!—дуқат шуда ба вай таъзим намуда гуфт дӯсти ман.

— Аз рӯзи духтур Уотсон ба нн ҷо омадан, мо кайхо боз чашм дар роҳи шумоем. Ва шумо ба вақташ —дар айни рӯй додани фоҷиа расида омадед.

— Ҳа, дуруст! Боварй дорам, ки дӯсти ман ба ин фоҷиа эзо-

хи дуруст медиҳад. Ман бошам фардо бо дили пурасар ба Лон- дон меравам.

— Чӣ тавр!? Шумо фардо меравед?

— Нияти рафтан дорам.

— Вале омадани шумо, албатта, рӯи тамоми ин воқеаҳоеро, ки моро ба кӯчаи сарбаста дароварда мондаанд, мекушояд.

Холмс китф дархам кашид.

— Муваффақият на ҳама вақт ба мо созгор аст. Дар вакти тадкиқ ба далелҳо такья кар^ан лозим, на ба қисса ва овоза< ҳо, Ман ба ин воқеа ҳеҷ сарфаҳм рафта наметавонам.

Дӯсти ман бо оҳанги ниҳоят табиӣ ва хеле ором ган мезад. Стэплтон бо диққат ба вай назар андохт. Баъд ба ман рӯй овард:

— Ман бо дилу ҷон таклиф мекардам, ки ҷасадро ба хонаи мо барем, вале хоҳари ман бағоят тарсиданаш мумкин ва наг* заш ин корро намекунем. Биёед рӯи ӯро бо ягон чиз пӯшида, дар ҳамин ҷо монда меравем. То пагоҳ бо ӯ ҳеҷ воқеа рӯй на- медиҳад.

Ҳамин тавр ҳам кардем. Ману Холмс таклифи Стэплтонро рад карда ба Меррипит-хаус нарафтем ва ӯро танҳо ба хонаащ фиристода, роҳи Баскервиль-ходлро пеш гирифтем. Мо якчанд қадам монда, гашта ба ақиб нигаристем ва андоми ӯро дидем, ки оҳиста-оҳиста дур шуда ба пешгоҳи ботлоқзор мерафт; дур- тар дар қафои ӯ, марде мехобид ки аз дасти ачали бераҳм ҳа- лок гардйда буд, ва дар пастхамии аз шуои моҳ нуқрафом яго- на нуқтаи сиёҳе буд.

— Ниҳоят мо ба чанги тай ба тан даромадем!— бар ба ба- ри ман қадам монда гуфт Холмс.— Худдориро бинанд! Чи тавр худро зуд ба даст гирифт! Ба ҷои шахси қасд кардагӣ қурбон шудани каси дигарро дидан, дар ҳақиқат ин зарбаи ҳайратова- ре буд. Уотсон, ман дар ин бора дар Лондон ба шумо гуфта будам ва хозир такрор мекунам; мо то ҳол бо чунин шахси ар> зандае ба ҷанги тан ба тан надаромада будем.

— Ба ҳар ҳол ҳайф, ки ӯ шуморо дид!

— Ман аввал худам аз ин афсӯс хӯрдам. Аммо, охир чя илоч!

— Фикратон чи, вохӯрдй бо шумо ба нақшаҳои ӯ таъсир мерасонад?

— Ҳа, ӯ боз бештар эхтиёткорона амал мекунад ё худ ба гузоштани ягон қадами бебокона ҷуръат менамояд. Стэплтон мисли аксарият ҷиноятқорони ғайриоддӣ, шояд ба ҳилагарии

ҳуд аз ҳад зиёд умед мебандад ва тасаввур мекунад, ки моро боб карда фиреб дод.

— Чаро шумо ӯро ҳабс кардан намехоҳед?

— 'Азизам Уотсон! Шумо ба амал кардан одат намудаед. Завқи табииатон шуморо ба чорабиниҳои аз ҳама қатъй тела медиҳанд. Хайр, фарз кардем, ки шабона ӯ ба хабс гирифта ме- шавад. Ин ба мо чӣ медиҳад? Мо ягон чиз исбот карда наме- тавонем. Ана ҳилаю найранги беандозаи ин фикр дар куҷосг! Агар шарики Стэплтон одам мебуд, мо баъзе далелҳои шайъӣ ба даст медаровардем, вале саги мисли хар калонеро далел ни- шон диҳеду қандатонро хӯред! Магар ин барои ҳалқаи дорро ба гардани соҳиби ӯ андохтан ба мо ёрӣ медиҳад?

— Вале охир мазмуни чиноят маълум-ку?

— Ҳеҷ не-дия! Ҳамаи ин фақат фарзу тахмин аст. Агар мо бо чунин ҳодисаи афсонавй ба он чо ҳозир шавем ва бо чунин далелҳо онро қувват диҳем, дар суд шармандаамонро мебаро- ранд.

— Сэр Чарльз чй?

— Мурдаашро ёфтаанд, осори марги ғайритабииаш пайдо карда нашудааст. Ману ту медонем, ки ӯ аз тарс дилкаф шуда мурдааст ва медонем, ки чи ӯро тарсонидааст. Вале он дувоз- дах каллакадуеро, ки вакилони даъво мемонанд, чи тавр бо- вар кунонем? Тахмин бо чи асоснок кунонда шудааст, бо он ки дар ин кор кадом-як саг катӣ мебошад? Осори дандонҳои ӯ канӣ? Ба ҳар ҳол ману шумо медонем, ки сагон мурдаҳоро намегазанд ва сэр Чарльз то саг ба вай хамла намудан мур- дааст. Вале охир инро исбот кардац лозим, вале мо чизи ис- бот мекардагӣ надорем.

— Воқеаи имшаба чӣ?

— Он чандон далели казоие надод. Ба ҳар ҳол дар байни сагу ҳалокати марди ба каторга бадарғашуда алоқаи бевосита нест. Он сагро ҳеҷ кас надидааст. Рости.гап, мо овози ӯро шу- ьидем, вале ба ҳар хол исботе надорем, ки ӯ аз паси Селден тохтааст. Ягон далел нест! Не, дӯстам он чи ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест: мо мазмуни чиноятра муайян карда наметавонем, вале барои ин корро кардан таваккал намудан лозим,

— Шумо чӣ кор карданиед?

— Умедам бештар ба Лаура Лайонс. Вақте, ки ҳақиқати масъала ба вай маълум мегардад, ӯ ба мо ёрии чиддӣ мерасо- над. Ғайр аз ин, ман накшаи дигаре дорам. Ба ҳар ҳол пешакй ган задан лозим нест. Лекин умедворам, ки фардо ғалаба аз они ман хоҳад шуд,

Man дигар аз Холмс ҳеч чиз дониста гирифтан натавонис- там ва у ғарқи фикру хаёл то дарвозаи Баскервиль-холл ran назада рафт.

— Шумо ба хона медароед?

— Ҳа. Акнун зарурати руст шуда гаштан нест. Уотсон, боз як гапи дигар. Дар бораи car ба сэр Генри ran назанед. Бигу- зор марги Селденро аз ҳамон сабабҳое донад, ки Стэплтон ба мо гуфтанӣ шуд. Агар ман ҳисоботи охирини шуморо дуруст иқтибос биёрам, он имтиҳонеро, ки фардо вақти ношто ба Мер- рипит-ха'ус рафтан, ӯро дар пеш аст, осонтар аз сар мегузаро- над.

— Маро ҳам ба он ҷо таклиф кардаанд.

— Дар он сурат таклифро рад карданатон дуруст меояд. Бигузор танҳо равад, ин корро ташкил кардан осон... Хӯш, ran ҳамин. Ба наҳор- ку, аз афташ дер кардем, вале ба хӯроки шом ба вақташ расиХа омадем.

БобиХШ

ДОМГУЗОРӢ

Сэр Генри аз дидани меҳмони нави худ аз хайрат дида, беш- тар хурсанд шуд, зеро боварӣ дошт, ки Шерлок Холмс аз воке- аҳои рӯзҳои охир огоҳ шуда дар Лондон намешинад. Дар зим- ни он вақте маълум шуд, ки дӯсти ман бе бағоч омадааст ва ҳатто еабаби бебағоч омаданашро гуфтан намехоҳад, баронет ҳайратангез сар бардошта ба рӯи ӯ нигоҳ кард. Ҳамон даь* Холмсро бо тамоми ашьёҳои даркорӣ таъмин намуданд ва мо дар оари таоми шом он қисми саргузашти худро, ки ӯ дониста- наш лозим буд, ба баронет-нақл карда додем. Вале пеш. аз ич як вазифаи мушкилро иҷро намуданам дуруст омад, яъне дар бораи ҳалокати Селден ба Бэрримор ва занаш хабар додам. СарпешхизмаТ ин хабарро бо як эҳсоси осудагонаи ошкоро қа- бул намуд, вале миссис Бэрримор рӯяшро бо пешдоман пӯшида. зор-зор гирья кард. Селден чиноятқоре буд, ки кору рафтораш’ ба кору рафтори иблис ва дарранда монанд буд, аммо.апааш пештара барин дар шахси вай писарбачаи шӯх, кӯдакеро ме- дид, ки дар бачагӣ сахт ба дасташ часпида мегирифт. Дар ҳа- қиқат одам бояд аждар бошад, агар ба шарте зане ёфт наша- вад, ки марги ӯро сӯгворӣ кунад!

— Уотсон, аз бози шумо рафтан ман якзайл аз хона наба-

ромада аз ғаму андӯҳ обу адо шуда истодаам,— гуфт баронет, — Умедворам, чунин фдрмонбардорӣ ба инобат гирифта меша- вад? Агар аз хона намебароям гуфта ба шумо қавл намедодам, бегохро хеле хурсандона мегузаронидам, чунки Стэплтон нома фиристода маро ба рафтан даъват карда буд.

— Ҳа, бегоҳиро хеле хурсанд мегузаронидед, ман ба ин шуб- ха намекунам,— бо оҳанги сард гуфт Холмс.— Воқеан, шумо, шояд, ба қадри он намерасед, ки мо ба шахси гарданшикаб* та нигариста, ба шумо гиристехМ?

Сэр Генри чашмонашро калон кушодз

— Ин барои чӣ?

— Барои он ки дар тани Селдени шӯрбахт костюми шумо буд. Қостюмро Бэрримор ба вай додааст, ки барои ин кораш полиция ба сари вай хар бало оварданаш мумкин!

— Не, гумон. Ба андозае, ки дар хотирам аст, дар он ягонГ нишона набуд. і

— Дар он сурат, ҳам толеи вай — ҳам толеи шумо, зеро ҳа- маатон ба амалиёти зиддиқонун шарикед. Аслан гӯем, ман хамчун пайгири. поквичдон ҳатман бояд тамоми дастаи шуморо ба ҳабс мегирифтам. Дар ин кор ҳуччати фошкунанда мактуб- ҳои Уотсон шуданашон мумкйн.

— Нағзаш нақл кунед, ки кору бори шумо чӣ хед?—пур- сид баронет.— Ба ин чигил сарфаҳм рафтед, ё не? Ману Уот- сон чи хеле ки омада будем ҳамон хел нишастаем — ягон чиз фахмида гирифта натавонистем.

— Ба фикри ман, дар ояндаи хеле наздик бисьёр чизхо маълум мегарданд. Масъала ниҳоят мушкил ва чивил. Баъзе нуқтаҳо тб ҳол барои ман номаълуманд... Вале маълум карда мешаванд, ҳатман маълум карда мешаванд.

— Эҳтимол, Уотсон, аллакай доир ба овозҳои дар ботлоқ- зорон шунийаи мо ба шумо ҳикоя карда бошад. Аз ин рӯ ин хурофоти пуч не. Дар вақташ ман бо сагҳо сару кор доштам ва дар ин масъала маро фиреб кардан душвор — уллоси сагро нашинохтан мумкин не. Агар ба ин саг тумшуқбанд ва занҷир задан ба шумо муяссар гардад, ман шуморо бузургтарин пай- гири дунъё ҳисоб мекунам.

— Ҳам ба фукаш тумшуқбанд мёзанам, ҳам ба гарданаш занҷир, фақат ба ман ёрдам кунед.

— \ар чи ки шумо фармоед, бе чуну чаро иҷро мекунам.

— Бисьёр хуб! Вале ман бе хеҷ гуна «чарою», «барон чӣ» итоати кӯр-кӯронаро талаб мекунам,

— Ба чашм.

— Агар шумо ба ин розигй диҳед, дар оц сурат мо корро яктарафа мекунем .Ман шубҳа надорам, ки...

Холмс сухани худро қатъ намуда, аз болои сари ман ба ким- кучо бо диққат чашм дӯхт. Лампа ба чеҳраи вай, ки мисли чех- раи ҳайкали қадима беҳаракат ва карахт буд, нур мепошид. Вай таҷассуми изтироб ва ҳушьёрй буд.

— Чн воқеа рӯй дод?—ману сэр Генри баробар хитоб на' мудем.

Холмс ба мо чашм дӯхт ва ман хис кардам, ки ӯ ҳаяҷони худро фурӯ нишонданӣ мешавад. Чеҳраи вай пештара барин ягон чизро ифода намекард, вале чашмонаш ботантана барқ мезаданд.

— Бубахшед, вале ман шавку завқамро нигоҳ дошта ната- вонистам,— гуфт ӯ ба расмҳои дар деворн рӯ ба рӯ овехтагӣ нишон дода.— Уотсон тасдиқ мекунад, ки ман дар санъати су- раткашй ҳеҷ чиз намефаҳмам, вале инро эҳсоси рақобат ба ӯ талқин менамояд, зеро дар масъалаи ба асарҳои санъат бахо додан ақидаи мо гуногун аст. Суратҳо дар ҳақиқат оличано- банд.

— Хеле шодам,— бо тааҷҷуб ба дӯсти ман нигариста гуфг сэр Генри.—Ман ба суратҳо кам сарфаҳм меравам. Фаҳмида- ни аспу барзагов бошад — гапи дигар. Вале кй гумон мекард, ки шумо барои ба санъат шавку завқ зоҳир кардан вакт ёфта метавонед!

— Парво накунед, чизи нағз ба чашмам меафтад. Гарав мебандам, ки ана он хонуми куртааш шоҳии осмониранг — маҳ- сули дасти Неллер мебошад. Ҷентельмени фарбехи мӯяш эйра- тиро, бешубҳа, Рейнольдс кашидааст. Ин шояд, расмҳои хона- водагӣ бошад?

— Ҳа, сар то сар ҳамааш.

— Шумо онҳоро ном ба ном медонед?

— Бэрримор дурудароз аз ин фан ба ман таълим дод ва ман, зоҳиран, сабақамро дарнамонда ҷавоб дода метавонам,

— Ин ҷентельмени дурбини якмила доштагй кист?

— Ин контр-адмирал Баскервиль, ки дар Ҳиндустони Ғар- бӣ хизмат мекард. Ана оне, ни дар тан сюртуки кабуд ва дар даст тӯмор дорад, сэр Вильям Баскервиль, .раиси комиссияи Палатаи общин дар давраи Питт [1].

— Ана ин марди нишондори рӯ ба рӯи ман, ки дар бар кам> вули сиёҳи бахмали гиребонаш тӯрин дорад?

[1] Питт Вильями калонн (1108—1778) —ходими чамъиятии англис; соли .1766—1768 сарвазир буд.

~ 0x1 Шумо бо вай бояд шинос шавед. Гунаҳкори ҳамаи фалокатҳо.— Ҳугои бадкирдор, ки ибтидои қиссаи саги Бас- кервильро гузоштааст, ҳамин мебошад. Мо, шояд, ба ин назди- киҳо ӯро фаромӯш накунем.

Ман бо шавқу завқ ва як қадар ҳайронӣ ба расм менига- ристам.

*

Худоё!— гуфт Холмс.— Аммб охир вай зоҳиран хеле бо- тамкин, ором мебошад. Дуруст, ки дар чашмонаш ким-чи чизи иблисона хаст. Вале ман Ҳугои шуморо ҷавони чорпаҳлӯ ва афту башараашро ба сурати ғоратгарон тасаввур.менамудам^ — Сурат асл аст, ба ин ҳеҷ гуна шубҳа шуданаш мумкив нест, Аз қафо дар рӯи катон номи ӯ ва сана — соли ҳазору шашсаду чилуҳафт навишта шудааст.

Холис боқи тамоми он бегоҳ кам ran мезад, вале,расми Ху- гои бадкеш гӯё ӯро ба худ ҷалб кард ва дар аснои таоми шом вай қариб аз расм чашм намеканд. Аммо рафти фикрронии дӯсти ман фақат ҳамон вақт ба, ман равшан гардид, ки сэр Генри ба ҳуҷраи худ рафт. Холмс шамъро аз рӯи мизчаи шабо- наи худ гирифтЗ, хамроҳи ман ба золи базмгузаронӣ баргашт ва онро ба расми бо мурури замон хира гардида наздик бурд.

— Шумо ягон ,чизи ҷолиби диққат пайхас намекунед?

Ман кулохи лапарвасеи пардор, гиребони сафеди тӯрин ва тураи мӯе, ки чеҳраи борики ҷиддиро ҳошия баста буд, дуру- дароз аз назар гузаронидам. Ҳеҷ кас ин тарҳи рӯйро на ба да- ғалӣ мазаммат мекард, на бо бераҳмии ифода, вале дар лабо* ни тунуки фишурда, дар нигоҳи сард, ус-тувораш ким-чи чизи бераҳмона, ҷиддӣ, сертакаллуф буд.

— Ӯро ба ягон кас монанд намекунед? ~

— Дар қисми поёни чехрааш ким-чи бо сэр Генри умумият дорад.

— Ҳа, ба назарам саҳл монандӣ дорад. Вале андаке сабр кунед!

Вай ба курсӣ баромад ва шамъро ба дасти чап дошта, бо дасти рост кулоҳи лапараш васеъ ва тураи зулфони дарозашро пӯшид.

— Е парвардигор!ман аз тааҷҷуб гаранг шуда фарьёд задам.

Аз расм ба ман чехраи Стэплтон менигарист.

— Ана! Дидед? Чашмони ман одат намудаанд, ки чеҳраро аз чизи онро ҳоШия бастагӣ чудо мекунанд. Бо нигоҳ паси пар- даро дида тавонистан — хислати асосии хуфия аст,

— Хеле аҷиб! Гӯё расми худи вай! ,

Ҳа, хам аз чиҳати чинсй, хам маънавй баргаштан ба гу- зашта мисоли ачибест. Ана хамин тавр ба омӯхтани расмҳои авлодӣ шурӯъ намуда, ба кӯчкунии рӯх бовари ҳосил мекунӣ. Комилан равшан, ки ӯ ҳам Баскервиль мебошад.

— Ва қасди меросхӯр шудан дорад.

— Бешубха. Ин расми тасодуфан ба чашми ман афтода ба мо ёрдам кард, ки яке аз ҷойҳои аз ҳама мушкили холимон- даро пурра кунем. Уотсон, акнун мо ӯро ба даст афтонидем, акнун ба даст афтонидем. Ва ба шумо қасам мехӯрам, ки фар- до то шаб, чи тавре ки шапалакҳо дар халтаи тӯрини даста- дори вай тапидан мегиранд, ӯ ба доми мо гирифтор шуда дас- ту по задан хоҳад гирифт. Сарсӯзан, пукка, тамға — ва дар Бейкер-стрит коллекция боз бо як нусха пур хо$ад шуд.

. Холмс қоҳ-қоҳ хандид ва аз расм дур рафт. Кам воқеъ ме- шуд, ки ман садои хандаи ӯро мешунидам ва медонистам, ки ин ба сари ягон бадкирдор балои азиме меорад.

Пагоҳии рӯзи дигар ман аз тиреза берун нигариста, Холмс- ро дидам, ки аз ман барвақттар хеста». аллакай ба ким-кучо рафта омадааст.

— Ҳа, рӯзамон серташвиш мешавад,— гуфт ӯ ва аз ҳамаи ин ташвишу тараддуд пешакӣ завқ бурда дастонашро молид.— Ба зудй амал менамоем. Дом аллакай гузошта шуд. То бегоҳ маълум хоҳад шуд, ки ин лаққамоҳии калбни тездандон ба он' дармондааст ё раҳо кардааст.

— Шумо аллакай ба ботлоқзорон рафта омадед?

— Ман то Гримпен рафта, дар бораи ҳалокати Селден ба' Пристаун телеграмма додам.-Ба фикрам, доир ба ин масъала хеҷ кадоми моро ташвиш намедиҳанд. Ғайр аз ин, ман Карт- райти вафодорамро дидам. Вай аз ваҷҳи ман хавотир шуда, дар дами ғор мехобид ва мисли саг дар болои гӯри соҳибаш ба мурдан тайёр буд.

— Имрӯз мо корро аз чӣ сар мекунем?

— Пеш аз ҳама сэр Генриро мебинем. Ана худаш ҳам ома- да истодааст!

— Субҳ ба хайр, Холмс! — гуфт баронет.— Шумо ба гене- рале монандед, ки нақшаи дар пеш истодаи мухорибаро бо сардори штаб муҳокима мекунад.

— Ҳамин тавр ҳам ҳаст. Уотсон барои гирифт^ни супориш омадааст.

— Ман ҳам.

— Бисьёр нағз. Агар саҳв накунам, дӯстони мо Стэплтон- ҳо имрӯз шумороЧэа наҳор таклиф кардаанд?

— Умедворам, шумо ҳам меравед? Онҳо одамони меҳмон- навозанд ва аз рафтани шумо хеле хурсанд мешаванд.

— Мутаассифона, ману Уотсон ба Лондон рафтанамон ло- зим.

— Ба Лондон?

— Ҳа. Дар вазъияти ҳозира дар он ҷо будани мо лозим. Чеҳраи баронет каҷ шуд.

— Ман бошам фикр карда будам, ки шумо то охири кор маро партофта намеравед! Рости гап, дар Баскервиль-холл одам як худаш вақташро чоқ намегузаронад.

— Дӯстам, шумо беқилу қол бояд ба гапи ман итоат ку- нед ва ҳар чи ки талаб менамоям,. ичро кунед. Ба дӯстатон гӯед, ки мо бо дилу ҷон меомадем, вале корҳои таъҷилие моро ба Лондон даъват мекунанд. Зимнан, мо ба зудӣ ба Девоншир бармегардем. Аз хотир набароварда инро ба онҳо гӯед.

— Агар шумо исрор мекарда бошед, мегӯям.

— Бовар кунед, ки дигар чора нест.

Дар ҷавоби -ин суханон қавоқ андохтани баронетро дида, фаҳмидам, ки вай ранҷид ва рафтани моро хизматгурезӣ ме- шуморид.

— Шумо кай рафтаниед? — бо оҳанги сард пурсид вай, — Пас аз ношто. Мо то Кумби-Треси аспакӣ меравем, вале Уотсон асбобу анҷоми худро ба шумо гарав монда меравад, би- нобар ҳамин гашта омадани ӯро мунтазир бошед. Уотсон, ба Стэплтонҳо номачае навишта узр хоҳед, ки ба хонай онҳо рафта наметавонед.

— Ман ҳам мехоҳам ба Лондон равам,— гуфт баронет.—« Чаро ман дар ин ҷо танҳо шинам?

— Барои он ки вазифаатонро партофта рафтанатон лозим нест. Зеро шумо қасам хӯрдед, ки аз гапи ман берун намебаро- ед ва ҳозир ба шумо мегӯям, ки дар ҳамин ҷо истед.

— Хуб шудааст, меистам.

— Боз як илтимос. Ба Меррипит-хаус бо фойтун равед. Фой- тунро гашта фиристед ва ба Стэплтонҳо гӯед, ки пиёда ба хо- на меравед.

— Пиёда аз байни ботлоқзорон?

- Ҳа.

— Охир худи шумо чандин бор маро аз ин кор пешгирӣ карда будед?

— Вале ҳозир комилан хотирҷамъ гузашта омада метаво нед. Ман ба ин фақат барои он исрор мекунам, ки ба ҷасурии шумо боварӣ дорам. ■

— Хуб шудаст, хамин тавр мекунам.

— Ва агар шумо ақаллан заррае ҷонатонро азиз доред, аз пайраҳае, ки аз Мерриппит-хаус ба роҳи Гримпен мебарад, ба дигар сӯ тоб нахӯред, хусусан ки ин наздиктарин роҳ ба Бас- кервиль-холл мебошад.

— Ҳамааш айнан иҷро карда мешавад.

-т- Бисьёр хуб. Мо бошем пас аз ношто фавран ба рох ме- бароем, то ки рӯзона ба Лондон рафта расем.

Ин программаи амалиёт маро хеле-дар тааҷҷуб мононд, агарчи дао хотир доштам, ки чи тавр бегоҳии рӯзи гузашта Холмс Стэплтонро огох карда гуфта буд, ки ба Лондон рафта- нй аст. Вале кӣ гумон карда метавоцист, ки ӯ маро хамрохаш мебарад ва боз дар чунин вақте ки худаш хатарнок-мешумурд! Зимнан, ба чуз бегуфтугӯ ба гапи дӯстам итоат кардан, дпгар чорае надоштам. Дере нагузашта бо баронети ғамзада хайру манзур карда ба рох баромадем ва пас аз ду соат фойтуни дучархаро гашта фиристода, ба платформаи станцияи Кумби- Треси баромадем. Дар он ҷо моро писарбачаи миёнақаде ни- гарон буд.

— Сэр, чи хел супориш доред?

— Картрайт, ба поезд савор шаву ба Лондон рав. Бароба- ри расидан дарҳол аз номи ман ба сэр Генри Баскервиль те- леграмма деҳ. Аз вай бипурс, кч дафтарчаи ёддошти гумкар- даи маро аз ягон ҷо наёфтааст. Агар ёфта бошад, бигузор за- казной карда бо бандероль ба Беркер-стрит фиристад.

— Итоат, сэр.

— Ҳозир аз. идораи станция пурс, ки дар он ҷо ба номи ман ягон чиз нест.

Писарбача дере нагузашта телеграмма дар даст гашта омад. Холмс онро хонда ба ман дароз кард. Дар он чунин на- вишта шуда буд:

«Телеграммаро гирифтам. Фармони ҳабсашро гирифта мео- ям. Соати панҷу чил мерасам. Лестрейд».

— Ин ҷавоби телеграмман ман пагоҳӣ фиристодагӣ. Лес- трейд бехтарин хуфияи касбӣ, шояд, ёрии вай ба мо даркор шуда монад... <Хӯш, Уотсон, вақтамон ҳаст ва ба фикрам, ҳо- зир мавридаш, ки ба дидани шиноси шумо, миссис Лаура Лай- онс равем.

Нақшаи амалиёте, ки Холмс тартиб дода буд, хар дақиқа дар пеши назари ман равшан мешуд. Вай бо ёрии баронет Стэплтонҳоро бовар мекунонад, ки мо дар ин ҷо нестем, аммо дар ҳақиқат мо ҳамон вақт бармегардем, ки ёрии мо аз ҳама

бештар зарур шуда мемонад. Агар сэр Генри дар бораи аз Лой- дон аз Холмс телеграмма гирифтанаш дахан.кушояд, ин охи- рин гумону шубҳаи Стэплтонро бархам медиҳад. Ва ман алла- кай фикран медидам, ки чи тавр доми мо дар атрофи лаққа- мохии тездандон беш аз пеш зичтар мешавад.

Миссис Лайонс дар ҳучраи кории худ менишаст. Шерлок ' Холмс чунон кушода ва рӯирост ran сар кард, ки аз тааҷҷуб чашми Лаура Лайонс калон кушода шуд.

— Ман вазъияти ҳалокшавии сэр Чарльз Баскервильро тад- қиқ мекунам,— ran сар кард ӯ.— Дӯсти ман. Уотсон, ҳама он чизеро ки шумо ба ин муносибат ба вай хабар додед ва дар кадом хусус хомӯш буданро афзал донистаед, ба ман гуфт.

— Дар кадом хусус ran назадаам? — густохона пурсид вай.

— Шумо иқрор шудед, ки сэр Чарльзро соати даҳи бегох ба назди дарича даъват карда будед. Чи тавре ки мо медонем вай маҳз ҳамон соат ва дар ҳамон ҷо мурдааст. Шумо доир ба алокаи байни ин ду далел ran назадед.

— Дар байни онҳо хеҷ алоқа нест.

— Дар он сурат, мутобиқати ҳайратангезе рӯй додааст. Ва- ле ба^фикрам, мо оқибат ин алоқамандиро муайян мекунем. Миссис Лайонс, ман бо шумо комилан ошкоро ran мезанам. Сухан аз қуштор меравад, доир ба ин масъала чунин далелҳое хастанд, ки на фақат дӯсти шумо, мистер Стэплтон, балкй за« ни ӯ ҳам ба чавобгарӣ кашида шуданаш мумкин.

Миссис Лайо.нс ҷаста аз курсии роҳат хест:

— Зани ӯ!

— Ин ба ҳеч кас пӯшида нест. Хонуме, ки ӯро хоҳаракг ме- гӯяд, дар асл зани ӯст.

Миссис Лайонс ба курсии роҳат нишаст ва дастаки курсИ’ ро чунон сахт фишурд, ки нохунҳояш сафед шуданд.

— Зани ӯ! Зани ӯ... Охир вай муҷаррад-ку!

Шерлок Холмс китф дарҳам кашид.

— Инро ба ман исбот кунед! Исбот кунед! Ва агар таво- нед...— Барқи чашмони вай аз ҳар гуна,сухан дида бештар баё- ни ҳол буд.

<— Исботаш осон,—ким-чи хел коғазҳоро аз киса баровар- да гуфт Шерлок Холмс.—Ана расми заношуии онҳо, ки чор сол пеш дар Йорк гиронда буданд. Дар пушташ: <М>р ва м-о Ванделер> навишта шудааст, вале агар шумо, бо ин зан вохӯр- да бошед, албатта, хам вай, ҳам занашро мешиносед. Боз се хуччати дигаре ҳаст, ки онҳоро одамони бовариноқ имзо гу* зоштаанд. Ин баёноти мистер ва миссис Ванделер мебошад, кв

як вақтхо мактаби шахсӣ доштанд ва номаш «Сент-Оливер» буд. Ин баёнотфо хонед ва дар дилатон ягон қадар шубҳа на- мемонад, ки ин одамон хакиқатан бо шумо шиносанд.

Миссис Лайонс ба коғазҳои дар назди ӯ хобида назари сат- хие афканд ва баъд ба мо нигоҳ кард. Яъсу ноумедӣ чехраи ӯро.ба ниқоби беҳаракате табдил дод.

— Мистер Холмс,— гуфт вай,— ин нобакор ваъда дод, ки агар ман аз шавҳарам ҷудо шавам, маро ба занӣ мегирад. Пас, ба ягон гапи ӯ бовар кардан мумкин нест? Пас, най мудом ма- ро фиреб медодааст? Аммо барои чӣ? Барои чӣ? Ман фикр карда будам, ки вай дар фироқи ман месӯзад. Маълум меша- вад, ман дар дасти вай аслиҳа будаам. Барои шахсе, ки якзайл дурӯғ мегӯяд, дар дил сидқу вафо парваридан чӣ ҳоҷат? Барои чи ӯро муҳофиза кунам? Бигузор ба ивази бадкирдории худ ҷазо бинад! Ҳар чи ки хоқед аз ман пурсед, ман ҳеҷ чизро руст намекунам. Қасам ба ҷонатон, ки вақти ҳамон мактубро навиштан, фикр намекардам, ки ин сэр Чарльз, дӯсти беҳтари- ни маро нобуд мекунад.

— Хонум, ман ба ҳар як сухани шумо бовар мекунам,— гуфт Шерлок Холмс,— эҳтимол нақли ин ба шумо хеле мушкил бошад. Биёед ин тавр мекунем: ман худам ган мезанам ва агар дар хусуси ягон чизи муҳим хато кунам, шумо сухани ма- ро ислоҳ мекунед. Мактубро бо иғвои Стэплтон навиштед?

— Бо дастури ӯ.

— Эҳтимол, вай ба шумо гуфта бошад^ ки сэр Чарльз та- моми хароҷоти муҳокимаи судии талоқдиҳиро ба гардан ме- гирад?

-Ҳа.

— Пас аз фиристода шудани мактуб, шуморо розй кард, ки ба мулоқот наравед?

— Вай гуфт, ки агар пули хароҷоти муҳокимаи судро ди- гар кас диҳад, ба худ лаънат мехонад. Қасам хӯрд, ки бо ву- ҷуди камбағалй, охирин пенниашро медиҳад, то ҳама монеаҳои байниҳамдигарии моро барҳам диҳад.

— Зоҳиран, вай дар кору рафтораш хеле мунтазам аст! Ба хамин тариқ, доир ба воқеаҳои минбаъд рӯй додагй шумо ҳеч чиз нашунидед ва доир ба марги сэр Чарльз фақат дар газе- таҳо хондед?

- Ха.

— Стэплтон шуморо қасам дод, ки доир ба мулоқоти таъ- иншуда ба ҳеҷ кас ган назанед?

— Ҳа. Вай гуфт, ки марги сэр Чарльз дар вазъияти хеле пурасроре рӯй додааст ва агар доир ба мактуб огоҳ шаванд, аз ман гумонбар мешавапд. Вай маро тарсонд ва ман қарор додам, ки ran назанам.

— Ҳа, мефаҳмам. Вале шумо ба ҳар ҳол ягон шубҳа кар- дед?

Миссис Лайонс сар ба зер афканда, зоҳиран, ба додани ча* воб ҷуръат накард.

— Ман ин одамро нағз медонистам,— оқибат гуфт вай.— Вале агар ӯ маро фиреб намедод, ман ӯро ошкор намекардам.

— Умуман, шумо муфт халос шудед,— гуфт Шерлок Холмс.

— Вай дар дасти шумо буд ва инро нағз медонист, шумо бошед ба ҳар ҳол зинда мондед. Якчанд моҳи охир шумо дар дами марг будед. Ҳоло, миссис Лайонс, иҷозат фармоед, ба шумо хайру хуш кунам. Вале, шояд мо боз вохӯрем.

— Ана, ҳамааш охдста-оҳиста маълуму равшан шуда ис- тодааст,— вақтб ки мо то омадани экспресси Лондон аз нав ба платформаи станция баромадем,— гуфт Холмс.— Ба наздикӣ ман ин ҷиноятро нуқта ба нуқта барқарор мекунам, ки ба фикрам чинояти аз ҳама овозадори замони мост. Криминалистҳо мегӯ^ янд, ки ба х.амин монанд ҳодисае рӯй дода буд ва, албатта, воқеаи куштори соли 1866 дар Гродно, дар Украина рӯй дода- гӣ ва Андерсонро дар Қаролинаи Шимолӣ ба хотир меоранд. Вале воқеаи ҳозираи мо баъзе хусусиятҳои тамоман ба худ хо- се дорад. Мо ҳатто ҳозир ба ин ҳилагари маккор рӯирост айб монда наметавонем. Вале, Уотсон, гапи м"аро дар хотир дршта бошед: то мо сар ба болишт монда хобидан, ҳамааш маълум мегардад.

Экспресси Лондон тақар-туқуркунон ба станция назцик шуд ва аз вагони дарачаи якум марди қадпасти чорпаҳлуе ҷаста ба. платформа фуромад, ки афташ ба саги бульдог монанд буд. Мо салом кардем ва аз рӯи эҳтироме, ки Лестрейд ба рафиқи ман зодир намуд, фаҳмидам, ки аз бози бо ҳам кор сар кардана- шон вай бисьёр чизх^ро фаҳмидааст. Ман нағз дар хотир дош- там, ки як вақтҳо хулосаҳои мантиқии дӯстдори назария чи қа- дар нафрати ин марди аҳли таҷрибаро меовард.

— Хӯш, масъалаи муҳим? — пурсид Лестрейд.

— Ин хелаш кайҳо рӯй надода буд,— гуфт Холмс.— Мо ба- рои эҳтиёт ду соат вақти холӣ дорем. Биёед ин вақтро ба хӯр- дани ғизо сарф кунем, баъд Лестрейд, мо шуморо ба ҳавои то- заи шабонаи Дартмур мебарорем ва барои аз тумани Лондон

тоза намудани гулӯятон ба шумо мадад мерасонем. Ҳеҷ гоҳ оя ин ҷо наомада будед? Дар он сурат аввалин шиносоии худро б.о ин’ ҷойҳо ба зудӣ аз хотир нахоҳед баровард.

Б о б и XIV

САГИ БАСКЕРВИЛЬ

Яке аз камбудиҳои Холмс — агар инро камбудӣ номидан мумкин бошад — ҳамин буд, ки вай то анҷом ёфтани нақшахои худ ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ кас онхоро намегуфт. Чунин дарундории вай қисман аз рӯи табиати раёсатталабонаи ин одам буд, ки ба атрофиён амр доданро дӯст медошт ва тасаввури онҳоро, Кисман бо эҳтиёткории касбӣ дар ҳайрат мемононд ва инро бе зарурат дар хатар намегузошт. Ҳар хеле, ки бошад, чунин хул- ку атвори Шерлок Холмс ба ононе, ки ҳамроҳи вай ҳамчун гу- мошта ё ёрдамчиаш кор мекард, ногувориҳои бисьёр меовард. Ман худам аксар вақт аз ӯ танбеҳ мешунидам, вале он чи ки дар давоми ин саёҳати дуру дароз дар торикӣ тоб овардам аз ҳама азобҳои кашидагии пештараам гузарониданд. Санҷи- ши мушкиле моро дар пеш буд, мо ба задани зарбаи қатъии охирин тайёр будем, аммо Холмс якзайл хомӯш меистод ва ман фақат доир ба накшаҳои вай пай бурда метавонистам. Асаб- ҳои ман ниҳоят таранг шуданд ва нохост шамоли хунуке ба рӯямон вазид; ман ба торикӣ, ба фазоҳои холӣ, ки дар ҳарду тарафи роҳи борик кашола ёфта буданд, нигариста, фаҳмидам, ки боз ба ботлоқзорон расидем. Ҳар як қадами аспон, ҳар як гардиши чархи фойтун моро.ба анҷоми ҳамаи ин воқеаҳо наз- дик мебурд.

Дар хузури фойтунчие, ки мо дар Кумби-Треси киро карда будем, доир ба кор ran зада намешуд ва, сарфи назар аз та- моми музтарибҳолии худ, дар хусуси кадом як чизҳои бехуда сӯҳбат мекардем. Вақте, ки дар канори роҳ котечи Френкленд намрён шуд, ман оҳи сабук кашидам, зеро аз он ҷо то Баскер- виль-холл ва то он ҷое, ки охирин саҳнаи фоҷиа бояд авҷ ме- гирифт, ду-се миль роҳ монд. Мо дар назди дари даромад на- истода, аз кӯчабоғи буттаҳон дарахти тисса гузашта ба дариҷа наздик рафтем, пули фойтунчиро дода, гашта ӯро ба Кумби- Треси фиристодем ва худамон роҳи Меррипит-хаусро пеш ги- рифтем.

— Лестрейд, шумо аслиҳа доред?

Хуфияи хурдакак табассум намуд;

— Модом ки шим пӯшидаам, пас он киса дорад, дар сура- те ки киса дорад, пас холӣ нест.

— Бисьёр хуб! Ману Уотсон ҳам ба ҳар ҳодисаи ногаҳонӣ тайёр шуда омадаем.

— Мистер Холмс, мебинам шумо хеле сертараддуд мсбо- шед. Дар ин бозӣ аз мо чӣ талаб карда мешавад?

— Сабру тоқат. Мунтазир шуда меистем.

— Дар хақиқат ин чойҳо чандон рӯхафзо нестанд! — Хуфия ба пастхамии талҳо ва туман, ки рӯи ботлоқи Гримпенро пӯ- шида буд, чашм давонида, китф боло кашид.— Ҳу, дар он ҷо чироғчае даргирифта истодааст.

— Ин Меррипит-хаус— охирин мақсади саёҳати мо. Ак- цуа аэ шумо илтимос, ҳар қадар метавонед беошарф пой мо- нед ва паст-паст гап занед.

Мо бо пайрахае, ки ба назди хона мебурд, эҳтиёткорона ка- дам мезадем, вале тахмин дусад ярд пештар аз он Холмс ис- тод,

— Дигар пеш рафтан лозим нест,— гуфт вай.— Ана ҳамин харсанпхо ҳамчун парда ба мо хизмат мекунанд.

— Дар ҳамин чо мунтазир шуда меистем?

— Ҳа, камин мегирем. Лестрейд, ана дар ин ҷо истед. Уот- сон, охир шумо дар хонааш будед? Мавқеи ҳуҷраҳоро медо- нед? Ана он тирезаи пардадор худаш чӣ?

— Ба фикрам, ошхона.

— Он тирезаи нағз равшан чӣ?

— Хонаи таомхӯрӣ.

— Пардаҳояш бардоштагӣ. Чи хел ба он ҷо рафтанро аз' ман дида шумо нағзтар медонед. Аз тиреза бинед, ки чи кор карда истодаанд? Лекин, аз барои худо, оҳистатар! Мабодо са- дои помонии шуморо нашунаванд.

Ман нӯг-нӯги по поида-поида ба тавораи пасти сангӣ, ки боғчаи дарахтонаш пажмурдаи Стэплтонхоро иҳота карда буд наздик шудам ва худамро ба сояи он гирифта, ба ҳамон ҷое расидам, ки ба тирезаи холӣ нигаристан мумкин буд.

Дар хона ду мард —сэр Генри ва Стэплтон буд. Онҳо дар паси мизи мудаввар дар рӯ ба рӯи якдигар нимрух ба ман ни- иТаста, сигор мекашиданд. Дар назди онҳо финчони каҳва ва май меистод. Стэплтон дар хусуси ким-чи бо ҷӯшу хурӯш гап мезад, вале ранги баронет паридагӣ буда, ба гапи. вай аҳами- Я1 намедод. Эҳтимол, ӯро фикре азият медод, ки чи илоҷ кар- да ҳарчи тезтар аз ботлоқзори шум гузашта равад.

Стэплтон аз чой хеста аз хона баромад, сэр Генри бошад

ба стакон май рехта, ба курсӣ такья намуд ва дуди сигорро чуқур фурӯ бурд. Ман садои ғичирроси дар, баъд хишир-хи- шири шағали пайраҳаро шунидам. Садои помонӣ торафт наз- дик мешуд. Ман аз паси девор нигариста, дидам ки натуралист дар назди сарои начандон калони кунҷи боғ истод. Калиди- кулф шақаррос зад ва дар сарой тӯпаланге шунида шуд. Стэпл- тон беш аз ду дақиқа дар он ҷо наистод, аз нав калид шақар- рос зад ва ӯ аз назди ман гузашта, ба хона даромада ғоиб гардид. Дидам, кц ӯ ба назди меҳмони худ баргашт, бо эхти- ёт ба назди рафиқонам баргашта, ҳамаашро ба онҳо нақл кар- да додам.

— Пас, зан ҳамрохашон не? — вақте ки ман суханамро-та- мом кардам, пурсид Холмс.

— Не.

— Набошад дар куҷост? Охир, ғайр аз ошхона ва хонаи таомхӯрӣ ҳамаи тирезаҳо ториканд.

*— Рости ran, намедонам.

Ман аллакай гуфтам, ки бар болои ботлоқзори Гримпен тумани ғафси сафед паҳн гардида буд. Он оҳиста-оҳиста ба тарафи мо хазида омада, аз росту аз чап мисли мавчи ғафс моро иҳота мекард. Мох аз осмон равшанӣ пошида, онро ба дашти ялаққосии яхбаста табдил медод, ки бар болояш нӯги сутунхои мармарин ҳамчун қуллаҳои сиёх аз дур намудор бу- данд. ХолМс ба он тараф баргашт ва ба ин девори сафеди оҳис- та-охиста хазида омада истода нигариста, бесаброна гуфт:

— Уотсон, нигоҳ кунед, туман рост ба тарафи мо ҳаракат карда омада истодааст.

— Ин нағз не?

— Аз ин бадтараш нест! Туман — ин ягона чизе, ки хама нақшаҳои моро барбод доданаш мумкин. Аммо сэр Генри дар ‘он чо таъхир намекунад. Соат аллакай даҳ шуд. Акнун ҳама- jfliii — ҳам барори кори мо, ҳам ҳатто ҳаёти вай — аз он вобас- ғта, ки то хазида ба пайраҳа расидани туман ӯ аз.он чо меба« рояд ё не.

Шаб осмон соф буда, ягон абрпора дида намешуд. Ситора- хо дар баландӣ беилтифотона милт-милт мекарданд, мох ба ботлоқзорон нури нармии ноустувор мепошид. Рост дар назди мо тарҳи хона ба боми нӯгборику дудбарохои рост баромада, ки дар осмони ситоразор баръало намудор буданд, хира-хира сиё- хй мекарданд. Раххои васеи тиллоранг аз тирезаҳои ошьёнаи якум ба боғ ва он тараф ба ботлокзорон меафтиданд. Нохост чироғи яке аз тирезаҳо хомӯш гардйд. Хизматгорон аз ошхона

баромаданд. Акнун лампа фақат дар хонаи таомхӯрӣ дармеги- рифт, ки он ду кас — соҳибхонаи одамкуш ва меҳмони аз ду- ньё бехабар сигор кашида, сӯҳбати худро давом медоданд.

Пардаи сафеди ғоздори туман, ки 'қариб тамоми рӯи ботлоқзоронро пӯшида буд, дақиқа ба дақиқа ба хона наздик ме- шуд. Аввалин порчаҳои шаффоф аллакай дар назди чоркунҷаи тволлоранги тирезаи равшан ҷингила мешуданд. Девори дури боғ дар ин тумани ҷиғда-ҷиғда, ки бар болои он фақат нӯги дарахтон дида мещуд, ғоиб гардид. Инак ҳалқаҳои сафедтоб дар ҳарду тарафи хона намудор шуда, оҳиста-оҳиста ба мавҷи ғафс омехта гардид ва ошьёнаи болоӣ бо бомаш, ҳамчун киш- тии афсонавӣ рӯи мавҷҳои хаёлӣ баромад. Холмс бо мушт ба санге, ки мо дар паси он меистодем, зад ва токатро аз даст до- да, пой кӯфт.

— Агар вай баъди чорьяк соат набарояд, рӯи пайраҳаро туман мепӯшад ва пас аз ним соат мо дар ин торикӣ дасти худро дида наметавонем.

— Камтар ақибтар равем, он чо баландтар.

— Ҳа, ҳамин тавр ҳам мекунем.

Ҳар қадар ки туман ба мо наздик мешуд, мо ақибтар ме- рафтем ва ниҳоят оқибат ним миль аз хона дур шудем. Вале бахри яклухти сафедча, ки моҳ аз осмон нур пошида онро нуқ- рагун мегардонид, ҳамлаи оҳиста-оҳистаи собитқадамонаи худ- ро давом дода, низ ба он ҷо номаълум наздик мешуд.

— Мо аз ҳад зиёд дур рафтем,— гуфт Холмс.— Ин акнун хатарнок мебошад: то ба наздн мо расидан, ӯро дарьёб кар- данашон мумкин. Ҳар чи бодо бод дар ҳамин ҷо истодан ме- гирем.

Вай ба зону зад ва гӯшашро ба замин гузошт.

— Худоро шукр! Аз афташ омада истодааст!

Дар хомӯшии ботлоқзор садои тез-тез қадаммонӣ шунида шуд. Мо дар паси харсангҳо хам шуда, ба девори тйраи нуқ- раранги ба мо наздик шудаистода бо диққат менигаристем. Садои қадаммонӣ торафт наздик мешуд ва инак аз байни ту- ман, мисли ин ки пардаро аз рӯи худ даронда бошад, хамон шахсе, ки мо мунтазираш будем, намоён гардид. Вай осмони софи пурситораро дар болои сар дида, бо тааҷҷуб ба гирду атроф назар андохт. Баъд зуд-зуд аз пайраха кадам монда, аз назди мо гузашта ва бо пастхамии сахд нишебрӯяе, ки баро- бари харсангҳоро пас гаштан сар меп!уд, боло баромад. Вай рохравон дам ба дам аз болои китф гашта ба ақиб менигарист, зоҳиран ӯ аз ким-чи эҳтиёт шудан мехост.

— Ҷим! — пичиррос зад Холмс ва қуланги таппончаро ка-, шид.— Нигоҳ кунед! Ана вай!

Аз миёни анбӯҳи тумане, ки ба тарафи мо хазида меомад, садои резаи баробар қадаммонӣ шунида шуд. Девори сафед тахмин панҷоҳ ярд.аз мо дуртар буд ва мо ҳарсе ба он чашм дӯхта, намедонистем, ки аз он ҷо чи гуна ҳайвони аҷибулхил- кате пайдо мешавад. Ман дар паҳлуи Холмс истода, ба чеҳраи рангпарида ва чашмонаш/ки дар равшании моҳ медурахши- данд, назари сатҳие афкандам. Нохост он тағьир ёфт: нигоҳаш бодиққат ва ҷиддӣ шуд, даҳонаш аз тааҷҷуб нимво гардид. Ҳамон сония Лестрейд аз даҳшат фарьёд кашид ва рӯйнокӣ ба замин афтид. Ман қомат рост кардам ва аз ҳамон манзарае, ки дар пеши назарам намоён гардид, қариб карахт шуда, дас- ти бемадорамро ба қабзаи таппонча бурдам. Бале! Он саги ни- ҳоят калони мисли ангишт сип-сиёҳе буд. Вале чунин сагро аз мо, одамони оддӣ, то хол ҳеҷ кас ладида буд. Аз даҳони вай алав мерехт, чашмонаш шарора мепошиданд, дар тумшуқ ва пушти гарданаш оташи мавҷзанандае йилт-йилт мекард. Дар шуури костаи ягон кас назар ба ин маҳлуқи бадҳайбат, ки аз байни тумдн баромада рост ба тарафи мо давида меомад, дах- шатноктар ва нафратангезтар чизе пайдо шуданаш гумон буд.

, Ҳайвони аҷибул^илқат бӯи пои дӯсти моро гирифта, аз пай- раҳа хез кашида-хез кашида меомад. Мо фақат пас аз он, ки вай тозон аз назди мо гузашт, ба худ омадем. Дар он сурат ҳам ман, хам ХоЛмс дар як вақт тир холӣ кардем ва наъраи гӯшкаркунандае, ки пас аз ин баланд гардид, дар дили мо яқин ҳосил кунонд, ки ҳеҷ набошад як тир ба нишон расидааст. Ва- ле саг наистод ва тохтанашро давом медод. Мо дидем, ки чи тавр сэр Генри дар равшании мох чеҳраи мисли мурда ранг-паридаашро гардонида ба ақиб нигарист ва аз даҳшат даст бардошта, дар ҳамин холат беёварона карахт шуда монд ва аз ҳайвони аҷибулхилқат, ки ба вай расида гирифта буд, чашм намеканд. - .

Вале садои аз дард уллоскашии саг тамоми тарсу ҳароси моро пароканда сохт. Касе ки захмдор мешавад, вай низ ми- ранда аст ва агар ӯ маҷрӯҳ шуда бошад, пас ӯро куштан мум- кин. Худоё, ҳамон шаб Холмс чи қадар чусту чолокона тохт! Ман ҳамеша давандаи нағз ба ҳисоб мерафтам, вале вай дар чунин масофае аз ман пеш гузашт, ки ман аз хуфияи хурда- как пеш гузашта будам. Мо бо суръат аз пайраха пеш метох- тем ва овози катънашавандаи сэр Генри ва садои пасти ғурридани сагро мешунидем. Ман ҳамон лаҳзае расида рафтам, ки

саг ба курбонии худ дарафтида, ӯро ба замин афтонида, ал- лакай аз гулӯяш гирлфтанӣ буд. Аммо Холмс ба паҳлӯи саг нанҷ тир холӣ кард. Саг бори охир уллос кашид, бадҳашмона дандонҳояшро шақаррос занонд, пуштнокӣ ба замин афтид ва хар чор панҷаашро беихтиёрона дарҳам кашида, ором гардид. Дар ҳолате, ки аз давидан нафасам мегашт, бар болои вай хам шудам ва мйли таппончаро ба ин тумшуқи рӯшноидихан- даи бадҳайбат гузоштам, вале зарур*ат ба тир холӣ кардан на- шуд, чунки саги азимҷусса мурда буд.

Сэр Генри дар ҳамон ҷое, ки саг ба вай расида гирифта буд, бехуш мехобиД. Мо гиребони ӯро кушодем, Холмс чун боварӣ хосил намуд, ки вай маҷрӯҳ нест ва мо ба вақташ расида.ома- даем, шукронаи тақдир кард. Баъд пилки чашмони сэр Генри ларзиданд ва ӯ саҳл ҷунбид. Лестрейд даҳани обдони пури коньякро ба байни дандонҳои вай тЪқонд ва пас аз сопияе ду чашми пурҳарос ба мо нигарист.

— Худоё! — пичиррос зад баронет,— Ин чӣ буд? Вай дар куҷост?

<— Аллакай нест,— гуфт Холмс.— Рӯъёе, ки авлоди шуморо таъқиб карда мегашт, абадӣ ба чаҳаннам фиристода шуд.

Хайвони аҷибулхилқат, ки дар назди мо мехобид, бо кало- нӣ ва бокувватӣ ҳар касеро ки бошад, тарсонида метавонист. Ин саги бӯйгири асил ва мастифи асил не, балки зоҳиран, нас* ли дурага — саги лоғари бадхайбате буд, ки дар калонӣ бо шери жаён баробар меомад. Даҳони калони вай аз алангай оташи кабудча равшанӣ мекард, ба даври чашмони чуқури бадҳайбаташ доирахои оташин кашида шуда буд. Ман ба ин каллаи нурафкан даст расонида, дарҳол онро ақиб кашидам ва дидам, ки панҷаҳои ман хам дар торикӣ дурахшиданд.

•— Фосфор,— гуфтам ман. *

— Ҳа, ва ким-чи хел препарати махсус,— бинӣ .боло каши- да тасдиқ, намуд Холмс.— Бебӯй, то ки саг хиси шомаро гум накунад. Сэр Генри, маро бубахшед, ки шуморо гирифтори чӯ- нин имтиҳони даҳшатнок гардондем. Ман умеди сагро дидан доштам, вале хеҷ гумон намекардам, ки вай чунин ҳайвони аҷибулхилкат аст. Илова бар ин ба мо туман халал расонид ва натавонистем сагро сазовор истиқбол кунем.

— Шумо ҷони маро рахонидед.

— Аввал онро ба хатар монондем, Хуш, аз ҷоятон хеста метавонед?

— Боз ба ман як қулт коньяк диҳед вд он гоҳ ҳамааш нағз

шуда меравад. Ана шуд! Акнун бо мадади шумо аз ҷой мехе- зам. Хӯш боз чи кор карданӣ ҳастед?

— Ҳоло шуморо дар ҳамин ҷо гузошта меравем — шумо дар давоми шаб кулфати зиёдеро аз сар. гузаронидед,— баъд ягон каси мо ҳамроҳи шумо гашта ба хона меравад.

Баронет аз* ҷой хестанӣ шуд, аммо натавонист. Ранги рӯи вай сап-сафед канда буд ва аъзои баданаш меларзид. Мо ӯро ба харсанг наздик бурдем. Дар ҳолате, ки аъзои баданаш ме- ларзид, бо даст чашмонашро пӯшида дар он ҷо нишаст.

— Акнун рафтани мо лозим,— гуфт Холмс.— Кори сар кар- даро анҷом додан лозим. Ҳар дакиқа ғанимат. Акнун мазмуни чиноят маълум, фақат чинояткорро дастгир кардан мемонад.

— Гарав мебандам, ки вай аллакай аз хона баромада раф- тааст,— ба. ғап давом намуд Холмс ва баробари мо тез-тез аз пайраҳа қадам мемонд.— Садои тирпарроииро нашуниданаш мумкин нест ва фаҳмидааст, ки бозиро бой дод.

— Х,еҷ мумкин не! Ин аз хона дур буд, ба замми он туман садоро як қадар паст мекунад.

— Шубҳа накунед ҳам мешавад, ки вай ба дунболи саг давидааст,—охир сагро аз ҷасад кашида дур бурданаш лозим буд. Не, мо акнун ӯро ёфта наметавонем! Вале барои эҳтиёт ҳама кунҷу канорро кофта баромадан лозим.

Дари даромад калон кушодагӣ буд ва мо тозон ба хона да- ромада, ҳучраҳоро зуд аз назар мегузаронидем ва хизматгори фартутеро, ки моро дар роҳрав пешвоз гирифта буд, дар ҳай* рат монондем. Танҳо дар хонаи таомхӯрӣ чироғ месӯхт, вале Холмс лампаро аз он ҷо гирифта, тамоми хонаро давр зада ба- ромад. Шахсе, ки мо ҷустуҷӯяш мекардем, бёному нишон ғоиб гардида, дар ошьёнаи дуюм дари яке аз ҳучраҳои хоб маҳкам буд.

— Дар он ҷо ким-чи ҳаст!— хитоб намуд Лестрейд.

Дар хона садои пасти нолиш ва хишир-хишир шунида шуд. Мо таппончахоро тайёр нигоҳ дошта, зада ба он ҷо даромадем.

Вале он нобакори густох, ки мо аз пасаш давида мегаш- тем, дар ин ҷо ҳам набуд. Ба ҷои вай чизи басе ачиб ва ғайри чашмдоштеро дидем, ва дар ҷоямон карахт шуда мондем. ’

Ин ҳучра шакли музеи хурдакакеро дошт. Ба таки девор- ҳои он яксара қуттиҳои оинакорӣ гузошта шуда, дар онҳо ан- вои парвона ва шапалакҳо — самараи меҳнати дӯстдоштаи ин сириштн мураккаб ва чинояткор буд. Дар миёнчои хона суту- ни ғафсе шинонда шуда, болори пӯсидаи'шифгро ба сари худ мебардошт. Ва дар назди ин сутун шахсе меистод. Уро бо рӯй-

чо ба он баста, сар то по печонида буданд, аз ин рӯ дар лаҳзаи аввал сарфаҳм рафтан душвор буд, ки ӯ мард аст ё зан. Як тахта матоъ даври гулӯяшро печонида, дигараш қисми поёни рӯйро пӯшида буд ва фақат чашмонаш кушода буданд, ки пур аз дахшат ва шарму ҳаё хомӯшона саволомез .6 а мо менита- ристанд. Дар як мижа ба.ҳам эадан мо ӯро кушодем, аз дахо- наш пахтаро гирифтем ва ба пеши пои мо миссис Стэплтон аф- тид. Вай сарашро ба рӯи синааш фуровард ва ман аз зарби камчин дар гарданаш доғи сурх дидам.

— Нобакор! — фарьёд зад Холмс.— Лестрейд, коньяк канӣ? Ӯро ба курсӣ шинонед. Чунин қину азоб ҳар касро ҳам аз хуш меравонад!

Миссис Стэплтон чашм кушод.

— Вай наҷот ёфт? — пурсид ӯ.— Вай гурехт?

— Хонум, аз дасти моҳеҷ куҷо гурехта наметавонад.

— Не, не, ман шавҳарамро намегӯям. Сэр Генри... наҷот ёфт?

- Ҳа.

— Саг ҷӣ?

— Кушта шуд.

Миссис Стэплтон оҳи дурударози сабук кашид.

— Худоро шукр! Худоро шукр! Нобакор! Бинед, вай бо ман чн кор кард! — Вай остинҳояшро барзад ва мо дидем, ки дас- тонаш сиёху кабуданд.— Вале ин ҳоло ҳеҷ ган не... ин ҳеҷ ган не. Ӯ чигарамро хун кард/ҷонамро ба лабам овард. То дами умедам будан, ки ин одам маро дӯст медорад, ба ҳамааш тоб меовардам, ба ҳамааш: ба бадмуомилагиаш, танҳоӣ, зиндагии пур аз дурӯғ... Вале ӯ ба ман дурӯғ мегуфт, ман дар дасти ван аслиҳа будам.—Миссис Стэплтон тоб наоварда зор-зор гирист.

— Ҳа, хонум, шумо хея асосе надоред, ки ба вай некӣ хо- хед,— гуфт Холмс.— Гӯед, ки ӯро аз куҷо кофта ёфтан мумкин. Агар шумо бо вай шарик бошед, аз ив тасодуф истифода на- муда, гунохатонро сабук кунед — ба мо ёрн дихед.

— Фақат дар *як чо* руст шуданаш мумкин, дигар ҷои ме- р(афтагӣ надорад,— яавоб дод вай.— Дар миёнҷои ботлоқзорон яазирачае хаст, ки як вақтхо дар он ҷо кон буд. Ӯ сагашро дар хамон ҷо нигох медошт ва агар гурехтан лозим шавад, ҳама чизаш тайёр карда монда шуда буд.

Холмс лампаро ба тиреза наздик бурд. Туман, мисли пах- таи сафед ба шиша часпида буд.

— Нигох кунед,— гуфт вай.— Имшаб хея кас роҳ ёфта ба ботлоқзори Гримпен рафта наметавонад.

Миссис Стэплтон хандид вд каф кӯфт. Чашмони вай бадхо- ҳона дурахшиданд.

— Роҳ ёфта ба он ҷо-ку меравад, аммо гашта омада наме- тавонад! — хитоб намуд вай.— Магар дар чунин шаб нишони роҳро дидан мумкин? Мо нишонаҳоро ҳамроҳ гузошта будем. Эҳ, чаро нодонӣ карда онҳоро имрӯз нагирифтам! Дар он сурат ӯ дар ҳукми мо мебуд!

Дар чунин туман умеди ба вай расида гирифтан набуд. Мо Лестрейдро ҳамчун соҳиби комилҳуқуқи Меррипит-хаус гузош- та, худамон. ҳамроҳи сэр Генри ба Баскервиль-холл баргаш- тем. Воқеаи Стэплтонҳоро дигар аз вай пинҳон доштан мумкин набуд. Сэр Генри ҳақиқати ҳолро дар бораи зани дӯстдошта- аш фаҳмида, ин зарбаро ҷасурона қабул кард.

Вале изтироби фавқулоддае, ки ӯ шабонд аз сар гузарони- да буд, барои баронет бе асар нагузашт. Субҳ надамидан пеш ӯро табларзаи сахт гирифт ва дар зери назорати духтур Морти- мер беҳуш мехобид. Баъд онҳо ҳарду ба саёҳати даври олам баромаданд ва фақат пас аз ин саёҳат сэр Генри ба ҳоли пеш- тарааш омада, ҳамчунон хушчақчақ ва солиму бардам шуд, чи тавре ки як вақтҳо меросхӯри йн мулки бехосият ба Англия омада буд.

Акнун ҳикоётӣ адиби ман зуд ба охир мерасад. Онро ба рӯи коғаз оварда истода, кӯшиш намудам, қи хонанда ҳама тарсу ҳарос ва фарзу тахмини мубҳамеро, ки онҳо ин қадар дуру да« роз ҳаёти моро талх намуданд ва оқибаташ бо фоҷиа анҷо- мид, ҳамроҳи мо аз сар гузаронад.

Пагоқӣ туман пароканда гардид ва миссис Стэплтон моро ба хамон ҷои пайраха сар мешудагие гирифта бурд, ки аз бай- ни ботлоқзор мегузашт. Ин зан бо майлу рағбат ва хушбахтӣ моро ба дунболи шавҳараш гирифта мебурд ва чи гуна зинда- гии пурдаҳшат доштани вай фақат ҳамон вақт ба мо маълум гардид. Мо дар китъачаи танги торфие, ки нимҷазираеро таш- кил дода ба даруни ботлок даромада мерафт, аз вай ҷудо шу- дем. Химчаҳои хурд-хурд ҳар ҷо —ҳар ҷо ба замин халонда шуда, пайраҳаро нишон медоданд: он пайраҳа аз харпушта ба харпушта аз байни кӯлмакҳои алафпӯш печу тоб хӯрда ме- рафт ва ҳар касе, ки ин ҷойҳоро намедонист, ин кӯлмакҳо «ад- ди роҳаш мешуданд. Аз қамишҳои пӯсида истода ва обсабзҳои бо лойқа пӯшида бухори ғализе мебаромад. Ботлоқи тираи час- пак дар сатҳ доирахои нозукро ташкил дода паҳн мешуд ва мо то зону ба он ғӯтида, дам ба дам ақиб мегаштем. Лои шурру- ти часпак макида-макида ба пойҳои мо мечаспид ва чунон сахт

медошт, ки гӯё дасти пуркуввати касе" моро ба ин чуқуриҳои манфур мекашид. Фақат далели яккаву ягонае ба чашмамон афтид, ки на мо аввалнн шуда бо ин роҳи пурхатар меравем. Дар рӯи харпуштаи сералаф ким-чи чизи сиёҳ мехобид. Холмс ба он пой монда, дарҳол то миён ба ботлоқ ғӯтид ва- агар мо намебудем, гумон буд, ки ягон вақт.заминро дар. таги пои худ хис кунад. Вай кафши сиёхи кӯҳнаеро медошт. Дар дарунаш ■вамғае дошт: «Мейерс. Торонто».

— Барои чунин бозьёфт худро ба лой гирифтав меарзад. Ана ҳамон кафши гумшудаи дӯсти мо! '

—> Стэплтон саросема шуда партофтааст?

— Комилан дуруст. Вақти сагро ба изи сэр Генри бурданаш кафшро ба ӯ бӯй мекунондааст ва вақти ақнб гурехтанаш он- ро партофтааст. Акнун, ба ҳар ҳол йедонем, ки ӯ то ин ҷо бе- зарар омадааст.

• Агарчи мо аз бисьёр чизҳо огох гардида бошем ҳам, дигар донйстани ҳеҷ чиз. ба мо муяссар нагардид. Дар пайраха имко- нияти дидани ҳеҷ'як изи пой набуд — рӯи онхоро дарҳол ҷули курбоққа мепӯшонид. Мо қарор додем, ки онҳоро дар ҷои хушктар мебинем, аммо хама [1] гуна ҷустуҷӯйҳои мо барабас рафт. Агар замин ҳақиқатро гуфта метавонист, ба забони ҳол меомад, ки Стэплтон ба ҷазирача ба паногоҳи Худ, ки он шаби сертумани фаромӯшнашаванда ба он чо ниҳоят шитоб карда буд, рафта расида натавонист. Ботлоқзори бадбӯи Гримпен ин марди беилтифоти бераҳмро ба қаъри бетағи худ кашид, абадӣ; зери замин гардонид.

Мо дар ҷазирачае, ки атрофашро ботлоқ гирифта буд ва шарики бадҳайбати худро дар он чо руст мекард, изи. пои ӯро бисьёр дидем. Дарвозаи калон ва кони то нисф пури хиштпрра аз ов шаҳодат медоданд, ки як вақтхо дар ин ҷо кон буд. Дар пахлӯи он кулбаҳои харобаи конканҳо ҷой гирйфта буданд, ки эхтимол, онхоро аз он ҷо бухори заҳролуди ботлоқзор ронда буд. Дар яке аз ин кулбаҳо ҳалқае ба девор кӯфта шуда, усту- хони гуногуни бисьёре дар рӯи замин мехобид. Эхтимол, Стэпл- тон сагашро дар ҳамин чо нигоҳ медошт. Дар байни хасу хо» шок скелети care хобида, дар рӯяш мӯи сурхе бокӣ монда буд.

— Худоё! — хитоб намуд Холмс.— Охир ин спаниель-ку! Мортимери бечора дигар хеч гох сагчаи дӯстдоштаи худро на- мебинад. Хӯш, акнун, ба фикрам, ин ҷазирача тамоми асрори худро ба рӯи мо кушод. Пинҳон кардани car кори душвор на- буд, вале қандатонро хӯреду ӯро маҷбур сохта аккос задан

иамонед. Садои уллос, ки ҳатто рӯзон^ мардумро ба воҳима _ меандохтааст, аз қамин ҷо шунида мешудааст. Дар сурати ни-. ҳоят зарур Стэплтон сагро наздиктар ба хона ба сарой бурда метавониотааст, вале дар сурати тангии вақт ба кушоиши кор умед баста, ба чунин кори хатарнок икдом кардан мумкин буд. Ана дар қуттӣ ҳамон паста — ҳамон таркиби нурафшони ба сагаш мемолидагӣ. Қиссаи саги бадҳайбати Баскервиль ин фикрро ба вай талкин намудааст ва ӯ қарор додааст, бо ха- мин роҳ аз сэр Чарльз интиком гнрад. Акнун ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест, вақте ки чунин махлуқи бадҳайбат аз торикӣ ба Селден ҳамла намуд, бечора фарьёдзанон роҳи гурезро пеш гирифт. Дӯсти мо хам айнан ҳамин тавр рафтор кард ва худи мо ҳаи ба чунин хатар гирифтор шуданамон мумкин буд. Стэплтон устокорона фикр карда ёфта буд! Аз ин ran намезанем, ки car ба куштани қурбониаш ба вай ёрӣ медод ва аз фермерҳои ин- ҷоӣ кӣ ҷуръат менамуд дурусттар бо ӯ шинос шавад? Бо чунин махлуқ як бор воҳӯрдан кифоя. Вале охлр ӯро дар ботлоқзорон бисьёр касон дидаанд. Уотсон, дар ин бора ман дар Лондон ran зада будам ва боз такрор мекунам: мо дар умри худ аз ҳамон шахси ҳоло дар он ҷо, дар қаъри ботлоқ хобидагӣ бо одами хатарноктаре сару кор нагирифта будем! — Ва ӯ ба ботлоки сабзи бурмонанд, ки ба дур ба пастхамиҳои сарнишеби ботлоқ- зори торфдор кашида шуда буд, нишон дод.

БобиХУ

НАЗАРЕ БА ГУЗАШТА

Охири моҳи ноябрь буд. Many Холмс бёгоҳии хавояш бади сертуман дар Бейкер-стрит, дар кабинет, дар назди камини фу- рӯзон менишастем. Аз бози фоҷиаи Девоншир, ки ин охирин сафарн мо буд, дӯсти ман ду кори хеле ҷиддиро тадқиқ карда баромад. Дар якумаш полковник Эпвудро ошкор сохт, ки дар клуби «Патриций» дар вақти қартабозӣ дар ҷанҷол иштирок карда буд, дар дуюмаш гуноҳро аз гардани хонум Монпесьеи бечора пурра гирифта партофт; хонум Монпенсьеро барои духта- ри ӯгаяш, мадемуазели ҷавон Карэр гунаҳкор мекарданд; чи тав- рё ки маълум аст, вай пас аз ним соли ин воқеа дар Нью-Йорк пайдо шуда, бемалол ба шавҳар баромад. Пас аз бо муваффа- кият таҳқиқ намудани чунин ду кори мушкил ва ҷиддӣ димоғи Холмс хеле чоқ буд ва ман аз ин истифода намуда, қарор до-

дам аз вай баъзе тафсилоти пурасрори воқеаи Баскервильро дониста гирам. Ман босаброна расидани ҳамин вақту соатро вигарон шуда меистодам, зеро медонистам, ки Холмс якбора дар фикр гирифта гаштани якчанд воқеаро дӯст намедорад ва барои хотираи гузашта шуда ақли расо ва заковати худро ба дигар та- раф равона намекунад.

Он рӯзҳо сэр Генри ва духтур Мортимер дар Лондон буданд ва ба саёҳати дурудароз тайёрӣ медиданд, ки духтурон барои мустаҳкам намудани системаи сустшудаи асабҳояш ба баронет маслиҳат дода буданд. Пагоҳӣ онҳо ба дидани мо.омаданд, би- вобар ҳамин доир ба мавзӯи даркорӣ баҳонаи нағзе доштам, ки ran кушоям.

— Аз нуқтаи назари шахсе, ки ба худ Стэплтон ном дода буд, воқеахо гӯё аз рӯи қоида сурат мегирифтанд,—■ ran сар кард Холмс,— вале ҳамаи ин ба назари мо ниҳоят мушкил мё- намуд, зеро ҳамон вақт мо заррае ҳам тасаввур надоштем, ки вай дар кору рафтори худ чиро ба сифати дастур қабул карда буд ва фақат баъзе дал*елҳоро медонистем. Аз ҳамов вақт инҷо- ниб ман ду бор бо миссис Стэплтон ran задам ва ҳамааш ба ман маълум гардид. Ба фикрам, акнун ҳеҷ чиз муаммо мондан намегирад. Метавонед доир ба ин масъала дар картотека дар зери ҳарфи «Б> мақолаи маро аз назар гузаронед.

— Шояд, рафти воқеаҳоро аз рӯи хотира баён кунед?

— Бо дилу ҷон, агарчи зомин намешавам, ки тамоми таф- силоти онро дар хотир дорам. Вакте, ки тамоми диққати худ- ро ба ягон чиз медиҳӣ, фикрҳои гузашта аз хотир мераванд. Муфаттише, ки кори навбатии худро ҳарф ба ҳарф медонад ва барои он дар мурофиаи суд баҳсу талош мекунад, тахмин пас аз ду ҳафта хамаашро тамоман аз хотир мебарорад. Ман хам хамон хел: хар як таҳқиқи нав аз майнаам вокеаи гузаштаро танг карда мебарорад ва мадмаузель Карэр шахсан дар шуури ман бо чисми латифи худ пеши Баскервиль-холро пӯшонд. Шо- яд, фардо муаммои дигаре маро пеш ояд, ки дар навбати худ пеши хонуми соҳибҷамоли француз ва Эпвуди қаллобро ги- рад. Вале ба ҳар.ҳол кӯшиш менамоям, ки ин воқеаро ба шу- мо баён кунам ва агар рафту ягон чизро аз хотир барорам, ба ёдам биёред.

Маълумотҳои ҷамъ кардаам мара тамоман бовар кунон- данд, ки расми авлодӣ дурӯғ нагуфт ва ин одам ҳақиқатан аз авлоди Баскервильхо мебошад. Вай писари ҳамон Роҷер Бас- кервиль, додари сэр Чарльз будааст ки ноилоч ба Америкаи Ҷанубӣ гурехта, дар ҳамон ҷо зан мегирад ва аз ӯ писаре ме-

монад, ки ф^милияи падарашро қабул мекунад. Ин қаллоби ба шумо анча маълум Бэрил Гарсйа ном яке аз соҳибҷамолони Коста-Рикаро ба занӣ мегирад ва пули давлатиро нобуд карда фамилияашро ба Ванделер иваз менамояду ба Англия мегуре- зад ва дере нагузашта дар қисми шарқии Иоркшир мактаб мекушояд. Вай ин касбро барои ҳамин интихоб менамояд, ки дар роҳ бо як муаллим шинос шуда, дониш ва тачрибаи ӯро истифода мекунад. Вале шарики вай, Фрезер, давраи охирв ка- еали силро аз сар мегузаронд ва дере нагузашта мурд. Аҳволи мактаб рӯз то рӯз бад ва оқибаташ тамоман расво мешавад. Ванделерҳо зану шӯй равои ҳол донистанд, ки фамилвяи худро двғар кунанд ва аз ҳамон вақт ба худ Стэплтон ном доданд. Баъд Стэплтони қаллоб бо боқимонда молу давлати худ, нақшаҳаи нави минбаъда ва майлу рағбати бо этномология доштааш ба ҷанубии Англия кӯчида омад. Ман аз музеи Бри- тания маълумот ҷамъ карда, равшан намудам, ки Ванделер дар сохаи худ шахси эътироф кардашудае ва дар Йоркшир як шапалаки шабгард ба номи вай гузошта шуда будааст.

Акнун мо ба он давраи ҳаёти ӯ расидем, ки барои мо ни- хоят шавқовар буд. Ин одам, аз афташ, фақмида аст, ки дар байни вай ва мулки калон ҳамагӣ ду ҳаёт истодааст. Вақти сафари Девоншир карданаш, эҳтимол, нақшаҳои вай ҳанӯз та- моман норавшан буданд, аммо нияти бадаш торафт хуруч ме- кард — бехуда нест, ки аз рӯзи аввал занашро хоҳараш қа- ламдод кард. Дарҳол фикре дар ӯ пайдо шуд, ки занашро ба сифати дом истифода намояд, агарчи вай, шояд, ҳанӯз ба худ тасаввур карда наметавонист, ки минбаъд ҳамааш чи тавр су- рат мегирад. Мақсади вай ба даст даровардани мулк буд; вай аз барои ин пулро дареғ намедошт ва ба хар кор таваккал ме- кард. Ба ҳамин тариқ, дар аввал хар чи наздиктар ба Баскер- виль-холл сокин шуда, баъд бо сэр Чарльз ва дигар ҳамсояҳо муносибатҳои дӯстӣ пайдо кардан лозим буд.

Баронет худаш доир ба ривояти саг ба вай нақл кард ва ба хамин тариқ ба худ аҷал харид: Стэплтон (пештара барин ман ӯро хамин тавр ном мебарам), медонист, ки дили пира- мард касал. аст ва изтироби фавқулодда ӯро ба ҳалокат расо- ниданаш мумкин. Вай ҳамаи инро аз духтур Мортимер шуни- да буд. Ғайр аз ин, ӯ медонист ки сэр Чарльз одами хурофот- параст аст ва ба ин қиссаи фалокатбор аҳамияти калон мвди- ҳад. Ақли расои Стэплтон дархол ба вай илқо намуд, ки чи илоч карда баронетро кушаду, хеч кас инро гумонбар нашавад.

Стэплтон нақшаи амалиётро кашида, бо тамоми маҳорат,

ки хоси табиати вай буд, дар амал онро татбиқ карданӣ шуд. Ҷинояткори оддӣ дар чунин сурат ба саги бадҷаҳл қаноат ҳо- сил менамуд, вале фикри фавқулоддае ба хаёли Стэплтон омад, яъне хост аз вай муҷассамаи ҷаҳаннам созад. Стэплтон ин сагро аз Лондон дар Фулхемроуд аз Росс ва Менглс ха- рида, аз тамоми сагҳои дар он ҷо будагӣ аз ҳама калон ва бад- ҷаҳлашро интихоб намуд. Баъд ҳамроҳи он бо роҳи шимолӣ ба Девоншир омад ва барои он ки ӯро набинанд аз миёни ботлоқ- зор гузаронида ба хона овард. Дар вақтҳои шапалакдориаш ба пешгоҳи ботлоқи Гримпен роҳ ёфт ва барои нигох доштанисаг аз ин дида ҷои дилпуре пайдо кардан душвор буд. Стэплтон сагро дар он ҷо занҷирбанд кард ва мунтазири фурсати муно- сиб шуд.

Вале чунин фурсйт дурудароз мухайё нагардид; шабона сэр Чарльзро аллонда аз худуди мулк берун баровардан мумкин набуд. Стэплтон якчанд маротиба сагро тайёр нигоҳ дошта, аз ласи пирамард поида гашт, вале ҳамааш барабас рафт. Ана хангоми ин сарпардониҳои бенатича дар ботлоқзорон вай, ду- русттараш, шарикаш ба чашми баъзе фермерҳои он ҷой афтид ва қиссан саги бадҳайбат аз нав тасдиқ гардид. Дар он сурат Стэтплтон тамоми умедашро ба занаш баст, вале ин дафъа вай нохост иродаи мустаққам нишон дод. Миссис Стэплтон қатъиян не гуфта фатонат ва дилрабоии худро ба муқобили пи- рамард ба кор надаровард, зеро медонист, ки ин ӯро нобуд ме- кунад. На таҳдид — ҳайҳот! — на шатаву шаллоқ, ҳеҷ ёрдам на-. кард. Вай намехост, ки дар дасисакориҳой шавҳараш иштирок жунад ва замоне Стэплтон ҳайрон шуда чй кор карданашро на- дониста, ба кӯчаи сарбаста даромада монд.

Аммо илоҷи аз ин кӯчаи сарбаста баромадан ёфт шуд. Сэр Чарльз аз рӯи меҳру дӯстӣ ба дили Стэплтон роҳ ёфт ва ӯро ба сифати миёнрав ба назди миссис Лаура Лайонс фиристод. Стэплтон худро муҷаррад нишон дода, дили ин зани бечораро тамоман рабуд, ва ба ӯ ишора намуд, ки агар аз шавҳараш ба- рояд, ӯро ба занӣ мегирад. Ва дере нагузашта маълум гардид* ки таъхир нанамуда амал кардан лозим: сэр Чарльз бо исрори духтур Мортимер, ки барои зоҳирсозй Стэплтон бо вай розй шуда буд, тараддуди Лондонравй кард. Сонияеро ҳам беҳуда сарф кардан лозим набуд». набошад қурбонӣ аз даст мерафт. Стэплтон миссис Лайонсро маҷбур намуд, ки ба сэр Чарльз мактуб нависад. Миссис Лайонс дар мактубаш аз пирамард илтичо менамуд, ки дар арафаи аз Баскервиль-холл рафтанаш бо вай вохӯрад. Баъд Стэплтон баҳоначӯй карда миссис Лай-

енсро розӣ кунонд, ки ба мулоқот наравад ва инак воқеаи ӯ кайҳо нигарон будагӣ рӯй дод.

Стэплтон бегоҳӣ аз Кумби-Треси баргашта, фурсате ёфта рафта сагро овард, ҳамон таркиби лаънатиро ба бадани саг молид ва ба ҳамон ҷои пирамард меомадагӣ овард. Саг, ки со- хибаш ӯро киш-киш дода буд, ҷаста аз болои дарича гузашт ва аз паси баронети бечора, ки фарьёдзанон ба кӯчаббУи да- рахтони тисса роҳи гурезро пеш гирифта буд, давид. Ба ҳуд тасаввур Мекунам, ки ин чи гуна манзараи пурдаҳшате буд! Ҳама ҷо торик ва дар ҳамин торикӣ аз паси ту ким-чи чизи азим бо тумшуқи дурахшанда ва чашмони оташбор метозад. Дмли баронет тоб наоварда ва ӯ дар охири кӯчабоғ афтида ҷон дод. Саг рӯ-рӯи хати борики алаф медавид, бинобар хамин дар борикраҳа ба ғайр аз изи пои одам, дигар ҳеҷ гуна из дн- да намешуд. Вақте ки сэр Чарльз меафтад, саг, эҳтимол, ӯро бӯй мекунад, вале ба мурда кордор нашуда месурезад. Духтур Мортимер ҳам ҳамин изҳоро дидааст. Стэплтон сагашро ҷеғ ме- занад. Чунин буд пайдошавии ин муаммо, ки полицияро гаранг кард, сокинони гирду атрофро ба вбХима андохт, ва оқибат, ба тафтиши мо супурда шуд.

. Ана ҳама он чи ки ба марги сэр ЧарльзБаскервиль дахл до- рад. Мефаҳмед, ки ин одам бо чи гуна маккории иблисона ко- ри худро рӯпӯш кард! Охир ҷинояткорро ошкор кардан ғайри- имкон менамуд. Шарйки вай танҳо як кас ва он ҳам одаме буд, ки ошкоро дастгир намекунонад, балки хуоусияти аҷоибу ғароии тамами қасду ният умуман, ба куллӣ тадқиқро чигил мекард. Ҳарду зан, миссис Стэплтон ва миссис Лаура Лайонс, ки ба ин кор шарик буданд, пай мебурданд, ки сабаби ҳақиқии марги сэр Чарльз кӣ буд. Миссис Стэплтон медонист, ки шавҳараш ба муқобили пирамард ҳар гуна дасиса мечӯяд, дар бораи вуҷуд доштани саг низ бохабар буд. Миссис Лайонс на дар бораи инаш, на дигараш тасаввуре хам надошт, вале ҳамин ӯро дар тааҷҷуб мононд, ки марги сэр Чарльз аз рӯи вакт бо мулоқоти дар назди дарича барпо нагардида рост омада монд ва дар бо- раи он, ғайр аз Стэплтон, ҳеҷ кас намедонист. Вале ҳарду зан дар зери таъсири ӯ буданд ва Стэплтон метавонист аз онҳо на- тарсад. Ба ҳамин тариқ, нисфи аввали вазифа бомуваффақият иҷро карда шуд ва ннсфи дуюми бдсе мушкилаш мемонд.

Эхтимоли комил дошт, ки Стэплтон аввалҳо хатто гумон на- мекард, ки дар Канада меросхӯр хаст. Вале таъхир накарда дар ин бора аз дӯсти худ, духтур Мортимер дониста гирифт, ки дар айни ҳол рӯзи омадани Генри Баскервильро ба ӯ хабар

дод. Пеш аз ҳама фикре ба майнааш омад, ки оё илоҷе нест то ба Девоншир омадани он ҷавони канадагӣ, кори ӯро дар Лондон тамом кунад. Стэплтон дигар ба занаш дилпур набуд, зеро дар хотир дошт, ки вай не гуфта пирамард Баскервяльро ба доми худ даровардан нахост. Ӯ ҷуръате ҳам наменамуд, ки занашро ба муддати дароз танҳо гузорад, зеро бо ин кораш ҳукмро бар вай тамоман аз даст медод. Ноилоҷ ҳамроҳ ба Лон- дон рафтанд. Чи тавре, ки баъд маълум карда шуд, онҳо дар Кревенстрит, ба ҳотели «Мексборо» фуромаданд, ки Картрайт ҳам дар ҷустуҷӯи саҳифаи «Таймс»-и бурида бӯлак-бӯлак кар- да шуда, ба он ҷо даромада буд. Стэплтон занашро аз ҳуҷраи ҳотел баромадан намонда, риши сохта часпонида, аз духтур Мортимер ҷудо нашуда ба Бейкер- стрит, ба вокзал, ба ҳотели «Норсамберленд» рафт. Миссис Стэплтон пай мебурд, ки шав- дараш чи гуна нақшахо мекашад, вале аз вай ниҳоят метар- сид,— сабаби ин ҳарос берахмии вай буд — ва ҷуръат намекард дар бораи хатари ӯро таҳдид мекардагӣ ба сэр Генри нависад. Агар мактуб ба дасти Стэплтон меафтид, кӣ ба чони вай кафил мешуд? Чи тавре, ки мо оқибат медонем, миссис Стэплтон ро- ҳи макру фиребро пеш гирифт: ӯ суханони даркориро аз газета бурид ва хаташро тағьир дода адресро навишт. Баронет мак- тубро гирифт ва ин барои вай огоҳии аввалин буд.

Дар сурате агар сагро ба изи ӯ сар додан лозим шавад, Стэплтод бояд ҳатман аз сару либоси сэр Генри ягон чиз ба даст дарорад. Вай харвақта барин таъхир накарда, зуд ва да- лерона амал намуд ва мо шубҳа намекунем, ки ҳам хизматго- ри меҳмонхона, ҳам дарбон барои ёрӣ расонданашбн музди ка- лон гирифтаанд. Ҳайҳот! Кафши якум пӯшида нашуда буд ва аз ин рӯ кор намеомад. Вай онро баргардонид ва ба ивазаш дигарашро гирифт. Аз ин далел ман хулосаи хеле даркорие ба- ровардам. Ба ман равшан гардид, ки мо бо саги хақикӣ сару кор дорем, зеро сабаби зӯр задани Стэплтон ҳам ҳамин буд, ки кафши кӯҳнаро ба даст дарорад. Ягон ҷузъ ба назаратон ҳ§р қадар бемаънӣ ва дағал намояд, ҳамон кадар шоистаи тақдир мебошад. Он ҳар як вазъияте, ки дар назари аввал фақат кор- ро душвор мекунанд, аксар вакт моро ба сари халли масъала меоранд. Фақат дурустакак, аз рӯи ҳавас онҳоро санҷида ди- дан лозим аст.

Пагоҳии рӯзи дигар дӯстони мо ба наздамон омаданд, Стэпл- тон бошад аз дур аз паси онҳо кэбсавор меомад. Аз рӯи бись- ёр аломатҳо, акаллан аз рӯи ҳамин, ки вай ба дидан маро ме- шинохт, адресамро ҳам медонист, ман қариб боварӣ дорам, ки

муваффақиятҳои вай бо воқеаи Баскервиль тамом намешуд. Ма- салан, дар муддати се соли охир, дар графиҳои ғарбӣ чор бор дуздии калон рӯй дода ва ҳар чор бор ҳам дуздон ёфт нашу- данд. Дуздии охирин дар мбҳи май дар Фолкстоун-Қарте рӯй дода буд, ки бе хунрезӣ анҷом наёфт. Дузди ниқобпӯше аз тап- понча тир холӣ карда писарбачаи хизматгорро, ки ӯро нохост дар болои дуздӣ ёфта буд, парронда ҷо ба ҷо кушт. Акнун ман боварӣ дорад, ки Стэплтон ба ҳамин тариқ, корҳои харобшудаи ^олиявии худро ислоҳ намуд ва ӯ кайҳо ин ҷониб ҷинояткори хатарноке буд.

Ба зиракӣ ва густохии вай ман ҳамон пагоҳие боварӣ ҳосил намудам, ки ӯ моҳирона аз мо гурехт ва баъд худро Шерлок Холмс номида, нағз медонист, ки ман он кэбчиро суроғ карда меёбам. Он гоҳ Стэплтон фаҳмид: дар Лондон ба муваффақи- ят умед бастан мумкин нест, зеро аз паси ин кор ман шудам. Вай ба Дартмур рафта, омадани баронетро мунтазир шуд.

— Истед! — сухани Холмсро буридам ман.— Шумо тамоми рафти вокеаро комилан аниқ баён кардед, вале ба ҳар ҳол ба- рои ман як нукта номаълум мебошад. Вақте, ки соҳиби саг ба Лондон рафт, ба саг чи воқеа рӯй дод?

— Савол саволи хеле муҳим, ман х.удам онро фаҳмиданӣ шудам. Стэплтон, албатта, шарике дошт, агарчи гумон аст, ки вай тамоми нақшаҳои худро ба шарикаш мегуфт. Ин чунин маънӣ дошт, ки худро пурра ба ҳукми вай месупурд. Хизматго- ри меррипитхаусй, пирамард Антониро дар хотир доред? Ҳанӯз вақти (угэплтонҳо мактаб дошганашон ӯ якчанд сол дар хонаи онҳо истикомат карда буд ва албатта, зану шавхар будани он- ҳоро медонист. Ана ҳамон Антони беному нишон ғоиб шуд, вай дар Англия нест. Инчунин ба хамин аҳамият дихед, ки номи Антонио дар мо хеле кам, аммо дар Испания ва Америкаи Ло тийӣ дар хар қадам жчор меояд. Пирамард аз миссис Стэпл- тон дида забони англтгсиро камтар намедонист, вале талаффуз- заш хамчӯнои аҷиб буд. Бо пайраҳаи Стэплтон шинохта кар- дагӣ ба пешгоҳи ботлоқи Гримпен рафтани ӯро ба чашми ху- дам дида будам. Бинобар хамин, комилан-яқишаст, ки вақти набудани сохибаш ба саг Антонио хӯрок медодааст, агарчи, мумкин аст, бо кадом мақсад дар он ҷо нигоҳ доштани ӯро на- медонист.

Ба хамин тариқ, Стэплтонҳо ба Девоншир баргаштанд ва дере нагузашта шумо ҳамрохл сэр Генри ба он ҷо омадед. Ак- нун дар бораи худам якчанд сухан мегӯям. Шумо, шояд, дар хотир дошта бошед, ки мактуби сэр Генри фиристодагиро ҳам-

вор карда истода диданӣ шудам, ки аломати обгун дорад ё не. Ман вараҷи коғазро ба чашм наздик бурдам ва аз он бӯи атри «Есумани сафед» омад. Ҳафтоду се хел навъи атр ҳаст, ки ху- фияи пуртаҷриба бояд якеро аз дигараш фарқ карда тавонад. Ман аз таҷрибаи худам боварӣ ҳосил намудам, ки тадқиқи бо- муваффақияти чиноятҳо борхо маҳз аз ҳамин вобастагӣ дошт. Агар бӯи гули ёсуман биёяд, пас муаллифи мактуб зан мебо- шад ва то он вақт Стэплтонхо диққати маро ба худ яалб на- муда истода буданд. Ба ҳамин тариқ, ман дар х,ақиқат вуҷуд доштапи сагро фақмидам ва то Девоншир сафар карданам». кӣ будани ҷиноятккорро пай бурдам. - „

Аз паси Стэплтон поидан лозим буд. Вале агар ман ҳамро- хи шумо буда, аз паси вай мепоидам, ӯ дарҳол пай бурда ҳушь- ёр мешуд. Барои ҳамин қама, аз он ҷумла шуморо хам фиреб додан лозим омад. Ман гуфтаад, ки дар Лондон меистам, вале худам баромада аз паси шумо омадам. Маҳрумиятҳое, ки ман аз сар гузаронидам, чи тавре ки ба назари шумо менамояд, чандон сахт нестанд. Зймнан, чунин чизҳои беаҳамият набояд ба кори мо халал расояанд. Ман, умуман, дар Кумби-Треси зиндагӣ мекардам ва ба ғори ботлбқзорон фақат дар сурате мерафтам, ки ба чои амалиёт наздик буданам лозим бошад. Картрайт хамроҳи ман ба Девоншир омад ва худро писарбачаи деҳотй вонамуд карда, дар ҳама ҷо мегашт ва ба ман ёрии ка- лон мерасбнд. Ғайр аз ин, вай маро бо хӯроку сарулибоси тоза таъмин карда меи-стод ва агар ман бо Стэдлтон банд бошам, аз паси шумо мепоид. Аз ин рӯ, чи тавре ки мебинед, сарришта дар дасти ман буд.

Шумо акнун медонед, ки ҳисоботхои шумо аз Бейкер-стрит ба Кумби-Треси фиристода мешуданд; Ман аз онхо, хусусан аз хамон мактуби шумо, ки дар он аз тарҷумаи ҳоли Стэплтонқо ягона эпизоди ҳақиқӣ хабар-дода мещуд, бисьёр чизҳо донис- та гирифгам. Пас аз ин, шахсияти ҳарйӯи онҳоро барқарор на« мудан ба ман душвор набуд ва бо кй сару кор доштанамро ме- донистам. Вале як корй иловагӣ — гурехтани марди ба каторга бадарғашуда ва алоқаи ӯ бо Бэрримбрҳо тадкиқро мушкил гар- донид. Аммо агарҷи аллакай худам дар асоси мушохидахои ху- дам ба хамон хулосаҳо омада будам, шумо ин. гиреҳро кушо- ded. '

То вақти маро аз ғори ботлоқзорон кофта ёфтани шумо, ҷи- ноят пурра ба мо маълум гардид, вале ин корро ба суд до- дан барвақт буд. Ҳатто сӯиқасди бебарори Стэплтон ба ҷони сэр Генри-, ки бо ҳалокати марди ба каторга бадарғашуда ан-

ҷом ёфт, далели бевосита набуд. Ягона роҳи халосӣ ҳамин буд, **ки** сэр Генриро ҳамчун доми найранг монда, Стэплтонро дар сари ҷиноят дастгир кунем. Гӯё ҳеҷ кас. баронетро муҳофиза намекарда бошад, мебаист ӯ танҳо мерафт. Мо ҳамцн тавр ҳам кардем ва ба бадали изтироби фавқулодда, ки дӯсти мо аз сар гузаронид, нафақат таҳқиқро анҷом додем» балки Стэплтонро ба ҳалокат бурда расондем. Ман миҷозамро ба чунин бало ги-' рифтор карда, албатта, доир ба корро бад бурдан комилан са- зовори маломат будам, вале кӣ пешакӣ дониста метавонист, ки чи гуна манзараи мудҳипг, ҳайратовар дар пеши назари мо на« моён мегардад, кӣ пешбинӣ карда метавонист, ки шабона ту- ман мешавад ва саг аз даруни он рост'ба мо ҳамла меорад! Мо ба бадали ҷонбозиҳо ба мақсади худ расидем, вале ҳар- ду духтур — ҳам мутахассиси беморҳои рӯҳӣ ҳам духтур Мор- тимер — маро бовар мекунонданд, ки сэр Генри ба наздикӣ си- хат меёбад. Саёҳат нафақат асабҳои суст щудаашро мустаҳкам мекунад, балки ба захмҳои қалбаш шифо мебахшад. Охир вай аз миссис Стэплтон, ки нисбат ба ӯ дар дилаш самимона мехр’ мепарварид, фиреб хӯрд! Аз ҳама бсштар ҳамин ӯро азият ме- диҳад.

Акнун нақл карданам лозим аст, ки миссис Стэплтон дар ин воқеаи фоҷиаангез чи гуна роль бозид. Ман шубҳа намеку- нам, ки Стэплтон комйлан ӯро ба таъсири худ дароварда буд. Инрснчи тавр маънидод кардан мумкин? Миссис Стэплтон ӯро дӯст медошт ё метарсид — ё ҳарду? Охир ҳарду ин эҳсос ко- милан мутобиқ мебошанд. Ба ҳар ҳол^ вай яқин амал менамуд. Миссис Стэплтон розй шуда‘, худро хоҳари вай вонамуд мекард, вале ба хар ҳол қатъиян шарики бевоситаи қатл шудан нахост ва дар ҳамин асно Стэплтон боварӣ хосил намуд, ки ҳукми вай бар занаш беохир намебошад. Миссис Стэплтон чандин маротиба кӯшиш намуд сэр Генриро аз хатари ӯро таҳдид мекардагй огох намояд, вале инро тавре мекард, ки ба сари шавҳараш бало нао- рад. Стэплтон, зоҳиран, одами рашкин буд ва ҳангоме, ки баро- нет ба хонуми дилхоҳаш мехру муҳаббат зоҳир кардан гирифт, Стэплтон тоб наовард, агарчи ин ба нақшаи«вай дохил намешуд ва дар айни авҷи девонагӣ худро, ки то ҳол бо ҷидду ҷаҳд пин- хон мекард, ошкор намуд. Дар айни ҳол вай хушомадзаниҳои сэр Генриро рағбатдор карда, умед менамуд, ки баррнет тез-тез ба Меррипит-хаус омада меравад ва дер ё зуд ба чанголи вай меафтад. Вале дар лаҳзаи аз ҳама қатъӣ занаш исьён намуд. Вай хабари ҳалокати марди ба каторга бадарғашудаи гурезаро шунида, фаҳмид ки ҳамон бегоҳ, вақте ки сэр Генри бояд’то на-

хор расида меомад, сагро аз ботлоқ ба сарои рӯи ҳавлӣ оварда- анд. Ҷанҷоли сахте рӯй дод. Миссис Стэплтон шавҳарашро ҷи- нояткор номид ва бори аввал аз забони шавҳараш шунид, ки кундош дорад. Ҷои садоқати пештараро нафрат гирифт. Стэпл- тон фаҳмид, ки занаш ӯро ошкор'месозад ва барои он ки сэр Генриро эҳтиёт карда натавонад, ӯро ба сутун баст. Тамоми умеди вай ба қамин баста шуда буд, ки аз марги баронет огоҳ гардида, дар графӣ ба дуои бад гирифтор шудани авлоди Бас- кервильҳоро ба хотир меоранд ва ҳамон вақт Стэплтон аз нав занашро мутеъ намуда, маҷбур месозад, ки хбмӯш истад. Стэплтон дар ин тахмини худ хам хато кард. Бе дахолати мо хам қисмати вай ҳал гардид. Зане, ки дар рагу паи вай хуни испанӣ ҷорӣ аст/бевафогиро ба ӯ намебахшид...

Азизам Уотсон, ана хамааш ҳамин. Ва агар дар бораи ин воқеаи худозадагӣ ҳисоботи муфассале лозим бошад, дар он <урат ба қайдҳоям нигаристанам дуруст меояд. Вале ман, зо- хиран, ягон ҷои муҳимашро напартофтам.

— Наход Стэнлтон умёде дошт, ки сэр Генри низ баробари дидани ин хӯса аз тарс дилкаф шуда мемурад?

— Car тамоман ваҳшӣ буд, ғайр аз ин, Стэплтон ӯро ним- гушна нигоҳ медошт. Агар сэр Генри ҷо ба ҷо намемурд, дар он сурат, ба ҳар ҳол, чунин манзараи пурдаҳшат қувваи ӯро суст карда метавонист, ва ӯ ҳеҷ муқобилат намекард.

— Ҳа, дуруст. Акнун фақат як масъала мемонад. Агар Стэплтон ба моликияти Баскервиль-хоЛл ҳаққу ҳуқуқ доштани худро исбот мекард, чи тавр фаҳмонида медод, ки вай мёрос- хӯр мебошад ва номашро дигар карда, ин қадар ба мулк наздик зиндагӣ мекард? Наход ин боиси гумону шубҳа наме- гардид? ’ «

— Гумон аст, ки ман ба ин савол ҷавоб дода тавонам — шумо аз ман аз ҳад чизи зиёд талаб мекунед. Соҳаи амалие- ти ман — гузашта ва ҳозира мебошад. Одам дар оянда чи кор карданӣ аст, ҳалли онро ман ба зимма гирифтанӣ нестам. Аз рӯи суханони ми^ис Стэплтон, шавҳараш доир ба ӣн масъала борҳо фикр кардааст. Вай се роҳи асосии халосӣ дошт. Якум:' ба АМерикаи Ҷанубӣ рафта, дар сафоратхонаи Британия шахсияти худро муайян мекард ва ба Англня наомада, аз он ҷо меросро талаб менамуд. Дуюм: пешакӣ худро ба дарадаи ши- нохтанашаванда тағьир дода, дар Лондон нишаста ин корро кунад. В& сеюмащ: шахси сохтаеро меросхӯр нишон дода, бо тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ таъмин кунад ва гуфтугӯ намуда, кисми муайяни даромадро ба нафъи худ гирад. Мо, ки Стэпл-

тонро медонем, шубҳа намекунем ки вай барой ин илоҷи хало- сие меёфт.

Дӯстам, акнун фикран ба чизҳои басе гуворо муроҷиат менамоем. Мо, ки якчанд ҳаф.та ба чунин кори пуразият мащ- ғул мебошем, ки ба мо имконият медиҳад, ки бегоҳиеро бофа- роғат гузаронем. Ман дар ложаи опера билет харидаам. Шумо дар операи «Гугенотҳо» ҳофизии де Рецкеро шунидаед? Аз ин рӯ, лутфан, дар байни ним соат сару либосатонро пӯшида тай- ёр шавед. Он гоҳ мо болои роҳ ба назди Марцйни даромада, дар ҳамон ҷо баҳузур таом мехӯрем.

ДАР БОРАИ ШЕРЛОК ХОЛМС

I

Мак-Ферлени ҷавонро ба ҷинояти азиме гунаҳкор мекунанд. Газетаҳои Лондон менависанд, ки гӯё шаби гузашта ӯ як ар- хитектори пврро куштааст.

Газетаҳо саҳв мекунанд: Мак-Ферлен гуноҳ надорад. Вале инро исбот кардан ғайри имкон аст. Ҳама далелҳо муқобили ваянд: ҳамон шаб вай ягона касе буд, ки меҳмони пирамард шуда буд ва аслиҳаи одамкушии ёфтшуда[1] бешубҳа аз они ӯст. Ҳозир полиция ӯро дастгир мекунад ва азбаски вай ба ҳимояи худ ҳеҷ чиз гуфта наметавонад, ӯро ё бадарға мекунанд, ё ба дор меовезанд.

Мак-Ферлен чӣ кор кунад? Чи тавр худро аз саҳви пурдаҳ- шати суд ҳимоя намояд?

Дар тамоми Лондон фақат як одам ҳаст, ки Мак-Ферлен- ро наҷот дода, бегуноҳии ӯро ба айбдоркунандагон исбот кар- да метавонад.

Фақат то хонаи ин одам рафта расидан лозим, фақат буду шуди воқеаро ба вай нақл кардан лозим, -вай бошад гунаҳкор- ро кофта меёбад, ҳақикатро ёфта мегирад, ӯ ҳеҷ роҳ намеди' ҳэд, ки одамони бегуноҳ ба курсии айбдорон нишинанд!

Ӯро Шерлок Холмс мемонанд. Шерлок Холмс начандон дур, дар Бейкер-стрит зиндагӣ мекунад. Бейкер-стрит ин як кӯчаи назарногири камодамест, аммо он маҳз барои ҳамин дар та- моми дуньё машҳур аст, ки дар он Шерлок Холмс зиндагӣ ме- кунад.

- Вай чи қадар одамони бегуноҳ маҳкумшударо аз каторга, аз халқаи дор наҷот додааст!

Ба наздикӣ полиция устои водопровод Ҳорнерро ба дуздии санги нодири қиматбаҳо айбдор намуда, ба ҳабс гирифт. Вале Шерлок Холмс ин корро тадқиқ намуда, исбот кард, ки Ҳорнер гуноҳ надорад. Ва Ҳорнерро ҳамон дам озод намуданд.

Мак-Ферлен медонад, ки Холмс ӯро-дам ҳимоя мекунад. Бинобар хамин аз охирин ним соати озодӣ истифода намуда, бо умеди пуршавқ аз як канори.Лондон ба канори дигараш ба хамон кӯчаи Шерлок Холмс зиндагӣ мекардагӣ метозад.

Полиция Мак-Ферленро дунболгирӣ мекуйад, ҳамин замон ӯро дастгир .карданаш мумкин, вале ӯ тозон. ба Бейкер-стрит ме- расад ва бо ду сухан тамоми мусибати пурдаҳшати худро ба Шерлок Холмс баён мекунад.

Ин кифоя.

Бигузор акнун полицайҳо биёянд, ’ба дастонаш дастбанд зананд ва ба ҳабсхона бурда дар паси панҷара шинонанд — вай осуда мебошад. Мак-Ферлен медонад, ки Шерлок Холмс то ҳалли ин муаммои пурдаҳшатро наёбад, то нобакорро, кн ҷиноят содир карда, аз қонуну адлия руст шуда, гуноҳи худро ба гардани каси дигар партофтааст, ошкор насозад, аз ҳамин лаҳ&а на таом мехӯрад, на дар бораи дигар чиз фикр мекунад.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳамин ки ҷавонро ҳабс карда, ба участкаи полиция бурданд, _ Шерлок Холмс дарҳол ба кор сар кард.

— Таҳтул тайёр. Тезтар хӯред, хунук мешавад! — мегӯяд ба вай дӯст ва рафиқаш, духтури х,арбии ба истеъфо баромада Уотсон, ки ҳамроҳи вай дар ҳамон ҷо дар Бейкер-стрит дар як квартира зиндагӣ мекунад.

Вале Шерлок Холмс табақчаро ба як тараф тела медиҳад, чунки вай танҳо ба як фикр — ба ҳамон муаммое банд аст, ки вай онро акнун бояд ҳал намояд. Вай медонад, ки ҳаёти одам ба ҳалли ҳамин муаммо вобаста аст. Аз рӯи гапи духтур Уот- сон лаҳзаҳое шуда буданд, ки Шерлок Холмс ҳангоми ҷустуҷӯй «аз по меафтид, беҳуш мешуд, ба кори дӯстдошта ва илҳом- бахши худ аз ҳад зиёд қувват сарф менамуд».

Ин кор комилан беғаразона мебошад. Шерлок Холмс аз бе- чора Мак-Ферлен, ки пас аз саъю кӯшиши чандинрӯза оқибат ӯро аз ҳабс озод мекунад, чи тавр пул мегирад? Мураббияи хонагӣ мисс Гентери рӯяш пур аз доғи кунҷитак, ки дар ҳйКЪяи «Дарахтони буки мисинранг», Холмс ҷонашро дар хатар монон- да, ӯро аз хӯҷайнхои бераҳмаш мудофиа менамояд, як пули пучак ҳақ намедиҳад.

Дар ҳйкояи «Питери сиёҳ» ҳамон духтур Уотсон дар бораи Шерлок Холмс менавйсад:

«Вай ба андозае беғараз ё ба андозае мустақил буд, ки аксар вақт не гуфта ба давлатмандон ва одамони номдор ёр- дам намекард... Дар айни замон ӯ ҳафтаҳои дароз боғайратона ба кори ягон бечора машғул мешуд».

Албатта, вай на фақат камбағалонро аз бало наҷот меди- ҳад — ҳам вазирон, ҳам банкирҳо, ҳам герцогҳо тез-тез аз вай ёрӣ металабанд. Дари хонаи Шерлок Холмс ба рӯи ҳамаи ка-

соне, ки бо онон ягон воқеаи аҷиби пурасрор рӯй додааст, ку- шода мебошад. Чунин воқеаҳо беш аз ҳама диққати ӯро ба’ худ ҷалб менамоянд. Асрор ва муаммо — ихтисоси ваянд. Ҳат- то ба назари баъзеҳо намуданаш мумкин, ки вай на аз накӯ- корй, на аз раҳму шафқат ба одамон бехоб нишаста шабҳоро' рӯз мекунад, ҷони худро ба ҳазорҳо хатар гирифтор менамояд, балки ин корҳоро фақат барои ҳамин мекунад, ки ӯ кушодани чигили ҳама гуна масъалаҳоро дӯст медорад. Вай низ борҳо такрор намудааст, ки бе асрору бе муаммо зиқ мешавад: чунки зиндагй ба назараш ниҳоят дилгир ва белаззат менамояд.

— Ман ба математик монандам,— мегӯяд вгй.— Маро як чиз: хали дурусти масъалаи мушкил ба мароқ меорад, аммо ин ба одамон чи тавр таъсир мебахшад, ба ман, рости ган, ко- милан аҳамият надорад.

Вале, албатта ӯ ба худ тӯҳмат мезанад. Чи тавре ки ба назари худаш менамояд, вай мёҳрубонтар ва самимитар аст. Агарчи вай дар ҳақиқат дар дуньё аз ҳама бештар бар болои муаммоҳои зиндагӣ андеша карданро дуст дорад дам, вале қис- мати он одамоне, ки дар тамоми ин муаммоҳо шарик мебо- шанд, ӯро азоб медиҳанд, ва ба изтироб меоваранд.

Вай, рости ган, одами хеле дарундор ва ботаҳаммулест, ам- мо ба ҳар ҳол бо осонй дидан мумкин ки ҳангоме одамон умед баста барои ёрй ба вай муроҷиат менамоянд ва ӯ умеди онҳоро дар амал нҷро карда наметавонад, нихоят ба ташвиш меафтад,— барои он ба ташвиш меафтад, ки раҳми ин марду- ми бечораро мехӯрад ва онҳоро дӯст медорад.

Як зан, миссис Сент-Клер, боре аз Шерлок Холмс илтимос менамояд, ки ба вай мадад карда шавҳари беному нишон гум шудаашро кофта ёбад. Шерлок Холмс мекобад, вале дуру да- роз изи вайро гирифта наметавонад: ин нобарорй маҳз барои хамин ӯро маҳзун мегардонад, ки медонад он ба дили миссис Сент-Клер дарду алами зиёд меорад.

— Вақте ки ин зани хурдакакаи дилоро маро дар остона пешвоз мегирад, ман ба вай чӣ ҷавоб медиҳам?..— йегӯяд вай ба ҳамроҳи бовафои худ, духтур Уотсон.— Оҳ, Уотсон, бо вай рӯ ба рӯ шудан бароям чи гуна азиятовар аст, зеро ҳоло ман дар бораи шавҳараш ба ӯ ҳеҷ чиз хабар дода наметавонам!

Пас, бепарвоии вай рӯякй, сохта аст, аммо дар ҳакиқат ӯ мусибати дигаронро чунон ба дил наздик мегирад, ки аз ҳар нобарории худ ба таври азиятовар азоб мекашад.

— Уотсон, шумо дар назди худ яке аз бузургтарин гӯлони Европаро мебинед! — дар чунин лаҳзаҳо худро бадхашмона

сарзаниш мекунад ӯ.— Маи мисли кӯрмуш кӯр будаам. Маро чунон кашидаву кушода фуровардан лозим буд, ки парида ба Черингкросс равам!

Ҳадли ҳар як воқеаи сарбаста — барои Холмс ба ҷон баро- бар аст. Вай аз ҳеҷ гуна корнамоиҳои пурхатар рӯ намегардо- вад, ба шарте агар ин корнамоиҳо ғалабаи хайру ҳақиқатро таъмин намоянд.

Вай Мориарти ном душмане дорад, ки кӯшиш мекӯнад ӯро заҳр диҳад, корд ^анад, паронад, ба қаъри шаршара т^ла ди- ҳад ва ғайра ва ҳоказо. Вале Шерлок Холмс ҷасури беҳамтост, Ӯ на аз заҳр метарсад, на аз тир. Дар ҳикояи «Лентаи алобу- ло> ӯ дар торикӣ бо мори заҳрнок якка ба якка мемонад, ки агар газад чо ба ҷо мемурад. Дар ҳикояи дигар, сару либоси пирона пӯшида, ба бошишгоҳи дуздон меравад, ‘ки саҳл беэҳ- тиётӣ боиси ҳалокаташ мегардад.

— Агар маро-дар он бошишгоҳ мешинохтанд,— мегӯяд вай ба духтур Уотсон,— ҷони ман як пули пучак ҳам арзиш на- дошт, зеро ман борҳо ба он ҷо рафта будам ва ласкари[1] қал- лоб, соҳиби бошишгоҳ, қасам хурда буд, ки ҷазои маро меди- хад.

II

Бачаҳои тамоми дуньё Шерлок Холмсро дӯст медоранд ва агарчи саргузаштҳои вай барои хонандагони калонсол навиш- га шуда бошанд ҳам, ки китобҳо кайҳо ин ҷониб китобҳои ба- чагона шудаанд.

Аз ҳар кучое ки бачаҳо ба Лондон ба экскурсия меомадайд — онҳо хоҳ франсавӣ бошанд, хоҳ канадагӣ,_ хоҳ австриягӣ бо- шанд, хоҳ белгиягию юнонӣ,— ҳамеша, ҳанӯз дар вокзал, ил- тимос менамуданд, ки пеш аз ҳама онҳоро ба Бейкер-стрит бӯрда, хонаи Шерлок Холмс истиқомат мекардагиро нишон ди- ҳанд.

Бачаҳо ӯро на фақат барои фидокор ва часур буданаш дӯст медоранд — дар адабиёти ҷаҳон қаҳрамононе, ки чунин далеру нотарсанд, кам нестанд, чизи аз дама асосие, ки хонандагонро ба сӯи, ин маҳвкунандаи ҷиноят ва шарр ҷалб менамояд,— қувваи аҷиби идроки ӯ мебошад.

Вақте ки бори аввал дар бораи Холмс ҳикояҳо пайдо шу-

[1] *Ласкар* — англисҳо ҳар як бошаядаи Ҳиндустони шарқиро, ки дар тии британӣ матрос шуда хизмат карда бошад, ҳамин тавр меноманд.

данд, қаҳрамонони дӯстдоштаи адабии бачагони тамоми дуньё нам набуданд, вале зоҳиран, аз ин қаҳрамонон ҳеҷ кадомашон (аз рӯи гапи муаллиф!) чунин мантиқи 'зӯр, ақли зирак ва ға^ лабаовар надорад, чуноне ки Холмс дорад.

Беҳуда аз тамоми дуньё ба назди Шерлок Холмс одам на- меояд, ки онҳо аз ягон воқеаи пурасрор, ғайримуқаррарӣ хеле * ҳайрон буда ва ба фаҳмидани он қудрат надоранд. Онҳо дил- пуранд, ки Шерлок Холмс қариб дорои кувваи мӯъҷизааанге- зи фикрронист; вай ба воситаи фикри пуриқтидори таҳлилии худ хама он чиро, ки ба ақли оддӣ беёварона печ' дар печ ме- намояд, фаҳмонда ва кушода медиҳад.

Шерлок Холмс — қариб ягона аз персонажҳои адабиёти бачагонаи ҷаҳонист, ки мащғулияти асосии вай — тафаккур ва мантиқ аст.

Доир ба ҳодисаҷӯиҳои Шерлок Холмс қариб дар ҳар ҳикоя амалиёти фикрии вай ҳамчун корнамоии асосӣ намоиш дода мешавад.

«Вале вакте ки Шерлок Холмс, ягон масъаларо ҳал накар- да бошад, якчанд шабу рӯз, ҳатто ҳафтаи дароз хоб накарда, онро фикр карда мебаромад, далелҳоро муқоиса менамуд, он- ро аз ҳар нуқтаи назар то даме санҷида мебаромад, ки ё он- ро ҳал мекард, ё дар роҳи хато буданашро ҳис менамуд. Ман дарҳол фаҳмидам, ки вай нахобида шабро рӯз карданӣ аст. Вай пичак ва жилеташро кашида, яктаки васеи кабудашро пӯшид ва аз рӯи кат, нимкати мулоим ва курсиҳои роҳат болиштҳоро ба як ҷо ҷамъ кардан гирифт. Аз ин болиштҳо ба шакли тахт барои худ ким-чи сохт ва ба болои онҳо барома- да, чорзону нишасту тамоку ва куттии гӯгирдро ба наздаш гу- зошт. Дар равшании хираи лампа ман медидам, ки ӯ дар ой ҷо дар миёни абри кабуди дуд нишаста, чубуқи кӯҳнаро дар даҳон нигоҳ медошт ва парешонхотирона чашмонашро ба шифт дӯхта, начунбида хомӯш менишаст ва чироғ тарҳи барчастан рӯи уқобиашро равшан мекард.

Вакти хобам бурдан ӯ дар ҳамин ҳолат нишаста буд ва чун дар партави офтоби пагоҳирӯзӣ аз нидои ногаҳонии вай чашм кушодам, ӯро дар ҳамин ҳолат нишастагӣ дидам».

Ғайр аз ин дар қиссаи «Саги Баскервиль» ба мулоҳиза- рониҳои чандинсоатаи Шерлок Холмс, ки вай доир ба муам- мои ҳаётӣ масъала пешниҳод кардааст, аҳамияти калон дода мешавад.

— Илоҷе карда то бегоҳ .гашта наоед,— ба духтур Уот- сон мегӯяд ӯ ва худаш рӯзи дароз ба курсии паҳлӯдори маоь

хури худ нишаста, доир ба воқеаҳое, ки навакак ба вай накл карданд, андеша меронад. .

«Ман медонистам; ки — менависад Уотсон,— дар лаҳзахои қуввату шиддати фикрро ба як нуқта нигаронидан барои дӯсти ман аз ҳама муҳимаш танхоист. Дар чунин лаҳзаҳо вай та- моми далелҳоро санҷида мебарояд, онҳрро муқоиса менамо- яд, ба таври ниҳоят ҷиддӣ тафтиш ва муайян мекунад, ки ка* дом нуқтаҳо моҳиятан муҳим ва кадоми онҳо аз аҳамият хо* лианд»..

Фикрронии Шерлок Холмс реалистӣ ва конкретист. Ин фикр* р&нӣ хама вақт ба воқеаҳои ҳаётӣ ва далелҳо дахолат меку- над, бинобар ҳамин натиҷаҳои он барои ҳама аёнанд. Ба мо дам ба дам худи рафти фикрроириро нишон медиҳанд, дар бел- летристика бошад ин'вокеаи ниҳоят нодир аст.

Ҳар як ҳикоя дар бораи Шерлок Холмс, гуфтан мумкин, доир ба иқтидори ақли одамӣ дорои аёнист. Дар ин ҷо қимати асосии тамоми ин силсилаи ҳикояҳо дар ҳамин аст. Мантики ин ҳикояҳо ба назари баъзе хонандаҳо ҳар қадар оддӣ ва бе- сабот нанамоянд ҳам, ҳар кадоми онҳо гимни мантиқи музаф- фаранд.

Тафаккури Шерлок Холмс бо дигар қобилияти фавкулод-- даи вай зич алоқаманд аст — дар муҳити атроф чунин воқеа- хоеро, ки мо одатан мисли кӯр надида аз наздашон. мегуза- рем, бо диққат ва тез ошкор менамояд. Вай мушоҳидакори нодирест. Баробари ба ҳар кас назар андохтан, ӯ бо кадом кор машғул будани он одам-, хулқу атвор, хонадор ё муҷар- рад будани вай, гузаштаи ӯро ба шумо-гуфта медиҳад. Ин му- шоҳидакорӣ ба назар қариб хориқулодда менамояд; вай сол- хои зиед машқ гузаронида ин мушоҳидакориро дар худ малака кунонд, зеро мушоҳидакориро ҳам мисли ҳар як истеъдоди ди- тари фикрӣ тараққӣ дода, мукаммал кардан мумкин аст. Дар назди вай хама одамони дигар кариб ҳамеша даҳоньяла мена- моянд.

— Шумо бисьёр чизҳоро надида мондед,— маломатомезона мегӯяд Шерлок Холмс ба дӯсти худ Уотсон.— Ман шуморо ҳеҷ ааълим дода наметавонам, ки барои муайян кардани шахси- яти одам остин чи гуна ақамияти калон дорад, нохун чи тавр бисьёр чизҳоро фаҳмониданаиг мумкин ва аз бастани'ресмони ботинка чи гуна хулосаҳои мухим баровардан мумкин.

Кафакии пойафзоли одамонро намегӯед! Нӯги ботинкаҳои онҳо як олам чизро мефаҳмонад! Шерлок Холмс пойафзоли ҳар

медмони меомадагиро муоина мекунад, ки ба он чи гуна гарду чанг нишаста ё лой часпида аст.

Дар ҳикояи <Панҷ донаи афлесун> вай ба як одам мегӯяд:

— Мебинам, ки шумо аз ҷануби ғарбӣ омадаед... Омехтаи лою оҳаки нӯги ботинкаҳои шумо хоси он ҷойҳост.

Вай доир ба хелҳои гуногуни хоки гирду атрофи Лондон ко.- ри илмии калоне навиштааст, то ба қадри имкон маконеро, ки аз он ҷойҳо ҷиноятқорон меоянд, муайян йамояд. Баъзан хатто он шахсро диданаш шарт нест; бигузор он шахс кулоҳ ё дастпӯшак, ё асояшро дар хонаи вай монда равад ва Холмс, ба он ашъёи оддӣ бо ёрии дедукция[1] (калимаи дӯстдоштай вай) хулоса мебарорад, ки он шахс кист ва чи гуна зиндагӣ ба сар мебарад. Масалан, дар қиссаи «Саги Баскервнль» асои духтур Мортимерро бо диққат аз назар гузаронйда, ба хуло- сае меояд, ки вай ҷавон буда, аз сӣ сол беш надорад, хуш- хулқ буда, фаромӯшхотнр ва' марди хоксор аст, инчунин care дорад, ки аз терьер андаке калонтар аст.

Ҳамаи ин фарзияҳо тасдиқ гардиданд. Дар аввал онҳо ба назари хонанда мӯъҷиза намуданд, вале баъд вақте ки Шер- лок Холмс паси ҳам онҳоро фаҳмонидан гирифт, маълум шуд, **ки** ҳар шахс, агар қобилияти ба майда-чӯйдаҳои муҳити атроф бо диққат муоина карданро дар худ вусъат диҳад, ва аз ҳама асосиаш, якеро бо дигараш муқоиса намояд, чунин натйҷаҳоро ба даст дароварда метавонад.

— Ба фикрам, қувваи босираи ман аз шумо дида бадтар нест,— мегӯяд духтур Уотсон ба Шерлок Холмс.

— Комилан дуруст,— ҷавоб медиҳад Шерлок Холмс.— Шу- мо менигаред, вале муоина намекунед, ин ҳарду фарқияти ка- лоне дорад. Масалан, шумо поғундаҳои байни даҳлезу ин хо- наро тез-тез мебинед?

— Тез-тез.

— Чи тавр тез-тез?

— Хӯш, чандин маротибаҳо дидаам!

— Биеьёр хуб. Дар он ҷо чандто поғунда ҳаст?

•— Чанд-то? Аҳамият надодаам.

— Ана дидед, аҳамият надодаед. Ҳол он ки медидед! Ҳама ran дар ҳамин. Ман бошам медонам, ки ҳабдаҳ поғунда ҳаст, зеро ман ҳам медидам, ҳам муоина мёкардам.

Барои ҳар як хонандаи ҷавон чозибадории махсуси Холмс дар ҳамин аст.

---

[1] *Дедукция*— усули мантиқии тафаккур.

Хрлме азҳар кадоми мо зиракии ғайриоддӣ, ба ашьёҳои аз 'ҳама муқаррартарин диққати ҷиддӣ доданро талаб мекунад, вай моро таълим медиҳад, ки аз муҳити атроф хабардор бо- щем; вай ҳар гуна даҳаньялагй, рӯякибинӣ, дар гуна бепар- воиро нисбат ба майдатарин тафсилоти муҳити атроф, ҳамчун иллати бузург решакан мекунад ва доир ба корнамоиҳои Холмс ахамияти калони тарбиявӣ доштани ин ҳикояҳоро ҳатто он- хое икрор мешаванд, ки баъзан калонгирона (дар ҳақнқат, баъ- зан ниҳоят соддалавҳона) гиру мони «услуби дедуктивӣ>- и машҳури ӯро масхара мекунанд.

Яке аз душманони Шерлок Холмс, духтур Гирмсби Ройлотт, бадхашмона ба вай дод мезанад:

т— Шумо қаллоб! Ҷосуси полиция!

Ин, албатта, нодуруст. Дар ҳама ҳикояҳои бахшида ба Шерлок Холмс навишта шуда мунтазам нишон дода мешавад, ки ӯ бо ҷосусони полиция ҳеҷ алоқае надорад. Холмс мунта- зам ба кундзеҳнӣ ва ноӯҳдабароии онҳо тамаохур менамояд, вақте ки ба сари онҳо душворӣ меояд, ӯ шрдӣ мекунад. Онхо бошанд тахмин дар ҳар Хадам ба душворӣ гирифтор мешаванд; Хусусан, яке аз онҳо Лестрейд, ҷосуси Скотленд-Ярд Вай ҳар дафъа дар китоб гӯё барои ҳамин пайдо мешавад, ки баъд беқобилиятии худро нишон диҳад. Ақли ноқис, тарсу, кувд, даванги вай аз он рӯ баз ҳам заифтар менамояд, ки дар ин ҳикояҳо тафаккури зирак ва ҷасурии Шерлок Холмс ҳамеша ба вай муқобил гузошта мешавад.

На фақат дар кор, балки дар тамоми вазъияти рӯҳии вай ягон зарра рафтори полицаӣ Дида намешавад. Вай гуфтан мум- кин шоир ва рассом аст. *У* мусиқӣ, хусусatf мусиқии Гайдн ва Вагнерро бо ҷӯшу хурӯщ дӯст медорад ва худаш скриг ка ме- навозад. Қонцерти скрипканавоз Сарасате барои вай воқеаи калонест. Дар гуфтугӯ вай аксар вақт аз Гораций, Петрарка, Ҳофиз, Флобер иқтибос меорад. Умуман вай одами мадания- таш баланд аст: ӯ доир ба психйатрйя ва химия якчанд кори илмӣ дорад. Тафаккури фалсафӣ низ барои вай бегона нест.

in

Аввали асри ХХ бо Шерлок Холмс бадбахтин калоне рӯй дод: вай ҳам-андоми бадгуҳаре пайдо кард.

Муваффақияти повесть ва ҳикояҳое, ки нависандаи англис

[1] *Скотленд-Ярд* — **Управлениаи асосии полицияи Англня.**

'Дигар сюжетҳо низ Конан-Дойльро ба худ ҷалб менамуданд. Соли 1888 вай романи таърихии «Майка Кларк», соли 1896 — «Корнамоии бригадир Жерар> ва повести калон «Хешу акрабои Стон»-ро навишт, хонандагон, ба қадри ҳамаи ин китобҳо ра- сида, ба ҳар ҳол якзайл талаб менамуданд, ки вай дар бораи Шерлок Холмс боз ба онҳо ягон чиз пешкаш намояд. Дар зимни он Қонан-Дойль ҳис мекард, ки дар ин соҳа фантазияи' (тасав- вури эҷодии) вай тамом ва ҳикояҳои нави ӯ дар бораи Шерлок Холмс сол то сол сифатан бадтар мешаванд ва ба ҳар ҳол аз хушомади хонандагон сар печида наметавонист. Охирин китоб- хои ӯро доир ба Шерлок Холмс бо китобҳои аввалини вай ҳеҷ муқоиса' кардан мумкин нест. Ҳикояҳои охирини вай сатҳй, бе- обу ранг буда, аз зарофат холӣ мебошанд ва ба назар нусхаи бетаъсири ҳикояҳои пештара менамоянд.

Ман соли 1916 дар Лондон бо Конан-Дойль шинос шудам. **Ин** як марди рӯпаҳни китфвасеи қадбаланд буда, чашмони танг ва бурутҳои мисли мӯйлабҳои морж овезон дошт, ки ба ӯ наму^ **ди** бадхашми нармдилона медоданд. Қиёфаи вай ким-чи хел дурнамо, содда ва хеле банур буд.

Ман ба вай нақл кардам, ки кӯдакони рус Шерлок Холмси ӯро хеле дӯст медоранд. Яке аз ҳозирон маломатомезона гуфт:

— Сэр Артур на фақат дар бораи Шерлок Холмс навишта- аст...

— Бале,— гуфтам ман,— мо ҳам бригадир Жерар, ҳам Май- ка Кларк, ҳам профессор Челенжерро медонем, вале сабаб чи бошад Шерлок Холмс барои мо азизтар аст... \

Профессор Челенжер қаҳрамони ду романи охирини вай — «Ҷаҳони гумшуда» ва «Минтақаи заҳролуд» буд. Ин ҳарду ро ман нисбат ба баъзе ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмс ба на- зари ман аз ҷиҳати бадеият хеле паст намуданд.

Ман дар ин бора ба Конан-Дойль гуфтам ва ӯ бо сари ка* лони худ бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

— Фикри ман ҳам ҳамин — гуфт вай.— Оҳ, агар медонис- тед, ки муаллифи Шерлок Холмс будан чи қадар ба дилам зад!

Рӯзи дигар вай иЛтифотомезона ба назди мо — ба назди Алексей Толстой ва ман даромад (мо дар як меҳмонхона зин- дагӣ мекардем), ки ҷойҳои таърихии Лондонро ба мо нишон диҳад. Вақте ки мо берун баромадем, вай пурсид:

— Хӯш, дӯстонам, шумо куҷоҳоро дидан мехоҳед?

— Албатта, Бейкер-стритро! — гуфтем мо,— Ҳамон кӯчаи Шерлок Холмс зиндагӣ мекардагиро.

Мо ба Бейкер-стрит наздик шуда, ба бениҳоят машҳур бу- дани Конан-Дойль боварӣ ҳосил намудем. Аробакашҳо, мӯ- задӯзҳо, хабарнигорҳо, савдогарони кӯчагӣ, писарбачагони га- зетафурӯш, мактаббачаҳо ӯро шннохта.бетакаллуфона бо ишо- раи сар салом медоданд.

— Алло, Шерлок Холмс! — гуфт ба вай наврасе.

Конан-Дойль ба мо фаҳмонда дод, ки ин воқеа бо ӯ аксар вақтҳо рӯй медиҳад: ӯро бо Шерлок Холмс аралаш мекунанд.

— Не, дида мешавад, ки ман аз дасти Шерлок Холмс хало- сӣ надорам. Дигар илоҷ нест! — гуфт вай табассумкунон.

Ҳамон вақт вай азо дошт. Чанде аз ин пеш вай хабар ги- рифта буд, ки ягона писараш дар ҷанг кушта шудааст. Ин ға- му андӯҳ ӯро азоб медод, аммо вай бо ҳар восита кӯшиш ме- иамуд, ки худро зиндадил нишон диҳад.

Конан-Дойль соли 1930 мурд. Ва агарчи вай пас аз худ чан- дин ҷилд асар, аз он ҷумла се чилд шеър боқӣ монда бошад ҳам, пас аз маргаш барои ҳама «муаллифи Шерлок Холмс» мондан мегирад. Вай нависандаи бузург набуд; ӯро бо чунин даҳои адабиёти англис, Свифт, Дефо, Филдйнг, Теккерей, Дик- кенс монанд қардан мумкин нест. Вай хос нависандаи бур- жуазӣ буда, ягон бор ҷасорат намуда, ба муқобили «дуньёи кӯҳна», ки ҳама вақт бо он муросо мекард, барнахоста буд. Дар ягон китоби вай нишонаи эътироз. дида намешавад. Шер- лок Холмси вай ба муқобили даҳҳо ҳар гуна нобакорон нотар- сона ва сахт муборнза мебарад, вале ӯ ягон маротиба аз худ папурсидааст, ки чаро зиндагии таърифии англис ин қадар ҷи- нояткоронро ба амал меорад..

Умуман на ҳама асарҳои Конан-Дойль ҳамдардии хонанда-> гони советиро ба амал меоранд. Бинобар ҳамин мо дар ин ки- тоб аз ҳикояҳои вай дар бораи Шерлок Холмс фақат беҳтари- ваш — фақат он ҳикоядоеро овардем, ки ба фонди тиллоии ада- биёти бачаҳо дохил шудаанд.

Ҳамаи ин ҳнкояҳо детективӣ номида мешаванд, зеро де- дектив ба забони англисӣ «хуфия» аст. Хеле пеш аз Қонан- Дойль ба навиштани чунин ҳикояҳо нависандаи машҳури аме- рикой Эдгар По, муаллифи «Қунғӯзи тилло» сар карда буд. Баъд- тар нависандаи пуристеъдоди англис беллетрист Уилки Коллин бо романи детективии худ «Ҳачрулқамар» ном бароварД, ки дар Россия муваффақияти калон пайдо кард. Ҳарду нависанда ҳам омӯзгорони Конан-Дойль буданд, вале аз қаҳрамонони он- хо ягонтояш чунин шӯҳрат пайдо накард, чуноне ки ба «хилват- нишини Бейкер-стрит» насиб гардид.

Конан-Дойль дар бораи Шерлок Холмс чоп мекунонд, ниҳоят калон буд. Шаъну шӯҳрати ин қаҳрамони дӯстдоштаи миллион- ҳо кӯдакон ва наврасон аллакай хеле паҳн гардида буд.Му- наққидони англис ҳамон вақтҳо тасдиқ менамуданд, ки аз та- моми қаҳрамонони машҳуре, ки дар беллетристикаи ҷаҳон ягон вақт пайдо шуда бошанд, Шерлок Холмс аз ҳама машҳур аст.

Бинобар ҳамин ноширони ҷаллобе ёфт шуданд, ки барои даромади осон дар Америка, дар Австралия, дар Норвегия, Туркия, инчунин Россия ҳазорҳо китобчаҳои қЗлбакӣ чоп ку-’ нонда, дар онҳо дар бораи Шерлок Холмс ҳаргуна дурӯғи бе- хунарона паҳн менамуданд, яъне Шерлок Холмси худро бофта мебаровардаанд, ки бо он Шерлок Холмси ҳозир мо гуфтагӣ ҳеҷ алоқае надорад. Ва бо вуҷуди, пеш аз ҳама, камақл будани ин Шерлок Холмси сохта бисьёр хонандагони фиребхӯрда сохтакориро пай набурданд ва соддадилона боварӣ ҳосил наму- данд, ки ҳамин Шерлок Холмс Холмси ҳақиқист.

Шерлок Холмси сохта назар ба Шерлок Холмси ҳақиқӣ ба бисьёр майдадӯкондорон, кӯтоҳназардн ва черносотенҳо ҳатто бештар маъкул шуд. Шерлок Холмси ҳақиқӣ барои онҳо ни- хоят бомаърифат. аз хад зиёд фикр мекард ва ran мезад. Он- хо бошанд мехостанд, ки вай дар ҳақиқат ҷосуси полиция бо- шад, бештар аз таппонча тир холӣ карда, яҳудиёни манфур, хитоиҳо, зангиёнро тез-те^ муштборон кунад.

Кор ба дараҷае расид, ки Шерлок Холмси ҳақиқӣ дар ка- вор монд, аз назарҳо дур шуд, аммо ин Холмси сохта —ла« гандбардори давлатмандон ва қотили зархарид — ба куллӣ са- нами доираҳои басе иртиҷой гардид. Дар ҳар дӯкони газета* фурӯшӣ дар зери чунин сарлавҳа: «Тилисми хунин>, «Шайтон- ҳои зард», «Сӯиқасди зангиён», «Павильони хун», «Дарран- дагони бангихонаи хитой» ва ғайра ва ҳоказо даҳҳо китобча- хои «хуфиягӣ» фурӯхта мешуд. Ва азбаски ҳамон вақтҳо дар Америка Нат Пинкертон ном шахс амал намуда, контораи мах- сус ва штати калони ҷосусони кироя дошта, онҳо асосан дар мубориза ба муқобили коргарон ба соҳибони фабрикаҳо ва бизнесменҳои дигар ёрӣ медоданд, охируламр Шерлок Холмс- ро бо ин қаллоби паст аралаш карда, бо ин корашон номи не- ки ӯро тамоман доғдор намуданд...

Чи тавре, ки мо навакак дидем, Шерлок Холмси ҳақиқӣ дар- тамоми ин корҳо, мисли эҷодкораш — Конан-Дойль ягон зар* ра гуноҳ надорад.

Муаллифи повесть ва ҳикояҳо дар бораи Шерлок Холмси ҳақиқӣ, нависандаи машҳури англис Артур Конан-Дойль соли 1859 дар Эдинбург таваллуд шудааст. Падари ӯ рассом буд. Оилаашон якзайл мӯҳтоҷӣ мекашид. Писарбача ноилоҷ ба Гер- мания сафар кард, ки дар он чо бо музди меҳнати худ тахсил намояд. Музди мехнаташ кам буд ва фақат саломатии коми» ли Конан-Дойль ба вай имконият дод, ки ба зиёдии кор нигоҳ накарда, факултети тиббиро (1885) тамом кунад.

Азбаски ӯ аз айёми кӯдакӣ дар бораи саёҳати баҳр орзу мекард, баробари гирифтани диплом, ба киштии наҳангсайдку- нй духтур шуда ба кор даромад ва ба уқьёнуси яхбастаи щи- молй сафар карда, соли оянда низ ба сифати духтури киштӣ ба Африқо ба саёҳат баромад.

Баъд Конан-Дойль дар Лондон муқим шуд, вале кори дух- турй даврaҳои аввал ба ӯ ҳеҷ гуна даромад надод. Вай. аз пагоҳ то бегоҳ дар кабинеташ нишаста, мунтазири беморон мешуд, Аммо беморон намеомаданд. Ва барои он ки вақти хо- лии аз ихтиёр берунашро бо ягон чиз пур кунад, ӯ барои жур- налҳо хар гуна ҳикоя ва очеркҳо навиштан гирифт. Ин асарҳо ҳеҷ гуна муваффақият пайдо накарданд.

Аммо боре вай як одами аҷиб Жозеф Беллро, ки дар ҳамон техникуми тиббии ҳанӯз Конан-Дойль дар Эдйнбург таҳсил ме- кардагӣ муаллим буд, ба хотир овард. Ҳамон Жозеф Белл бо мушоҳидакорӣ ва маҳорати ғайриоддии худ, яъне бо усули де- дуктивй ба чигилтарин масъалаҳои ҳаётӣ сарфаҳм рафтанаш студентонро дар ҳайрат мемононд. Конан-Дойль қарор дод, ки ба Жозеф Белл номи сохтаи Шерлок Холмс дода, ӯро қаҳрамо- ни яке аз повестьҳой худ кунад. Повесть диққати хонандагонро ба худ ҷалб накард. Аммо соли 1889 вақте ки повести дуюми худ «Аломати чор»-ро дар бораи Шерлок Холмс навишт, ин по- вееть ба вай, ба қаҳрамони вай шӯҳрати калоне овард. Аз ха* мон вақт сар карда, агар дар журнал ҳикояи нави Конан-Дойль дар бораи Шерлок Холмс пайдо мешуд, дар назди ҳама мага- зинҳои Китобфурӯшӣ хонандагон бетоқатона қаторҳои дарозро ташкил дода ,ҳарчи тезтар фаҳмиданӣ мешуданд, ки қаҳрамони дӯстдоштаи онҳо чи гуна корнамоиҳои нав нишон, додааст. Дар аввали солҳои 90-ум «Саргузашти Шерлок Холмс» пас аз он «Хотираҳо дар бораи Шерлок Холмс», «Саги Баскервиль», «Боз- гашти Шерлок Холмс» ва ғайраҳо пайдо шуданд.

Шӯҳрати ин қаҳрамон чунон калон буд, ки хонандагон дар бораи вай аз нависанда ҳикояҳои нав ба нав талаб мекарданд.

МУНДАРИҶА

Иттифоқи сурхмӯён , . , , . **3** Асрори водии Боском . , , , . 27 Хархаша дар Богемия , ... 52 Марди лабчок 77
Еқути лоҷувард..... 102
Лентаи алобуло ..... » 123 Охирин амалиёти Холмс . . .148
Хонаи холӣ 168
Одамчахои раксон . , ... 192 Воқеае дар интернат , ... 218 Доғи дуюм ..... 250 Киссаи саги Баскервиль .... 277 Дар бораи Шерлок Холмс , , . 436

АРТУР КОНАН-ДОЙЛЬ

ЗАПИСКИ О ШЕРЛОК ХОЛМСЕ

(ва таджикскои языке)

Тарҷума аз ptju нашри кашриёта ^Маориф», 1978.

Муҳаррир Х *Авазова*
Рассом *К. Туренко*
Муҳаррири расмҳо *Т. Королёва*
МуҲаррироии техннкӣ *Р. АнисимОаа, Л. Шашкова*
Мусаҳҳеҳон *Ш. Ғафуров, М. Усмонова*

БИ № 380

Ба матбаа 19.03.81 супурда шуд. Ба чопаш 17.07.81 имзо шуд. Фориати 60Х84'/«. Қо« ғази типографии № 2. Гарнитурааш адабн. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 26,04. ЧуЗъи равгаи шартӣ 630,080 дазор. Ҷузъв нашрию ҳисобӣ 26,75. Адади нашр 20000. Супориши № 1847. Нархаш 2 с. 30 тин.

Душанбе, вашрибтя яИрфов», кӯчав' Айнӣ, 126. Комбинатв полиграфии Қомитети давлатия РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, по« лнграфня ва савдов кнтоб.

Душанбе, кӯчаи ‘Айнӣ, 126.